Аввалин консепсияҳои соҳибкорӣ дар асрҳои XVII –XVIII, вақте ки меркантилизм самти асосии афкори иқтисодӣ баҳисоб мерафт, ба вуҷуд омадаанд. Дар замони пайдоиши муносибатҳои капиталистӣ савдои дохилию хориҷӣ нақши махсус дошт, ки мавриди таваҷҷуҳи марказии меркантилистҳо қарор гирифта, як шакли тиҷорати хеле хавфнок маҳсуб меёфт. Намояндагони ин назария ба хавфи соҳибкорӣ таваҷҷуҳ зоҳир карданд, ки яке аз ин намояндаҳо Ричард Кантилон буд. Р. Кантилонро яке аз асосгузорони назарияи тиҷорат меноманд. Дар асари худ «Эссе дар бораи табиати савдо дар нақшаи умум» Р.Кантиллон қайд мекард, ки «соҳибкор ваъда медиҳад, ки бидуни эътимод барои гирифтани фоида аз ин корхона ба соҳиби замин ё хоҷагии деҳқонӣ маблағи муайяни пулро пардохт мекунад» [4, с.273]. Азбаски нархи бозории маҳсулоти истеҳсолшаванда пешакӣ маълум нест, ба соҳибкор ҳамеша хавфи тиҷорӣ ҳамроҳӣ мекунад ва «аз ин рӯ, ӯ хоҷагиро дар ҳолати номуайянӣ идора мекунад» [4, с.273].

Р.Кантиллон чунин мешуморид, ки вазифаи соҳибкор аз фаъолияте иборат аст, ки хусусияти иқтисодӣ дошта, бо хавфи эҳтимолии аз даст додани даромадҳо алоқаманд аст. Ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ ба ду қисм ҷудо карда мешаванд: шахсоне, ки бо музди доимӣ (ё иҷора) кор мекунанд ва шахсоне, ки даромади кафолатдиҳанда надоранд – худи соҳибкорон. Дар замони муосир вазифаи соҳибкорро шахсоне, ки касбу кори гуногун доранд иҷро мекунанд ва онҳо ба захираҳои худ такя намуда, даромадро ба даст меоранд, ки андозаи онҳоро касе ба онҳо кафолат намедиҳад.

Ташаккули муносибатҳои гуногуни назарияи классикии иқтисодӣ ҳамчун илм ва дар маҷмӯъ ба пайдоиши пурмазмуни соҳибкорӣ дар доираи ғояҳои дуввуми дарки назариявии тасаввурот дар бораи он мусоидат намуд. Гузашта аз ин, Жан-Батист Сей соҳибкориро ҳамчун фаъолияти эҷодӣ баррасӣ мекунад, ки дар шароити хавф ба ҳамкории ду омили истеҳсолот–меҳнат ва сармоя нигаронида шудааст. Ӯ вазифаҳои соҳибкор (бизнесмен) ва менеҷер (идоракунанда) –ро аз ҳам ҷудо мекард. Ж.Б. Сэй соҳибкорро шахси эҷодкор меҳисобид: «дар ҳар сурат, зарур аст, то ки соҳибкор шахсе бошад, ки бо зиракӣ, оқилӣ, риояи тартибот, ростқавлӣ шинохта шавад» [20, с.403], менеҷер, ба ақидаи ӯ, шахсест, ки бо меҳнати якранг ва маъмулӣ машғул буд. Дар асари худ «Рисола дар бораи иқтисоди сиёсӣ» ӯ нақши фаъол ва эҷодкоронаи соҳибкорро таъкид мекард, ки аз ҳисоб сармояи худ фаъолият намуда, дар асоси таваккал маҳсулотро истеҳсол мекунад ва аз талаботи бозор бархӯрдор аст. Дар натиҷаи фаъолият соҳибкор даромадеро ба даст меорад, ки асосан ҳамчун пардохт барои истифодаи қобилиятҳои нисбатан нодири соҳибкорӣ амал мекунад, «зеро ӯ ба зиммаи худ ҳамаи имконҳои муваффақият ё нокомии истеҳсолотро ба ухда мегирад»[20, с.403].Ж.Б. Сэй хусусияти хавфноки соҳибкориро бо зарурати эҷодкории доимӣ ва қобилияти ба озмоишҳои муайян алоқаманд мекард.

Адам Смит боварӣ дошт, ки ҳадафи соҳибкор зиёд кардани сарвати халқҳост. Вай ангезаи асосии фаъолияти соҳибкориро ҳамчун хоҳиши ҳар як нафар барои беҳтарсозии мавқеи худ медонист ва қайд мекард, ки “дар тӯли ҳаёти мо ақаллан чунин як лаҳза вуҷуд надорад, ки инсон он қадар аз мавқеи худ қаноатманд бошад, ки ҳеҷ гоҳ кӯшиш накунад, ки онро бо ин ё он тарз иваз кунад ё беҳтар созад” [19, с.367]. А.Смит соҳибкорро аз мавқеи «шахси иқтисодӣ», яъне фарде, ки оқил, худхоҳ аст ва нақшаҳои

худро ҳамчун ҳадафи ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар месозад, арзёбӣ мекунад. Ин сифатҳо, ба ақидаи ӯ, соҳибкоронро аз коргарони кироя ва заминдорон фарқ мекунонанд.

Иоганн Фон Тюнен ба он таваҷҷуҳ зоҳир кард, ки соҳибкор ҳамчун «ихтироъкор ва муҳаққиқ дар соҳаи худ», «довталаб (пас аз ҷуброни хароҷоти истеҳсолот ва пардохти андозҳо) барои даромади хавфнок ва пешгӯинашавандаи бақия амал мекунад [21, с.66]. Фоидаи соҳибкор ҳамчун даромаде муайян карда мешавад, ки аз фоидаи маҷмӯие, ки аз муомилот пас аз пардохти фоиз ба сармояи гузошташуда ба даст омадааст, боқӣ мемонад. Аз нуқтаи назари ӯ, ин мукофотест барои соҳибкор барои ба дӯши худ гирифтани он хавфҳое, ки аз сабаби пешгӯинашавандагӣ касе онҳоро ҷуброн намекунад.

Ҷон Стюарт Милл чунин меҳисобид, ки «вазифаи муҳимтарини соҳибкор – ин таҳлил намудани вазъи бозор, зиёд намудани фоизи истеъмолкунандагон ва таъмини захираҳои меҳнатию ҷой ивазкунии онҳо, инчунин дар кадом фосилаи вақт чӣ қадар сармоя бояд сармоягузорӣ карда шавад, мебошад» [12, с.66]. Андозаи фоидаи соҳибкор, ба ақидаи ӯ, аз баъзе намудҳои пардохт: барои хавф; барои подош аз сармояи исрофшуда; барои меҳнат ва санъати зарурӣ барои назорати истеҳсолот ташаккул меёбад.

Барои фаҳмидани масъалаҳои рушди соҳибкорӣ тадқиқоти Карл Маркс аҳамияти назаррас дорад. К. Маркс яке аз аввалинҳост, ки баррасии иқтисоди саноатиро ҳамчун як низоми таърихан худрушдкунанда, ки ҳаракати он бо ҳамкории қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян мешавад, пешниҳод кард. Ӯ дар асоси муносибати фаъолиятӣ ва консепсияи шахси эҷодкор ба омили инсонӣ аҳамияти махсус дода, тасаввуротеро дар бораи он низ инкишоф медод, ки арзиш бо меҳнат ба вуҷуд меояд ва нерӯи хоҷагидории фаъолияти эҷодии одамонро дар худ таҷассум мекунад, ки танҳо ба шарофати он навовариҳо дар иқтисодиёт ба вуҷуд оварда шуда, истифода мешаванд. Рақобат дар иқтисоди бозорӣ навигариҳоеро ба амал меорад, ки боиси афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои алоҳида ва дар соҳаи хоҷагии халқ дар маҷмӯъ мегарданд. Дар ин замина, арзиши изофаи барзиёд ва нисбӣ ташаккул меёбад, ки манбаи асосии афзоиши фоида маҳсуб меёбад. К.Маркс ба таҳлили зиддиятҳои синфӣ диққат дода, қайд мекард, ки на капиталистони саноатӣ, балки идоракунандагони саноатӣ (менеҷерҳо) рӯҳи низоми саноатӣ мебошанд. Ӯ пардохтро барои идоракунӣ ҳамчун подош барои меҳнати баландихтисоси ҳам корхонаҳои саноатӣ, ҳам тиҷоратӣ аз ҷониби идоракунандагон баррасӣ намуда, фоидаи капиталистро ҳамчун меҳнати пардохтнашуда донистааст; пас, агар ӯ бо сармояи қарзӣ кор кунад, он ба фоиз ва даромади соҳибкорӣ тақсим мешавад. К. Маркс ба он диққат медод, ки дар заминаи истеҳсолоти капиталистӣ дар корхонаҳои саҳҳомӣ намудҳои нави қаллобӣ ҳамчун пардохт барои идоракунӣ ба вуҷуд меоянд. Дар паҳлӯ ва болотар аз менеҷери воқеӣ аъзои сершумори мудириятҳо ва шӯроҳои назоратӣ ҳастанд, ки барои онҳо идоракунӣ ва назорат воқеан танҳо ҳамчун баҳона барои ғорати саҳмдорон ва фоидаи худ мебошанд [9, с.428].

Тамоюли неоклассикие, ки дар илми иқтисод дар заминаи инқилоби маржиналистӣ ба вуҷуд омадааст, мавҷи нави бознигарии консептуалии соҳибкориро ба вуҷуд овард. Усулҳои нави маблағгузории корпоративӣ дар нимаи дуюми асри XIX боиси он гардид, ки шумораи ширкатҳое, ки дар онҳо нақши капиталистон ва соҳибкорон аксар вақт бо ҳам иваз мешуданд, афзоиш ёфт. Зарурати қатъии фарқгузории байни соҳибкор ва капиталист ба миён омад. Дар асарҳои илмии неоклассикҳо (А. Маршалл, Л. Валрас, К. Менгер) ба он таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, ки

соҳибкор ҳамчун менеҷер амал мекунад, ки дар ӯ вазифаҳои маъмулӣ, ҳаррӯзаи ӯ: пайвасткунии сармоя ва меҳнат дар раванди истеҳсолот, банақшагирӣ ва назорат ба мадди аввал мебароянд. Фаъолияти соҳибкорӣ, ба ақидаи онҳо, меҳнати дорои тахассуси муайян дар идоракунии корхона буда, бо мутобиқ кардани истеҳсолот ба шароити тағйирёбандаи бозор, барқарорсозии мувозинат дар иқтисодиёт, таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо ва қонеъ гардонидани талаботҳои бавуҷудоянда алоқаманд аст. Натиҷаи чунин муносибат муаррифии соҳибкорӣ ба унвони омили чоруми истеҳсолот мебошад [18, с.15-16]. Мавқеи мазкурро А.Маршалл ҷонибдорӣ мекард. Вай дар асари худ “Принсипҳои илми сиёсатшиносӣ” қайд кардааст, ки “дониш – ин муҳаррики тавонотарини истеҳсолоти мост. Он имкон медиҳад, ки табиатро ба худ мутеъ гардонида, нерӯҳои он маҷбур карда шаванд, ки талаботи моро қонеъ гардонанд. Ташкилот ба дониш мусоидат мекунад, он шаклҳои гуногун дорад, яъне шакли корхонаи алоҳида, корхонаҳои гуногуни ҳамон як соҳа, соҳаҳои аз якдигар фарқкунанда ва дар ниҳоят, шакли «давлат» –ро дорад, ки амнияти ҳамаро таъмин мекунад ва кумак дар назари ҳама ҷудо кардани “ташкилот” ба як омили хоси истеҳсолот аз ҳама мувофиқ ба назар мерасад” [10, с.208].

Дар рушди назарияи соҳибкорӣ Й. Шумпетер саҳми муҳим гузоштааст. Вай чунин мешуморид, ки фаъолияти соҳибкорӣ қувваи пешбарандаи рушди иқтисодӣ иборат аз татбиқи «омезишҳои нав» мебошад [24, с.278], ки боиси афзоиши истеҳсолот мегардад. Вай менависад, ки «меҳнати соҳибкорӣ, чӣ аз ҷиҳати табиати худ ва чӣ аз ҷиҳати вазифаи иҷрошаванда, сифатан аз як дигар фарқ дорад: меҳнати идоракунӣ, меҳнати зеҳнӣ, меҳнати ҷисмонӣ ва меҳнати худи соҳибкор [24, с.190]. Ба ақидаи И. Шумпетер, нишонаҳои хоси чунин фаъолият «омезиши мушаххаси дақиқии биниш ва доираи назари маҳдуд бо маҳорати танҳо ба пеш рафтан мебошад. Маҳз ҳамин сифатҳо дар ниҳоят навъро муайян мекунанд” [24, с.191].

Й. Шумпетер чунин мешуморид, ки соҳибкор инқилобчӣ дар иқтисодиёт мебошад, дар ҳоле ки нақши асосиро дар ин ҷо на ақл, балки ирода ва қобилияти равшан кардани лаҳзаҳои муайяни воқеият мебозад. Й. Шумпетер қобилияти ба танҳоӣ рафтан ва ба одамони дигарон таъсир расониданро бо мафҳумҳои «вазн доштан», «эътибор доштан», «маҳорати маҷбуркунӣ ба итоат кардан” [24, с.191]. таъриф мекунад.

Дар маркази назарияи рушди иқтисодии Й.Шумпетер соҳибкор –навовар ҳамчун офарандаи омезишҳои нави омилҳои истеҳсолот, маҳсулоти нав, бозорҳои нав ва технологияҳои нав қарор дорад. Ҳамаи ин омилҳо ба мувозинати низоми иқтисодӣ таъсир расонида, рушди иқтисодиро ҳавасманд мегардонанд. Соҳибкор қодир аст, ки чизҳои навро дар амалия, дар истеҳсолот ҷорӣ кунад. Сифатҳои асосии он ҷустуҷӯи доимӣ, истифодаи навовариҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд.

Инноватсия на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳои нав, балки инчунин ҷорӣ намудани усулҳои нави ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ низ мебошад. Соҳибкор омилҳои истеҳсолотро омезиш медиҳад; шаклҳои нави ташкил ва такмил додани омезишҳои тиҷоратиро меҷӯяд [24, с.129]. Ҳамзамон, ӯ «харобкории созанда» –ро амалӣ сохта, мувозинати бозорро «метарконад». Й. Шумпетер фоидаро ҳамчун подош барои навоварӣ мешуморад, ки онро касе ба даст меорад, ки вай нисбат ба дигарон омезишҳои нави кувваҳои истеҳсолкунандаро барвақттар истифода мебарад. Тибқи назарияи Й. Шумпетер, соҳибкор – ин вазифаест, ки метавонад дар шахси воқеӣ таҷассум наёбад.

Соҳибкорӣ падидаи мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ –фарҳангӣ мебошад. Дар асри XX ба решаҳои фарҳангӣ–таърихӣ ва иҷтимоии соҳибкорӣ бисёр муаррихон ва ҷомеашиносон назарияи худро баён кардаанд.

Ба ақидаи В. Зомбарт, соҳибкорро аз рӯйи муваффақияти ба даст овардааш арзёбӣ кардан мумкин аст, яъне маънои аз дигарон пеш гузаштан, нишон додани бартарии худро нисбат ба дигарон дорад. В. Зомбарт дар асари худ «Буржуаз» қайд мекунад, ки «ба сифати рӯҳияи соҳибкорӣ мо метавонем маҷмӯъи ҳамаи сифатҳои рӯҳиявиеро номем, ки барои иҷрои бомуваффақияти корхона заруранд. Аз як тараф, онҳо гуногунанд, зеро аз ҷониби соҳибкор бояд вазифаҳои хеле гуногун амалӣ карда шаванд. Аз тарафи дигар, миқдоран фарқ мекунанд, зеро вазифаҳое, ки соҳибкор бояд вобаста ба андоза ва мушкилоти корхона иҷро кунад, аз ҷиҳати иқтидор аз ҳамдигар бениҳоят фарқ мекунанд. Аммо, соҳибкор агар хоҳад ҳамеша муваффақ шавад, бояд: ғолиб – ташкилотчӣ – савдогар бошад” [3, с.222-223]. Ҳама соҳибкорон дорои як хусусияти умумӣ–зарурати татбиқ намудани рӯҳияи соҳибкорӣ бо истифода аз фаъолияти инноватсионии худ, ки ба раванди муқаррарии равандҳои иқтисодӣ тағйирот ворид мекунад, мебошад.

Барои рушди соҳибкорӣ ҳавасмандии марбут ба орзуҳои дохилӣ ва ҳавасмандии шахс барои таваккали пули худ барои расидан ба ҳадафҳои муайян: иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Гузашта аз ин, таъсири ангезаҳои навъи дуюм бо мурури замон афзоиш меёбад. То аввали асри XX фоида (ё даромади соҳибкорӣ) маънои пардохти меҳнати тахассусноки идоракунӣ (як намуди музди меҳнат)–ро дошт. Ҳама чиз бо ғояҳои Ҷ.Б Кларк тағйир ёфт. «Кларк аввалин шуда фоидаи соҳибкориро (ки ҳамчун барзиёд аз фоиз ва иҷора баррасӣ мешавад) бо ҷорикунии бомуваффақияти навовариҳои технологӣ, тиҷоратӣ ва ташкилӣ дар фаъолияти иқтисодӣ пайваст кард» [6, с.894]. Ҷ. Б. Кларк байни ҳолатҳои статикӣ ва динамикии иқтисод андоза мегузаронад. Вай нишонаҳои рушд «афзоиши аҳолӣ, афзоиши сармоя, тағйирот дар техника ва технология, шаклҳо ва усулҳои идоракунӣ, афзалиятҳои истеъмолкунандагон» –ро ба таври возеҳ муайян мекунад. Дар асари Ҷ.Б Кларк «Тақсими сарват» масъалаи рақобати байни соҳибкорон мавқеи махсусро ишғол менамояд, “аз ҷиҳати назариявӣ, байни соҳибкорон барои ҳар як коргаре, ки ҳузури ӯ дар корхона ба соҳибаш ягон фоида зиёдтар аз он чизе, ки ӯ ба он медиҳад, таъмин менамояд, мубориза ҷараён дорад. Ва ин мубориза танҳо вақте қатъ мешавад, ки ин фоида аз байн равад” [6, с.395].

Хусусиятҳои ташаккули фоида (ба маънои даромади соҳибкорӣ) баррасӣ намуда, Ф. Найт ба хулосае меояд, ки дар шароити хавф ва номуайянӣ он ҳамчун мукофот барои идоракунии муваффақонаи истеҳсолот амал мекунад. Ҳамзамон, ӯ фоидаро, ки дар иқтисоди статсионарӣ вуҷуд надорад, ҳамчун арзёбии муваффақона мешуморад. Вай дар асари худ «Хавф, номуайянӣ ва фоида» [13, с.519]. таърифи зерини фоидаро медиҳад: «Фоида ин фарқияти байни нархи бозории захираҳои истеҳсолии аз ҷониби соҳибкор истифодашуда ва маблағи фурӯши маҳсулоти бо ин захираҳо таҳти роҳбарии ӯ бадастомада мебошад» [13, с.540]. Фоида аз ҷониби соҳибкороне ба даст оварда мешавад, ки қодиранд тағйиротро дар иқтисодиёт пешгӯӣ кунанд ва барои иҷрои нақшаҳояшон ҳатто дар ҳолати хавф омодаанд. Он бо ду намуди номуайянӣ алоқаманд аст: 1) номуайянии пешбинишаванда, ки эҳтимолияти он ҳисоб ва суғурта карда мешавад (он ба хароҷот дохил мешавад); 2) «номуайянии беназир» (бо сабаби лаппишҳои ғайричашмдошти бозор ба вуҷуд меояд: «даромади соҳибкор мураккаб аст. Яке аз ин унсурҳо – худи даромади оддӣ – аз ду унсур – ҳисобкунӣ ва комёбӣ» иборат аст [13, с.540]. Дар шароити номуайянии комил амал карда, соҳибкор дар

ҳолати пешбинии дурусти ҳодисаҳо ва идоракунии бомуваффақият фоида ба даст меорад. Хусусияти асосии соҳибкор – ин салиқаи «хуби тамрин додашуда», бовари ба ҳақиқат ва азми қатъӣ барои исбот кардани он бо зери хавф мондани сармояи худ мебошад.

Л.фон Мизес ба мураккабии фаъолияти соҳибкорӣ ишора карда, дар навиштаҳояш пешниҳод кардааст, ки он дар асоси тамсилаи шахси эҷодкор баррасӣ шавад, ки метавонад хато кунад, аз таҷрибаи худ биомӯзад ва дар асоси майлҳои худ интихоб кунад. Вай соҳибкорро дар муҳити рақобат баррасӣ намуда, қайд мекард, ки барои пирӯзӣ дар муборизаи рақобатӣ соҳибкор бояд «талаботи шадидтарини истеъмолкунандагонро қонеъ гардонад ё онҳоро бо нархи камтар нисбат ба таъминкунандагони кухна таъмин намояд» [11, с.256]. Барои муайян кардани ниёзҳо ва пайдо кардани усули арзон ё самаранок қонеъ гардонидани онҳо ба ӯ «пеш аз ҳама, мағзи сар ва ғояҳо» лозиманд [11, с.257]. Дар баробари ин, пайдо кардани соҳибкоре, ки ҳам «мағзи сар» ва ҳам «идеяҳо –ро дар худ омезиш медиҳад, хеле мушкил аст. Ба ақидаи И. Киртснер, барои ҳалли масъалаи мазкур соҳибкор касеро даъват мекунад, ки омилҳои истеҳсолотро ташкил карда, захираҳои барои ба итмомрасонии самарабахши амалиёти соҳибкории ӯ заруриро харидорӣ мекунад. Таъсиси ширкати муваффақ аз соҳибкор малака ва қобилиятҳои муайянеро талаб мекунад, ки истифодаи онҳо дар оянда боиси эҷоди маҳсулоти рақобатпазир мегардад. Аз ин рӯ, муваффақияти ширкат аз сохтор ва сифати сармояи инсонӣ вобаста мебошад.

Моҳияти соҳибкорӣ дар фаҳмиши Ф.А. фон Хайек – ҷустуҷӯ ва таҳқиқи имкониятҳои нави иқтисодӣ мебошад [23, с.214]. Ҳар касе, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ иштирок мекунад, дорои донишҳо дар бораи имконияти фаъолияти истеҳсолии худ ва ниёзҳои истеъмолии худ мебошад. Ҳамаи ин «донишҳо» дар ҷараёни рақобат ошкор мешаванд, вақте ки ҳар як истеъмолкунанда барои мол ва нархи муайян «овоз медиҳад». Таҳаввулоти назарияи соҳибкориро баррасӣ намуда, бояд қайд кард, ки айни замон тадқиқотҳо дар соҳаи соҳибкорӣ ба таҳияи он муқаррароти муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии воқеияти гирду атрофи мо равона карда шудаанд, ки ҳанӯз дастовардҳои назарияҳои классикӣ ва неоклассикии афкори иқтисодиро пурра инъикос намекунанд. Ин боиси пайдоиши мавҷи ҷорум дар бознигарии консептуалии тасаввурот дар бораи соҳибкорӣ гардид. Ҳамзамон, таҳаввули ин ғояҳо дар доираи ҷараёни асосӣ (мейнстрим) мутобиқи парадигмаи неоклассикии дидани тасвири воқеияти иқтисодӣ сурат мегирад.

Намояндагони назарияи неоинститутсионӣ (Р. Коуз [8, с.307], О.И. Уилямсон, Д. Норт [14, с.127]) ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки соҳибкор ҳамчун субъект байни муносибатҳои шартномавӣ ва ташкили ширкат бо мақсади сарфаи хароҷоти транзаксионӣ интихобро амалӣ мекунад. Соҳибкорӣ механизми танзимкунандае мебошад, ки аз механизмҳои нарх ва механизмҳои танзими мустақими давлатӣ фарқ мекунад.

Т. Шултс соҳибкорро ҳамчун шахсе муаррифӣ мекунад, ки сармояи кофии инсонӣ дошта, қодир аст масъалаҳоро бо вазъи номувозин дар фаъолияти иқтисодӣ ҳаллу фасл намояд [27].

Дар ташаккули мавҷи муосири назарияи соҳибкорӣ асарҳои П. Дрюкер саҳми назаррас гузоштаанд [26, с.331]. Вай чунин мешуморид, ки соҳибкорӣ фаъолияти мушаххаси амалист, ки асоси онро донишҳои муосир ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, мазмун ва вазифаи соҳибкорӣ навовариҳо мебошанд, ки барои соҳибкорон воситаи махсус буда, бо ёрии онҳо тағйиротро ҳамчун имконияти мусоиди амалӣ кардани ғояҳои худ истифода мебаранд. Вазифаҳои соҳибкорон аз ҷустуҷӯи ҳадафмандонаи

манбаъҳои инноватсия ва тағйир додани онҳо иборатанд. П. Друкер соҳибкориро фаъолияти хавфнок ҳисоб намекунад, зеро танҳо онҳое муфлис мешаванд, ки дар ҷое ки корхонаҳояшон фаъолият мекунанд, бесалоҳиятанд. Вай боварӣ дорад, ки соҳибкорӣ атои махсус аст (истеъдоде мебошад, ки онро омӯхтан лозим аст) [26, с.331].

Бисёр намояндагони ин назария таваҷҷуҳро ба баррасии ҷанбаҳои идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ тамаркуз медиҳанд. Ин ба гузариш ба сатҳи байнифаннии таҳқиқот оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ вобаста аст. Асарҳои Г. Пиншот боиси ташаккули мафҳумҳои соҳибкорӣ дар дохили корхонаи амалкунанда («соҳибкории дохилиширкатӣ») гардид, ки қабули соҳибкориро ҳамчун як раванди эҳтимолан хеле васеъ ва бисёрсатҳа тақвият бахшид [26, с.28-48].

Имрӯзҳо тавсифи фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз назарияҳои гуногун: назарияи тамоюли соҳибкорӣ ва ширкати соҳибкорӣ; назарияи контекстуализатсияи соҳибкорӣ; назарияи тағйироти институтсионалӣ ва соҳибкории институтсионалӣ; назарияи амали коммуникативӣ; назарияи конвенсия; назарияи тиҷорати аз ҷиҳати ахлоқӣ ва иҷтимоӣ масъул; назарияи тағйироти ташкилӣ; назарияи рақобат; назарияи захираҳо; назарияи қобилиятҳои динамикӣ амалӣ карда мешавад. Ғайр аз он, тафсири низомноки соҳибкорӣ дар асоси назарияи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; назарияи омили вақт; назарияи ғояҳои дароз ва тағйирот дар парадигмаи техникӣ – иқтисодӣ; назарияи рушди фазоии тиҷорат; назарияи низомҳои инноватсионӣ, тавлид ва интиқоли навовариҳо амалӣ карда мешавад [15, с.12-19]. Дар байни назарияҳои муосири менеҷменти стратегӣ аҳамияти консепсияи қобилиятҳои динамикӣ дар омӯзиши рафтори рақобатии ширкат меафзояд.

Дар доираи мейнстрими иқтисодӣ, ки ба парадигмаи неоклассикӣ такя мекунад, фаҳмиши нодурусти механизмҳои ташаккули робитаҳои амудӣ ва уфуқӣ ва ҳамкории иқтисодии соҳибкорон бо субъектҳои гуногуни иқтисод рушд кардааст. Назарияи неоклассикӣ равандҳои ҳамкории субъектҳои соҳибкориро бо давлат дар шароити бозор ба тариқи хеле содда дар асоси тасаввурот дар бораи мубодилаи эквивалентӣ тафсир мекунад. Пешзаминаи муҳимтарини чунин мубодила баробарҳуқуқии субъектҳо, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки дар муомилоти тиҷории барои онҳо номусоид иштирок накунанд, инчунин мавҷудияти ҳавасмандии якхела – кӯшиши кам кардани хароҷот ва ба ҳадди аксар расонидани фоида, масалан, аз ҳисоби зиёд кардани ҳаҷми фурӯш, ҳиссаи бозор ва ғайра, мебошанд [16, с.90-111].

Муносибати неинститутсионӣ, ки дар доираи парадигмаи неоклассикӣ ташаккул ёфтааст, ҳамкории муштараки амудии субъектҳои соҳибкориро бо давлат баррасӣ намуда, инчунин амалисозии мубодилаи бозорӣ, эквивалентиро дар доираи институтсионалӣ пешбинӣ менамояд – давлат бояд неъматҳои ҷамъиятиро мутобиқи андозҳои воридотӣ истеҳсол кунад. Агар тавозун ба манфиати давлат вайрон шавад, бартараф кардани амалҳои манфии давлат тавассути хусусигардонӣ, озмунҳои тиҷорӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои квазибозорӣ талаб карда мешавад. Ин бояд давлатро ба чаҳорчӯбаи мубодилаи бозорӣ, эквивалентӣ баргардонад [16, с.90-111]. Ҳамин тариқ, дар чаҳорчӯбаи маҳкамэътиқодии (ортодоксияи) институтсионалӣ бузургтарин субъекти бозорӣ – давлат – ба хурдтарин субъект – шахсиятии алоҳида баробар карда шуда, мақомҳо бошанд, танҳо ифодаи ғайримустақими иҷтимоии ҳосилнокии ниҳоӣ мебошанд.

Назарияи транзаксионӣ ба оқилияти маҳдуд ишора намуда, мавҷудияти асимметрияи иттилоотро дар субъектҳои соҳибкорӣ ва пайдоиши хароҷоти иттилоотиро, ки яке аз намудҳои хароҷоти транзаксионӣ, яъне хароҷоти бастан ва иҷро

кардани шартномаҳоро маҳсуб меёбанд, қайд мекунад. Пайдоиши онҳо инчунин оппортунизм ва дараҷаи баланди махсусгардии дороиҳоро ба вуҷуд меорад (агар дороиҳо универсалӣ ва ивазшаванда бошанд, пас ҳам хавф ва ҳам имконияти истихроҷи иҷора коҳиш меёбанд, аммо дар айни замон, хароҷоти транзаксионӣ низ коҳиш меёбанд). О.И. Уилямсон оппортунизмро ҳамчун пайгирии манфиати шахсӣ бо истифода аз маккорӣ таъриф мекунад. Рафтори мазкур шаклҳои ошкоротарро ба монанди дурӯғгӯӣ, дуздӣ ва қаллобиро дар бар мегирад, вале бар гумон аст, ки бо онҳо маҳдуд мешавад. Аксар вақт зери оппортунизм шаклҳои нозуктари фиреб, ки метавонанд фаъол ва ғайрифаъол бошанд,ва дар ex ante и ex post зоҳир шаванд», фаҳмида мешаванд [22, с.97]. Ин дар ҳолати мушаххасии баланди дороиҳо низ рух медиҳад: истифодаи онҳо «ба таври умум дастрас» намешавад, онҳо аз гардиши молӣ – пулӣ гирифта шуда, дар дохили ширкат маҳдуд карда мешаванд.

Сохторҳои соҳибкорӣ дар фазои иқтисодӣ – замонӣ вазифаҳои гуногуни хоҷагидориро иҷро мекунанд ва мақоми мухталиф доранд, ки на танҳо бо андозаи онҳо, балки бо ҳолат ва сохтори иқтидори захиравӣ, афзалиятҳои рақобатӣ, омилҳои соҳавӣ, ҳудудӣ, илмӣ –технологӣ ва ғайра муайян мешавад. Кӯшишҳои таҳия намудани стратегияҳои пурмазмунтари тадқиқотӣ барои соҳибкорӣ дар илми иқтисоди муосир аз ҳисоби амалисозии тағйиротҳои муайян дар тамсилаи рафтори оқилона, ки фарқиятҳои калидии байни муносибатҳои рақобатӣ, имкониятҳои таҳлилӣ ва ҳудуди татбиқи онҳоро муайян мекунанд, таъмин карда мешаванд. Тафовутҳои типологии ба вуҷудояндаи стратегияҳои алтернативӣ бо як навъ маҷмӯи нишонаҳои муҳимтарин: оқилияти абзорӣ ва арзишӣ, комил ва маҳдуд, фардгаро ва коммуникативӣ, иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ, ки ба афзалиятҳои экзогенӣ ва эндогенӣ асос ёфтаанд, ва ғайра тавсиф карда мешаванд [1, с.110-116].

Табдили мейнстрими илми иқтисод аз ҳисоби таҷдиди намуди он, бидуни таъсир ба «ҳастаи сахт» ба амал омада, танҳо ба «камарбанди пешгирикунанда» – заминаҳои алоҳида ва тамсилаҳои таҳлилӣ дахл дорад, ки тағйирёбии онҳо танҳо дар чаҳорчӯбаи қабулшудаи парадигмалӣ, ки зиёда сад сол пеш ташаккул ёфта, кайҳо кӯҳна шудааст, имконпазир аст. Такя ба назарияи маҳкамэътиқоди иқтисодӣ ба позитивизм ва фардгароии методологӣ истифодаи амсилаи кориро муайян мекунад, ки модификатссияи он танҳо дар доираи усули мақсадгузорие имконпазир аст, ки ба тафсири неоклассикии оқилият мувофиқ аст. Тамсилаи неоклассикӣ “ҳадафҳо, ангезаҳо ва афзалиятҳои афродро ҳамчун маълумот қабул карда, танҳо дар бораи воситаҳо муҳокима ронданро роҳ медиҳанд. Ин як тамсилаи мутобиқшавӣ маҳсуб меёбад. Масъалаи арзишҳо ҳамчун масъалаи интихоби байни ҳадафҳои гуногун, ҳамчун савол аз рӯйи кадом меъёрҳо интихоби мазкур амалӣ карда шавад, аз ҷиҳати методологӣ истисно карда мешавад” [7, с.40]. Дар робита ба ин, таҳаввули назарияҳои мейнстрим воқеан бо тағйирот дар ҷузъи абзории амсилаи рафтори оқилона ҳамроҳӣ карда, ҳастаи ҳавасмандии он боқӣ мемонад [7, с.158].

Принсипи фардгароии методологӣ, ки ҳастаи категориалии мейнстрими иқтисодиро ташкил медиҳад, ҳоло ба аксари консепсияҳо ва тамсилаҳо дохил шудааст [5, с.67-87]. Дар баробари ин, дар доираи методологияи фардгароӣ рафъи мушкилоти марбут ба зарурати ҳамгирошавии ҷанбаҳои фарҳангӣ ва институтсионалӣ ба тамсилаҳо ва консепсияҳои гуногуни рафтори субъектҳои иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ муяссар нашуда истодааст. Дар натиҷаи тафсири маҳдуди соҳаи масъалавӣ ва ангезаҳои рафтори субъектҳои иқтисод парадигмаи соддаи таҳқиқи соҳибкорӣ ва биниши таҳрифшудаи механизмҳои ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ ташаккул меёбад [2, с.119-132].

Умуман ҳама гуна соҳибкор метавонад фаъолияти худро ташкил кунад ва истеҳсоли самаранокро аз рӯи он ба роҳ монад. Тарзи амалиётҳои соҳибкорӣ дар бозорҳои гуногун бозоршиноси муайян мекунад, ки худ як қисми илми қтисод буда, ки маҷмӯъи фаолияти соҳибкориро зимни тавлиди маҳсулот, муқараркунии нарх, ташкили тиҷорат ва ҳавасмандкунии фурушро дар бозор меомузад. Ҳамин тариқ максади соҳибкорӣ ин ба даст овардани фоида ва қонеъ гардонидани талаботҳои ҷамъият бо маҳсулоти нави истеҳсолнамуда ва навоваринамудаи худ мебошад, ки ҳамаи ин дар зерӣ таваккали соҳибкорӣ сурат мегирад.

**Адабиёт**


1. Бирюков, В.В. Универсальное и локальное в развитии цивилизации: роль культурно-ценностных факторов / В.В. Бирюков // Инновационная экономика и общество. 2016. № 3. С. 110–116.
2. Бирюков, В.В. Ценностно-рациональное поведение и системно-эволюционная парадигма структуризации экономики / В.В. Бирюков // Вестник СибАДИ. 2016. № 3(49). С. 119–132.
3. Зомбарт В. Буржуа // Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков: в 5 т. Т.3: Эпоха социальных переломов / отв. ред. Г.Г. Фетисов. М.: Мысль, 2005. С. 222-223
4. Кантильон, Р. Эссе о природе торговли в общем плане // Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков: в 5 т. Т. 1: От зари цивилизации до капитализма / отв. ред. Г.Г. Фетисов. М.: Мысль, 2004. С. 273.
5. Кирдина, С. Методологический индивидуализм и методологический институционализм // Вопросы экономики. 2013. № 10. С. 67–87.
6. Кларк, Дж.Б. Распределение богатства // Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков: в 5 т. Т.2: Восходящий капитализм / отв. ред. М.Г. Покидченко. М.: Мысль, 2005. С. 395.
7. Козловски, П. Этика капитализма. Эволюция и общество. СПб.: «Экономическая школа», 1996. 40с.
8. Коуз, Р. Природа фирмы // Вехи экономической мысли. Теория фирмы. Т. 2 / под ред. В.М. Гальперина. СПб. : Экономическая школа, 2000. С.11–32. 307
9. Маркс, К., Энгельс Ф. Собрание сочинений: в 39 т. Соч. Т. 25. Гл. 23. М.,1982. 428с.
10. Маршалл, А. Принципы экономической науки: в 2 т.; пер. с англ. М.: Прогресс, 1993. Т. 1. 208 с.
11. Мизес, Л. Человеческая деятельность: трактат по экономической теории / Л. Мизес. М.: Экономика, 2000. 256 с.
12. Милль, Дж. С. Основы политической экономии: В 3 т.: пер. с англ. М.: Прогресс, 1980–1981. С.66
13. Найт, Ф. Риск, неопределенность и прибыль // Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков: в 5 т. Т.3: Эпоха социальных переломов / отв. ред. Г.Г. Фетисов. М.: Мысль, 2005. С. 540.
14. Норт, Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Д. Норт. М.: Начало, 1997. 127 с.
15. Орехова, С.В. К дискуссии и динамических способностях фирмы / С.В. Орехова // Современная конкуренция. 2012. № 1 (31). С. 12–19.
16. Ореховский, П. Неэквивалентный обмен и свойство пространства в экономической теории / П. Ореховский // Вопросы экономики, 2010. № 8. С. 90–111.
17. Романенко, Е., Бирюков, В. Неоиндустриальная парадигма развития промышленно-предпринимательского сектора в условиях догоняющей экономики /

Е. Романенко, В. Бирюков // Yale Journal of Science and Education. 2015. – № 1(16). January–June. V. VI. pp. 151–156.
18. Романенко, Е.В. Малое предпринимательство и инновационный характер развития экономики России: монография / Е.В. Романенко. М.: ООО Издательство «Креативная экономика», 2010. 15-16 с.
19. Смит, А. Исследования о природе и причинах богатств народов // Антология экономической классики: в 2 т. М.: МП «ЭКОНОВ», 1993. Т. 1. С.367
20. Сэй, Ж.Б. Трактат по политической экономии // Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков: в 5 т. Т. 1: От зари цивилизации до капитализма / отв. ред. Г.Г. Фетисов. М.: Мысль, 2004. С.403
21. Тюнен, И. Изолированное государство // Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков: в 5 т. Т. 2: Восходящий капитализм / отв. ред. М.Г. Покидченко. М.: Мысль, 2005. С.66
22. Уильямсон, О.И. Экономические институты капитализма: Фирмы, рынки, «отношенческая» контрактация / О.И. Уильямсон. СПб. : Лениздат; CEVPress, 1996. 97 с.
23. Хайек, Ф. Претензии знания. // Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков: в 5 т. Т.5: в 2 кн. Всемирное издание. Лекции нобелевских лауреатов / отв. ред. Г.Г. Фетисов. М.: Мысль, 2004. Кн. 1. 214-224с.
24. Шумпетер, Й. Теория экономического развития / Й. Шумпетер. М. Прогресс, 1982. 278.285с.
25. Drucker, P.F. Innovation and entrepreneurship: Practice and principles / P.F. Drucker. N.Y. etc.: Harper and Row, 1985. 331 p.
26. Pinchot, G. Intrapreneuring: why you don't have to leave the corporation to become an entrepreneur / G. Pinchot. New York: Harper and Row, 1985. pp. 28–48.
27. Schultz, W. The Moral Conditions of Economic Efficiency. Cambridge: Cambridge University Press, 2001.

# ЭВОЛЮЦИЯ КОНЦЕПТУАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ АНАЛИЗА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

**АЮБОВ ДИЛОВАР МИРЗОШАРИФОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент,
заведующий общеуниверситетской кафедрой экономической теории
Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни,
734003, Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 934-55-41-40. E-mail: d-ayubov@list.ru

*Новые современные угрозы являются одним из важнейших вопросов, изучению, которого отводится особое место в экономической науке, особенно в предпринимательстве. Так как в современное время вопросы предпринимательских отношений и их развития, в частности, приоритет промышленного предпринимательства, считаются одним из важнейших элементов и гарантом будущего развития страны. Поэтому ученые и исследователи в этой области науки видят изменения в социально-экономической жизни и, в частности, научно-технический прогресс в развитии этой области. С учетом этого в данной статье в качестве цели исследования выбраны вопросы эволюции концептуального подхода анализа предпринимательства, идеи ученых и исследователей, выявление его важных особенностей.*

*В статье автор уделяет особое внимание важным вопросам теории и идей ученых и исследователей. Было отмечено, что создателем производства и развития инноваций является предприниматель, то есть без предпринимательства и инноваций не может быть*

*обеспечена стремительная индустриализация страны. Также представлены некоторые авторские взгляды на эти современные экономические проблемы. Для создания современных процессов развития предпринимательства и его влияния на изменения экономической деятельности людей важно вернуться к базовым принципам экономики и тогда это будет интерпретировано более удовлетворительно. В целом любой предприниматель может организовать свою деятельность и вести эффективное производство. Способ предпринимательских операций на различных рынках определяет маркетолог, который сам является частью экономической науки, изучающий комплекс предпринимательской деятельности при производстве товаров, ценообразовании, организации бизнеса и стимулировании сбыта на рынке.*

***Ключевые слова:*** *экономика, предпринимательство, управление, риск, инновация, промышленность, экономическое пространство, научно-техническая революция, эволюция, наука, концептуальное, общество, добавочная стоимость, новые сочетания, новаторство, рынок, государство, институциональная, эквивалент, бизнес и т.д.*

## EVOLUTION OF THE CONCEPTUAL RELATIONSHIP OF ENTREPRENEURIAL ANALYSIS

**AYUBOV DILOVAR MIRZOSHARIFOVICH,**
Candidate in Economics, Associate Professor,
Head of the University-wide Department of Economic Theory,
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini,
734003, Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 93 455 41 40. E-mail: d-ayubov@list.ru

*New modern threats are one of the most important issues, the study of which has a special place in economics, especially in entrepreneurship. As the issues of entrepreneurial relations and its development, in particular, the priority of industrial entrepreneurship are considered one of the most important elements in present time, and a guarantor of the future development of the country. Therefore scientists and researchers in this field of science can see changes in socio-economic life and, in particularly, scientific and technological progress in the development of this field. With this mind, in this article, the issues of the evolution of the conceptual approach to entrepreneurial analysis, the ideas of scientists and researchers, and the identification of its important features have been selected as the purpose of the study.*

*In the article, the author pays special attention to important issues of theory and ideas of scientists and researchers. It was noted that the creator of production and the development of innovation is an entrepreneur, that is, without entrepreneurship and innovation, the development of rapid industrialization of the country cannot be ensured. There were also provided some of the author's views on these modern economic problems. In order to create modern processes of entrepreneurship development and its impact on changes in people economic activities, it's important to return to the basic principles of economics and then it will be interpreted more satisfactorily. In general, any entrepreneur can organize his activities and conduct effective production. The means of entrepreneurial operations in various markets determined by the marketer, who himself is a part of economic science, who studies the complex of entrepreneurial activity in the production of goods, pricing, organizing business and stimulating sales in the market.*

***Key words:*** *economy, entrepreneurship, management, risk, innovation, industry, economic space, scientific and technological revolution, evolution, science, conceptual, society, value added, new combinations, market, state, institutional, equivalence, business, etc.*

УДК: 338.2(575.3)

# ТАШКИЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ЗАМИНАИ ПРИНСИПИ ИҚТИСОДИ «САБЗ»

**ДОСИЕВ МАҲМАДШОҲ НАЗАРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-11-96-48. E.mail; dostiev68@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар заминаи принсипи иқтисоди «сабз» баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ набуда, метавонад баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои асосии стратегии кишвар дар заминаи принсипи "иқтисоди сабз" фаъолият намуда, саҳми арзандаи хешро гузорад.*

*Инчунин, зикр гардидааст, ки соҳаи соҳибкории экологӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт ба шумор рафта, ба рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири калон мерасонад. Рушди соҳибкории экологӣ - ташаккули босуръати прогресси илмӣ-техникиро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ таъмин намуда, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол менамояд ва дар рушди иқтисодии ҳар як субъекти иқтисоди миллӣ, аз ҷумла энергетика, маориф ва тандурустӣ замина мегузорад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди сабз, энергетикаи «сабз», иқтисоди рақамӣ, соҳибкории экологӣ, иқтисоди миллӣ, муҳити зист, вазъи экологӣ, рушди иқтисодӣ, мушкилоти экологӣ, бехатарии экологӣ, хадамоти экологӣ.*

Дар замони муосир таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва милликунонии Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) дарҷ гардидаанд, яке аз омилҳои калидии расидан ба ҳадафҳои олии стратегии кишвар маҳсуб меёбад. Мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мутобиқи ин ҳуҷҷати стратегӣ ҳадафи олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин пеш аз ҳама беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар тавассути таъмин намудани рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Чуноне ки олими ватанӣ н.и.и., дотсент Солеҳзода А. А. қайд намуданд, доир ба амалӣ намудани ҳадафҳо, инчунин дар кишвар ба масъалаи рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ дар асоси принсипи иқтисоди "сабз" таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҳамчун нақшаи дурнамои рушди Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Масалан, дар самти таъмини шуғл дар ин ҳуҷҷат ҳавасмандкунии рушди «шуғли сабз», вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкории экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ вазифаи муҳим арзёбӣ мегардад [11].

Ба андешаи мо дар ҳақиқат ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ набуда, метавонад баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои асосии стратегии кишвар дар заминаи принсипи "иқтисоди сабз" фаъолият намуда, саҳми арзандаи хешро гузорад.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки соҳаи соҳибкории экологӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт ба шумор рафта, ба рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири калон мерасонад.

Омили асосии пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафтани соҳибкории экологӣ бо шароитҳои зерин асоснок карда мешавад.

1.Рушди соҳибкории экологӣ - ташаккули босуръати прогресси илмӣ-техникиро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ таъмин менамояд;

2.Соҳибкории экологӣ маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол намуда, дар рушди иқтисодии ҳар як субъекти иқтисоди миллӣ (энергетика, маориф, тандурустӣ ва дигар) замина мегузорад;

3. Аз рушди соҳибкории экологӣ аксар соҳаҳои саноат, махсусан тақвияти истеҳсолоти соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, коркарди маъдан, масолеҳи сохтмон ва ғайра бобати дастрасӣ ба молҳои ниёзи мардум, ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ ва таъмини зиндагии шоиста вобастагӣ дорад [5].

Ҳамин тавр, истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ омили ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ маҳсуб меёбад [4].

Дар баробари ин, тибқи ақидаи олимони иқтисодиёт аз рӯи сенарияи индустриалию инноватсионӣ манбаъҳои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ин истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, инкишофи рушди ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, густариши содироти хизматрасониҳо ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, инкишофи зироатҳои органикӣ, манбаъҳои барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи нерӯ ҳамчун асоси “иқтисоди сабз”, вусъатдиҳии механизми ҳамгироёнаи идоракунии захираҳои об, аз ҷумла рушди ҳамаҷонибаи сайёҳӣ муайян карда шудаанд [11].

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикикстон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 21 декабри соли 2021 таъкид намуданд, ки бо вуҷуди корҳои анҷомдодашуда ва дастовардҳои зикргардида, ҳамчунин, ҷиҳати ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи **«иқтисоди сабз»,** саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди нерӯи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд. [1].

Ҳамчунин Сарвари Давлат иброз намуданд, ки Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати рушди энергетикаи «сабз» бояд то охири соли 2022 Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул карда, татбиқи онро таъмин намояд.

Ҳамчунин, ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он ба ислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида, гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад [1].

Дар доираи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2012 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи умумии Конфронси СММ оид ба рушди устувор қайд намуданд: “Мамлакати мо нерӯи бузурги гидроэнергетикӣ дошта, ояндаи он вобаста ба истифодаи самарабахшу оқилонаи ин намуди энергия мебошад. Ҳиссаи энергияи нерӯгоҳҳои барқи обӣ ба балансi энергетикии кишвар 98 фоизро ташкил медиҳад [11].

Чанде баъд дар Форуми дувуми об барои кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором Пешвои миллат доир ба зарурати мутобиқ намудани масъалаҳои об нисбати

ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла консепсияи “Иқтисоди сабз” ва ҳадафҳои рушди устувор пешниҳоди мухталиф намуданд.

Ҳамин тариқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикикстон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд доир ба масъалаи иқтисоди “сабз” ва рушди устувор дар даҳсолаи охир таклифҳои судманд намудаанд [11].

Табиати иҷтимоии соҳибкории экологӣ маънои мавҷуд будани заминаҳои муайяни иқтисодӣ ва ниёзҳои иҷтимоиро дошта, дар асоси принсипи “иқтисоди сабз фаъолияти истеҳсолии худро роҳандозӣ менамояд. Маҳз ҳузури таваҷҷӯҳи мардум ба хидматҳо ва маҳсулоти экологӣ асоси маънавию ахлоқӣ ва омили пешбарандаи рушди соҳибкории экологӣ мебошад.

Беҳуда нест, ки аввалин бахшҳои соҳибкории экологӣ аз миёнаҳои солҳои 50-уми асри гузашта, замоне пайдо гардидаанд, ки қонунгузории экологӣ ва санитарию гигиенӣ дар тамоми ҷаҳон ташаккул ёфта, ҳаракати оммавии "экологҳои сабз" муқобили ифлосшавии муҳити зист ба вуҷуд омадаанд.

Аввалин ширкатҳо дар бахши соҳибкории экологӣ ба партофтани партовҳои саноатӣ диққат медоданд. Дар аввал, онҳо дар ИМА, баъдтар дар Ҷопон ва Канада, сипас дар кишварҳои Аврупо пайдо шуданд, ки дар онҷо дар тӯли ду даҳсола як соҳаи пуриқтидори ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳо бо гардиши миллиардҳо доллар ба вуҷуд омадааст [10].

Бозори соҳибкории экологӣ тадриҷан ба вуҷуд омад, ки ба он чунин корхонаҳо, ба монанди истеҳсоли таҷҳизоти назоратӣ ва ченкунӣ, технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва молҳои экологӣ (таҷҳизоти тозакунӣ, таҷҳизоти назоратӣ ва ченкунӣ) коркард, нобудсозӣ ва интиқоли партовҳои истеҳсолот ва истеъмолот, сӯзонидан ва коркарди партовҳо, ободонии муҳити зист ва ғайра дохил мешаванд.

Соҳибкорие, ки дар доираи муҳити зист ва экология фаъолият менамояд, бояд талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахши экологияро риоя намуда, самтҳои фаъолияти худро баҳри беҳтар намудани вазъи экологии кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза равона созад [9].

Ба намудҳои соҳибкории экологӣ, инчунин истеҳсоли молҳо бо миқдори ками хлорфторокарбонҳо, металлҳо аз ашёи такрорӣ, асбобҳо ва таҷҳизоти таҳлилӣ барои мониторинги равандҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот барои тавлиди энергияи сабз аз манбаҳои ғайримуқаррарӣ, биотехнология дар соҳаи саноати хӯрокворӣ ва ғайра дохил мешаванд. [4].

Самтҳои асосии фаъолият дар партави иқтисоди «сабз» дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ, ки махсусан ба соҳибкории экологӣ алоқаманд ҳастанд, инҳоянд:

- ташкили ҷойҳои кории «сабз», ки бо кори арзанда ва бехатар аз нуқтаи назари экологӣ ва санитарӣ алоқаманд буда, ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллиро дар бар мегирад;
- баробарӣ ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ. Татбиқи сиёсати баробарии иҷтимоӣ, гендерӣ ва адолати иҷтимоӣ вобасата ба дастрасӣ ба неъматҳои асосӣ ва хизматрасониҳои базавӣ, ҳамзамон кам кардани камбизоатӣ дар тамоми кишварҳо, алалхусус дар кишварҳои даромадашон паст;
- пешбурди сиёсати саноати «сабз», ки бо ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф ва бепартов алоқаманд буда, ташкили экосистема ва инфрасохтори иҷтимоии мусоидро дар шаҳру деҳот дар назар дорад;
- савдои «сабз», ки яке аз қисми асосии сиёсати савдои байникишварӣ ва дохилиро дар бар мегирад. Ин гуна сиёсат бо роҳи ҷорӣ

намудани стандартҳои ягона ва умумӣ ҷиҳати истеҳсоли молу хизматҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи пешниҳодшаванда амалӣ мегардад;

- Таълимоти иқтисоди «сабз» дар ҳамаи зинаҳо бо мақсади аз ҷониби тамоми қишри аҳолӣ дарки масъалаи экологӣ ва маҳдуд будани неъматҳои моддӣ ба роҳ монда мешавад [11].

Ба ақидаи мо ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ набуда, дар рушди устувори иқтисодию иҷтимоии он, махсусан рушди иқтисоди сабз саҳми арзандаи худро гузошта метавонад. Ва бояд тазаккур дод, ки баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои соҳибкороне, ки ба ин ҷода қадам мениҳанд, нақши бозори кору хадамоти экологӣ ва бозори маҳсулоти экологӣ ниҳоят муҳим аст. Илова бар ин, оиди таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба кор таъмин намудани шаҳрвандон чӣ дар доираи соҳибкорӣ ва чӣ дар бозорҳои кору хадамоти экологӣ қадамҳои устувор ба шумор меравад.

Чуноне, ки аз таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо бармеояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори кору хадамоти экологӣ ва бозори маҳсулоти экологӣ ба таври зарурӣ ва қонеъкунандаи талаботи меъёрҳои экологӣ ба роҳ монда нашудааст. Ба мо зарур аст, ки оиди ин самт фаъолиятро пурзӯр намуда, нуфӯзи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ тавассути содирот намудани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза баланд бардорем [8].

Ба андешаи мо ташкили низоми соҳибкории экологӣ имконият медиҳад, ки ба навъҷудокунии шаклии маҳсулоти ба ҳифзи табиат нигарондашуда, мутобиқати он ба талаботи меъёр ва стандартҳо, ба даст овардани иҷозатномаҳо барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои илман асоснокшуда ва пешқадаму ҳозиразамони истеҳсолот таъмин гарданд. Таҳия ва ҷорӣ намудани чунин механизмҳои низомҳои зикршуда барои рушди устувори экологӣ фавқулода муҳим мебошад [6].

Дар асоси омӯзиши назари муҳаққиқони гуногун дар диссертатсия аз тарафи муаллиф хусусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ ошкор карда шудааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

**Хусусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ**

| **Хусусиятҳои хос** | **Объекти муносибати бозорӣ дар сектори соҳибкории экологӣ** |
|---|---|
| Фаъолияти асосӣ | Истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва пешниҳоди хизмат, ки таъиноти ҳифзи табиат доранд |
| Таъини мақсад | Ҳамоҳангкунии ҳамкории инсон ва табиат, ҳифзи муҳити атроф |
| Маҳаки фаъолият | Бепартовии раванди истеҳсолот |
| Самтҳои асоси рушд | Маҳсулоти босифати аз ҷиҳати экологӣ тоза ва хизматрасонии босифат |
| Рушди фаъолияти экологии таркиби илмӣ дошта | Истифодаи натиҷаҳои дастовардҳои ҳозиразамони илмӣ, усулҳо, асбоб, технологияҳо |
| Маълумоти экологӣ | Баланд бардоштани сатҳи маълумоти экологӣ ва фарҳанги экологии кадрҳо |
| Фаъолияти ҳуқуқӣ | Фаъолият дар доираи қонунгузориҳои амалкунандаи экологӣ |

***Манбаъ: Муаллиф тартиб додааст[6].***

Бо назардошти дастурамали зикршуда ва махсусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ модели консептуалии ташаккул ва рушди устувори соҳибкории экологиро чунин таҳия кардан мумкин аст.




Мавриди зикр аст, ки таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷа оид ба ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ омӯхта шуда, бешубҳа барои рушди самти зикршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм хоҳад гузошт [6].

Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба рушди соҳибкории экологӣ гувоҳ аст, ки соҳибкории экологӣ дорои иқтидори зиёдест, ки имкони истифодаи механизмҳои худташаккулёбии соҳаро дар бобати экология, хусусан агар дар ин маврид аз тарафи давлат дастгирии босамар ёбад, ба вуҷуд меорад. Ба ғайр аз ин, ҳангоми рушди соҳибкории экологӣ раванди ташкили ҷойҳои нави корро пурзӯр намудан мумкин аст ва метавон вазъи муҳити атроф ва сифати зиндагии мардумро беҳтар намуд.

Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон самти асосии фаъолияти соҳибкории экологӣ-истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза бо номи «Нерӯи покизаи экологӣ» рушди васеъ пайдо кардааст[2]. Бо назардошти ин, ба андешаи мо дар ҷумҳурӣ омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта оид ба истифодаи нерӯи шамол ва дигар сарчашмаҳои барқароркунандаи энергия, ҳамчунин коркард ва истифодаи дувумбораи партовҳоро бештар ба роҳ мондан лозим аст [6].

Дар хулоса, қайд намудан зарур аст, ки вазъи экологие, ки дар он иқтисодиёти сабзи муосир бояд инкишоф ёбад, зарурияти баррасии мушкилоти ҳуқуқии рушди иқтисодиро барои нигоҳдории муҳити табиӣ тақозо менамояд. Соҳибкории экологӣ бошад, дар асоси принсипи иқтисодиёти сабз фаъолият намуда, ба дастгирии давлатӣ зарурати объективӣ дорад. Аз ин дастгирӣ аз бисёр ҷиҳат дурнамои тараққии ояндаи он ва дар амал татбиқ намудани принсипи иқтисодиёти сабз вобаста аст. Бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба истифодаи захираҳои табиӣ дар бахши экология

асос ёфтааст, муттаҳид намудани ин мафҳумҳо ва принсипҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба танзими давлатии иқтисодиёт мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамин тавр, масъалаҳои истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиӣ, ҷорӣ намудани технологияҳо ва таҷҳизоти босарфа ва ҳифзкунандаи табиат, рушди қоидаҳои ташкил, ҳамчунин арзёбии самтҳои асосии инкишоф ва шаклҳои соҳибкории экологӣ, тамоюл ба усулҳои танзими давлатӣ ва дастгирии соҳаи зикршуда таваҷҷуҳи ҳамешагиро металабад ва айни ҳол хеле муҳим мебошад.

**Адабиёт**

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 [Захираи электронӣ]//www.president.tj

2. Бобошко, В.И. Особенности экологически ориентированного малого предпринимательства в России [Текст] / В.И. Бобошко, А.А. Гусев // Экономика природопользования. – 2006. - №5. – С.31-40.

3. Досиев М. Н., Каландарова И. М. Нақши соҳибкории экологӣ дар рушди босуботи иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] /М.Н. Досиев, И. М. Каландарова // Материалы международной научно-практической конференции (29–30 ноября 2019 года) // ТУТ, Душанбе -2019. С. 48-52.

4. Досиев М. Н., Мукаммалгардонии ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши экология [Текст] /М.Н. Досиев, // Паёми ДДТТ 3(32), Душанбе -2020. С. 53-58.

5. Досиев М. Н., Ташкили соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди саноат, [Текст] /М.Н. Досиев, // Паёми ДДТТ Душанбе -2021. С. 167-173.

6. Досиев М. Н. Особенности формирования и развития экологического предпринимательства [Текст] / М. Н Досиев// Автореф. дисс. … канд. экон. наук. – Душанбе, 2019. – С.31-43.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи ҳифзи муҳити зист» -Душанбе, 2011.

8. Новоселов, С.Н. Экологическое предпринимательство: сущность, особенности, пути развития [Текст] / С.Н. Новоселов // Электронный научный журнал «Инженерный вестник Дона». -М., 2007–2015, 11 с.

дар ин ҷо $\eta_д$ - коэффисент музди иловагӣ ($\eta_д$ = 0,2).

$З_д$ = 9703582,904 ·0,2 = 1940716,581 сомон

Ҳиссагузории (отчисления) барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ *Зо,* сомонӣ, бо формула муайян карда мешавад;

$$З_с = \frac{\left(З_о + З_д\right)}{100} \eta_с, \qquad (1.16)$$

Дар ин ҷо $\eta_с$ - стандарти ҳиссагузории иҷтимоӣ ($\eta_с$ = 34%) аст.

$З_с$ = 34· (9703582,904 + 1940716,581) / 100 = 3027517,866 сомон

Хароҷоти нерӯи барқ $З_э$, бо форм муайян карда мешавад;

$$З_э = P_в t_в ц_э, \qquad (1.17)$$

дар ин ҷо - қувваи барқ СБ, кВт;

$t_в$ - вақти кории комплекси иттилооти, ш;

$ц_э$ - арзиши 1 кВт нерӯи барқ, сомони. / кВТ

Зэ = 3 · (0,3) · 24 · 2,82 = 61 сомон

Арзиши маводҳо ва қисмҳои эҳтиётии Зм,, сомони, бо формулаи муайян карда мешавад

$$З_м = \sum_i^n т_{мi} ц_i \quad , \qquad (1.18)$$

Дар ин ҷо $i = 1, 2, \ldots, n$ - интиқоли намуди маводҳо (шлюзи CSN);

$т_{мi}$ - миқдори $i$-и намуди материалҳо, воҳид (1);

$ц_i$ - нархи як воҳиди $i$- и навъи материал, сомонӣ (8790).

Зм = 8790 сомон

Арзиши хизматрасонӣ ва таъмири $З_п$, сомонӣ (арзиши БС ба 126000 сомонӣ баробар аст).

$$З_п = К_в \frac{\alpha}{100} \frac{t_в}{t_{в.г.}} \quad , \qquad (1.19)$$

дар ин ҷо $К_в$ - арзиши сурадҳисоби техникаи ҳисобарор, сомонӣ;

$t_{в.г.}$ - фонди солонаи вақти коркарди техникаи ҳисобарор ($t_{в.г.}$ = 2112 х);

$\alpha = 4\%$ - сатҳи тарифҳо барои таъмир.

Зп = 126000 · 0,04 · (24/2112) = 57,28 сомон

Хароҷоти умумии сохтани маҳсулоти барномавӣ З сомонӣ аз рӯи формула муайян карда мешавад;

$$З = З_о + З_д + З_с + З_э + З_м + З_п \quad , \qquad (1.20)$$

З = 9703582,904 + 1940716,581 + 3027517,866 + 61 + 8790 + 57,28 = 14680725,63 сомон

Сармоягузорӣ дар татбиқи системаи иттилоотии К, сомони ба арзиши он баробар аст ва ба соли ҷорӣ нолозим мебошад;

К = З = 14680725,63 сомон

Хароҷоти эксплуататсиони З, сомони, бо истифода аз системаи иттилоотӣ дар давоми 12 моҳ хоҳанд буд;

З = Зэ + Зп, (4.18), З = (61 · 365) + 57,28 = 22322,28 сомон

Даромад аз истифодаи маҳсулот барои соли *П*, сомони, бо формула муайян карда мешавад;

$$П = Э - З \quad , \qquad (1.21)$$

ки дар он ҷо Э- арзиши хароҷоти натиҷаҳои татбиқи системаи иттилоот дар давоми сол сомони; З - арзиши хароҷоти ҳангоми истифодаи маҳсулоти барномави, сомонӣ.

$Э = С_а \cdot Т_п \cdot 12$, (1.22)

Дар ин ҷо $С_а$- шумораи муштариёни шабакаи «WiMAX», шахс;

$Т_п$ - нархи миёнаи тариф дар як моҳ, сомони.

Э = 2500 · 350 · 12 = 10500000 сомон (1.23)

Даромад *П* бо формула мувофиқа карда мешавад;

*П* = 10500000 - 22322,28 = 10477677,72 сомон

Ҳамин тариқ, мо аз ҳисоби маблағҳои пулии дар поён овардашуда, дар ҷадвали 4, нишон медиҳем.

*Ҷадвали 4.Ҷараёни интиқоли пул аз истифодаи система.*

| • Мӯҳлати миёна | • Маблағ дар сомони |
|---|---|

| | |
|---|---|
| • 0 қадам (капиталовложения) | • 14680725,63 |
| • 1 қадам | • 10477677,72 |
| • 2 қадам | • 10477677,72 |
| • 3 қадам | • 10477677,72 |
| • 4 қадам | • 10477677,72 |

Арзиши тахфифшудаи ҳозираи холис (АТХ), (ЧДД, Чистый дисконтированный доход) барои чор сол бо истифода аз системаи иттилоотӣ бо суръатнокии Е = 20% бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ЧДД = \sum_{k=1}^{n} \frac{П_k}{(1+E)^{k-1}} - K \quad , \qquad (1.24)$$

Дар куҷо $n$ - давраи ҳисоббаробаркунӣ сол; $П_к$ - фоида аз истифодаи маҳсулотҳои барномави k-уми барои соли эксплуататсиони, сомони; Е - меъёри тахфиф (дисконта); К - сармоягузорӣ дар татбиқи маҳсулоти барномави, сомони.

АТХ = (10477677,72/1 + 0,2) + (10477677,72/ (1 + 0,2) $^2$) + (10477677,72/ (1 + 0,2) $^3$) + (10477677,72/ (1 + 0,2) $^4$) - 14680725,63 = 8731398,11 + 7276165,08 + 6063470,91 + 5052892,42 - 14680725,63 = 12443200,89 сомон

Дар асоси АТХ метавонем, ки лоиҳа самаранок аст. Мӯҳлати пардохти лоиҳа бо формула ҳисоб карда мешавад:

$T_o = K / П_1$, (1.25)

Дар ин ҷо K- сармоягузорӣ дар амалисозии маҳсулоти барномави, сомони;
$П_1$ - фоида аз истифодаи маҳсулоти барномавӣ дар соли аввали фаъолияти он.

$T_o$ = 14680725,63/10477677,72 = 1,4 сол.

Амартизатсия дар ҳаҷми 10% - 15% хароҷоти таҷҳизоти асосӣ гирифта мешавад:

$A_m$ = 126000 · 0,12 = 15120 сомон

Таҷҳизотҳои амартизатсиони дар моҳ:

$A_m$ = 15120 / 12 = 1260 сомон

Нишондиҳандаи асосии техникӣ ва иқтисодии лоиҳа дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

*Ҷадвали 4. Нишондодҳои асосии техникӣ ва иқтисодии лоиҳа.*

| Характеристикаи асосӣ | Қисмҳои ченкуни | Лоиҳа |
|---|---|---|
| Мушкилии маҷмӯи рушд | шахс. - ш. | 710,675 |
| Арзиши пурраи эҷоди системаи иттилоотӣ | сомони | 14680725,63 |
| Таъсири солона аз ҷорӣ намудани системаи иттилоотӣ | Сомони | 10500000,00 |
| Арзиши холиси муосир барои 4 сол аз истифодаи системаи иттилоотӣ | Сомони | 12443200,89 |
| Маблағи дохилии баргардиш | % | 58,23 |
| Мӯҳлати лоиҳа | сол | 1,4 |

Дар шабакаиҳои иттилоотии «WiMAX» таҳлилҳо гузаронида шуд, ки натиҷаҳои он муоширати доимӣ, суръати баланд ва эътимоднокӣ ҳангоми интиқоли маълумот тавассути канали оптики нишон медиҳад.

Ҳисоб кардани арзиши хизматрасониҳо ба принсипи тақсимоти хароҷоти капиталӣ ҳангоми интиқол додани шабакаҳои як километри мураббаъ, бо дарназардошти тақсим кардани пойгоҳ дар қисматҳои гуногуни шаҳр асос

ёфтааст.Мӯҳлати пардохти лоиҳа 17 моҳ аст. Арзиши холиси муосир барои 4 сол аз истифодабарии системаи иттилоотӣ - 12443200,89 сомони. Афзалияти бузурге, ки шабакаи «WiMAX» таҳия кардааст, қобилияти вусъат додани системаро афзоиш медиҳад. Дар оянда, афзоиш ва рушди системаи «WiMAX» имкон медиҳад, ки шумораи бештари муштариён бо пайвастшавиҳо, ки ба фоидаи ширкат ва рақобатпазирии бозори мавҷудаи технологияҳои коммуникатсионӣ таъсир мерасонанд.

Пас маълум гарди, ки шабакаи иттилоотии «WiMAX» дорои инфрасохтори васеъ аст, ки асбобҳои мавҷудаи оптикӣ ба шумо имкон медиҳад, ки СБ ба ҳам пайваст шаванд, ки хароҷоти зиёдро коҳиш медиҳад ва зарурати таҳияи системаҳои навро бартараф хоҳад кард.

**Адабиёт**


1. Сюваткин В.С., Есипенко В.И., «WiMAX» - технология беспроводной связи: теоретические основы, стандарты, применение. Санкт-Петербург. 2005 г.
2. Вишневский В., Портной С., Шахнович И.. Энциклопедия «WiMAX». Путь к 4G. Техносфера, 2009.
3. Весоловский А., Кшиштоф Н., Системы подвижной радиосвязи. Горячая линия - Телеком, 2006.
4. Григорьев В.А., Лагутенко О.И., Распаев Ю.А., Сети и системы радиодоступа. Эко-Трендз, 2005.
5. Маковеева, Шинаков. Системы связи с подвижными объектами. Радио и связь, 2002.
6. Гринберг А.С., Шестаков В.М.. Информационные технологии моделирования процессов управления экономикой Издательство: Юнити-Дана, 2003 г.
7. Широков Л.А.. Бухгалтерские информационные системы Издательство: МГИУ, 2002 г.
8. Карабутов Н.Н.. Информационные технологии в экономике Издательство: Экономика, 2003 г.
9. Патрушина С.М.. Информационные системы в бухгалтерском учете Издательство: МарТ, 2003 г.
10. Родионов И.И.. Рынок информационных услуг и продуктов Издательство: МК-Периодика, 2002 г.
11. Волокитин А.В.. Средства информатизации государственных организаций и коммерческих фирм. Справочное пособие Издательство: ФИОРД-ИНФО, 2002 г.
12. Шафрин Ю.. Информационные технологии Издательство: Бином. Лаборатория знаний, 2002 г.
13. Когаловский М.Р.. Перспективные технологии информационных систем Издательство: ДМК Пресс, 2003 г.


## ПЕРЕХОД НА НОВОЕ ПОКОЛЕНИЕ МОБИЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ С УЧЕТОМ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ИНТЕРЕСОВ


**МАХКАМОВА ИШКИНИСО ИНОМОВНА,**
старший преподаватель кафедры
информационных технологий и информационной
безопасности факультета дипломатии и политики
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.:(+992) 935-81-88-85. E-mail: mahkamova.ishkiniso@mail.ru
**ТУРСУНОВ ЗАМИРДЖОН ЗАРИФДЖОНОВИЧ,**

заведующий кафедрой начального профессионального образования
Техническо-педагогического колледжа района Рудаки,
Тел.: (+992) 935-81-88-85. E-mail: zamir.1985@mail.ru
**УМАРОВА МАНИЖА САЙДАХМАДОВНА,**
ассистент и соискатель кафедры
управление государственными финансами
Академии государственного управления при
Президента Республика Таджикистана.Тоджкистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru

*В данной статье представлена общая информация о системах передачи данных в беспроводной сети и технологиях WiMAX. Также отмечается, что каждая технология передачи по беспроводной сети в свое время имеет высокую скорость передачи. Очень важно снизить энергопотребление для мобильных устройств, что реализуется специальным и новым стандартным методом.*
*В статье также отмечается стандарт технологии беспроводной сети, называемый «стандартом IEEE 802.16e». Предоставляется информация о его физическом и мобильном уровне вместе с абонентами мобильной связи и регулярно в лицензированных группах. Благодаря этим самым «изменениям» (из-за того, что стандарт «IEEE 802.16e WiMAX» называется мобильным) способ 802.16e открывает миру непрерывный стандарт мобильных приложений. В результате он станет серьезным конкурентом мобильным технологиям третьего и последующих поколений, а также другим прямым беспроводным технологиям.*
***Ключевые слова:*** *WiMAX, Wi-Fi, стандарт, мобилный, информационный, технология, дифракция, безпроводная передача.*

## TRANSITION TO A NEW GENERATION OF MOBILE TECHNOLOGIES TAKING INTO ACCOUNT ECONOMIC INTERESTS

**MAKHKAMOVA ISHKINISO INOMOVNA,**
senior lecturer of the Department of Information
Technology and Information Security,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 935 81 88 85. E- mail: mahkamova.ishkniso@mail.ru
**TURSUNOV ZAMIRJON ZARIFJONOVICH,**
Head of the Department of Primary Vocational
Education of the Technical and Pedagogical College of Rudaki district,
Phone: (+992) 935-80-88-85. E-mail: **zamir.1985@mail.ru**
**UMAROVA MANIZHA SAYDAKHMADOVNA,**
assistant and applicant of the
Public Finance Management Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru

*This article provides general information about data transmission systems in a wireless network and WiMAX technologies. It is also noted that each wireless network transmission technology at exact time has a high transmission speeds. It is very important to reduce power consumption for mobile devices, which is implemented by a special and new standard method.*

*The article also notes a wireless network technology standard called the "IEEE 802.16e standard". Information about its physical and mobile level is provided along with mobile subscribers and regularly in licensed groups. Due to these "changes" (because the "IEEE 802.16e WiMAX" standard is called mobile) the 802.16e form opens up the world ongoing mobile application standard. As a result, it will become a serious competitor to third and next generation mobile technologies, as well as other direct wireless technologies..*

***Key words:*** *WiMAX, Wi-Fi, standard, mobile, information, technology, diffraction, wireless transmission.*

УДК: 331.53

# ТАРҲСОЗИИ СИСТЕМАИ БА КОР ТАЪМИНКУНИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН.

**ГУЛОВ РАҲМОНАЛӢ БОБОХОНОВИЧ,**
докторант (Ph.D)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе. хиёбони, Рӯдакӣ, 17.
Тел.:(+992) 939-29-10-35. E-mail: rahmonaligulov1@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур оид ба системаи маорифи муосир ва тарҳсозии шуғли хатмкунандагони зинаи таҳсилоти касбӣ баҳс меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки системаи тарҳрезишудаи бо кор таъминкунии хамткунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ чораҳои муосир ва инноватсионӣ дар ин самт ба шумор меравад. Таҳким бахшидан ба ҳамкориҳои миёни ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар шароити кунунӣ, инчунин миёни корфармоён ва қувваҳои корӣ модели дигари муносиб дар ин раванд ба шумор меравад. Таъмин намудани кадрҳои соҳибтахассус барои иқтисодиёти ҳар як кишвар вазифаи сиёсати миллӣ маҳсуб меёбад. Ҳукумати ҷумҳуриро зарур аст, ки тамоми равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ ва таълимиро ба назар гирифта, дар таҳияи тадбиру чораҳо ва ҳавасмандгардонии ҷавонон ба шуғл омода бошад. Бояд зикр кард, ки масъалаи омӯзиш ва гузариши ҷавонон аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ дар музокираҳо ва маълумотҳои Созмони Байналмилаии Меҳнат низ тавсифи худро ёфтаанд, зеро дар замони кунунӣ бо пайдо шудани муқовиматҳову зиддиятҳои ҷаҳони муосир насли ҷавон ягона қуввае мебошад, ки дар мубориза бо ин паёмадҳои ҷаҳонӣ истодагарӣ карда, раванди инкишофи худ ва кишварро таъмин менамояд. Имрӯз ҷавонон дар марҳилае, ба сар мебаранд ва кору зиндагӣ мекунанд, ки дар баробари фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи онҳо, як қатор мушкилоти зерин аз ҷумла, мушкилоти шуғлмандӣ садди роҳи онҳо гардидааст. Дар ин замина Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ҳалли мушкилоти пешомада, чораҳои лозима ва мусоидат ба раҳонидани онҳо аз ин мушкилот ва рушду такомули ҷавононро амалӣ карда истодааст. Ҷиҳати ҳалли масъалаҳои шуғлмандии ҷавонон, дар айни замон дар иқтисодиёти кишвар чорабиниҳои гуногунро ба роҳ мондан лозим аст.*

***Калидвожаҳо:*** *тархрезии (моделирование) системаи шуғлмандӣ, ҷавонон, муқовиматҳои ҷаҳонӣ, бозори меҳнат, мушкилоти шуғлмандӣ, соҳаи иқтисодиёт, равандҳои иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии ҷавонон.*

Ҷаҳони муосир гуногун ва мураккаб аст. Ҷомеа дар ҷараёни инкишофи худ талаботи навро дар назди аъзоёнаш мегузорад, инсон ба ин шароит бо механизмҳои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ ба он мутобиқ шуда, тамоми мавҷудияти табақаҳои аҳолиро аз он ҷумла, ҷавононро тағйир медиҳад. Муваффақияти ин равандҳо аз бисёр ҷиҳат ба ҷалби ҷавонон ба кор вобаста аст, барои ҳамин ҳар як ҷавон ба таври объетивӣ ва табиӣ бо интихоби касби оянда ва соҳаи кор рӯ ба рӯ мешавад [9, с.3]. Дар баробари равандҳои ҷаҳонишавӣ ба таври назаррас модели шуғлро дигаргун сохта, ҳуқуқҳои кафолатноки кормандонро барои ҳифзи иҷтимоӣ ба таври куллӣ бояд тағйир дод. Дар натиҷа технологияҳои нави раванди меҳнат истифодаи қувваи кориро дар корхона ва ширкатҳои корфармо коҳиш медиҳад.

Тарбия ва истифодаи оқилонаи қувваи кории баландихтисос дар сиёсати давлатии соҳаи маориф ҷойи махсусро ишғол менамояд. Ин ба тағйироти куллӣ, ки дар сохтор ва сифати умумии қувваи корӣ ба амал меояд, вобаста аст. Тамоюли дар солҳои охир пешбинишаванда, мавриди нигаронии ҷиддӣ мебошад. Аввало, азкорравии қувваи кории баландихтисос аз соҳаҳои бевоситаи истеҳсолот ба соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ рух дода истодааст. Сонияи, раванди бемайлони афзун шудани шумораи ҷавони кормандони кадрӣ ҷараён дорад. Қисми зиёди ҷавонон ба соҳаи хизматрасонӣ ва тиҷорат ба кор рафтанро афзалтар мешуморанд. Нуфузи ихтисосҳои муҳандисию

техникӣ баланд гардида истодааст. Сеюм, бинобар афзоиши бекорӣ ва фарқияти калон дар музди меҳнат дар дохили кишвар ва берун аз он, ба хориҷи кишвар рафтани қувваи кории ҳам баландихтисос ва ҳам бе ихтисос рӯй дода истодааст. Барномаи мақсаднок ва сиёсати воқеии ташаккулдиҳии омоданамоии оқилонаи қувваи кории ҷавонони баландихтисос вуҷуд надорад, ки ҳоло зоҳир гардида истодааст ва баъд аз даҳсолаҳо ба иқтисодиёт таъсири худро мерасонад [13, с.61].

Яке аз ҳадафҳои ислоҳоти системаи таҳсилоти олии касбӣ таҳким бахшидан ба ҳамкории муассисаҳои миёна ва олии касбӣ ба бозори меҳнат буда, дар айни ҳол талабот миёни бозори меҳнат ва корфармоён ба қувваи корӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Яке аз сабабҳои чунин ихтилоф зиёд будани шумораи ҷавонони соҳибтахассус дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Таъмини кадрҳои баландихтисос дар иқтисодиёти ҳар як кишвар вазифаи асосии сиёсати давлатии он ба шумор рафта, устуворӣ ва суботи иқтисодиёти ҳар мамлакатро таъмин мекунад. Ин вазифаро дар миқёси кишвар мақомотҳои иҷроия, муассисаҳои таълимӣ, корфармоён дар раванди омодасозии кадрҳо ба иҷро мерасонанд. Вобаста ба раванди модернизатсияи иҷтимоӣ дар ҷомеа падид омадани мақомҳои нави иҷтимоӣ, нақшҳо, шуғл, ҳамкориҳои нав дар таркиби сохтори ҷомеа ба миён омада истодааст. Барои ба нақша гирифтани ҳайати кадрҳо дар иқтисодиёти кишвар бояд тамоми равандҳои иқтисодӣ, меҳнатӣ, демографӣ, таълимӣ, иҷтимоӣ ва дигаргуниҳое, ки дар сатҳи ин ҷараёнҳо ба вуҷуд меоянд ба назар гирифта шавад. Ин ҳадаф имкон медиҳад, ки маҷмӯи тадбирҳоро дар таҳия, коркард ва истифода бурдани захираҳои мавҷуда, инчунин ҳавасмандагардонии рушд, самаранокии истифодаи неруи зеҳнӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва механизми фаъолияти меҳнатӣ таъмин намуд. Лекин Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби рушди босуръати технологияҳои нави иттилоотӣ аз ҷиҳати таҳлил, коркард, моделсозӣ ва пешгӯи ба ин масъалаҳо хеле эҳтиёҷ дорад.

Сатҳи инкишоф ва пешрафти кишвар дар арсаи ҷаҳон пеш аз ҳама ба ҷавонон вобаста аст, ки то чӣ андоза дорои дониш, фарҳанг ва ихтисосу касбҳои муосир ҳастанд ва тавонанд дар бунёди ҷомеаи мутамаддин саҳм гузоранд. Аз ин лиҳоз, қабул ва мавриди истифода қарор гирифтани “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018” тақозои замон буда, ғамхории Ҳукумати мамлакат нисбати ҷавонон мебошад. Хусусияти муҳими Барномаи миллӣ рушди иҷтимоии ҷавонон аз он иборат аст, ки дар Барнома паҳлӯҳои асосӣ бо назардошти талаботи замон ва ҷомеаи муосир тарҳрезӣ ва коркард шудааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳими Барномаи зикршуда дар он ифода ёфтааст, ки самтҳои муҳим бо дарназардошти талаботи замон ва ҷомеаи муосир тарҳрезӣ гардидааст. Дар ин замина метавон масъалаҳои вобаста ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон, рушди соҳибкорӣ миёни онҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, шуғлмандии ҷавонон, таҳсилоти сифатии ҷавонон, таъминоти иҷтимоии ҷавонон, дастгирии ташаббуси иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, мусодиат ба рушди ҳаракати ҷамъиятии ҷавонон, ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни насли наврас ва дигар мушкилотҳои муҳими ҷавононро мисол овард [1, с.2].

Бинобар ин ҷавонон бо иқтидори баланди зеҳнӣ, ташаббускорӣ, муносибат ва иштироки онҳо дар бисёр соҳаҳои иҷтимоӣ аз дигар гуруҳҳои иҷтимоӣ фарқ мекунанд. Ин гуруҳи иҷтимоӣ ҳамчун узви муҳими батанзимдароварандаи равандҳои иҷтимоӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои актуалӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Афзоиш ёфтани хизматрасониҳо барои ҷалб намудани шумораи коргарони хоҳишманд зиёд гашт. Дар миёни шумораи зиёди корҷӯён донишҷӯён, занони хонашин, нафақахӯрон, бекорон ва

нафароне, ки дар пайдо кардани кори муносибанд, мутахассисони ҷавон бартарӣ доранд. Пайдо кардани шуғли муносиб на танҳо малакаҳои касбиро такмил медиҳад, балки воситаи инкишофи ҳаматарафаи шахс дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Бо тағйир ёфтани низоми муносибатҳои меҳнатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ барои кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳо ва муассисаҳои истеҳсолӣ, коллективҳои меҳнатӣ оқибатҳои мураккабро ба миён овард.

Шароити муосир талаб мекунад, ки хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ бояд ба масъалаҳои ҳалли марбут ба шуғл ва ояндаи худ омода бошанд. Хатмкунандагон ва мутахассисони ҷавон дар бозори меҳнат бо рақибони худ дар соҳаҳои гуногуни касбӣ ва иҷтимоӣ рақобатпазир бошанд.

Мақсад аз тарҳсозии (моделирование) бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки назарияҳои то ин замон дар вақти бо кор таъминкунӣ истифода мегардид, то як андоза дигаргуни ворид намудан ва иваз кардани назарияҳои пештара, инчунин бо усулҳои муосир мутобиқ сохтани ин раванд ба ҳисоб меравад.

Системаи тарҳрезишудаи бо кор таъминкунӣ аз рӯйи гуфтаи сотсиолог Талкот Парсонс бояд ба чор талаботи асосӣ ҷавобгӯ бошад: мутобиқшавӣ, ноил шудан ба ҳадаф, ҳамгироӣ (интегратсия) ва нигоҳдории намуна. Ҳангоми моделсозии система, принсипҳои зерин: 1) Система бояд ба муҳити беруна ҳамгиро карда шавад - сегменти муайяни бозори меҳнат, ки дар асоси заминаи умумии меъёрӣ - ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад (аз ҷумла хусусиятҳои тахассусии мутахассисон); 2) Омодакунии мутахассисон дар асоси баҳодиҳии пешгӯии ниёз ба кадрҳо иҷро карда шавад; 3) Ташаккули контингенти донишҷӯёни хатмкунандагони мактабҳо бо ҳавасмандии зиёд барои таҳсил; 4) Барномаҳои таълимии донишгоҳҳо ва муассисаҳои миёнаи касбӣ бояд мутобиқи талаботи корфармо танзим карда шавад; 5) Дар раванди таҳсил дар муассисҳои олӣ ва миёнаи касбӣ бо донишҷӯён, чорабиниҳои роҳнамоии касбӣ ва тадбирҳои мутобиқсозии иҷтимоӣ ва равонӣ амалӣ карда шаванд, ки ба онҳо имкон диҳад, ихтисоси лозимиро мувофиқи хусусиятҳои шахсии худ ва мувофиқи талаботи корфармои оянда, инчунин аз ҷойи корӣ бо камтарин мутобтиқгардонии касбӣ гузаранд.

Аз рӯйи гуфтаи Т.Парсонс дар раванди сохтани системаи тарҳсозии (моделирование) бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи касбӣ ва олии касбӣ мутобиқи талаботи аввал, яъне мутобиқшавӣ чунин қайд кардан лозим аст, ки дар раванди бо кор таъминкунии хатмкунандагон бештар мутобиқшавии хатмкунандагон ба мутобиқшавии меҳнатӣ рост меояд.

Мутобиқшавии меҳнатӣ – ин ҷараёни иҷтимоии азхудкунии ҳолатҳои нави меҳнатӣ, ки дар фарқият аз муҳити биологӣ, шахсӣ ва меҳнатӣ ба якдигар таъсири назаррас расонида, системаи мутобиқ ва мутобиқшавандаро ифода мекунад [12, с.4]. Вақте ки, хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ ба кор шуруъ мекунанд муносибатҳои гуногуни касбӣ, меҳнатӣ, психологӣ, муносибатҳои мустаҳкам бо ташкилотҳои меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд ва меъёру арзишҳои навро дар раванди фаъолияти меҳнатӣ аз худ мекунанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти муассисаҳои таълимии муосир ин мутобиқсозии хатмкунандагон ба бозори меҳнат мебошад, ки чунин омилҳоро дар бар мегирад: ташаккули камолоти шахсӣ, омодагии ҷавонон ба худшиносӣ дар фаъолияти касбӣ, ҳамчунин қобилияти мутахассисони ҷавон барои самаранок амал кардан дар бозори меҳнат. Гузариш аз тақсимоти ҳатмии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ тақрибан ба набудани амнияти ҷойгоҳ

ҷавононро ба он водор мекунад, ки мустақилона мушкилоти шуғлро ҳал кунанд [16, с.1]. Дар ҳолати ба амал омадани чунин вазъият бояд ҳар як муасссисаи таълимӣ ба хамткунандагони худ, чиҳати таъмини шуғл ва роҳу воситаҳои ҳалли он мусоидат намуда, кӯмак намояд. Баробари ворид шудани ҷавонон ба ҷаҳони кор мушкилотҳо сади роҳ мегарданд, чунки ҷавонони замони муосир талаботҳои хеле гуногун ва баланд доранд. Ба андешаи мо яке аз воситаҳои муносиб дар самти шуғли хатмкунандагон ин технологияҳои муносиби мутобиқшавӣ ба бозори меҳнат дар пайдо кардан ва ба даст овардани ҷойи кори мувофиқ  вобаста ба касб ҳисоб меёбад.

Натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки надоштани малакаҳои зарурӣ, ба назар нагирифтани вазъи воқеии бозори меҳнат, нотавонии таҳлили тағйироти бозори меҳнат, баъзе амалҳои коррупсионӣ, надоштани фикру ақидаҳои лозимӣ дар бораи хадамотҳои шуғл барои хатмкунандагон як қатор мушкилотро пеш меорад.

Аз рӯйи ақидаи Юнаева Н.И омӯзгори коллеҷи политехникии шаҳри Саранск ва пешниҳоди ӯ ба муқаддимаи барномаи таълимӣ барои омодасозии донишҷӯён ворид карда шавад, курсҳои калони барномаи “Мутобиқсозии хамткунандагон дар бозори меҳнат”, ки барои ба даст овардани дониш, маҳорат ва малакаҳои аз ҷониби мутахассисони ҷавони оянда, дар ҳалли масъалаҳои шуғл ва мутобиқсозии хамткунандагон дар бозори меҳнат зарур аст, коркард кардан, сохтани мансаб, ба афзоиши рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат кӯмак мерасонад. Барои ташкили сармараноки раванди таълим дар ин низом пешниҳод карда мешавад, ки донишҷӯёнро бо маводи таълимӣ ва методӣ, дар шакли дастрас, муқаррароти асосии назариявӣ оид ба мавзуҳои таълимӣ ва тавсияҳои амалӣ, машқҳо, намунаи ҳуҷҷатҳо таъин намудан лозим аст. Ҳадаф аз таҳияи барномаи номбурда, нишон додани роҳҳои мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, вазифаҳои зеринро бояд ҳал кард:

1. Омӯзиши хусусиятҳо ва тамоюлҳои муосири бозори меҳнати  минтақавӣ, роҳнамоии касбӣ дар раванди таълим, технологияи шуғл.
2. Таҳия ва ворид намудан ба раванди барномаи таълимии “Мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат” [16, с.2].

Дар шароити навин яке аз мушкилоти нави иҷтимоӣ дар ҷомеа тоҷик ин раванди иҷтимоишавии мутахассисони ҷавон ба шумор меравад. Иҷтимоишавии мутахассисони ҷавон, аз ҷумла хатмкунандагон мушкилотро ба миён оварда, таҳлилу таҳияи ҷиддиро талаб мекунад. Бинобар ин талаботи ҷаҳони муосир ва шароити дигаргуншудаи сохтори ҷомеа, муассисҳои олӣ ва миёнаи касбиро водор сохтааст, ки пайваста таҷрибаи худро такмил диҳанд.

Инчунин ин ҷараён барои такмил додани ихтисоси мутахассисони оянда аҳамияти калон дорад, чунки азхудкунии меъёрҳои касбӣ, муоширати касбӣ тавассути раванди иҷтимоишавӣ амалӣ мегардад. Дар раванди таҳсил аслан ду давраи иҷтимоишавии мутахассисони ҷавон вуҷуд дорад; дохили донишгоҳӣ ва берун аз донишгоҳӣ. Давраи аввали иҷтимоишавии дохилӣ назоратшавнда ва давраи дуввум назоратнашавнда аст, чунки фаъолияти касбии мутахассис берун аз муассисаи касбӣ барои ташаккули касб ва фаъолияти касбӣ равона шудааст.

Давраи мутобиқшавии касбӣ ҳадафнок буда, аз қабули нақшаҳои нави иҷтимоӣ, вазифаҳои хусусияти касбӣ ва шомил шудан ба сохтори муносибатҳои байниҳамдигарӣ ҳалли масъалаҳои касбии педагогиро дар бар мегирад. Дар натиҷаи мутобиқшавии касбӣ тавозуни мувофиқи байни талаботе, ки ҷомеа нисбат ба онҳо мегузорад ба дастоварда мешавад. Мутобиқшавии касбӣ ба фаъолияти касбӣ, талабот,

меъёрҳо ва шароити кори касбӣ, вазъи иҷтимоӣ ва касбӣ, муносибатҳои арзишӣ дар ҷомеаи касбиро дар назар дорад [8, с.93-96].

Иҷтимоишавии касбӣ-меҳнатӣ яке аз қисмҳои таркибии тадқиқоти муосири сотсиологӣ мебошад. Ин ҷараён муайян мекунад, ки дурнамои ҳаракати муносибатҳои меҳнатӣ аз боло ба поён ва баръакс ҳаракат кунанд. Агентҳои асосии мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавӣ, меҳнат корфармо ва коллективи кормандони корхона ба ҳисоб мераванд. Барои омодакунии кадрҳо дар асоси эҳтиёҷоти иқтисодиёти мамлакат, инчунин таъмини бозори меҳнат бо ҷавонони соҳибихтиссос модели нави ин равандро сохтан лозим меояд.

Мураккабии моделсозии эҳтиёҷоти иқтисодиёти минтақаҳо ба кадрҳоро ба он шарҳ дода мешавад, ки рушди системаи иқтисодӣ дар гузариш ба модели инноватсионӣ хусусиятҳои худро дорад. Ин хусусиятҳо иборатанд аз:

1.Пайдоиши тағйироти сохторӣ дар параметрҳои талаботи иқисодиёт ба кадрҳои касбӣ. Дар натиҷаи фаъолгардонии равандҳои навсозӣ ва ворид намудани навгониҳо тағйирот дар сохтори истеҳсолот ва шуғл аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ ба назар мерасад. Дар бозори меҳнати минтақа талаботро ба сатҳи маълумот, касб ва ихтисос тағйир медиҳад. Таъмини мувозинати талабот ва пешниҳод боиси такмили ихтисоси кадрҳо дар системаи таълими касбӣ, пеш аз ҳама дар шароити талаботи номуайян дар касб ва ихтисоси нав ба миён меояд;

2.Мавҷудияти ақибмонии вақт миёни пайдоиши талабот ба кадрҳои касбӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва имконияти тайёр кардани онҳо аз ҷониби системаи минтақавии таҳсилоти касбӣ, мушкилоти пешгӯиро оиди сохтори касбӣ ва тахассуси кадрҳоро бо сабабҳои зерин душвор мегардонад. Якум, бинобар дар раванди тулонӣ тайёр кардани кадрҳои касбӣ ва имконнопазирии тасҳеҳи усулҳои аллакай баргузоршуда. Дуввум, бинобар дар давраи гуногун тайёр кардани мутахассисон дар сатҳи гуногун: дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) - 4-6 сол; дар муассисаҳои миёнаи касбӣ (ММК) - 3-4 сол. Аз сабаби талабот ба кадрҳои иқтисодӣ дошта, бояд пешакӣ аз ҳисоби кадрҳои касбӣ ба бозори меҳнат дохилшуда, системаи таҳсилоти минтақавӣ, андоза ва сохтори тахассусии ниёз ба кадрҳо ба андозаи зарури пур карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки таълими тағйирёбандаи иқисодиёт сари вақт гузаронида шуда, суръати афзоиши он ба сатҳи дахлдори рушди технологӣ таъмин карда шавад.

3.Сатҳи гуногуни раванди модернизатсия ва рушди инноватсионии иқтисодиёт аз рӯйи намудҳои фаъолитяи иқтисодӣ (НФИ), ҳамзамон боиси мавҷудияти сегментҳои минтақавии сатҳи гуногуни технологӣ (анъанавӣ, модернизатсионӣ ва инноватсионӣ), ташаккулдиҳандаи эҳтиёҷоти гуногун нисбат ба ҳайати касбӣ ва тахассусии коргарон (“барои иваз кардан”, иловагӣ барои суръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ; иловагӣ барои суръати навсозӣ; иловагӣ барои рушди навоварӣ) мешавад.

4.Тафовути шадиди минтақаҳои шаҳрӣ аз рӯи суръат, сатҳи рушд ва самтҳои махсусгардонии иқтисодиёт, аз ҷиҳати зичии аҳолӣ ва сатҳи ҳаёт, эҳтимолияти гирифтани натиҷаҳои пешгӯии эҳтиёҷоти кадрӣ дар сатҳи маълумоти шаҳрӣ, ба вуҷуд меорад, зеро аксари оморҳо ва иттиллои танзимӣ, ки ҳамчун параметр истифода мешаванд, пешгӯи дар сатҳи давлатӣ (минтақа) ва воситаҳои пешгӯии истифодашуда наметавонанд хусусияти асосии эҳтиёҷоти кадриро дар сатҳи шаҳрӣ инъикос кунанд [5, с.30-31].

Мизи мудаваре, ки дар соли 2004 ба хотири ҳалли мушкилоти афзоянда, аз ҷумла бекории ҷавонон дар қитъаҳои гуногуни олам гузаронида шуда буд, як қатор Стратегияҳоро дар амал татбиқ намуданд. Ҷаласаи гузаронидашуда тавсия дод, ки

сиёсати муваффақона ва барномаҳои ҷавононро ба назар гирифта, масъалаҳои баробарии гендерӣ ба инҳо нигаронида шуда буданд:

1. Андешидани чораҳо дар самти рушди имконоти ҷавононро ба шуғл фаро гирифтан ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат;
2. Ташкили чорабиниҳо дар самти бо ҷойи корӣ таъмин намудани ҷавонони имконияти маҳдуддошта ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд;
3. Андешидани чораҳои дахлдор дар самти таҳсили муосир, сифатнок ва рақобатпазирии ҷавонон;
4. Ташкил ва амсиласозии чорабиниҳо дар самти танзими муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, аз ҷумла ба талаботи бозори меҳнати минтақа мувофиқ намудани сатҳи тахассуси онҳо [1, с.12].
5. Фароҳам овардани мавқеъ ва имкониятҳо барои ҷавононе, ки бори аввал ба ҷаҳони кор ворид мешаванд, барои гирифтани чунин таҷриба, дастрасӣ ба ҷойи кори шоиста дар иқтисоди воқеӣ, тавассути гузаронидани таҷрибаомӯзии расмии тасдиқшуда ва омӯзонидани малакаҳои идоракунии одамон, пешниҳоди хадамоти шуғл оиди бо ҷойи кор таъминкунӣ дар чорчӯбаи шарикӣ миёни бахши хусусию давлатӣ ва мутобиқати тахассус бо талаботи ҷойи кор, инчунин татбиқи барномаи ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки ба талабот ва хусусиятҳои механизмҳои бозори меҳнатро пурра ба назар гирад;
6. Таъмин намудани таълими дастрас дар амалияи омодагии касбӣ, ки бо иштироки ҷавонон таҳия шудааст ва таҳсилоти иловагӣ ё мустақилона дошта, ҳамзамон расонидани кӯмкаи махсус ба ҷовонони бемаълумот дар пайдо кардан ва истифода кардани қобилият ва малакаҳои касбӣ, ки метавонанд рушди минбаъда ва барои бо кор таъмин шудани худ истифода барад. Аз ҷумла, малакаҳои мушаххас барои ба шуғл фаро гирифтан дар як қатор соҳаҳо муҳим ҳисобида мешаванд; малакаҳои ибтидоии соҳибкорӣ, малакаҳои асосии идоракунии молиявӣ, дастрасӣ ба иттилоот ва дониш ва идоракунии онҳо, банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳо, баҳогузорӣ ва натиҷаи ниҳоӣ ва андозагирии онҳо;
7. Беҳтар намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои ташаббусҳои шуғли ҷавонон;
8. Таъмини пурраи иштирок ва дастгирии шарикони институтсионалӣ, ба монанди шарикони дар Шабакаи шуғли ҷавонон иштироккунанда, инчунин тарафҳои манфиатдори ҳукумат ва ташкилотҳои маҳаллӣ, ки нақши ҷавононро дарк мекунанд ва дар байни онҳо тадбирҳо, дастурҳо ва маҷмӯи воситаҳои кумакунандаи ҷавононе, ки бо ҳукумат ва дигар шарикон дар таҳия, татбиқ, нақшаҳои амалии оид ба шуғли ҷавонон ва таҷдиди назар дар сатҳҳои гуногун кор мекунанд;
9. Тақвияти иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳои сиёсати макроиқтисодӣ, алалхусус дар самти шуғли ҷавонон, тавассути тақвияту мустаҳкамнамоии онҳо ва иштирок дар тарҳрезӣ ва татбиқи Шарикии нав барои рушд ва стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дигар нақшаҳои рушд;
10. Фароҳам овардани дастрасии васеъ ба иттилоот ва ҷалби ҷавонон ба раванди қабули қарорҳо, ки бевосита ба манфиатҳои онҳо таъсир мерасонад;
11. Хусусан ба мушкилоти шуғли ҷавонон дар минтақаҳои гуногун, аз ҷумла деҳот ва шаҳрҳо диққати махсус додан лозим аст;
12. Ҳалли мушкилоти торафт васеъпаҳншавандаи гендер- нобаробарӣ, ки вазъияти занонро дар ҳарду ҳолат; иқтисодиёти воқеӣ ва ғайрирасмӣ ногувор мекунад [6, с.61].

Тибқи кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат дар ҳалли мушкилоти соҳаи шуғли аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон кафолатҳои зиёдро додааст. Ба хотири ҳифз ва таъмини шуғли баробар ва додани имкониятҳои баробар ба шаҳрвандон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон дар асоси омоданамоии кадрҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ саъю талош намуда истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки дар доираи қонуни мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва бо кор таъминкунии ҷавонон Барномаҳои нави хизматрасонӣ, ҷойҳои нави корӣ, пардохтани қарзи корфармоён, ки ҷавононро ба кори иҷора мегиранд, таъмини ёрии моддӣ ба табақаи ҷавон, ки дар давоми таҳсил дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ таҳсил мекунанд ба замми он стипендияе, ки ҳар сари моҳ ба донишҷӯён дода мешавад. Илова бар ин лозим аст, ки дар ҳар як муассисаи таҳсилоти касбӣ, бояд роҳбаладӣ махсус бошад, то ин ки дар роҳнамоии касбии ҷавонон кӯмак расонад. Диқатти ҷиддиро ба соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии ҷавонон додан лозим аст, то ин ки дар ташкилоту корхонаҳои ватанӣ  ҷавонон бештар ба кор таъмин шаванд.

Дар беҳтар намудани сифати зиндагӣ, бехатарӣ, дастрасӣ ба илму фарҳанг, мусоидат намудан ба сатҳи маълумотнокии ин қишри ҷомеа омӯзгорону волидон, давлату ҳукумат, муҳити атроф саҳмгузор бошанд. Барномаҳое тасдиқ ва мавриди омӯзиш бояд қарор дода шаванд, ки ҷавонони бекор ва аз таҳсил дурмонда ба таълим фаро гирад. Дар назди Хадамоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ шуъбаи махсус таъсис дода шавад, ки ҳамасола шумораи хатмкунандагоне, ки муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбиро хатм мекунанд дар кадом вазъият қарор доштани онҳоро дар бар гирад, инчунин шумораи хатмкунандагоне, ки бо кор таъмин шудаанд ба маҷмӯаҳои солонаи Хадамоти давлатӣ дар соҳаи шуғл пешниҳод гарданд.

Муасисаҳои олӣ ва миёнаи касбиро лозим аст, ки Барномаи махсуси Таҷрибаи меҳнатро қабул намоянд ва ба ҷавонон пешинҳоди таҷрибаи меҳнатӣ, ки ба онҳо ҷӣ будани ҷойи кор ва ихтисоси касбиро омӯзанд, қабул намоянд. Ин гуна барномаҳо ба омӯзандагон ва хатмкунандагони коллеҷу муассисаҳои олӣ барои аз худ намудани таҷрибаи меҳнатӣ дар системаи ёрии шуғлмандӣ кӯмак мерасонад. Паҳлӯи дигари мусбии ин Барномаҳо аз он иборат аст, ки таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар ширкатҳои давлатӣ ва хусусӣ ба сифати таҷрибаомӯз аз дасти аввал сурат хоҳад гирифт. Вақте таҷрибаомӯзон дар чунин ширкатҳо фаъолият мекунанд онҳо метавонанд дар интихоби касби худ муваффақ шаванд, таҷрибаи кории хуб ҳосил намоянд ва аз ширкат ёрии пуллӣ ва ё моддӣ дастрас кунад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити муосир  ҷавононе, ки дар ҷустуҷӯи коранд ва ба таври доимӣ кор намеёбанд ниёз ба машваратҳои инфиродӣ дошта, дар бозори меҳнат шумораи онҳо меафзояд. Андешидани чунин чораҳо ва коркарди барномаҳо метавонанд  дар интихоби хуби ҷойи кор ва кам кардани бекории ҷавонон дар бозори меҳнат мусоидат намоянд. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, барномаҳои ба бозори меҳнат мусоидаткунанда дар беҳтар намудани фаъолияти шуғли ҷавонон саҳм мегузоранд.

Дар кадом ҳолат мо метавонем барои ҷалби ҷавонон ба кор ва кам кардани сатҳи камбизоатии ҷавонон ва талаботро афзун кардан ба қувваи корӣ ба муваффақият ноил гардем? Созмони Байналмилалии Меҳнат дар асоси тадқиқотҳои гузаронидаи охирин муайян намуд, ки "Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат" аз ҷиҳати иқтисодӣ ва стратегӣ барои шуғли ҷавонон дар замони кунунӣ аҳамияти мусоидаткунанда доранд. Инчунин ин Барномаҳо ҷиҳати барқарорсозии вазъи муътадил ва бартараф кардани маҳдудиятҳои иқтисодӣ аз вазъи ногувори шадиди, буҷаро ба низом медароранд.

Таҷрибаҳои гузаронидашуда исботи онанд, ки хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ пеш аз ҳама бояд гурӯҳҳои муайяни аҳолии бекор, камбизоатро дар бар гирад, яъне гурӯҳҳоеро, ки бештар ниёз ба дастгирию ҳифзи иҷтимоӣ доранд. Лекин дар хадамоти шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғли ҷавонони хатмкарда ва бозори меҳнати ин гурӯҳи ҷавонон маълумоти кофӣ дастрас нест.

Дар аксарияти кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Хадамоти шуғли аҳолӣ калиди асосии татбиқи стратегияҳо барои гузариши ҷавонон аз таҳсил ба кор мебошад. Масалан якчанд шарҳҳои охирин гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунад:

- Чунин ба назар мерасад, ки равишҳои шахсӣ ба машварат ва роҳбарӣ мутаасиртаранд, нисбат ба равишҳои умумӣ. Илова бар ин, машваратҳои инфиродӣ ва таъсиси нақшаи инфиродии шуғл дар аввали давраи бекорӣ воситаи муассири татбиқи стратегияҳои барқарорсозии ҷавонон мебошад. Роҳҳои идоракунии тиҷорат ва роҳнамоӣ низ натиҷаҳои хуб нишон додаанд;
- Системаи ихтисосҳо дар асоси бозори кории дақиқ, саривақтӣ ва маълумоти боэътимоди бозори меҳнат ва ба назар гирифтани тамоми вазъияти шахсӣ/ҳаётии мизоҷони ҷавон ва стратегияҳои ҳамгироии бозори меҳнатро самараноктар мекунад;
- Тарғибот ва таблиғот ба корфармоёне равона карда шавад, ки эҳтимолан ҷавонони камбизоатро ба кор қабул кунанд ё ба онҳо дар ҷойи кор омӯзишро пешниҳод кунанд. Он муносибати хуб бо тиҷорати маҳаллӣ ва робита бо корфармоён, корхонаҳои иҷтимоӣ ва бахши ихтиёриро дар бар мегирад.
- Дар мавриди таҳсил кардани ҷавонон дар муассисаи таълимӣ, омӯзиши ғайрирасмӣ, нисбат ба таҳсилоти расмӣ метавонад ҷиддитар бошад. Ҳамкорӣ дар муассисаи таълимӣ ва омӯзиши ҷойи корӣ эҳтимолияти натиҷаҳои мусбати бозори меҳнатро зиёд мекунад;
- Ҳангоми омӯзиши мақсаднок ва дурусти маблағгузорӣ (субсидия) барои омӯзиши ширкатҳое, ки ҷавонони камтаҷрибаро ба кор қабул мекунанд, метавонад мавқеи омӯзиши ҷойи корро барои ҷавонони камбизоат васеъ гардонад [15, с.57].

Созмони Байналмилалии Меҳнат муайян кардааст, ки дар ҷаҳон аксарияти ҷавононе, ки дар ҷустуҷӯи кор ва шуғл ба хадамотҳои шуғли аҳолӣ ва роҳнамоии касбӣ муроҷиат мекунанд ин ҷавонони Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ мебошанд. Воситаи дигари ҷалби ҷавонон ба кор ва таъмин намудани онҳо ба шуғли доимӣ ин кумакпулӣ ба маоши ҳадди ақали музди меҳнат ба шумор меравад. Дар баробари ин метавонад афзоишро ба талаботи қувваи корӣ дар бозори меҳнат зиёд намуда, ба коргарони ҷавон кӯмаки моддӣ расонад.  Маблағ ҷудо кардан ба (субсидия) музди меҳнат ба мушкилии раванди меҳнат мусоидат намуда, гузариши ҷавононро аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ва коҳиши қувваи кориро дар бозори меҳнат кам мекунад.

Додани афзалияти миллӣ ба шуғли ҷавонон ифодагари он аст, ки сиёсати ҳамтарафаи рӯзномаи маҷлисҳо, аз ҷумлаи чаҳорчӯбаҳо ва нақшаҳои миллии рушд, маҷмӯи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба ҳали мушкилоти шуғли ҷавонон ва муайян кардани ҳадафҳои мушаххас нигаронида шудааст. Ин бартарият ифодакунандаи роҳи муайян кардани ҳадафҳои аслӣ, натиҷаҳои андозашавандаи сиёсат ва натиҷҳои интизоршаванда аст [15, с.30]. Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат дар самти сиёсати ҷавонон ва бозори меҳнат метавонанд мушкилоти ҷавононро то дараҷаи лозими осон гардонад. Аз ин рӯ, ворид шудани онҳо ба бозори меҳнат афзалиятҳои дигар низ дорад. Созмони Байналмилалии Меҳнат дар асоси тадқиқотҳои худ муайян намудааст, ки таъсири бозори меҳнат ба рушд, баробарии иҷтимоӣ ва ҳамгироии ҷавонон мусоидати

фаъол дорад. Дар баробари ин дар аксари кишварҳои ҷаҳон ҷавонон воситаи асосӣ ва баҳрабарандагони барномаҳои фаъоли бозори меҳнат ба ҳисоб меравconfigured.

Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат инструменти (асбоби) муҳими коҳиш додан ва барҳам задани шуғли ҷавонон аз буҳронҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошад. Сиёсати барномаҳои фаъоли бозори меҳнат яке аз дахолаткунандаи микроиқтисодӣ арзёбӣ карда мешавад. Тибқи нишодиҳандаҳои кишварҳои аъзои Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд Барномаҳои фаъоли иқтисодӣ канали асосии барҳам задани буҳрони шуғл мебошад. Аксари ин гуна тадбирҳо, аз ҷумла Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат сабукӣ ва беҳбуд бахшидан ба гуруҳҳои гуногуни ҷавонон нигаронида шудаанд. Аз чорабиниҳо ва тадбирҳо сар карда, кӯмакпулӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии корфармоён ба кор таъмин нумудани ҷавонон, бевосита ташкили шуғли аҳолӣ ва барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ иборат аст.

Хулоса, бо мақсади фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ ба шуғли доимӣ системаи тарҳрезишуда, яъне (моделирование) бояд ҷавобгӯи талабот ва мутобиқсозандаи ҷавонон дар ин самт бошад. Дар радифи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба таври дуруст тарҳсозии шуғли ҷавонон, тарзи ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии мутахассисони ҷавонро дигаргун сохта, кафолати онҳоро ба фаъолияти меҳнатӣ ба таври куллӣ тағйир медиҳад. Аз ин рӯ, истифодаи қувваи кории ҷавон раванди истеҳсолотро дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ метезонад. Баланд бардоштани музди маош дар шароити имрӯза модели хуби ҷалби ҷавонон ба шуғл маҳсуб меёбад. Ташкил намудани Барномаҳои мукаммал ва мақсаднок дар ташаккул ва омодагии оқилонаи қувваҳои корӣ дар иқтисодиёт таъсири назаррас мегузорад.

**Адабиёт**


1. Барномаи милли рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои- 2016-2018.с-2016.
2. Баскаков Ю. //Проблемы занятости и безработицы. –СПб., -1997
3. Гендлер Г. Цена труда и заработная плата. Гендлер Г., Ведерникова Н. //Человек и труд. -2000.
4. Корнаи Я. Дефицит. Гл. //Занятость. –М., -1990.
5. Лейбовича А.Н. Эффективные методы прогнозирования кадровых потребностей рынка труда для формирования регионального заказа на подготовку кадров: сб. докл. предисл. //А.Н. Лейбовича. – М.: Федеральный институт развития образования,- 2016. -117 с.
6. Молодежь: пути к достойному труду Доклад VI: Содействие занятости молодежи ответ на вызов., Шестой пункт повестки дня., Международное бюро труда Женева: //Международная конференция труда, 93-я сессия -2005 г.-114 с.
7. Риз А. Экономика занятости и оплаты труда. //Нью-Йорк, -1987.
8. Садырин В.В. Профессиональная социализация выпускников педагогических вузов на основе использования современных технологий сетевого взаимодействия [Текст]: коллективная монография //Садырин В.В, Н.О. Яковлева, Л.В. Трубайчук, З.И. Тюмасева [и др.]; под общей ред. В.В. Садырина. – Челябинск: Из-во Чел. гос. пед. ун-та, -2013. -294 с.
9. Салахутдиновой Р. Х. Труд молодежи в XXI веке: вызовы и возможности. Диалог поколений. Материалы Петербургского международного молодежного форума труда — 2017. Санкт-Петербург, 14 марта 2017 г. / под ред. //Р. Х. Салахутдиновой, М. С. Касабуцкой. — СПб.: Изд-во Санкт-Петерб. ун-та, -2018.С-3. -314 с.

10. Саруханов Э. Рынок труда и рынок занятости: противоречия определения и трактовки: //Саруханов Э Человек и труд. -1995.
11. Фролов В. Формирование региональной политики занятости. //Фролов В. Человек и труд.-1994.
12. Шалаева Н.В. Адаптация выпускников на рынке труда: краткий курс лекций для студентов 4 курса всех направлений подготовки бакалавриата / Сост.: //Н.В. Шалаева, С.С. Шалаева, И.А. Ножкина и др. // ФГБОУ ВО «Саратовский ГАУ». – Саратов, -2016. -77 с.
13. Шуғл дар шароити рушди инсон;.Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсон дар солҳои 2008-2009. //Душанбе – 2010. -154 с.
14. Rising to the youth employment challenge: New evidence on key policy issues/ Niall O'Higgins; //International Labour Office – Geneva: ILO, 2017.234 c.
15. The youth employment crisis: Time for action Fifth item on the agenda., International Labour Conference, 101st Session, 2012.Report V., //International Labour Office Geneva. First edition 2012. 116 c.
16. http://gouspt.ru/wp-content/uploads/ адаптация -Юнаевана- конференцию.pdf. // [Маводи электронӣ] (Санаи истифодабарӣ:13.06.2021).

## МОДЕЛИРОВАНИЕ СИСТЕМЫ ТРУДОУСТРОЙСТВА ВЫПУСКНИКОВ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА

**ГУЛОВ РАХМОНАЛИ БОБОХОНОВИЧ,**
докторант (Ph.D) Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.:(+992) 939-29-10-35. E-mail: rahmonaligulov1@gmail.com

*В данной статье рассматривается вопрос о современной системе образования и моделировании трудоустройства выпускников профессионального образования. Автор отмечает, что разработанная система трудоустройства выпускников учреждений профессионального образования является современной и инновационной мерой в этой сфере. Укрепление сотрудничества между правительственными и неправительственными организациями и предприятиями в текущих условиях, а также между работодателями и рабочей силой является еще одной подходящей моделью в этом процессе. Обеспечение квалифицированными кадрами является задачей национальной политики в экономике каждой страны. Правительству республики необходимо быть готовым разработать меры и стимулировать молодежь к трудоустройству, принимая во внимание все политические, социальные, экономические, трудовые и образовательные процессы.*

*Следует отметить, что вопрос обучения и перехода молодежи от учебой к трудовой деятельности также освещается в переговорах и данных Международной организации труда, так как в настоящее время, с появлением сопротивлений и противоречий в современном мире, молодое поколение является единственной силой, способной противостоять этим глобальным вызовам, и обеспечить развитие себя и страны. Сегодня молодые люди живут и работают в то время, когда наряду с созданием благоприятных условий для их развития существует ряд проблем, в том числе проблема трудоустройства. Исходя из этого, правительство страны принимает необходимые меры для решения стоящих перед ним задач и содействия в преодолении этих проблем и развитии молодежи. Для решения проблемы занятости молодежи в то же время необходимо принимать различные меры в экономике страны.*

***Ключевые слова***: *моделирование системы занятости, молодежь, глобальные конфликты, рынок труда, проблемы занятости, сектор экономики, экономические процессы, стимулирование молодежи.*

# MODELING THE SYSTEM OF EMPLOYMENT OF GRADUATES OF VOCATIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN TAJIKISTAN

**GULOV RAKHMONALI BOBOKHONOVICH,**
Doctoral student (Ph.D) of the
Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone :(+992) 939-29-10-35. E-mail: rahmonaligulov1@gmail.com

*This article discusses the issue on the modern system of education and modeling the employment of graduates of vocational education. The author notes that the developed system of employment of graduates of vocational education institutions is a modern and innovative measure in this area. Strengthening cooperation between governmental and non-governmental organizations and enterprises in the current conditions, as well as between employers and the labor force, is another suitable model in this process. The provision of qualified personnel is the objective of national policy in the economy of each country. The government of the republic needs to be ready to develop measures and encourage young people to find employment, taking into account all political, social, economic, labor and educational processes.*

*It should be noted that the issue of education and the transition of young people from school to work is also highlighted in the negotiations and data of the International Labor Organization, as at present, with the emergence of resistance and contradictions in the modern world, the young generation is the only force capable of confronting these global challenges, and ensure the development of both themselves and the country. Today young people live and work at a time when, along with the creation of favorable conditions for their development, they are hampered by a number of problems, including problem of employment. Based on this, the government of the country is taking the necessary measures to meet the challenges they face and to assist to overcome these problems and develop young people. To solve the problem of youth employment, at the same time, it is necessary to take various measures in the country's economy.*

***Key words:*** *modeling of the employment system, youth, global conflicts, labor market, employment problems, sector of the economy, economic processes, youth motivation.*

**УДК: ТДУ 338.45 (575.3)**

# РУШДИ САНОАТИ ТОҶИКИСТОН ТАВАССУТИ БЕҲТАРНАМОИИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

**ҚУВАТЗОДА ҲАСАНИ АКРАМ,**
муаллими калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш.Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел.:(+992) 988-88-57-50.
**МИРСАРВАРЗОДА ФИРДАВС МИРҲАЙДАР,**
ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.:(+992) 988-67-73-73. E-mail:misarvarzoda01@mail.ru

*Дар мақола оиди ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи саноат мулоҳизаронӣ шудааст. Масъалаҳо ва афзалияти рушди иқтисодиёт дар соҳаи саноат тариқи ҷадвал дарҷ гардида, барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ назарияҳо пешниҳод шудааст.*

*Муаллифон истифодаи сармоягузориҳои ватаниву хориҷиро ба рушди иқтидори содиротии мамлакат, тавсиаи истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, баланд бардоштани сатҳи техникию технологии истеҳсолот, сифат ва рақобатпазирии маҳсулот мулоҳизаронӣ намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, сармоягузории мустақим, саноат, рушди иқтисодӣ, стратегияи миллии рушд, истиқлолияти энергетикӣ, саноатчиёни кишвар, ҳадафи чаҳорум, масъалаҳо, афзалиятҳо.*

Сармоягузорӣ яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти кишвар ба шумор рафта, сармоягузорон муҳаррики ассосии  пешравии рушди соҳаҳои мухталифи кишвар ба шумор меравaнд. Тавре аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар бармеояд: «Мо инкишофи устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем»[1].

Тибқи манбаъҳои сармоягузорӣ, сармоягузориҳои хусусӣ, давлатӣ, хориҷӣ ва омехта мавҷуданд. Сармоягузориҳои хусусиро шахсони алоҳида ё корхонаю ташкилотҳои моликияти ғайридавлатӣ мегузаронанд. Сармоягузориҳои давлатӣ ин сармоягузориҳое мебошанд, ки мақомоти давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ аз ҳисоби буҷа, фондҳои берун аз буҷет ва маблағҳои қарзӣ татбиқ мекунанд. Дар шароити иқтисоди кушода шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар кишварҳо, инчунин давлатҳои хориҷӣ метавонанд ба иқтисодиёти як кишвар сармоягузорӣ номоянд. Инҳо сармоягузориҳои хориҷӣ мебошанд. Сармоягузорӣ дар рушди соҳаҳои алоҳида аз ҷониби субъектҳои гуногун дар асоси саҳмия ё дигар маблағҳои молияви пешниҳод карда мешаванд. Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар байни соҳаҳои иқтисоди миллӣ саноат мавқеи хосаро ишғол намуда, ба сармоягузорӣ  ниёз дорад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2019- ум, 607,1 млн.доллари ИМА ташкил додааст, ки аз он 345,9млн. доллари ИМА сармоягузориҳои мустақим ва

261,2млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд. Сармояи мустақим ассосан ба соҳаҳои саноати коркард – 49,2млн. дол.ИМА(14,2%) саноати истихроҷи маъдан – 231,7 млн.дол. ИМА (2,5%), нақлиёт ва алоқа – 36,4млн.дол. ИМА(10,5%), саноати сохтмон – 2,7 млн.дол.ИМА(0,8%). Дигар намуди сармоя аз ҷумла, қарзҳо ба соҳаи саноат – 1,6 млн.доллари ИМА(0,6%) равона гардидаанд. [7]

Бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷалби сармояи мустақим ба вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти назоратӣ супориш дода мешавад, ки барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аз аудити ҳарсолаи ҳатмӣ гузаштани субъектҳои дорои манфиати умум ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ чораҳои бетаъхир андешанд.[2]

Танҳо дар соли 2020, 29 созишномаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 10 миллиард сомонӣ ба имзо расонида шуд, ки барои беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, бунёди иншооти соҳаи маориф, рушди деҳот, сохтмону барқарорсозии роҳҳо ва иншооти энергетикӣ равона гардидааст. [2]

Дар ҷараёни ислоҳоти соҳаи саноат тӯли солҳои охир барномаҳои рушди соҳаҳои ҷудогона, аз қабили барномаҳои истихроҷу коркарди сангҳо ва металҳои киматбаҳо, рушди саноатӣ сабук, коркарди пурраи нахи пахта ва ғайра қабул шудаанд, ки ин барои самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ хело муҳим мебошад.

Барои баланд бардоштани рушди иқтисодиёти кишвар ва беҳтар намудани фазои сармоягузории ватаниву хориҷӣ аз тарафи Ҳукумати кишвар, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тасдиқ гардидааст. Дар Стратегия масъалаҳои махсуси бахши воқеии иқтисодиёт ва афзалиятҳои махсуси рушди бахши воқеии иқтисодиёт дар соҳаи саноат пешниҳод гардидааст, ки дар нақша оварда шуда аст.

| **Масъалаҳои махсуси бахши воқеии иқтисодиёт дар соҳаи саноат** | **Афзалиятҳои махсуси рушди бахши воқеии иқтисодиёт дар соҳаи саноат** |
|---|---|
| ❖ номукаммал будани низоми андозбандӣ ва рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молиявию қарзии фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ; | ❖ баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва занҷири арзиши иловашудаи соҳаҳои саноатӣ; |
| ❖ сатҳи пасти ҳамкориҳои дохилисоҳавӣ, байнисоҳавию байниминтақавӣ ва ҳамгироӣ, рушд наёфтани муносибатҳои кластерӣ; | ❖ афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ, ки дар бозорҳои дохилӣ ва беруна рақобатпазир мебошад; |
| ❖ сифати пасти маҳсулот, талаботи зиёд доштан ба истифодаи неру, меҳнат ва масолеҳ ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, ки сатҳи пасти рақобатпазирии онро пешакӣ муайян мекунад; | ❖ ташкили низоми самараноки тайёр намудани мутахассисоне, ки дорои қобилияти офаридан ва азхудкунии технологияҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ мебошанд; |
| ❖ номукаммал будани механизмҳои идоракунии партовҳои истеҳсолоти саноатӣ | ❖ бунёди асосҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи соҳаҳои саноат, |

| | |
|---|---|
| | ташкили кластерҳои инноватсионӣ ва пурмаҳсул. |
| | ❖ мусоидат ба рушди содирот ва низоми миллии воридотивазкунии интихобӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи комплекси агросаноатӣ (коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ва зиёд кардани истеҳсоли он), соҳаи сохтмон, саноати сабук ва хӯрокворӣ |

Сарчашма: маълумотҳои стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ҷалби сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки кишвар маҳсуб меёбад. Дар шароити муосир, соҳаи саноат бо дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол боло рафта истодааст.

Тоҷикистон дорои захираҳои бойи маъданиву ғайримаъданӣ, аз қабили металлҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо, нодир, сангҳои худҷило ва ороишӣ, ангишт ва монанди инҳо мебошад, ки ҳаҷми тасдиқшудаи онҳо садҳо миллиард сомониро ташкил медиҳад. **[2]**

Имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 600 кон ва 800 зуҳурот кашф ва омӯхта шудааст, ки дорои зиёда аз 60 навъи ашёи хоми маъданиву ғайримаъданӣ мебошад. Ҳоло ҳамагӣ 27 фоизи захираҳои зикршуда истихроҷ ва коркард шуда истодааст, ки чунин ҳолат барои расидан ба ҳадафи чаҳоруми стратегии мо қонеъкунанда нест. Ҷиҳати рушди саноати маъдан ва дигар соҳаҳои саноати коркард ба Саридораи геология якҷо бо вазорату идораҳои марбута супориш дода мешавад, ки дар асоси таҳлили захираҳо ва дараҷаи омӯзиши геологии онҳо лоиҳаи Барномаи давлатии рушди соҳаи геологиро барои солҳои 2021 – 2030 таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд. **[2]**

Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда буд. Танҳо соли 2020, 300 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо зиёда аз 6500 ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шуданд. Дар натиҷа соли гузашта шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2274 расида, тибқи ҳадафҳои муайянгардида дар ҳафт соли оянда ба зиёда аз 3500 расонида мешавад, яъне беш аз 54 фоиз афзоиш меёбад. **[2]**

Чи тавре дар боло қайд карда шуд соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ – 358 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда буд, имрӯз ин теъдод танҳо соли 2020 - ум ба 300 корхонаҳои саноатӣ расидааст. Ҳадафҳои пешгирифтаи ҷаноби олӣ бо маром ва натиҷабахш буда, барои рушди соҳаи саноат ва зиёд намудани ҳаҷми корхонаҳои саноатӣ ҳадафнок мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати ҳалли мушкилоти соҳаи энергетика ва рушди он 34 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 57,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст. Дар ин давра зиёда аз 2000 мегаватт иқтидорҳои нав ба кор андохта, ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ, соли 1991, 17 миллиард киловатт – соат, дар соли 2019 ба 21 миллиард киловатт – соат афзоиш дода шуд.[2]

Истиқлолияти энергетикӣ – боиси баландравии рушди соҳаи саноат ва иқтисодиёти кишвар мансуб меёбад, бинобар ин, ҷалби сармоя дар ин самт манфиатнок ва натиҷабахш мебошад. Роҳе аз ҳама баланд кардани ҳаҷми нерӯи барқ, ба роҳ мондани сармоягузорӣ мебошад. Дар Паёми навбатиашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар

қайд карданд: “Ҳоло дар ин самт боз 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 16,4 миллиард сомонӣ татбиқ гардида истодааст”.

Бо дарназардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад. Хотиррасон менамоям, ки пешрафти ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад.




Саноатчиёни кишвар дар соли 2019 дар самтҳои гуногуни саноат фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 27 миллиарду 586,6 млн сомонӣ расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 3 млрд 809,4 млн сомонӣ зиёд гардида, суръати афзоиш 113,6 фоизро ташкил дод. Қайд гардид, ки соли 2019, 256 корхонаҳои азими саноатӣ фаъолияти худро бо афзоиш ҷамбаст намуда, ба маблағи 14,6 млрд сомони маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуданд, ки аз ин ҳисоб нисбат ба соли 2018 ба маблағи 4,6 млрд сомонӣ зиёд гардидааст. [9]

Аксарияти корхонаҳои саноатӣ бинобар набудани сармоя, имконияти гузаштан ба рушди инноватсионӣ надоранд. Сармоягузории нокофӣ ин боиси қафомонии соҳаи саноат ва фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аҳамияти махсус дода, барои ҷалби сармоя диққати ҷидди дода истодааст.

Тибқи таҳлили соҳаи саноати шаҳри Душанбе дар моҳҳои январ-августи соли 2019 аз ҷониби 455 адад корхонаҳои истеҳсолӣ бо дарназардошти субъектҳои соҳибкорӣ ба маблағи 1644745,4 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-августи соли 2018 ба маблағи 285313,0 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 118,8 фоизро ташкил додааст.




Сарчашма: маълумотҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе – сайт - dushanbe.tj

Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар вобаста ба таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ иброз доштанд: « Аз соли 2013 то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ 17 созишнома оид ба сармоягузории мустақим ба имзо расонида шудааст, ки дар доираи онҳо 15 корхонаи нави истеҳсолӣ ба маблағи умумии зиёда аз 10 миллиард сомонӣ бунёд гардида, беш аз ҳафт ҳазор нафар сокинони мамлакат бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда шудаанд. Дар робита ба ин, зарур аст, ки корҳо дар самти бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва дорусозӣ вусъат бахшида шаванд. »[2]

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати ҳалли мушкилоти соҳаи энергетика ва рушди он 34 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 57,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст. Ҳоло дар ин самт боз 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 16,4 миллиард сомонӣ татбиқ гардида истодааст. [2]

Дар робита ба ин, ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода мешавад, ки бо мақсади таъмин намудани рушди саноати дорусозӣ ва омода кардани мутахассисони дорои малакаи баланди истифодаи технологияҳои муосири дорусозӣ тадбирҳои фаврӣ ва мушаххас андешанд. [2]

Таъмини фаъолияти муътадили соҳаи саноат ва рушди устувори он яке аз вазифаҳои аввалин дараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин, тӯли солҳои охир соҳаи саноати мамлакат ҳамчун соҳаи стратегии иқтисодиёти мамлакат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст. Дар шароити имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби қарзҳои дарозмуддат, инчунин грантҳои институтҳои молиявии ҷаҳонӣ ва маблағҳои корхонаҳои калонтарини саноатӣ ҷумҳурӣ чораҳои зарӯрӣ роҳандозӣ намуда, барои маблағгузорӣ тамоми шароитҳоро

фароҳам сохта, расидан ба натиҷаи дилхоҳ тамоми имкониятҳоро истифода намояд.

Имрӯз барои ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, рушди сармоягузории ватаниро низ боло бардоштан лозим, чунки сармоягузориҳои дохили камтар ба назар гирифта мешаванд. Тавассути сармоягузории ватанӣ каме ҳам бошад, мо метавонем, як корхонаи хурд таъсис диҳем, ин ҳам барои рушди иқтисод фоидаовар мебошад. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ мардум ба ноустувории иқтисодӣ назар мекунанд, аз ин лиҳоз, бояд боэътимодӣ ва бехатарии пасандозҳо кафолат дода шавад, то мардум пасандозҳои кардаи худро ба сармоягузорӣ пешниҳод намоянд. Рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳаи саноат вобастагии калон дорад. Дар аксар кишварҳои тараққикарда рушди саноатро ба воситаи сармоягузорӣ натиҷабахш номидаанд.

Барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон таҳияи барномаҳои давлатии дастгирии субъектҳои хоҷагидорӣ зарур аст, ки дар оянда метавонанд ба беҳтар шудани дурнамои вазъи иқтисодии кишвар мусоидат кунанд. Барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалли маҷмӯи вазифаҳои стратегӣ зарур аст. Дар баробари ин, тақвияти сармоягузории корхонаҳо тавассути идоракунии самарабахши онҳо муҳим мебошад. Инчунин истифодаи усулҳои нав, ҳам дар сиёсати амортизатсия ва ҳам дар системаи андозбандӣ дар корхонаҳои саноати сабук мувофиқи мақсад аст.

Хулоса, Тоҷикистон масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, пешрафти бахшҳои воқеи иқтисодиётро дар мадди аввали ҳадафи чаҳоруми стратегикунонии худ қарор додааст. Саноат муҳимтарин соҳаи бахши воқеии иқтисодиёт буда, имконияти содиротӣ ва сатҳи рақобатпазирии миллиро таъмин месозад. Дар замони муосир давлат эҳёи раванди индустриаликунонӣ ва рушди соҳаи саноатро ҳадафи чаҳоруми стратегикунонӣ номида, барои ноил гаштан ба ин ҳадаф, дар сатҳи баланд, ҷалб кардани сармоягузориро муҳим ва зарур мешуморад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар -20-январи соли 2016.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
4. Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015.
5. Маълумот оид ба рафти татбиқи лоиҳаҳои бахши саноат с.2011.
6. Нашрияҳои Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Энергетика ва саноат», солҳои 2005, 2006, 2007, 2008, 2011.
7. https://investcom.tj – сайти Агентии Омори назди Президенити Ҷ.Т.
8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, сайти интернетӣ - https://dushanbe.tj/promyshlennost
9. https://tg.wikipedia.org – Иқтисоди Тоҷикистон


## РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННОЙ ТАДЖИКИСТАНА ПОСРЕДСТВОМ УЛУЧШЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОГО КЛИМАТА

**КУВАТЗОДА ХАСАНИ АКРАМ,**
старший преподаватель кафедры государственное
управление и национальной экономики
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, город Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+ 992) 988-88-57-50
**МИРСАРВАРЗОДА ФИРДАВС МИРХАЙДАР,**
Ассистент кафедры управления государственными финансами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, город Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+ 992) 988-67-73-73. E-mail: misarvarzoda01@mail.ru

*В статье рассматривается привлечение инвестиций в промышленный сектор. В таблице приведены проблемы и приоритеты экономического развития промышленного сектора и предложены теории повышения конкурентоспособности промышленных предприятий.*

*Авторы рассматривает использование отечественных и зарубежных инвестиций в развитие экспортного потенциала страны, расширение импортозамещающего производства, повышение технического и технологического уровня производства, качества и конкурентоспособности продукции.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, прямые инвестиции, промышленность, экономическое развитие, национальная стратегия развития, энергетическая независимость, промышленники страны, четвертая цель, проблемы, приоритеты.*

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE INDUSTRIAL SPHERE OF TAJIKISTAN THROUGH IMPROVEMENT OF THE INVESTMENT CLIMATE

**KUVATZODA HASANI AKRAM,**
Senior Lecturer of the Department of
Public Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+ 992) 988-88-57-50
**MIRSARVARZODA FIRDAVS MIRHAYDAR,**
Assistant of State Finance Management Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone:(+992)988-67-73-73. E-mail: misarvarzoda01@mail.ru

*The article discusses the attraction of investment into the industrial sector. The table lists the problems and priorities of the economic development of the industrial sector and proposes theories for increasing the competitiveness of industrial enterprises.*

*The author examines the use of domestic and foreign investments in the development of the country's export potential, the expansion of import-substituting industries, an increase in the technical and technological level of production, product quality and competitiveness.*

***Key words:*** *investments, direct investments, industry, economic development, national development strategy, energy independence, industrialists of the country, the fourth goal, problems, priorities.*

УДК: 337.45 (573.3)

# ТАМОЮЛГИРИҲОИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

**САМИЕВА МЕҲРАНГЕЗ БОБОЕВНА,**
унвонҷуйи кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 888-83-01-20

*Сиёсати иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳимми танзими давлатии иқтисодиёт мебошад. Он ҷузъи асосӣ ва бунёдии сиёсати дохилии давлат буда, ба таъмини некуаҳволӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шаҳрвандон ва дар маҷмуъ, ҷомеа нигаронида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад.*

*Дар ин замина муаллиф дар мақолаи мазкур кӯшидааст, ки шарҳу тавзеҳи ибораи сиёсати иҷтимоӣ, моделҳои пешниҳодкардаи иқтисодшиносонро дар консепсияҳои муосири илмӣ шарҳу тавзеҳ дода, нақши давлатро дар тартиби танзим ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон диҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати иҷтимоӣ, некуаҳволӣ, сатҳи зиндагӣ, шароити иқтисодӣ, манбаҳои даромад, нобаробариҳои иҷтимоӣ, қувваи коргарӣ, ҳосилнокии меҳнат, дараҷаи маълумотнокӣ, касбият, захираҳои меҳнатӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва ғайра*.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад **[4, с.4.]** Аҳамияти сиёсати иҷтимоии давлатро сатҳи таъсири он ба равандҳои такрористеҳсолкунии қувваи коргарӣ, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, дараҷаи маълумотнокӣ ва касбияти захираҳои меҳнатӣ, дараҷаи тараққиёти илмию техникии қувваҳои истехсолкунанда, ҳаёти фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа муайян менамояд. Сиёсати иҷтимоӣ, ки ба беҳтар намудани шароити меҳнату маишат, инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш равона карда шудааст, афзоиши бемориҳоро кам мекунад ва бо ҳамин ба кам шудани талафоти иқтисодӣ дар истеҳсолот таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Илм ва таъминоти ҷомеа ва ниҳодҳои илмӣ, ки дурнамои рушди иқтисоди кишварро дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди инноватсионӣ муайян мекунанд, низ ҷузъи ҷудоинопазир ва афзалиятноки соҳаи иҷтимоӣ буда, рушду самаранокии онҳоро дар доираи сиёсати иҷтимоӣ танзим мекунад.

Соҳаи иҷтимоӣ на танҳо равандҳои бо кор таъмин намудани аҳолиро ба танзим медарорад, балки бевосита муҳити татбиқи қувваи мехнат буда, ҳазорон нафар одамони мамлакатро бо кор таъмин менамояд.

Нобаробарӣ дар тақсимоти даромадро фиаско (нобаробарӣ, нокомӣ)-и бозор номидан мумкин нест. Аммо нобаробарии аз ҳад зиёд ноодилона ҳисобида мешавад ва боиси ноустувории соҳаи иҷтимоӣ мегардад. Сиёсати иҷтимоии давлат - ин амали ҳукумат мебошад, ки ба тақсим ва аз нав тақсимоти даромади аъзо ва гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа равона шудааст. Ба ибораи дигар, ин яке аз самтҳои танзими макроиқтисодист, ки барои таъмини суботи иҷтимоии ҷомеа ва фароҳам овардани як «шароити ибтидоӣ» барои шаҳрвандони кишвар пешбинӣ шудааст.

Фарқияти байни тақсимоти функсионалӣ ва шахсии даромад маъмул аст. Функсионалӣ – тақсимоти даромади миллиро байни соҳибони омилҳои гуногуни истеҳсолот (меҳнат, сармоя, замин) ифода мекунад. Як кисми «ҳиссаи миллӣ» ба музди кор, фоиз, даромади иҷора, фоида рост меояд. Шахсӣ - тақсимоти даромади миллӣ дар байни шаҳрвандони кишвар, сарфи назар аз соҳибони кадом омилҳои истеҳсолот мебошад. Як кисми даромади миллиро (бо хисоби пул) масалан, 10 фоизи камбағалтарин

ва 10 фоизи оилаҳои бойтарин мегиранд. Дар робита ба ин, як қатор консепсияҳои одилонаи тақсимоти даромадро, ки дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуданд **[1,2,3,9]**, мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

Якум - консепсияи баробарӣ - тақсимоти баробарҳуқуқии даромадро одилона мешуморад, яъне тақсимоти баробар байни одамоне, ки саҳми якхела доранд.

Дуюм – консепсияи утилитарӣ – чунин тақсимоти даромадро одилона мешуморад, ки дар он неъматҳои иҷтимоӣ ба ҳадди аксар расонида мешавад, ки бо маҷмӯи фоидаҳои инфиродии ҳамаи аъзои ҷомеа ифода меёбад.

Сеюм - консепсияи роулсианӣ - тақсимоте, ки некӯаҳволии аъзои камбизоати ҷомеаро ба ҳадди аксар мерасонад, одилона ҳисобида мешавад. Муносибати Ҷ.Роулс чунин маъно дорад, ки тақсимоти одилонаи даромад танҳо ба некуаҳволии шахси камбизоаттарин вобаста аст. Ба гуфтаи Роулс, некуаҳволии ҷамъиятӣ танҳо дар сурате беҳтар мешавад, ки дараҷаи некуаҳволии шахси камтаъминшуда баланд шавад.

Чаҳорум – консепсияи бозор – тақсимоти одилонаи даромадро дар асоси бозии озоди нархҳои бозорӣ, механизми рақобатии талабот ва пешниҳоди омилҳои истеҳсолот баррасӣ мекунад. Охирин мафҳумҳо давлатро маҷбур мекунад, ки ба раванди азнавтақсимкунии даромад дахолат кунад, зеро манфиатҳо дар иқтисоди бозори озод танҳо ба онҳое мерасад, ки «раъйи пулӣ» доранд.

Дар воқеъ, сиёсати иҷтимоӣ қисми таркибии стратегияи умумии давлат ба ҳисоб рафта, ба соҳаи иҷтимоӣ алоқаманд мебошад ва ба андешаи мо, дорои вазифаҳои зерин аст:

- фаъолияти мақсаднок оид ба таҳия ва татбиқи қарорҳое, ки бевосита ба шахс, мавқеи ӯ дар ҷомеа алоқаманданд;
- бо назардошти хусусиятҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолии ҷумҳурӣ ба ӯ додани кафолатҳои иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоии пешгирифтаи ҳукумат, тамоми шохаҳо ва мақомот бо такя ба дастгирии васеи ҷомеа, ҷамъоварӣ, тамаркуз, инъикоси вазъият, талабот ва мақсадҳои тараққиёти ҷамъиятро дар назар дорад.

Шаклҳои гуногуни татбиқи сиёсати иҷтимоӣ мавҷуданд. Яке аз чунин шаклҳои асосӣ расондани хизмати маишӣ мебошад. Объекти хизматрасонии иҷтимоӣ метавонад ҳам гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ (одатан дорои мушкилоти муайяни иҷтимоӣ), ки нисбат ба онҳо идоракунии иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад ва ҳам дар маҷмӯъ тамоми аҳолӣ бошад. Стратегияи сиёсати иҷтимоӣ ҳалли умумии системаи масъалаҳои иҷтимоии кишвар дар ин марҳилаи мушаххаси таърихии рушди он мебошад.

Вобаста ба ин дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» чунин иброз шудааст: «тавре ки борҳо зикр намудам, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат беҳтар кардани шароити зист ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад,….. мо талош дорем, ки барои ҳар як сокини мамлакат шароити зиндагии шоистаро муҳайё созем ва ҳамаи нақшаву барномаҳоямон маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олии давлат қабул ва амалӣ карда мешаванд».**[11]**

Аз ин рӯ, ҳангоми тартиб додан ва амалӣ гардондани сиёсати иҷтимоӣ вобаста ба зарурат ҳамеша масъалаи афзалиятҳои иҷтимоӣ, яъне вазифаҳои иҷтимоие, ки ҷамъият дар марҳалаи нави тараққиёти ҷумҳурӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарин эътироф карда, ҳалли аввалиндараҷаро талаб мекунанд, ба миён меояд. Ба сифати афзалиятҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ метавон механизмҳои зеринро ҷудо намуд:

- ба шахс аз давраи таваллуд то синни пиронсолӣ шароити муътадили зиндагӣ ва рушд, шуғли пурсамар, қонеъ гардонидани талаботи ӯ ба меҳнатро таъмин намуд;
- муҳайё намудани шароит барои фаъолияти оила ҳамчун ҷузъи асосии ҷамъият, машғул шудан бо фаъолияти фоиданоки иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ;

- таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон;
- таъмини шароит барои рушди инсон, рушди сармояи инсонӣ, сармояи зеҳнии ҷомеа;
- баланд бардоштани сифати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, масъулияти иҷтимоии соҳибкорон, шарикии иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, шароити манзил, беҳтар намудани вазъи демографӣ.

Дар корҳои таҳқиқотии иқтисодшиносони ватанӣ бисёр ҷанбаҳои такмили механизмҳои татбиқи афзалиятҳо ва самтҳои дар боло зикршуда мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Масалан, масъалаҳое, ки асосҳои консептуалии танзими давлатии баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро муайян намуда, роҳу самтҳои асосии такмили механизмҳои танзими давлатии баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолиро дар бозори тараққиёбанда нишон додаанд, дар корҳои тадқиқотии иқтисодшиноси тоҷик Ф.А.Мирсаидова [8] инъикос ёфтаанд.

Дар монографияи А.Н.Нуралиев [10] муносибати муназзам ба омӯзиши механизмҳои амалӣ гардондани сиёсати иҷтимоӣ дар самти баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ истифода бурда, тамоюлҳои минтақавии инкишофи дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ дида баромада шуданд.

Масъалаҳои нақши гиреҳии хизматрасониҳои бахши давлатӣ ҳамчун ҷузъи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат, беҳтаргардонӣ ва тағйироти сифатии ҳолати иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият тавассути пешниҳод намудани неъматҳои ҷамъиятӣ (ҳамчун намуди неъмати иқтисодӣ) дар корҳои тадқиқотии А.Б.Мирсаидов, Н.Куганов ва Ф.Шарифӣ [5,7] мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқотҳои онҳо мафҳуми давлати иҷтимоӣ ҳамчун намуди махсуси давлати мутараққӣ маънидод шудааст, ки фаъолияташ барои истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ, таъмини сатҳи баланди ҳифзи иҷтимоии аъзои ҷамъият равона карда шудааст.

Омӯзиши тадқиқотҳои онҳо имконият дод, ки мо субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ, принсипҳо, вазифаҳои он, ҳамзамон моделҳои сиёсати иҷтимоиро тавсиф намоем. Ба субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар сатҳҳои гуногун, корфармоён дар секторҳои давлатӣ ва ғайридавлатии иқтисодиёт, инчунин иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятие дохил мешаванд, ки ба рушди сиёсати иҷтимоии давлат таъсир мерасонанд. Принсипҳо ва ҳадафҳои сиёсати иҷтимоӣ дар расми 1.1.1. нишон дода шудаанд.




**Расми 1.1.1. Принсипҳо ва вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ**

Давлат барои амалисозии самараноки вазифаҳои танзимкунандаи худ чунин фишангҳои тавонои таъсиррасонӣ дорад, ба мисли қонунгузории кишвар, буҷети миллӣ, низоми андозу боҷҳо. Таҷрибаи аксари кишварҳои ҷаҳон тасдиқ мекунад, ки

сарфи назар аз вобастагии объективии ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз вазъи иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, сиёсати иҷтимоӣ мустақил буда, бо воситаҳои худ метавонад ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат намояд, ба майлу хоҳиши шаҳрвандон ҷиҳати рушди иҷтимоӣ таъсири ҳавасмандкунанда расонад.

Моделҳои муосири сиёсати иҷтимоӣ бо дараҷаи дахолати давлат ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, дараҷаи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, дар сатҳи озодии интихоби иҷтимоӣ дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва таъсири равандҳои иҷтимоӣ дар бораи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат, фарқ мекунанд.

Дар ҷаҳон моделҳои гуногуни сиёсати иҷтимоӣ паҳн шуда истодаанд. Намунаи модели патерналистии социалистӣ маълум аст. Хусусиятҳои асосии он - масъулияти ҳамаҷонибаи давлат барои вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон, монополияи давлатӣ дар истеҳсол ва тақсимоти тамоми молу хизматрасониҳои ба аҳолӣ зарурӣ, эҳсоси амнияти иҷтимоӣ, суботи иҷтимоӣ, садоқати шаҳрвандон ба давлат ва ғайра мебошанд. Ин низом бо тамоми хислатҳои мусбати худ, ки самаранокии пасти иқтисодӣ дорад, наметавонад сатҳи баланди некуаҳволии ҳамаи шаҳрвандонро таъмин кунад. Зеро системаи имтиёзҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ барои элитаи бюрократӣ ва сатҳи пасти таъминот ба кисми асосии аҳолӣ хос буд. Дар шароити ин модел вобастагии шахс ба давлат зиёд гардида, мафкураи вобастагӣ ташаккул меёбад, ташаббус аз даст меравад ва дар ниҳоят озодии иҷтимоӣ маҳдуд мешавад. Инкишофи сусти муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ шавқу ҳавасро ба натиҷаҳои меҳнати кормандони он суст мекунад, паст будани тамоюли истеъмолкунандагон, амалан вуҷуд надоштани ҳифзи истеъмолкунандагонро пешакӣ муайян мекунад. Методҳои ба амал баровардани сиёсати иҷтимоӣ гуногунанд - аз маъмурӣ, иқтисодӣ то зӯроварии бевосита.

Модели шведии сиёсати иҷтимоӣ бо дараҷаи хеле баланди масъулият ва дараҷаи баланди танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ хос аст. Баъзан онро «социализми шведӣ» меноманд. Он дараҷаи баланди ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандонро таъмин менамояд, вале аз сабаби муттаҳидшавӣ, ки ба ҳамаи системаҳои аз ҳад мутамаркази соҳаи иҷтимоӣ хос аст, озодии маҳдудияти интихоб барои истеъмолкунандагони он ба таври васеъ истифода намешавад ва маъмул аст, аз ин рӯ, он дар системаи демократияи Ғарб камбудии хеле ҷиддие ба ҳисоб меравад. Барои модели шведӣ, инчунин фишори баланди андоз ба корхонаҳо ва аҳолӣ хос аст, ки ин ҳам барои кишварҳои дигар чандон ҷолиб нест.

Модели "давлати осоишта" («давлати некуаҳвол» - М.Самиева) як модели маъмулии бозор бо сатҳи баланди танзими иҷтимоӣ мебошад. Давлат дорои афзалияти иқтисодии  бозор буда, вазифаи таъмини суботи иҷтимоии шаҳрвандонро ба зиммаи худ мегирад, доираи васеи хизматрасониҳои иҷтимоиро пешкаш менамояд, ки бозор наметавонад таъмин намояд. Дар «давлати осоишта» дараҷаи хароҷот барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, стандартҳои минимуми иҷтимоӣ баланд буда, аксар вакт онҳо ба нишондиҳандаҳои миёнаи мамлакат наздиканд.

Модели «иқтисодиёти бозари иҷтимоӣ» (асосгузори он Людвиг Эрхард), ки иқтисоди Тоҷикистон ба он асос ёфтааст, ба принсипҳои рақобати озод, интихоби озоди мол, озодии ошкор ва рушди шахсият асос ёфтааст. Бо афзалияти бечунучарои озодии иқтисодии бозор, ин модел инчунин бо дараҷаи баланди ҳифзи шаҳрвандон хос аст, ки тавассути дахолати давлат тавассути тақсими имтиёзҳо, сиёсати андоз, дастгирии ҳуқуқӣ ва ғайра таъмин карда мешавад. Дар ин модел системаи томи амортизаторҳои иҷтимоӣ мавҷуд аст, ки сатҳи зиндагии на камтар аз хатти фақрро таъмин мекунад. Бинобар ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои

миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» чунин таъкид шудааст: «Ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла бо роҳи мунтазам таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми даромади аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, нафақа ва стипендияҳо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин давра мебошанд».[11]

Дар баробари ин, модели иҷтимоии бозор бо сахтгирии бештари иҷтимоӣ хос аст. Ба сифати принсипи асосӣ дар ин ҷо афзалияти усулҳои бозории танзими соҳаи иҷтимоӣ нисбат ба усулҳои дахолати бевоситаи давлат мебошад. Ба он ғайридавлатигардонии соҳаи иҷтимоӣ, кам кардани ёрии пулӣ ва дотасия (аз тарафи давлат ба ягон идора, муассиса ё ташкилот бар илова пул ҷудо кардан – М.Самиева)-и давлатӣ, васеъ шудани воситаҳои бозор дар амал, хос аст.

Дар Тоҷикистон бо таваҷҷуҳи стратегӣ ба иқтисоди бозори иҷтимоӣ феълан модели иҷтимоии бозорӣ бартарӣ дорад. Гузариши шадид аз модели патерналистии сотсиалистӣ ба модели иҷтимоии бозорӣ, аз ҳимоя ва дастгирии иҷтимоии оммавӣ ва шабакаи васеи институтҳои озоди иҷтимоӣ ба усулҳои бозор тазоди хеле шадид медиҳад, ки онро аҳолӣ бо дард таҳаммул мекунад. Ғайр аз ин, ин моделҳо аз ҷиҳати идеявӣ ба ҳамдигар бегонаанд, зеро яке ба коллективизм ва дигаре ба индивидуализм асос ёфтааст. Моделҳои нармтари «давлати некуаҳвол» ва «иқтисодиёти бозори иҷтимоӣ» бешубҳа, барои гузаштан ба муносибатҳои бозаргонӣ мусоидат мекарданд, вале шароити ҳанӯз нокифоя рушд кардани иқтисодиёт ин имкониятҳоро хеле маҳдуд мекунад. Аз ин сабаб на ҳама вақт амалӣ намудани принсипҳои эълоншудаи сиёсати иҷтимоӣ, аз қабили фароҳам овардани шароит барои нигоҳ доштани сатҳи қобили қабули некуаҳволӣ, ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавкулодда, кафолат додани музди меҳнат дар шакли ҳадди ақали музди меҳнат ва ҳадди ақали нафақа, муяссар мегардад. Ба принсипҳои асосии сиёсати иҷтимоии кишвар, инчунин дастгирӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ дохил мегардад:

- фақат гурӯҳҳои суст ҳифзшавандаи аҳолӣ, дастгирии мақсадноки онҳо;
- зиёд кардани эътибори сабукиҳо ва имтиёзҳои пешбинишуда;
- аз ҷиҳати мазмуни соҳаи иҷтимоӣ ба сатҳи маҳаллии ҳокимият гузарондани маркази вазнинӣ;
- характери ҷамъиятии сиёсати иҷтимоӣ, таъмини аҳли ҷамъият бо натиҷаҳои дигаргунсозиҳои ба амаломадаи иҷтимоӣ;
- назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва ғайра.

Иқтисоди бозорӣ ногузир боиси тафриқаи даромади аҳолӣ, афзоиши нобаробарӣ ва мушкилоти камбизоатӣ мегардад. Бинобар ин, бояд масъала дар бораи ба вуҷуд овардани иқтисодиёти бозаргонии ба иҷтимоӣ нигаронидашуда, ки на суръати афзоиши иқтисодиёт, балки баланд шудани дараҷаи некуаҳволии халқ, фароҳам овардани имкониятҳои баробари ибтидоии ҳамаи шаҳрвандони мамлакатро дар мадди аввал қарор медиҳад, гузошта шавад. Ва дар ин сурат дахолати фаъолонаи давлат, кор карда баромадани сиёсати самарабахши иҷтимоӣ талаб карда мешавад, ки он бояд ба танзими муносибатҳои унсурҳои асосии сохти иҷтимоии ҷамъият, ба мутобиқ намудани манфиатҳои дарозмуддати гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳамчунин бо ҷомеа, равона гардад.

Идеяи асосии стратегияи умумии сиёсати иҷтимоӣ таъмини рушди иқтисодӣ дар асоси болоравии сектори воқеии истеҳсолот тавассути фаъолсозӣ ва истифодаи воситаҳои сиёсати иҷтимоӣ мебошад. Бинобар ин, сиёсати иҷтимоӣ, аз як тараф,

мақсади афзоиши иқтисодиёт бошад, аз тарафи дигар, ҷузъи органикии ҳар як самти стратегияи бозсозии иқтисодиёт мегардад.

Чӣ тавре таҷрибаи ҷаҳонии кишварҳои иқтисодиёти бозориашон тараққикарда шаҳодат медиҳанд, на танҳо дар мазмуни сиёсати иҷтимоӣ, балки дар васеъ намудани объектҳои таъсирбахши он ҳам дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал меоянд. Таъсири он ба категорияҳои муайяни аҳолӣ (коргарон, инвалидон) маҳдуд намешавад. Шароити зиндагии қариб ҳамаи категорияҳои демографӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун объекти мустақим амал мекунанд. Сиёсати иҷтимоӣ аз ислоҳи оқибатҳои манфии тараққиёти иқтисодиёт берун баромад. Он ба пешгирӣ ва такмили мусбати системаи иқтисодиёт диққати калон медиҳад. На танҳо аз нав тақсим кардани даромад, балки ба амал баровардани соҳаҳои нави бо хизматрасонии иҷтимоӣ таъмин намудани аҳолӣ, ба тартиб андохтани кор, музди меҳнат ва ғайра низ мавқеи калонро ишғол мекунад. Ба ибораи дигар, давлат бо ёрии сиёсати иҷтимоӣ кушиш мекунад, ки ба рафтори хонаводаҳо ҳамчун фурушандаи меҳнат, истеъмолкунандагон, агентҳои амонатӣ ва ғайра таъсир расонад. Хусусияти чунин сиёсати иҷтимоӣ алоқаи қатъии соҳаҳои алоҳидаи он мебошад:

1) фароҳам овардани шароит барои фаъолияти меҳнатӣ, танзими шуғл ва музди меҳнат, баланд бардоштани сифатҳои меҳнатии кормандон;

2) дастгирии бевоситаи даромад тавассути системаи таъминоти иҷтимоӣ;

3) инкишофи шахсияти инсон, нигоҳ доштани саломатӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ, хизматрасонӣ тавассути системаи инфрасохтори иҷимоӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ба ин тамоюлҳои ҷаҳонӣ ворид шудааст. Ҳоло дар соҳаи сиёсати иҷтимоии ҷумҳурӣ маблағгузорӣ ба одамон самти афзалиятнок номида мешавад. Ҳадафҳои стратегии он фароҳам овардани шароит барои шаҳрвандон ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ба таҳсил, беҳбудии саломатӣ, ҳифз ва рушди иқтидори фарҳангӣ, фароҳам овардани бозори самараноки мутамаддини меҳнат, таҳкими суроғавии дастгирии иҷтимоӣ, таъмини устувории низоми нафақа ва баланд бардоштани сатҳи воқеии нафақа, андозаи нафақа мебошад.

Дар айни замон ба механизми иҷтимоию иқтисодии инкишоф додан ва ба амал баровардани сиёсати иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Дар навбати аввал чунин тадбирҳо андешида мешаванд:

- фароҳам овардани шароити иқтисодӣ барои аҳолии қобили меҳнат, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки аз ҳисоби даромади худ сатҳи баланди истеъмоли иҷтимоӣ, аз ҷумла манзили бароҳат, сифати беҳтарини хизматрасонӣ дар соҳаи маориф ва тандурустӣ, дараҷаи шоистаи зиндагӣ дар айёми пирӣ доштан;

- дар соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ ташаккул додани ниҳодҳое, ки имконияти пурратар сафарбар намудани маблаҷи аҳолӣ ва корхонаҳо, истифодаи самарабахши ин маблағҳоро ба вуҷуд меоваранд ва дар ин замина сифат ва имкониятҳои интихоби васеи маҳсулоти иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва хизматрасонӣ ба аҳолиро таъмин менамоянд.

Ҳамин тариқ, афзалиятҳои сиёсати иҷтимоӣ бо назардошти таъсири он ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва таъмини сохтори мутаносиби иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Ба ин муносибат ба тадбирхое, ки ба инҳо мусоидат мекунанд, диққати махсус дода мешавад:

- оид ба инкишоф додан ва истифодаи оқилонаи неруи меҳнатии ҷомеа;

-доир ба ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ, дар даромадҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла кормандони соҳаи буҷетӣ бештар инъикос намудани нишондиҳандаҳои воқеии он;

- оид ба баробар кардани имкониятҳои иқтисодӣ ва баланд бардоштани ҳаракати иҷтимоӣ тавассути дастрасӣ ба таҳсилоти муосир, кори соҳибихтисос, музднок ва соҳибкорӣ;

-доир ба пурзур намудани дастгирии маъюбон, собиқадорон ва дигар гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ҳамчун шарти зарурии дастгирии иҷтимоииислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра;

Барои тартиб додан ва ба амал баровардани сиёсати мақсадноки нигоҳ доштани таносуби оқилонаи музди меҳнати категорияҳои алоҳидаи коргарон, хусусан таносуби музди корӣ дар соҳаҳои илм, маориф, фаъолияти лоиҳакашию ҷустуҷӯӣ, коркунони муҳандисӣ-техникӣ ва музди кори дигар гурӯҳҳои дар хоҷагии халқ коркунанда. Мақсади ниҳоии таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии мардум мебошад.

**Адабиёт**


1. Жеребин В.М., Романов А.Н. Уровень жизни населения. - М.: ЮНИТИ - ДАНА, 2002. - с.592.
2. Институциональные проблемы эффективного государства / Под ред. В.В. Дементьева, Р.М. Нуреева. - Донецк: Дон НТУ, 2011. - 372 с.
3. Кадырова “Доходы населения как фактор роста благосостояния”, г. Воронеж, 2004, 220с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 135с. - С.4.
5. Куганов Н.К. Специфика функционирования общественного сектора в региональной экономике»//Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: «Сино», 2013, 2/7 (123), с.179-184.
6. Мирсаидов А.Б. Основные тенденции развитие социального сектора и параметры становление социального государства в Республики Таджикистан// Таджикистан и современный мир, 2016, № 3 (53), с.262-269.
7. Мирсаидов А.Б., Ф.Шарифӣ. Государственные услуги: экономическое содержание, типология//Таджикистан и современный мир//Вестник ЦСИ при Президенте РТ.-Душанбе, 2016-№2 (52) - с.197-208.
8. Мирсаидова Ф.А. Государственное регулирование уровня жизни населения в Республики Таджикистан. Автореферат на соискание к.э.н.- Душанбе, 2020, 27 с.
9. Модели социального государства //http://studopedia.su/10_17147_modeli-sotsialnogo-gosudarstva.html.
10. Нуралиев А.Н. Уровень жизни населения: теория, мониторинг и пути повышения. - Душанбе, 2011, 180 с.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, аз 26.01.2021.


## ТЕНДЕНЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА


**САМИЕВА МЕХРАНГЕЗ БОБОЕВНА,**
соискатель кафедры экономической теории
Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни.
734003, город Душанбе, проспект Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 888-83-01-20

*Социальная политика является одним из важнейших направлений государственного регулирования экономики. Она является ключевым и основополагающим компонентом внутренней политики государства и направлена на обеспечение благосостояния и всестороннего развития граждан и общества в целом. Республика Таджикистан в соответствии со статьей 1 Конституции Республики Таджикистан является социальным государством.*

*В этом контексте автор статьи стремится объяснить определения социальной политики, предложенные экономистами модели в современных научных концепциях, роль государства в порядке регулирования и улучшения социальной жизни населения Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *социальная политика, благосостояние, уровень жизни, экономические условия, источники доходов, социальные неравенства, рабочая сила, производительность труда, уровень образования, профессионализм, трудовые ресурсы, культурная жизнь и др.*

## TRENDS OF STATE SOCIAL POLICY IN THE MODERN SOCIETY OF TAJIKISTAN

**SAMIEVA MEHRANGEZ BOBOEVNA,**
applicant of Economic Theory Department of the
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
Тел.: (+992) 888-83-01-20

*Social policy is one of the most important areas of state regulation of the economy. It is a key and fundamental component of the state internal policy and is aimed at ensuring the well-being and comprehensive development of citizens and society as a whole. The Republic of Tajikistan is a social state in accordance with Article 1 of the Constitution of the Republic of Tajikistan.*

*In this context, the author of the article tries to explain the formulations of social policy, the models in modern scientific concepts proposed by economists, the role of the state in regulating and improving the social life of the population of the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *social policy, welfare, standard of living, economic conditions, sources of income, social inequalities, labor force, labor productivity, level of education, professionalism, labor resources, cultural life, etc.*

УДК: 620.9(575.3)

# ВАЗЪИ КУНУНИИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

**РАҲИМЗОДА МАҲИНАИ САЙФУДДИН,**
доктрант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди
Президенити Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, ш.Душанбе, к. Саида Носир, 33.
Тел.: (+992) 985-00-01-22. E-mail: rahimzoda.95@mail.ru

*Мақола ба вазъи кунунии соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди он бахшида шуда, қайд гардидаст, ки масъалаи дурнамои вобастагии энергетикӣ ва амният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза актуалӣ мебошад. Вобаста ба ин дар мақола вазифаҳои муҳимми иҷтимоии соҳаи энергетиқа, ба монанди таъминоти боэътимод ва бефосилаи барқ ба истеъмолкунандагон мутобиқи стандартҳои давлатии амалкунандаи параметрҳои сифати барқ ва ғ. мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Зарурати таҳияи барномаи истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ ва сарфаи энергияро барои солҳои 2021-2030, ки болоравии фарҳанги истифодабарии самараноку сарфакоронаи неруи барқро мусоидат менамояд асоснок шудааст ва заминаҳои консептуалии он пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *саноати энергетикӣ, ҳаҷми истеъмоли қувваи барқ, амнияти иқтисодии кишвар, захираҳои энергетикӣ, таъмини амнияти энергетикӣ, неругоҳҳои барқӣ, таҷҳизоти каммасраф, гидроэнергетика.*

Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар давраҳои минбаъда стратегияи ноил шудан ба истиқлолияти энергеткӣ «сифатҳои нав касб карда, асоси онҳоро гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши нерӯи барқ»[1] ташкил медиҳад. Вазифаи оммавии соҳаи энергетикаи барқӣ ҳамчун соҳаи инфрасохтори асосӣ дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар - унсури муҳимтарини амнияти миллӣ мебошад. Чунки энергетика яке аз омилҳои асосии истеҳсолот ва ташаккули ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Захираҳои энергетикӣ, албатта, омили асосӣ, бунёдии рушди иқтисодӣ мебошанд ва аз ин рӯ сиёсати иқтисодии ҳар як давлатро муайян мекунанд. Ҳатто кишварҳои пешрафта, ки сиёсати хориҷӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникии онҳо дар ҷаҳон мавқеи баланд дорад (афзалиятнок ва ҳалкунанда ҳисобида мешавад), аз кишварҳои таъминкунандагони манбаъҳои энергетикӣ вобастаанд. Аз ин лиҳоз, барои кишварҳои мутараққӣ (ИМА, Ҷопон, Британиё, Фаронса, Олмон ва ғайра) таъмини амнияти энергетикӣ ва дарёфти манбаъҳои энергияи алтернативӣ самти муҳими корҳои илмӣ гардид.

Саноати энергетикӣ звенои пешбарандаи бахши энергетикаи кишвар мебошад. Он ҳамчун маҷмӯи истеҳсолӣ ва технологӣ ҳисобида шуда, дар худ дастгоҳҳои коркарди нерӯи барқ, истеҳсоли муштараки он ва сӯзишворӣ, инчунин, интиқоли нерӯи барқ ба дастгоҳҳои абонентии истеъмолкунандагонро дарбар мегирад. Барқ дорои вазифаҳои муҳими иҷтимоии зерин аст:

*- таъминоти боэътимод ва бефосилаи барқ ба истеъмолкунандагон мутобиқи стандартҳои давлатии амалкунандаи параметрҳои сифати барқ;*

*- таъмини электрикунонии минбаъдаи хоҷагии халқ ҳамчун раванди тавсеаи истифодаи нерӯи барқ барои ба даст овардани шаклҳои гуногуни энергияи ниҳоӣ ва иваз кардани интиқолгарони дигар бо нерӯи барқ;*

*- рушди гармидиҳии марказӣ дар шаҳрҳо - раванди гармидиҳии баландсифати марказӣ дар асоси коркарди якҷояи барқ ва гармӣ;*

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 с 4.

*- ҷалб намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия, сӯзишвории сахти пастсифат ва энергияи атом ба тавозуни сӯзишворию энергетикии кишвар (тавассути истеҳсоли нерӯи барқ). Дар ин ҳолат истифодаи саноати камёфт ва баландсифати сӯзишворӣ, пеш аз ҳама, гази табиӣ, ки дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ самаранок истифода мешаванд, дар саноати электроэнергетика кам мешавад.*

Бояд қайд кард, ки ин функсияҳо бояд бо назардошти талаботҳои иҷтимоӣ барои истифодаи оқилонаи захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар ва тозагии экологии истеҳсоли энергия амалӣ карда шаванд[1]. Нерӯи барқ пешрафтатарин ва беназиртарин манбаи энергия аст. Хусусиятҳои он чунинанд, ки он ба табдил ёфтани ҳар энергияи ниҳоӣ қодир аст, дар ҳолате, ки дар дастгоҳҳои истеъмолӣ сӯзишвории мустақиман истифода мешавад - буғ ва оби гарм бошад - танҳо энергияи механикӣ ва гармии дорои иқтидори гуногун мебошанд. Истифодаи нерӯи барқ дар истеҳсолот имкон медиҳад, ки равандҳои технологӣ интенсификатсия карда шуда, автоматизатсияи пурраи онҳо ва таъмини назорати дақиқи он, ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, кам шудани сарфи захираҳои моддӣ ва баланд шудани сифати маҳсулот оварда мерасонад. Дар айни замон, баъзе равандҳои прогрессивӣ, алалхусус, дар металлургия ва химия, одатан истифодаи ягон интиқолдиҳандаи дигарро иҷозат намедиҳанд[2]. Ғайр аз он, дар марҳилаи истеъмоли неруи барқӣ - барқ манбаи аз ҷиҳати экологӣ тозаи энергия мебошад. Онро ба масофаи дур интиқол додан мумкин аст, ки ин ба доираи васеи истеъмолкунандагон, аз ҷумла, минтақаҳое, ки бо захираҳои кофии сӯзишвории фоиданок таъмин нестанд, хизмат мерасонад.

**Ҷадвали 1.**

**Энергия дар низоми такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ**

| № пп | Нишондиҳандаҳо | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2015 | 2019 | 2019 ба 2005 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | **Истеҳсоли нерӯи барқ, млн. кВт/соат** | 17090 | 16935 | 17494 | 16147 | 16117 | 16435 | 19742 | 20677 | 121,1 |
| 2 | **Ба ҳар нафар аҳолӣ, кВт/соат** | 2461,3 | 2476,8 | 2385,2 | 2429,7 | 2211,9 | 2220,1 | 2163,1 | 2220,0 | 90,2 |
| 3. | **Истеъмол шуд, млн. кВт/соат** | 17235 | 17528 | 17582 | 17012 | 16160 | 16581 | 14274 | 15141 | 87,8 |
| 4. | **Ба ҳар нафар аҳолӣ, кВт/соат** | 2512,7 | 2510,8 | 2468,7 | 2441,9 | 2330,4 | 2301,5 | 1563,9 | 1625,6 | 64,7 |

[1] Мирсаидов А.Б. Муҳиммияти омилҳои синергия дар низоми идоракунии муассисаҳои соҳаи энергетка-Политихнический вестник №2 (46), 2019, с 46-53.

[2] Гительман Л.Д., Ратников Б.Е. «Энергетический бизнес: Учеб. пособие». – М.: Дело, 2006. - С. 25.

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **5.** | **Истеъмоли қувваи барқ ба 1 сомони ММД, кВт/соат** | 2,39 | 1,87 | 1,37 | 0,96 | 0,78 | 0,66 | 0,20 | 0,19 | 7,9 |
| **6.** | **Хароҷотҳо барои як нафар аъзои хонавода дар ХХК дар як моҳ, сомони** | 1,03 | 1,29 | 1,87 | 2,18 | 3,11 | 3,47 | 3,61 | 3,76 | 365,0 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 20-соли Истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2010. - С.12,443-445; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2020, С.288. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар сатҳи кишоварзии кишвар афзалиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии нерӯи барқ дар таносуби зичи байни чунин нишондиҳандаҳо мебошад, ба монанди истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва истеъмоли қувваи барқ ба ҳар як сокини кишвар ба ҳисоб гирифта мешавад.

Маълумоти омории кишварҳои гуногуни ҷаҳон нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯъ, дар он ҷое, ки истеъмол ва коркарди сарикасии қувваи барқ зиёдтар аст, сатҳи баланди иқтисодӣ вуҷуд дорад[1]. Аммо, дар байни динамикаи ММД ва ҳаҷми истеъмол дар ҷумҳурӣ вобастагии коррелятсионӣ вуҷуд надорад. Масалан, дар давраи солҳои 2005-2019 ҳаҷми истеъмоли нерӯи барқ дар ҷумҳурӣ 3,8%, ва истеҳсоли он 12,2% коҳиш ёфт. Дар соли 2019 ҳаҷми истеъмол бо як сомонӣ ММД - 0,19 кв/соатро ташкил дод, ки нисбатан ба соли 2005 - 2,2 кв/соат кам шудааст. Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ тамоюлҳои сарфаи энергия ва истифодаи самараноки нерӯи барқ мавҷуданд. Ҳамзамон, истеъмоли нерӯи барқ мушоҳида карда мешавад: хароҷоти як узви хонавода барои хадамоти манзилию коммуналӣ дар як моҳ дар соли 2019 нисбат ба соли 2005 беш аз 3,6 маротиба афзоиш ёфт (ниг. ба ҷадвали 1). Ҳаҷми истеъмоли қувваи барқ ба ҳар сари аҳолӣ низ 35,3% коҳиш ёфт. Ин нишондиҳанда бо афзоиши табиии аҳолӣ (2,2% миёнаи солона) алоқаманд аст, яъне, афзоиши аҳолӣ аз динамикаи истеҳсоли қувваи барқ пеш гузаштааст. Аммо бояд қайд кард, ки баробари афзоиш ёфтани истеҳсоли нерӯи барқ, дар корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ эҳёшавӣ баназар мерасад. Ҳамин тариқ, ҳаҷми истеъмоли қувваи барқ барои як сомонӣ маҳсулоти саноатӣ 24,2% афзудааст: агар ин нишондиҳанда дар соли 2000-ум 1,28 сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2019 он ба 1,59 сомонӣ баробар шуд.

Масъалаи дурнамои вобастагии энергетикӣ ва амният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза актуалӣ мебошад. Ҷумҳурӣ дорои захираҳои бузурги табиӣ, аз ҷумла захираҳои об мебошад, ки қобилияти ҳамасола истеҳсоли 527 миллиард кВт/соат қувваи барқро дорад. Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон солона аз ҳисоби энергияи офтобӣ 18,4 миллиард кВт/соат қувваи барқ истеҳсол кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар ҷумҳурӣ заминаҳои воқеии ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ мавҷуданд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мушкилот ва равандҳое, ки имрӯз дар сайёра ба амал омада истодаанд, шиддат гирифтани мубориза барои ба даст овардани манбаъҳои сӯзишворӣ ва болоравии нархи ҷаҳонии нафту газ мебошанд, ки танҳо дар давраи

[1] Энергорынок. // Профессиональный журнал. 2005. Март.

ҳозира нархҳо мутаносибан 40 ва 50 фоиз баланд шудаанд, масъалаи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои энергетикӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо мекунанд. Масалан, тибқи маълумоти Агентии Байналмилалии Энергетика, то соли 2030 талабот ба манбаъҳои энергетикӣ дар муқоиса бо соли 2006, 50 фоиз зиёд хоҳад шуд, ки ба 18 миллиард тонна нафт баробар аст. Дар ин давра манбаи асосӣ ва ибтидоии энергия сӯзишвории минералӣ боқӣ хоҳад монд, ки 84 фоизи талаботро ташкил медиҳад. Талаботи нафт аз 35 фоизи соли 2006 то 32 фоиз коҳиш хоҳад ёфт, аммо талабот ба ангишт, баръакс, 73 фоиз афзуда, истеъмоли қувваи барқ ду баробар зиёд мешавад ва ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии талабот 22 фоизро ташкил хоҳад дод[1]. Дар ин шароит, бо назардошти он, ки эҳтиёҷоти кишвар ба нерӯи барқ ва дигар манбаъҳои энергетикӣ низ доимо меафзояд, муҳимтарин самти корӣ муштарак қабули ҳама чораҳои имконпазири рушди соҳаи энергетика, алахусус гидроэнергетика мебошад, аз ҷумла сохтмони стансияҳои электрикии обии хурду калон, инчунин истеҳсоли нерӯи барқ тавассути истифодаи манбаъҳои алтернативӣ, аз ҷумла ангишт шуда метавонад. Ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дахлдори рушди макроиқтисодии кишвар аз сатҳи амнияти энергетикӣ вобаста аст. Аз ин лиҳоз, нақшаи дурнамои амнияти энергетикии кишвар то соли 2030 бо муайян кардани давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат: то солҳои 2010, 2010-2015 ва 2015-2030 таҳия шуд [2]. **Яккум.** То соли 2010 ноил гардидан ба истеҳсоли нерӯи барқ дар ҳамаи иншооти истифодашаванда ба сатҳи 18 миллиард кВт/соат расонида шавад. Ба истифода додани нерӯгоҳҳои «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2», ва ба итмом расонидани сохтмони сарбанди НБО «Роғун». **Дуюм.** То соли 2015 бояд корҳои зерин анҷом дода шаванд: ба даст овардани истеҳсоли нерӯи барқ дар як сол то 23,6 миллиард кВт/соат; ва ба кор даровардани ду агрегати НБО «Роғун» бо истеҳсоли 6,5 миллиард кВт/соат дар як сол. **Сеюм.** То соли 2020 истеҳсоли нерӯи барқ ба миқдори 24,6 миллиард кВт/соат дар як сол ба даст оварда мешавад. Азнавсозӣ ва таъмири нерӯгоҳҳои мавҷудбуда ва бунёди нерӯгоҳҳои хурд. Фаъолияти пурраи НБО «Роғун» бо истеҳсоли 13,3 миллиард кВт/соат дар як сол. **Чорум.** То соли 2030 корҳои зеринро ба анҷом расонидан лозим аст: сохтмон ва ба истифода додани НБО «Даштиҷум», ки иқтидораш 15,6 миллиард кВт/соат дар як сол мебошад.

Дар ҷумҳурӣ нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои барқии гуногун: гидравликӣ ва ҳароратӣ истеҳсол карда мешавад. Намуди асосии он нерӯгоҳҳои барқии обӣ мебошанд. Иқтидори ҳамаи нерӯгоҳҳо дар соли 2010 ба 5105 ҳазор кВт баробар буда, нисбат ба соли 2000-ум 15,4% зиёд шуд. Дар соли 2010 неруи барқ дар ҳаҷми 16435 миллион кВт/соат истеҳсол карда шуд, ки ин нисбат ба соли 2000-ум 15,3% зиёд аст. Тақрибан 94 фоизи иқтидор ва 98,2 фоизи истеҳсоли неруи барқ ба неругоҳҳои барқии обии ҷумҳурӣ рост меояд. Дар давраи солҳои 2000-2010 иқтидори стансияҳои электрикии обии ҷумҳурӣ -16,7% афзуд (нигаред ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Иқтидори нерӯгоҳҳо ва истеҳсоли нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| *№ нн.* | *Нишондиҳандаҳо* | *2000* | *2005* | *2010* | *2015* | *2020* | *2019 бо % ба соли 2000* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *Ҳамаи электростансияҳо: Иқтидор, ҳаз. кВт* | *4424* | *4404* | *5105* | *6197* | *6475* | *146,3* |

[1] Эмомалӣ Раҳмон. «Энергетика на пути развития». // Народная газета. 2008. 24 июня.
[2] Нажмиддинов Ш. Аз вобастагии энергетики то истиқлоли энергетикӣ. // Ҷумҳурият. 2008. 2 декабр.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | ***Истеҳсоли қувваи барқ, млн. кВт/с*** | *14247* | *17090* | *16435* | *19742* | *20676* | *145,1* |
| 3 | ***Инчунин гидроэлектростансияҳо*** | *14025* | *16967* | *16401* | *18394* | *19169* | *136,4* |
| 4 | ***вазни қиёсӣ, бо%*** | *92,0* | *92,5* | *93,8* | *92,9* | *92,7* | *0,7* |

***Сарчашма:*** *Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2010. - С.445; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон -2020, С.286.*

Асоси потенсиали истеҳсолии саноати электроэнергетикии ҷумҳуриро нерӯгоҳҳои истифодаи умумӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо беш аз 92% иқтидорҳои бунёдиро ташкил мекунанд. Қисми боқимонда - манбаъҳои марказонидашудаи энергия мебошанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рақобати шадид дар маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ, таъмини истифодаи оқилона ва сарфакоронаи нерӯи барқ, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷудаи кишвари мо, аҳамияти махсус дорад. Яъне, вақти он расидааст, ки ба партовҳои бемаънӣ ва талафоти нерӯи барқ, гази табиӣ, гармӣ ва об бо ҳама роҳҳои мавҷуда хотима дода шавад. Зеро худи ҳаёт аз мо талаб мекунад, ки захираҳо ва имкониятҳои энергетикиро оқилона истифода барем. Маълум аст, ки коҳиши талафоти сӯзишворӣ ва энергия аз омилҳои гуногун, аз ҷумла механизмҳои мавҷудаи иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои муосир бо мақсади сарфаи нерӯи барқ вобаста аст. Аммо, дар мамлакати мо тамоюли воридот ва истифодаи дастгоҳҳо ва таҷҳизоти муосири каммасраф ҳанӯз рушд накардааст, мутахассисони ботаҷриба ба корҳои манфиатдор оид ба сарфаи нерӯи барқ ҷалб карда нашудаанд. Дар ҳамин ҳол, истифодаи таҷҳизоти каммасраф имрӯз хеле муҳим аст. Ҳамин тариқ, ҳатто кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пурқудрати Аврупо ва Осиё барои ҳалли масъалаи сарфаи нерӯи барқ саъй ва маблағҳои зиёдеро равона кардаанд.

Дар солҳои наздик эҳтиёҷоти энергии маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро на камтар аз чор то панҷ фоиз коҳиш додан зарур аст. Татбиқи ин тадбир имкон медиҳад, ки дар давоми сол 200-270 ҳазор тонна сӯзишвории сарфа карда шавад. Ҳанӯз дар соли 2002 қонун «Дар бораи сарфаи энергия»[1] қабул шуда буд, аммо амалисозии он ҳанӯз ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Фаромӯш набояд кард, ки қонунҳо на аз рӯи хоҳиш, балки бо амри зарурат қабул карда мешаванд ва иҷрои онҳо барои ҳама ҳатмист. Дар доираи ин қонун, мақомоти зикргардида бояд пеш аз ҳама Барномаи истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ ва сарфаи энергияро барои солҳои 2021-2030 таҳия кунанд. Барнома бояд чорабиниҳои зеринро дарбар гирад:

- гузариш ба истифодаи таҷҳизоти каммасраф дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ташкили назорати ҷиддӣ аз болои иҷрои он;

- такмил додани қоидаҳои баҳисобгирӣ ва назорати истифодаи нерӯи барқ, насби таҷҳизоти ченкунӣ ва сертификатсияи ҳатмии таҷҳизоти барқӣ бо назардошти стандартҳои ҷаҳонӣ, инчунин стандартҳои истеъмоли энергия.

Хотиррасон бояд кард, ки дар баробари амалӣ намудани ин чорабиниҳо, вазифаҳои муҳими сохторҳо ва мақомоти дахлдори давлатӣ, тамоми аҳли ҷомеа аз

[1] Закон Республики Таджикистан «Об энергосбережении». /Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2002 год, №4, ч-1, ст. 242

гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ва ҷалби таваҷҷӯҳи мардум ба масъалаҳои сарфаю сариштакории барқ ва газ иборатанд.

Дар баробари ин, яке аз вазифаҳои муҳим таҳияи тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии қишрҳои камбизоати аҳолӣ дар шароити болоравии тарифҳои барқ мебошад, ва Ҳукумат онро бо роҳи баланд бардоштани ҳадди ақали музди меҳнат ва нафақа, инчунин дастгирии молиявии гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ ҳал мекунад. Дар соли 2021 аз буҷа барои ин мақсадҳо ҷудо кардани 20 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст. Инчунин зарур аст, ки масъалаи таҷдиди соҳавии энергетика баррасӣ карда шуда, бо назардошти иқтидорҳои нерӯгоҳҳои барқии обии сохта ва сохта шудаистода, масъалаи ташаккули бозори фурӯши яклухт ва чаканаи нерӯи барқ дар минтақаҳои саноатӣ баррасӣ карда шавад. Ин ҳам ба истеҳсолкунандагон ва ҳам ба истеъмолкунандагони нерӯи барқ имкон медиҳад, ки кори худро дар асоси тарифҳои мусоид ташкил намуда, рушди минбаъдаи соҳа, рақобатпазирии маҳсулот ва ҷалби сармояро таъмин намоянд. Тавре ки шумо медонед, Тоҷикистон як кишвари офтобӣ аст. Нурҳои умумии офтобӣ барои як метри мураббаъ дар минтақаҳои марказии кишвар ба ҳисоби миёна 1600 киловатт соатро ташкил медиҳад. Аммо, мо то ҳол аз ин неъмати худодод - манбаи алтернативии энергия ва захираҳои барқароршавандаи он истифода намебарем. Барои васеъ истифода бурдани чунин манбаъҳои энергия, ба монанди офтоб, бод ва дарёҳои хурд, инчунин манбаъҳои барқароршавандаи энергия чораҳои мушаххас андешидан зарур аст. Таъсиси воҳиди мустақили сохторӣ барои баррасии истифодаи манбаъҳои алтернативӣ ва барқароршавандаи энергия, инчунин уран, ки захираҳои он дар мамлакати мо, ба гуфтаи коршиносон, барои кор кофист, вазифаи таъхирнопазир аст. Бояд қайд кард, ки дар айни замон дар 65 кишвари ҷаҳон масъалаи истифодаи васеъи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба таври ҷиддӣ омӯхта мешавад. Ҳамин тариқ, Иттиҳоди Аврупо банақша гирифтааст, ки ниёзҳои худро аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия то соли 2021 то 12 фоиз ва то соли 2030 - 40 фоиз таъмин кунад. Аз ин рӯ, ба ҷумҳурӣ низ лозим аст, ки бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта таҳқиқоти ватаниро дар ин самт густариш диҳанд. Ҳамчунин татбиқи барномаҳои дарозмуддати сохтмони як силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқии обӣ барои солҳои 2007-2020 тақвият додан зарур аст.

Маълум аст, ки мавқеи ҷуғрофӣ ва имкониятҳои Тоҷикистон барои сохтмони нерӯгоҳҳо хеле мусоид мебошад. Ҷумҳури имконият дорад, ки дар ҳамаи дарьёҳои хурду калон (ҳам дар ҳавзаи дарёи Вахш ва ҳам дар дарёҳои Зарафшон ва Бадахшон) стансияҳои электрикии обии иқтидорашон гуногунро сохта, бо ҳамин на танҳо эҳтиёҷоти худро ба қувваи электрикӣ таъмин кунанд, балки инчунин онро то дигар минтақаи кишвар равона созанд.

Тавре ки дар боло қайд кардем, дар асоси шароити ҳукмрони табиӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, гидроэнергетика пайванди калидии на танҳо дар соҳаи энергетикаи барқ, балки дар тамоми системаи иқтисодии давлат дар замони ҳозира ваояндаи наздик ба шумор меравад. Саноати электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи комплекси сӯзишворию энергетикии кишвар мебошад, дар навбати худ аз соҳаҳои гуногун иборат буда бо бисёр корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо алоқаманд аст. Ба самтҳои асосии фаъолияти соҳаи энергетикаи барқ: омӯзиш ва таҳқиқот, лоиҳакашӣ, сохтмон, истеҳсоли нерӯи барқ ва истеъмоли он (фурӯш) дохил мешаванд. Саноати электроэнергетикӣ яке аз соҳаҳои пешбарандаи энергетикаи кишвар буда, саъй менамояд, ки ҳадафи асосии баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд, яъне тамоми кишварро бо нерӯи барқ миқдоран ва сифатан таъмин кунад. Аллакай, заминаи ташаккули қисми муҳими

даромади асъори дохилӣ ва хориҷии давлат буда бо тамоми соҳаҳои иқтисодиёти органикӣ робита дорад.

Коллективи электроэнергетикҳои ҷумҳурӣ тавонистанд, ки потенсиали нерӯи барқи дар замони шуравӣ мавҷудбударо то ҳадди имкон ҳифз кунанд. Аммо, ин ба фарсудашавии таҷҳизот ва ба мавҷуд набудани захираи иқтидорҳо дар зимистон таъсир расонд, ки эътимоднокии таъминоти аҳоли ва корхонаҳоро коҳиш диҳанд ва боиси садамаҳои калон дар системаи энергетикӣ мешавад, дар шароити ҷумҳурии мо, ин баробари ба даҳсолаҳо ақиб партофтани иқтисоди мост. Сарфи назар аз он, ки кишвар барои истеҳсоли арзонтарин ва аз ҷиҳати экологӣ тоза нерӯи барқ дорад, он ҳамеша камбудиҳои шадиди нерӯи барқро аз сар мегузаронад. Хусусан дар давраи зимистон, ки аҳолӣ азият мекашад. Дар шароити маҳдудиятҳои шадиди истифодаи нерӯи барқ (лимит), бисёр корхонаҳо зарари калони иқтисодӣ мебинанд ва баъзеҳо муфлис мешаванд.

Дар асл, аз сабаби нокифоягии таъминоти барқ, бисёр соҳаҳо, ба истиснои саноати алюминий, бо суръати суст рушд мекунанд. Рушди босуръати саноати алюминий дар пасманзари пардохт накардани барқ парадоксест, ки омӯзиширо талаб мекунад. Истифодаи самараноки неруи барқ дар асоси дастовардҳои илмии нав ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он, бешубҳа, ба рушди умумии иқтисодиёти давлат ва суботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳам дар фаъолияти муътадили иқтисодиёт ва ҳам дар сурати фавқулодда мусоидат менамояд. Дар ин робита, мо баррасии имконоти ояндаи наздики рушди имконпазири ҷумҳурӣ дар соҳаи таъмини барқро махсусан муҳим мешуморем.

**Адабиёт**


1. Гительман Л.Д., Ратников Б.Е. «Энергетический бизнес: Учеб. пособие». – М.: Дело, 2006. - С. 25.
2. Энергорынок. // Профессиональный журнал. 2005. Март.
3. Эмомали Раҳмон. «Энергетика на пути развития». // Народная газета. 2008. 24 июня.
4. Нажмиддинов Ш. Аз вобастагии энергетиқи то истиқлоли энергетики. // Ҷумҳурият. 2008. 2 декабр.
5. Эмомали Рахмон. Энергетика на пути развития. // Народная газета. 2008. № 26. 24 июня 2008.
6. Эмомали Рахмон. «Энергетика на пути развития». // Народная газета. 2008. № 26. 24 июня 2008.
7. Закон Республики Таджикистан «Об энергосбережении». /Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2002 год, №4, ч-1, ст. 242


## ТЕКУЩЕЕ СОСТОЯНИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО СЕКТОРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕГО РАЗВИТИЯ


**РАХИМЗОДА МАХИНАИ САЙФУДДИН,**
докторант (PhD) Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 985-00-01-22. E-mail: rahimzoda.95@mail.ru



*Статья посвящена текущему состоянию энергетического сектора Республики Таджикистан и перспективам его развития, отмечая, что вопрос перспективы энергетической зависимости и безопасности в Республике Таджикистан повседневно*

*актуален. В связи с этим в статье анализируются важные социальные задачи энергетического сектора, такие как надежное и бесперебойное снабжение потребителей электроэнергией в соответствии с действующими государственными стандартами параметров качества электроэнергии и др. Обоснована необходимость разработки программы эффективного использования энергоресурсов и энергосбережения на 2021-2030 годы, которая будет способствовать росту культуры эффективного и экономного использования электроэнергии, а также представлены ее концептуальные основы.*

***Ключевые слова:*** *энергетика, объем потребления электроэнергии, экономическая безопасность страны, энергоресурсы, обеспечение энергетической безопасности, электростанции, энергосберегающее оборудование, гидроэнергетика.*

## CURRENT SITUATION OF ENERGY SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND PROSPECTS FOR ITS DEVELOPMENT

**RAHIMZODA MAHINAI SAYFUDDIN,**
PhD doctoral student of Academy of Public Administration
Under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 985-00-01-22. E-mail: rahimzoda.95@mail.ru

*The article is devoted to the current situation of the energy sector of the Republic of Tajikistan and the prospects for its development, noting that the issue of prospects for energy dependence and security in the Republic of Tajikistan is relevant every day. In this regard, the article analyzes the important social functions of the energy sector, such as reliable and uninterrupted supply of electricity to consumers in accordance with the current state standards for electricity quality parameters, etc. There is substantiated the necessity of developing a program for the efficient use of energy resources and energy saving for 2021-2030, which would contribute to the growth of a culture of efficient and economical use of energ, as well as its conceptual basis is presented.*

***Key words:*** *energy industry, capacity of electricity consumption, economic security of the country, energy resources, ensuring energy security, power plants, energy saving equipment, hydropower.*

УДК: 336.581

# ХУСУСИЯТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАВӢ ВА ЗАМИНАҲОИ КОРБУРДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РУСТАМ АБДУҚАЮМ РУСТАМ,**
докторант (PhD)-и кафедари идоракунии молияи давлатӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 887-78-07-80. E-mail: arustam0101@gmail.com.

*Имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ олот ва шаклҳои нави ҷалб намудани сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ зарур мебошанд. Яке аз чунин олоти муосир маблағгузории лоиҳавӣ мебошад.*

*Падидаи мазкур дар амалияи хориҷии фаъолияти сармоягузорӣ истифодаи васеи худро ёфтааст. Вале дар мамлакати мо вай то ҳол истифода намешавад. Дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мафҳуми маблағгузории лоиҳавӣ вуҷуд надорад. Масъалаҳои таҳқиқ ва корбурди маблағгузории лоиҳавӣ чун яке аз тарзҳои босамараи ҷалб кардани сарчашмаҳои маблағгузории сармоягузориҳо низ дар интишороти илмии ватанӣ баррасӣ намешаванд. Вобаста ба ин зарурат барои таҳқиқи заминаҳо ва шароити корбурди тарзи мазкури маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мамлакат мавҷуд аст.*

*Дар мақола дар асоси таҷрибаи байналмилалии корбурди маблағгузории лоиҳавӣ заминаҳо ва имконияти истифодаи олоти мазкур дар фаъолияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудаанд. Марҳилаҳои таърихии пайдошавӣ ва рушди маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ омӯхта шудаанд. Таҳлили шумораи зиёди сарчашмаҳои илмӣ ба ҷо оварда шуда, маънидодкуниҳои гуногуни мафҳуми маблағгузории лоиҳавӣ таҳқиқ карда шудаанд. Дар асоси омӯзиши таърихи пайдошавӣ ва таҳаввули мафҳуми маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ хусусиятҳои ташаккул ва рушди он ҷудо карда шудаанд. Ҳамчунин тафовути он аз дигар тарзҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ошкор карда шудааст.*

*Аз натиҷаҳои таҳқиқот заминаҳо ва шароити корбурди маблағгузории лоиҳавӣ дар фаъолияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба хусус ҳангоми маблағгузории барномаҳои миллӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ муайян карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *фаъолияти сармоягузорӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳавӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, қарзгирии ҳадафнок, қарздиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ташкилоти лоиҳавӣ, сарпарастони лоиҳа.*

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувори худ ба бунёди механизми босамараи инноватсионӣ рӯ овардааст. Бо назардошти сатҳи баланди фарсудашавии воситаҳои асосӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ – соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ рушди иқтисодиёти миллӣ дар асоси роҳандозӣ намудани стратегияи инноватсионӣ ба бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, навкунии инфрасохтори истеҳсолот эҳтиёҷ дорад, ки ҳамаи ин тавассути амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ имкон дорад. Дар навбати худ иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷалб намудани маблағҳои заруриро аз сарчашмаҳои гуногун талаб менамояд.

Дарёфти механизми муносиби ҷалб намудани сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ масъалаи асосии равандҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар замони муосир мебошад. Яке аз механизмҳои босамараи ҷалб намудани сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки солҳои охир корбурди он дар амалияи ҷаҳонӣ густариш ёфтааст, маблағгузории лоиҳавӣ мебошад.

Падидаи маблағгузории лоиҳавӣ, ки дар адабиёти хориҷии англисизабон аллакай аз солҳои 1970 чун «Project Finance» [18] ё «Project Financing» [25] маъмул аст, амсилаи муосири ҷалб намудани сармоягузориҳоро дар шароити хавфи баланд ифода менамояд. Хосияти асосии маблағгузории лоиҳавӣ ин аст, ки бозпас гардонидани сармоягузориҳо ва гирифтани даромад аз ҳисоби ҷараёнҳои пулие ба ҷо оварда мешавад, ки худи объекти дар доираи иҷрои лоиҳа сохташуда онҳоро ҳосил менамояд [15, с.14]. Яъне объекти сармоягузорӣ лоиҳаи мушаххасе мебошад, ки онро ин ё он субъекти хоҷагидорӣ амалӣ менамояд, на тамоми фаъолияти хоҷагидории қарзгир [12, с.135].

Маблағгузории лоиҳавӣ чун олоти маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ба андешаи мо барои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо вобаста ба самаранокии иқтисодӣ, инчунин азбоиси хосияти фарққунандаи худ - таъмини шаффофии истифодабарии воситаҳои молиявӣ, ки ҳангоми иҷрои фармоишҳои давлатӣ ва барномаҳои миллӣ ниҳоят муҳим аст, зарур мебошад. Бо сабаби аҳамияти баланд доштани маблағгузории лоиҳавӣ дар равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таҳқиқи нисбатан муфассали механизм, хусусиятҳо ва заминаҳои истифодабарии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Бино бар ин, мо таърихи пайдошавӣ ва таҳаввули мафҳуми маблағгузории лоиҳавиро дар мамлакатҳои хориҷӣ таҳқиқ намуда, хусусиятҳои ташаккул ва рушди онро ҷудо мекунем. Омӯзиши марҳилаҳои асосии рушди маблағгузории лоиҳавӣ дар ҷаҳон ба мо имкон медиҳад, ки шароити рушди онро хубтар дарк намоем ва имкони татбиқи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кунем.

То ба миён омадани таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои маблағгузории лоиҳавӣ аллакай аломатҳои ин шакли маблағгузорӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ ба кор бурда мешуданд. Пайдошавии маблағгузории лоиҳаҳо ба пояҳои шабеҳ бо маблағгузории лоиҳавии муосир таърихи тӯлонӣ дорад. Олимон дар таҳқиқоти худ қайд менамоянд, ки аввалин аломатҳои маблағгузории лоиҳавӣ аллакай дар таърихи пешини Англия маълум буданд. Соли 1299 Шоҳигарии Англия лоиҳаеро оид ба коркарди конҳои нуқра бо истифодаи ҳам маблағҳои худӣ ва ҳам ҷалби маблағҳои қарзии бонки италиявии Фрескобали амалӣ намудааст [21, с.4]. Бонк қарзро бо шарти гирифтани ҳуқуқ барои коркарди солонаи нуқра дар кони мазкур пешниҳод мекард. Дар ин маврид шоҳигарӣ ба бонк ягон хел кафолат ҷиҳати ҳаҷми корҳо ва нуқраи истихроҷшаванда намедод. Бешубҳа, дар асри XIII ҳоло мафҳуми «маблағгузории лоиҳавӣ» вуҷуд надошт, вале принсипи ҳисобикунӣ бар ивази қарз бо дороиҳои аз натиҷаи амалисозии лоиҳа бадастоянда ба фаҳмиши муосири мафҳуми мазкур рост меомад.

Дар асари Э.Р. Йескомб [4, с.14] оид ба маблағгузории лоиҳаҳои барқарорсозии роҳҳо дар Англия дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX бо истифода аз тарҳи бо маблағгузории лоиҳавӣ шабеҳ ёдрас мешавад. Ғайр аз ин, муҳаққиқ ба корбурди тарзи маблағгузории лоиҳавӣ дар соҳаҳои сохтмони роҳи оҳан, хатҳои барқрасонӣ, обкашонӣ, газтаъминкунӣ ва телефон ишорат мекунад.

Тарзҳои маблағгузории лоиҳаҳо, ки принсипҳои асосии методикаҳои муосири маблағгузории лоиҳавӣ ба онҳо такя мекунанд, аввалин маротиба дар солҳои 1930 истифода шудаанд. Ҳамин тавр, он замон дар иёлоти Техаси ИМА ҳангоми коркарди конҳои нефт қарз минбаъд аз ҳисоби нефти истихроҷшаванда пардохт карда мешуд. Маблағҳои барои коркарди кон ва оғоз намудани истихроҷи нефт заруриро бонкҳо бо кафолати захираҳои нефт пешниҳод мекарданд [4, с.15]. Ин тарзи пешниҳод кардани қарз дар Аврупо дар солҳои 1970 ҳангоми коркарди конҳои нефт дар Баҳри Шимолӣ ба кор бурда мешуд. То солҳои 1980 коркарди конҳои нефт дар бозори қарзҳои лоиҳавӣ

мақоми муҳимро ишғол менамуд. Баъдтар қарздиҳандагон ба инфрасохтор, электроэнергетика, телекоммуникатсия ва дигар соҳаҳои нав таваҷҷуҳ мекарданд.

Тавре А.Э. Баринов [2, с.27] қайд мекунад, аз солҳои 1970 эҳтиёҷи ҷомеа ба сармоягузориҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт ба қадри муҳим зиёд гардид. Қарзгирандагони асосӣ мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рушдёбанда буданд, ки асосан захираҳои бойи табиӣ дошта, аз ҳисоби истихроҷ ва фурӯши онҳо ба афзӯн намудани рушди иқтисодии худ ҷаҳд мекарданд. Вазъи матлуб дар бозорҳои сарватҳои табиӣ даромаднокии баланди сафарбаркунии қарзро барои коркарди конҳои нефту газ муайян намуд. Аммо барои паст намудани сатҳи хавфҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ бонкҳо қоидаҳо ва принсипҳои муайянеро таҳия намуданд, ки бояд дар мавриди ин гуна қарздиҳӣ ба кор бурда шаванд.

Минбаъд, бо густариши имконияти молиявии давлатҳои алоҳида ва рушди технологияҳои молиявии байналмилалӣ амалиёти пешниҳод кардани воситаҳо барои эҳтиёҷи лоиҳаҳои сармоягузорӣ (сохтмони асосии объекти калон ё хариди таҷҳизоти технологӣ) унвони умумии «маблағгузории лоиҳавӣ»-ро ба худ гирифт.

Бухрони энергетикии соли 1973, ки бо таҳримҳои ба истеҳсол ва фурӯши нефт алоқаманд маъмул аст, ба рушди маблағгузории лоиҳавӣ такон бахшид. Он замон ОПЕК (ташкилоти мамлакатҳои содироткунандаи нефт) ба хотири ба нафъи худ ба нархҳои ҷаҳонии нефт таъсир расонидан ҳаҷми истихроҷи нефтро кам кард. Дар натиҷа нархи нефт баланд шуда, даромаднокии сармоягузориҳо ба лоиҳаҳои бо истихроҷ ва корркарди нефт алоқаманд низ босуръат афзӯн шуд ва бонкҳои пешбари ҷаҳонӣ аз ин ҳисоб даромади зиёд мегирифтанд. Ҳамаи ин ба афзоиши бошиддати пешниҳоди воситаҳои қарзӣ овард. Ҳолатҳои мазкур ба дигаршавии ҷиддии фаъолияти бонкҳо мусоидат намуданд. Рафтори маъмул, ки дар доираи он қарзгирандагони имконӣ худ ба бонкҳо муроҷиат менамуданд, ба татбиқи сиёсати шадиди қарзӣ мубаддал гардид. Акнун бонкҳо худ ба ҷустуҷӯи фаъол ва дарёфти лоиҳаҳои даромаднок барои пешкаш намудани қарз, пеш аз ҳама дар бахшҳои нефт ва газ шуруъ намуданд. Дар талош барои гирифтани фоидаи фавқуллода баланд, ки лоиҳаҳои бо истихроҷ ва коркарди нефт ва газ алоқаманд меоварданд, бонкҳо хавфҳои баландро қабул намуда, бо шароити маблағгузории лоиҳавӣ қарзҳо пешниҳод мекарданд. Бо иштирок дар ин гуна лоиҳаҳо хавфи қарзии бонкҳо зиёд мешуд, чунки қарздиҳӣ бе ҳуқуқи кафолати бозпас гирифтани воситаҳои молиявӣ ба ҷо оварда мешуд, бо вуҷуди он ки технологияҳои пармакунии зерибаҳрӣ нав акнун вусъат меёфтанд ва пурра таҳқиқ нашуда буданд [16, с.67].

Далелҳои таърихие, ки мо ҷиҳати ташаккул ва рушди маблағгузории лоиҳавӣ баррасӣ намудем, замина барои ташаккул ва рушди падидаи мазкур чун раванди молиявии мустақил хизмат менамоянд ва ба андешаи мо онҳоро метавон ба марҳилаи аввалии рушди маблағгузории лоиҳавӣ мансуб донист, ки хосиятҳои калидии он чунинанд:

- ҳадафнок будани маблағгузорӣ;
- таъмини қарз бо дороиҳои дар раванди амалисозии лоиҳа ҳосилшаванда.

Ҳоло масъалаҳои назариявӣ ва амалии маблағгузории лоиҳавӣ мавзӯи омӯзиши муфассали олимон, коршиносон ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ мебошад. Корҳои илмии аввалӣ оид ба таҳқиқи падидаи мазкур, тавре пештар қайд кардем, дар охири солҳои 1970 ба нашр расидаанд, вале давраи омӯзиши нисбатан фаъоли он ба даҳаи аввали асри XXI рост меояд. Дар ин давра асарҳои появӣ дар соҳаи маблағгузории лоиҳавӣ нашр шудаанд, чун С. Гатти [22, с.135-158], Э.Р. Йескомб [4], С. Клеймейер [24, с.49-59], Дж.Д. Финнерти [21], Б. Эсти [19; 20] ва дигарон.

Дар интишороти ватанӣ корҳои илмӣ оид ба омӯзиши баъзе масъалаҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳастанд, чун Д.Б. Қодирзода [8], Қ.Х. Хушвахтзода [17]. Аммо таҳқиқоти бевосита ба масъалаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва махсусан маблағгузории лоиҳавӣ бахшидашуда ба назар намерасанд. Ҳатто худи мафҳуми «маблағгузории лоиҳавӣ» на дар интишорот ва на дар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ватанӣ ёдрас нашудааст.

Дар асарҳои олимони хориҷӣ мафҳуми «маблағгузории лоиҳавӣ» ба таври мухталиф шарҳ дода шудааст. Тавре С. Хоффман қайд менамояд, аз сабаби яксон дарк накардан мафҳуми маблағгузории лоиҳавӣ аксаран нодуруст маънидод карда мешавад. Баъзан мафҳуми мазкур барои шарҳ додани афзоиши хароҷоти иҷрои лоиҳа, ё барои муайян кардани ҳолати дефолт, ки танҳо бо роҳи маблағгузории шадид метавонад бартараф карда шавад, истифода мешавад [23]. Б. Эсти дар китоби худ «Маблағгузории лоиҳавии муосир» маблағгузории лоиҳавиро чун «тарзи сафарбаркунии сарчашмаҳои гуногуни молиявӣ, истифодабарии олоти гуногун ва тақсимкунии муносиби хавфҳо» маънидод кардааст [19, с.25].

Е.М. Афанасев [1, с.166], А.Э. Баринов [3, с.16], В.Ю. Катасонов [5, с.32] ва В.В. Романов [132, с.21] таҷрибаи ҷаҳонии корбурди маблағгузории лоиҳавиро бо иштироки ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ ва бонкҳо дар мамлакатҳои гуногун таҳқиқ кардаанд. Онҳо ҳамчунин ба омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳавӣ монеашаванда чун муҳити номатлуби сармоягузорӣ, сатҳи баланди хавф, нобасандагии воситаҳои молиявӣ, сатҳи пасти дониш ва кордонии иштирокчиён диққати хоса додаанд.

О.В. Никулина ва К.В. Баклажкова қайд менамоянд, ки аҳамияти назариявии маблағгузории лоиҳавӣ дар ҷамъбаст намудан ва ба тартиб даровардани равишҳои методологӣ ба арзёбии самаранокии корхонаҳои соҳаҳои гуногун ифода меёбад. Ба андешаи онҳо марҳилаи муосири рушди маблағгузории бонкии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо сатҳи баланди таҳаввулот дар бозори молиявӣ алоқаманд аст. Аммо дар шароити буҳрони молиявии ҷаҳонӣ бонкҳо ба маблағгузории лоиҳаҳои бо пояҳои маблағгузории лоиҳавӣ батартибдаровардашуда манфиат доранд [11, с.165].

И.Н. Крутова равиши навро ба усулҳои таҳия намудани қарор аз ҷониби бонк оид ба имкони маблағгузорӣ намудани ин ё он лоиҳа пешниҳод намудааст, ки ба назора ва таҳлили пешазсармоягузории рушди соҳаи минтақае, ки бонк дар он фаъолият мекунад, асос меёбад [7, с.52].

И.А. Трушина дар натиҷаи таҳқиқи вазъи муосири маблағгузории лоиҳавӣ соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиётро чун энергетика, саноати нефту газ, нақлиёт барои истифодабарии усулҳои маблағгузории лоиҳавӣ муайян намудааст [16, с.66].

Агар раванди таҳаввули мафҳуми маблағгузории лоиҳавиро таҳқиқ кунем, метавонем хусусиятҳои фарқкунандаи ин шакли маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро ҷудо намоем. Хосияти асосии мафҳуми мазкур, ки дар аксари интишорот қайд шудааст, ин аст, ки ҳангоми бастани аҳд оид ба ҷалби сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа асосан ба ҷараёнҳои пулие такя карда мешавад, ки худи лоиҳа меоварад, на ба дастгирии қарзии сарпарастони лоиҳа [6, с.206].

В.Ю. Катасонов ба ду тарзи маънидодкунии мафҳуми маблағгузории лоиҳавӣ ишорат мекунад [5, с.15]:

- чун қарзгирии ҳадафнок бе талаби бозпас гирифтан, ё бо бозпасгирии маҳдуд. Дар ин маврид таъмини ухдадориҳои пардохтии вай ба таври истисно асосан даромадҳои пулии аз объекти фаъолияти сармоягузорӣ ҳосилшаванда мебошад;

- чун тарзи сафарбар кардани сарчашмаҳои маблағгузории гуногун ва истифодабарии маҷмӯии ҳамаи усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории мушаххас.

Ба ақидаи В.Ю. Катасонов яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории лоиҳавӣ қарзи бонкӣ мебошад, вале барои амалисозии лоиҳа ҷалб намудани воситаҳо бо усулҳои дигар зарур аст. Аз маънидодкуниҳои овардашуда на он қадар хуб дарк карда мешавад, ки оё дар амалияи байналмилалии маблағгузории лоиҳавӣ ҳолатҳои амалисозии лоиҳаҳо бе ҷалби қарзи бонкӣ дучор мешаванд. Вале ҷои дигар - дар боби ба қалами В.Ю. Катасонов мансуббудаи китоби дастаҷамъии «Муносибатҳои байналмилалии асъорӣ-қарзӣ ва молиявӣ» маблағгузории лоиҳавӣ ба сифати шакли муосири қарздиҳии дарозмуҳлати лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо муҳлати муайян баррасӣ мешавад [9, с.234]. Ба қавли муаллиф, гарчанде мафҳуми маблағгузории лоиҳавӣ ба хотири ҳамамақбул будан ба кор бурда шудааст, сухан дар бораи қарздиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар якҷоягӣ бо маблағгузорӣ меравад. Дар тафовут аз қарзи бонкии анъанавӣ ва дигар усулҳои ҷалб намудани воситаҳо барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳавӣ якчанд хусусиятҳо дорад, ки асосиашонро муаллиф номбар кардааст [9, с.235]:

- гуногуншаклии сарчашмаҳои воситаҳо – миллӣ ва хориҷӣ, хусусӣ ва давлатӣ, миёнаравҳои молиявии бонкӣ ва ғайрибонкӣ;

- истифодаи шаклҳои гуногуни қарз (бонкӣ, тиҷоратӣ, лизинг) ва маблағгузорӣ (барориши қоғазҳои қиматнок, мусоидати буҷетӣ дар шакли кафолати давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ, баъзан сармояи худии корхонаҳо – иштирокчиёни маблағгузории лоиҳавӣ);

- ҷалб намудани шумораи зиёди иштирокчиён - бонкҳо, сарпарастони лоиҳа, ташкилоти лоиҳавӣ, ташаббускори лоиҳа (яке аз сарпарастон), ки ба бонк дархост барои қарз пешниҳод намудааст, сармоягузороне, ки қоғазҳои қиматноки нашрнамудаи ташкилоти лоиҳавиро мехаранд, бонкҳои сармоягузорӣ ва брокерҳо-миёнаравҳо дар ҷойгиркунии ин қоғазҳои қиматнок, ташкилотҳои суғуртавӣ, мушовирон (молиявӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ), паймонкорон ва таҳвилкунандагони молҳои сармоягузорӣ, харидорони маҳсулоти лоиҳавӣ;

- чун таъмини қарзӣ бонкӣ хизмат намудани маблағи фурӯши оянда қарзгир аз амалисозии лоиҳа, на гарави анъанавӣ.

Ташкилотчии асосии маблағгузории лоиҳавӣ – ташкилоти лоиҳавӣ мебошад, ки чун қарзгири қарзи лоиҳавӣ, фармоишгари корҳо оид ба лоиҳаи сармоягузорӣ, танзимгари объекти фаъолияти сармоягузорӣ баромад мекунад. Тавассути он ҷараёнҳои молиявии асосии бо қарзиҳӣ ва маблағгузорӣ, бо баргардонидани қарз ва иҷрои уҳдадориҳо дар назди муассисони он алоқаманд мегузаранд. Ба сифати қарздиҳандаи асосии лоиҳаи сармоягузорӣ бонк баромад менамояд. Дар ин маврид чун объекти аз ҷониби бонк баҳодиҳии лоиҳаи сармоягузорӣ баромад мекунанд:

- лоиҳаи сармоягузорӣ;

- таъмини қарзи лоиҳавӣ (дороиҳои ташкилоти лоиҳавӣ, кафолат, замонат).

Робитаи маблағгузории лоиҳавиро бо қарзи бонкӣ мутахассисони дигар низ тасдиқ менамоянд. А.Л. Смирнов ва Л.Н. Красавина низ тасдиқ менамоянд, ки асоси маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ – «маблағгузории лоиҳавӣ» - қарзи бонкӣ мебошад [14, с.23]. Ба қавли муаллифи дигар В.А. Москвин мафҳумҳои «қарзи лоиҳавӣ» ва «маблағгузории лоиҳавӣ» ҳарду ҳаммаъно мебошанд [10, с.53].

Ҳамин тавр, дар аксари интишороти ба мо дастрас ишорат мешавад, ки ҳангоми маблағгузории лоиҳавӣ сухан дар бораи қарздиҳӣ (қарз) меравад. Нашрияи появии

«EUROMONEY» – «Project Financing» низ ин фикрро тасдиқ намуда, қайд мекунад, ки маблағгузории лоиҳавӣ ин «пешниҳод кардани қарз (вом) ба субъекти иқтисодӣ ба ҳисоби воридшавиҳои оянда аз лоиҳа ва бо таъмин дар шакли гарави дороиҳо» [26, с.3] мебошад, ки дар амалисозии лоиҳаҳо дар илова ба қарз ҳамзамон истифода бурдани дигар сарчашмаҳои воситаҳоро истисно намекунад.

Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти мо метавон бо боварӣ тасдиқ намуд, ки имрӯз ҷолибияти тарзи маблағгузории лоиҳавӣ дар ҷаҳон ва хоса дар мамлакатҳои рӯ ба рушд барои ба ҷо овардани лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ баланд мешавад. Тарзи мазкури таъмини лоиҳаҳо бо сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар муддати на чандон тӯлонии мавҷудияти худ ба таҳавули муҳим дучор гардида, вале ҳоло ҳам самаранокии худро дар амалисозии лоиҳаҳои муҳими миллӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ собит менамояд. Метавон гуфт, ки ҳатто дар шароити муосири паёмадҳои буҳронӣ маблағгузории лоиҳавӣ бартариҳои худро нисбат ба дигар шаклҳои баҷоории лоиҳаҳои сармоягузорӣ нигоҳ медорад.

Дар сохтори ҷараёнҳои сармоягузории байналмилалӣ маблағгузории лоиҳавӣ ҳиссаи муҳимро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, дар соли 2020 бо вуҷуди пандемияи Covid-19 ҳаҷм ва миқдори аҳдҳои сармоягузории бо шароити маблағгузории лоиҳавӣ татбиқшаванда дар миқёси ҷаҳонӣ нисбат ба соли 2019 зиёд шудаанд: ҳаҷми маблағгузории лоиҳавии ҷалбгардида дар нимсолаи аввали соли 2020 маблағи 123,6 млрд. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки ба андозаи 3,4% нисбат ба нимсолаи аввали соли 2019 зиёд аст. Дар ин маврид шумораи лоиҳаҳои бо шароити маблағгузории лоиҳавӣ татбиқшуда дар ҷаҳон дар нимсолаи аввали соли 2020 - 317 адад ва дар нимсолаи аввали соли 2019 – 396 адад мебошад [27].

Бо вуҷуди дар мамлакатҳои хориҷӣ ба таври васеъ паҳн гардидани маблағгузории лоиҳавӣ ин шакли маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нав аст. Ҳоло дар мамлакат асосҳои ҳуқуқии падидаи мазкур коркард нашудаанд. Худи мафҳуми «маблағгузории лоиҳавӣ» дар ягон санади қонунгузорӣ баррасӣ нашудааст.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола миқдори зиёди лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро дар соҳаҳои гуногуни афзалиятноки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ месозад, истифодаи тарзи маблағгузории лоиҳавӣ дар равандҳои амалисозии ин лоиҳаҳо муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар марҳилаҳои аввалии татбиқи маблағгузории лоиҳавӣ вобаста ба ғайримуқаррарӣ будани амалияи мазкур ҳам барои бонкҳо, ҳам барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатии ташаббускори лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонанд душвориҳо ба миён оянд. Бино бар ин, ба хотири ташаккул ва рушди маблағгузории лоиҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани замина ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкории байни сармоягузорони имконӣ ва ташаббускорони лоиҳаҳои сармоягузорӣ зарур аст. Ҳамчунин бояд корҳо оид ба паст намудани сатҳи хавфҳо барои қарздиҳандагон анҷом дода шаванд.

Маблағгузории лоиҳавӣ хароҷоти транзаксионии нисбатан зиёдро талаб менамояд, чунки барои роҳандозӣ намудани он гузаронидаи ташхис ва мувофиқакунии амалҳо ва ҳамкориҳои байни шумораи зиёди иштирокчиёни раванди маблағгузории сармоягузорӣ – ташаббускор ва сарпарастони лоиҳа, мушовирон оид ба ҷиҳатҳои гуногуни лоиҳа, бонкҳои тиҷоратӣ ва давлатӣ, миёнаравҳо, паймонкорон, таҳвилкунандагони таҷҳизот, харидорони маҳсулот ва хизматрасониҳои дар объекти сармоягузорӣ истеҳсолшаванда, мақомоти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ ва дигарон зарур аст.

Ба андешаи мо, барои ҷорӣ намудани тарзи маблағгузории лоиҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ташаккули қонунгузорӣ оид ба ҷиҳатҳои гуногуни муносибатҳои байни иштирокчиёни раванди маблағгузории лоиҳавӣ зарур аст. Ворид намудани тағйирот ва иловаҳои дахлдор ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа муқаррар намудани мафҳуми «маблағгузории лоиҳавӣ» ва ҷой додани он дар қонунгузории зикргардида мебошад. Инчунин дар қонунгузорӣ муайян намудани унсурҳои танзимкунандаи чунин ҷиҳатҳо зарур аст:

- ҷудо намудани амволи лоиҳа бо ёрии шахси ҳуқуқии махсус – ташкилоти лоиҳавӣ;
- пешкаш намудани амволи лоиҳа барои таъмини қарз ба қарздиҳандагон;
- истифодабарии даромади оянда аз объекти сармоягузорӣ гирифташаванда, ҷараёнҳо ва дороиҳои оянда барои пардохт кардани уҳдадориҳо дар назди қарздиҳандагон;
- ҳифз ва назорати ҷараёнҳои пулии дар раванди амалисозии лоиҳа ҳосилшаванда.

Таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, метавон қайд кард, ки аҳамияти маблағгузории лоиҳавӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас буда метавонад. Ин тарзи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат муҳим аст. Ҳангоми муайян намудани асосҳои ташаккули маблағгузории лоиҳавӣ рушд додани шаклҳои пешрафтаи қарздиҳӣ, ки сарбории оқилонаро ба қарзгирон пешбинӣ менамоянд ва гирифтани натиҷаи муайянро барои сармоягузорон кафолат медиҳанд, зарур аст. Таҷрибаи хориҷиро дар самти маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба худ қабул намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ин дорои заминаҳо ва шароити муносиб мебошад, метавонад ба нишондиҳандаҳои баланди иҷтимоию иқтисодӣ ноил гардад.

## Адабиёт


1. Афанасьев Е.М. Анализ эволюции проектного финансирования на примере зарубежного опыта [Текст] / Е.М. Афанасьев // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. – 2014. - № 2 (192). – С. 166-171
2. Баринов Э.А. Об актуальных проблемах и особенностях международного финансирования инвестиционных проектов [Текст] / Э.А. Баринов // Финансы и кредит. – 2007. – № 41 (281). - С. 27-38
3. Баринов А.Э. Современное состояние мирового рынка финансирования инвестиционных проектов и роль банков в его развитии // Финансы и кредит. - 2007. - № 25 (265). - С. 16–22
4. Йескомб Э.Р. Принципы проектного финансирования [Текст] / Э.Р. Йескомб / Пер. с англ. - М.: Альпина Паблишер, 2008. - 488 с.
5. Катасонов В.Ю. Проектное финансирование: мировой опыт и перспективы для России [Текст] / В.Ю. Катасонов, Д.С. Морозов, М.В. Петров. – М.: АНКИЛ, 2001. – 312 с.
6. Клейменова А.В. Ключевые особенности проектного финансирования [Текст] / А.В. Клейменова // European Science Review. – 2014. - № 3-4. – С. 205-209
7. Крутова И.Н. Формирование и развитие системы проектного финансирования предприятий АПК: теория, методология, практика [Текст] / И.Н. Крутова. - Саранск: Изд-во Мордовского университета, 2010. - 198 с.

8. Қодирзода Д.Б., Хидиралиев Р.З. Муаммоҳои асосии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Д.Б. Қодирзода, Р.З. Хидиралиев // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 1. - С. 67-73

9. Международные валютно-кредитные и финансовые отношения [Текст] / Под ред. Л.Н. Красавиной. – М.: Финансы и статистика, 2005. – 573 с.

10. Москвин В.А. Кредитование инвестиционных проектов [Текст] / В.А. Москвин. – М.: Финансы и статистика, 2001 – 238 с.

11. Никулина О.В., Баклажкова К.В. Специфика банковского проектного финансирования инвестиционной деятельности предприятий различных отраслей экономики России [Текст] / О.В. Никулина, К.В. Баклажкова // Вестник пермского университета. Серия: Экономика. – 2016. – № 4(31). – С. 164-175

12. Переверзева В.В. Эффективная система проектного финансирования: принципы и практика [Текст] / В.В. Переверзева // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Экономика. Управление. Право. – 2018, - Т. 18. - № 2. – С. 134-140

13. Романов В.В. Международный и российский опыт проектного финансирования инновационной деятельности [Текст] / В.В. Романов // Региональные проблемы преобразования экономики. - 2013. - № 3 (37). - С. 21–32

14. Смирнов А.Л., Красавина Л.Н. Международный кредит: формы и условия [Текст] / А.Л. Смирнов, Л.Н. Красавина. - М.: Консалтбанкир, 1995. – 86 с.

15. Судас Л.Г., Бобылева А.З., Львова О.А. Зарубежный опыт проектного финансирования в сфере энергетики [Электронный ресурс] / Л.Г. Судас, А.З. Бобылева, О.А. Львова // Государственное управление. Электронный вестник // Режим доступа: URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=17919061 – 2011. - № 29. – С. 14

16. Трушина И.А. Ретроспективный анализ проектного финансирования [Текст] / И.А. Трушина // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Экономика и управление. – 2016. – № 2 (25). – С. 66-72

17. Хушвахтзода Қ.Х., Набиев Б.А. Таҳқиқи масоили назариявии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021.- № 3-2. – С. 5-15

18. Benoit Ph. Project Finance at the World Bank. An Overview of Policies and Instruments [Text] / Ph. Benoit // World Bank Technical Paper. – The World Bank, Washington, D.C. - 1996. – 110 p.

19. Esty B.C. Modern Project Finance: A Casebook [Text] / B.C. Esty. - New York: John Wiley & Sons, 2003. – 562 p.

20. Esty B.C. Why Study Large Projects? An Introduction to Research on Project Finance [Text] / B.C. Esty // European Financial Management. - 2004. - Vol.10. - N 2. - P. 213-224

21. Finnerty J.D. Project financing. Asset-based financial engineering [Text] / J.D. Finnerty. - New Jersey: Wiley, 2007. - 476 p.

22. Gatti S. Measuring value-at-risk in project finance transactions [Text] / S. Gatti, A. Rigamonti, F. Saita, M. Senati // European Financial Management. - 2007. – N 13 – P. 135-158

23. Hoffman Scott L. The law and business of international project finance [Text] / S.L. Hoffman / 3rd ed. - Cambridge: Cambridge University. Press. – 2012. – 750 p.

24. Kleimeier S., Versteeg R. Project finance as a driver of economic growth in low-income countries [Text] / S. Kleimeier, R. Versteeg // Review of Financial Economics. - 2010. - Vol. 19. - P. 49-59

25. Nevitt P.K. Project Financing [Text] / P.K. Nevitt. - London: Euromoney Books, 1978. – 319 p.

26. Nevitt P., Fabozzi F. Project Financing [Text] / P. Nevitt, F. Fabozzi / 7th edition. – London: Euromoney Books, 2000. - 498 p.

27. Refinitiv. Project Finance Review - First Half 2020 [Electronic resource] / Access mode: URL: https://thesource.refinitiv.com/thesource/getfile/index/b66fc322-dd25-433d-b1f4-e6af62efe06c

# ОСОБЕННОСТИ ПРОЕКТНОГО ФИНАНСИРОВАНИЯ И ПРЕДПОСЫЛКИ ЕГО ПРИМЕНЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**РУСТАМ АБДУКАЮМ РУСТАМ,**
доктoрант (PhD) кафедры управления государственными финансами Таджикский национальный университет.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 887-78-07-80. E-mail: arustam0101@gmail.com.

*Сегодня для Республики Таджикеистан в целях обеспечения устойчивого социально-экономического развития и достижения стратегических целей необходимы новые инструменты и формы привлечения внутренних и внешних инвестиций. Одним из таких современных инструментов является проектное финансирование.*

*Данный феномен нашел широкое применение в зарубежной практике инвестиционной деятельности. Однако в нашей стране он еще не используется. В национальном законодательстве и нормативных правовых актах понятие проектного финансирования отсутствует. Вопросы исследования и применения проектного финансирования как один из эффективных способов привлечения источников финансирования инвестиций также не рассматриваются в отечественных научных публикациях. В связи с этим существует необходимость в исследовании предпосылок и условий применения данного способа финансирования инвестиционных проектов в стране.*

*В статье на основе международного опыта применения проектного финансирования исследуются предпосылки и возможности использования данного инструмента в инвестиционной деятельности Республики Таджикистан. Изучены исторические периоды возникновения и развития проектного финансирования в зарубежных странах. Проведен анализ большого объема литературных научных источников и изучены различные толкования понятия проектного финансирования. На основе изучения истории возникновения и эволюции понятия проектного финансирования в зарубежных странах выделены особенности его формирования и развития. Выявлены также его отличия от других способов финансирования инвестиционных проектов.*

*По результатам исследования определены предпосылки и условия применения проектного финансирования в инвестиционной деятельности Республики Таджикистан, и особенно при финансировании национальных программ и государственных инвестиционных проектов.*

***Ключевые слова:*** *инвестиционная деятельность, инвестиционный проект, источники финансирования инвестиционных проектов, проектное финансирование, международные финансовые организации, целевое кредитование, кредитование инвестиционного проекта, проектная организация, спонсоры проекта.*

# FEATURES OF PROJECT FINANCING AND PREREQUISITES FOR ITS APPLICATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RUSTAM ABDUQAYUM RUSTAM,**
PhD doctoral student of the Department of Public Finance Management of the Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 887-78-07-80. E-mail: arustam0101@gmail.com.

*Today, in order to ensure sustainable socio-economic development and achieve strategic goals, the Republic of Tajikistan needs new tools and forms of attracting domestic and foreign investments. One of such modern tools is project financing.*

*This phenomenon has found wide application in foreign practice of investment activity. However, it is not yet used in our country. There is no concept of project financing in national legislation and regulations. The issues of research and application of project financing as one of the*

*effective ways to attract sources of investment financing are also not considered in domestic scientific publications. In this regard, there is a need to study the prerequisites and conditions for the application of this method of financing investment projects in the country.*

*In the article, based on international experience in the application of project financing, the prerequisites and possibilities for using this instrument in the investment activity of the Republic of Tajikistan are explored. The historical periods of the emergence and development of project financing in foreign countries are studied. The analysis of a large volume of literary scientific sources has been carried out and various interpretations of the concept of project financing have been studied. Based on the study of the history of the emergence and evolution of the concept of project financing in foreign countries, the features of its formation and development are highlighted. Its differences from other ways of financing investment projects are also revealed.*

*Based on the results of the study, the prerequisites and conditions for the use of project financing in the investment activities of the Republic of Tajikistan, and especially in the financing of national programs and state investment projects, were determined.*

***Key words:*** *investment activity, investment project, sources of financing investment projects, project financing, international financial organizations, targeted lending, investment project lending, project organization, project sponsors.*

**УДК: 005.95**

# ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ИНСОНӢ ҲАМЧУН СИСТЕМАИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

**РАҶАБОВ МУХТОР АҲАДҶОНОВИЧ,**
муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, кӯч. Саид Саид Носир, 33.
Тел.: (992) 988-84-49-99

*Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва проблемаҳои асосии идоракунии захираҳои инсониро дар шароити муосири рушди муносибатҳои истеҳсолӣ - иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар шароити инкишофи навгониҳои тараққиёт тавассути ҳалли проблемаҳои ҳифзи саломатӣ ва офияти неруи ҳаётии инсон, ҳамчунин рушди қобилияти инсонӣ, ба ҳисоб гирифтани ҷанбаъҳои табиии мавҷудияти инсон ҳангоми амалӣ гардонидани идоракунӣ, аз ҷумла захираҳои инсонӣ, ба рушди ҳамгуна низоми истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат менамояд. Идоракунии захираҳои инсонӣ яке аз масъалаҳои ососи ҷаҳони муосир буда рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти рузмраро дар бар мегирад. Рушди тамоми соҳаҳои мамлакатҳои тараққикарда аз самаранок, шафоф ва бе ғараз идоракунии захираҳои инсонии он вобастагӣ дорад.*

***Калидвожаҳо**: саломатӣ, тараққиёт, менеҷмент, ҳавасмандгардонӣ, илмӣ, арзишҳо, ташаббускорӣ, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои инсонӣ, стратегия, одамонанд, навовариҳо, қобилият, сиёсат, неруи, маҳорат, неруи иҷтимоӣ, зеҳнӣ, иқтисодӣ, неруи инсонӣ, хизмати давлат, сармояи инсонӣ, кадрҳо, консепсия,*

Ҳамчун дараҷаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ “захираҳои инсонӣ” қонуниятҳои асоситарин, равандҳои азнавбавуҷудорӣ, азнав- ташкилдиҳӣ, тақсимот ва истифодаи онҳоро дар маҷмӯъ бо муносибатҳои ҷамъиятии иҷтимоие инъикос менамоянд, ки дар ҷараёни ташаккули қувваи корӣ ва фаъолияти минбаъдаи меҳнатӣ дар байни одамон ба вуҷуд омадаанд.

Бори нахуст истилоҳи “захираҳои инсонӣ” дар соли 1970 дар соҳаи илму таҷрибаи идоракунии ИМА ва Британияи Кабир ва дере нагузашта дар аксар кишварҳои дигари дорои иқтисоди бозории рушдёфта низ мавриди истифода қарор гирифт. Ин истилоҳ дар навбати аввал бо он алоқаманд аст, ки нақшу мақоми инсон дар фаъолияти иқтисодӣ дар давраи инқилоби илмӣ-техникӣ, муносибат ба инсон, на фақат ҳамчун омили “рӯҳбаланд кардашудаи”-и истеҳсолот, балки ҳамчун ба шахсияти дорои хусусиятҳои ба вай хоси майлу рағбатнокӣ, ҳавасмандгардонӣ, ҳолатҳои рӯҳию равонӣ, арзишҳо, ташаббускорӣ ва ғ. ба тарзи нав фаҳмида шавад. Ҳамин тариқ, аён аст, ки тасаввурот дар бораи инсон, ки қаблан сусту беғайрат буда, мутассил ба шароити омилҳои берунӣ (асрҳои XVIII—XIX) мутобиқ гардид, комилан тағйир ёфта, имрӯз вай ҳамчун бунёдгари фаъоли ҳаёти худ, ҳамчун офарандаи неъматҳои бузург шинохта шудааст.

Эътирофи мафҳуми “захираҳои инсонӣ” ба ҳайси муайянкунандаи сатҳи рушди имкониятҳои ҷамъият (имрӯза ва оянда) аз ҳолатҳои зерин бармеояд: Тайи даҳсолаи охир муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба тағйироти муҳим дучор омад. На фақат доираҳои субъективӣ-объективӣ, мазмуну мундариҷа, балки ҳамчунин хусусият ва ҳатто ғояи муносибатҳои байниҳамдигарии иштирокдорони раванди меҳнатӣ дигаргун шудаанд. Нишонаҳои арзишманди сотсиализм, ки бо умумият ва ифтихормандии фаъолияти меҳнатӣ, баробарии имкониятҳои меҳнатӣ ва тақсимот аз рӯи саҳми меҳнатӣ алоқаманд буд, ҷойи худро бо сохти бозорӣ, дастовардҳои

тиҷоратӣ, рақобати шахсӣ, тақсимот аз рӯи мавқеи иҷтимоӣ ва сармояи моддӣ иваз намуданд. Бо вуҷуди ин, чун пештара, меҳнат яке аз муҳимтарин омилҳои истеҳсолот ба шумор меравад. Ҳам самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва ҳам раванди пешрафти ҷамъият, дар маҷмӯъ, аз таснифоти захираҳои миқдорӣ ва сифатии инсонӣ вобаста мебошанд.

Захираҳои инсонӣ – мафҳумест, ки сарвати асосии ҳама гуна ҷамъиятро инъикос намуда, ривоҷу равнақи он ҳангоми фароҳам оварда шудани шароиту имкониятҳо барои истеҳсолот, рушду такомул, истифодаи ин намуди захираҳо бо дарназардошти манфиатҳои ҳар як инсон имконпазир аст. Мафҳуми “захираҳои инсонӣ” назар ба мафҳумҳои “захираҳои меҳнатӣ” ва “шахсият” хеле васеъ мебошад, зеро “захираҳои инсонӣ” маҷмӯи тавсифоти иҷтимоии фарҳангӣ ва хусусиятҳои фардӣ - рӯҳию равонии одамонро фаро мегирад. Хусусияти хоси захираҳои инсонӣ дар муқоиса аз тамоми дигар намудҳои захираҳо (моддӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва ғ.) дар мазмунҳои зерин ифода меёбад:

1. Одамон дорои ақлу заковат мебошанд, аз ин рӯ аксуламали онҳо ба таъсироти берунӣ (идоракунӣ) на бешуурона, балки боидрокона - мулоҳизакорона мебошад; равандҳои таъсири мутақобилаи байни субъектҳои идоракунӣ ва одамон дучониба сурат мегиранд.
2. Ба шарофати соҳиб гаштан ба ақлу идрок одамон ба рушду такмилоти доимӣ қодиранд, ки ин имконияти ба ҳаёт доштаи онҳо сарчашмаи хеле муҳим ва тӯлонӣ барои таъмини пешрафти ҳама гуна ҷамъият ё ташкилотҳои ҷудогона ба шумор меравад.
3. Одамон дар назди худ мақсадҳо гузошта, аз рӯи фаҳмиши худ намудҳои муайяни фаъолият (истеҳсолӣ, ақлӣ ё ҷисмонӣ)-ро интихоб менамоянд.

Захираҳои инсонӣ – маҷмӯи одамонанд, ки ҳамчун дорандагони иқтидорҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, эҷодӣ, рӯҳӣ, қобилиятҳои кордонӣ, таҷрибанокӣ, малакаю маҳорат, рағбатнокӣ ва ҳадафҳои зист дар тамоми марҳилаҳои рушд қарор доранд.

Муҳиммияти ҳар ду тавсифоти сифатии инсон ба андозаи мушкилоти табии иқтисодиёт мунтазам меафзояд. Ин раванд тамоюли умумиҷаҳониро дар доираи меҳнат инъикос менамояд. Бахусус нақши сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавии инсон дар давраи дигаргуниҳои босуръат ва тағйироти амиқи дар иқтисодиёт ба амаломада ва умуман дар ҷамъият баланд мешавад.

Гузариш аз раванди банақшагирии қатъии марказонидашудаи иқтисодиёт дар танзими давлатии механизми бозории васеъ истифодашаванда он маъниро ифода менамояд, ки тарзи зиндагонии тамоми шаҳрвандони кишвар куллан дигаргун мешавад. Банақшагирии мутамарказ ба инсон роҳу равиши муносибат дар доираи меҳнатро иҷро мекард ва дар ин ҳолат барои инсон имкониятҳои маҳдуде бахри он боқӣ мемонд, то ки вай тавонад аз худ ташаббус, мустақилият, нишон диҳад, саломатӣ, қобилияту истеъдоди донишазхудикуниеро, ки табиат барояш ато намудааст, пурра истифода барад. Иқтисодиёти бозорӣ бошад, баръакс, ташаббускориҳои инсонро пешбинӣ менамояд. Инсон чи тавр ҳаёт ба сар мебарад, аз дарки «ворид шудан»-и ӯ ба низоми нави иқтисодӣ вобаста аст. Ва ин воридшавӣ ҳар қадар зудтар ба амал ояд, ҳамон қадар дар ҳама гуна шароитҳои баробар имкониятҳои ҷисмонӣ ва донишандӯзии инсон боло хоҳад рафт.

Дар заминаи таҳлили маълумоти илмӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, менеҷмент, философия, сотсиология, муҳандисӣ бояд сохти (намунаи) низоми идоракунии сифати захираҳои инсонӣ бо дарназардошти нерӯи ҳаётӣ таҳия карда шавад.

Ҳамин тавр, проблемаҳои асосии идоракунии захираҳои инсониро дар шароити муосири рушди муносибатҳои истеҳсолӣ - иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавриди баррасӣ маълум намуда, мо мебинем, ки ҳалли маҷмӯӣ ва самараноки онҳо бе дарназардошти чунин мафҳумҳо, ба монанди «захираҳои инсонӣ ва ҳудуд», «арзи ҳаётӣ», «фаъолнокии инсон», «саломатӣ» ва ғ., ки дар доираи консепсияи нерӯи ҳаётии инсон омӯхта мешаванд, ғайриимкон аст. Дар шароити инкишофи навгониҳои тараққиёт тавассути ҳалли проблемаҳои ҳифзи саломатӣ ва офияти неруи ҳаётии инсон, ҳамчунин рушди қобилияти инсонӣ, ба ҳисоб гирифтани ҷанбаъҳои табиии мавҷудияти инсон ҳангоми амалӣ гардонидани идоракунӣ, аз ҷумла захираҳои инсонӣ, ба рушди ҳамгуна низоми истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Идоракунии сифати захираҳои инсонӣ ҷустуҷӯи заминаҳои назариявӣ ва воситаҳои амалиеро пешбинӣ менамояд, ки онҳо метавонанд ҷанбаъҳои аз ҳама бештар аҳамиятноки идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои сифатро фаро гиранд. Муносибати илмӣ, ки аз зарурати такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатӣ барои расидан ба ҳадафҳои идоракунӣ бармеояд, талабот ба афзоиши доимии сифатҳои онҳоро собит месозад.

Ба ақидаи П. Штомпка, афзоиши сифатҳои захираҳои меҳнатӣ мунтазам идома ёфта, раванди бебозгашт ба шумор меравад ( шахсияти дар марҳилаи муайяни силсилаи ҳаёти худ қарордошта наметавонад ба марҳилаи аввала бозгардад) ва равандеро ифода менамояд, ки имкониятҳои эндогенӣ - имконпазири ботинии объекти омӯхташаванда, аммо ҳанӯз махфӣ ё дар ҳаёт татбиқнагаштаро ошкор месозад. Қонуняте, ки афзоиши сифати захираҳои меҳнатӣ раванди доимӣ буда, онро манъ кардан мумкин нест, хеле баҳснок аст. Бо вуҷуди ин, нисбат ба баъзе тавсифоти захираҳои инсонӣ, масалан, синну сол, шубҳае нест. Тавсифоти хеле муҳими афзоиш дар фаҳмиши П. Штомпка, аз нуқтаи назари мо, таҳаввулнокӣ ва сироятпазирии рушди (афзоиши) он ба шумор меравад, ки гузариши захираҳоро дар раванди афзоиши давраҳо ва марҳилаҳои мухталифи рушд пешбинӣ менамояд.

Ҳамаи ин тавсифоти номбурдаи афзоиш ба рушди захираҳои инсонӣ хос буда, барои беҳдошти сифати онҳо мусоидат менамоянд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми тадқиқоти проблемаҳои идоракунии сифати захираҳои инсонӣ далелеро мавриди таваҷҷуҳ қарор додан зарур аст, ки инсон, бузургиҳои захираҳои ӯ ва дурнамои ахлоқи меҳнатӣ-ифодакунандаи воҳиди заминавии идоракунӣ, бояд на дар алоҳидагӣ, балки ҳамчун як қисми умумияти хеле бузурги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баррасӣ гардад. Чунин муносибат ба таъсири мутақобилаи умумияти номбурда асос ёфта, ба объекту субъекти идоракунӣ низ таъсири бевосита мерасонад ва ҳамчунин ҳолати ҷузъиёти иҷтимоӣ-меҳнатии рушди хизмати давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ Тоҷикистон ва ҳама гуна дигар кишварҳоро муайян менамояд.

«Хизмати давлатӣ рисолати давлатӣ муосирро иҷро мекунад - ба ҷомеа хидмат мекунад. Сиёсат, қонунсозӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва дигар ҷузъҳои асосии давлат воситаи хизмати давлат ба ҷомеа буда, хизмати давлатӣ онҳоро муттаҳид намуда, як низомро ташкил медиҳад

Дар баробари ин, худи хизмати давлатӣ як унсури идоракунии давлатӣ мебошад, ки ба маънои танг ва васеъ баррасӣ мешавад. Намояндагони илми маъмурию ҳуқуқӣ дар шарҳи идоракунии давлатӣ ба истилоҳ равиши тангро риоя намуда, ба он таваҷҷӯҳ мекунанд, ки идоракунии давлатӣ як намуди фаъолияти давлатист, ки ба ягон мақомоти он хос нест, балки танҳо ба баъзе сохторҳои он хос аст, ки асосиашон мақомоти иҷроия мебошанд.[3]

Дар бораи хизмати давлатӣ сухан ронда, онро метавон ҳамчун системаи маҳаллии иҷтимоию иқтисодӣ тасаввур кард, бинобар ин дар ин тадқиқоти худ мувофиқи мақсад

мешуморем, ки ҳангоми баррасии ташкили хоҷагидорию истеҳсолии сатҳҳои мухталифи мартабавии ба ҳамдигар алоқаманд ба мафҳумҳои системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муносибатҳои системавӣ рӯ оварем.

Муносибати системавӣ хеле ояндадор маҳсуб меёбад, зеро шахс ва тамоми маҷмӯи захираҳои инсонӣ дар алоқамандии онҳо ҷавобгӯи дарки моҳияти системаҳо буда, ба тарҳҳои асосии ин муносибат мухолифат намекунад.

Бори нахуст назарияи умумии системаи захираҳои инсониро Людвиг фон Берталанфи (ИМА) дар солҳои 1930-юм баён карда буд. Аммо, новобаста аз дараҷаи баланди манфиатҳои илмӣ ва замимаҳои амалии назарияи мазкур, консепсияи ягонаи фаҳмиши мафҳуми «система» то ҳанӯз таҳия карда нашудааст. Проблемаи асосӣ дар он ифода меёбад, ки тадқиқотчиёни мухталиф талаботи мухталифи заминавиро ҳангоми кӯшишҳои маънидоди мафҳуми «система» ба миён мегузоранд.

Ҳамаи шарҳу эзоҳоти сершумореро, ки ҳам аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва ҳам олимони хориҷӣ пешниҳод карда мешаванд, метавон дар ду дараҷаи ягонаи муайянкунӣ муттаҳид гардонд. Ҳамин тавр, то кунун дар соҳаи илм муносибатҳои онтологӣ ва гнесологиро нисбат ба системаи тадқиқотӣ муайян кардаанд.

Ба намояндагони муносибатҳои аввали умуми назариявии философӣ Л. Берталанфи низ мансуб мебошад, ки ӯ системаи мазкурро ҳамчун маҷмӯи ҷузъиёте маънидод менамояд, ки дар амалҳои мутақобилаи байниҳамдигарӣ мавҷуданд.[2]

Дар муносибатҳои гноселогӣ системаи захираҳои инсонӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти субъекти тадқиқот, ҳамчун воситаи пешниҳоди объекти мураккаб, аниқтараш, ба ҳайси тарҳсозии муносибатҳои зуҳуроти гуногун баррасӣ мегардад, ки пурмаъно буда, аз ҷониби худи муҳаққиқ таъйин карда мешавад. Яъне, намояндагони муносибатҳои гноселогӣ онро дар назар доранд, ки системаи захираҳои инсонӣ ифодагари маҷмӯи ҷузъиёте мебошад, ки на бо мавҷудияти муносибатҳои байниҳамдигарӣ, балки, ҳамин тавр, бо муносибатҳо тавсиф менамояд. [17,252]

Ҳар ду нуктаи назар оид ба муайянкунии системаи захираҳои инсонӣ боиси баҳсҳои сершумори илмӣ гардида, он маъниро ифода менамояд, ки муносибатҳои онтологӣ муайянкунии хеле маҳдуд дорад (на дар ҳар низом таъсироти мутақобилаи байни ҷузъиёт ба мушоҳида мерасад). Ҳамчунин ба камбудиҳои асосии муносибатҳои онтологӣ далеле мансуб мебошад, ки методологияи намояндагони он ба ташаккули «дониш дар дониш»-и илмӣ оварда мерасонад: бо дарназардошти мавҷуд будани миқдори зиёди ҷузъиёт дар системаи захираҳои инсонӣ, онро ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки ҳар як ҷузъиёт (як қисми системаи мавҷуда) дорои теъдоди бешумори намунаҳои зуҳурот мебошад ва ҳолати мазкур дар кори хулосабарориҳо боиси мушкилот гашта, дониши «сарбаста»-ро эҷод менамояд.

Мавҷудияти ҷойгиршавии «маҳдуд» -ро дар ҳар ду муносибат ба эътибор гирифта, А. И. Бергов ва Ю. И. Черняк [5,64] мулоҳизотеро пешниҳод намудаанд, ки тибқи он системаҳо дар воқеият арзи вуҷуд намекунанд; вобаста аз ҳадафҳои тадқиқот (ё идоракунӣ) муҳаққиқ (субъекти идоракунӣ) объектҳоро худ интихоб менамояд ва дар байни онҳо муносибатҳоеро ба шакл медарорад, ки умумияташон низ бояд ҳамчун система баррасӣ гардад.

Ҳамин тариқ, мо комилан ба мавқеи Н. И. Кагарманова шарикем, ки ӯ системаро ҳамчун «ибораи возеҳ, бошуурона сохташудаи аз қисмҳои бо ҳам алоқаманд таркибёфтае муайян менамояд, ки ба ҳайси объекти яклухт ва ҳадяшуда бо мақсади таъмини раванди идрок баррасӣ мегардад. [9, 113]

Сифати захираҳои меҳнатӣ, андозаҳои он, тавсифот ва усулҳои идоракуниро мавриди омӯзиш қарор дода, зарур аст, ки ҷанбаҳои мазкур аз мавқеи таҳлили

ташаккулу рушди онҳо дар чунин дараҷаҳои системаҳо, ба мисли системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таҳқиқ карда шаванд, зеро дар баробари он, ки системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ талаботи ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ)-ро таъмин сохта, идорашаванда (аз ҷиҳати иқтисодӣ) мебошанд, онҳо хусусиятҳои системаҳоеро фаро мегиранд, ки аз ҷузъиёти ҳамдигарро пурракунанда иборатанд.

Тавре ки Улрих ва Лейк қайд карданд, «системаи HRM метавонад манбаи қобилиятҳои ташкилӣ бошад, ки ба созмон имкон медиҳад, ки имкониятҳои навро омӯзад ва амалӣ созад». [9, 113]

М.Армстронг «мақсадҳои асосии идоракунии захираҳои инсониро мебинад:

• дарёфт ва нигоҳ доштани кадрҳои зарурии соҳиб ихтисос ва ҳавасманд;

– фароҳам овардани имкониятҳо барои таълим ва такмили кадрҳо, аз ҷумла, қобилиятҳои дохилии онҳо бо мақсади афзун намудани саҳм ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар бозори меҳнат;

• тарҳрезӣ, татбиқ ва таҳияи системаҳои муоссири корӣ бо равандҳои возеҳи сохторӣ барои интихоб, ҷалб ва арзёбии саҳмҳо;

• ҷорӣ намудани таҷрибаҳое, ки принсипҳои асосии онҳо аз ҷониби роҳбарон эътироф намудани арзиши кормандони мавҷуда ва ҳавасмандгардонии рушди боварӣ ва ҳамкории мутақобила мебошанд;

• фароҳам овардан ва нигоҳ доштани фазои мусоид барои рушди шарикӣ байни менеҷерон ва тобеони онҳо;

• беҳтар намудани шароити кори дастаҷамъона ва таъмини чандирии равандҳо;

• кумак расонидан ба ташкилот дар таҳия ва татбиқи равиши универсалӣ барои қонеъ гардонидани талаботи тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ;[1,328]

Чунончи, Малков С. Ю.[11] системаи иҷтимоӣ- иқтисодиро ба системаҳои иҷтимоӣ ва системаҳои иқтисодӣ ҷудо мекунад. Системаҳои иҷтимоӣ, ҳамчун субъектҳои ҷамъияти фаъоли иқтисодӣ, кӯшиш менамоянд, ки беҳтарин имкониятҳои зистро дар шароити маҳдудияти захираҳо таъмин созад. Системаҳои иқтисодӣ бошанд, ҳамчун системаҳои азнавбавуҷудорие баррасӣ мешаванд, ки тамоми марҳилаҳои барои зист зарурии раванди такрористеҳсолкунӣ (истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли захираҳо)-ро аз сар мегузаронад.

Бисёр муҳаққиқон СИИ –ро аз нуқтаи назари бисёрсатҳа будани онҳо, яъне ҳамчун системаҳое мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки аз ҷузъиёти бо ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобастабуда: хоҷагии халқ, соҳаҳои саноат, корхона, сех, қитъаҳои истеҳсолӣ иборатанд. Ба ҳамин монанд нуқтаи назарро Л. М. Чист, бо ҷойгиркунони системаи иҷтимоӣ- иқтисодӣ аз рӯи мураккабии сатҳи мартабавии он: ҷойи корӣ, қитъаи истеҳсолӣ, сехи истеҳсолӣ, корхона, иттиҳодияи истеҳсолӣ, комплекси минтақавии хоҷагии халқ, комплекси миллии хоҷагии халқ, комплекси интернатсионалӣ, ҷонибдорӣ менамояд.[6]

Ба ақидаи А. А. Петров[20] розӣ нашудан мумкин нест: вай иқтисодиётро ҳамчун маҷмӯи зуҳуроти муносибатҳои оммаи одамоне баррасӣ менамояд, ки ҳамкориҳои байниҳамдигариашон боиси пешрафти истеҳсолот мутобиқ ба шароити ҳаёти онҳо мегардад. Муносибатҳои иқтисодӣ на фақат сифати системаи ташкилёбандаро муайян менамоянд, балки ҳамчунин бевосита ба муносибатҳои тақсимот таъсир мерасонанд, ки дар натиҷа сатҳи муайяни сифати захираҳои меҳнатӣ ва иқтидори инсон ва умуман ҷамъият ташаккул мeёбанд.

Муносибатҳои иқтисодӣ як қисми системаи хеле мураккаб- системаи муносибатҳои иҷтимоист. Дар маҷмӯъ, системаи иҷтимоӣ- иқтисодӣ ҳамчун системаи

зинавии муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва муоҳидаҳои хусусӣ зуҳур меёбад.[14]

Дар раванди тадқиқоти системаи иҷтимоӣ- иқтисодӣ муносибатҳои мухталифе нисбат ба ин мафҳум[14] ташаккул ёфтаанд, ки онҳоро, ба ақидаи С. Ю. Глазев,[12,639] ба консепсияҳои сохторӣ, амалкунанда (функсионалӣ) ва тасодуфӣ ҷудо кардан мумкин аст. Тибқи консепсияи сохторӣ, системаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ сохторҳои зинавиро ифода менамоянд, ки аз ҷузъиёти бо система ва байни ҳамдигар алоқаманд иборат мебошад. Маҳз системаи дохилӣ ба ҳайси объекти таъсиррасонӣ ба система дар раванди идоракунӣ зуҳур меёбад. Дар ин маврид ҳар як система ҷузъиёти системаи аз ҳад беш мураккаб маҳсуб меёбад ва ҳар як ҷузъ, дар навбати худ, системаи зинавии муташаккил ба шумор меравад. Агар ҷузъиётро ҳамчун ҷузъи минбаъда тақсимнашаванда баррасӣ намоем, он гоҳ метавон онро системаи одитарин арзёбӣ намуд.

Консепсияи амалкунанда (функсионалӣ) системаи иҷтимоӣ- иқтисодиро аз мавқеи муносибатҳои он бо муҳити беруна баррасӣ менамояд. Яъне, ҳар як система роҳи «даромад» ( таъсири муҳити беруна ба система) –ро дорост, худи система бошад, маҷмӯи андозаҳои (хусусиятҳои) муайянеро таҷассум менамояд, ки таъсиррасонӣ дар раванди идоракунӣ ба ҳамин андозаҳо (хусусиятҳо) низ зоҳир мешавад.

Аз мавқеи консепсияи тасодуфӣ, системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун объектҳои мураккаби серҳаракате баррасӣ мешаванд, ки тавассути мухолифатҳои дохилӣ рушд меёбанд. Идоракунии чунин системаҳо дар омӯзиши ин мухолифатҳо ва дар таъсиррасонӣ ба онҳо қарор дорад.

Ҳар яке аз консепсияҳои баррасишударо барои тадқиқоти захираҳои меҳнатӣ ба ҳайси системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодие истифода бурдан мумкин аст, ки аз як ё якчанд (маҷмӯи) ҷузъиёт ташкил ёфтаанд. Чунончи, ҳолатҳо ва талаботи консепсияи сохторӣ имкон медиҳанд, ки захираҳои инсонӣ дар сатҳи шахсони алоҳида, коллективҳои меҳнатӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аҳолии ҳудуди муайян ва ғ. омӯхта шаванд. Дар ин маврид мавҷудияти ҷузъиёти алоҳида дар чунин системаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва робитаҳои байни онҳо боиси шубҳа намегардад.

Ба аҳамияти консепсияи функтсионалии системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ баҳо додан мушкил аст, зеро таҳқиқоти захираҳои меҳнатӣ бе дарназардошти таъсирнокии муҳити беруна ба ҳолати сифати онҳо амиқ нест. Консепсияи тасодуфӣ бо дарназардошти тавсифоти муҳими рафтори шахсиятҳо – мухолифатҳое, ки дар тағйироти сабабҳои амалиёт, арзишҳо, мақсадҳо ва ғ. ифода меёбанд, барои ҳалли проблемаҳои идоракунии сифати захираҳои меҳнатӣ имконият медиҳад. Бар замми ин, мухолифат ҳангоми таҳқиқи рафтори на як нафар, балки гурӯҳи шахсиятҳо ё системаҳои иҷтимоӣ - иқтисодие, ки аз умумияти бузурги ҷузъиёт иборатанд, ошкоро маълум хоҳад шуд.

Дар ин маврид онро ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки ҳолати система ва сифати муносибатҳои ҷузъиёт аз рӯи сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо, қонуниятҳои дохилии рафтору сифати таъсири идоракунӣ ва ғ. муайян карда мешавад.

Аз тафсироти овардашудаи моҳияти системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ маълум мегардад, ки системаҳои нишондодашуда бо сабаби андозаҳои васеъ ё маҳдудашон, ки бад-ин тариқ, системаҳои иҷтимоӣ- иқтисодии фардӣ (соҳибхонагӣ, гурӯҳи оилавӣ), дараҷаҳои хурд (корхонаҳои хурд), калону азамат (минтақа, кишвар)-ро ба вуҷуд меоранд, метавонанд аз рӯи зинаҳои мартабавӣ тасниф карда шаванд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, системаи таҳлилнамудаи мо метавонад маҷмӯи ҷузъиёт ва робитаҳоеро муаррифӣ намояд, ки системаи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои инсониро ташкил медиҳанд. (расми 2).[15,59]

Идоракунии сифати захираҳои инсонӣ дар системаи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дар баробари нуфузи идоракунӣ, таъсири мутақобила ва дуҷонибаи системаҳо ва сатҳҳои гуногуни ҷузъиётро нисбат ба ҳамдигар пешбинӣ менамояд. Яқин аст, ки сифати захираҳои инсонӣ вобаста аз хусусиятҳои робитаҳои система рушд ё таназзул ёфта, дар ҳамаи самтҳои системаҳои мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ шакл мегирад. Чунончи, дар системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи фардӣ ғун шудани сатҳи аввалияи сифати захираҳои инсонӣ таъмин гашта, тавсифоти заминавии сифат: сармоя, саломатӣ, муносибат ба маълумотнокӣ, ба меҳнат, арзишҳои заминавии фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, ҳадафҳо ва ғ. тарҳрезӣ мешаванд.

Идоракунӣ дар тамоми системаҳои мавҷудияти моддӣ арзи вуҷуд мекунад ва ҳамин тавр, инсон дар тамоми сохти ҷамъиятӣ-иқтисодӣ омили ҳалкунандаи истеҳсолот буд ва хоҳад монд. Дараҷаи «қувваи корӣ», «неруи шахсии коргарӣ»-и истеҳсолкунанда, «неруи дастаҷамъонаи коргарӣ»-и идоракунӣ ва ғ. фақат сатҳи муҷарради омили инсонии истеҳсолотро инъикос менамоянд, ки бо таҳлили муносибатҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошанд, аммо пешбарандагони чунин муносибатҳо худи одамон, на қувваи коргарии онҳо ба шумор мераванд. Дар ин маврид тамоюли таҳаввулотро дар доираи идоракунии захираҳои инсонӣ дарк кардан зарур аст.

Аз ин рӯ, идоракунии захираҳои инсонӣ ҳам як силсила амалҳои пайдарпаӣ ва ҳам равиши мушаххас аст. Ин идоракунии фаъолияти кадрхо мебошад: хоста гирифтан, интихоб кардан, ҷо ба ҷо гузоштан, пешбарӣ кардан ва ба охир расонданд. Он банақшагирӣ, системаҳои иттилоотӣ, идоракунии касб, тарҳрезии кор, системаи мукофотпулӣ, омӯзиш ва рушд, бехатарии ҷои корро дар бар мегирад. Илова бар ин, роҳбарияти мазкур ба масъалаи аҳамияти одамон, махсусан муносибатҳо ва фаъолияти онҳо, масъалаи самаранокии ташкилот дахолат мекунад. Идоракунии захираҳои инсонӣ (ҳамчун вазифаи менеҷмент) ба менеҷерҳо дар интихоб ва ҷалб кардан, таълим додан ва такмил додани кормандон ба манфиати созмон кӯмак мекунад.

Аз ин рӯ, унсурҳои асосии идоракунии захираҳои инсонӣ инҳоянд:

• Одамон — ташкилотҳо одамонро дар назар доранд. Инҳо одамоне мебошанд, ки ташкилотҳоро ба кор медароранд ва идора мекунанд.

• Менеҷмент - Идоракунии захираҳои инсонӣ истифодаи вазифаҳо ва принсипҳои идоракуниро барои азхуд кардан дар бар мегирад дониш, инкишоф додан, нигоҳдорӣ ва мукофотонидани кормандон дар ташкилотҳо.

• Ҳамгироӣ ва мувофиқат - қарорҳое, ки бояд бо одамон муттаҳид ва мувофиқ бошанд.

• Таъсир - Қарорҳо бояд ба самаранокии созмон, беҳтар шудани соҳаи хизматрасонӣ нисбат ба истеъмолкунанда таъсир расонанд.

Имрӯз инсон- истеҳсолкунандаи тамоми маҷмӯи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, соҳиби ҳамаи гунна намудҳои азнавбавуҷудоварии фаъолият, таъминкунандаи рушди ҳадафҳои фардию коллективӣ, пешбарандаи воситаҳои илмӣ- техникӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Инсони «иқтисодӣ» метавонад сатҳи зисту зиндагонии худро пурра таъмин намояд, агар барои вай сатҳҳои баландтарини на фақат техникӣ, балки ҳамчунин дараҷаҳои башардӯстӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, яъне тафаккури системавии ифодакунандаи хусусиятҳои фаъолият дастрас бошанд.

Бо вуҷуди ин, мунтазам баланд бардоштани талабот ба захираҳои инсонӣ ҳадду ҳудуди худро дорост, махсусан аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳо иқтидори инсон

коҳиш меёбад. Метавон як қатор ихтилофоти асосиро номбар намуд, ки мантиқи рушди минбаъдаи тадқиқоти назариявӣ ва амалиро оид ба проблемаи мазкур муайян менамоянд:

1) Мухолифати байни шахси истеъмолкунанда ва шахси истеҳсолкунанда, ки моҳияти он аз як ҷониб, дар мунтазам баланд шудани талабот ба инсон (аз ҷумла ба инсони заҳматкаш), ҳамчун иштирокдори намудҳои гуногуни фаъолият ва аз ҷониби дигар, дар коҳиш ёфтани сифат ва нишондиҳандаҳои миқдории захираҳои инсонӣ ифода меёбад.

2) Ихтилофоти байни баланд шудани талабот ба сифат, маҳсулнокии меҳнат ва имкониятҳои маҳдуди инсон;

3) Ихтилофоти байни рушди раванди илмӣ-техникӣ, ҳаҷму суръати истеҳсолот ва мунтазам коҳиш ёфтани саломатии инсону миллат (истеъмоли маҳсулот (сифати ҳаёт) ҳар қадар зиёд шавад, ҳамон қадар теъдоди инсони истеъмолкунанда меафзояд).

Консепсияи сотсиологии «неруи ҳаётии инсон», ба ақидаи мо, метавонад дар назария ва амалияи идоракунии захираҳои инсонӣ муносибатҳои нав ва тартибу низоми навинро ворид созад, метавонад дар ин ё он андоза (андозаҳо) сифатан ва миқдоран ба таносуби иқтидори инсон, коршоямӣ, қобилият ва омодагии ӯ ҷиҳати ба амал баровардани мақсадҳои дар пешгузоштаи иҷтимоӣ ё иқтисодӣ баҳо гузорад.

Намунаи фарзиявӣ оид ба неруи ҳаётии инсон, ки В. П. Казначеев [10,248] пешниҳод намудааст, дар расми 3 оварда шудааст.

Тарҳи мураббаъ бо чор самти худ имкониятҳои асосии захиравии организми инсонро тавсиф менамояд. Тарҳи рах-рах – манзараи ботинии саломатии инсон мебошад, ки неруи ҳаётии ӯро ташкил медиҳад. Дар расм манзараи ҷолиби ҳолати неруи ҳаёти инсон пешниҳод карда шудаст, дар ҳоле ки тамоми неруи дар ҷараёни ин ё он фаъолият ҳосилшуда тахминан баробарарзиш харҷ шуда, бо вуҷуди ин, як миқдор захираи эҳтиётӣ боқӣ мемонад.

**Расми 3.**




Ҳалли ихтилофоти зикр кардашуда имконпазир аст. Бо ин мақсад ташкили роҳу воситаҳое зарур аст, ки барои муайян кардани таносуби талаботи истеҳсолот (ба маънои васеи ин ибора) ва имкониятҳои (неруи ҳаётии) инсон мусоидат менамоянд.

Тайи солҳои охир рисолаҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, ҷанбаъҳои назариявии консепсияи неруи ҳаётии инсон муфассал дар тадқиқоти олимони рус С. И. Григорев, Г. С. Демидова,[7] В. П. Казначеев,[10,248] А. И. Суббето[8,208] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

С. И. Григорев неруи ҳаётиро ҳамчун «қобилияти инсон барои aзнавбавуҷудоварӣ ва мукаммалгардонии зист, яклухтии пешбурди зиндагӣ, таъмини воситаҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ дар фазои таърихан аниқи ҳаётӣ» муайян менамояд.[8,208]

Бо вуҷуди ин, чуноне ки В. П. Казначеев зикр менамояд, дар инсони «миёнасол» захираҳои ҷисмонӣ ва биологии организм пурра мавриди истифода қарор намегиранд, ҳамзамон захираҳои кайфияти рӯҳӣ дар аксар ҳолатҳо аз будаш зиёд қадр карда мешаванд. [10,248]

В. П. Казначеев таносуби инсони истеҳсолкунанда ва инсони истеъмолкунандаро аз нуқтаи назари дурнамои рушди системаҳои бузурги иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ менамояд, аммо чунин муносибатро барои системаҳои иҷтимоии андозаҳои хурд – корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, аз ҷумла дар соҳаи маориф низ нисбат додан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, барои хизмати давлатӣ идоракунии захираҳои инсонӣ як фаъолияти мураккабест, ки аз қонунгузорӣ, сиёсати ҳукумат, дастурамалҳо ва ҳадафҳо ва дастурҳои ташкилӣ бармеояд. Ин фаъолият ба тамоми унсурҳои асосии системаи идоракунии кадрҳо таъсир мерасонад ва ба қобилияти ташкилии татбиқи он нигаронида шудааст.

Дар низоми хизмати давлатӣ давлат дар соҳаи сиёсати кадрӣ принсипҳои зеринро муқаррар мекунад:

1. Рақобатпазирӣ ва эътимоднокии давлат ҳамчун корфармо.
2. Кадр муҳимтарин арзиши хизмати давлатӣ мебошад.
3. Ба кор қабул кардан ва пешбарӣ кардани хизматчиёни давлатӣ аз рӯи нишондодҳо.
4. Хизматчии давлатӣ барои рушди неруи худ дар баробари давлат масъул аст.
5. Идоракунии кадрҳо масъулияти тамоми ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ мебошад.
6. Кори сохторҳои мақомоти давлатии кадрҳо бояд дар асоси нақшаҳо ва вазифаҳо ба роҳ монда шавад.

Системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи бузург, зимнан, ба воситаҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда, талаботи идоракунӣ ва сиёсатро дар доираҳои рушди иҷтимоӣ, муносибатҳои ҷамъиятиро нисбат ба чунин нишондиҳандаҳои сифати захираҳои инсонӣ, ба мисли саломатӣ, касбият, масъулиятшиносӣ ва ғ. сатҳи хурди сифатҳои захираҳои инсониро ташаккул медиҳанд.

Дар ин маврид фаъолияти системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи бузург бечуну чаро ба сифати захираҳои инсонии сатҳҳои фардӣ ва хурд таъсир мерасонад.

Бо вуҷуди ин, он далелеро дар назар бояд дошт, ки тамоми ҷузъиёт ва сатҳҳои системаҳои мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутаносибан мустақил ба шумор рафта, дар заминаи таъсиррасонӣ ба ҳамдигар хосиятҳои худро тағйир медиҳанд ва ҳамчунин баъзан хосиятҳояшонро комилан аз даст медиҳанд. Дар ин ҳолат худи системаи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ яклухтиашро дар зери таъсири маҷмӯи робитаҳо нигоҳ медорад. Раванди ташаккули сифати захираҳои инсонӣ хосиятҳои номбурдаи системаҳои мураккабро пурра собит месозад. Яъне, масалан, шахс оид ба баланд бардоштани сифати захираҳои инсонии худ тавассути соҳиб гаштан ба маълумоти касбӣ қарор қабул карда, на фақат дониш, қобилият ва манфиатҳои худро ба асос мегирад. Вай баъзан ақидаҳои оилаи худ, афзалиятнокии ин ё он ихтисос дар ҷамъият, талабот ба он дар бозори меҳнат ва дигар қонуниятҳои табиию ҷамъиятӣ ва дигар детерминантҳоро ба ҳисоб мегирад, яъне бо дигар ҷузъиёт ва алоқамандиҳои

системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамкориҳои мутақобила ба роҳ монда, дар натиҷа мутассил қарори худро пурра тағйир медиҳад ё онро ислоҳ менамояд.

Ҳамин тариқ, детерминизм (таълимоти илмӣ дар бораи қонунияту сабабҳои ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият), ҳамчун консепсия, ки мавҷудияти робитаҳои байниҳамдигарии зуҳуроти ҷудогонаро собит месозад, талаботи муҳими муносибатҳои системавиро ифода менамояд. Масаъалае баҳсталаб боқӣ мемонад, ки кадоме аз намудҳои детерминизм барои тадқиқоти чунин дараҷаҳои мураккаб ва бисёрҷанба, ба мисли захираҳои инсонӣ аз ҳама бештар қобили қабул аст

Хулқу атвори шахс, аз ҷумла шахси иҷтимоӣ- меҳнатӣ, фақат дар баъзе ҳолатҳо метавонад боасос дар тобеияти мустақим қарор дошта бошад. Мутассил ҳама гуна зуҳурот, воқеа ё андозаҳои сифати захираҳои инсонии шахс (ба мисли дигар ҷузъиёти системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ) аз рӯи мавҷудияти маҷмӯи омилҳо ва маҷмӯи натиҷаҳо тавсиф меёбад, пас маълум мешавад, ки натиҷа (ноил гаштан ба дараҷаҳои муайяни бузургиҳои таҳқиқшаванда) аз омилҳои саҳми муайяни эҳтимолият бармеояд. Маҳз чунин талабот ба консепсияи асосии эҳтимолияти детерминизм мансуб буда, дар дараҷаи баланд ба таҷрибаи ташаккул ва идоракунии сифати захираҳои инсонӣ дар сатҳҳои хурд (микро) ва фардӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди ин, азбаски мо дар тадқиқоти худ афзалиятнокии муносибатҳои системавиро ба асос мегирем, зарур мешуморем, ки ба ҳайси асосноккунии методологӣ оид ба истифодаи муносибати зикршуда ба талаботи детерминизми муосири таҳлилӣ такя намоем.

Ҳамин тавр, муносибати системавӣ, ки ба талаботи детерминизми таҳлилӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад:

- проблемаҳои ташаккул ва идоракунии сифати захираҳои инсонӣ дар системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳҳои мухталифе тавсиф карда шаванд, ки сохти системаро ташкил дода, ҷавобгӯи меъёрҳои яклухти системаҳо мебошанд;
- маҷмӯи робитаҳои сабабнокӣ-тафтишотии ҳолати сифат дар марҳилаи муайян таҳқиқ карда шавад;
- тамоюлот дар системаҳои сатҳҳои гуногун ва воситаҳои баробаркунии ин тамоюлот омӯхта шавад.

Аз ин рӯ, сифати захираҳои инсонӣ дар системаи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ на фақат ҷамъи сифатҳои ҷузъиёти система (андозаҳои сифатии шахсиятҳои алоҳида, ҳайати кормандони ташкилот, аҳолии минтақа ва ғ.)-ро ифода менамояд, балки дорои сифатҳои худ, неруи пурқуввате мебошад, ки яклухтии системаро ташкил медиҳанд. Пас, маълум мегардад, ки идоракунии сифати захираҳои инсонӣ, ташаккул ва рушди онро дар системаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар асоси талаботи детерменизми таҳлилӣ ба амал баровардан зарур аст. Яъне, ягонагии сифати захираҳои инсонӣ дар системаи иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи бузург дар намуди детерминатсияи қатъӣ, напазируфтани сифат дар сатҳҳои хурд ва фардӣ, дар намуди эҳтимолият зоҳир мешавад, тавассути баҳогузории бисёрандозаи тавсифоти сифат ва маҷмӯи робитаҳои ҷузъиёти система бошад, нуфузи идоракунӣ мавриди татбиқ қарор мегирад.

Идоракунии сифати захираҳои инсонӣ дар тамоми сатҳҳои системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба амал омада, якчанд вазифаҳоро дар бар мегирад, ки асоситарини онҳо муайянкунии ҳадафҳо ва воситаҳои идоракунии сифат ба шумор мераванд. Ба амалбарории ҳар дуи вазифаҳо дар худ ҳалли проблемаҳои муҳими идоракуниро таҷассум менамояд, зеро, аввалан, системаи иҷтимоӣ- иқтисодии сатҳҳои гуногун дорои мақсадҳои худ мебошад (СИИ сатҳҳои хурд хосиятҳои микросистемаро фаро намегиранд, балки ҳамин тавр, ҳадафҳои худро дошта, қонуниятҳои рушди худро дар

чаҳорчӯбаи детерминанти зоҳирие пайгирӣ мекунанд, ки онро СИИ-и сатҳҳои бузург муайян менамоянд); дувум, онҳо аз консепсияҳои мухталифи дарки сифати захираҳои инсонӣ ( аз ҳама бештар объективӣ ё субъективӣ) бармеоянд

Ташкили субъектҳое амсоли субъектҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи бузург дар баҳогузорӣ ба сифати захираҳои инсонӣ нисбатан воқеист, аммо ба ин нигоҳ накарда, проблемаи идоракунии ин субъектҳо дар сатҳи хурд комилан тезу тунд боқӣ мемонад.

Идоракунии сифати захираҳои инсонӣ дар системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи бузург аз ҳама бештар хусусияти воқеиро дорост (расми 4), зеро ин идоракунӣ, ғолибан, маълумоти миқдориро мавриди истифода қарор медиҳад, самаранокии идоракунӣ бошад, дар асоси бузургиҳои воқеи азнавбавуҷудоварии ҷузъиёти система ва тавассути муқоисаи онҳо бо нишондиҳандаҳои ҳамгуни кишварҳои пешрафта муайян карда мешавад.

**Расми 4. Объективӣ ва субъективӣ дар баҳогузории сифати захираҳои инсонӣ дар СИИ сатҳҳои мухталиф.**




Таносуби ҳадафҳои идоракунии сифати захираҳои инсонӣ дар сатҳи бузург, бешак, бо таносуби ҳадафҳои сатҳҳои фардӣ ва хурд дар доираи баланд бардоштани қобилияти рақобатнокӣ ва зудҳаракатии захираҳои инсонӣ муайян карда мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳадафи асосии идоракунии системаи сатҳи бузург сифатҳои навро фаро гирифта, дар таъмини устувории иҷтимоӣ, аммо бо дарназардошти тамоюли стратегии ҳадафҳо дар таъмини рушди иқтисодии кишвар ва навсозиҳои иқтисодӣ тавассути баланд бардоштани сифати захираҳои инсонӣ ифода меёбад.

Рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои тараққикарда наметавонад ба қобилияти рақобатнокии захираҳои инсонӣ асоснок карда нашавад. Ин мафҳум дар системаҳои сатҳҳои бузург «маҷмӯи тавсифоти қобилияти меҳнатии аҳолӣ»-ро ифода менамояд, ки он дастовардҳои иштироки аҳолиро дар фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодии ин ё он ҳудуд муайян менамояд. [19,102]

Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсати иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати захираҳои инсонӣ рушди умумии муттаҳаррики захираҳои инсонӣ муҳим аст, ки он ҳамчун қобилияти кормандон барои ворид гаштан ба муҳити иқтисодию иҷтимоӣ баррасӣ гардида, ба ин муҳит шомил намудани чунин намудҳои

мутаҳаррик, ба мисли намудҳои касбият, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ, психологӣ ва ғайраро муайян месозад.

Мафҳуми сарфакорӣ дар сатҳи бузург низ тағйир ёфта, моҳиятан ба мафҳумҳои «самаранокӣ» ва «натиҷабахшӣ» наздик мешавад. Дар зери мафҳуми самаранокӣ, ба маънои хеле васеи он муносибати натиҷаи ҳосилшуда (самараи манфиатнок) нисбат ба хароҷот барои ба даст овардани ҳамин натиҷа фаҳмида мешавад.[18,665] Ба ақидаи иқтисоддони англис П. Хейне самаранокӣ ҳамчун муносибати як арзиш ба арзиши дигар[16,169] муайян карда мешавад, аммо бо дарназардошти он, ки инсон арзиши олӣ ба ҳисоб рафта, ҳама гуна хароҷот барои нигаҳдорӣ ва рушди сифати захираҳои ӯ самарабахш хоҳад буд.

Ошкор намудани ҳадафҳои идоракунии сифати захираҳои инсонӣ дар системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ин ё он сатҳ, аз ҷумла дар системаи хизмати давлатӣ низ, проблемаи интихоби муносибатҳои дахлдори фарзиявиро ба дастовардҳои он ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун функсияе дар дохили созмон муайян карда мешавад, ки функсияе, ки ба одамон тамаркуз мекунад - ба ҷалб, идоракунӣ, таъмин намудани роҳбарӣ ба онҳое, ки дар ташкилот кор мекунанд.

**Адабиёт**


1. *Armstrong M.* Strategic humane resource management: Пер. с англ. — М.: ИНФРА-М, 2002. — VIII. — 328 с.
2. Bertalanffy L. Zu einer allgemeinen Sistemlehre // Biologia Generalis. – 1949.
3. https://studme.org/113648/menedzhment/gosudarstvennaya_sluzhba_sisteme_gosudarstvennogo_upravleniya
4. *Ulrich D., Lake D.* Organizational Capability: Competing from the inside out, John Wiley, New York, 1990
5. Берг А. И., Черняк Ю. И Информация и управление. – М. : Экономика, 1966. – 64 с.
6. Бобылева Е. Управление персоналом: в кадре и за кадром // Деловые вести. – 2002. - №3.
7. *Григорьев С.И., Демидова Г.С.* Социальное воспитание в России: анализ проблемы в контексте социологической концепции жизненных сил человека//http://www.socio.dcn-asu.ru.
8. *Григорьев С.И., Субетто А.И.* Основы неклассической социологии: Новые тенденции развития культуры социологического мышления на рубеже XX-XXI веков. – 2-е изд., доп. и перераб. – М.: РУСАКИ, 2000. – 208 с.
9. Кагарманова Н. И. Феномен человека в западном познании. Синергетическая модель человека. – Екатеринбург : Альфа Принт, 2016. – С. 113.
10. *Казначеев В.П.* Здоровье нации, просвещение, образование. – М.; Кострома: ИЦ проблем качества подготовки специалистов, Костромской государственный педагогический университет, 1996. – 248 с.
11. Малков С. Ю. Моделирование социальной самоорганизации – ключ к пониманию логики исторического развития. Систем. требования: Adobe Acrobat Reader. URL: (дата обращения: 15.09.2014).
12. Обучение рынку : монография / Б. М. Болотин [и др.] ; под ред. С. Ю. Глазьева. – М. : Экономика, 2004. – 639 Занг В. Б. Синергетическая экономика. Время и перемены в нелинейной экономической теории / пер. с англ. Н. В. Островской ; под ред. В. В. Лебедева, В. Н. Разжевайкина. – М. : Мир, 1999. – 335 с.
13. Хакен, Г. Синергетика. Иерархии неустойчивостей в самоорганизующихся системах и устройствах / пер. с англ. Ю. А. Данилова ; под ред. Ю. Л.

Климонтовича. - М. : Мир, 1985. - 419 с. ; Нижегородцев Р. М. Информационная экономика: в 3 кн. – М.; Костома, 2002. Кн. 1 : Информационная вселенная: информационные основы экономического роста. – 163 с. ; Mantegna R. N., Stanley H. E. An Introduction to Econophysics Correlations and Complexity in Finance. – Cambridge University Press, 1999. – 108 p. ; Rothschild M. Bionomics: Economy as Ecosystem. – New York : Henry Holt and Company Inc., 1990. – 423 p.
14. Обучение рынку : монография / Б. М. Болотин [и др.] ; под ред. С. Ю.
15. Стуканова С.С. Управление качеством трудовых ресурсов в социально-экономических системах // Диссер. на соискание ученой степени доктора экономических наук. Москва-2018, - С.59.
16. Хейне П. Экономический образ мышления : пер. с англ. – 2-е изд., стер. – М. : Дело, 1992. – С. 169.
17. Холл А. Д., Фейджин Р. Е. Определение понятия система // Исследования по общей теории систем : сборник переводов с польского и английского. – М. : Прогресс, 1969. 286 с.
18. Экономико-математический энциклопедический словарь / редкол. С. А. Айвазян [и др.] ; гл. ред. В. И. Данилов Данильян. – М. : Большая Российская энциклопедия : ИНФРА-М, 2003. – С. 655.
19. Ястремская Е. Н., Геращенко И. Н. Взаимосвязь между конкурентоспособностью предприятия и персонала на рынке труда // Бизнес Информ. - 2011. - № 7, Т.2. - С. 100 – 102.
20. Петров А. А. Проблема адекватности моделей экономики // Рос. акад. наук, Вычислительный центр им. А. А. Дородницына ФИЦ ИУ. URL: (дата обращения 08.09.2014).

# УПРАВЛЕНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМИ РЕСУРСАМИ КАК СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СИСТЕМА

**РАДЖАБОВ МУХТОР АХАДЧОНОВИЧ,**
старший преподаватель кафедры
управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (992) 988-84-49-99

*В данной статье рассматриваются теоретические основы и основные проблемы управления человеческими ресурсами в современных условиях развития производственных, экономических и социальных отношений. В условиях инновационного развития учет естественных сторон человеческого существования при осуществлении управления, в том числе человеческими ресурсами, путем решения проблем охраны здоровья и жизненного потенциала человека, а также развития человеческих способностей, способствует развитию производственных, социальных и экономических систем. Управление человеческими ресурсами является одной из главных проблем современного мира и включает в себя развитие всех сфер повседневной жизни. Развитие всех секторов развитых стран зависит от эффективного, прозрачного и беспристрастного управления его человеческими ресурсами.*

***Ключевые слова***: *здоровье, развитие, управление, мотивация, научный, ценности, инициатива, трудовые ресурсы, человеческие ресурсы, стратегия, люди, инновации, способность, политика, потенциал, мастерство, социальная сила, интеллектуальный, экономический, человеческий потенциал, государственная служба, человеческий капитал, персонал, концепция, производство.*

# HUMAN RESOURCES MANAGEMENT AS A SOCIO-ECONOMIC SYSTEM

**RADJABOV MUKHTOR AKHADJONOVICH,**
Senior Lecturer, Department of Human Resources Management,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (992) 988-84-49-99

*This article discusses the theoretical foundations and main problems of human resource management in modern conditions of development of industrial, economic and social relations. In the context of the innovative development taking into account the natural aspects of human existence in the management, including human resources, by solving the problems of protecting human health and life potential, as well as developing human abilities, contributes to the development of industrial, social and economic systems. Human resource management is one of the main problems of the modern world and includes the development of all spheres of everyday life. The development of all sectors of the developed countries depends on the effective, transparent and impartial management of its human resources.*

***Key words**: health, development, management, motivation, scientific, values, initiative, labor resources, human resources, strategy, people, innovation, ability, policy, potential, skill, social strength, intellectual, economic, human potential, civil service, human capital , personnel, concept, production.*

УДК: 338.24.656

# ВАЗЪИ БОРКАШОНИИ КОНТЕЙНЕРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲАЛАИ ГУЗАРИШ БА АМСИЛАИ (МОДЕЛИ) ИНКИШОФИ ИНДУСТРИАЛИЮ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ

**ТОҶЕВ МАНУЧЕҲР НАҶМИДДИНОВИЧ**,
унвонҷуйи Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
Тел.: 918-49-72-39. Email: tojev-1985@mail.ru.

*Дар марҳалаи гузариш ба модели инкишофи индустриалию аграрии иқтисодиёт нақши воситаҳои боркашон назаррас арзёбӣ мегардад. Ба таври дигар дар тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда нақши нақлиёти боркашон бениҳоят муҳим аст. Зеро он ба натиҷаҳои ниҳоии меҳнати тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъсири мустақим мерасонад. Дар масъалаи муҳиммият ва вазъу ҳолати истифодаи контенерҳо дар Тоҷикистон таҳқиқоти вижае мавҷуд нест. Муаллиф бо назардошти ин дар ин мақола масъалаи мазкурро ба баррасӣ кашидааст. Чуноне дар мақола матраҳ мегардад, вақте мубодилаи ашёҳо байни инсон ва табиат ба вуҷуд меояд арзишҳои нави истеъмолӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, ки аз рӯйи шакли ҳақиқии худ аз шароити истеҳсоли он фарқ намуда, ҳамчун соҳаи истеҳсолоти моддӣ фаъолият менамояд. Ин ба нақлиёт ҳамчун соҳаи мустақили истеҳсолот мансуб аст, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи он бо вуҷуди он, ки ашёи нави озуқаворӣ набошад ҳам, вале натиҷаи кашондани бор ва тағйирёбии ҷойи исти он ба шумор меравад.*

*Дар мақола пешниҳод мегардад, ки дар марҳилаи иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ талабот ба маҳсулоти рақобатпазирии баланд доштаи корхонаҳои индустриалӣ ва аграрӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори беруна меафзояд. Бинобар ин, дар ҳалли ин масъалаи асосии бозорӣ ҳаракати намудҳои гуногуни нақлиёт бо ҳайати кормандони тахассуси баланди ӯдабароёнаи коридошта оиди мувофиқи талаботи истеъмолкунандагон дастраскунии молҳо нақши муҳим мебозад.*

***Калидвожаҳо**: нақлиёт, контенерҳо, иқтисодиёт, Тоҷикистон, индустриалӣ, аграрӣ, рақобатпазирӣ, рушди иқтисодиёт, бозор.*

Дар тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи ҳар як давлат нақши бениҳоят муҳим ба нақлиёт тааллуқ дорад, зеро он ба натиҷаҳои ниҳоии меҳнати тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъсири мустақим мерасонад. Истилоҳи «нақлиёт» аз калимаи лотинии "trasporto" гирифта шуда, маънои «мебарам, ҳамлу нақл менамоям, мекӯчонам» - ро дорад.

Чуноне, ки дида мешавад зери мафҳуми «нақлиёт» вазифаи асосии он, кашонидану кӯчонидани бор ва мусофирон аз як макон ба макони дигар фаҳмида мешавад. Дар замони муосири ҷаҳонишавӣ бо инкишоф ёфтани логистика тағйиротҳои сохторӣ дар фаъолияти субъектҳои бо нақлиёт ва соҳаҳои нақлиётӣ машғулбуда ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, дар зери мафҳуми «нақлиёт» инҳо фаҳмида мешаванд:
- соҳаи иқтисодиёт, ки доираи фаъолияти он дар ҳамлу нақли бор ва мусофирон ифода меёбад;
- системаи воситаҳои техникӣ, ки ҷойивазкунии маҳсулот ва одамонро таъмин менамояд;
- чараёни ҷойивазкунии бор ё одамон дар маконе, ки дар он мафҳуми «боркашонӣ» ба кор бурда мешавад;
- миқдори зиёди гуногуни воҳидҳои нақлиётӣ (обӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳанӣ, автомобилӣ ва ғайра);
- доираи мушаххаси фаъолияти инсонӣ ва иқтисодӣ.

Ҳамин тавр нақлиёт ҳамчун соҳаи муҳимми хоҷагии халқ аз маҷмуи воситаҳои ҳамлу нақл, роҳҳои алоқа, воситаҳои идоракунӣ ва алоқа, инчунин асбобҳои гуногуни техникӣ, механизмҳо ва иншоотҳои таъминкунандаи кори мунтазами онҳо иборат мебошад.

Бинобар сабаби аҳамияти бунёдӣ доштани нақлиёт К.Маркс дар асари машҳури худ «Капитал» саноати нақлиётиро ҳамчун соҳаи афзалиятноки истеҳсолоти моддӣ баҳогузорӣ намудааст. [1] Ӯ қайд намуда буд, ки ба ғайр аз саноати истихроҷи маъдан, кишоварзӣ ва саноати маснуотбарорӣ, соҳаи чоруми истеҳсолоти моддӣ мавҷуд аст, ки дар рушди худ ҳамчунин зинаҳои мухталифи истеҳсолот-косибӣ, мануфактурӣ ва мошиниро тай менамояд. Ин пеш аз ҳама саноати нақлиётӣ мебошад, ки одамон ва ё молҳоро мекашонад.

Дар баробари ин ӯ хусусияти хоси нақлиётро ҳамчун соҳаи махсуси истеҳсолоти моддӣ қайд намудааст: аз як тараф саноати нақлиётӣ соҳаи мустақили иқтисодиёт ва соҳаи махсуси сармоягузорӣ буда, аз тарафи дигар нақлиёт аз дигар соҳаҳо бо он фарқ менамояд, ки дар ин ҷо раванди истеҳсол ва арзиши маҳсулоти он давом меёбад. [2]

Барои маълум намудани моҳияти мансубияти саноати нақлиётӣ ба инфрасохтори истеҳсолӣ ба як қатор ҳолатҳои бунёдӣ аҳамият додан лозим меояд. [3]

Аз ин ақидаи К.Маркс чунин хулоса бармеояд, ки одамон ва ё маҳсулот ҳамроҳи воситаҳои нақлиётӣ баробар ҳаракат менамоянд ва нақлиёт ҳамчун ҷараёни истеҳсолот баромад мекунад, ки арзишро тавлид менамояд.

Барои асоснок намудани ин нукта таъкид карданием, ки моҳияти мафҳуми соҳаи истеҳсолот ин маҷмӯи истеҳсолоти моддӣ аст, ки мубодилаи ашёҳоро байни инсон ва табиат ба вуҷуд оварда, барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба неъматҳои моддӣ хизмат менамояд.

Ҳамин тавр, вақте мубодилаи ашёҳо байни инсон ва табиат ба вуҷуд меояд арзишҳои нави истеъмолӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, ки аз рӯйи шакли ҳақиқии худ аз шароити истеҳсоли он фарқ намуда, ҳамчун соҳаи истеҳсолоти моддӣ фаъолият менамояд. Ин ба нақлиёт ҳамчун соҳаи мустақили истеҳсолот мансуб аст, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи он бо вуҷуди он, ки ашьёи нави озуқаворӣ набошад ҳам, вале натиҷаи кашондани бор ва тағйирёбии ҷойи исти он ба шумор меравад. Он чизе, ки соҳаи нақлиёт мефӯрушад ин худи ҷойивазкунӣ ва ба нуқтаи муайяншуда расонидани он буда, ба рафти кашонидани бор алоқаи зич дорад ва ҷараёни истеҳсолоти соҳаи нақлиёт ба шумор меравад.

Ин таҳлили назариявӣ имкон медиҳад чунин хулосабарорӣ намоем, ки нақлиёт воқеъан ҳам аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт аз рӯи характери ширкат дар рафти истеҳсолот фарқ мекунад ва мубодилаи ашьёҳоро ба вуҷуд меорад, ки бе он ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ имконнопазир мегардад.

Одамон ва маҳсулот ҳамроҳи воситаҳои нақлиёти муайян дар гардишанд ва ҳаракати нақлиёт дар макон рафти истеҳсолотест, ки онро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, ба соҳаи нақлиёт элементҳои зайл дохил мешаванд, ки барои тамоми сохаҳои истеҳсолоти моддӣ хос аст:

- воситаҳои меҳнат (локомотивҳо, вагонҳо, автомобилҳо ва ғайраҳо);
-предметҳои меҳнат (объекти кашонидан-борҳо, мусофирон);
- фаъолияти мақсадноки одамон (меҳнати онҳо).

Хусусияти хоси нақлиёт ҳамчун соҳаи мустақили истеҳсолот аз он иборат аст, ки новобаста ба он, ки мустақиман мол истеҳсол намекунад, вале дар ба вуҷуд овардани он фаъолона иштирок мекунад: истеҳсолотро бо ашьёи хом, захираҳо, таҷҳизотҳо ва бурда расонидани маҳсулоти тайёр ба истеъмолкунандагонро таъмин мекунад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ соҳаи нақлиёт низоми ниҳоятдараҷа мушкил, серҳаракат ва мураккабро доро аст, ки воқеъан ҳам аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт фарқ мекунад. Соҳаи нақлиёт барои истеҳсолот вуҷуд дошта, барои таъмин намудани болоравии самараноки сектори иқтисодиёти ҳақиқӣ (реального сектора) тараққӣ мекунад. Рушди соҳаи нақлиёт дар тамоми давраҳои таърихии тараққиёти инсоният аз рӯи талаботи объективии ҷомеа муайян карда мешавад, зеро ҳама гуна фаъолияти мақсаднок боиси аз ҷое ба ҷои дигар кашонидани таҷҳизотҳо, ашьёи хом ва худи захираҳои меҳнатиро талаб менамоянд.

Хусусияти нақлиёт ҳамчун соҳаи сектори воқеии (реалии) иқтисодиёт аз он иборат аст, ки аз як тараф он ҷараёни истеҳсолии худро доро буда, аз тарафи дигар ашёи хомро коркард наменамояд ва маҳсулот низ истеҳсол намекунад. Дар соҳаи нақлиёт ҷараёни истеҳсолот ва натиҷаҳои ниҳоии ин раванд ба макон ва вақт мувофиқ мебошанд. Пас ба ҷои дигар кашонидани борҳо ва мусофирон ҳамчун ҷараёни истеҳсолот ва маҳсулоти соҳа баромад мекунанд. Тамоми гуфтаҳои дар боло зикргардидаро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, хусусиятҳои хоси зерини соҳаи нақлиётро ҷудо кардан мумкин мегардад:

-якум, нақлиёт маҳсулотҳои нав истеҳсол намекунад, балки ҳамчун идомаи ҷараёни истеҳсолот дар доираи ҷараёни мубодила баромад мекунад. Хотимаёбии ҷараёни истеҳсолот ҳамон вақт ба анҷом мерасад, ки агар натиҷаи ниҳоии он ба ҷойи истеъмол расонида шавад. Бинобар ин нақлиёт ҷараёни истеҳсолотеро, ки дар дигар соҳаҳои сектори реалии (воқеии) иқтисодиёт оғоз гардида буд идома медиҳад. Азбаски натиҷаи ниҳоии истеҳсолот баъди ба истеъмолкунанда бурда расонидани он муайян мегардад, бинобар ин маҳз бо ин муносибати байни соҳаҳои нақлиёти субъектҳои сектори реалӣ (саноат ва хоҷагии кишоварзӣ) муайян карда мешавад;

- дуюм, маҳсулоти соҳаи нақлиёт сифатан амалигардонии ҷараёни ба ҷойи дигар кашондани (кӯчонидани) борҳо, аз ҷумла, мусофирон дар байни нуктаҳои муайяне, ки аз ҷараёни истеҳсолоти нақлиётӣ ҷудонопазиранд ба шумор мераванд;

- сеюм, маҳсулоти соҳаи нақлиёт дар худ ашьёи хомро таҷассум намекунад. Ҳиссаи музди кор дар арзиши аслии он нисбати дигар соҳаҳои иқтисодиёт баланд аст, хароҷот барои амортизатсия, сӯзишворӣ, қувваи барқ қариб 50 %-и тамоми хароҷотҳои истифодаи нақлиётро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, барои паст кардани арзиши аслии кашонидани бору мусофирон баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, самаранок истифода бурдани воситаҳои нақлиёт, кам кардани хароҷоти сӯзишворӣ ба воҳиди корҳои кашондан ва ё ҷараёни нақлиётӣ аҳамияти калон дорад.

- чаҳорум, гардиши маблағҳое, ки барои тараққиёти муассисаю корхонаҳо ва соҳаҳои нақлиёт ҷудо карда мешаванд, аз гардиши маблағҳое, ки барои муассисаҳо, корхонаҳо ва соҳаҳои сектори реалӣ фарқ мекунад. Дар бозори нақлиётӣ объекти мубодила мол не, балки танҳо ҷараёни  истеҳсолоти саноати нақлиётӣ-шарту шароити аз як ҷой ба ҷойи дигар кашонидани бор баромад мекунад. Аз ин рӯ, талабот нисбат ба самаранокӣ ва сифати кори соҳаҳои нақлиёт бевосита ба ҷараёни истеҳсолии нақлиёт мансуб аст.

Масъалаҳои тезонидан ва муттасилии ҷараёни нақлиётӣ, кам кардани мӯҳлати бурда расонидан ва кафолати беҳдошти борҳо, мунтазамӣ дар кори тамоми воситаҳои нақлиёт, махсусан ҳайати гурӯҳи сайёр, баланд бардоштани сифати корҳои ҳар як намуди нақлиёт ва низоми нақлиётӣ дар маҷмӯъ аҳамияти муҳимми иқтисодӣ доранд. [4]

Бояд таззакур дод, ки тавлиди боркашонӣ дар зинаи тайёршавии маҳсулот ба вуҷуд меояд, ки кашонидани он дар дохили корхона ба воситаи низоми нақлиётӣ ба

амал бароварда мешавад, вале кашонидани минбаъдаи масолеҳҳо ва ё маҳсулот аз корхонаи таъминкунанда ба истеъмолкунанда ба воситаи нақлиёти магистралӣ ба анҷом расонида мешавад. Дар охир ба ҷои истеҳсоли мол бор ҳосил мешавад, ки онро сари вақт ба истеъмолкунанда бурда расонидан лозим аст. Дар рафти истеҳсолот аз ҳисоби захираҳо (воситаҳои техникӣ, хайати шахсӣ, молия, вақт, санъати идоракунӣ ва ғайраҳо) тағйири макони борҳо ба вуҷуд меояд.

Дар ҷараёни таҳлили фаъолияти муассисаҳои соҳаи нақлиётӣ зарур аст, ки шароити умумии фаъолияти ин соҳаи муҳимми хоҷагии халқ ва маҳсули фаъолияти онро асос намоем. Нақлиёти автомобилӣ маҳсулот ва ё мол истеҳсол намекунад, вале маҳсулоти вай худи ҷараёни кашондан (ҳамлу нақл) мебошад. Аз ин рӯ, моли ин соҳаи нақлиёт хизмати комплексии нақлиётӣ ба шумор меравад, ки ба талаботи муштариён, яъне истеъмолкунандагон ҷавобгӯ мебошад. Хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ ҳамчун намуди (навъи) маҳсулот амал менамояд ва объекти хариду фӯруш мегардад. Дар ҷадвали 1.1. тавсифи маҳсулоти нақлиёти автомобилӣ дар шакли хизмати ҳамлу нақл (кашондани борҳо), ки аз маҳсулоти дигар соҳаҳои истеҳсолоти реалӣ (воқеӣ) фарқ мекунанд оварда шудааст.

**Ҷадвали1. Хусусиятҳои хизматрасонии ҳамлу нақли борҳо ҳамчун шакли фаъолияти истеҳсолӣ.**

| № | Хусусиятҳои хизматрасонии нақлиёти боркашонӣ дар муқоиса бо махсулот. | Таъсири хусусияти хизматрасонии нақлиёти боркашонӣ ба ташаккули андозаи бозори молӣ |
|---|---|---|
| 1. | Характери ғайримоддии хизматрасонӣ | Хизматрасониҳоро барои захира ҷамъ кардан ва аз объекти ҳамлу нақли бор ҷудо кардан имконнопазир аст. |
| 2. | Мувофиқ омадани истеҳсолот ва истеъмолот, хизматрасониро ҷамъ кардан имконнопазир аст. | Зинаи фурӯш ва баъд аз фурӯш вуҷуд надорад |
| 3. | Бевосита ба истеъмол равона гардидааст | Фардигардонии амалии хизматрасонӣ нисбати истеъмолкунанда |
| 4. | Нақши фаъоли кормандон дар ба даст овардани самараи муфиди истеъмолкунандагон | Фардикунонии хизматрасониҳо вобаста ба муносибати кормандон |
| 5. | Талабот ба хизматрасонӣ бештар характери оммавӣ дорад | Хизматрасонии кашонидан (интиқол) метавонад дар асоси шартномаи умумӣ пешниҳод гардад |
| 6. | Миқдори зиёди корхонаҳо ва соҳибкорони алоҳида ҳамчун истеҳсолкунандагони хизматрасонӣ | Имконияти шаклгардонии системаи идоракунии хизматрасониҳо |
| 7 | Хизматрасонии интиқол дар тамоми марҳалаҳои силсилаи ҳаёти моликияти шахсии истеҳсолкунанда намебошад | Вақти истеъмоли хизматрасонӣ аз тарафи истеъмолкунандагон кашол меёбад |
| 8. | Хизматрасонии асосии ҳамлу нақл нисбати маҳсулот мазмуни махсусро дорад | Мавҷуд набудани банду баст, нигаҳдошт, монтаж, истифодабарӣ, ёрии техникӣ ва хизматрасонии кафолатӣ |
| 9. | Хизматрасонии ҳамлу нақл на | Хизматрасонии ҳамлу нақл бо хатсайр ва |

| | | |
|---|---|---|
| | ҳамеша дар дохили корхона амалӣ мегардад | макони сафарбаркунию расонидан алоқаманд аст |
| 10. | Хизматрасонии ҳамлу нақли нақлиёти боркашонӣ бештар дар вақти муайян амалӣ мегардад | Имконияти ивази хизматрасонӣ ба вақти дигар вуҷуд надорад |
| 11. | Нархҳо ва ё тарофаҳо ба хизматрасониҳои монанд ва шарту шароити ҳамлу нақл дар намудҳои гуногуни нақлиёт метавонанд аз ҳам фарқ кунанд. | Хизматрасониҳои зоҳиран ба ҳам монанди бахсноки ҳамлу нақл, ки якдигарро иваз мекунанд |

**Ҷадвал аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.**

Хусусияти ҷараёни нақлиётӣ аз рӯи характери маҳсулоти нақлиёт муайян карда мешавад. Чӣ тавре, ки дар боло ишора намудем раванди истеҳсолот дар соҳаи нақлиёт ҷараёни аз як ҷой ба ҷойи дигар кашонда бурдани борҳо мебошад, ки он махсулоти нақлиёт маҳсуб мешавад. Ин бошад хусусияти хос ва фарқкунандаи нақлиёт аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт мебошад. Ба ғайр аз ин он сабаби характери ғайримоддиро гирифтани маҳсулоти нақлиёт мегардад. Боркашонӣ ҷараёни истеҳсолотро то ҳолати расонидани маҳсулот ба истеъмолкунандагон идома ва ба анҷом мерасонад ва бо ҳамин гирдгардиши алоҳидаи истеҳсолот хотима меёбад.

Дар ин раванд мутаносибан ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти нақлиётӣ низ анҷом меёбад: яку якбора, баъди он, ки бор ба ҷойи лозима ба истеъмолкунанда бурда расонида мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки истеҳсоли маҳсулоти нақлиётӣ танҳо дар вақти ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо борҳо ба вуҷуд меояд. Ин боиси он мегардад, ки имконнопазирии ташкил кардани захираи «маҳсулоти нақлиёт» ба вуҷуд оварда шавад. Вале бе захира, ки омили асосии паст кардани эҳтимоли вайроншавии нақлиёт дар вақти бурдани бор мегардад, кор кардан имконнопазир аст.

Бинобар ин зарурати пасандоз дар асоси ташкил кардани воситаҳои иловагии эҳтиётии (захиравии) нақлиёт ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, дар рафти кашондани бор ба корхонаю муассисаҳо дар соҳаҳои нақлиёт ҳамеша 1-3 воҳидҳои эҳтиётии (захиравии) воситаҳои нақлиётии ҳайати сайёр (тезамал) вуҷуд дорад, ки дар ҳолати пайдо гардидани нуқсон дар хати роҳҳо тайёранд онро дар мӯҳлати кӯтоҳтарин иваз намоянд.

Арзиши маҳсулоти нақлиёт (аз як ҷой ба ҷойи дигар кашонидани борҳо) ба арзиши ниҳоии маҳсулоти кашондамешудагӣ дохил мешавад. Абаски муштариён, соҳибони борҳо хароҷоти нақлиётро пардохт менамоянд ва баъдан ба нархи ниҳоии маҳсулоти худ нархи нав илова менамоянд аз ин рӯ, баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки арзиши бор ба арзиши маҳсулоти нақлиёт таъсир намерасонад ва ин ғайриқонунӣ аст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки баъзе молҳои аз ҳад зиёд қиммат ва ё хусусияти ба худ хос дошта (масалан, маҳсулотҳои тез вайроншаванда) дар вақти кашондан нисбатан хароҷоти зиёдро талаб менамоянд. Дар ин ҷо нақлиёти махсусгардонидашуда лозим мешавад, ки истифодаи он нисбат ба воситаҳои нақлиёти оддӣ қимматтар меафтад. Масалан, кашонидани металҳои қимматбаҳо ва ё миқдори бисёри пулҳо дар воситаҳои нақлиёти махсуси зиреҳпӯш бо муҳофизон дар роҳ иҷро карда мешаванд. Ин борҳои бо нақлиёт кашонидашуда ба предмети меҳнат табдил меёбанд, вале моликияти онҳо ба ҳисоб намераванд. Лекин дар вақти кашондани ин борҳои қимматнок онҳо барои ин молҳо ҷавобгарии пурраи моддиро ба ӯҳда доранд.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем бе тараққиёти босуръати соҳаи нақлиёт фаъолияти муътадилу устувори дигар соҳаҳои иқтисодиёт номумкин ва маҳдуд мегардад. Баъди ба роҳ мондани кори муназзами инфраструктураи нақлиёт, сифати инноватсионии он, ки маҳсулоти нақлиётро «захира» ва ё пасандоз мекунад, кори соҳа, яъне оғоз меёбад. [1] Дар акси ҳол маҳсулоти истеҳсолшуда ба марҳалаи хотимавӣ ноил шуда наметавонад ва ба доираи истеъмолот ворид намегардад, ки ин маънои вуҷуд надоштани маҳсулот дар ҷамъиятро дорад.

Барои соҳаҳои сектори реалӣ ин маънои шикастабандӣ кардани (иммобализацияи) маблағи ҷудошударо дорад, ки имконияти тараққиёти минбаъдаро маҳдуд менамояд. Аз сабаби он, ки маҳсулоти нақлиётӣ танҳо дар давраи ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо бор ҳосил мешавад, бинобар ин ҳаҷми он ба вақти бозистӣ дар ҷараёни амалиётҳои ҳамлу нақл вобаста аст, ки аз рӯи дараҷаи механикикунонӣ ва автоматикунонии боркашонӣ ва фаровардани он, ҷараёни анборӣ (складӣ), инчунин истифодаи технологияҳои пешқадаму замонавӣ (контейнерӣ, пакетӣ, интермодалӣ ва ғайраҳо) вобастагии зич дорад.[5]

Хислати ғайримоддӣ доштани маҳсулоти нақлиётӣ ба тағйири таркиби арзиши аслии он таъсири амиқ мерасонад. Бархилофи муассисаҳо ва корхонаҳои сектори реалии иқтисодиёт, ки хароҷотҳои зиёдро барои харидан ва дастрас намудани ашёи хом сарф мекунанд, дар муассисаҳо ва корхонаҳои соҳаи нақлиётӣ ашёи хом вуҷуд надорад, аз ин рӯ, нисфи арзиши аслиро маоши ронандагон ташкил карда, нисфи дигарашро хароҷотҳо барои амортизатсияи воситаҳои нақлиёт, сузишворӣ, қувваи барқ ташкил мекунанд.

Азбаски истеҳсоли маҳсулоти нақлиётӣ дар муассисаҳою корхонаҳои ғайринақлиётӣ гузаронида мешавад, бинобар ин назорат аз болои истеҳсоли маҳсулоти нақлиётӣ мушкил мегардад ва имконияти амалӣ гардондани робитаҳои мутақобилаи онҳо, яъне бевосита таъсир расонидан ба ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти нақлиётӣ маҳдуд мегардад. Барои ҳамин дар замони муосир тараққиёти васею бемайлон ва истифодаи системаи технологияҳои информатсионӣ ин масъалаҳоро ҳал менамояд.

Аз ин рӯ, ҳоло зернизоми (подсистемаи) информатсионии инфраструктураи нақлиёт батадриҷ ташаккул ёфтааст.

Ҳамин тавр, инфраструктураи нақлиёт дар тараққиёти босуботу устувори тамоми соҳахои иқтисодиёти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон нақши бузург ва арзандаро мебозад.

Аз рӯи маълумотҳои омории агентии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон кашондани молҳо дар ҷумҳурӣ ба воситаи тамоми намудҳои нақлиёт дар тӯли солҳои 2010-2016 чунин сурат гирифта буд:

**Ҷадвали 2. Кашондани борҳо аз рӯи намудҳои нақлиёт дар солҳои 2010-2019**

| солҳо | Кашонидани борҳо ҳамагӣ | аз он ҷумла | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хазор тонна | Бо нақлиёти автомобилй, хазор тонна | Бо фоиз | Бо нақлиёти роҳи оҳан, хазор тонна | бо фоиз | Бо нақлиёти нақлиёти ҳавоӣ, хазор тонна | бо фоиз |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 59327,4 | 48879,6 | 82,3 | 10445,6 | 17,7 | 2,2 | 0,03 |
| 2011 | 61656,9 | 52397,3 | 85,0 | 9257,0 | 15,0 | 2,6 | 0,004 |
| 2012 | 68399,3 | 59991,8 | 87,7 | 8405,0 | 12,3 | 2,5 | 0,0 |
| 2013 | 72248,3 | 65510,7 | 90,6 | 6735,3 | 9,3 | 2,3 | 0,003 |
| 2014 | 74411,2 | 67600,9 | 90,9 | 6807,7 | 9,1 | 2,6 | 0,0 |
| 2015 | 74431,8 | 68304,1 | 91,8 | 6125,6 | 8,2 | 2,1 | 0,003 |
| 2016 | 84066,6 | 78610,5 | 93,6 | 5454,2 | 6,4 | 1,9 | 0,002 |
| 2017 | 84130,8 | 79482,5 | 94,4 | 4646,5 | - 5,6 | 1,8 | 0,002 |
| 2018 | 89607,2 | 84257,6 | 94,0 | 5348,1 | -5,9 | 1,5 | - 0,001 |
| 2019 | 85394,6 | 79594,7 | 93,2 | 5798,9 | 6,7 | 1,1 | -0,001 |
| с 2019-бо фоиз ба с 2010 | 143,9% | 162,8 | 10,9 | 55,5 | -11 | 50,0 | - 0,029 |

Ҳисоб карда шудааст: дар асоси Оморӣ солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2010 ва 2019 с 334-335.

Чуноне, ки аз ҷадвали №2 маълум мегардад дар соли 2019 бо тамоми намудҳои воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 85394,6 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба соли 2010 43,9 фоиз баланд шудааст. Аз ҷумла, ба воситаи нақлиёти автомобилӣ 79594,7 тонна бор кашонида шудааст, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2010 62,8 % зиёд шудааст. Чуноне, ки аён аст дар мамлакат боркашони асосан бо нақлиёти автомобилӣ сурат мегирад.

Дар давраи таҳлили вазни қиёсии боркашонии автомобилӣ дар ҳаҷми умумии боркашонӣ аз 82,3 то 93,2% зиёд шудааст, яъне дар ин давра ҳиссаи боркашонии автомобилӣ беш аз 10,9 фоиз афзудааст. Боркашони бо дигар намудҳои нақлиёт таназзул ёфтааст. Масалан бо воситаи нақлиёти роҳи оҳан соли 2019 5798,9 тонна борҳо кашонида шудаанд, ки дар муқоиса ба соли 2010 45,5 фоиз кам шудааст. Ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ бошад 1,1 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2010 50%, кам шудааст.

Таҳлили кашонидани борҳо ба воситаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аз ҳама нақлиёти фоидаовар ва самарабахш барои кашонидани борҳо ба кишвари мо нақлиёти автомобилӣ мебошад.

Аз ин рӯ, мо ба мутасаддиёни ин соҳа тавсия медодем, ки барои кашонидани борҳои ба ин намуди нақлиёт мувофиқ ҳарчӣ бештар нақлиёти автомобилиро омода намоянд ва дар ҳолати омодабош қарор диҳанд.

Дар рушди нақлиёти Тоҷикистон сохтмони роҳҳои нақлиётӣ нақши муҳим ва асосиро мебозад.

Таъмини пайдоиш ва рушди нақлиёти Тоҷикистонро ба якчанд марҳилаҳо ҷудо кардан мумкин аст: якум, пайдоиш ва рушди системаи нақлиёти Тоҷикистон бо барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри 20 алоқаманд мебошанд, дуюм, дар солҳои нимаи дуюми асри 20 дар рушди минбаъдаи нақлиёт таҷдид ва такмилдиҳии техникии роҳҳо бо баъзе сохтмонҳои нав афзалият доштанд, сеюм, дар солҳои истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон барои рушди нақлиёт чорабиниҳо оиди таҷдид, васеъкунӣ ва беҳдошти роҳҳо асосан дар натиҷаи сохтани роҳҳои нав ва ҷорӣ кардани воситаҳои такмилёфтаи нақлиёт гузаронида мешаванд.

Таъмини пайдоиш ва рушди нақлиёти Тоҷикистон дар шароитҳои ба худ хосе ба вуҷуд омадаанд, ки таъсири онҳо ба ҳолати ҳозира ва имкониятҳои рушди минбаъдаи нақлиёти кишвар бе таъсир намемонанд. Ин пеш аз ҳама, бо сабаби бо кӯҳҳои сарбаланд иҳота будани сарзамини Тоҷикистон техникаи сохтмони нақлиётӣ дар бисёр минтақаҳои кишвар хеле бо душворӣ истифода карда мешавад.

Дар баробари ин роҳҳои системаи нақлиёт дар вақти ниҳоят кӯтоҳу ноилоҷи таърихӣ ба вуҷуд омаданд, ки дар натиҷа роҳҳои бисёри душворгузар пайдо шуданд. Дар натиҷаи таъсири ин омилҳо ва баъзе дигар омилҳои табиӣ-иқлимӣ ҳолати муносибатҳои иқтисодӣ-нақлиётӣ дар Тоҷикистон то солҳои 2000-ум чунин вазъиятро доштанд:

- нобаробар ҷойгиршавии роҳҳои нақлиётӣ дар сарзамини Тоҷикистон;
- номунтазамии (мавсимии) кори нақлиёт дар самтҳои ҷудогонаи кишвар (маҳкам шудани баъзе ағбаҳо дар муддати 6-8 моҳ);
- мураккабии ҳаракати нақлиёт барои минтақаҳои зиёди Тоҷикистон (аз як намуди нақлиёт ба дигараш гузарондани борҳо, баъзан чандин карат);
- дар ҳолати ғайриқаноатбахш будани роҳҳои ҷудогонаи автомобилӣ. Сарзамини ҳозираи Тоҷикистон то Ҳокимияти Шӯравӣ қариб нақлиёти механикиро намедонист.

Ҳатто аробакашии оддӣ дар баъзе ноҳияҳо ҷой надошт. Бинобар ин, масъалаҳои нақлиёту роҳҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини сохтмони хоҷагӣ ва маданӣ дар мамлакат ҳисоб мешуданд. Бо назардошти ин дар муддати кӯтоҳи таърихии Ҳокимияти Шӯравӣ Тоҷикистон аз кишвари классикии бероҳ ба мамлакати дорои қариб ҳамаи намудҳои нақлиёти пешрафтаи муосир табдил ёфт. Ҳанӯз дар солҳои 20-уми асри 20 роҳи автомобилии оддии Хоруғ – Ош, роҳи калони автомобилии Гузар – Душанбе, роҳҳои автомобилии хокии Душанбе –Термез, Душанбе – Қурғонтеппа, Душанбе - Янги Бозор, Душанбе – Варзоб ва Душанбе – Хуҷанд сохта шуданд. Ба ғайр аз сохтмони роҳҳои автомобилӣ яке аз вазифаи муҳими он давра сохтмони роҳи оҳани Душанбе – Термез буд.

Ин роҳ солҳои 1926- 1929 сохта, ба истифода дода шуд [3], ки бо ёрии ин роҳ ба ғайр аз роҳи оҳани қисмати шимоли мамлакат Тоҷикистон имконияти истифодаи баромади дуюмро ба роҳи оҳани васеъбари Иттифоқи Шӯравӣ таъмин кард. Бисёр ноҳияҳо ва минтақаҳои мамлакат, махсусан ноҳияҳои кӯҳӣ, на танҳо роҳҳои автомобилии асфалтпӯш, ҳатто роҳҳои автомобилии хокии қаноатмандкунанда надоштанд. Дар он ҷойҳо пулҳо барои ҳаракати автомашинаҳо набуданд. Ба душвориҳои зиёди рушди сохтмони роҳҳо нигоҳ накарда, дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри 20 сохтмони роҳҳо асосан дар сарзамини қисмати ҷанубӣ, марказии Тоҷикистон ва дар ноҳияҳои Бадахшон мегузаштанд. Дар натиҷа роҳҳои автомобилии Душанбе – Кӯлоб, Душанбе – Қурғонтеппа, Душанбе – Обигарм, роҳҳои автомобилӣ дар ноҳияҳои Бадахшон, водиҳои Қаротегин, Кӯлоб, Қурғонтеппа пайдо шуданд. Гарчанде аксари онҳо ҳанӯз қисматҳои на чандон дурусти роҳҳоро доштанд ва аз рӯи шароитҳои оддитарини техникӣ сохта шуда буданд, вале ба ҳар ҳол соҳиби роҳ шуданд.

Дар ин солҳо сохтмони роҳҳои автомобилгарди хокӣ дар ноҳияҳои водии Зарафшон (Самарқанд – Панҷакент – Айнӣ, Айнӣ – Мастчоҳ ва ғайраҳо) сар шуданд, аввалин автомашина дар роҳи Душанбе – Уротеппа ба ҳаракат даромад, ҳаракати автомашинаҳо то Хуҷанд, баъдан то Тошканд, Конибодом, Исфара кушода шуданд. Моҳи сентябри соли 1940 роҳи калони Помир - Душанбе – Хоруғ асосан ба истифода дода шуд [4]. Дар солҳои минбаъдаи нимаи дуюми асри 20 барои рушди нақлиёт асосан чорабиниҳои реконструктивӣ, васеъкунӣ ва беҳтаркунии роҳҳои нақлиётӣ дар

натиҷаи сохтани роҳҳои нави нақлиётӣ ва инчунин ҷорӣ кардани воситаҳои нақлиётии такмилёфта амалӣ карда мешуданд.

Бо ба истифода дода шудани роҳи оҳани Термез – Қурғонтеппа – Ёвон (264 км) охири соли 1979 дарозии роҳи оҳани васеъбар дар сарзамини Тоҷикистон ду баробар зиёд шуд. Дар солҳои аввали истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон новобаста ба душвориҳои давраи гузариш дар солҳои 90- уми асри 20-ум роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаихум ва роҳи оҳани Қурғонтеппа – Кӯлоб (охири соли 1999) сохта ба истифода дода шуданд. Дар натиҷаи ба истифода дода шудани роҳи оҳани Қурғонтеппа – Кӯлоб бисёр шаҳру ноҳияҳои қисми шимолӣ, марказӣ ва ҷанубии мамлакат байни ҳамдигар ба воситаи роҳи оҳан алоқаманд гаштанд ва бо ёрии вай муносибатҳои истеҳсолӣ-иқтисодӣ карда метавонанд.

Бо ба истифода додани роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаихум номунтазамии (мавсимии) кори нақлиёт дар байни Вилояти автономии Бадахшони кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз байн рафт. Дар вақти ҳозира Тоҷикистони соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр метавонад бо дигар мамлакатҳо ва минтақаҳои олам, пеш аз ҳама, бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Ҳамкории ЕвроОсиё, Ҳамкории мамлакатҳои мустақил, Ҳамкории созмони Шанхай, Иттифоқи европоӣ ва ғайраҳо ҳамкориҳои нақлиётӣ-иқтисодӣ дошта бошад.

Бо тарзи нав – аз рӯи қонунҳои иқтисодиёти бозорӣ алоқаҳои Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳо ва минтақаҳои наздику дури ҷаҳон васеъ мегарданд. Дар айни замон алоқаҳои нақлиётӣиқтисодӣ дар дохили Тоҷикистон дар байни шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои вай ҳаматарафа рушд меёбанд. Аз як тараф, дар байни минтақаҳои маъмурӣ – вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, аз тарафи дигар, дар байни минтақаҳои территориявӣ-иқтисодии Тоҷикистон муносибатҳои нақлиётӣиқтисодӣ хеле пеш рафта истодаанд.

Бо мақсади ба роҳ мондани муносибатҳои бозаргонӣ дар байни минтақаҳои дохили Тоҷикистон ва Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон оиди васеъ кардани роҳҳои системаи нақлиёти Тоҷикистон чорабиниҳо гузаронида мешаванд. Бо назардошти ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2005 қайд шуда буд, ки дар соҳаи нақлиёт сохтмони объектҳои стратегии муҳим давом меёбанд [5].

Бо максади сохтан ва таҷдиди роҳҳои автомобилӣ дар сарзамини минтақаҳои кишвар, бавуҷудоварии алоқаҳои муътадили нақлиётӣ-иқтисодӣ дар байни онҳо ва барои баромадан ба дигар мамлакату минтақаҳои ҷаҳон Ҳукумати Тоҷикистон бо ҷалби институтҳои молиявии байналмилалӣ ёздаҳ лоиҳаҳоро дар ҳаҷми 354 миллион сомонӣ амалӣ намуд.

Дар соли 2005 таҷдиди роҳи автомобилии Душанбе - Қурғонтеппа – Кӯлоб, сохтмони навбати аввали роҳи автомобилии Шағон-Зиғар, Шкев-Зиғар ба охир расиданд [6]. Ба охир расидан ва ба истифода дода шудани роҳҳои номбурда имконият доданд, ки байни шаҳру ноҳияҳои Вилояти автономии Бадахшони кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон роҳи магистралии автомобилии доимо амалкунанда кушода шавад.

Дар шароити дохил шудани Тоҷикистони соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр ба бозор ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъмин намудани алоқаҳои шабонарӯзии нақлиётӣ дар байни ҳамаи минтақаҳои мамлакат ва шоҳроҳҳои коммуникатсионии байналмилалӣ аҳамияти калон дорад. Бинобар ин дар вақти ҳозира таҷдиди интенсивонии роҳҳои оҳан ва автомобилии кӯҳнаи мамлакат ва сохтмони нави онҳо рафта истодаанд. Нақбҳои Истиқлол (Анзоб), ШарШар, Шаҳристон, Хатлон (Чормағзак) сохта ва ба

истифода дода шуданд. Дар натиҷаи истифодабарии ин нақбҳо байни аксар шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои Тоҷикистон хусусияти номунтазамии (мавсимии) кори нақлиёти автомобилӣ дар самтҳои ҷудогонаи кишвар (маҳкам шудани баъзе ағбаҳо дар муддати 6-8 моҳ) аз байн рафт, яъне онҳо аз бунбасти нақлиётӣ баромаданд.

Роҳи автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд – Чанак роҳи муҳимтарин барои таъмини алоқаҳои ноҳияҳои минтақаи шимолии Тоҷикистон бо ноҳияҳои минтақаҳои марказӣ, ҷанубӣ ва шарқии мамлакт мебошад. Инчунин, вай ҳамчун роҳрави автомобилии транзитии байналмилалӣ барои баромадан ба беруни мамлакат ба воситаи сарзамини Узбекистон нақши муҳим мебозад. Барои ҳамин аз ҳисоби ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ин роҳи автомобилгард аз нав карда шуд.

Бо ҷалби инвеститсияи хориҷӣ дар ҳаҷми 72 миллион сомонӣ [7] шоҳроҳи автомобилии байналмилалии Душанбе – Нуробод – Рашт - Ҷирғатол - Саритош – Ош таҷдид карда шуд. Ин роҳ ҳамчун роҳрави автомобилии транзитии байналмилалӣ алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистонро бо Қирғизистон, инчунин ба воситаи сарзамини вай бо дигар мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия таъмин мекунад.

Дар Тоҷикистон дар охири соли 2005 шоҳроҳи автомобилии байналмилалии Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қарақорум ба истифода дода шуд. Бояд қайд кард, ки дар солҳои мустақилияти Тоҷикистон сохтмони ин роҳ яке аз дастовардҳои азими таърихии мамлакат мебошад. Бо ёрии вай байни ноҳияҳои Вилояти автономии Бадахшони кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон алоқаҳои нақлиётӣиқтисодии шабонарӯзӣ таъмин карда мешаванд.

Ба ғайр аз ин ба истифода додани ин роҳ – ҳамчун роҳрави автомобилии транзитии байналмилалӣ имконият медиҳад, ки ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои манфиатдори ҷаҳон ба мамлакатҳои хориҷа бароянд, аз ҷумла, ба Хитой, Покистон, Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳои минтақаи ҷанубу шарқи ҷаҳон. Дар шароити ҳозираи иқтисодиёти кушоди Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи вай васеъ намудани роҳҳои баромад ба минтақаҳои ҷануби ҷаҳон аҳамияти калон дорад. Баромадан ба мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна, мамлакатҳои Араб ва дигарон, ба бандарҳои азими баҳрӣ ва бо ҳамин барои баромадан ба дигар минтақаҳои кураи Замин имкон ёфтан аҳамияти махсус дорад. Ба ҳамин муносибат корҳои лоиҳавӣ-сохтмонӣ оиди сохтани пулҳо байни Тоҷикистон ва Афғонистон дар дарёи Панҷ гузаронида шуданд ва сохтмони онҳо дар Панҷи Поён, Фархор, Шӯробод (Шамсиддини Шоҳин), Хоруғ, Ишкошим ба охир расиданд [8]. Бо кушода шудани ин роҳҳо барои минтақаҳои Тоҷикистон роҳравҳои автомобилии транзитии байналмилалӣ сохта шуданд ва имконияти истифодаи онҳо барои баромадан ба воситаи сарзамини Афғонистон ба бозорҳои нав ва бандарҳои баҳрии ҷаҳон таъмин карда шуданд.

Дар шароити мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон бо туфайли сохтмони роҳҳои нав ва азнавсозии бисёр роҳҳои мавҷуда номунтазамии (мавсимии) кори нақлиёт дар самтҳои ҷудогонаи кишвар (маҳкам шудани баъзе ағбаҳо дар муддати 6-8 моҳ) аз байн рафт. Дар натиҷа аз бунбасти нақлиётӣ баромадани Тоҷикистон дар дохили мамлакат ва ба воситаи сохтани роҳравҳои автомобилии транзитии байналмилалӣ: дар шимол – ба воситаи сарзамини Қирғизистон, дар ғарб - ба воситаи сарзамини Узбекистон, дар ҷануб - ба воситаи сарзамини Афғонистон ва дар шарқ - ба воситаи сарзамини Хитой таъмин карда шуд.

Роҳравҳои нақлиётии Тоҷикистон алоқаҳои мунтазами байни шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои мамлакатро таъмин карданд ва барои баромадани вай ба беруни кишвар шароитҳои зарурӣ фароҳам оварданд. Мувофиқи талаботҳои ҳозира барои гузариш ба

иқтисодиёти индустриалӣаграрӣ бо мақсади дастрас кардани борҳо ва одамон ба чараёнҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ва кашондани молҳои тайёр ба истеъмолкунандагон такмил додани фаъолияти роҳравҳо заруранд. Барои рушди минбаъдаи ин роҳравҳо такмил додани инфрасохтори онҳо, пеш аз ҳама, сохтани марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ муҳим мебошад.

Терминалҳо бо таҷҳизотҳо барои боркунӣ ва борфарорӣ таъмин мегарданд. Инчунин, майдонҳои контейнерӣ сохта мешаванд, ки дар онҳо ба нақлиёти дигар гузаронидан ва ба тартиб пур кардани борҳо иҷро карда мешаванд. Компанияҳои экспедиторӣ рушд мекунанд, ки операторони кашониданҳои мултимодалӣ ва интермодалӣ мебошанд. Барои коркарди логистикии борҳо дар марказҳои логистикӣ базаҳои истеҳсолӣ-техникии муосир сохта мешаванд. Дар баробари инҳо рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар минтақаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон таъмини ҳамаҷониба васеъ кардани нақлиёти роҳи оҳани мамлакат ва баромадани вайро аз ҳолати бунбастагӣ талаб мекунад. Ҳозир Тоҷикистон танҳо як роҳи баромади нақлиёти роҳи оҳанро ба воситаи сарзамини Узбекистон ба мамлакатҳо ва мин тақаҳои хориҷӣ дорад. Ҳатто дар дохили мамлакат на ҳамаи минтақаҳо байни ҳамдигар алоқаҳои роҳи оҳанро доранд.

Бинобар ин, оиди ҷалб кардани инвеститсияҳои хориҷӣ барои лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳи оҳани Душанбе - Қурғонтеппа – Панҷ бо алоқамандкунӣ то Кундуз (Афғонистон) чораҳо дида мешаванд [9]. Сохтан ва ба истифода додани роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон роҳҳои оҳани Турсунзода – Душанбе - Ваҳдат, Шаҳритус – Қурғонтеппа - Ёвон ва Қурғонтеппа – Кӯлобро бо ҳам мепайвандад. Барои беҳбудии алоқаи байни минтақаҳои қисми марказӣ ва ҷанубии мамлакат ва баромадани онҳо ба роҳи оҳани нави Душанбе - Қурғонтеппа – Панҷ лоиҳаи инвеститсионӣ оиди таҷдиди роҳи автомобилгарди Қурғонтеппа – Панҷи Поён кор карда шуд. Ин лоиҳа бо ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ гардид [10].

Амалӣ гардидани бисёр чорабиниҳои зикршуда ва ба истифода дода шудани роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Турсунзода, Айнӣ – Панҷакент, Восеъ - Ховалинг ва як қатори дигар лоиҳаҳо имконият доданд, ки дар солҳои истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон роҳравҳои нақлиётӣ фаъолият намоянд ва сарзамини ба се қисмат ҷудо будаи вай байни ҳам пайваст шаванд. Дар солҳои соҳибистиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон барои рушдёбии соҳаҳои нақлиёти ҳавоӣ корҳои зиёде карда шуданд. Фурудгоҳҳои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб ва Қурғонтеппа ба фурудгоҳҳои байналмилалӣ табдил ёфтанд. Оиди рушд додани фаъолияти нақлиёти ҳавоӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва баромадани онҳо ба хати байналмилалӣ корҳои муайян карда мешаванд. Рушди ҳамаи намудҳои нақлиёт ҳамеша таҳти назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҷудо кардани маблағ барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои ҳамаи намудҳои нақлиёти истифодаи умумӣ меафзоял. Дар солҳои мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон 38 лоиҳаҳои инвеститсионӣ барои сохтмони нақлиётӣ амалӣ карда шуданд. Ин имконият дод, ки дар солҳои охир зиёда аз 2000 км роҳҳои автомобилгард, 175 км роҳи оҳан, 31,2 км нақбҳо ва галереяҳои нигоҳдорандаи тармаҳо, зиёда аз 240 пулҳои хурду миёнаи дарозиашон 8,2 км таҷдид, сохта ва ба истифода дода шуданд [11].

Рушди минбаъдаи муносибатҳои бозаргонӣ дар минтақаҳо ва соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ҳамаҷониба васеъ намудани роҳҳои фаъолияти ҳамаи намудҳои нақлиёт ва такмили кори боркашонӣ ва мусофиркашонии онҳоро мувофиқан ба талаботҳои рушди иқтисодиёти индустриалӣ ва инноватсионӣ талаб мекунад [12]. Бо назардошти ин барои такмил додани фаъолияти роҳравҳои нақлиётии мамлакат дар

соҳаи нақлиёти роҳи оҳан сохтмони объектҳои нави роҳи оҳан дар Тоҷикистон бо имкониятҳои баромадан ба хориҷа, ба монанди Душанбе – Ҷиргатол – Саритош (Қирғизистон), Хуҷанд – Адрасмон – Истиқлол (Табошар), Панҷакент – Самарканд, дар доираи ҳамкорӣ оиди тараққиёти муносибатҳои сетарафа байни Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон зарурати тезондани сохтмони роҳи оҳани Ҷалолиддини Балхӣ – Панҷи Поён – Қундуз – Мазори Шариф – Ҳирот – Машҳад, дар доираи ҳамкорӣ оиди тараққиёти муносибатҳои сетарафа байни Афғонистон, Тоҷикистон ва Туркманистон сохтмони роҳи оҳан байни Душанбе ва Ашқобод ба воситаи сарзамини Афғонистон корҳо рафта истодаанд.

Барои таъмини алоқаҳои шабонарӯзии автомобилӣ байни шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон бо баромадан ба хориҷа оиди сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилии Хуҷанд – Исфара – сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон, Исфара – сарҳади Ҷумҳурии Узбекистон, Қурғонтеппа - Дӯстӣ, дар доираи ҳамкорӣ оиди тараққиёти муносибатҳои сетарафа байни мамлакатҳои форсизабон - Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон зарурати тезондани корҳо барои сохтмони роҳи автомобилии Панҷи Поён – Қундуз – Пули Хумрӣ – Мазори Шариф – Шибирғон – Маймана – Ҳирот – Машҳад чораҳои зарурӣ дида мешаванд. Дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ оиди пешрафти минбаъдаи инфрасохтори соҳа ва рушд додани авиатсияи хурд барои кашондани мусофирон байни шаҳру ноҳияҳои мамлакат чорабиниҳои даркорӣ дида шуда истодаанд.

Дар марҳилаи ҳозира Тоҷикистон аз бунбасти нақлиётии автомобилӣ баромадааст. Байни шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои мамлакат роҳҳои автомобилӣ кушодаанд, ҳаракати мавсимии нақлиёти автомобилӣ бо сабаби баста шудани роҳҳо ҷой надоранд. Дар айни замон аксари ноҳияҳо ва минтақаҳо ба ғайр аз соҳаҳои кишоварзӣ дигар соҳаҳоро, махсусан саноатро рушд надодаанд. Бинобар ин, дар байни бисёр шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои мамлакат боркашонӣ хусусияти яктарафа дорад, яъне бор бурда дар гашта омадан автомашинаҳо холӣ бармегарданд.

Аз ин ҷо коэффитсиенти бе бор рафтани автомашинаҳо барои бисёр шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои кишвар хеле баланд аст. Ҳозир шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои кишвар на танҳо бо ҳам пайвастанд, балки аксари онҳо бо роҳҳои автомобилии сатҳи баланд алоқаманданд ва имконияти рушд додани соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониро дар асоси индустрияи муосир доранд.

Дар онҳо на танҳо барои овардани ашёю маводҳои истеҳсолию хизматрасонӣ, балки барои баровардани маҳсулоту хизматрасониҳои тайёри худӣ ба бозорҳои фурӯш имкониятҳо бо хеле хубӣ ҷой доранд. Бо назардошти ин кормандони нақлиёти кишвар фаъолияти кории худро мувофиқан ба талаботҳои иқтисодиёти индустриалӣаграрӣ ба роҳ мемонанд. Бинобар ин, дар сиёсати нақлиётии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ҳалли масъалаҳои зерин бояд ҷои муайяни худро ёбанд.

Якум рушди ҳамаи намудҳои нақлиёт бояд мувофиқи талаботҳои муосир ба роҳ монда шавад, то ки истеъмолкунандагони боркашонӣ ва мусофирбарӣ интихоби васеи худро дошта бошанд. Дар шароити кӯҳсори Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ нақши васеъ паҳнгаштаи худро нигоҳ медорад, чунки дар бисёр қисматҳои кишвар сохтмони роҳи оҳан мушкил аст ва ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат байни ҳамдигар алоқаҳои автомобилӣ доранд.

Аз тарафи дигар, нақлиёти автомобилӣ хусусияти дастраскунии бор ва одамонро аз дар то дарро дорад, ки ин барои бисёр истеъмолкунандагон мувофиқи мақсад аст. Махсусан дар шароити ҳозираи рушдёбии соҳаҳои соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ, ки бештар ба қонеъгардонии талаботи инфиродӣ ва гуруҳии истеъмолкунандагон

нигаронда шудаанд, истифодаи нақлиёти автомобилӣ ҳам аз рӯи суръати дастраскунӣ, ҳам аз рӯи самти на чандон дури таъинот ва ҳам аз рӯи ҳаҷми кашонидан бисёр мувофиқи мақсад барои мизоҷон аст.

Нақлиёти роҳи оҳан барои кашондани масофаи дур ва борҳои ҳаҷман калон самаранок аст. Бинобар ин, васеъ шудани истифодаи роҳи оҳан дар байни минтақаҳо ва баромадан ба беруни мамлакат, кашондани борҳои ҳаҷман калони истеҳсолкардаи корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмонӣ ва дигарҳоро, ки муҳлати тезро талаб намекунанд, вайроннашавандаанд ва ба бозорҳои калон нигаронда шудаанд, мувофиқи мақсад аст.

Дуюм нақши роҳҳои автомобилӣ дар рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти ҳозира ва гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣагрярӣ хеле баланд аст. Роҳҳо асосан барои ҳаракати автомашинаҳои борбардориашон то 15-20 тонна сохта шудаанд. Вале аллакай аз ҳозир бисёр автомашинаҳои борбардориашон то 60 тонна ва бо пайваст карданҳо аз ин зиёд – то 120 тонна ҳаракат мекунанд. Минбаъда бо гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ҳаҷми боркашониҳои маҳсулотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ зиёд мегарданд. Бо ин сабаб аксари роҳҳо хеле пеш аз муҳлати пешбини шуда аз кор мебароянд.

Бинобар ин бо сабаби зиёд шудани талабот ба роҳҳои автомобилӣ дар натиҷаи афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва истеъмолот баланд гаштани боркунии автомашинаҳо зарур аст, ки сиёсати сохтани роҳҳои автомобилиро дигар намоем.

Бо назардошти ин гузарондани тадқиқотҳои илмии академӣ-фундаменталӣ ва соҳавӣ лозим меояд, то ки сохтори масолеҳҳои роҳсозӣ тағйир дода шавад ва роҳҳои сохташуда ба ҳаракати автомашинаҳои борбардориашон калон, ба баланд шудани хунукӣ ва гармии обу ҳаво тоб оварда тавонанд.

Сеюм. Ҳаракати аксари намудҳои нақлиёт аз ҳисоби сӯзишвории аз беруна овардашуда ташкил карда мешавад. Ин албатта, вобастагии фаъолияти кори кашондани намудҳои нақлиёти Тоҷикистонро аз таъминкунандагони хориҷии сӯзишворӣ ба миён меорад.

Дар натиҷаи ба вуҷуд омадани душвориҳо аз кам шудани ҳаҷм, саривақт нарасидан, тағйир ёфтани нарх ва бисёр иллатҳои дигари таъминкунии берунӣ самаранокии кори боркашонӣ ва мусофирбарии намудҳои нақлиёт паст мегардад.

Бинобар ин, вақти он расидааст, ки дар сиёсати нақлиётӣ чорабиниҳо оиди роҳҳои ҳарчи бештар таъминкунии нақлиёти ватанӣ бо сӯзишвории худӣ муайян карда шавад. Дар ин ҷо оиди истифода карда тавонистани энергияи электрикии обӣ, энергияи офтоб, энергияи шамол, энергияи электрикии оловӣ ва дигар манбаҳои дастраси энергияи истеҳсоли худӣ барои таъмин кардани ҳаракати кории намудҳои нақлиёт корҳои даркорӣ бурдан лозим меояд.

Васеъ кардани истифодаи троллейбус, трамвай, электромобил, электриконии хатҳои серҳаракати роҳи оҳан ва ба монанди инҳо чорабиниҳо мувофиқи мақсад мебошанд.

Чорум. Кайҳо вақти он расидааст, ки дар бораи ташкил кардан ва рушд додани саноати мошинсозии нақлиётии ватанӣ корҳо барем. Оиди ин масъала мутахасси сон дорем, талабот ҳаст.

Фақат кушишҳои худиро зиёд карда, бо ҷалби олимони худӣ, мутахассисони худӣ ва ба вуҷуд овардани шароитҳои зарурии корӣ масъалаи сохтани мошинҳои нақлиётии ватаниро ҳал кардан мумкин аст. Вобаста ба шароити кӯҳсор, гарму хунукии муҳити кишварамон, инчунин, камчинии сӯзишвории ватанӣ мувофиқан автомашинаҳо, вагонҳо, локомотиви роҳи оҳан ва дигар намудҳои нақлиёту

инфрасохтори нақлиётиро сохта, истеҳсолоти тиҷоратии онҳоро ба роҳ мондан мумкин аст.

Панҷум. Барои такмил додани ҷараёни боркашонӣ ва мусофирбарӣ дар баробари самаранок истифода бурда тавонистани намудҳои нақлиёти ҳозир ҷойдошта намудҳои нави нақлиётро ҷорӣ карда истифода бурдан бисёр муҳим аст.

Аз намудҳои нави нақлиёт рушд додани намудҳои махсуси нақлиёт - хати роҳҳои таноби ҳавоӣ ва монорелсҳо барои тезондани рушди корхонаҳои саноатӣ дар шароити ноҳияҳои кӯҳӣ, махсусан саноати канданиҳои маъданҳои кӯҳӣ хеле муҳим аст. Бо истифодаи онҳо саривақт дастрас кардани маводу ашёҳо ва маҳсулотҳои тайёр ба истеъмолкунандагон таъмин карда мешаванд.

Инчунин ин намудҳои нақлиётҳои махсус барои рушд додани туризм дар ноҳияҳои кӯҳӣ аҳамияти хоси худро доранд, яъне васеъ истифода шуда метавонанд Истифодаи нақлиёти қубурӣ на танҳо барои кашондани сӯзишворӣ, балки кашондани об бисёр аҳамият дорад.

Рушди ин намуди нақлиёт на танҳо барои кашондан дар дохили кишвар, инчунин, барои алоқаҳои беруна аҳамияти калон дорад. Бинобар ин, истифодаи самараноки нақлиёти қубурӣ бо назардошти масъалаҳои азхудкунии конҳои сӯзишворӣэнергетикӣ дар минтақаҳои мамлакат ва манбаҳои бойи об дар кишвар мувофиқи мақсад аст.

Бо ёрии истифодаи нақлиёти қубурӣ шаҳру ноҳияҳои кишвар бо оби ошомиданӣ ва оби техникӣ таъмин мегарданд ва имконияти содироти об васеъ шуда метавонад.

Шашум. Чорабиниҳои асосӣ дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ минбаъда рушд додани инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ – реконструксия ва васеъкунии фурудгоҳҳои мавҷуда, дароз кардан ва мустаҳкам кардани хатҳои парвозкунӣ ва фурудоӣ, иваз кардани пар ки вертолёту самолёт ба воситаҳои нави ҷавобгӯи муосир, мустаҳкам кардани базаи моддӣ-техникии соҳа мебошанд. Ҳозир нақлиёти ҳавоӣ асосан барои кашондани одамон истифода мешавад. Вале бо гузаштани Тоҷикистон ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ табиати муносибатҳои соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо тағйир меёбад.

Рақобати бозорӣ авҷ мегирад ва ба соҳибкорон тезондани гардиши ҷараёни истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ махсусан муҳим мегардад. Бинобар ин ба соҳибкорон ва бисёр дигар истеъмолкунандагон бо мақсади дастрас кардани борҳои таъҷилӣ, тезвайроншаванда ва гузаронидани гуфтушунидҳои корӣ истифода кардани нақлиёти ҳавоӣ барои онҳо мувофиқи мақсад мешавад, чунки хароҷотҳои иловагии истеъмолкунандагон барои истифодаи нақлиёти ҳавоӣ аз ҳисоби тезондани гардиши кори истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ чандин карата пӯшонида шуда, боз ба онҳо фоидаи барзиёд меоранд. Барои таъмини амнияти парвозҳо ва беҳтар кардани хизматрасонӣ ба мизоҷони нақлиёти ҳавоӣ дар соҳа такмил додани технологияҳои иттилоотии алоқа мавқеи муҳимро мебозад. Мизоҷон бо ёрии технологияҳои иттилоотии алоқа дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ истифодаи хизматрасонии боркашонӣ ва мусофирбариро дар нақлиёти ҳавоӣ аниқ ба нақша гирифта амалӣ карда метавонанд. Дар шароити кӯҳсори Тоҷикистон рушди авиатсияи хурд бениҳоят муҳим аст. Вай имконият медиҳад, ки кашондани одамон дар байни шаҳру ноҳияҳои мамлакат таъмин карда шавад. Инчунин дар шароити рушди иктисодиёти индустриалӣ-аграрӣ соҳибкорон эҳтиёҷоти сафари таъҷилии корӣ барои гузаронидани гуфтушунидҳо ва дигар корбариҳо, дастрас кардани баъзе намудҳои маҳсулоту хизматрасониҳо барои намоишгоҳҳо, барои истеъмолкунандагони ҷудогона ва қонеъгардонии дигар талаботҳо пайдо мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо ва баъзе дигар талаботҳои истеъмолкунандагон авиатсияи хурд метавонад васеъ истифода карда шавад. Ҳафтум. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта

нишон медиҳад, ки дар рушди иқтисодиёти индустриалии инноватсионии онҳо омили муҳимтарин – омили инсонӣ мебошад. Барои татбиқи самараноки сиёсати нақлиётӣ дар шароити гузариши Тоҷикистон ба иқтисодиёти индустриалӣаграрӣ бояд диққати аввалиндараҷа ба омили инсонӣ дар соҳа дода шавад. Бинобар ин, мувофиқан ба талаботи муосир тайёр кардани мутахассисони арзанда барои таъмин кардани хизматрасонии сазовор дар фаъолияти боркашонӣ ва мусофирбарӣ, амалиётҳои гуногуни соҳаҳои инфрасохтори нақлиёт шарти муҳими таъмин кардани рушди самараноки нақлиёт мебошад. Ҳамин тариқ, дар сиёсати нақлиётии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ таъиноти фаъолияти кории нақлиёт - моли даркориро дар вақти даркорӣ ба ҷои даркорӣ бо хароҷоти камтарин кашондан, яъне дастрас кардан боз ҳам муҳим мегардад. Дар баробари ин, дар марҳилаи иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ талабот ба маҳсулотҳои рақобатпазирии баланд доштаи корхонаҳои индустриалӣ ва аграрӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори беруна меафзояд. Бинобар ин, дар ҳалли ин масъалаи асосии бозорӣ ҳаракати намудҳои гуногуни нақлиёт бо ҳайати кормандони тахассуси баланди уҳдабароёнаи коридошта оиди мувофиқи талаботи истеъмолкунандагон дастраскунии молҳо нақши муҳим мебозад.

**Адабиёт**


1. Рауфи А. Транспорт в системе рыночной экономики. – Душанбе: «Ирфон», 20002. – С 10-11.
2. Ҳисоби мо аз рӯи: Тоҷикистон: 20-соли истиқлолият: маҷмӯи оморӣ. 2011. – Душанбе: АО назди Президенти ҶТ, 2011. – С. 542-543, 546-547; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2015. - Душанбе: АО назди Президенти ҶТ, 2015. – С. 307, 308; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. - Душанбе: АО назди Президенти ҶТ, 2018. – С. 42, 44.
3. Бронштейн Я.Т., Заманов А.Н. Транспорт Таджикистана и его развитие в девятой пятилетке. - Душанбе: Изд-во общества «Знание», 1972. - С. 10, 11.
4. Рауфи А. Транспорт в системе рыночной экономики. – С. 29, 30.
5. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2005. // Ҷумҳурият. – 2005. – 17 апр.
6. Маводҳои Вазорати нақлиёти Тоҷикистон. 7. Ҳамон ҷо.
8. Ҳамон ҷо.
9. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2005. // Ҷумҳурият. – 2005. – 17 апр.
10. Маводҳои Вазорати нақлиёти Тоҷикистон.
11. Ҳамон ҷо.
12. Рауфи А. Транспорт независимого Таджикистана. // Экономика Таджикистана. – 2016. - № 2-3. – С. 93.


# СОСТОЯНИЕ КОНТЕЙНЕРНЫХ ПЕРЕВОЗОК В ТАДЖИКИСТАНЕ НА ЭТАПЕ ПЕРЕХОДА К МОДЕЛИ ПРОМЫШЛЕННО-АГРАРНОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ


**ТОДЖЕВ МАНУЧЕХР НАДЖМИДДИНОВИЧ,**
соискатель Института экономики и демографии
Национальной академии наук Таджикистана,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33,
Тел .: (+992) 918-49-72-39. E-mail: tojev-1985@mail.ru

*На этапе перехода к модели индустриально-аграрного развития экономики роль грузовых средств является значительной. Другими словами, роль грузового транспорта в развитии производительных сил чрезвычайно важна. Так как он оказывает непосредственное влияние на конечные результаты труда во всех отраслях экономики. Специального исследования важности и статуса использования контейнеров в Таджикистане не проводилось. Поэтому автор в данной статье представляет на рассмотрение этот вопрос. Как указывается в статье, при обмене вещами между человеком и природой создаются новые потребительские ценности, которые в своей истинной форме отличаются от условий ее производства и функционируют как сфера материального производства.Это относится к транспорту как к самостоятельной отрасли производства, продукция которого, хотя и не является новым продуктом питания, является результатом перевозки и смены местоположения.*

*В статье делается вывод о том, что на этапе индустриально-аграрной экономики растет спрос на высококонкурентную продукцию промышленных и аграрных предприятий как на внутреннем, так и на внешнем рынках. Поэтому в решении этого ключевого рыночного вопроса важную роль играет передвижение различных видов транспорта с высококвалифицированным и самодостаточным персоналом для удовлетворения потребностей потребителей.*

***Ключевые слова:*** *транспорт, контейнеры, экономика, Таджикистан, промышленный, аграрный, конкурентоспособность, экономическое развитие, рынок.*

## THE STATE OF CONTAINER CARRIAGE IN TAJIKISTAN AT THE STAGE OF TRANSITION TO THE MODEL OF INDUSTRIAL AND AGRARIAN DEVELOPMENT OF ECONOMY

**TOJEV MANUCHEHR NAJMIDDINOVICH,**
applicant of the Institute of Economics and Demography,
National Academy of Sciences of Tajikistan,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Rudaki Ave.,
Phone: (+992) 918-49-72-39. E-mail: tojev-1985@mail.ru

*At the stage of transition to the model of industrial and agrarian development of the economy, the role of cargo means is significant. In other words, the role of cargo transport is extremely important in the development of the productive forces. Because it has a direct impact on the final results of work in all sectors of the economy. There is no specific research on the importance and status of container use in Tajikistan.*

*Therefore, the author discusses this issue in the article. As the article points out, when there is an exchange of things between man and nature, new consumer values are created, which, in their true form, differ from the conditions of its production and functioning as a sphere of material production. This applies to transport as an independent sector of production, the products of which, although not new foodstuffs, are the result of transportation and change of location.*

*The article concludes that at the stage of industrial-agrarian economy the demand for highly competitive products of industrial and agrarian enterprises is growing both in the domestic and foreign markets. Therefore, in addressing this key market issue an important role plays the movement of different types of vehicles with a highly qualified and self-sufficient staff to meet the needs of consumers.*

***Key words:*** *transport, containers, economy, Tajikistan, industrial, agrarian, competitiveness, economic development, market.*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 368

# НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ СТРАХОВАНИЯ И РЕГУЛИРОВАНИЯ ГРАЖДАНСКО - ПРАВОВОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ВЛАДЕЛЬЦЕВ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**РАУПОВА МАНЗУРА ТУРСУНОВНА,**
доктор юридический наук,
профессор кафедры права и сравнительного права
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 919-49-60-64

*В статье автор исследует аспекты закона Республики Таджикистан «О страховании», регулирующего отношения по страхованию между страховыми организациями и гражданами, предприятиями, учреждениями, организациями, страховыми организациями между собой, а также устанавливающего основные принципы государственного надзора за страховой деятельностью.*

*Автор статьи определил, что отношения по страхованию регулируются также и другими законодательными и нормативными актами РТ, принимаемыми на основе вышеуказанного закона.*

***Ключевые слова:*** *источник повышенной опасности, возмещение морального вреда, нарушение нормы, ответственность за причинение вреда, правонарушение, материальный объект.*

Закон Республики Таджикистан «О страховании» регулирует отношения по страхованию между страховыми организациями и гражданами, предприятиями, учреждениями, организациями, страховыми организациями между собой, а также устанавливает основные принципы государственного надзора за страховой деятельностью. [1] Отношения по страхованию регулируются также и другими законодательными и нормативными актами РТ, принимаемыми на основе вышеуказанного закона.

Закон РТ «О дорожном движении» [2] определяет правовые основы дорожного движения для защиты жизни и здоровья граждан, системы обеспечения безопасности дорожного движения, порядка планирования и финансирования мероприятий по обеспечению безопасности дорожного движения. На основе правовых норм содержащихся в указанном законе, регулируются общественные отношения в сфере дорожного движения и его безопасности, определяются права, обязанности и ответственность субъектов-участников дорожного движения, министерств, ведомств, объединений, предприятий, учреждений и организаций, независимо от форм собственности хозяйствования.

Следует отметить, что к основным задачам Закона РТ «О дорожном движении» относятся: охрана жизни, здоровья и имущества граждан, защита их прав и законных интересов, а также защита интересов общества и государства путем предупреждения дорожно-транспортных происшествий, снижения тяжести их последствий. Законодательство РТ о дорожном движении основывается на Конституции РТ и других нормативных правовых актах РТ, а также международных правовых актах, признанных Таджикистаном.

Статья 32 Закона РТ «О дорожном движении» содержит норму о государственном обязательном страховании транспортных средств, согласно которой все транспортные средства, участвующие в дорожном движении на территории РТ и подлежащие регистрации в органах Государственной автомобильной инспекции, подлежат страхованию гражданской ответственности за причинение вреда жизни и здоровья граждан или материального ущерба в процессе эксплуатации этих транспортных средств. Порядок обязательного страхования и размеры страховых платежей определяются Правительством Республики Таджикистан.

Страховая сумма по государственному обязательному страхованию выплачивается независимо от суммы по государственному социальному страхованию, социальному обеспечению и в порядке возмещения вреда.

Обязательное страхование — это страхование, осуществляемое в силу требований законодательных актов. Обязательное страхование ответственности владельцев транспортных средств должно обеспечить защиту имущественных интересов третьих лиц, жизни, здоровью и имуществу, которому причинен вред в результате дорожно-транспортных происшествий.

В соответствии с планом работы городского суда на первое полугодие 2011 года проведено обобщение дел по искам о возмещении материального ущерба, причиненного в результате дорожно-транспортного происшествия, с учетом ответственности страховых компаний. Такое обобщение очень полезно, так как при этом изучается практика применения судами правовых норм действующего законодательства, регулирующего указанные вопросы, при отправлении правосудия в гражданское судопроизводство.

По результатам обобщения сделаны соответствующие выводы, согласно которым судам рекомендовано принимать меры по разъяснению сторонам в ходе подготовки дела к судебному разбирательству пользы привлечения страховой компании к участию в деле в качестве ответчика, а также в качестве второго ответчика, так как при недостаточности страховой суммы для полного возмещения причиненного вреда страхователь возмещает потерпевшему разницу между страховой суммой и фактическим размером вреда. Кроме того, в случае, если по обращению с заявлением потерпевшего либо страхователя сумма страховой выплаты необоснованно не была выплачена, потерпевший и страхователь вправе обратиться в суд с иском о взыскании со страховой компании невыплаченной суммы.

Обобщение дел также показало, что в ходе рассмотрения дел данной категории выявляются факты, когда гражданско-правовая ответственность владельцев транспортных средств нигде не застрахована. Эксплуатация транспортного средства в случае отсутствия у его владельца договора обязательного страхования ответственности владельцев транспортных средств не допустима. Поэтому судам рекомендовано в предусмотренном законом порядке, реагировать на установленные нарушения законности в адрес автомобильной инспекции МВД Республики Таджикистан, так как государственный контроль в этом вопросе возложен на это ведомство. На подразделения дорожной милиции (ГАИ) органов внутренних дел, кроме того, возложены контроль при регистрации транспортных средств, проведении их государственного технического осмотра, а также полномочия по контролю за соблюдением правил дорожного движения.

В нашей республике действует Решение Правительства Республики Таджикистан №264 от 10 июня 1996 года «Об обязательном государственном страховании гражданско-правовой ответственности владельцев автотранспортных

средств», который регулирует гражданские дела, связанные с дорожными происшествиями. В настоящий момент созрела необходимость ввести в РТ отдельный закон «Об обязательном страховании гражданско-правовой ответственности владельцев автотранспортных средств».

Изучение поступивших на обобщение гражданских дел по областям показало, что судами областей не рассматривались дела о взыскании страховой выплаты в размере рыночной стоимости автомобиля, не подлежащего восстановлению.

В связи с этим необходимо законодательно закрепить требование о том, что страховщик имеет право на имущество или его остатки в случае осуществления им страховой выплаты в размере рыночной стоимости данного имущества на день наступления страхового случая.

Объектом обязательного страхования гражданско-правовой ответственности владельцев транспортных средств является имущественный интерес застрахованного лица, связанный с его обязанностью возместить вред, причиненный жизни, здоровью и имуществу третьих лиц в результате эксплуатации транспортного средства.

Субъектами обязательного страхования гражданской ответственности являются страхователи, страховщики и третьи лица — юридические и физические лица, которым причинен вред транспортным средством вследствие дорожно-транспортного происшествия.

В.А. Ойгензихт высказал в своей монографии, что «нарушение нормы – есть нарушение. Это объективная реальность. Причинение вреда владельцем источника повышенной опасности при его эксплуатации недопустимо даже при отсутствии вины – гласит правовая норма; недействительно принятия акта, вынесенного ввиду незнания о существовании неопубликованного акта вышестоящего органа; недопустимо осуждение невиновного человека и т.д. Правовая норма не допускает, запрещает, не признает. Отклонение от этой правовой нормы противоправно» [3, 19].

Приверженцем аналогичного взгляда является А.М. Эрделевский, понимающий под источником повышенной опасности «деятельность, осуществление которой создает повышенную опасность для окружающих вследствие невозможности всеобъемлющего контроля над ней со стороны человека — использование транспортных средств, механизмов...» [4, 136-137].

М.Н. Малеина утверждает, что «источником повышенной опасности признается деятельность, отвечающая двум признакам: создание повышенной вероятности причинения вреда; невозможность полного контроля за ней со стороны человека» [5, 124-125]. Основные принципы обязательного страхования ответственности владельцев транспортных средств должны содержать: обеспечение защиты имущественных интересов потерпевших в объеме и порядке, установленных законодательством; эксплуатация транспортного средства при условии наличия у его владельца страхового полиса по обязательному страхованию ответственности владельцев транспортных средств, обеспечение выполнения сторонами своих обязательств по договору обязательного страхования ответственности владельцев транспортных средств; материальный стимул владельцев транспортных средств в повышении безопасности дорожного движения.

Анализ судебной практики показал, что дела указанной категории в основном рассматриваются с пробелами, даже в рамках действующего законодательства.

По закону страхователь обязан при совершении транспортного происшествия сообщить потерпевшим и сотрудникам дорожной милиции наименование и местонахождение страховщика, с которым заключен договор обязательного

страхования ответственности владельцев транспортных средств. Поскольку в законодательстве страны не предусмотрена обязанность выплаты страховщиком сумм для возмещения ущерба, причиненного владельцем транспортного средства потерпевшим, то предполагается, что в случае обращения потерпевшего к страховщику с требованием выплаты ущерба возмещение произойдет не очень быстро, а в случае вынесения решения о взыскании суммы ущерба со страховщика в пользу потерпевшего — реальное исполнение решения будет не очень эффективным.

Между тем, по основному количеству изученных дел ни страхователь (застрахованный), ни потерпевший не обращались к страховщику с извещением о наступлении страхового случая. Анализ дел свидетельствует: Решение Правительства Республики Таджикистан, нормы Закон РТ «О страховании» и Закона РТ «О дорожном движении» при рассмотрении дел, связанных с транспортными средствами фактически, не применяются. Так, из поступивших на обобщение 301 гражданских дел по 207 делам сторонами являлись потерпевший и причинитель вреда, а к страховым компаниям иски не предъявлялись. По основному количеству рассмотренных дел судами взысканы суммы материального ущерба с виновных в совершении дорожно-транспортных происшествий, так как потерпевшие обращались с исками именно к ним.

Таким образом, как показало изучение поступивших из судов первой инстанции гражданских дел, страховые компании признают свою ответственность по выплате сумм для возмещения ущерба в пределах страховой суммы. Но процессуальное положение третьего лица не позволяет суду взыскивать с него сумму ущерба. Для этого необходимо, чтобы потерпевшие сами указывали страховые компании в качестве ответчика, либо соответчика, что они делают крайне редко.

Право потерпевшего на обращение за возмещением ущерба к страховщику лица, виновного в причинении вреда его жизни, здоровью и имуществу, сохраняется до момента его обращения, так как срок обращения потерпевшего к страховщику с сообщением о транспортном происшествии, в результате которого ему причинен вред, Законом РТ «О дорожном движении» не предусмотрен. Поэтому целесообразно ввести нормы, предусматривающие обязательное страхование ответственности владельцев транспортных средств с целью обеспечения защиты имущественных интересов третьих лиц, жизни, здоровью и имуществу которых причинен вред в результате эксплуатации транспортных средств, в виде страховых выплат, потому что ни потерпевшие, ни страхователи не используют свое законное право в полном объеме по нормам существующих ныне в стране законов.

**Литература**


1. Закон Республики Таджикистан «О страховании». Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан 1994 год, №14, ст. 207; АхбориМаджлиси Оли Республики Таджикистан 1997 год, № 9, ст. 117; 1997 год,№ 23-24, ст. 333; 1999 год, №5, ст. 73; 2001год, № 4, ст.179; 2005 год, №12, ст. 635; 2008 год, № 3, ст. 197
2. Закон республики Таджикистан «О дорожном движении». (АхбориМаджлиси Оли Республики Таджикистан, 1995 год, № 22, ст. 336; 1997 год, № 23-24, ст.333; 2000 год, №11, ст.527; 2008 год, № 3, ст. 189; 2009 год, №12, ст. ; 2010 год, №1, ст. )
3. Ойгензихт В.А. Проблема риска в гражданском праве:учеб. Пособие для студ,/Д: Ирфон, 1972.-191с.

4. Гражданское право: Учебник. Ч. 2. / Под ред. А. Г. Калпина. М.: Юристь, 2002. - 520с.
5. Гражданское право: Учебник. Ч. 2. / Под ред. А. Г. Калпина. М.: Юристь, 2002. - 520с.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА БАТАНЗИМДАРОРИИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ, ҶАВОБГАРИИ СОҲИБИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАУПОВА МАНЗУРА ТУРСУНОВНА,**
доктори илмҳои ҳуқуқ
профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқи муқоисавӣ
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, кӯчаи Душанбе. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 919-49-60-64.

*Муаллиф дар мақола ҷанбаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта» муносибатҳои суғуртаи байни ташкилоти суғурта ва шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ташкилотҳои суғуртаро байни худ таҳлил намуда, инчунин принсипҳои асосии назорати давлатиро дар фаъолияти суғуртавӣ муқаррар менамояд.*

*Муаллифи мақола, инчунин муайян кардааст, ки муносибатҳои суғурта бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси қонуни мазкур қабул шудааст, танзим карда мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *манбаи хатари калондошта, барқарор кардани зарари маънавӣ, риоя накардани меъёр, ҷавобгарӣ барои расонида зарар, ҳуқуқвайронкунӣ, объктҳои моддӣ.*

## SOME PROBLEMS OF INSURANCE AND CIVIL RESPONSIBILITY REGULATION OF VEHICLE OWNERS IN TAJIKISTAN

**RAUPOVA MANZURA TURSUNOVNA,**
Doctor in Law, Professor of Law and Comparative Law Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 919-49-60-64.

*In this article, the author analyzes the aspects of the Law of the Republic of Tajikistan "On Insurance" which regulates insurance relations between insurance companies and citizens, enterprises, institutions, organizations, between insurance organizations themselves, as well as establishes the basic principles of state control over insurance activities.*

*The author of the article determined that the insurance relations are also regulated by other legislative and normative acts of the Republic of Tajikistan adopted on the basis of abovementioned law.*

***Key words:*** *source of high risk, compensation of moral damage, violation of norm, liability for damage, offence, material objects.*

УДК: 339.5

# ОИД БА ПРИНСИПИ ҚОНУНИЯТ ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

**СОИБОВ ЗАЙНИДДИН МАҲМАДШАРИФОВИЧ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mai.ru

*Қонуният яке аз категорияҳое мебошад, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир ба таври васеъ истифода мегардад. Махсусан, он бо амалишавӣ ва татбиқи пурраи талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби тамоми иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқамандии зич дорад. Дар раванди идоракунии давлатӣ қонуният ҳамчун реҷа, усул ва принсипи ташкил ва баамалбарории он ба ҳисоб меравад, ки таъминкунандаи сифат ва самаранокии раванди мазкур мебошад. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар доираи қонунгузории соҳавӣ танзим гардида, иҷро ва риояи муқаррароти онҳо барои тамоми иштирокчиёни раванди мазкур ҳатмӣ мебошад, ки моҳиятан ифодагари принсипи қонуният мебошад. Принсипи қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз ҷумлаи принсипҳои асосӣ ва муҳимтарин ба шумор рафта, ҳар як иштирокчии ин равандро водор менамояд, ки тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амал ва фаъолият намоянд. Бо ҳамин мазмун, дар мақолаи мазкур баъзе нуқтаҳои назар оид ба принсипи қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баён шуда, асосҳои ҳуқуқии он равшан гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии давлатӣ, қонуният, фаъолияти гумрукӣ, қонун, Кодекси гумрук, идоракунии давлатӣ, фаъолияти гумрукӣ, иқтисоди бозорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, асоси ҳуқуқӣ.*

Дар шароити ташкили давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ «қонун» аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Зеро, он асос барои танзими ҳама намуди муносибатҳо ва равандҳо ҷамъиятӣ буда, хусусияти муайяннамоӣ ва муқарраркуниро дар худ таҷассум менамояд. Қонун дар шароити чунин давлат ва ҷомеа арзиши воло дорад, ки тавассути он иродаи давлат нисбати тамоми паҳлуҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ изҳор мегардад. Ҳамин тариқ, рисолати «қонун» он вақт амалӣ сохта мешавад, ки агар дар ҷомеа бечунуну чаро, амиқ, пурра ва ҳамаҷониба риоя ва иҷро гардад ва муқаррароту меъёрҳои он дар кору фаъолияти тамоми иштирокчиёни муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ комилан ба роҳбарӣ гирифта шавад. Ин раванд мафҳуми «қонуният»-ро тақозо мекунад, ки дар умум метавон чун «амалисозии қонун» унвон карда шавад. Яъне, метавон гуфт, ки «қонун ба хотири он аст, ки амалӣ гардонида шавад». Ҳеҷ ягон қонун дар ҷомеа наметавонад, ки бидуни амалисозӣ қабул карда шавад. Тавре зикр гардид, қонун муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад, ки маҳз мафҳуми «танзимнамоӣ» худ гувоҳи мавриди амал қарор гирифтани он аст. Умуман, метавон гуфт, ки қонун арзиши зинда аст ва қувваи амалишавиро доро мебошад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраҳои аввали касби мустақилии сиёсӣ роҳи иқтисоди бозориро пеша намудааст, ки дар ин раванд рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ заминаи муҳимтарини мустаҳками ва инкишофи чунин низоми иқтисодӣ ба шумор меравад. Барои танзим ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ташкили идоракунии давлати фаъолияти гумрукӣ ҳамчун механизми муҳимтарин ҳисобида мешавад. Чунки, дар доираи идоракунии давлатӣ раванди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мунтазам роҳбарӣ гаридида, ба танзим андохта мешавад.

Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ҳамон вақт босут мегардад, ки агар дар такя ба қонунгузории амалкунанда ба роҳ монда шавад ва дигар иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ талаботи муқаррагардидаи қонунгузориро риоя ва иҷро намоянд. Ин ҳолат ба падид омадани қонуният мусоидат намуда, самаранокӣ дар доираи идоракунии давлатии соҳаи болозикр таъмин карда мешавад.

Дар фаҳмиш ва дарки қонуният мафҳуми «қонун» аҳамияти асосӣ дошта, ҳамчун заминаи ба миён омадани қонуният мебошад. Мафҳуми қонуният аз мафҳуми қонун тафовут дошта, охирин чун асос барои қонуният хизмат мекунад. Яъне, барои он, ки қонуният дар ҷомеа ҷой дошта бошад, бояд ки қонун қабул гардад. Дар ин ҷо қонун ҳамчун ҳуҷҷат ва ё санади расмии давлатӣ фаҳмида мешавад, ки бо тартиби хос таҳия ва қабул гардида, меъёрҳои ҳуқуқиро дар худ фаро гирифта, баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона мегардад. Қонуният бошад, баъди мавриди амал қарор гирифтани қонун ба миён меояд. Чунки, тавре дар боло қайд гардид, қонун қувваи амалишавӣ дошта, риоя ва иҷро намуданро талаб мекунад. Риоя ва иҷро мантиқан қонуниятро ифода мекунад. Сатҳи риоя ва иҷрои қонун – ин муайянкунандаи сатҳи қонуният дар ҷомеа аст.

Дигар ин, ки қонуният бо иҷро ва риояи қонунҳо маҳдуд мешавад ё не? Бояд гуфт, дар истилоҳи қонуният истилоҳи қонун ҷойи асосӣ дорад ва қонун дар ин маврид ба мазмуни васеъ фаҳмида мешавад. Яъне, тавре тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [4] қонун яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми он мебошад, ки ҳамон қонунҳои муқаррарӣ ва ё ҷориеро, ки дар адабиёти илмӣ муайян гардидаанд, дар назар дорад. Аммо, тавре зикр гардид, дар мафҳуми қонуният қонун ба мазмуни васеъ ба инобат гирифта мешавад. Дар ин ҷо қонун ба мазмуни тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Аз он ҷумла, санадҳои меъёрии зерқонуниро низ фаро мегирад. Бо назардошти ин, қонуният риоя ва иҷрои талаботи санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии зерқонуниро дар назар дорад. Бинобар ҳамин, мафҳуми қонуният бо мафҳуми қонун (қонунҳои ҷорӣ) маҳдуд нагардида, риоя ва иҷрои ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро талаб менамояд ва дар ин маврид мафҳуми қонун ба мазмуни васеъ фаҳмида мешавад, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки дар доираи низоми муайян муқаррар гардидаанд дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ асосан ба сифати принсипи ҳуқуқӣ баромад намуда, ифодагари иҷро ва риоя ҳамаҷонибаи талаботи муқаррарнамудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва шахсони мансабдори он, иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва шахсони дигари ба ин раванд алоқаманд мебошад.

Тавре аз мазмуни гуфтаҳои боло бар меояд, идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва таъмини самаранокии он пурра дар доираи қонуният мувофиқи мақсад сурат мегирад. Муқарарроти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд, ки дар онҳо меъёрҳои зиёде марбут ба таъмини қонуният дар раванди ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян гардидаанд. Барои ин метавон ба санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти гумрукӣ – Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] таваҷҷуҳ намуд. Дар муқаддимаи Кодекси мазкур моҳиятан ба таъмини қонуният ишора гардидааст, ки мутобиқи он риоя намудани уҳдадориҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукиро аз ҷониби субъектони хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатӣ талаб карда мешавад. Дар муқаддима риояи уҳдадориҳо ба таъмин ва риояи қонуният мусоидат намуда, баёнгари он мебошад. Ё ин ки моддаи 12 «Риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли мол

ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ» унвон шудааст, ки мантиқан қонуниятро ифода менамояд.

Бояд гуфт, ки мафҳумҳои асосие, ки дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидаанд, ки моҳиятан хусусияти риоянамоиро дар худ таҷассум менамоянд, ки ба зиммаи иштирокчиёни муносибатҳои гумрукӣ уҳдадорӣ вогузор менамояд. Чунончи, дар мафҳуми танзими гумрукӣ муайян шудааст, ки ҳангоми риоя намудани тартиб ва қоидаҳои муқарраргардида, шахсон ҳуқуқи аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиётро амалӣ менамоянд. Ё ин ки дар мафҳуми фаъолияти гумрукӣ риояи тадбирҳои танзими гумрукию тарифӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим арзёбӣ гардидааст.

Ҳамин тариқ, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба фаъолияти гумрукӣ, дар доираи фаъолияти гумрукӣ ва ташкилу баамалбарории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ меъёрҳои умумиҳатмии рафторро муқаррар менамояд, ки иҷро ва риоя намудани онҳо аз ҷониби тамоми иштирокчиёни чунин муносибатҳо ҳатмӣ мебошад.

Масъалаи таъмин ва риояи қонуният дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар низ муқаррар гардидааст, ки қонуниятро ҳамчун асоси самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ва принсипи фаъолият муайян намудаанд. Бо назардошти муҳиммияти принсипи қонуният дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ Низомномаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, яъне Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми мазкур бо мақсади татбиқи ваколатҳо ҳуқуқ додааст, ки риояи қонуниятро аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳангоми ба амал баровардани тафтиши гумрукӣ, истеҳсолоти парвандаи ҷиноӣ ва парванда дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ назорат намояд [5].

Тавре маълум аст, қонуният асосан ҳамчун принсип дар дораи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баромад менамояд. Яъне, принипи ташкил ва ба амал баровардани идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ. Аммо, қонунгузории кишвар на дар ҳама маврид онро ҳамчун принсип муқаррар намудааст. Хусусан, дар ин самт мақом ва нақши Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон калидӣ аст ва дар меъёри мушаххас вобаста муқаррар намудани қонуният ҳамчун принсип ҷой надорад. Низомномаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ онро ҳамчун принсипи ташкил ва фаъолияти мақоми номбурда пешбинӣ накардааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, ки дар умум ба идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, хусусан мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дахл доранд, қонуниятро на ба таври мушаххас, балки дар шакли дигар, ки мазмунан онро ифода мекунанд муқаррар намудаанд. Масалан, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2] принсипи волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки ба мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ низ мансуб аст. Принсипи мазкур моҳиятан принсипи қонуниятро ифода менамояд, ки мазмуни он дар иҷро ва риояи муқаррароти Конститутсия ва қонунгузорӣ ифода мегардад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» [3], то андозаи муайян дар алоқамандӣ бо фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ қарор дорад, ки ба таври мушаххас принсипи қонуниятро ҳамчун принсипи сиёсати давлатӣ дар соҳаи назорати содирот муқаррар намудааст. Муқаррароти Қонуни мазкурро мо ба он хотир ишора намудем, ки содироти молу маҳсулот ва дигар

объектҳо, ки тибқи он пешбинӣ шудааст, тавассути сарҳади гумрукӣ амалӣ мегардад ва ҳатман зери назорати гумрукӣ қарор мегирад. Ба таври мушаххас бошад, «назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукии молҳо, технологияҳо, таъминоти барномавии назоратшаванда, ки тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд» яке аз усулҳои муайян намудани назорати содирот муқаррар шудааст. Бо ҳамин мазмун, Қонуни зикргардида, бо назардошти муҳиммияти хоса доштани қонуният, онро бевосита ва ба таври мушаххас ҳамчун принсип муқаррар намудааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки фаъолияти гумрукӣ ба таъмин ва ҳифзи амнияти иқтисодии кишвар, рушди иқтисодиёт, аз ҷумла фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ғанӣ гардонидани буҷаи кишвар, ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани қонуншиканиҳои марбут интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона мегардад. Дар чунун ҳолат ташкили фаъолияти босубот ва муназзам шарти аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Роҳи ягонаи ташкили чунин фаъолият албатта, ба роҳбарӣ гирифтани талаботи қонунгузорӣ ва тибқи онҳо амал намудан мебошад. Хусусан, фаъолияти гумрукӣ дар алоқамандӣ ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ қарор дорад ва механизми муҳимтарини танзими он ба шумор меравад. Дар ин гуна муносибатҳо бештар соҳибкорон, сармоягузорон ва дигар шахсони ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ карордошта иртибот доранд, ки ба вориду содир намудани молу маҳсулот ва дигар объектҳо машғуланд. Ҳамин тариқ, воридот ва содироти молҳо тибқи тартиби хоса сурат гирифта, риоя ва иҷрои онҳоро аз тамоми иштирокчиёни ин раванд, махсусан иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ талаб менамояд. Мутобиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 риояи талаботи қонунгузории гумрук аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, шахсони ба фаъолияти гумрукӣ машғулбуда, шахсони воқеӣ, инчунин мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онро яке аз омилҳои асосии расидан ба ҳадафҳои стратегии Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Ҳуҷҷати мазкур ин ҳолатро ҳамчун заминаи ҳуқуқии такмили фаъолияти мақомоти гумруки кишвар нишон додааст, ки аз ҷумлаи ҳадафҳои он таъмини риояи ягонаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон чи аз ҷониби мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори он ва чи аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, шахсони ба фаъолияти гумрукӣ машғулбуда ва шахсони воқеӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи қонунияти қарорҳо, амалҳо (беамалии) дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ қабулшаванда (иҷрошаванда)-ро пешнибӣ кардааст [6].

Ҳадафҳои муҳитарине, ки дар заминаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян гардидаанд, ба мисли таъмини амнияти иқтисодии кишвар, ҳимояи бозори дохилӣ, рушди иқтисодиёт ва фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, пайвастгардӣ, роҳ ёфтан ва якҷояшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, пешгирии қонуншиканиҳои марбут ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, аз он ҷумлаи қочоқ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғ. дар сурати иҷро ва риояи муқаррароти қонунгузорӣ метавонад амалӣ гардад. Дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ сарфи назар намудани иҷро ва риояи қонунгузорӣ метавонад на танҳо ба амалӣ нагаштани ҳадафҳо, ҳамчунин оқибатҳо мураккаб ва мушкилии зиёдро ба бор оварад. Аз қабили, таъсири манфӣ ба иқтисодиёт, зарар расидан ба бозори дохилӣ, коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ аз ҷониби соҳибкорон ва сармоягузорон, таъсир расонидан ба саломатии аҳолӣ натиҷаи ворид гардидани маҳсулоти пастсифат ва зараровар, кам гаштани воридоти маблағҳои буҷети кишвар, таҳдид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти

кишвар, коҳиш ёфтани эътимоти шахсон ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он ва ғ. Масалан, бидуни расмиёти гумрукӣ ва назорати гумрукӣ ворид намудани молу маҳсулот, ки бо таври қочоқ сурат мегирад, метавонад ба иқтисодиёт ва амнияти озуқаворвии кишвар зарари ҷиддӣ расонад. Дар чунин ҳолат ҳам шахсони интиқолдиҳандаи молу маҳсулот ва ҳам шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ риоя накардани қонуниятро сарфи назар менамоянд.

Бо ҳамин мазмун, дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ масъулияти ҳамаҷонибаи тамоми шахсон, яъне ҳам мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдори он ва ҳам шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар ин раванд қарор доранд, зарур аст. Чуноне маълум аст, иштирокчиёни асосии фаъолияти гумрукӣ, ки нисбати онҳо тадбирҳои гуногуни гумрукию тарифӣ татбиқ мегарданд ин иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мебошанд. Онҳо асосан ба фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва ғ. машғуланд, ки интиқоли молу маҳсулотро тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд. Дар раванди интиқоли молу маҳсулот зарурати иҷро ва риояи талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби онҳо пеш меояд. Аз он ҷумла, риояи расмиётҳои гумрукӣ, супоридани пардохтҳои гумрукӣ, риояи муҳлатҳои муҳлатҳои муқарраргардида, интиқол надодани молҳое, ки муомилоташон манъ аст, доштани ҳуҷҷатҳои лозимӣ барои намуди муайяни молҳо (шаҳодатнома, сертификат ва ғ.), риояи ҳаҷми интиқоли молу маҳсулот (тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати баъзе намудҳои молу маҳсулот ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҳаҷми интиқоли молу маҳсулот муайян карда мешавад), иҷрои қарори мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он ва ғ. иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷиро водор менамоянд, ки бо ҳамин тартиб амал намоянд. Ин гуна амал намудан ба муназзамии фаъолияти гумрукӣ, идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, татбиқи дурусти қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ва амалишавии ҳадафу вазифаҳои барои идоракунии давлатии соҳаи мазкур муайянгардида равона мегардад.

Дар маҷмуъ, қонуният ҳамчун принсипи ҳуқуқӣ шарти асосӣ ва муҳимтарини таъмини рушд ва субот дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба ҳисоб рафта, ҳар як шахси мансабдори мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва шахсони дигари бо ин равандро водор менамояд, ки фаъолияти худро дар доираи талаботи мавҷудаи қонунгузорӣ ба роҳ монда, дар натиҷа иҷрои вазифа ва ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро таъмин намоянд.

**Адабиёт**

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2004, №62. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия»
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, №828. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия»
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» аз 31 декабри соли 2014, №1168. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия»
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017 №1414. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия»

5. Низомномаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №612. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия»

6. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, №537 тасдиқ гардидааст. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия»

## О ПРИНЦИПЕ ЗАКОННОСТИ В ГОСУДАРСТВЕННОМ УПРАВЛЕНИИ ТАМОЖЕННЫМ ДЕЛОМ

**СОИБОВ ЗАЙНИДДИН МАХМАДШАРИФОВИЧ,**
кандидат юридических наук, доцент
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mai.ru

*Законность является одной из категорий, которая широко применяется в современной юридической науке. Особенно она тесно связана с полной реализацией и применением требований законодательства всеми участниками общественных отношений. В процессе государственного управления законность считается режимом, методом и принципом его организации и осуществления, которая обеспечивает качество и эффективность данного процесса. Государственное управление таможенным делом регулируется в рамках отраслевого законодательства, выполнение и соблюдение положений которого является обязательным для каждого участника указанного процесса, что по существу является выражением принципа законности. Принцип законности в государственном управлении таможенным делом считается основным и важным принципом и побуждает каждого участника действовать в соответствии с установленными законодательством требованиями. С этим контентом, в данной статье изложены некоторые точки зрения о принципе законности в государственном управлении таможенным делом и раскрываются их правовые основы.*

***Ключевые слова:*** *государственное управление, законность, таможенное дело, закон, Таможенный кодекс, государственное управление таможенным делом, рыночная экономика, нормативные правовые акты, законодательство, правовые основы.*

## THE PRINCIPLE OF LEGALITY IN PUBLIC ADMINISTRATION OF CUSTOMS AFFAIRS

**SOIBOV ZAYNIDDIN MAHMADSHARIFOVICH,**
Candidate in Law, Associate Professor
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mai.ru

*Legality is one of the categories that are broadly used in the modern legal science. Particularly it is closely related to the full implementation and application of the legislation requirements by all participants of public relations. Legality is considered as the mode, method and principle of its organization and implementation in the process of public management, which ensures the quality and efficiency of this process. Public administration of customs affairs is regulated within the framework of sectoral legislation, the fulfillment and observance of provisions of which is mandatory for each participant in this process, which is essentially an expression of the principle of*

*legality. The principle of legality in the public administration of customs is considered a fundamental and important principle and encourages each participant to act in accordance with the requirements established by law. With this content, this article sets out some points of view on the principle of legality in the public administration of customs and discloses their legal basis.*

***Key words:*** *public administration, legality, customs, law, Customs Code, public administration of customs affairs, market economy, normative legal acts, legislation, legal framework.*

УДК 351.72

# ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ – ҲАМЧУН СОҲАИ МУСТАҚИЛИ ҲУҚУҚ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РУСТАМЗОДА ҶУМАБЕК ЮНУС,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 939-27-10-10. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru

*Ҳуқуқи молиявӣ яке аз фанҳои бунёдии ҳуқуқӣ мебошад, ки вазифаи муҳимми он ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ҷиҳати фаҳмиши иқтисоди бозорӣ, гирифтани дониши молиявӣ, дарк намудани хусусиятҳои андозбандӣ, фаъолияти буҷетӣ, бонкӣ ва дигар институтҳои низоми молиявӣ, инчунин таълим додани қонунгузории молиявӣ мебошад.*

*Ҷой ва нақши ҳуқуқи молиявӣ дар сохтори фанҳои таълимии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бо хусусиятҳои предметаш, ки доираи муносибатҳои ҷамъиятиро фаро мегирад, муайян карда мешавад. Ии муносибатҳо дар раванди фаъолияти молиявии давлат вобаста ба ташаккул, тақсимот ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллию фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки бо мақсади иҷрои вазифаҳои ба мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор гардидаанд ба миён меоянд. Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои молиявӣ қисми таркибии муносибатҳои бозорӣ буда, дар як вақт воситаи муҳими механизми танзими давлатӣ баромад мекунанд, ки онҳо ба рушди соҳаи фаъолияти молиявии давлатӣ равона шудааст. Ақида баён мешавад, ки омӯзиши ҳуқуқи молиявӣ барои ташаккул ёфтани маҷмӯи донишҳо ва малакаи донишҷӯён, аспирантон, унвонҷӯён ва дигар ашхоси завқманд ва барои иҷрои вазифаҳои касбии онҳо дар фаъолияти амалия хизмат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи молиявӣ, низоми буҷети давлатӣ, фондҳои маблағҳои пулии давлат, муносибатҳои эмиссионӣ, бонк, андоз, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, буҷети маҳаллӣ*

Ҳуқуқи молиявӣ яке аз фанҳои бунёдии ҳуқуқӣ мебошад, ки вазифаи муҳими он ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ҷиҳати фаҳмиши иқтисоди бозорӣ, гирифтани дониши молиявӣ, дарк намудани хусусиятҳои андозбандӣ, фаъолияти буҷетӣ, бонкӣ ва дигар институтҳои низоми молиявӣ, инчунин таълим додани қонунгузории молиявӣ роҳандозӣ менамояд.

Барои таҳқиқи илмии ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ моро мебояд, ки каме атрофи масъалаи истилоҳи "молия", “молияи давлатӣ” ва“пул” истода гузарем.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми "молия"- ро аксар вақт бо маънои пул ё ҳаммаънои он мефаҳманд. Аммо, агар молия ва пул ҳаммаъно бошанд, пас чаро барои як истилоҳ ду калимаи гуногун истифода бурда мешавад? Пас молия чӣ маъно дорад?

Дар чунин ҳолат ин масъалаи бамиёномадаро аз нигоҳи таърих дида мебароем. Дар адабиёти ҳуқуқи молиявии Федератсияи Россия қайд мешавад, ки истилоҳи **«finansia»** дар асрҳои XIII-XV дар Италия, аниқтараш дар шаҳрҳое, ки одамон бештар ба савдо машғул буданд, пайдо шуда, дар ибтидо маънои ҳама гуна пардохтҳои пулиро дошт [15, С. 9].

Ҳамин тавр, пайдоиши ин истилоҳ давраи таърихии худро дорад ва он давраҳои муайянро паси сар намуда, то ин дам ба мо омада расидааст. Шуруъ аз асри XVII истилоҳи «finansia» (молия) эътибори байналмилалиро соҳиб гардид ва барои тамоми

муносибатҳое, ки ба даромад ва хароҷоти давлат алоқамандӣ доштанд, истифода мегардад [11].

Истилоҳи номбурда пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад: муносибатҳои пулӣ байни ду субъект, яъне пул ҳамчун асоси моддии мавҷудият амал менамояд, субъектҳо дар раванди ин муносибатҳо ҳуқуқҳои гуногун доранд, дар ҷараёни ин муносибатҳо, фонди умумидавлатии маблағҳо – буҷет ташаккул меёбад, воридоти мунтазами маблағҳо ба буҷет бидуни таъмини ситонидани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои дорои хусусияти ҳатмии давлатӣ, ки тавассути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ ба даст оварда мешаванд.

**Пул** – ин категорияи иқтисодӣ мебошад, ки ифодакунандаи эквиваленти умумии молҳо, арзиши мол ё воситаи умумиэътирофшудаи мубодилаи молҳо аст. Ин маънои онро дорад, ки пул воситаи универсалӣ буда, ба ҳама гуна маҳсулот дар бозор иваз карда шавад. Пул мубодиларо осон мекунад ва бо туфайли он ченаки ягонаи арзиш пайдо шуда, боиси кам кардани хароҷот мегардад [11]. Ҳамин тариқ, **ҳадафи асосии пул** хизмат ба сифати воситаи мубодила, яъне содда кардани мубодилаи мол байни одамон мебошад.

Қобили зикр аст, ки мафҳуми «молия» бо маъноҳои гуногун истифода бура мешавад, ки таҳлили онҳо аз манфиат холӣ нест.

**Аз рӯи мундариҷаи моддии худ, молия** гуфта, фондҳои маблағҳои пулии давлатӣ, воҳидҳои ҳудудии он, корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва дигар субъектони раванди буҷет фаҳмида мешаванд, ки барои эҳтиёҷоти ҷамъият ва тараққиёти истеҳсолот истифода бурда мешавад. Ба ибораи дигар, молия захираҳои молиявии кишвар ба шумор меравад.

Ҳамчун категорияи иқтисодӣ, молия гуфта маҷмӯи муносибатҳои пулии иқтисодиро меноманд, ки дар рафти ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои маблағҳои пулии давлат, воҳидҳои ҳудудии он, инчунин корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, барои таъмини васеи такрористеҳсолӣ, амнияти кишвар ва дар маҷмӯъ барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ равона шудааст [16, С. 23.].

Ба маънои ҳуқуқӣ истилоҳи молия муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодабарии фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ фаҳмида мешавад, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои дар боло овардашуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки истилоҳи молия ду гурӯҳи муносибатҳоро дар бар мегирад,

1. Муносибатҳои молиявие, ки оид бо таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодабарии маблағҳои марказонидашудаи пулӣ дар алоқаи зич қарор доранд (буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ, буҷетҳои маҳаллӣ).

2) Муносибатҳои молиявие, ки бо ташаккул, ва истифодабарии маблағҳои ғайрибуҷетӣ яъне маблағҳое, ки дар ихтиёри ташкилотҳо қарор дошта, аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда нашуда, аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо ташаккул ёфтаанд, мебошад.

Бояд қайд кард, ки шарҳи дурусти моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии мафҳуми "молия" дар навиштаи яке аз машҳуртарин намояндагони мактаби пешазреволютсионии ҳуқуқи молиявии Россия В.А. Лебедев омадааст. Тибқи он молия на танҳо даромади давлат ё фондҳои пулӣ, балки тамоми маблағҳои моддию шахсиро, ки давлат ва мақомоти он барои қонеъ кардани ниёзҳои ҷомеа дар ихтиёр доранд, ифода мекунад [9, С. 165.].

Аксарияти муаллифон бар он ақидаанд, ки мафҳуми «молия» дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ аксар вақт маҳз ҳамчун категорияи иқтисодӣ тафсир карда мешавад.

Тибқи ақидаи олими Россия, Е.Н. Кондрат молия барои давлат пеш аз ҳама захираҳои моддӣ ва пулӣ мебошад, ки ба шарофати он буҷети давлатӣ ташаккул меёбад [6, С. 30.].

Олими дигари Россия, профессор Е.Ю. Грачева мафҳуми молияро бо муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодӣ алоқаманд менамояд. Ба ақидаи ӯ онҳо воситаи иқтисодии тақсимоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ мебошанд [3, С. 11.].

Гуфтан ба маврид аст, ки раванди ташаккул ва ҳамчунин раванди тақсим ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ, аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад [10, С. 186.].

Ҳамин тариқ, “молия” ин истилоҳи иқтисодӣ буда, муносибатҳоро оид ба таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодабарии фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ дар бар мегирад, ки ин муносибатҳо дар як вақт бо қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ ба танзим даровarда мешаванд.

Дар **моддаи 2** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз **28 июни соли 2011, мафҳуми** молияи давлатӣ оварда шудааст, ки мувофиқи он “молияи давлатӣ маҷмӯи муносибатҳои пулӣ вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида истифода бурда мешаванд”, мебошад [7].

Ҳуқуқи молиявӣ, тавре ки имрӯз дида мешавад, аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ бо он фарқ мекунад, ки бо пул робитаи зич дорад. Қонунгузории амалкунандаи молиявӣ, алалхусус, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” **ва Кодекси** андози Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳое мебошанд, ки амалан ҳамаи меъёрҳои онҳо ба фондҳои пулӣ иртибот доранд.

Дар замони қадим, дар асрҳои миёна ва асрҳои нав, функсияи ҷамъоварии пул дар ташаккули фондҳои калони пулӣ - сарвати шахсони алоҳидаи ашрофон, савдогарон, судхӯрон ва саррофон, соҳибони устохонаҳо ва истеҳсолоти ҳунармандӣ нақши муҳим мебозад. Гуфтан мумкин аст, ки ҷамъ шудани боигариҳои пулӣ дар дасти савдогарон, судхӯрон ва саррофон (бонкдорон) ба пайдоиши хонаҳои бонкӣ (Medici, Fugchers) сабаб шуд. Шаклҳои аввалини низоми бонкиро саррофӣ, судхӯрӣ ташкил медоданд, ки дар замони қадим савдоро пеш мебурданд. Саррофон аллакай дар Бобулистон (ҳазорсолаи III пеш аз милод), Юнони Қадим (асри IV пеш аз милод) ва баъдан дар Мисри Қадим ва Рими қадим мавҷуд буданд [18, С. 140.].

Дар асрҳои миёна дар Аврупо (Италия, Олмон, Голландия) муассисаҳои бонкмонанд таъсис ёфтанд, ки ба муомилоти молию пулӣ сабаб шуданд. Ин бонкҳо инҳоянд: Бонки британиявӣ барои савдои матоъ; Бонки пруссиягӣ барои савдои баҳрӣ; Хазинаи парижии баҳисобгирӣ; Бонкҳо хазинавӣ корхонаҳои савдоӣ; бонкҳои халқӣ, ипотекавӣ, косибӣ; ломбардҳо; бонкҳои амонатӣ; бонкҳои чекӣ ва дигарҳо.

Агар мо ба таърих нигарем, мебинем, ки ҳанӯз дар давраи ислоҳоти Дорои 1 намудҳои дирамҳои алоҳида ба монанди: шоҳӣ, сатрапӣ, минтақавӣ бо расми шоҳ, тангаи маҳаллии кишвари тобеи шоҳ истифода мешуданд. Тангаҳои Ҳахоманишинӣ асосан мисин ва нуқрагӣ буданд, ки дар онҳо расми шоҳ сикка зада шуда буд. Тилло бошад, ҳамчун ашё истифода мегардид.

Ҳамин тавр, инкишофи эволютсионии пулҳои ибтидоӣ, бо назардошти талаботи иқтисодии одамон ба он оварда расонид, ки оҳан ва мис ҳамчун ченаки мукаммалтари арзиши молҳо ва сипас, нукра ва тилло ба кор бурда мешуданд, ки ин дар фаъолияти иқтисодии ҷомеа инқилобе ба амал оварда, дар муомилоти савдо ва пардохт ҷорӣ шуд.

Тартиби таҳия ва ҷойгиркунии пулҳои коғазӣ, иҷозатномаи онҳо аз ҷониби давлат ва ҷазо барои пулҳои қалбакӣ асоси қонунӣ дошт, яъне бо қоидаҳои махсусе танзим карда мешуданд, ки меъёрҳои аввалини ҳуқуқи молиявиро ташкил медоданд. Имрӯз онҳо **қоидаҳои ҳуқуқи эмиссионӣ номида мешаванд** ва зербахши ҳуқуқи молиявиро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, сифатҳои аълои тангаҳои нукра ва тиллоӣ акнун на танҳо аз хосиятҳои иқтисодии онҳо, балки аз таҳримоти давлатӣ низ сарчашма мегирифтанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар назарияи ҳуқуқ, дар байни олимон ақидаи ягона оид ба он, ки кадом омили асосии эътирофи соҳаи ҳуқуқ ҳамчун шакли мустақили ҳуқуқ мебошад, вуҷуд надорад. Баъзе муаллифон боварӣ доранд, ки як соҳаи ҳуқуқ аз дигар соҳа бо предмет, метод ва қонунгузорӣ фарқ мекунад [2, С.120.]. Муаллифони дигар бошад се хусусияти фарққунандаи ҳар як соҳаи ҳуқуқро ҷудо мекунанд: объекти танзим, методи танзими ҳуқуқӣ, доираи сарчашмаҳо ва сохтори меъёрӣ [13, С. 35.]. Ниҳоят, як қатор муаллифон дуруст қайд мекунанд, ки асосан дарки фаҳмиши хусусиятҳои як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ ин предмет ва методи соҳаи дахлдор мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки танҳо ***предмети (мавзӯи)*** танзими ҳуқуқӣ нақши ***ибтидоии ташаккулёбандаи*** омили ҳамаи соҳаи ҳуқуқ мебошад ва ***усули (методи)*** танзими ҳуқуқӣ бошад нақши ***дуюмдараҷаро*** ишғол менамояд [17, С.98.].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, алалхусус адабиёти ҳуқуқи молиявии Федератсияи Россия қайд мешаванд, ки **предмети ҳуқуқи молиявӣ** – ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар ҷараёни фаъолияти давлатӣ дар банақшагирии ташаккул, тақсим ва истифодаи маблағҳои пулӣ барои иҷрои вазифаҳои худ ба вуҷуд меоянд [15, С.40.].

Ба ақидаи мо хусусияти ҳуқуқии предмети танзими ҳуқуқи молиявиро, хусусияти мустақилии вай ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, **хусусиятҳои муҳими муносибатҳо, ки предмети ҳуқуқи молиявиро ташкил медиҳанд,** инҳоянд:

– аввалан, онҳо дар соҳаи фаъолияти молиявӣ бо мақсади ташкили фондҳои барои ҷомеа зарурӣ ташаккул ёфтаанд, яъне **хусусияти ташкилӣ** доранд;

– дуюм, дар ин муносибатҳо мақомоти ваколатдор, ташкилотҳо ва дигар субъектҳои дорои салоҳияти ҳукумронӣ иштирок менамоянд, яъне онҳо **хусусияти ҳукумрониро** дар бар мегиранд;

– сеюм, объекти ин муносибатҳо ҳамеша пул ё уҳдадориҳои пулии марбут ба ташаккул ва истифодаи фондҳои маблағҳо баромад менамояд, яъне ин муносибатҳо дорои **хусусияти молу мулкӣ** мебошанд [10].

Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон предмети (мавзӯи) танзими худро дорад, ки он аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ бо хусусияти хоси худ фарқ карда мешавад. Мавзӯи танзими ҳуқуқи молиявӣ - ин як бахши муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки дар раванди фаъолияти молиявии давлат ба миён меояд, яъне фаъолият оид ба ташкили муомилоти пул дар кишвар, сафарбар кардани маблағҳо ба фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, истифодаи онҳо ба манфиати ҷомеа ва давлат мебошад [11, С.28.]. Дар раванди амалисозии фаъолияти молиявии давлат муносибатҳои дигари ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, мисол оид ба танзими асъор, кредити давлатӣ, назорати молиявӣ, суғурта ва ғайра. Ҳамаи муносибатҳои номбаршуда доираи танзими ҳуқуқии худро доранд.

Бояд қайд кард, ки предмети ҳуқуқи молиявӣ он муносибатҳои пулиро дарбар мегирад, ки дар раванди фаъолияти молиявии давлат ба вуҷуд меоянд ва бо сафарбаркунии маблағҳо ба фондҳои давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи онҳо ба манфиати ҷомеа ва давлат алоқамананданд. Дигар муносибатҳои пулӣ низ мавҷуданд, ки соҳаҳои дигари ҳуқуқро танзим мекунанд. Масалан, муносибатҳои пулӣ оид ба фурӯш ва хариди амвол бо меъёрҳои ҳуқуқи граждани, ситонидани ҷаримаи маъмурӣ - тибқи меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, музди меҳнати кормандон - бо меъёрҳои қонунҳои меҳнатӣ танзим карда мешаванд. Ҳамин тариқ, на ҳама муносибатҳои пулӣ ба предмети ҳуқуқи молиявӣ дохил карда мешаванд. Танҳо он муносибатҳое, ки дар раванди фаъолияти молиявии давлат ба миён меоянд, предмети ҳуқуқи молиявиро ташкил мекунанд.

**Гурӯҳҳои мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятие, ки предмети ҳуқуқи молиявӣ ташкил менамоянд.** Ба гурӯҳҳои асосӣ ин муносибатҳо дохил мешаванд: муносибатҳои эмиссионӣ, андозӣ, буҷетӣ ва бонкӣ, ки дар танзими ҳуқуқии онҳо давлат манфиатдор аст. Фаъолияти амалии давлат бидуни ин муносибатҳои молиявӣ ғайриимкон аст. Муносибатҳои молиявии номбаршуда ҳамзамон бо давлат ба вуҷуд омада, дар якҷоягӣ бо он инкишоф ёфтаанд. Бояд қайд кард, ки ин муносибатҳо боиси пайдо шудани меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ гардидаанд ва онҳо аз тарафи давлат қабул карда, барои танзим равона шудаанд. Бо ёрии ин меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ идоракунии давлат амалӣ карда мешавад. Дар асоси ин муносибатҳо, ки бо қонун танзим мешаванд, аввалин институтҳои ҳуқуқи молиявӣ ба вуҷуд омаданд, ки инҳоянд: ҳуқуқи эмиссионӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи буҷетӣ ва ҳуқуқи бонкӣ.

Муносибатҳои номбаршударо дар алоҳидагӣ дида мебароем.

1. **Муносибатҳои эмиссионӣ -** ин муносибатҳои молиявӣ оид ба таҳия, тайёркунӣ ва баровардани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо аз ҷониби бонки марказии эмиссионӣ ва захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бонки миллии Тоҷикистон) мебошанд.

**2. Муносибатҳои андоз** – ин муносибатҳо оид ба муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, инчунин фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ мебошанд. Ҳамчунин, муносибатҳо оид ба ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андозҳо аз молҳо ва воситаҳои нақлиёти тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолёбанда бо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки муносибатҳои андозӣ қадимтарин муносибатҳои молиявӣ мебошанд, ки дар якҷоягӣ бо давлат ба вуҷуд омадаанд ва таҳти танзими махсуси ҳуқуқии онҳо қарор доштанд.

**3. Муносибатҳои буҷетӣ -** ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди фаъолияти молиявии давлат ба вуҷуд меоянд ва дар робита бо муайян кардани салоҳияти мақомоти ҳокимият, идоракунии давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин дигар иштирокчиёни раванди буҷетӣ вобаста ба муқаррар намудани тартиби таҳия ва баррасии лоиҳаҳои буҷетҳо, таҳияву тасдиқи ҳисобот ва назорати иҷрои онҳо вобаста мебошанд [12.].

Мавқеи асосиро дар байни муносибатҳои номбурда, муносибатҳои буҷетӣ, ки ҳамасола аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда мешавад, такшил медиҳад. Муносибатҳои буҷетӣ, асосан, бо меъёрҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” пешбинишуда танзим карда мешаванд.

**4. Муносибатҳои бонкӣ** робитаҳое мебошанд, ки асосан дар ҷараёни фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ба миён омада, ба танзим ва назорати низоми бонкӣ, ҳифз

ва таъмини устувории низоми бонкии давлат, нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ ба муҳлати дароз равона шудаанд. Ин муносибатҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонки миллии Тоҷикистон" аз 28 июни соли 2011 ба танзим медарорад [8].

Ба предмети ҳуқуқи молиявӣ дар баробари муносибатҳои дар боло номбаршуда ҳамчунин, дигар гуруҳҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти молиявии давлат ба вуҷуд меоянд, дохил мешаванд, ба монанди: муносибатҳо оид ба кредити давлатӣ, муносибати суғуртавӣ, назорати молиявӣ, дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғайра. Аз нуқтаи назари таърихӣ онҳо нисбат ба муносибатҳои эмиссионӣ, андоз, буҷетӣ ва бонкӣ хеле дертар ташаккул ёфтаанд.

Дигар қисмати таркибӣ предмети танзими ҳуқуқи молиявиро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи **баҳисобгирии муҳосибӣ** ташкил медиҳанд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи **баҳисобгирии муҳосибӣ** муносибатҳои ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи ташкилот мебошанд. Ин гуруҳи муносибатҳои ҳуқуқи молиявиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" аз 25 марти соли 2011 ба танзим медарорад.

Ҳамин тавр, предмети ҳуқуқи молиявӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар рафти фаъолияти молиявии давлат ба вуҷуд меоянд ё ин ки тағйир меёбанд. Муносибатҳои дар *раванди* таҳия, ташаккул, тақсимот, истифодаи фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ ба миёномада, *тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.*

***Ҳуқуқи молиявӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Бояд қайд намуд, ки муаллифони замони муосир таърифҳои гуногуни ҳуқуқи молиявиро ҳамчун як соҳаи ҳуқуқи ҷумҳурӣ пешниҳод мекунанд[1]. Ба ақидаи Ш.К. Ғаюров "ҳуқуқи молиявии ҶТ - ин маҷмӯи меъёрҳон ҳуқуқие аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҷараёни ташкил, тақсим ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии давлат ба вуҷуд омада, барои иҷро кардани вазифаҳои вай заруранд, танзим мекунад [4, С.23.].

Ф.Р Абдуллоев., З.И. Холхуҷаев бар он ақидаанд, ки "ҳуқуқи молиявӣ – соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки муносибатҳои ҷамъиятии дар рафти ташкилшавӣ, тақсимшавӣ ва истифодабарии фондҳои маблағҳои пулӣ ба вуҷуд омадаро, бо мақсади таъмини молиявии фаъолияти давлат ва худидоракунии маҳаллӣ ба танзим медароранд [1, С.50.]. Бояд қайд намуд, ки ақидаи муаллифони номбурда дуруст аст, вале аз нигоҳи мо баъзе тағйиротҳоро тақозо мекунад.

Барои ба таври фаҳмо шарҳ додани мафҳуми ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ моро зарур аст, ки ба таҳқиқотҳои олимони Федератсияи Россия назар карда, фикру ақидаи амиқи хешро пешниход намоем. Гуфтан ба маврид аст, ки саҳми олимони ин кишвар дар ташаккулу инкишофи ҳуқуқи молиявӣ бениҳоят назаррас аст. Масалан, таҳқиқотҳои илмии профессор Е.Ю. Грачёва ва О.Н. Горбунова, ки асосгузорони илми ҳуқуқи молиявии замони муосири Федератсияи Россия ба ҳисоб мераванд. Нақши ин олимон дар инкишофу ташаккули институтҳои ҳуқуқи молиявӣ, низом ва сохтори он беназир буда, дар таҷрибаи амалия ва қонунгузории ин кишвар ҷорӣ карда шудаанд.

[1] Дар низоми соҳаҳои ҳуқуқи ҷумҳурӣ ҳуқуқи молиявӣ моҳиятан яке аз соҳаҳои хеле муҳим мебошад. Аммо масъалаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқи молиявӣ дар низоми ҳуқуқ ва ҷойгоҳи он дар ин низом то ҳол мавзуи баҳсу мунозира мебошад.

Е.Ю. Грачёва дуруст қайд мекунад, ки баррасии хусусиятҳои муносибатҳои молиявӣ, ки дар раванди фаъолияти молиявӣ мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ ба миён меояд, имконият медиҳад, ки предмет ва методи танзими ҳуқуқи молиявӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқии Россия тавсиф карда шавад [3, С.16.].

Ю.А. Крохина пешниҳод менамояд, ки дар зери мафҳуми ҳуқуқи молиявӣ соҳаи ҳуқуқии Россия чунин фаҳмида мешавад, ки аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат буда, муносибатҳои авмолӣ ва марбут ба он муносибатҳои ғайриамволӣ, ки дар раванди ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи фондҳои мутамарказонидашуда ва ғайримутамарказонидашудаи фондҳои маблағҳои давлат ё мақомоти маҳаллии он бо мақсади иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба миён меоянд [5, С.58.].

Ба ақидаи мо ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар рафти ташкилшавӣ, тақсимшавӣ ва истифодабарии фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ ба танзим медарорад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки нақши ҳуқуқи молиявӣ дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело муҳим буда, вазифаи муҳими он ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ҷиҳати фаҳмиши иқтисоди бозорӣ, гирифтани дониши молиявӣ, дарк намудани хусусиятҳои андозбандӣ, фаъолияти буҷетӣ, бонкӣ ва дигар институтҳои низоми молиявӣ, ҳамзамон таълим додани қонунгузории молиявӣ мебошад. Нақши он дар сохтори фанҳои таълимии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бо хусусиятҳои предметаш, ки доираи муносибатҳои ҷамъиятиро фаро мегирад, муайян карда мешавад. Ин муносибатҳо дар раванди фаъолияти молиявии давлат вобаста ба ташаккул, тақсимот ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллию фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки бо мақсади иҷрои вазифаҳои ба мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор гардидаанд ба миён меоянд.

## Адабиёт


1. Абдуллоев Ф.Р., Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи молиявӣ (комплекси таълимӣ-методӣ). Душанбе, 2014. 384 с.
2. Алексеев С.С. Государство и право. М., 1994. С. 83; Лившиц Р.З. Теория права. М., 1994. С. 120.
3. Грачева Е.Ю. К вопросу о финансовых обязательствах государства // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2016. № 6. С. 11.
4. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикситон. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Шонасридинов Н.Ш. Душанбе, «Сино». 2005. – С 23.
5. Крохина, Ю.А. Финансовое право России : Учебник для вузов / Ю.А. Крохина. – 4-е изд. – М.: Норма, 2011. – 720 с.
6. Кондрат Е.Н. Финансовая безопасность как объект финансового контроля // Вестник РУДН. Серия: Юридические науки. 2012. № 2. С. 30.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28 июни соли 2011, № 723. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" аз 28 июни соли 2011, № 722. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj.
9. Лебедев В.А. Финансовое право (в серии «Золотые страницы российского финансового права»). М., 2000. С. 165.

10. Рустамзода Д. Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография & под. ред. Е. Ю. Грачевой. — Москва : Проспект, 2021. — С 186.

11. Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қисми умумӣ: Воситаи таълимӣ. Душанбе, 2021. - 208 с.

12. Рустамзода Д.Ю. Бюджетное право Республики Таджикистан: схемы с комментариями: учебное пособие. Душанбе: ТГУК, 2020. 207 с.

13. Тихомиров Ю.А. Публичное право. М., 1995. С. 35-36.

14. Финансовое право: учебник для бакалавров / отв.ред. Е.Ю. Грачева. – Москва : Проспект, 2019. – С. 25.

15. Финансовое право (общая часть): учебное пособие для бакалавров / А.С. Чуева, П.М. Курдюк, И.Н. Иваненко – Краснодар, 2013. – С. 9.

16. Финансовое право: учебник / отв. ред. Н.И. Химичева. 5-е изд., перерб. и доп. М.: Норма: ИНФРА-М, 2012. С. 23.

17. Чуева А.С. Предмет и метод правового регулирования – основные системообразующие факторы финансового права как самостоятельной отрасли в системе российского права / А.С. Чуева, В.С. Копыл // Сб. науч. тр. Студенчество и наука / КубГАУ. – 2012. – Вып. №7. – С. 98-100.

18. Ҷабборов Ф.Н. Ҳуқуқи байналмилалии молиявӣ (комплекси таълими – методӣ). Душанбе «Империал – Групп», 2015. – С. 140.

## ФИНАНСОВОЕ ПРАВО - КАК САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ОТРАСЛЬ ПРАВА В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**РУСТАМЗОДА ДЖУМАБЕК ЮНУС,**
кандидат юридических наук, доцент
кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 939-27-10-10. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru

*Финансовое право относится к числу фундаментальных юридических дисциплин, важной задачей которого является формирование правосознания граждан для понимания рыночной экономики, получения финансового образования, восприятия особенностей налогообложения, бюджетной и банковской деятельности и других институтов финансовой системы, а также обучение финансовому законодательству.*

*Место и роль финансового права в структуре учебных юридических дисциплин определяется, прежде всего спецификой его предмета, охватывающего круг общественных отношений. Эти отношения возникают в процессе финансовой деятельности государства, связанной с формированием, распределением и использованием фондов аккумулируемых денежных средств и других финансовых ресурсов через республиканские и местные бюджеты, а также государственные целевые фонды, используемые для выполнения возложенных на органы государственного управления, местные органы государственной власти и органы самоуправления поселков и сел задач (функций). По мнению автора, финансовые отношения являются неотъемлемой частью рыночных отношений и одновременно являются важным инструментом в механизме государственного регулирования, которые направлены на развитие сферы государственной финансовой деятельности. Приводится мнение, что изучение финансового права служит формированию у студентов, аспирантов, соискателей и других заинтересованных лиц комплекса знаний, умений и навыков, необходимых им для профессионального исполнения задач в своей практической деятельности.*

***Ключевые слова:*** *финансовое право, система государственного бюджета, фонды денежных средств государства, эмиссионные отношения, банк, налог, местные органы государственной власти, местный бюджет.*

## FINANCIAL LAW AS AN INDEPENDENT BRANCH OF LAW IN THE LEGAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RUSTAMZODA JUMABEK YUNUS,**
Candidate in Law, Associate Professor of Administrative Law and
Public Service Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 939-27-10-10. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru

*Financial law is one of the fundamental legal disciplines, an important task of which is to form the legal consciousness of citizens for understanding the market economy, obtaining financial education, perceiving the features of taxation, budgetary and banking activities and other institutions of the financial system, as well as teaching financial legislation.*

*The place and role of financial law in the structure of academic legal disciplines is firstly determined by the specifics of its subject, covering the range of social relations. These relation arise in the process of state financial activities related to the formation, distribution and use of accumulated funds and other financial resources through the republican and local budgets, as well as state trust funds used to fulfill the tasks assigned to government bodies, local government bodies and self-government bodies of towns and villages. According to the author, financial relations are an integral part of market relations and at the same time are an important tool in the state regulation mechanism which are aimed at developing the sphere of state financial activity. It is concluded that the study of financial law is intended to form in students, graduate students, undergraduates and other interested persons a set of knowledge, skills and abilities necessary for their professional implementation in their practical activities.*

**Key words:** *financial law, state budget system, cash funds, emission relations, bank, tax, local government bodies, local budget*

УДК: 342.5

# ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**САЪДИЕВ ИСМОИЛ ЗАРИФОВИЧ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи давлатии идоракунии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 555-58-55-52. E-mail: ismoil.s85@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур хизмати давлати дар низоми идоракунии давлатӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Хизмати давлатӣ ҳамчун маҳаки меҳварӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, яке аз василаҳои муҳимми таъминкунандаи самаранокӣ дар идоракунии давлатӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз адабиёти дохилию хориҷӣ мавзуи мазкурро таҳлил намуда, мавқеи хизмати давлатиро дар низоми идоракунии давлатӣ муйаян намудааст. Воқеан ҳам мубрамияти мавзуи мазкур аён буда, аз нигоҳи илмӣ таҳлил ва хулосабарорӣ намудани он шарт ва муҳим мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатӣ, хизматчии давлатӣ, адабиётҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, идоракунии давлатӣ, идоракунии иҷтимоӣ, функсияи идоракунии давлатӣ, вазифа, соҳибихтиёрии давлат, ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатӣ.*

Хизмати давлатӣ ҳамчун навъи фаъолияти касбӣ имрӯзҳо таваҷҷуҳи зиёди олимон, муҳаққиқони соҳаи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ ва кормандони амалия-идоракунандагонро ба худ ҷалб намудааст. Айни замон хизмати давлатӣ дар кишвари соҳибихтиёри Тоҷикистон ҳамчун як намуди фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, ҳадафи асосии ин навъи фаъолиятро иҷрои вазифаҳои давлатӣ ташкил медиҳад. Қонунгузории амалкунандаи соҳаи хизмати давлатӣ муқаррар намудааст, ки хизмати давлатӣ - фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ,мебошад ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст. Зимнан бояд қайд намуд, ки хизмати давлатӣ чун фаъолияти касбӣ дар мансабҳои муайян ва сохторҳои муайяни ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардад.

Хизмати давлатӣ ҳамчун маҳаки меҳварӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, яке аз василаҳои муҳими таъминкунандаи самаранокӣ дар идоракунии давлатӣ мебошад.

Тибқи сархати 6 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" хизмати давлатӣ ин фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст [1].

Дар адабиёт идоракунӣ ба маъноҳои гуногун пешкаш карда мешавад. Маъмулан идоракунӣ ин роҳбарӣ аз болои чизе ё касе фаҳмида мешавад.

Барои ба умқи моҳияти хизмати давлатӣ ва мавқеи он дар низоми идоракунии давлатӣ ворид гардидан ва дарк намудани ин падидаи ниҳоят мукаммал ва калидӣ зарур аст пеш аз ҳама мафҳуми идоракунии давлатиро ошкор созем. Зеро хизмати давлатӣ чун фаъолияти касбӣ маҳз ба манфиати давлат ва мақомотҳои сохтории он ба вуқуъ мепайвандад.

Идоракунӣ ин раванди доимӣ ва мақсадноки субъекти идоракунӣ ба объекти идоракунӣ мебошад. Ба сифати объекти идоракунӣ зуҳуротҳои гуногун аз қабили, инсон, коллектив, ҷомеаи иҷтимоӣ, механизмҳо, дастгоҳҳо ва равандҳои технологӣ

баромад менамоянд. Механизмҳои таъминкунандаи низоми идоракунӣ дар маҷмуъ низоми идоракуниро ташкил медиҳад.

Низоми идоракунӣ, ки моҳияти идоракуниро ошкор месозад дорои таркиби зерин мебошад:

-вазифа;
-ҳадаф;
-субъект;
-объект;
-функсия;
-сохтори муташаккилона;
- ягонагӣ;
- мустақилият;
- вобастагии мутақобилаи унсурҳои низом;
- шаклҳо ва усулҳои муайяни фаъолият.

Аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ истилоҳи идоракунии давлатӣ ба маънои васеъ ва ба маънои маҳдуд фаҳмида мешавад.

Ба маънои васеъ идоракунии давлатӣ ин як шакли идоракунии иҷтимоӣ буда доимо дар он давлат чун субъекти фаъол ва асосӣ баромад менамояд. Ба ин маъно чунин идоракуниро метавон ҳамчун таъсиррасонии мақсаднок ва муташакилонаи давлат дар симои мақомотҳои давлатӣ ба рушди ҷомеа ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ арзёбӣ намуд.

Дар ин замина шохаҳои ҳокимият (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) дар доираи вазифаҳо ва функсияи ба зимаи онҳо вогузошташуда, бо шакл ва усулҳои хос ба равандҳои ҷамъиятӣ тасъсир мерасонанд. Идоракунии давлатӣ ба маънои васеъ фаъолияти танзиминамоии давлат дар маҷмӯъ (фаъолияти мақомоти намояндагӣ, мақомоти иҷроия, прокуратура, суд ва дигар мақомоти давлатӣ) мебошад.

Идоракунии давлатӣ ба маънои васеъ тамоми фаъолияти давлатро аз ҷиҳати ташкили таъсири субъектҳои махсуси ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тавсиф мекунад. Функсияҳои идоракунии давлатиро, ки асоситаринашон аз интихоб, ҷобаҷогузорӣ, аттестатсияи кадрҳо, баҳисобгирӣ ва назорат, татбиқи чораҳои маҷбурӣ ва ҳавасмандгардонӣ, чораҳои интизомӣ, пешгӯӣ, ба нақшагирӣ, маблағгузорӣ ва ғайра иборат аст ба ҳадди дахлдор аз ҷониби мақомотҳои зиёди давлатӣ аз ҷумла, аз ҷониби мақомоти прокуратура, суд ва намояндагони ҳокимияти оммавӣ амалӣ карда мешаванд.

Идоракунии давлатӣ ба маънои маҳдуд ин фаъолияти маъмурӣ, яъне фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ мебошад. Дар ҳуқуқи маъмурӣ, ки ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ба ҳисоб меравад одатан идоракунии давлатӣ бо фаҳмиши маҳдуд мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ба идоракунии давлатӣ ба маънои маҳдуд асосан фаъолияти амалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Президент ва Ҳукумат инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунии мансуб мебошад.

Мақоми идоракунии давлатӣ мақоми давлатие дар назар дошта мешавад, ки вазифаҳои умумии идоракуниро тибқи принсипҳои идоракунии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ менамояд.

Дар кишвар Қонуни алоҳида “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 16 апрели соли 2012 қабул гардидааст. Ин санади меъёри ҳуқуқӣ ба мукаммалсозӣ ва муқаррасозии соҳаи идоракунии давлатӣ нақши муассир дошта асосҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти дар низоми идоракунии давлатӣ иштирокунандаро муқаррар ва танзим менамояд [2]. Моддаи 5-уми Қонуни номбурда низоми мақомоти иҷроияи марказии Ҳокимияти давлатиро чунин муқаррар намудааст:

Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати умҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешаванд.

Низомнома, Сохтори дастгоҳи марказӣ, Нақшаи идоракунӣ ва шумораи ниҳоии кормандони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Ваколат ва функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Низомномаи он муқаррар карда мешаванд.

Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар сарчашмаъҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мегарданд.

Идоракунии давлатӣ чун фахолияти дорои субъектони махсус падидаи фавқулода муракаби низоми динамикӣ мебошад, ки ҳар як унсури он таъсироти танзимкунандаро интиқол медиҳад, дарк мекунад ва табдил медиҳад ва ба ин васила ҳаёти ҷамъиятиро ба низому тартиби зарурӣ медарорад.

Ба низомнокии идоракунии давлатӣ бо сабаби он ки дар фаъолияти идоракунӣ шаҳрвандони зиёди (хизматчиёни давлатӣ ва шахсони мансабдор) қабулкунанда ва иҷрокунандаи санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ ширкат меварзанд диқати махсус дода мешавад.

Низомноки ва мутамаркази идоракунии давлатӣ имкон медиҳад, ки давлат ба ҳадафу вазифаҳои дар наздаш гузоша бирасад. Ташкил ва амалӣ намудани идоракунии давлатии самаранок боиси рушду нумуи кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи шаҳрвандон шуда метавонад.

Аз нуқтаи назари фаҳмиши класикӣ идоракунии давлатӣ ин фаъолияти давлат ё дигар субъектҳои ҳокимияти давлатӣ (оммавӣ), ки берун аз ҳудуди фаъолияти қонунгузорӣ ва судӣ амалӣ карда мешавад, ба ҳисоб меравад.

Дар доираи фаҳмиши дигар, идоракунии давлатӣ ҳамчун фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ дар дастгоҳи идоракунӣ муайян карда мешавад, ки ба иҷрои қарорҳои қабулкардаи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ё судӣ нигаронида шудааст [3, с. 11].

Ойев Х. қайд менамояд, ки идоракунии давлатӣ, як шакли фаъолиятест, ки тавассути он ҳокимияти ягонаи давлатӣ дар асос ва ба иҷроиши қонун амалӣ гардида,

характери иҷрокунию амрдиҳӣ дорад ва меъёрҳои маъмурию ҳуқуқӣ эҷод гардида, нисбати фаъолияти қонунгузорӣ дуюминдараҷа ҳисобида мешавад.

Идоракунии давлатӣ фаъолияти иҷроия буда, он дар раванди роҳбарии бефосила ва бевосита ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маъмурию сиёсӣ амалӣ карда мешавад ва аз ҷониби субъектони махсус, ки онҳоро мақомоти иҷроияю амрдиҳии ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти идоракунӣ ташкил медиҳанд, амалӣ гардида, дар доираи он баҳсҳои сиёсию ҳуқуқӣ ба тариқи ғайрисудӣ-маъмурӣ ҳал мегардад [4, с. 15-21].

Ҳангоми ворид намудани тағйиротҳои ҷадид дар низоми идоракунии оммавӣ ва ба ин васила муосиркунонии идоракунӣ яке аз ҳадафҳои марказиро рушди устувор ва мутаносиби соҳаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишвар ташкил медиҳад. Чунки таъмини ҳаёти арзанда ва инкишофи озодонаи шаҳрвандон маҳз дар заминаи мавҷӯд будани идоракунии бо самари давлатӣ вуҷуд дошта метавонад.

Ба андешаи профессор Раззоқов Б.Ҳ. бошад идоракунии давлатӣ фаъолияти махсусе мебошад, ки дар амалисозии ҳаракатҳои маъмурӣ, иҷрои қонунҳо, эҷоду татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ, гузаронидани чорабиниҳои ташкилӣ амалӣ гардида, муносибатҳои махсуси ҷамъиятиро бо нерӯи ҳокимиятӣ ифода карда, аз ҷониби субъектони амалисозандаи он таъсиррасонӣ ба шуур, рафтор ва фаъолияти одамон амалӣ карда мешавад [5, с. 18-20].

Идоракунии давлатӣ ин фаъолияти касбии сиёсӣ-ҳуқуқии субъектони ваколатдор мебошад, ки пояҳои он ба маҷбурсозӣ ва мутеъсозии расмӣ-қонунӣ бунёд ёфтааст ва бо ҳадафи қонеъ сохтани талаботҳои ҷомеа ва амалинамоии ҳадафҳои конститутсионӣ амалӣ карда мешавад.

Идоракунии давлатӣ ҳамчун маҷмӯи фаъолиятҳои муайяне фаҳмида мешавад, ки бо мақсади роҳбарӣ ва назорати давлат (субъект) ба объектҳо амалӣ карда мешавад. Барои идора ҳамаи захираҳои зарурӣ: моддӣ, молиявӣ, кадрҳо, ахборот ва ғайра истифода бурда мешаванд. Методикаи идоракунии давлатӣ бо истифода аз усулҳо, механизмҳо ва воситаҳои гуногун муайян карда мешавад. Усулҳои идоракунии давлатӣ усулҳое мебошанд, ки барои иҷрои вазифаҳои идоракунии давлатӣ заруранд.

Ҳар як усул дорои хусусиятҳои хос аст:

1) муносибати возеҳ байни субъект ва объект;

2) шакли мушаххаси ташкилӣ (фармоиш ва қоидаҳо);

3) интихоби усули ноил шудан ба ҳадафҳо.

Намудҳои усулҳои идоракунии давлатӣ:

1) бовар кунондан;

2) маҷбуркунӣ;

3) санадҳои меъёрии хукукии идоракунӣ.

Зери ибораи “бовар кунонидан” тобеъият ба қонунгузории амалкунандаи субъект, яъне давлат фаҳмида мешавад ва бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ истифода мегардад. Ин усул дар шакли фаҳмондадиҳӣ, муҳокимаронӣ, мукофотонӣ ва асоснок намудани рафтори субъект татбиқ мегардад.

Маҷбукунӣ бошад, ҳамчун яке аз воситаҳои таъминамоии тартиботи давлатӣ дар шаклҳои зерин ҷой дошта метавонад:

1) маҷбурсозии маъмурӣ;

2) ҷавобгарии маъмурӣ;

3) пешгирии маъмурӣ.

Санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ дар шакли қарорҳои ҳокимиятии якҷонибаи зериқонунӣ буда, бо мақсади риояи қонуният ё бартараф кардани оқибатҳои вайронамоии тартиботи ҳуқуқӣ қабул мегарданд [6, с. 9-10].

Идоракунии давлати чун унсури иҷтимоӣ мисли дигар падидаҳо дорои махсусиятҳои ба худ хос мебошад. Идоракунии давлати ин махсусиятҳоро вобаста ба вазъи таърихии ҷамъиятҳои алоҳида ва мавқеъ ва нақши институтҳои давлатӣ дар онҳо ба худ касб менамояд. Таҳлили адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ аз он гувоҳи медиҳанд, ки ҳадаф ва функсияҳои идоракунии давлатӣ дар марҳилаҳои таърихӣ тағйир ёфта, давра ба давра такмил ёфтаанд.

Мақсади асосии идоракунии муосири давлатӣ таъмини сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди ҳамоҳангшуда ва мутаносиби тамоми ниҳодҳои давлатӣ мебошад. Ин максад моҳияти идоракунии давлатиро муайян мекунад. Он бояд ҳадафи дорои хусусияти стратегӣ (заминавӣ) ҳисобида шавад. Дар он вазифахои асосии идораи давлатӣ муайян карда шудаанд, ки онхо мушахаскунандаи ин мақсад мебошанд.

Низоми мақсадҳои асосии идоракунии давлатӣ инҳоро дар бар мегирад:

— таъмини ҳамкории мутақобила ва судманди тамоми ниҳодҳои ҷамъиятӣ;

– таъмини ҳуқуқҳои конститутсиони, иқтисодӣ, сиёсии инсон ва шахрванд;

— қонеъ гардондани талаботи зарурии шаҳрвандон, ки аз имкониятҳои бозор берун мебароянд;

— таъмини амнияти миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ.

Воситаҳои мушаххаси татбиқи ин ҳадафҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври возеҳ ва ояндабинона муқаррар карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як давлат вазифаҳои муайянро иҷро мекунад. Вазифаҳои давлат гуфта он масъалаву проблемаҳои муҳими ҳаётиро меноманд, ки назди ҷомеа дар ин ё он марҳилаи таърихӣ меистанд. Функсияҳои давлат бошад роҳҳои асосии фаъолияти давлат мебошанд,ки барои ҳалли вазифаҳо равона гаштаанд. Дар баробари ин функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошанд. Дар замони муосир функсияҳои давлатҳо бештар мазмуни умумииҷтимоӣ пайдо мекунанд.

Функсияҳои давлат аз рӯи маҳакҳои зерин тасниф карда мешаванд:

1. Бо назардошти моҳияти синфӣ ва иҷтимоии давлатҳо функсияҳо ба: 1) зуроварии синфӣ ва 2) умумииҷтимоӣ ҷудо мешаванд;

2. Вобаста ба муҳлати амал фунсияҳо ба: 1)доимӣ ва 2) мувақатӣ тақсим мешаванд;

3. Вобаста ба доираи амал функсияҳо ба 1) дохилӣ ва 2) хориҷӣ ҷудо мешаванд;

4. Вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷомеа функсияҳои умумииҷтимоӣ ба: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, экологӣ, демографӣ, ҳимояи шаклҳои моликият ва маънавӣ ҷудо мешаванд;

5. Дар иртибот ба ҳуқуқ ва давлат 3 функсияи асосиро иҷро мекунад: 1) ҳуқуқэҷодкунӣ, 2) ҳуқуқиҷрокунӣ ва 3) ҳуқуқҳифзкунӣ [7, с. 496-502].

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти ҳуқуқи вобаста ба таснифи функсияҳои давлат ба функсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ баҳсҳо пайдо гардидаанд. Яъне аз рӯи анъана функсияҳои дохили дар дохили кишвар ва функсияҳои хориҷӣ дар равобит ба давлатҳои хориҷӣ мебоист иҷро шаванд. Аммо дар адабиёти муосир ин тасниф мухолифони худро пайдо кардааст.

Ба ақидаи ин гурӯҳи муаллифон ҳоло функсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳам омехта шудаанд. Баъзе функсияҳои дохилӣ аҳамияти хориҷӣ пайдо кардаанд (мисол функсияи экологӣ) ва баръакс [8, с. 157].

Бо вуҷуди ин аксари олимон ин ду функсияро аз ҳам ҷудо ва фарқ мекунанд. Бояд қайд намоем, ки дар дохили давлат чунин функсияҳо амалӣ карда мешаванд:

1) сиёсӣ: кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

2) ҳуқуқмуҳофизавӣ: муҳофизати тартиботи конунӣ дар ҷамъият;

3) маъмурӣ: назорат ва контрол аз болои иҷрои қонунгузорӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ. Ин функсия ҳамчун функсияи асосӣ барои тамоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб меравад;

4) иқтисодӣ: фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти самараноки иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ, сарфи назар аз шакли моликият;

5) иҷтимоӣ: фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон;

6) экологӣ: таъмини ҳифз, барқарор ва беҳтар намудани шароити табии-иқлимӣ.

Дар арсаи байналхалқӣ функсияҳои берунии давлат амалӣ карда мешаванд, ки онҳо чунинанд:

1) функсияи ҳамкории байналмилалӣ;

2) функсияи иқтисодии берунӣ: ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбию техникӣ ва молиявӣ бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ;

3) функсияи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;

4) функсияи байналмилалии фарҳангӣ, илмӣ, варзишӣ, сайёҳӣ ва дигар ҳамкориҳо.

Функсияҳои номбаргардида ниҳоӣ набуда, дар баробари инҳо дигар функсияҳои дохилӣ ва хориҷии давлат ҷой дошта метавонанд. Аз сабаби он ки вобаста ба рушду нумуъи муносибатҳои ҷамъиятӣ масъалаҳои ҳалшаванда дар назди давлат зиёд шуда метавонанд, зимнан функсияҳо ва вазифаҳои давлат афзоиш ёфта, вобаста ба ҳалли масъалаҳои ба миён омада давлат дар доираи идоракунии давлатӣ аз роҳу усулҳои мухталиф истифода мебарад.

Сатҳҳои зерини сохтории идоракунии давлатӣ мавҷуданд:

1) сатҳи институтсионалӣ (болотарин), ки мақсадҳои идоракунии давлатӣ ва самтҳои мушаххаси фаъолиятро муайян мекунад, ҳамчун як навъ сарҳади байни идоракунии сиёсӣ ва маъмурӣ баромад мекунад. Дар ин сатҳи идоракунии давлатӣ консепсиясхо, стратегиясхои тараққиёти ҷамъият тартиб дода мешаванд, роҳҳои тараққиёти оянда муқаррар карда мешаванд;

2) сатҳи маъмурӣ - соҳаи идоракунии функсионалӣ, ки дар он ҳар як соҳаи фаъолият таҳлил ва ба ҷузъҳои ташкилӣ тақсим карда мешавад: банақшагирӣ; ташкилӣ; идоракунии кадрҳои хизмати давлатӣ; роҳбарӣ; ҳамоҳангсозӣ; иттилоотонӣ;

3) сатҳи технологӣ бо конеъ гардондани талаботи иҷтимоӣ бевосита ба хизмати идоракунии давлатӣ алоқаманд аст.Дар ин сатҳ фаъолият бояд бодиққат ба нақша гирифта шаванд ва дар сатҳи ҳуқуқӣ танзим карда шаванд.

Дар навбати худ, намудҳои идоракунии давлатиро метавон аз рӯи асосҳои гуногун тасниф кард. Маъмултарини таснифот инҳо мебошанд:

— аз руи хусусияти ҳокимияти давлатӣ: идораи давлатӣ демократӣ ва ғайридемократӣ (авторитарӣ, тоталитарӣ);

— аз руи сохтори иерархӣ: идоракунӣ дар сатҳҳои федералӣ, минтақавӣ ва махаллӣ (дар Тоҷикистон аз рӯи ин тасниф идоракунӣ танҳо дар сатҳӣ ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷой дорад);

— аз руи вазифаҳои ҳалшаванда: идоракунии функсионалӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ;

— аз руи мазмуни таъсири идоракунӣ: идоракунии сиёсӣ, маъмурӣ [9, с. 17-18].

Идоракунии давлатӣ-сиёсӣ фаъолияти институтҳои ҳокимияти сиёсии ду сатҳ мебошад:

1) ҷумҳуриявӣ;

2) худидоракунии маҳаллӣ .

Идоракунии давлатӣ-маъмурӣ як намуди фаъолияти давлатӣ оид ба идоракунии корҳои давлат мебошад, ки дар доираи он ҳокимияти иҷроия, мақомот ва шахсони мансабдори он амалан иҷро карда мешаванд.

Ба сифати мавзӯи идоракунии давлатӣ инфрасохтор (масалан, роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дошта, фурудгоҳҳо, нақлиёт), ҳама хадамоти иҷтимоӣ; бахши давлатии иктисодиёт; хизматрасонӣ ба хоҷагии роҳ ва коммуналӣ; муассисаҳои давлатии маориф, нигаҳдории тандурустӣ; артиш, милитсия, корҳои ислоҳӣ, муҳофизат аз сӯхтор ва дигар сохторҳое, ки фаъолияти онҳо аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешавад, баромад менамоянд.

Субъект ва объекти идоракунӣ дар ҳамбастагӣ низоми идоракуниро ташкил медиҳанд.

Низом маҷмӯи унсурҳоест, ки онҳо дорои таркибҳои нав буда, барои ҳар як унсур дар алоҳидагӣ дастрас нестанд.

Низоми идоракунии давлатӣ – маҷмӯи институтҳо, вазифаҳо, муносибатҳо, усулҳои қабули қарор ва принсипҳои идоракунии ҷомеа мебошад. Идоракунии давлатӣ чун низом ҳамчун маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқаманди идоракунӣ, ҳамкории дастгоҳи идоракунӣ ва ҷомеа баррасӣ карда мешавад.

Дар низом байни объект ва предмет робитаи мустақим ва баръакс ба вучуд меояд.

Робитаи мустақим ин таъсири идоракунӣ аст, робитаи баръакс ё худ аксуламал фикру мулоҳиза оид ба таъсири идоракунӣ мебошад, ки аз ҷониби субъект рӯи кор гирифта мешавад.

Идоракунии давлатӣ ҳамчун як навъи идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки хизматчиёни давлатӣ дар амалишавии оннақши муассир доранд.

Ноил шудан ба мақсадҳои идоракунии давлатӣ бо шароит ва омилҳои берунӣ ва дохилии худи идораи давлатӣ, аз ҷумла ҳолат ва дараҷаи инкишофи зернизоми кадрҳои касбӣ муайян карда мешавад, ки инҳоро дар бар мегиранд: маҷмӯи мақомоти ҳокимияти давлатӣ; хадамоти кадрӣ; шахсони мансабдор; зернизомҳои кадрӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, иттилоотӣ ва таъминоти моддию техникии идоракунии давлатӣ.

Хизмати давлатӣ ба сифати падидаи муҳими ҳуқуқи маъмурӣ баромад намуда, меҳвари зернизоми кадрӣ-касбии идоракунии давлатӣ мебошад. Хизмати давлатӣ ҳамчун институти марказии ҳуқуқи маъмурӣ дар амалишавии идоракунии давлатӣ ва омода намудани кадрҳои аз лиҳози касбӣ комилан мувафақ нақши ниҳоят калон дошта аз чунин унсурҳои муҳим иборат мебошад:

— сиёсати давлатии кадрӣ;

— мақомоти ваколатдор дар соҳаи хизмати давлатӣ;

—кормандони дорои салоҳияти муайян;

— вазифаҳо ва талаботи тахассусӣ нисбати онҳо;

— принсипҳо ва меъёрҳои рафтори хизматӣ;

— технологияҳои корҳои кадрӣ.

Фаҳмидани унсурҳои номбаргардида ниҳоят муҳим мебошанд. Ин ҳолатро ба инобат гирифта маълумотҳои мушаххас вобаста ба онҳо дар қисматҳои дахлдори китоби мазкур маълумот пешкаш гардидааст.

Яке аз ҷузъҳои муҳим ва калидии мундариҷаи сиёсати давлатӣ ташаккул ва рушди иқтидори кадрӣ дар самти идоракунӣ махсусан дар соҳаи хизмати давлатӣ

мебошад. Бе шубҳа ин масъала ба зумраи яке аз масоили стратегии фаъолияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад буд.

Барои расидан ба ҳадафҳои конститутсионӣ ва ҳадафҳои стратегӣ бояд тарбияи кадрҳои рақобатпазир ва дар пуриқтидор ба таври густурда пиёда сохта шавад. Таъмини кадрҳои иқтидорманд дар хизмати давлатӣ ҳамчун омили муҳим дар муваффақияти татбиқи стратегияяҳои давлатӣ дар самтҳои мухталиф баромад мекунад.

Кадрҳои идоракунии давлатӣ одамони одди набуда, гуруҳи махсуси иҷтимоӣ мебошанд, ки ҳайати он аз сиёсатмадорон, ҳуқуқшиносон, хизматчиёни давлатӣ мутахассисоне иборатанд, ки дорои ҳолати ҳуқуқии мувофиқ буда, бо мақомот,муассисаҳои давлатӣ ва ниҳодҳои дигари идоракунии давлатӣ дар муносибати меҳнатию хизматӣ қарор доранд.

Бо мақсади мукаммал сохтани соҳаи хизмати давлатӣ дар ҷумҳурӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №582 Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Консепсия) маҷмӯи ғояҳо, идеяҳо ва ақидаҳоеро дар бар мегирад, ки мақсаду вазифаҳо, самтҳои афзалиятнок, принсипҳои танзими давлатии сиёсати кадрҳо ва роҳҳои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад [10].

Консепсия системаи таъминоти кадрӣ, шартҳо ва роҳҳои татбиқи онро муайян намуда, дар раванди кор бо кадрҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд.

Консепсия инчунин чорабиниҳо оид ба рушди сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намуда, идомаи тадбирҳои системавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тарбияи кадрҳо мебошад.

Дар маҷмуъ метавон баён дошт, ки хизмати давлатӣ дар низоми идоракунии маркази ҷузъи пешбар ва пуркунандаи он буда, амалишавии идоракунии давлатӣ аз ин падидаи ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ вобастагии калон дорад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 16 апрели соли 2012 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
3. Куприяшин Г. Л. Теория и современные механизмы государственного управления : учеб. пособие. М., 2013. С. 11.
4. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. - Душанбе. 2013. С. 15 – 21.
5. Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон : проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. –Душанбе. «Ирфон». С.18 – 20
6. В.Н. Романов, В.Н. Кузнецов Система государственного и муниципального управления : учебное пособие / В. Н. Романов, В. В. Кузнецов. – Ульяновск : УлГТУ, 2008. С. 9-10.

7. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. Нашри 2-м. Душанбе, 2002с., С. 496-502.

8. Теория государство и права. Ч.I Теория государства. Под обще.ред. проф. А.Б. Венгерова. М.,1995, - С.157.

9. Государственная служба : учебник и практикум для академического бакалавриата / Борщевский Г. А. — М. : Издательство Юрайт, 2016. С.17-18.

10. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ СЛУЖБА В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

**САЪДИЕВ ИСМОИЛ ЗАРИФОВИЧ,**
кандидат юридических наук, доцент,
заведующий кафедрой административного права и государственной службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 555-58-55-52. E-mail: ismoil.s85@mail.ru

*В данной статье проводится анализ государственной службы в системе государственного управления. Государственная служба является центральной опорой системы государственного управления и одним из важнейших инструментов обеспечения эффективности государственного управления. Используя отечественную и зарубежную литературу, автор анализирует данную тему и определяет место государственной службы в системе государственного управления. В действительности, актуальность данной темы очевидна, его анализ и выводы необходимы и важны с научной точки зрения.*

***Ключевые слова:*** *государственная служба, государственный служащий, юридическая литература, законодательство, государственное управление, социальное управление, функция государственного управления, задача, государственный суверенитет, государственная власть, государственные органы.*

## PUBLIC SERVICE IN THE PUBLIC ADMINISTRATION SYSTEM

**SADIEV ISMOIL ZARIFOVICH,**
Candidate in Law, Associate Professor,
Head of Administrative Law and Civil Service Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 555-58-55-52. E-mail: ismoil.s85@mail.ru

*The article analyzes the civil service in the public administration system. The civil service is the central pillar of the public administration system and one of the most important tools for ensuring the effectiveness of public administration. The author analyzes this topic using domestic and foreign literature and determines the place of public service in the public administration system. Indeed, the relevance of this topic is obvious, and it is necessary and important to analyze and draw conclusions from a scientific point of view.*

***Key words:*** *civil service; civil servant; legal literature; legislation; public administration; social management; public administration function; objective; state sovereignty; state authority; state bodies.*

УДК: 347.4

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ ҲАМЛУ НАҚЛИ БОР ТАВАССУТИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

**АБУДҒАНИЗОДА БАХТИЁР АБДУҒАНӢ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 902-90-90-68. E-mail: bakt0820@mail.ru

*Ташкил ва ба роҳ мондани муносибатҳои шартномавӣ дар самти ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ унсури муҳимми ҳуқуқи гражданӣ, яъне молумулкиро соҳиб буда, ба таҳкими фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Ҳамчун масъалаҳои афзалиятнок дар низоми қонунгузории гражданӣ ва нақлиётӣ низ ин танзими ҳуқуқии шарномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ ба шумор меравад. Бо ин назардошт, дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар доираи назарияҳои илмӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ, инчунин санадҳои зерқонунӣ дар самти мазкур мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф аҳамияти шартномаро доир ба ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ муҳим ва аввалиндараҷа зикр нмуда, доир ба мафҳум, моҳият ва унсурҳои он таклиф ва назарияҳои асоснок пешниҳод намудааст. Ҳамин тариқ, баробари баррасӣ намудани паҳлуҳои алоҳида оид ба мафҳум ва унсурҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки ҳалли аввалиндараҷаи докриналӣ ва қонунгузориро талаб менамояд, ки аз нуқтаҳои зерин иборат аст. Шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ нақши асосиро дар таъмини гардиши мол дар низоми иқтисодӣ дошта, бо дигар падидаҳои хусусӣ – оммавии ҳуқуқӣ робитаи зиёд дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *мафҳум, шартнома, ҳамлу нақл, бор, шартномаи ҳамлу нақл, воситаи нақлиёти автомобилӣ, борфиристанда, борқабулкунанда (боргиранда).*

Муносибатҳои ҳуқуқие, ки ҳангоми ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар байни боркашон, борфиристанда ва борқабулкунанда ба вуҷуд меоянд, асосан муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошанд. Мувофиқи сархати 12 банди 1 Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон “бор - молест, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҳикистон барои ҳамлу нақл пазируфта шудааст” фаҳмида мешавад. Муносибатҳое, ки ба бори қабулшуда иртибот доранд, бевосита характери молумулкӣ дошта, предмети танзими ҳуқуқи автомобилӣ мегардад. Ҳамин тавр, бор ашёи манқули инфиродан муайян ва тавассути нақлиёти автомобилӣ интиқолшаванда мебошад.

Дар низоми заминаҳои бастани шартномаҳои боркашонӣ ҳангоми зарурати анҷом додани ҳамлу нақли мунтазам нақши шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақл калон мебошад. Шартнома дар бораи ташкил намудани ҳамлу нақли бор мувофиқи моддаи 817 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешавад. Аз рӯи он боркашон ва молики бор ҳангоми зарурати анҷом додани ҳамлу нақли мунтазам метавонанд оид ба ташкили ҳамлу нақл шартномаҳои дарозмуддат ба имзо расонанд [3, с. 93].

Ҳамлу нақлро дар адабиёти ҳуқуқӣ бо мафҳумҳои гуногун ифода мекунанд – «ҳамлу нақл», «шартномаи ҳамлу нақл», «шартномаҳо вобаста ба ҳамлу нақл», «ӯҳдадориҳои нақлиётӣ» ва ғайра. Вобаста ба истифодаи дурусти ин ё он мафҳуми мазкур доираи шартномаҳо низ дуруст муайян карда мешавад. Чунки аз паси ҳар як мафҳуми ҳуқуқӣ мазмуни муайян меистад ва истифодаи нодуруст бо он боиси муносибати нодуруст бо воқеият мегардад [10, с. 445].

Ҳамлу нақл дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» аз ду калимаи ба ҳам алоқаманд: «ҳамл» ва «нақл» иборат аст. Ҳамл барои иҷрои уҳдадориҳои нақлиётӣ маънои бурдан, интиқол додан ва бор карда бурдани чизеро дорад. Ҳамл дар забони тоҷикӣ – бардоштан, боркунӣ, яъне ҳамлкуниро мефаҳмонад. Калимаи нақл маънои васеъ дошта, фаҳмиши он ба сифати «воситаи аз ҷое ба ҷое кӯчидан, воситаи боркашӣ», ки бештар ба муносибатҳои боркашонӣ мувофиқ мебошад, фаҳмида мешавад. Истифодаи воситаи нақлиёт тарзи ҳамлкуниро муайян мекунад (кашида ё телла карда бурдани бор, мусофир ва бағоҷ), ки дар навбати худ муносибатҳои тарафҳоро ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ва қатъ мегардонад [17, с. 509].

Ҳамлу нақл асосан муносибатҳоро вобаста ба интиқоли мусофир, бор, муросилот ва бағоҷ фаро мегирад. Онро ба ду маъно фаҳмидан мумкин аст:

1) ҳамлу нақл ҳамчун ҳаракати техникӣ ва технологӣ оид ба интиқоли ҳудудӣ тавассути воситаи нақлиёт;

2) ҳамлу нақл ҳамчун муносибатҳои махсуси шартномавӣ, ки бо қонунгузории гражданӣ танзим шудаанд.

Қобили қайд аст, ки на ҳама интиқоли ҳудудӣ уҳдадориҳоро вобаста ба ҳамлу нақл ба вуҷуд меорад. Уҳдадориҳои ҳамлу нақл (1) бояд молӣ бошад, дар асосҳои музднокию баробарарзишӣ ба роҳ монда шаванд; (2) тарзи интиқол дар онҳо аҳаммият дорад (кашида ё тела карда бурдани бор уҳдадориҳои дигарро ба вуҷуд меорад); (3) қисми асосии онҳо тавассути интиқолдиҳандагони оммавӣ амалӣ карда мешаванд [14, с. 432].

Пас, уҳдадориҳои ҳамлу нақл чунин уҳдадориҳое мебошанд, ки мувофиқи он интиқолдиҳанда уҳдадор мешавад мусофир, бағоҷ ва ё борро ба нуқтаи таъйиншуда расонад, борфиристанда, мусофир ё дигар шахс уҳдадор мешаванд, ки барои амали мазкур маблағи пулии муайянро пардохт намоянд [13, с. 46].

Мафҳуми васеътар уҳдадориҳои нақлиётӣ вуҷуд дорад. Ин чунин уҳдадориҳое мебошанд, ки тибқи он як тараф (интиқолдиҳанда, истифодабаранда) уҳдадор мешавад ба тарафи дигар (борфиристанда, боргиранда, мусофир, соҳиби бағоҷ ва ғайра) амали ҳуқуқӣ ва ё воқеии муайянро оид ба хизматрасониҳои нақлиётӣ расонад, тарафи дигар уҳдадор мешавад, ки маблағи онро пардохт намояд. Зимнан ин хизматрасониҳо бо ҳамлу нақл алоқаманданд ё барои интиқол бо тарзи дигар нигаронида шудаанд.

Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми нисбатан васеъ ин мафҳуми шартномаҳои нақлиётӣ мебошад. Вале дар адабиёти ҳуқуқӣ шартномаҳои нақлиётӣ баъзан ба маънои маҳдуд низ истифода мешавад. Масалан, Т.Е. Абова ба шартномаҳои нақлиётӣ шартномаҳоеро мансуб медонад, ки интиқоли борҳоро муайян менамояд ё бо он робитаи зич дошта, борро ба нуқтаи таъйиншуда сари вақт ва ба таври дахлдор равон ва дастрас менамояд [1, с. 478].

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба мафҳуми шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар низоми қонунгузории гражданӣ ҶТ муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Дар асоси қ. 1 м. 805 КГ ҶТ [11] мафҳуми умумӣ ва ягонаи шартномаи ҳамлу нақли бор оварда шудааст, ки тибқи он боркашон барои бори аз ҷониби борфиристанда ба ӯ боваркардашударо ба маҳалли таъинот расонидан ва онро ба шахси барои гирифтани бор ваколатдор (боргиранда) супоридан вазифадор аст. Дар навбати худ, борфиристанда уҳдадор мешавад, ки барои ҳамлу нақли бор музди муайяншударо пардозад. Муқаррароти болозикри КГ ҶТ умумӣ буда, ҳамлу нақли борро тавассути нақлиёти ҳавоӣ, автомобилӣ ва роҳи оҳан фаро мегирад.

Дар маҷмӯъ дар доираи як мафҳум муқаррар намудани мафҳуми шартномаи ҳамлу нақли борро тавассути воситаҳои нақлиёт (ҳавоӣ, автомобилӣ ва роҳи оҳан)

баъзан муаллифон асоснок менамоянд. Аз ҷумла, ба андешаи Б.Л. Хаскельберг чунин тарзи ифоданамоии мафҳуми ҳуқуқӣ пурра асоснок мебошад, чунки «шарту тартиб ва ҷараёни ҳамлу нақлу боркашонӣ ва хизматрасонӣ ба мизоҷон дар ҳама намудҳои воситаи нақлиёт ба якдигар монанд мебошанд»[18, с. 32]. Борро, ки объекти ҳамлу нақли тавассути нақлиёти автомобилӣ мебошад, инчунин ҳамчун объекти чунин хизматрасонии музднок фаҳмидан мумкин аст.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки мафҳуми шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ бевосита дар банди 120 боби 6 ОНА ҶТ пешбинӣ гардидааст: ки “тибқи шартномаи ҳамлу нақли бор интиқолдиҳандаи автомобилӣ вазифадор мешавад, ки бори ба ӯ боварикардаи борфиристандагонро ба маҳали таъиншуда мерасонад ва ба шахси масъули борқабулкунанда (боргиранда) месупорад ва борфиристанда ӯҳдадор мешавад, ки барои ҳамлу нақли бор маблағи онро тибқи шартнома ё тариф пардозад” [16].

Яъне мафҳуми шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар ОНА ҶТ мутобиқи муқаррароти умумии дар КГ ҶТ (қ. 1 м. 805) пешбинишуда, расман кушода шудааст. Шояд ин таври муносибат танҳо бо мақсади ба вуҷуд наовардани мухолифат байни КГ ҶТ ва санадҳои локалӣ (аз ҷумла, ОНА ҶТ) сурат гирифта бошад, аммо дар ин мафҳум ҳам унсури дар муҳлати муайяншуда расонидани бор дарҷ нагардидааст.

Дар баробари ин, мафҳуми шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар Қоидаҳои ҳамлу нақли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки бо Фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2010, №3 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2010, №580 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст [12], муқаррар гардидааст. Тибқи банди 4 боби 2 Қоидаи мазкур “аз рӯи шартномаи ҳамлу нақли автомобилии бор интиқолдиҳандаи автомобилӣ ӯҳдадор мешавад, ки бори ба ӯ боваркардаи борфиристонандаро ба маҳали муқарраршуда расонида, онро ба борқабулкунанда ё шахси ваколатдори борқабулкунанда супорад, таъинотчии ҳамлу нақл бошад, маблағи бори интиқолшударо бояд дар ҳаҷми муқарраршуда, пардохт намояд.

Тартиб ва шакли бастани ин намуди шартнома, ки дар б. 120–215 ОНА ҶТ, пешбинӣ гардидааст, ба мазмун ва мундариҷаи қ. 2 м. 805 КГ ҶТ мутобиқат менамояд. Аз рӯйи мазмун додани бор ба интиқолдиҳанда тибқи КГ ин тасдиқи бастани шартномаи боркашонӣ мебошад.

Моддаи 2 КГ ҶТ ба он ишора менамояд, ки меъёрҳо оид ба боркашонӣ барои дигар навъҳои нақлиёт бояд ба меъёрҳои КГ ҶТ мутобиқ бошанд. Масалан, масъалаҳои мустақилона, мувофиқ ва муайян намудани шароитҳои интиқоли бор ба тарафҳо дода шудааст. Дар ин намуди шартнома, ки ба интиқоли бор тавассути нақлиёти обии баҳрӣ алоқаманд аст, аллакай хусусиятҳои консенсуалӣ ба мушоҳида мерасад. Мувофиқ ба меъёрҳои қонунгузорӣ тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки шарту талаботҳои шартномаи боркашониро мустақилона ба тариқи созиш муайян намоянд ва бо роҳи бастани созишнома ба матни он тағйиротҳо ворид намоянд, ки ин хусусият дар дигар намудҳои нақлиёт пешбинӣ нагардидааст. Аз ин рӯ бо мақсади муайян намудани талаботи ягона ва умумӣ барои бастан ва барасмият даровардани шартномаи ҳамлу нақли бор барои ҳама намудҳои нақлиёт (хусусан, роҳи оҳан) ва аз байн бардоштани мухолифат байни меъёрҳои КГ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ва локалӣ, чунин пешниҳод дорем: моддаи 805 КГ ҶТ дар таҳрири зерин аз нав қабул карда шавад:

«Моддаи 805. Шартномаи ҳамлу нақли бор

1. Тибқи шартномаи ҳамлу нақли бор боркашон уҳдадор мешавад бори аз ҷониби борфиристанда ба ӯ боваркардашударо дар муҳлати муқарраршуда, бо тарзи нигоҳдошт ва бо риоя намудани дигар шартҳои ҳамлу нақл, ба маҳалли таъйинот расонад ва онро ба шахси барои гирифтани бор ваколатдор (боргиранда) супорад ва борфиристанда бошад, уҳдадор мешавад, ки барои ҳамлу нақли бор музди муайяншударо пардозад.

2. Бастани шартномаи ҳамлу нақли бор бо борномаи нақлиёт, коносамент ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар қонунгузории нақлиётӣ муқаррар шудаанд, тасдиқ карда мешаванд».

Бо уҳдадорӣ оид ба ҳамлу нақл падидаи хариду фурӯш, аниқтар яке аз намудҳои он – шартномаи маҳсулотсупорӣ алоқамандии зич дорад. Ин нуқта дар қ. 1 м. 547 КГ ҶТ сабт гардидааст, ки тибқи он соҳибкор дар баъзе ҳолатҳо (ба истисноии интихоби бор) ба муносибатҳои уҳдадорӣ (шартномаи ҳамлу нақли бор) бо ташкилотҳои нақлиётӣ барои иҷроиши дахлдори уҳдадориҳои худ тибқи шартномаи маҳсулотсупорӣ ворид мешаванд. Инчунин, ҳамлу нақли бор бо шартномаи иҷора, нигоҳдошт, пудрат, суғурта ва ғайра алоқамандӣ дорад [13, с. 49].

Дар ин маврид, ба ақидаи В.Г. Баукин такя намудан айни муддао мебошад: «Ҳамлу нақл ҳамчун интиқоли «ҷисмонӣ»… робитаи зичро бо дигар муносибатҳои молумулкӣ ба миён меорад. Фаъолияти нақлиётиро… набояд, ки берун аз низоми гардиши тиҷоратӣ баррасӣ намуд» [4, с. 7].

Дар баробари ин, муаллиф оид ба шартномаи ҳамлу нақли бор ҳамчун зинаи марказӣ ва асосии тамоми низоми шартномаҳои нақлиётӣ сухан меронад. Таассурот пайдо мешавад, ки уҳдадориҳои аз шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ бавуҷудоянда, мавқеи асосиро дар низоми шартномаҳои баррасишаванда, ишғол менамояд. Шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар баробари шартномаҳои ёрирасони нақлиётӣ, барои танзими ягонаи раванди ҳамлу нақли бор дар нақлиёти мазкур равона гардидааст.

Ба ақидаи мо, шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилиро аз рӯйи оғози шартномавии худ, бояд ба гурӯҳи падидаҳои ҳуқуқи гражданӣ дохил намоем.

Зарурати ворид намудани ҳуқуқи нақлиётӣ ба ҳуқуқи гражданӣ барои муайян намудани усули батанзимдарории ҳуқуқӣ замина фароҳам меоварад. Возеҳ аст, ки муносибатҳои аз шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ бавуҷудоянда бояд дар асоси принсипҳои ҳуқуқи гражданӣ ташаккул ёбанд ва тибқи усулҳои он ба танзим даровarда шаванд, ки он яке аз воситаҳои муҳими ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ба ҳисоб меравад.

Аз рӯйи қоидаҳои умумӣ, ҳамлу нақли бор асосан бо иҷроиши уҳдадориҳои нақлиётӣ, ки аз мазмуни шартномаи ҳамлу нақли бор бармеояд, ба амал меояд. Вале бастани шартномаи мазкур заминаҳои ташкилӣ низ дорад. Барои бастани ин шартнома заминаҳои муайяни ташкилӣ лозим аст. Иҷрои ҳаракатҳое, ки бо ташкили ҳамлу нақл вобастаанд, бидуни мувофиқаи пешакӣ имконнопазир аст. Масалан, пеш аз он ки он шартнома баста шавад, шартҳо вобаста ба муҳлат, теъдоди зарурии нақлиёт, хислати бор ва ғайра бояд мувофиқа гардад. Ин заминаҳо дар ҳаракатҳои мутаносиби тарафҳо ифода меёбад: боркашон уҳдадор аст, ки воситаҳои нақлиёти коршоям ва барои интиқоли бори дахлдор муносибро фароҳам орад; борфиристанда бошад, борро барои борбардорӣ ва ҳамлу нақл пешкаш намояд (м. 811 КГ ҶТ).

Барои мувофиқа робитаи байни борфиристанда ва боркашон ва мувофиқан ҳалли масъалаҳои ташкилӣ зарур аст. Чунин раванди ташкилӣ дар шаклҳои муайяни ҳуқуқӣ

ифода меёбад. Заминаҳои ташкилии шартномаи ҳамлу нақли бор чунин шаклҳои ҳуқуқӣ доранд: [6, с. 437]

1) дархост (фармоиш) дар нақлиёти роҳи оҳан, баҳрӣ, автомобилӣ ва ҳавоӣ;

2) шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақли бор дар ҳама гуна намуди нақлиёт;

3) банақшагирии ҳамлу нақли бор.

Баҳсҳои давомнокро дар доктринаи ҳуқуқи гражданӣ масъалаи раванди бастани шартномаи ҳамлу нақли бори мушаххас ба миён меорад, ки он раванди пешниҳод, қабули дархост ё бастани шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақлро пеш мегузарад. Ба ақидаи Д.А. Медведев ва В.Т. Смирнов бастани шартномаи ҳамлу нақли бор мавҷудияти заминаҳои ташкилиро талаб менамояд, ки вазифаи асосии онҳо мувофиқа намудани шартҳои асосии ҳамлу нақл мебошад ва дар шаклҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1) дархост;

2) шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақл;

3) санадҳои нақшавӣ-маъмурӣ (дар ҳолатҳои махсуси пешбини–намудаи қонунгузорӣ) [6, с. 436-437].

Назар ба ақидаҳои В.Т. Смирнов ва К.Ф. Егоров, агар дархост ба ҳайси аҳд эътироф гардад, пас он бояд аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта бошад. Вале, нақши бастани он дар ташкили ҳамлу нақли бор, ба андешаи муаллифони зикргардида, характери батанзимдарории фавриро дорад [15, с. 7; 9, с. 7].

Ба ин гуфтаҳо В.А. Егиазаров низ мувофиқат дорад: «Пешниҳод намудани дархост аз ҷониби борфиристанда воқеан имкони иҷроиши раванди ҳамлу нақлро медиҳад. Дархост дар чунин ҳолат асос барои пайвасти раванди ҳамлу нақли бор мебошад ва тартиби иҷроиши ҳамлу нақли борро дар давраи мазкур аниқ менамояд. Воқеан, ин ҷо метавон оид ба батанзимдарории фаврии дархост сухан ронд, ки тавассути он оқибати бастани шартномаи ҳамлу нақли бор амалӣ карда мешавад» [8, с. 43].

Дар адабиёти соҳа асоснок намудани характери шартномавии муносибатҳои аз дархост баамалоянда ба назар мерасад. Масалан, Г.С. Гуревич зикр намуда буд, ки амалҳо оид ба пешниҳод, қабули дархост барои расидан ба созиши байни тарафҳо, яъне мувофиқати иродаи тарафҳо, равона гардида, характери шартномавиро доро мебошад [7, с. 47].

Д.А. Медведев ва В.Т. Смирнов дархостро ҳамчун басозишоӣ оид ба шартҳои асосии ҳамлу нақл эътироф намуда, мустақиман зинаи ибтидоии шартномавии онро тасдиқ менамоянд [6, с. 436].

Дар бораи хусусияти шартномавии муносибатҳо В.Г. Баукин масъалагузорӣ намуда, ӯ ба раванди амалҳои мазкур ва ҷараёни бастани шартномаи ҳамлу нақли бор мушахассот ворид намудааст [4, с. 67].

Аз баррасии асарҳои мансуб ба шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ метавон хулоса баровард, ки ҷиҳати назариявии ин мавзӯъ ҳамоно ниёз ба такмил ва омӯзиш дошта, дар аксари асарҳои ба ин соҳаи муҳим бахшидашуда, масъала ба таври бояду шояд арзёбӣ нагардидааст.

Боз як нишонаи дигари табиати ҳуқуқии шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки дар м. 809 КГ ҶТ оварда шудааст, хусусияти оммавӣ доштани он муқаррар гардидааст. Ҳамзамон аз диспозитсияи ин меъёри ҳуқуқи гражданӣ бармеояд, ки характери шартномаи оммавӣ касб намудани ҳамлу нақл дар нақлиёти истифодаи умум аз эътирофи он дар қонунгузории нақлиётӣ вобастагӣ дорад. Муқаррарот оид ба характери оммавӣ доштани шартномаи ҳамлу нақл тавассути нақлиёти автомобилӣ дар ОНА ҶТ вуҷуд надорад.

Аз раванди дар амалия татбиқ гардидаи муқаррароти мазкур миёни олимон солҳо боз дар масъалаҳои зиёд, аз ҷумла, оид ба вазъи ҳуқуқии барқабулкунанда, агар он борфиристанда набошад, баҳс ба миён омадааст. Оид ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқи гражданӣ ақидаи зиёд ҷой дорад. Борқабулкунанда дар бастани шартнома иштирок накарда, ҳуқуқи талаб карданро нисбати интиқолдиҳанда пайдо менамояд, пеш аз ҳама ин ҳуқуқи талаби супоридани бори ба маҳалли таъйинот расонида мебошад. Зиёда аз он, ба борқабулкунанда уҳдадориҳо (оид ба қабули бор, пардохти маблағ ва ғайра) вогузошта мешавад [5, с. 109].

Муҳтавои ин баҳсро ба таври зерин метавон арзёбӣ намуд. Нуқтаи назари аввал чунин аст, ки дар байни борфиристанда ва борқабулкунанда аз рӯйи уҳдадорӣ айният ба назар мерасад. Ба андешаи олимон борфиристанда ва борқабулкунанда байни ҳам аз рӯйи уҳдадории расонидани бор дар робита мебошанд, аз ин лиҳоз онҳо дар шартномаи ҳамлу нақл ба сифати субъекти ягона баромад менамоянд.

Ин нуктаро М.К. Александров – Дольник низ ҷонибдорӣ намудааст. [2, с. 22] Ба андешаи мо, ҷанбаи ҷолиби ин ақида ба муносибатҳои уҳдадории алоҳида тақсим намудани раванди ҳамлу нақл, яъне баръакс онро дар шакли муттаҳид, ба сифати ҳамлу нақли ягонаи бор дар мақсадҳои хоҷагӣ, соҳибкорӣ ва ғайра баррасӣ намудан мебошад. Ҳангоми роҳандозӣ намудани ин навъи ҳуқуқии шартномаи ҳамлу нақл ҷониби дуюм тарафи нисбатан тобеи шартномаи пудрат ё маҳсулотсупориро ишғол менамояд, вале бояд қайд намуд, ки шартномаи ҳамлу нақли бор – ин шартномаи мустақил мебошад, ки дорои хусусиятҳои ба худ хос, яъне таъйинот ва табиати ҳуқуқиро доро аст.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ доир ба ин масъала андешаи дигар низ мавҷуд мебошад, ки мувофиқи он борқабулкунанда субъекти мустақили шартномаи ҳамлу нақл ба ҳисоб меравад. Ин хулоса, дар навбати худ, мувофиқи муқаррарот бо дарназардошти махсусияти шартномаи ҳамлу нақл асос ёфтааст, яъне борқабулкунанда дар бастани шартнома иштирок накарда, субъекти мустақили он ба ҳисоб меравад. Ин андешаро М.А. Тарасов, Г.П. Савичев, А.Д. Кейлин, Г.С. Гуревич, М.Г. Масевич [15, с. 14] ва дигарон ҷонибдорӣ намудаанд. Дар баробари ин, бояд мадди назар дошт, ки шартномаи ҳамлу нақли бор ҳамчун шартномаи махсус ва бисёртарафа аз ҳам ҷудо нестанд. Масалан, Савичев Г.П., муқарраротро оид ба борқабулкунанда, ҳамчун тарафи мустақили шартнома, чунин баён менамояд: «Шартномаи ҳамлу нақл – шартномаест, ки дар он борқабулкунанда тарафи махсус ба шумор меравад. Ин сохтор бештар ба муносибатҳои аз ҳамлу нақл бавуҷудоянда ҷавобгӯ мебошад. Борқабулкунанда тарафи махсус дар шартномаи ҳамлу нақл мебошад, ӯ ҳарчанд дар бастани он иштирок нанамояд ҳам, вале ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайянро бар дӯш дорад. Ин вазъи махсуси борқабулкунанда дар шартнома асоси онро ба миён овард, ки дар асоси он шартномаи ҳамлу нақл шартномаи сетарафа ба ҳисоб меравад. Вақте доир ба намуди махсуси шартнома сухон меронем, мадди назар бояд дошт, ки борфиристанда ва борқабулкунанда шахсҳои гуногун ба ҳисоб меравand. Дар чунин ҳолатҳо шартнома уҳдадорӣ оид ба ҳамлу нақлро дар се тараф: борфиристанда, интиқолдиҳанда ва борқабулкунанда ба вуҷуд меорад. Чунин шартнома созиши се шахс ба ҳисоб меравад» [5, с. 110].

Аз омӯзиши масъала аён мегардад, ки шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан намуди махсуси шартнома буда, то ин ё андоза тамоми ақидаҳо ва нишонаҳои зикргардида ба мазмун ва сохтори он мувофиқ меоянд, вале онҳо ба меъёрҳои мазкур тааллуқ надошта, ҳангоми батанзимдарории муносибатҳо дар соҳаи раванди ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан бояд ба назар гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, баробари баррасӣ намудани паҳлуҳои алоҳида оид ба мафҳум ва унсурҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки ҳалли аввалиндараҷаи докриналӣ ва қонунгузориро талаб менамояд, ки аз нуқтаҳои зерин иборат аст. Шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ нақши асосиро дар таъмини гардиши мол дар низоми иқтисодӣ дошта, бо дигар падидаҳои хусусӣ – оммавии ҳуқуқӣ робитаи зиёд дорад. Робитаи зиёд, пеш аз ҳама бо шартномаи маҳсулотсупорӣ, иҷора, пудрат, нигоҳдошт, суғурта, экспедитсияи нақлиётӣ ва дигарон дорад, ки онҳо дар ҳолати мазкур характери истеҳсолӣ аз ҳамлу нақлро доранд. Дар баробари ин, шартномаҳои ёрирасони нақлиётиро бояд ҷудо намуд, ки онҳо асоси мустақили ҳуқуқиро доро буда, тибқи таъинот ва моҳияти худ барои таъмини раванди ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ равона гардидаанд.

Ҳамлу нақл тавассути нақлиёти автомобилӣ дорои заминаи пешакии ба созишои тавассути пешниҳод қабули дархост мебошад. Инчунин дар низоми ҳуқуқи автомобилӣ падидаҳои зиёде ба назар мерасанд, ки барои таъминин иҷроиши дахлдори ҳамлу нақли бори мушаххас равона гардидаанд. Табиати ҳуқуқии шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ имрӯз нишонаҳои асосии зеринро дорад: реалӣ; музднок; дутарафа; ба манфиати шахси сеюм; омехта; муҳлатнок.

Бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ мафҳуми шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилиро дар чунин шакл пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ аст: “Тибқи шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ интиқолдиҳандаи уҳдадор мешавад, ки бори ба ӯ боварикардаи борфиристандагонро ба маҳали таъиншуда расонад ва ба шахси масъули борқабулкунанда (боргиранда) супорад ва борфиристанда уҳдадор мешавад, ки барои ҳамлу нақли бор маблағи онро тибқи шартнома ё тариф пардозад”.

**Адабиёт**


1. Абова Т.Е. Правовое регулирование деятельности транспорта // Хозяйственное право: учебник // Под ред. В.В. Лаптева.– М., 1983. – 620 с.

2. Александров–Дольник М. К. Споры, вытекающие из отношений сторон в железнодорожных грузовых операциях.– М., 1955. – 240 с.

3. Бадалов Ш.К., Ғафуров А.Д., Сафаров Д.С., Сафаров А.И. Ҳуқуқи нақлиёт: васоити таълимӣ. – Душанбе, 2012. – 200 с.

4. Баукин В.Г. Правовое регулирование перевозок грузов железнодорожным транспортом: монография. – Хабаровск: Изд.–во ДВГУПС, 2004. – 180 с.

5. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Договоры о перевозке, буксировке, транспортной экспедиции и иных услугах в сфере транспорта. Книга четвертая. – М.: «Статут», 2002. .– 906 с.

6. Гражданское право: учебник. Том 2. Изд. четв., перераб. и доп. // Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого –М.: ООО «ТК Велби», 2003. – 848 с.

7. Гуревич Г.С. К вопросу о правовой природе договора перевозки грузов.// Ученые записки Кишиневского государственного ун. – та. Том 67 – Кишинев, 1968.– С. 36-47.

8. Егиазаров В.А. Транспортное право: учебное пособие.– М.: Юрид. лит., 1999.– 271 с.

9. Егоров К.Ф. Гражданско–правовая ответственность за невыполнение плана грузовых перевозок: автореф. дис... канд. юрид. наук. – Л., 1955.– 192 с.

10. Иоффе О.С. Избранные труды: В 4 т. Т. III. Обязательственное право. –СПб.: Изд.–во «Юридический центр Пресс», 2004. – 544 с.

11. Кодекси граждании ҶТ (қисми дуюм) аз 11 декабри соли 1999, №884 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 1999. №12. Мод. 323; 2002. №4, қ.1. Мод. 170; 2006. №4. Мод. 193; 2009. №12. Мод.821; 2010. №7. Мод. 540; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с., №849; Қонуни ҶТ аз 22.07.2013с. №977.

12. Қоидаҳои ҳамлу нақли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки бо Фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2010, №3 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2010, №580 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.01.2022).

13. Қудбудинов Ф.Ш. Масъалаҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. ... ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2019. – 174 с.

14. Медведев Д.А., Смирнов В.Т. Транспортные обязательства // Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т.2 / Отв.ред. А.П. Сергеев, Ю.К. Толстой. – М., 2006.– 642.

15. Смирнов В.Т. Правовое регулирование грузовых перевозок в СССР: автореф. дисс... докт. юрид. наук. – Л., 1970. – 39 с.

16. Оинномаи нақлиёти автомобилии ҶТ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2009, №696 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.01.2022).

17. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд // Зери таҳрири Шукуров Ш.М., Капранов В.К., Ҳошим Р., Маъсумӣ. Ҷилди II. П–Ҷ. Нашриёти «Сов. Энциклопедия». – М., 1969. – С. 725; Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. ҷилди II. О–Я. (Нашри дуввум) // Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – С. 509.

18. Хаскельберг Б.Л. Обязательство железнодорожной перевозки груза по советскому праву: автореф. дисс… докт. юрид. наук. – Томск, 1969. – 50 с.

## ПОНЯТИЕ И ПРИЗНАКИ ДОГОВОРА ПЕРЕВОЗКИ ГРУЗОВ АВТОМОБИЛЬНЫМ ТРАНСПОРТОМ

**АБДУГАНИЗОДА БАХТИЁР АБДУГАНИ,**
ассистент кафедры права и правоведения
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 902-90-90-68. E-mail: bakt0820@mail.ru

*Организация и установление договорных отношений в сфере перевозки грузов автомобильным транспортом является важным элементом гражданского права, т.е. собственности, и способствует усилению экономической и социальной деятельности граждан. Правовое регулирование договора перевозки грузов автомобильным транспортом является приоритетным вопросом в системе гражданского и транспортного законодательства. С учетом этого, в данной статье анализируются понятие и особенности договора перевозки грузов автомобильным транспортом в рамках научных теорий и положений законодательства, а также подзаконных актов в данной сфере.*

*Автор подчеркивая важность и первостепенность договора перевозки грузов автомобильным транспортом, предлагает обоснованные предложения и теории относительно его понятия, сущности и элементов. Таким образом, наряду с рассмотрением отдельных аспектов понятия и элементов договора перевозки грузов автомобильным*

*транспортом, также требуется первостепенное доктринальное и законодательное решение, состоящее из следующих моментов: Договор перевозки грузов автомобильным транспортом играет ключевую роль в обеспечении товарооборота в экономической системе и тесно связаны с другими частноправовыми и публично-правовыми явлениями.*

***Ключевые слова:*** *понятие; договор; перевозка; груз; договор перевозки; автомобильное транспортное средство; грузоотправитель; грузополучатель.*

## THE CONCEPT AND SIGNS OF THE CONTRACT OF CARRIAGE OF GOODS BY AUTOMOBILE TRANSPORT

**ABDUGANIZODA BAKHTIYOR ABDUGANI,**
Assistant of Law and Jurisprudence Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 902-90-90-68. E-mail: bakt0820@mail.ru

*The organization and establishment of contractual relations in the field of transportation of goods by automobile transport is an important element of civil law, i.e. property, and contributes to the strengthening of economic and social activities of citizens. Legal regulation of the contract for the carriage of goods by road is a priority issue in the system of civil and transport legislation. With this in mind, this article analyzes the concept and features of the contract for the carriage of goods by road within the framework of scientific theories and legal provisions, as well as by-laws in this area. The author emphasizes the importance and primacy of the contract of carriage of goods by road also offers reasonable assumptions and theories regarding its concept, essence and elements.*

*Thus, along with the consideration of certain aspects of the concept and elements of the contract for the carriage of goods by road, it is also required a preliminary doctrinal and legislative decision, consisting of the following points: Contract of carriage of goods by road play a key role in ensuring trade in the economic system and are closely related to other private law and public law phenomena.*

***Key words:*** *concept; contract; carriage; goods; contract of carriage; automobile; shipper; consignee.*

УДК:343.14(575.3)

# МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ МУФЛИСШАВИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

**АМИРЗОДА ФАРНУШ АМИР,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ.
E- mail: zaynidinzoda07@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаи мафҳум ва аломатҳои муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф дар доираи мақола кӯшиш намудааст, ки паҳлуҳои баҳсноки мавзуро кушояд. Қобили зикр аст, ки мафҳуми муфлисшавӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ равшании амиқи худро наёфтааст. Дар ин самт аз тарафи қонунгузор як қатор санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ қабул карда шудааст, ки ба таври умумӣ ба фаҳмиши муфлисшавӣ равшанӣ меандозад. Қайд кардан роиҷ аст, ки дар ҳар як давлати иҷтимоӣ, ки низоми иқтисодияш инкишофёфтааст яке аз элементҳои механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ ин қонунгузорӣ оид ба муфлисшавӣ мебошад. Ба монанди дигар соҳаҳои дониши инсонӣ қонунгузорӣ оид ба муфлисшавӣ дар кишвари мо ҳодисаи нисбатан нав мебошад ва аз ин рӯ ҷавоби мушаххасро ба саволҳои алоҳида талаб менамояд. Бояд зикр кард, ки институти ҳуқуқи муфлисшавӣ- институти комплексӣ буда, дарбаргирандаи меъёрҳои ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ; мурофиаи гражданӣ ва иқтисодӣ аст. Хусусияти ин инистут ба он муайян мегардад, ки амали он танҳо дар доираи иқтисоди бозори ба сатҳи муайяни инкишоф расида, имконпазир аст. Дар ин асно бояд гуфт, ки расмиёти муфлисшавӣ ин «табибӣ» иқтисодиёт аст, ки иштирокчиёни ғайрифаъоли муомилоти хоҷагидориро бартараф менамояд. Дар иқтисодиёти нақшавӣ ин институт нолозим буд. Корхонаҳои зараровар имконияти аз тарафи давлат дастгирӣ намуданро доштанд. Ҳамин тариқ эҳёшавии институти муфлисшавӣ дар давлати мо баъд аз гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ имконпазир гардид.*

***Калидвожаҳо***: *шахси ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, муассис, корпоратсияҳо, муфлисшавӣ, расмиётҳо, аломатҳо, иштирокчии муносибатҳои иқтисодӣ.*

Муссалам аст, ки проблемаи муфлисшавӣ дар фазои иқтисодии имруза яке аз проблемаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар адабиётҳои ҳукукӣ ва иқтисодӣ имруз тафсири мафҳуми муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби муаллифон бо маънoҳои гуногун пешниҳод карда шудааст, ки дар маҷмуъ моҳияти ҳуқуқии онро дар бар мегиранд. Тазаккур бояд дод, имруз муфлисшавӣ яке аз ҳолатҳои барҳам додани субъектҳои муносибатҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ зери мафҳуми муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ имконияти эҳтимолии ҳалли низоъе, ки байни шахси ҳуқуқӣ, кредиторон, контрагентон ва ҳайати шахсии он ба вуҷуд омадааст, фаҳмида мешавад. Одатан, ҳалли чунин низоъҳо ба таври қонунӣ ҳал карда мешавад, зеро қонунгузорӣ манфиатҳои кредиторонро ҳифз намуда, ба онҳо имконият медиҳад, ки пул ё дороиҳои вобастаро бо роҳҳои зерин баргардонанд чунончӣ: ҷорӣ намудани идоракунии муфлисшавӣ, фурӯши як қисми амвол ва дигар чораҳо оид ба азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо.

Ҳамзамон мафҳум ва аломатҳои муфлисшавӣ дар як қатор санадҳои меъёри ҳуқуқӣ аз ҷумла Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Муфлисшавӣ” муайян карда шудааст, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ меандозад. Дар ин бобат қонуни Џумҳурии Тоџикистон дар бораи муфлисшавӣ аз 8 декабри соли 2003 қабул карда шудааст, ки моҳияти пурраи мавзуи мазкурро дар худ таџассум менамояд.[1] Тибқи муқаррароти моддаи 4 қонуни мазкур муфлисшавӣ – аз тарафи қарздор дар ҳаџми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба

уҳдодориҳои пулӣ ва ё иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ки аз ҷониби суд эътироф шудаанд ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст. Дар баробари мафҳум аломатҳои муфлисшавӣ низ муайян карда шудааст, ки тавассути он моҳияту фаҳмиш ва дарки муфлисшавӣ омухта мешавад.

Ҳамин тавр тибқӣ талаботи қонуни дар боло зикр гардида - шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ҳамчунин шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барои қонеъ намудани талабҳои кредиторн аз руи уҳдадориҳои пулӣ ва ҳамчунин иҷрои пардохтҳои ҳатмии ба буҷет аз ҳисоби амволи онҳо воридшаванда қодирнабуда ҳисобида мешаванд, агар чунин уҳдадориҳо аз тарафи онҳо дар давоми се моҳ аз лаҳзаи эътибор пайдо карданашон иҷро карда нашаванд ва агар маблағии умумии уҳдадориҳояшон аз арзиши амволи ба онҳо тааллуқдошта зиёд бошад. Ғайр аз ин бояд зикр намуд, ки меъёрҳои ҳуқуқи муфлисшавӣ дар мавридҳое истифода бурда мешавад, ки шахси воқеъи ва ё шахси ҳуқуқӣ уҳдадориҳои пулии худро иҷро намекунанд ё андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмиро пардохт намекунанд.

Дар қонунгузории бархе аз кишварҳои хориҷӣ низ ҷиҳати муайян намудани аломатҳои муфлисшавӣ маҳаки адонашаванда будани қарз ба инобат гирифта мешавад. Татбиқи чунин маҳак дар амалия ба он оварада мерасонад, ки баҳри оғоз намудани истеҳсолоти муфлисшавӣ кредиторҳо, бояд далелҳоеро пешниҳод намоянд, ки аз барзиёд будани ӯҳдадориҳои қарздор нисбат ба амволи фаъолашон гувоҳӣ диҳанд.

Ба таври мисол метавон аз қонунгузории якчанд давлатҳои хориҷа истифода бурд, ки барои ифшо намудани паҳлуҳои баҳсталаби масъалаи мазкур равшанӣ меандозад. Масъалан дар Олмон барои оғоз намудани истеҳсолоти муфлисшавӣ Қонун талаби амволи кофиро дорад, ки барои рӯйпӯш намудани хароҷотҳои кори муфлисшавӣ басанда бошанд. Асоси умумии оғоз намудани чунин корҳо ғайриқобили пардохт шудани субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Ба сифати маҳаки иловагӣ зиёд будани ӯҳдадориҳои қарздор аз арзиши амволӣ онҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки Қонун ба сифати яке аз аломатҳои муфлисшавӣ ҳаҷми минималии қарзи субъектро эътироф менамояд. Аз ҷумла, расмияти муфлисшавӣ нисбат ба шахси ҳуқуқии қарздор дар он ҳолате оғоз карда мешавад, ки агар талаботи кредиторҳо дар маҷмӯъ 10% арзиши сармояи ойинномавии шахси ҳуқукро ташкил диҳад ва нисбати шаҳрванди – қарздор бошад, на камтар аз пансад ҳадди ақали музди кор мебошад.

Сабти қонунии ҳаҷми минималии талаботҳои кредиторҳо чунин маъно дорад, ки ҳуқуқи кредиторҳо бинобар мавҷуд будани талаботҳои муайяншудаи минималӣ метавонанд ҳимоя карда шаванд, ҳангоми вуҷуд надоштани онҳо механизми ҳимояи ҳуқуқи кредиторҳо татбиқнашаванда аст.

Ҳамзамон ин чунин маъно надорад, ки ҳангоми татбиқ намудани расмиятҳои муфлисшавӣ ҳуқуқи кредиторҳое, ки ҳаҷми талаботи онҳо аз ҳаҷми талаботи минималии бо қонун муқаррааргардида камтар бошад, ҳимоя карда намешаванд.

Якум, талаботи минималии кредиторҳо на бо назардошти ҳуқуқи кредитори алоҳида, балки аз ҳисоби маҷмӯи талаботи кредиторҳо, ки ҳаҷми талаботи ҳар кадоми онҳо аз ҳаҷми минималии бо қонун муқаррааргардида камтар мебошад, муқаррар карда мешавад.

Дуюм, маҳдудияти бо Қонун «Дар бораи муфлисшавӣ» муқаррар кардашудаи ҳаҷми минималии талаботҳо танҳо ба талаботҳои кредитори – аризадиҳанда дахл доранд, ки барои оғоз намудани расмиятҳои муфлисшавӣ зарур мебошанд. Пас аз оғоз намудани механизми муфлисшавӣ, инчунин талаботи дигар кредиторҳое ба

инобат гирифта мешаванд, ки ҳаҷми талаботи онҳо аз ҳаҷми минималии бо қонун муқарраргардида камтар мебошад.

Дар замони ҳозира муаммои муайян намудани ҳаҷми минималии талаботҳо ба вуҷуд омадааст, ки ҳам ба манфиати кредиторҳо ва ҳам ба манфиати қарздор мувофиқ бошад. Як қатор муаллифон тарафдори зиёд намудани он мебошанд. Аз он ҷумла, П.Д.Баренбойм таклиф менамояд, ки ҳаҷми талаботҳо то 2-3 ҳазор ҳадди ақали музди кор зиёд карда шавад. Дигарон зарурати бо қонун муқаррар намудани талаботҳоро зери шубҳа гузошта, қайд мекунанд, ки чунин ҳолат дар адабиётҳои ҳуқуқии Британияи Кабир кайҳо ҷой дошт ва таҷрибаи онҳо баракси гуфтаҳои боло мебошад. Ҳадди минималӣ ҳеҷ гоҳ ҳаҷми ҳақиқӣ ва доираи муфлисшавиро таҷассум карда наметавонад.

Ба фикри гурӯҳи дигари олимон, ҳаҷми минималии қарзе, ки ба сифати шарти асосии оғоз намудани мурофиаи муфлисшавӣ дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст, пурра асоснок мебошад. Дар баробари ин, заруриати татбиқи тафриқавии муайян намудани ҳаҷми қарздориро вобаста ба ҳолати ҳуқуқӣ ва намуди субъекти фаъолияти соҳибкорӣ қайд менамоянд.

Дар баробари ин қайд кардан роиҷ аст, ки зерсохтҳои муфлисшавӣ чунин ҳолатҳоро дар бар мегиранд:
- худмуфлисшавӣ, инчунин муфлисшавии ба нақша гирифташуда (агар ташкилот худи муфлисшавиро пешниҳод кунад)
- муфлисшавии сохта;
- муфлисшавии барқасдона ва ғайраҳо.

Бояд зикр намуд, ки доир ба мафҳум ва тарзу усулҳои муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ дар моддаи 66-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шудааст, ки масъалаи мазкурро ба таври пурра ифшо менамояд. Чунончӣ тибқи муқарраротҳои моддаи 26 кодекси мазкур ду намуди муфлисшавӣ: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ҷой дорад.[6]

Асос барои муфлис эълон намудан ва ихтиёрона барҳам додани қарздор, қарори мақомоти шахси ҳуқуқӣ шуда метавонад, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дорои чунин ваколатҳо мебошад. Ҳамин тариқ, вобаста ба шакли ташкилӣ – ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ қарор аз ҷониби мақомоти ваколатдори он ва нисбати корхонаҳои воҳиди давлатӣ аз ҷониби молики онҳо қабул карда мешавад. Табдили ӯҳдадориҳо ба меъёрҳои КГ ҶТ дар бораи бекор намудани шартномаҳо, оқибати онҳо ва баргардонидани тавони зарар (м.м.15,423, 482, 485), ба меъёрҳои ӯҳдадориҳо бинобар бойшавии беасос (боби 56) ва инчунин ба қоидаҳои пешбининамудаи моддаҳои 428 ва 436 КГ ҶТ асос меёбанд.

Мувофиқи моддаи 428 ГК ҶТ ҳангоми аз ҷониби қарздор иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба тайёр кардан ва ба моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ супоридан ё додани мол ба истифодаи кредитор, ё ба манфиати ӯ иҷро намудани кори муайян ё расонидани хизмат, кредитор ҳақ дорад иҷрои ӯҳдадориро дар мӯҳлати мувофиқ, бо нархи муносиб ба шахси сеюм супорад ё онро бо қувваи худ иҷро кунад ва агар аз қонун, дигар асноди ҳуқуқӣ, шартнома ё моҳияти ӯҳдадорӣ тартиби дигаре бар наояд, аз қарздор ҷуброни хароҷоти зарурии масрафшуда ва дигар зиёнро талаб намояд.

Дар моддаи 436 ГК ҶТ сухан дар бораи гузаронидани мӯҳлат аз ҷониби қарздор меравад, ки мутобиқи он:

- қарздоре, ки мӯҳлати иҷрои ӯҳдадариро гузаронидааст, дар назди кредитор барои зиёни аз гузаронидани мӯҳлат расида ва барои оқибати тасодуфе ҷавобгар мебошад, ки он аз гузаронидани мӯҳлат фаро расидааст;

- агар дар натиҷаи гузаронидани мӯҳлат аз ҷониби қарздор иҷрои ӯҳдадорӣ барои кредитор манфиаташро гум карда бошад, ӯ метавонад қабули иҷрои ӯҳдадориро рад кунад ва ҷуброни зиёнро талаб намояд;

-то замоне, ки ӯҳдадорӣ бо сабаби мӯҳлатро гузаронидани кредитор иҷро нагардад, қарздор мӯҳлатро гузаронида ҳисоб намеёбад.

Дар баробари ин, ба фикри як қатор муаллифон ҳолати алоҳидаи бо қонун муқаррар кардашудаи имконияти табдили ӯҳдадориҳои шартномавиро қайд кардан зарур аст, масалан, нисбат ба шартномаи хариду фурӯш бо шарти пешпардохти мол мувофиқи моддаи 523 КГ ҶТ. Мувофиқи мазмуни ин меъёр, дар ҳолате ки фурӯшанда маблағи пешпардохтро гирифтааст, вале ӯҳдадории хешро оиди пешниҳоди мол иҷро накардааст, харидор ҳуқуқ дорад, таҳвили мол ё баргардонидани маблағи пулиро талаб намояд. Ҳамзамон аз лаҳзаи пешниҳод намудани талаби баргардонидани маблағи пешпардохт ва дар сари вақт аз ҷониби фурӯшанда иҷро карда нашудани онҳо – нишонаи муфлисшавии фурӯшанда мебошад[1].

Ҳамин тариқ, ҳангоми ҷой доштани шартҳои муайян, кредиторҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои ғайрипулӣ низ метавонанд мурофиаи муфлисшавии қарздорро оғоз намоянд.

Ҳангоми муайян намудани аломатҳои муфлисшавӣ қарзҳои бо асосҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнатии ҶТ, аз ҷумла, қарзҳои музди меҳнат ба инобат гирифта намешаванд.

Яке аз масъалаҳои дигар ин бевосита уҳдадориҳои пулӣ мебошал. Ӯҳдадориҳои пулӣ намуди алоҳидаи ӯҳдадориҳои ҳуқуқи-граждании буда, хусусияташон дар предмети онҳо таҷассум меёбад. Маврид ба зикр аст, ки чунин ӯҳдадориҳо шартномавӣ ва ғайришартномавӣ шуда метавонанд. Дар ба вуҷуд омадани ӯҳдадориҳои пулӣ нақши асосиро бевосита шартнома ташкил медиҳад.[4] Дар ин раванд маҳз масъалаи уҳдадории пулӣ дар хусуси қонеъ карда натавонистани талабҳои кредиторон, ба сифати аломати асосии муфлисшавӣ баромад мекунад.

Ба сифати аломати дигари муфлисшавӣ ин иҷро карда натовонистани пардохтҳои ҳатми дар назди буҷет ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми уҳдадориҳои пулӣ аз рӯӣ талаби кредиторон дар он ҳолат муқарраршуда ҳисобида мешавад, ки он бо ҳалномаи суд ё ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандае, ки дар онҳо қарздор ин талабҳоро эътироф намудааст, тасдиқи худро пайдо намуда бошад. Дар баробари ин ҳаҷми уҳдадориҳои пулӣ дар сурати аз тарафи қарздор дар муҳлатӣ муайян гардида баён накардани радия муқарраршуда ҳисобида мешавад. [7]

Ва ниҳоят ба сифати аломати ниҳоии муфлисшавӣ ин аз тарафи суди иқтисодӣ муфлис эътироф намудани субъекти хоҷагӣ мебошад.

Ӯҳдадориҳои ғайрипулӣ мутобиқи қонунгузорӣ оиди муфлисшавӣ ба инобат гирифта намешаванд. Дар амалия муаллифон ӯҳдадориҳои бо маҳсулотсупорӣ, иҷрои кор ва расонидани хизмат алоқаманд, яъне ӯҳдадориҳои ғайрипулӣ ва табдили онҳоро ба ӯҳдадориҳои пулӣ мавриди муҳокима қарор додаанд.[8] Тибқи санади меъёри ҳуқуқии дар боло зикр гардида шахси ҳуқуқие, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул мебошад, ба истисноии корхонаҳои махсуси давлатӣ, агар қобилияти қонеъ гардонидани талаботи

[1] Ниг.: Трайнин А.Ф. Несостоятельность и банкротство / А.Ф. Трайнин. - С-Пб.: Тип. Акц. Общ-ва «Слово», 1913. С. 34.

кредиторонро бо сабаби нокифоягии дороиҳои бозоргир надошта бошад онгоҳ мумкин аст муфлис эълон карда шавад.

Пас дар ин ҳолат чунин бармеояд, ки хатари муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми надоштани тавозуни нокифоя хело калон аст. Тавре, ки ба субъектони хоҷагӣ маълум аст ташкили шахси ҳуқуқиро аз ибтидо маҳз фаъолияти тиҷоратӣ ташкил медиҳад. Дар ин маврид маълум мегардад, ки ҳангоми ворид шудан ба муносибатҳои тиҷоратӣ ва бозаргонӣ хама шахсон новобаста аз намуди фаъолияташон аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ бояд хатари муфлисшавиро ба инобат гиранд.

Ҳамин тариқ, муфлисшавии сохта ва барқасд ба ҷавобгарии маъмурӣ, ва ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Аммо, бояд қайд кард, ки дар амалия татбиқ намудани стандартҳои мавҷудаи муфлисшавии ҷиноӣ мушкилоти муайянеро ба вуҷуд овард. Асоси муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ ин муфлисшавии он, яъне қобилияти қонеъ накардани талаботи кредиторон мебошад. Барои оғоз намудани мурофиаи муфлисшавӣ ба суди ҳакамӣ аризаи дахлдор барои муфлис эълон кардани он пешниҳод карда мешавад. Агар суд аризаро дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор қабул кунад, он гоҳ ширкат бояд якчанд марҳилаи муфлисшавиро гузарад ва суд инчунин мудири арбитражро ( яъне аз тарафи ҳакамҳо ҳал карда шудани масъалаҳое, ки ба суд дахл надоранд ) таъин мекунад, ки марҳилаи муфлисшавии шахси ҳуқуқиро идома медиҳад.

Дар ин бобат олими рус Карелина С.А, чунин пешниҳод менамояд, ки ба марҳилаҳои муҳими муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ якчанд ҳолатҳо вуҷуд дошта метавонанд, ки ҳар яке аз онҳо вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд чунончи: [5]

- мушоҳида: зарурати таҳлил ва омӯзиши вазъи душвори молиявӣ дар корхона;
- таъин ва кори мудири арбитражи беруна, ки тамоми фаъолиятҳоро назорат мекунад ва барои ҳифзи молу мулк дар ҷараёни мурофиа масъул аст;
- идоракунии парвандаи берунӣ: функсияҳои идоракуниро мутахассиси тарафи сеюм, ки тибқи тартиби судӣ таъин шудааст, иҷро мекунад;
- мурофиаи муфлисшавӣ: марҳилаи мазкур инвентаризатсияи пурра ва татбиқ намудани имконоти пардохти қарзро пешбинӣ мекунад.

Лозим ба ёдоварист, ки мӯҳлати барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ бо тартиби пурра аз 12 моҳ иборат аст. Оқибатҳои муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ бартарии қудрати пардохти қарзҳо ба кредиторон мебошад. Чунин вазъ ба роҳбарияти ширкат имкон медиҳад, ки хатари пардохтро аз ҳисоби худ ба таври ниҳоӣ кам кунад. Тибқи натиҷаҳои мурофиаи муфлисшавӣ, он чунин аст:

- ба маблағҳои қарзӣ ҷарима ҳисоб карда намешавад, роҳбарони ширкатҳо танҳо пардохти муайянро талаб мекунанд;
- манъкунӣ аз ҳисобҳои ширкат хориҷ карда мешавад, ки дар натиҷа пардохти озод аз қарз оғоз мешавад.

Дар баробари ин бояд қайд кард, ки инчунин барҳамдиҳии давлатӣ низ мавҷуд аст - кормандон ҳангоми ихтисор ё барҳамдиҳии ширкат, ки дар дафтарчаи меҳнатӣ нишон дода шудааст, аз кор озод карда мешаванд. Дар якқатор адабиётҳои ҳуқуқӣ доир ба масъулаи мазкур дарҷ карда шудааст, ки  муассисон саҳмияҳои худро дар ширкат гум мекунанд - ба талафот дучор мешаванд, зеро сармояи оинномавӣ ва амвол барои пардохти қарз истифода мешаванд.

Чунин раванд ягона лаҳзаҳои нохуш барои муассисон ва менеҷерон нестанд - ин ҳама аз фаъолият ва вазъи молиявии ширкат вобаста аст. Аммо, барои менеҷерон, муфлисшавӣ роҳи ягонаи пешгирӣ кардани ҷавобгарии ҷиноӣ ва маъмурӣ мебошад. Аксар вақт, пас аз ба охир расидани расмиёт, парвандаи судӣ барои шахси ҳуқуқӣ боз карда мешавад. Натиҷаи асосии муфлисшавии шахси ҳуқуқии ширкат ин бекор

кардани қарзҳо мебошад. Тазаккур бояд дод, ки оғози расмиёти муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ мутобиқи мақсадҳои зерин сурат мегирад:

- андешидани тадбирҳои зиддибӯҳронӣ, ки қобилияти пардохтпазириро барқарор намуда, шахси ҳуқуқиро аз ҳолати муфлисшавӣ бароварда метавонанд;
- ӯҳдадориҳои қарзи худро тавассути фурӯши амвол (эҳтимолан тарҳ кардани ҳиссаи сармояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ) пардохт кунад;
- пардохти пурраи ҳамаи ӯҳдадориҳо тавассути расмиёти муфлисшавӣ.

Дар ин самт ҳадафҳо ва фаъолиятҳои аввалиндарача чунинад, ки ба баргардонидани вазъи мӯътадили молиявӣ ба шахсони ҳуқуқӣ кумак мекунанд. Ба сифати ҳадафи дуввум дар расмиёти муфлисшавӣ бевосита пардохти қарзи кредиторӣ баромад мекунад. Бояд зикр намуд, ки дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оиди масъалаи расмиётҳои муфлисшавӣ ягонафикрӣ вуҷуд надошта, диққати кам дода шудааст. Масъалан ба ақидаи пешниҳоднамудаи Медведев П. « расмиятҳои муфлисшавӣ маҷмӯи ҳама чораҳое мебошад, ки нисбати қарздорони муфлис истифода мешавад». Расмиятҳои муфлисшавӣ, чун қоида дар парвандаи муфлисшавӣ ягона мебошад ва барои ҳамин ҳама чораҳои дар қонунгузории муфлисшавӣ пешбинишударо, ки баррасии парванда оид ба муфлисшавиро танҳо дар ҳолати аз ҷониби суд татбиқ намудани расмияти одии муфлисшавӣ нисбати қарздори барҳамхӯранда ва мавҷуднабуда ҳамроҳӣ мекунад, ифода мекунад. Дар баробари ин расмияти муфлисшавӣ аз ҷониби суди иқтисодӣ дар давоми баррасии парванда оид ба муфлисшавӣ ҷорӣ намудани маҷмӯи амалҳои пайдарпай ва чораҳои ҳуқуқии дар қонунгузории оиди муфлисшавӣ пешбинигардида мебошад, ки вазъи махсуси қарздор, кредиторони он ва дигар шахсонро барои ба мақсади муайяни қонун расидан муқаррар мекунад. [9]

Натиҷаи расмии тамоми расмиёти муфлисшавӣ инҳоянд:

- қарори расмӣ аз ҷониби суди ҳакамӣ қабул карда шуда нусхаи аслии он ба соҳиби ширкат, ва нусхаҳо ба ҳамаи шахсони манфиатдоре, ки дар ин раванд ширкат варзидаанд супорида мешавад;
- хориҷ кардани ширкати муфлисшуда ба сифати шахси ҳуқуқӣ аз феҳристи умумии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ки дар натиҷа мақомоти андоз бо тасвири мӯҳри мақоми андоз дар маҳалли бақайдгирии ширкат тасдиқ карда мешавад;
- қатъи ҳама гуна ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва даъвоҳои молиявии шахсони сеюм.

Муфлисшавӣ ин тартибест, ки ҳангоми пурра қонеъ гардонидани талаботи кредиторон молу мулк ва тамоми дороиҳои корхона (шахси ҳуқуқӣ) амалӣ карда мешаванд. Барои оғози он муҳим нест, ки қарзи кӣ ба миён омадааст - бонк, кормандон, мизоҷон, шарикон - шахсони ҳуқуқӣ ё мақомоти давлатӣ.

Мутаассифона, ташкилоти муфлисшавӣ барои пӯшонидани қарзи қарздор ё ҷамъоварии талабҳои кредиторон одатан истифода намешавад. Дар ин самт маълум мешавад, ки усули самараноки тағйир додани моликияти созмонҳо ин канорагирӣ аз қарз ва аксар вақт роҳи халосӣ аз андозҳо ва пардохтҳои маҷбурӣ мебошад.

Мувофиқи гуфтаҳои дар боло овардашуда, расмиёти муфлисшавӣ метавонад мушкилоти зиёдеро, ки дар натиҷаи пешбурди тиҷорат ба вуҷуд меоянд, ҳал кунад. Аммо на ҳама вақт имкон дорад оғози ин усулро талаб кунанд. Муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ чун бақайдгирии ширкатҳои нав маъмул аст. Бозор ва шароити он мунтазам тағйир меёбанд ва мутаносибан, бояд низоми дақиқи қонунҳо барои дохилшавӣ ва баромадан аз тиҷорат вуҷуд дошта бошад.

**Адабиёт**

1. АМОҶТ с. 2003, №12, мод. 674; с.2008, №10, мод. 813; с. 2009, №5, мод. 317
2. Баренбойм П.Д. Правовые основы банкротства. Учебное пособие. М.: 1995. С.25.
3. Васильев Е.А. Правовое регулирование конкурсного производства в капиталистических странах. Учебное пособие. М.: 1989. С.44.
4. Витрянский В.В. Новое законодательство о несостоятельности (банкротстве)//Хозяйство и право. 1998. №3. С.39.
5. Карелина С.А. Правовые основы банкротства. Учебное пособие. М.: 1995. С.25.
6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми умумӣ м.66 – 22. - Душанбе, 2000.
7. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе, 2019. С. 264-265.
8. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ.- Душанбе, 2015. – С. 110-115.
9. Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълими. Қисми 1. –Душанбе, 2009. - С. 219-222.

## ПОНЯТИЕ И ПРИЗНАКИ БАНКРОТСТВА ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ

**АМИРЗОДА ФАРНУШ АМИР,**
ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права
Таджикского национального университета,
734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
E- mail: zaynidinzoda_07@mail.ru

*В статье анализируются проблемы понятия и признаков банкротства юридических лиц. В контексте статьи автор попытался раскрыть спорные аспекты темы. Следует отметить, что понятие банкротства в юридической литературе не разъясняется в полном объеме. Законодательным органом принят ряд нормативных правовых актов в этой сфере, которые в общем проливают свет на понятие банкротства. Следует отметить, что в любом социальном государстве с развитой экономической системой одним из элементов механизма правового регулирования рыночных отношений является законодательство о банкротстве. Как и в других областях человеческих знаний, законодательство о банкротстве в нашей стране является относительно новым явлением и поэтому требует конкретных ответов на конкретные вопросы. Отмечается, что институт права о банкротстве является комплексным институтом, охватывающим нормы гражданского права, трудового права, административного права и уголовного права; в том числе гражданского и экономического процесса. Характер этого института определяется тем, что его функционирование возможно только в условиях рыночной экономики, достигшей определенного уровня развития. В этой связи следует отметить, что процедуры банкротства представляют собой «лечебную» экономику, устраняющую неактивных участников хозяйственных отношений. В условиях плановой экономики этот институт был ненужным. Убыточные предприятия имели возможность получить государственную поддержку. Таким образом, возрождение института банкротства в нашей стране стало возможным после перехода к рыночной экономике.*

***Ключевые слова:*** *юридическое лицо, индивидуальные предприниматели, учредитель, корпорации, банкротство, процедуры, признаки, участники экономических отношений.*

## THE CONCEPT AND SIGNS OF BANKRUPTCY OF LEGAL ENTITIES

**AMIRZODA FARNUSH AMIR,**
Assistant of the Department of Entrepreneurial and Commerce Law
of the Law Faculty, Tajik National University,

734025, Dushanbe, 17, Rudaki ave.
E-mail: zaynidinzoda_07@mail.ru

*This article analyzes the issues of concept and signs of bankruptcy of legal entities. In the context of the article, the author has tried to reveal controversial aspects of the topic. It should be noted that the concept of bankruptcy has not been fully clarified in the legal literature. The legislative body has adopted a number of legal regulations in this area that generally shed light on the concept of bankruptcy. In every social state with a developed economic system, one of the elements of the mechanism of legal regulation of market relations is the legislation on bankruptcy. As in other fields of human knowledge, bankruptcy legislation in our country is a relatively new phenomenon and therefore requires specific answers to specific questions. It is noted that the Institute of Bankruptcy Law is a complex institution that covers the norms of civil law, labor law, administrative law and criminal law; civil and economic proceedings. The nature of this institution is determined by the fact that its operation is possible only in a market economy that has reached a certain level of development. In this regard it should be noted that bankruptcy procedures are a "medical" economy that eliminates inactive participants in economic relations. This institution was unnecessary in a planned economy. Unprofitable enterprises had the opportunity to receive government support. Thus, the revival of bankruptcy institution in our country became possible after the transition to a market economy.*

***Key words:*** *legal entity, individual entrepreneurs, founders, corporations, bankruptcy, procedures, signs, participants in economic relations.*

УДК: 343.2

# ҶАЗОИ ЯКУМРА АЗ ОЗОДӢ МАҲРУМ СОХТАН: ТАЪИН ВА ИҶРОИ ОН ҲАНГОМИ МАҶМУИ ҶИНОЯТҲО МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## (мушкилоти қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ)

**АБДУЛЛОЗОДА ҶАМОЛИДДИН АБДУЛЛО,**
унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 933-24-36-36. E-mail: Abdullozoda1985@gmail.com

*Мақолаи мазкур ба мавзуи ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан: таъин ва иҷрои он ҳангоми маҷмуи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, ба мушкилотҳои қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ дар ин соҳа бахшида шудааст. Муҳимияти мавзуи мазкур бо он зоҳир мегардад, ки якумра аз озодӣ маҳрум сохтан барои содир гардидани ҷиноятҳои махсусан вазнин таъин мегардад, аз ин лиҳоз он яке аз институтҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақола мушкилоти зерин, аз қабили: бемуҳлат будани ҷазои мазкур; ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл будани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан; принсипи гендерӣ доштани таъини ҷазои мазкур ва бо тартиби шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод нагардидани шахсе, ки нисбаташ ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин карда шудааст, муҳокима карда шудааст. Иловатан аз ҷониби муаллиф барои ҳал намудани мушкилоти вуҷуддошта дар институти ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан: таъин ва иҷрои он ҳангоми маҷмуи ҷиноятҳо ва мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба масъалаи зикршуда сабабу шароитҳои иловагии асоснок пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, таъин ва иҷрои ҷазо, алтернативаи ҷазои қатл, маҷмуи ҷиноятҳо вапринсипи дарбаргирӣ.*

Дар шароити кунунии рӯз то рӯз зиёд шудани сатҳи содиршавии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ҷазои ҷиноятӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ яке аз василаҳои асосии ҷавоби давлат нисбат ба ин зуҳуроти номатлуби хавфноки ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Карл Маркс ҳанӯз дар асри 18 ба маврид қайд намудааст, ки ҷазо ҳамчун як воситаи худмуҳофизатии ҷомеа нисбат ба вайронкунандаи шароити мавҷуда мебошад [1, с.8 ].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи содиршавии ҷиноятҳои махсусан вазнин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тамоюли зиёдшавиро касб намудааст, ки ба ин муносибат муҳимияти мавзуъ бо он асоснок мегардад, ки таъсири таъини ҷазо дар намуди якумра аз озодӣ маҳрум сохтан аввалан бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содиршавии ҷиноятҳои махсусан вазнин ва ретсидиви ҷинояткорӣ равона карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 26 январи соли 2021 дар ин хусус қайд намуданд, ки ‹‹Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш

овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем»[2].

Далолати гуфтаҳои боло ин маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки мутобиқи он танҳо аз соли 2010 то 2020 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 52059 ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир гардидааст, ки ҳолати мазкур нигаронкунанда мебошад[3]. Ин нишондиҳанда дар ҳолест, ки ҳамсола теъдоди зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба ҳолатҳои кор ва кирдори содиршуда нисбат ба гунаҳкорон ҷазои ҷиноятии сазовор таъин карда мешаванд.

Барои дилхоҳ таҳқиқот аломати муҳимро манбаи эмпирикӣ, ки ҳамчун асос барои таҳқиқоти фарогири илмӣ мебошад, ташкил медиҳад, зеро он имконият медиҳад, ки ҳангоми омӯзиш тахминҳо, хулоса ва пешниҳодҳои худро нисбат ба ин масъала мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот намоем.

Дар мақолаи мазкур ба сифати манбаи маводҳои эмпирикӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, КИҶҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ҳукмҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва ҳукмҳои суди ш.Душанбе бо парвандаҳои мушаххас вобаста ба таъин ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо истифода бурда шудаанд.

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 аз пайи бунёд намудани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гардида, дар ин асно ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро тавассути Конститутсияи худ арзиши олӣ эътироф намуд[4, с.8].

Қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 ба Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва ба Протоколи иловагӣ ба Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳамроҳ гашта, дар худ ӯҳдадорӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба қонунгузории миллиро қабул намуд, ки дар натиҷа Тоҷикистон ҳамчун як узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ самти гуманизатсияи иҷрои ҷазои ҷиноятиро интихоб намуд.

Бояд ёдовар шуд, ки КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар м.м. 104 қ.2, 138 қ.3, 179 қ.3, 398 ва 399 пешбини шудаанд, дар баробари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ҳамзамон ҷазои қатлро пешбинӣ намуда, қаблан ин намуди ҷазои сангин аз ҷониби судҳо таъин ва иҷро мегардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 30 апрели соли 2004 изҳор намуданд, ки «Маҳдуд намудани ҷазои қатл амали хело назаррас аст, аммо нисба ба ҳаёти инсон бояд муносибати башардӯстона сурат гирад.Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ ва дахлнопазир буда, дар миёни онҳо ҳуқуқ ба ҳаёт мавқеи хоса дорад.Воқеан ҳуқуқи ҳаёт арзиши табиӣ буда, ҳеҷ кас ҳақ надорад касеро аз ин ҳуқуқ маҳрум созад. Бо назардошти андешаҳои боло доир ба татбиқи ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маратория эълон карда мешавад»[5].

Дар ин замина, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз 15 июли соли 2004, №45 татбиқи ҷазо дар шакли ҷазои қатл

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар м.м. 104 қ.2, 138 қ.3, 179 қ.3, 398 ва 399-и КҶ муқарраршуда ва инчунин иҷрои ҷазои қатл ва дигар қоидаҳои вобаста ба он, ки дар м.м. 19, 21, 23, 25, 78, 100, 127, 129, 131, 133, 214-222-и КИҶҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, боздошта шуд.

КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м.47 номгӯи мукаммали намудҳои алоҳидаи ҷазоро пешбинӣ намудааст, ки аз ҷониби суд метавонад нисбат ба шахсе, ки кирдори ҷамъиятиро содир намудааст, таъин намояд. Дар қатори онҳо ба сифати намуди ҷазои асосӣ бо ҷудо намудани шахс аз ҷомеа, метавонад ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин таъин гардад.

Мавқеи ҳуқуқии якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҳамчун намуди алоҳидаи ҷазои ҷиноятӣ дар давраи амали КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои муҳимро аз сар гузаронида, гарчанде ки мақоми комилан алоҳидаи ҷазоро ба даст оварда бошад ҳам, аммо вобастагии худро аз ҷазои қатл гум накард. Зеро КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан якумра маҳрум сохтан аз озодиро ба сифати намуди алоҳидаи ҷазо пешбинӣ намекард.

Бо пайдо шудани зарурият ва бо мақсади пурра намудани холигии қонунгузорӣ дар ин ҷода, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 марти соли 2005, №86 ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нави 58 (1) ворид карда шуда, мутобиқи он дар КҶ ҷазои нав дар намуди якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шуд, ки он танҳо ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, таъин карда мешавад[6].

Дар марҳилаи муосири рушд ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ яке аз ҷазоҳои сангин на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар давлатҳои хориҷа низ, ки ба ҷазои қатл мораторияи эълон намудаанд, ба шумор меравад.

Яке аз мушкилотҳои дигар ин раванди гендерии таъини ҷазои якумра аз озоди маҳрум сохтан мебошад. Қонунгузории ҷиноятӣ бо такя ба принсипи инсондӯстӣ таъин намудани ҷазои якумра аз озоди маҳрум сохтанро нисбат ба занон, инчунин шахсони то синни ҳаждаҳсолагӣ ҷиноят содирнамуда ва мардоне, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукм аз тарафи суд ба шастусесолагӣ расидаанд, манъ намудааст. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки таъин намудани ҷазои мазкур танҳо нисбати мардони аз 18 то 63 сола имконпазир аст.

А.А.Арсёнова дар ин масъала бар он ақида мебошад, ки маҳдудияти таъин намудани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан нисбати шахсони болозикршуда бо принсипи адолат ва инсондӯстӣ аз ҷумла, бо дарназардошт ва ба эътиборгирии омилҳои итиҷмоии синну сол, физиологии шахсони гуногун ва бо мақсади таъмини пурра ва мақсадноки масъалаҳое, ки дар назди ҷазои ҷиноятӣ дар давлати демократӣ-ҳуқуқӣ гузошта шудаанд, асоснок мегардад [7, с.10-17 ].

Назари К.В.Дядюн дар ин масъала чунин мебошад, ки раванди гендерӣ бояд бо татбиқи принсипҳои адолат, баробарӣ ва инсондӯстӣ мувофиқ буда, мувозинати онҳоро халалдор насозад. Аммо маҳдудияти таъин намудани ҷазои мазкур нисбати баъзе аз шахсон аз рӯи хусусиятҳои биологиашон (ҷинсият), қонунгузор принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, конститутсионӣ ва умумиро вайрон намуда, бартариро ба манфиати стереотипҳои гендерӣ додааст [8, с.27-33].

Яке аз мушкилоти дигар ин ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл ба шумор рафтани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан мебошад. Аз муқаррароти қ.1-и м.58[1] –и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки суд ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро танҳо ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан

вазнин метавонад таъин намояд. Ҳол онки дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раводиди м.м.104 қ.2, 138 қ.3, 179 қ.3, 398 ва 399 -и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҷазои қатл ҳамчунин якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ба сифати ҷазои асосии мустақил пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи м.48-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҳамчун ҷазои асосӣ ба ҳисоб рафта, он ба сифати алтернативаи ҷазои қатл пешбинӣ нашудааст, ки дар ин маврид байни муқаррароти м.м.48 ва 58[1] –и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифати ҷиддӣ ҷой дорад. Ҳолати мазкур бояд аз ҷониби мақомоти қонунгузор бо ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қ.1-и ба м.58[1] –и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф карда шавад.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки ба қ.1-и м.58[1] –и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, он дар таҳрири зерин пешбинӣ карда шавад.

***«Моддаи 58[1]. Якумра аз озодӣ маҳрум сохтан***

*Якумра аз озодӣ маҳрум сохтан барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, таъин карда мешавад».*

Муқарророти қ.1-и м.388-и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.11-и Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, №1084 пешбинӣ намудааст, ки ҳукми суд, ки эътибори қонунӣ пайдо намудааст, барои ҳамаи корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ буда, дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба иҷро расонида шавад[9].

Аз ин хотир, ҳукми суд, ки дар асоси он ба маҳкумшуда ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин карда шудааст, дар муҳлати 10 шабонаӯр аз лаҳзаи гирифтани нусхаи ҳукм аз ҷониби маҳкумшуда, эътибори қонунӣ пайдо намуда, аз ҷониби муассисаҳои ислоҳии СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди иҷроиш қарор мегирад.

Мувофиқи м.58-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.м.133 ва 134-и КИҶҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкумшудагоне, ки барояшон ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин гардидааст ё ҷазои қатл тибқи тартиби бахшиши ҷазо ба маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст, ҷазоро дар колонияҳои ислоҳии низомашон сахт адо мекунанд. Маҳкумшудагони мазкур: а) дар шароити изолятсияи (ҷудонигоҳдорӣ) қатъӣ дар биноҳои навъи камера нигоҳ дошта мешаванд; б) метавонанд барои хариди озуқаворӣ ва маводи мавриди ниёз аз маблағи дар ҳисобномаи шахсӣ доштаашон бе маҳдудият харҷ кунанд; в) дар тӯли сол ба се мулоқоти кӯтоҳмуддат ва ду мулоқоти дарозмуддат ҳуқуқ доранд; г) ҳуқуқ доранд бе маҳдудият фириста, дастовез ва баста гиранд; д) аз гаштугузори ҳамарӯза бо давомнокии ду соат истифода баранд.

Дар мавриди надоштани муҷозот барои вайрон кардани қоидаҳои муқарраршудаи адои ҷазо ва муносибати софдилона ба меҳнат бо гузаштани на камтар аз нисфи муҳлати адои ҷазо маҳкумшударо ба шароити беҳбудигардонидашудаи нигоҳдошт гузаронидан мумкин аст. Дар ин сурат маҳкумшудагон: а) дар биноҳои муқаррарии истиқоматӣ нигоҳ дошта мешаванд; б) дар тӯли сол ба таври иловагӣ ба се мулоқоти кӯтоҳмуддат ва ду мулоқоти дарозмуддат ҳуқуқ доранд[10].

Мушкилот дар он аст, ки ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан бе муҳлат мебошад, яъне он то лаҳзаи марги маҳкумшуда адо карда мешавад.Дар марҳилаи адои ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, алалхусус дар марҳилаи аввали адои ҷазо бисёре аз маҳкумшудагон ба шароити сахти нигоҳдорӣ бе имкониятӣ озодшавӣ

рубару шуда, онҳоро ҳиссиёти сахти ноумедӣ ва даст задан ба худкшуӣ фаро мегирад.[11, с.148-150]

Мушкилоти дигар дар он аст, ки агарчанде қонунгузории ҷиноятӣ дар м.76-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудани маҳкумшудагоне, ки барои ҷинояти махсусан вазнин маҳкумшударо бо адо намудани на камтар аз чор се ҳиссаи ҷазо иҷозат диҳад, аммо дар б.«а»-и қ.7-и моддаи мазкур нисбат ба шахсе, ки бароят ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин карда шудааст, шартан пеш аз муҳлат озод шуданро манъ намудааст.

Дар муқоиса ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қ.5-и м.79 КҶ Федератсияи Россия пешбинӣ шудааст, шахсе, ки ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро адо менамояд, метавонад шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда шавад, агар аз ҷониби суд муайян карда шавад, ки ӯ барои минбъадаи адои ҷазо муҳтоҷ набуда, воқеъан на кам аз 25 сол ҷазоро адо намудааст [12].

Таъини ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Масъалаи тартиб ва таъини ҷазоро аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки дар ин мавриД аз ҷониби суд принсипи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнин татбиқ мегардад.

Мувофиқи қ.4-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда ҷазои қатл таъин карда шавад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои қатл таъин карда мешавад.

Принсипи мазкур ҳолати ягонае мебошад, ки интихоб ва таъини ҷазои ниҳоӣ на аз категорияи ҷиноятҳои содиршудаи ба маҷмӯъ дохилшаванда, балки аз ҷазои таъиншуда барои маҷмӯи ҷиноятҳо вобастагӣ дорад.

Масалан, дар асоси ҳукми Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2003 дар баробари дигарон ба маҳкумшуда «С» бо қ.2-и м.186-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири 1961) ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 15 сол бо мусодираи амвол, бо б. «г,д,н»-и м.104-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири 1961) ҷазои истисно, яъне қатл, бо б. «г,д,н»-и м.104-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири 1961) ҷазои истисно, яъне қатл, бо қ.1-и м.134[1]-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири 1961) ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 10 сол ва бо б. «б,в»-и қ.2-и м.249-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири 1998) ҷазои истисно, яъне қатл муқаррар гардида, бо дастрасии қ.3-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ба «С» ҷазои ниҳоӣ, ҷазои истисно, яъне қатл таъин карда шудааст[13].

Агар ба ҳукми мазкур назар афканем, муайян карда мешавад, ки Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ниҳоиро дар намуди қатл бо татбиқи қ.3-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудааст, ҳол он ки дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири пештара аз санаи 21 майи соли 1998 дар қ.3-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби таъини ҷазои ниҳоӣ дар намуди қатл пешбинӣ нашуда буд. Таъини ҷазои қатлро ба сифати ҷазои асосӣ танҳо м.59-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири пештара аз санаи 21 майи соли 1998 пешбинӣ намуда буд.

Пас аз ин бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 майи соли 2004, №35 ҳолати мазкур бартараф карда шуда, ба м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 4 бо мазмуни зайл; «агар барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда ҷазои қатл таъин карда шавад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои қатл таъин карда мешавад» тағйирот ворид карда шуд.

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем, бо пайдо шудани зарурият дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз санаи 1 марти соли 2005, №86 ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нави 58 (1) ворид карда шуд.

Айни замон дар таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқ қ.4-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир шудани маҷмӯи ҷиноятҳо дар сурати таъин шудани ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ истифода бурда мешавад, гарчанде, ки дар қисми моддаи мазкур чунин муқаррарот ҷой надошта, он ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл истифода бурда мешавад.

Масалан, бо ҳукми суди ш.Душанбе ба «Т» аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо б.«а»-и қ.3-и м.138-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ва бо б.«а»-и қ.4-и м.139-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 20 сол муқаррар карда шуда, бо дастрасии қ.4-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро дар бар гирифтани ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ба «Т» ҷазои ниҳоии якумра маҳрум сохтан аз озодӣ бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии низомаш махсус таъин карда шудааст[14].

Аз ҳукми мазкур дида мешавад, ки суд ҳангоми муайян намудани ҷазои ниҳоӣ муқаррароти қ.4-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастрас намуда, ҷазои ниҳоиро бо роҳи ҷазои сабукро дар бар гирифтани ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намудааст, ҳол он ки қ.4-и м.67-и Кодекси мазкур на ҷазои вазнинро дар бар гирифтани ҷазои якумра, балки ҷазои сабукро дар бар гирифтани ҷазои қатл пешбинӣ намудааст. Бояд ёдовар шуд, ки санксияи қ.3-и м.138-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар ҷазоҳо ҳамчунин ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодиро низ пешбинӣ намуда, суд маҳз ҷазои мазкурро таъин намудааст, на ҷазои қатлро.

Қаблан дар қ.4-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароте пешбинӣ шуда буд, ки «агар барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин карда шавад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин карда мешавад», аммо баъдан ба он тағйирот ворид карда шуда, минбаъд ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои қатл имконпазир мебошад, ки ҳолати мазкур дар таҷрибаи судӣ мушкилотро ба вуҷуд меоварад, яъне суд меъёри моддиеро татбиқ менамояд, ки дар он ин муқаррарот умуман пешбинӣ нашудааст.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки қ.4-и м.67-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

*«агар барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда ҷазои қатл таъин карда шавад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои қатл таъин карда мешавад. Дар сурати барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда таъин гардидани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин мегардад».*

Бояд қайд кард, ки дар муқоиса ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррарот дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Украина бевосита пешбинӣ шудааст.

Хулоса ҳангоми таҳқиқоти мазкур муайян гашт, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи таъин ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ва ҳамзамон ҳангоми таъини ҷазои мазкур аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо дар таҷрибаи судӣ низ як қатор мушкилотҳо ҷой доранд, ки онҳо бояд ҳар чи зудтар ба тариқи ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба КҶ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф карда шаванд.

**Адабиёт**


1.Карл Маркс Смертная казнь.-Памфлет Кобдена. Мероприятия английского банка.К.Маркс// New-York Dally Tribune-1853-№3695-С.54

2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021 с. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 1.02.2021).

3.Маълумотномаи омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2021, №14/3-575.

4.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

5.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 30.04.2002 с. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 19.03.2022).

6.Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Манбаи дастрасӣ: URL: http: //mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.03.2022).

7. Арсёнова А.А. Проблемы института пожизненного лишения свободы в Российском уголовном праве/А.А.Арсёнова//Наука, Общество, Государство.-2017-Т.5-№4 (20).-С. 10-17.

8.Дядюн К.В. Смертная казнь: плюсы и минусы в современном обществе/К.В.Дядюн//UniversumЭкономика и юриспруденция.—2015-№7 (18).-С.27-33.

9.Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Манбаи дастрасӣ: URL: http:// mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.03.2022), Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, №1084 [Матн]-Душанбе:Хирадмандон, 2021.-187 с.

10.Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.03.2022).

11.Нешитая О.Н. Проблемы применения в виде пожизненного лишения свободы в Российской Федерации/О.Н. Нешитая, О.Н. Баженов// Право: современные тенденции:матер. Междунар.науч.конф. (г.Краснодар, февраль 2016.).-[Манбаи электронӣ]- Манбаи дастрасӣ: URL: http://stykrf.ru (санаи муроҷиат: 5.04.2022).

12. Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия аз 13.06.1996, № 63-ФЗ (ред. Аз 16.10.2019) [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи муроҷиат: 5.04.2022).

13.Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2003 // Парвандаи ҷиноятии №2–3/03, С-1– 195.

14.Бойгонии Суди шаҳри Душанбе барои соли 2020 // Парвандаи ҷиноятии №1– 338/2020.

# ПОЖИЗНЕННОЕ ЛИШЕНИЕ СВОБОДЫ: ЕГО НАЗНАЧЕНИЕ И ИСПОЛНЕНИЕ ПРИ СОВОКУПНОСТИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В СООТВЕТСТВИИ С УГОЛОВНЫМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## (проблемы законодательства и судебной практики)

**АБДУЛЛОЗОДА ДЖАМОЛИДДИН АБДУЛЛО,**
соискатель кафедры уголовного права и противодействия с коррупцией
Таджикского национального университета,
председатель суда Яванского района Хатлонской области,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел: +933 24 36 36; E- mail:Abdullozoda1985@gmail.com

*Данная статья посвящена теме пожизненного лишения свободы: его назначению и исполнению при совокупности преступлений в соответствии с уголовным законодательством Республики Таджикистан, в том числе, проблемам законодательства и судебной практики в этой области. Актуальность данной темы проявляется в том, что пожизненное лишение свободы назначается за совершение особо тяжких преступлений, поэтому считается одним из важных институтов уголовного права. В статье обсуждаются такие проблемы, как:* бессрочность *данного вида наказания; пожизненное лишение свободы как альтернатива смертной казни; гендерный принцип назначения данного вида наказания и не* применение условно-досрочного *освобождения от отбывания наказания лица, в отношении которого назначено пожизненное лишение свободы. Также автором были представлены обоснованные дополнительные причины и условия для решения существующих проблем в институте пожизненного наказания лишения свободы: его назначение и исполнение при совокупности преступлений и совершенствование уголовного законодательства по данному вопросу.*

***Ключевые слова:*** *пожизненное лишение свободы, назначение и исполнение наказания, альтернатива смертной казни, совокупность преступлений и принцип* поглощения.

# LIFE IMPRISONMENT: ITS SENTENCING AND EXECUTION OF A SET OF CRIMES IN ACCORDANCE WITH THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

## (problems in legislation and judicial practice)

**ABDULLOZODA JAMOLIDDIN ABDULLO,**
Applicant of Criminal Law and Anti-Corruption Department of the
Tajik National University,
Chairman of the Yovon district Court of Khatlon region,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone: +933 24 36 36; E-mail:Abdullozoda1985@gmail.com

*This article is devoted to the life imprisonment: its sentencing and execution cumulative crimes in accordance with the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, as well as the problems of legislation and judicial practice in this area. The relevance of this topic is manifested in the fact that life imprisonment is sentenced for the commission of particularly serious crimes; therefore it is considered as one of the important institutions of criminal law. The article discusses such problems as: the indefinite duration of this type of punishment; life imprisonment as an alternative to the death penalty; the gender principle of the sentencing of this type of punishment and the non-application of conditional early release from serving a sentence of a person in respect of whom a life sentence has been imposed. Also, the author presented reasonable additional reasons and conditions for solving existing problems in the institution of life imprisonment: its sentencing and execution in case of a combination of crimes and the improvement of criminal legislation on this issue.*

***Keywords:*** *life imprisonment, the sentencing and execution of punishment, alternative to the death penalty, cumulative crimes and the principle of absorption.*

УДК:375

# ФУНКСИЯҲОИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

**РАҲИМОВ ИЛҲОМ МАҲМАДОВИЧ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.:(+992) 934-08-43-22. E-mail : ilhom@mail.ru

*Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ё худ мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот яке аз падидаҳои муҳим дар низоми давлатдории мутамаддин арзи ҳастӣ менамояд. Таҷрибаи дохили давлатӣ ва хориҷи кишвар далолат аз он мекунанд, ки нақши ин ниҳод дар ташкил ва идораи маҳалҳои алоҳидаи давлат, ки аз марказҳои шаҳру ноҳияҳо дур қарор доранд, назаррас мебошад.*

*Дар ин самт бо мақсади амалӣ намудани вазифа ва мақсадҳои дар назди ин ниҳод гузошташуда, тибқи қонунгузорӣ самтҳои асосии фаъолияти он ё худ функсияҳои он муқаррар гардидааст, барои самаранокии фаъолияти аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили ин масъала ва пешбинӣ намудани роҳҳои такмил ва таҷдиди онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад, мақолаи мазкур таълиф гардида, дар доираи функсияи муайяни мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҳлил гузаронида шудааст. Инчунин, ҷиҳати такмили минбаъдаи функсияҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ таклифҳо пешниҳод гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *функсия, ваколат, мақомот, аҳолӣ, вазифа, давлатдории мутамаддин, худидоракунии маҳаллӣ, қонунгузорӣ, ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти халқӣ, Конститутсия, анъанаҳои миллӣ.*

Яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии Тоҷикистон ин устувор нигоҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ки ҷавҳари онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки дар ҷомеаи демократии мутамаддин аз инсон дида арзиши воло мавҷуд намебошад ва мавҷудияти давлат, қабули қонунҳо ва қабули барномаҳои стратегии рушди давлатӣ маҳз бо иштирок ва ба манфиати инсон алоқамандии зич дорад.

Мувофиқан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст, ки ифодаи худро дар муқаррароти моддаи 5-и он дарёфтааст. Дар моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, муқаррар гардидааст, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Инчунин моддаи 27-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд.

Худидоракунии маҳаллӣ ин ниҳоди халқӣ ва зарурии иҷтимоӣ аст, ки дар инкишофи муттасили ҷомеа мақом ва нақши фаъол дорад. Худидоракунии маҳаллӣ шакли ҳокимияти халқиест, ки тавассути он таҳкиму такмили ниҳодҳои ҷамъиятӣ таъмин мегардад. Аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш худидоракуниро дар сатҳи зарурӣ истифода менамояд. Раванди амалинамоии

худидоракунӣ мураккабу пурҷараён аст ва масъалаҳои мухталифро пеш мегузорад. Ҳал намудан ё ба инобат гирифтани онҳо талаби замон аст. Махсусан дар замони ҳозира, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро мақсади хеш қарор додааст, рӯ овардан ба худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун воситаи муфиди ҳалли масъалаҳои муҳими маҳаллӣ, умуман инкишофи ҷомеа амри воқеӣ аст. Ҳолати зайл аҳаммияти омӯзиши худидоракунии маҳаллиро дар шароити имрӯза, навъу шаклҳои зоҳиршавии онро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ рӯзмарра мегардонад. Аз ин хотир, дарки амиқу фаҳми дурусти моҳияту хусусияти худидоракунии маҳаллӣ дар амалишавии ҳокимияти халқӣ аҳаммияти воқеӣ пайдо намудааст[11].

Тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот"[1] шаҳрак ва деҳот - воҳиди маъмурию ҳудудӣ мебошад, ки дар ҳудуди он худидоракунӣ бевосита ва ё ба воситаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ мешавад. худидоракунии шаҳрак ва деҳот бошад, ин фаъолияти аҳолии шаҳрак ва деҳот мебошад, ки бевосита ё ба воситаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҳти масъулияти худ барои ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аҳамияти маҳаллидошта, бо назардошти манфиатҳои умумиҷамъиятӣ, анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои маҳаллӣ, амалӣ мегардад.

Худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад. Тибқи Қонуни мазкур мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот - Ҷамоат (Ҷамоати шаҳрак ва Ҷамоати деҳот) мебошад, ки аз ҷониби интихобкунандагони шаҳрак ва деҳот интихоб шуда, масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро дар доираи ваколатҳои худ ҳал мекунад. Он шахсони ҳуқуқӣ буда, аз рӯи усули ҳудудӣ ташкил меёбанд ва фаъолияти онҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ сурат мегирад. Ҳуқуқи иштирок дар ташкил ва фаъолияти мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот ба шаҳрвандони ҶТ, ки синнашон ба 18 расидааст ва дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот истиқомат мекунанд, дода шудааст. Ҷамоат шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳри мудаввар мебошад, ки дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи пурраи Ҷамоат тасвир меёбад. Танзими ҳуқуқии фаъолияти Ҷамоат мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи мақомоти давлатӣ сурат мегирад (м. 3 Қонуни мазкур).

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷумлаи ниҳодҳое ба ҳисоб меравад, ки дар рушд ва таъмини сиёсати давлатӣ накши муҳим дорад. Тавре Алексис де Токвил - асосгузори илми худидораи маҳаллӣ менависад: "Халқ сарчашмаи ҳокимият дар ҷомеа мебошад, лекин танҳо ӯ дар ҷамоат ин ваколати худро амалӣ карда метавонад. Илми пешрафта ва пешқадам аз мактаби ибтидоӣ оғоз мегардад, давлати мутараққӣ аз сатҳи худидораи маҳаллӣ ибтидо мегирад. Бе ниҳодҳои ҷамоавӣ миллат метавонад ҳукумати озодро созмон бидиҳад, лекин он озодии воқеиро касб карда наметавонад. Шарти якум ва асосии бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ин фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди асосҳои худидораи маҳаллӣ мебошад"[4].

Пайдоиш ва ташаккули мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таърихи тулонӣ дорад. Муҳокимаҳо дар бораи табиати худидоракунии маҳаллӣ тақрибан ду аср боз идома доранд, аммо баҳс сари мушкилоти асосӣ то ҳол ҳалли ягона пайдо накардаанд. На ҳама назарияҳо ва таърифҳои моҳияти худидоракунии маҳаллӣ бо ташкили муосири худидоракунии маҳаллӣ мувофиқат мекунанд. Аммо барои мутахассисони ин соҳа, инчунин барои онҳое, ки ҳуқуқи худидораи маҳаллиро аз давраи ташаккули он меомӯзанд, имкони муқоисаи тарҳи ватании худидораи маҳаллӣ бо раванди ислоҳоти ҷамъиятӣ, ки аллакай санҷида ва татбиқ карда шудааст, таваҷҷуҳи

хоса дорад. Муҳокимаҳо ва нуқтаҳои назари гуногун оид ба мафҳум ва табиати ҳуқуқии худидоракунии шаҳрак ва деҳот зиёданд, ки вобаста ба он танҳо қайд кардан кифоя аст, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ниҳоде ба ҳисоб меравад, ки тибқи шартномаҳои маъмурӣ[2] ваколатҳои алоҳидаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро дар маҳалҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, аз номи давлат баромад менамоянд ва ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар шакли “қарор” доранд, ки дар ҳудуди Ҷамоатҳои дахлдор амал менамоянд. Бинобар сабаби оне, ки мавзӯи таҳлили мо ба масъалаи функсияҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бахшида шудааст, минбаъд доир ба ин масъала равшанӣ хоҳем андохт.

Функсия аз калимаи лотинии “functio” манша гирифта, маънои “равон кардан, фаъолият” мебошад. Функсияи ҳама гуна падидаи иҷтимоӣ ҳамчун воситаи мутобиқшавӣ ба ҷамъият, амаликунандаи мутобиқшавӣ дар он ва эҳтиёҷоти муайяни ҷомеа эътироф мегардад.

Масъалаи функсияи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар адабиёти илмӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳим ба ҳисоб рафта, дар доираи он мақола ва рисолаҳои илмӣ омода ва таълиф гардида истодаанд. Дар фарқият аз соҳаи илм дар Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” дар бораи функсияи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот чизе гуфта намешавад. Танҳо дар боби 2 Қонуни мазкур, ки “Ташкил, ваколатҳо ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ном дорад, дар бораи ваколатҳои Ҷамоят дар соҳаи фаъолияти он; дар соҳаи иқтисод ва молия; дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа; дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳити зист. Ҳамзамон дар моддаи 14 Қонуни мазкур ишора ба ваколатҳои алоҳидаи вогузоршаванда давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мешавад, ки тибқи он ваколатҳои вогузоршаванда ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот инҳо мебошанд:

- мусоидат дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ;
- назорати иҷрои қоидаҳои низоми шиносномавӣ ва мутобиқи тартиби муқарраргардида бақайдгирӣ ва азқайдбарории шаҳрвандон;
- баҳисобгирии оилаҳои камбизоат ва ташкили дастгирии иҷтимоии онҳо;
- сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ мутобиқи қонунгузорӣ;
- анҷом додани амалиёти алоҳидаи нотариалӣ мутобиқи меъёрҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нотариати давлатӣ";
- ба шаҳрвандон додани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҷои зист, вазъи оилавӣ ва ҳолатҳои дигар;
- мусоидат дар ташкили даъват ба хизмати ҳарбӣ ва дигар чорабиниҳои ҳарбӣ;
- таъмини чораҳои зарурӣ барои ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ, пешгирии касалиҳои ҳайвонот, муҳофизати ҷангал ва буттазорҳо;
- таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба муҳофизати муҳити зист;
- мусоидат ба ҷамъоварии андоз ва дигар пардохтҳо;
- мусоидат ба таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;
- дигар ваколатҳое, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта шудаанд.

Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки гарчанде номи боби 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ишора ба ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот карда бошад ҳам, аммо ин ваколатҳо вобаста ба самтҳои фаъолияти ин мақомот, ки асосан функсия номида мешаванд, муқаррар гардидааст. Бинобар ин, ба хулосае омадан мумкин аст, ки самтҳои асосии фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё худ функсияҳои мақомоти мазкур соҳаҳои

иқтисод ва молия, тартиботи ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва ҳифз ва ободонии муҳити зист, ки асосан дар маҳалҳои дахлдори маъмурӣ паҳн мегарданд, иборат мебошад.

Дар баробари ин, вобаста ба муқаррароти Қонуни зикргардида, функсияҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар маҷмӯъ ба ду қисм ҷудо намудан мумкин аст:

1) Функсияҳои бевоситаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
2) Функсияҳои бавосита ё худ вогузоршавандаи давлатӣ.

Аз сабаби оне, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи қисми дуюм функсияҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамоянд, доир ба мафҳум ва мазмуни функсияи мақомоти ҳокимияти иҷрои ҳарф задан муҳим аст.

Функсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ категорияи оммавӣ-ҳуқуқӣ буда, тавассути онҳо дар маҷмӯъ манфиатҳои давлатӣ ба амал бароварда мешаванд. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди амалигардонии функсияҳои мақомоти давлатӣ ба вуҷуд меоянд, ба муносибатҳои ҳокимиятӣ ва тобеиятӣ асос ёфта, хусусияти ташкилию танзимкунӣ дошта, аксаран дар таъсиррасонии субъектони идоракунӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади банизомдарорӣ ва азнавташкилкунии онҳо ифода мегарданд.

Дар илми ҳуқуқи маъмурӣ функсияҳои зерини мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҷудо менамоянд: ҷамъоварӣ, коркард, таҳлили иттилоот, супоридани он ба дигар мақомот; танзимнамоӣ; роҳбарӣ; ташкилӣ; банақшагирӣ; пешгӯикунӣ; контрол; назорат; ҳамоҳангсозӣ ва ғайра[6].

Олими дигар функсияҳои зерини мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҷудо менамояд:

- функсияи иҷроиявӣ – яъне функсияи дар амал ба иҷро расонидани муқаррароти Конститутсия ва қонунҳо мебошад;
- функсияи ҳуқуқмуҳофизавӣ – яъне функсия ҷиҳати риоя ва эҳтиром ва ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- функсияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ – яъне функсия ҷиҳати таъмини шароити мусоиди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои муайян ва самаранок гардонидани идоракунӣ;
- функсия қонуният – яъне функсия ҷиҳати таъмини қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб намудани ҳуқуқвайронкунандагон;
- функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ – яъне функсия ҷиҳати қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар шакли муайян ба имзо расида, нисбат ба рафтору фаъолияти доираи номуайяни шахсон таъсиррасон мебошад;
- функсияи ҳуқуқҳимоявӣ – яъне функсия ҷиҳати татбиқ намудани чораҳои дахлдори маҷбурсозӣ нисбат ба шахсоне, ки кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ содир намудаанд[5] ва ғайра.

Аз таҳлили мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки идоракунии давлатӣ фаъолияти бениҳоят мураккаб мебошад. Ба истиснои фаъолияти қонунгузорӣ ва баамалбарории адолати судӣ боқимонда тамоми соҳаҳои дигари ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ зери идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қарор доранд. Бо ин ҳокимияти иҷроия яке аз шохаҳои мураккаб ва васеи низоми ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд, ки функсияҳои зиёдеро амалӣ менамоянд. Маҳз дар доираи функсияҳои мазкур фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот сурат мегирад.

Новобаста аз он, ки тибқи қонунгузорӣ функсияҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, мо дар доираи мақолаи мазкур дар

маҷмӯъ ҳамаи функсияҳои ин мақомотро – функсияи мақомоти худидоракунии шаҳррак ва деҳот эътироф менамоем.

Дар сатҳи илм функсияҳои зерини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ҷудо менамоянд: функсияи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти хоҷагии халқ вобаста ба таъмини бехтараии озуқаворӣ; таъмини тартиботи ҷамъиятӣ; рушди маҳал; таъмини амният ва бехатарӣ; назорати молиявӣ; ҳуқуқмуҳофизавӣ; ҳамоҳангсозӣ; ташкилӣ ва ғайра.

*Функсияи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ.* Проблемаи самаранок ба роҳ мондани фаъолияти макомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, инчунин ҳамкории мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо дарёфти роҳҳои дурусти таъмини тавозуни манфиати давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқамандии муттақобила доранд. Бинобар ин, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ махсусан дар сатҳи маҳал яке аз масъалаҳои муҳими таъимини манфиати давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳамчун функсия мақомоти худидоракунии маҳаллӣ барои ҳалли яке аз вазифаҳои муҳимми умумидавлатӣ - муқовимат бо ҷинояткорӣ равона гардидааст.

Тартиботи ҷамъиятӣ бо назардошти мазмуни этимологии ин истилоҳ – ин маҷмӯи муносибатҳои дар ҷамъият ташаккулёфтае мебошанд, ки байни субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, қоидаҳои рафтори муттақобиларо дар бар мегиранд ва тавассути қонунгузорӣ, қоидаҳои ахлоқию маънавӣ танзим ва таъмин карда мешаванд[8]. Вобаста ба ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки тартиботи ҷамъиятӣ ҳамчун категорияи бисёрҷанба ба ду мазмун баррасӣ карда шавад: васеъ – ҳамчун категорияи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва маҳдуд – категорияи ҳуқуқӣ. Вале дар илми ҳуқуқшиносӣ баъзе аз масъалаҳое вобаста ба муайян намудани мазмуни тартиботи ҷамъиятӣ ҷой доранд, ки мазмуни пурраи онро муқаррар намудан душвор аст. Аммо шартан гуфтан мумкин аст, ки тартиботи ҷамъиятӣ ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки дар доираи онҳо ҳаёти осуди ҷамъиятӣ, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъиятӣ ва умуман суботу оромии ҷамъият таъмин мегардад. Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз маҷмӯи чораҳое иборат мебошад, ки хусусияти маҷбурсозӣ дошта, ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон алоқаманд мебошанд ва тавассути мақомоти махсуси давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар сатҳи илм вобаста ба он, ки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин функсияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ якум, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ намебошад ва дуюм, ин мақомот механизмҳои кофии таъмини тартиботи ҷамъиятиро надорад.

Ба назари мо чораҳои таъмини тартиботи ҷамъиятиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: чораҳои позитивӣ (бунёдӣ) – яъне андешидани чораҳо ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва тарғиби ғояҳои адолат ва инсондӯстӣ барои пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои муайян; ва чораҳои негативӣ (сазодиҳӣ) – чораҳое, ки пас аз содир гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо маҷбурсозии давлатӣ аз ҷониби мақомоти босалоҳияти давлатӣ таъмин карда мешаванд.

Вазъи ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар боби 6 Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидааст. Тибқи қ. 6 м. 78 Конститутсияи ҶТ “Мақмоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд”. Аз муқаррароти Конститутсия ҶТ бармеояд, ки ба зиммаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ функсияи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ вогузор нагардидааст ва ҳалли ин масъаларо Конститутсияи ҶТ ҳавола менамояд ба қонуни

соҳавӣ. Мувофиқан, Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” аз 5 августи соли 2009 № 549 қабул гардидааст, ки аз 5 боб ва 47 модда иборат мебошад. Дар м. 12 Қонуни мазкур ваколатҳои Ҷамоат дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа муқаррар гардидааст. Тибқи мазкуни моддаи мазкур Ҷамоат дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа ваколатҳои зерин дорад:

- ташкили таъмини иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи ваколатҳои Ҷамоат;
- ҷалби аҳолӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ;
- андешидани тадбирҳо дар доираи ваколатҳои Ҷамоат оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот ва пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ.

Тавре қайд гардид, функсияҳои мазкур ба функсияҳои махсуси мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мансуб мебошанд, ки ақидаи дар боло ишорагардидаро оиди он, ки функсия оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ номувофиқ мебошад, истисно менамояд.

Аз як нигоҳ ақида дар бораи он, ки функсия оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ наметавонад ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мутааллиқ бошад, қобили қабул аст. Агар аз давраи Иттиҳоди Шуравӣ мисол биёрем, тартиботи ҷамъиятӣ ин функсияи асосии миллитсияи шуравӣ буд. Имрӯз низ мақомоти корҳои дохилии ҶТ бо ин функсия мусаллаҳ гардидааст. Масалан, тибқи м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи милитсия” аз аз 17 майи соли 2004 № 41[3] “Милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқу тафтишот буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлатро аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муҳофизат намуда, ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбурии дар доираи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳо пешбинигардидаро ба кор барад”.

Аз нигоҳи дигар, мақомоти худидораи маҳаллӣ метавонад функсия оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятиро амалӣ намояд, лекин танҳо дар доираи чораҳои позитивии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ. Мувофиқан, аз муқаррароти моддаи 12 Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” бармеояд, ки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ функсияҳои позитивии ҳуқуқиро оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ амалӣ менамояд ва инкор намудани он ба назари мо нодуруст мебошад.

*Функсияи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба назорати молиявӣ.* Моҳияти назорати молиявӣ дар амалисозии фаъолияти субъектони махсусгардонидашудаи ифода мегардад, ки барои таъмини самаранокӣ ва мақсаднокии истифода гардидани воситаҳои пулӣ аз буҷетҳои муайян равона гардидааст. Яке аз субъектони назорати молиявӣ ин давлат мебошад. Аниқтараш, мақомоти босалоҳияти давлатӣ назорати давлатии молиявиро бо мақсади самаранок ва мақсаднок истифода бурдани воситаҳои пулӣ аз буҷети давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) амалӣ менамоянд. Масалан, тибқи мазмуни Қонуни ҶТ “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар ҶТ” аз 2 декабри соли 2002 № 66 ба сифати субъекти асосии назорати давлатии молиявӣ мақомоти махсусгардонидашудаи давлатӣ, ки тобеи Президенти ҶТ мебошад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси ин мақомот баромад менамояд, зеро маҳз ин мақомот тобеъ ва ҳисоботдиҳанда дар назди Президенти ҶТ мебошад.

Вале бинобар сабаби оне, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби интихобкунандагони шаҳрак ва деҳот интихоб шуда, масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро дар доираи ваколатҳои худ ҳал мекунад, аз давлат қисман ҷудо мебошад ва

метавонад буҷети махсуси худро низ дошта бошад. Бинобар ин, зарурати назорат намудани истифодаи маблағҳои буҷети мақомоти худидоракунии маҳаллӣ функсияи назорати молиявии ин мақомотро рӯйи кор овардааст.

Тибқи м. 11 Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” Ҷамоат дар соҳаи иқтисод ва молия ваколатҳои зерин дорад:

- таҳия ва тасдиқи барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрак ва деҳот;
- тартиб додан ва пешбурди китобҳои хоҷагидорӣ;
- тасдиқи сохтор, сметаи хароҷот ва ҷадвали воҳидҳои кории Ҷамоат бо пешниҳоди Шӯрои Ҷамоат ва дар доираи меъёри муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани он;
- назорати истифода ва ҳифзи заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ;
- мутобиқи қонунгузорӣ таъсис додани корхонаҳои коммуналӣ ва дигар корхонаҳо, кооперативҳо, устохонаҳо, сехҳои ҳунарҳои халқӣ ва дигар ташкилотҳо;
- дастгирӣ намудани ташаббусҳо оид ба рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрак ва деҳот;
- ҳалли дигар масъалаҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- назорати истифода ва ҳифзи заминҳои ҳудуди шаҳрак ва деҳот;
- идоракунии молу мулки шаҳрак ва деҳот;
- назорати иҷрои буҷета Ҷамоат.

Аммо дар сатҳи илм вобаста ба баъзе масъалаҳо баҳсо низ ҷой дорад. Масалан, яке аз масъалаҳое, ки баҳснок мебошад, ин мавҷуд набудани мақомоти махсусгардониданишудаи назорати молиявӣ дар сохтори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошад[9]. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки субъекти амаликунандаи фаъолияти назорати молиявӣ номуайян қарор гиранд[13]. Яъне, субъекти махсуси амаликунандаи ин фаъолият номуайян аст. Гарчанде, ки дар м. 21 Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” раиси Ҷамоат дар соҳаи иқтисод, буҷет ва молия ваколатҳои зерин дорад:

- лоиҳаи буҷети шаҳрак ва деҳотро дар мувофиқа бо мақомоти молияи ноҳия, шаҳр таҳия намуда, барои қабул пешниҳод менамояд ва оид ба иҷрои он ҳисобот медиҳад;
- ҷалби сармоягузориро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил мекунад;
- сари вақт аз аҳолӣ ҷамъоварӣ намудани маблағҳои андоз, суғурта ва дигар пардохтҳоро ташкил мекунад;
- баҳисобгирии соҳибкорони инфиродӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва дигар ташкилотҳоро ба роҳ мемонад;
- баҳисобгирии аҳолӣ, саршумори чорвои аҳолӣ ва дигар ҳисоботи муқарраршудаи омориро ташкил мекунад.
- корхонаҳои коммуналӣ ва дигар корхонаҳо, кооперативҳо, устохонаҳо, сехҳои ҳунарҳои халқӣ ва дигар ташкилотҳоро мутобиқи қонунгузорӣ метавонад таъсис диҳад.

Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки танҳо раиси Ҷамоат метавонад субъекти назорати молиявӣ бошад. Ба назари мо муқаррар намудани мансаб ва ё сохтори алоҳида дар таркиби мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки бевосита функсия назорати молиявиро дошта бошад, мувофиқи мақсад мебошад. Ақидаи мазкурро олимони дигар низ дасгирӣ менамоянд[10].

*Функсияҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар соҳаи иҷтимоӣ.* Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ мақомоти худидорракунии шаҳрак ва деҳот ҳамчун мақоми мустақил ба ҳисоб меравад. Вазифа ва функсияҳое, ки тибқи қонунгузорӣ ба зиммаи он вогузор гардидааст, бевосита ва ё тавассути мусоидати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал, бо назардошти манфиатҳои алоҳии шаҳрак ва деҳот, ҳамзамон анъанаҳои таърихӣ ва маҳаллии аҳолӣ ба амал бароварда мешавад.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки инъикосгари мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд, тибқи қонунгузорӣ функсияҳои гуногунро амалӣ менамоянд. Яке аз онҳоро функсияи дар соҳаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Функсияи мазкур яке самтҳои фаъолияте маҳсуб меёбад, ки барои рушди некуаҳволии мардум равона гардидааст. Дар баробари ин функсияи мазкур ҳамчун воситаи сабук кардани амалисозии ваколатҳои мақомоти марказӣ дар сатҳи маҳал маҳсуб меёбад.

Функсияи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи иҷтимоӣ дар моддаи 13 Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва ҳифзи муҳити зист ваколатҳои зерин дорад:

- иштирок дар таҳия ва амалӣ намудани барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва андешидани чораҳо оид ба танзими раванди муҳоҷират;
- назорати танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;
- андешидани чораҳо оид ба беҳбудии шароити манзилию маишии аҳолӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳофизати муҳити зист;
- ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта (нигоҳдорӣ ва ободонии роҳҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, манбаъҳо ва шабакаҳои обтаъминкунӣ, бозорҳои маҳаллӣ, инчунин нигоҳдории қабристонҳо ва таъмини тозагии маҳал аз партовҳо) ва тасдиқи қоидаҳо оид ба амалӣ намудани онҳо.

Ба назари мо функсияи мазкур яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти худиодоракунии маҳаллӣ маҳсуб мегардад, бинобар ин боз ҳам васеътар намудани ваколатҳои Ҷамоат дар ин самт метавонад рушди соҳа хизмати намояд.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот – Ҷамоат дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди маҳал, мусоидат ба дастрасии аҳолӣ ба баъзе хизматрасониҳои давлатӣ нақши бориз дорад. Бо мақсади рушди ин соҳа зарур мешуморем, ки функсия ва ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҷдид ва васеъ кунонида шавад.

**Адабиёт**


1. Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2009, № 7-8, мод. 503; с. 2012, №4, мод. 277, №8, мод. 833; с. 2015, №11, мод. 964; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 288.
2. Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 16 апрели соли 2012 № 828 // www.mmk.tj
3. Қонуни ҶТ “Дар бораи милитсия” аз аз 17 майи соли 2004 № 41 // www.mmk.tj
4. Алексис де Токвиль о гражданском обществе. [Манбаи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: https:// studref.com / 457751 / politologiya / aleksis_tokvil_grazhdanskom_obschestve.
5. Бахрах Д. Н., Российский Б. В., Старилов Ю. Н. Административное право: Учебник для вузов. — 2-е изд.,
6. Бачило И.Л. Функции органов управления. М., 1976. – С. 123

7. Васильева М. В. Развитие системы государственного финансового контроля в Российской Федерации: методология, методика, концепция: Монография. Волгоград: Волгоградское научное издательство, 2015. С. 499.

8. Дизер О.А., Бучакова М.А. Перспективы реализации органами местного самоуправления функции по охране общественного порядка / Административное право. Административная деятельность полиции, 2021 (4), С. 52 изм. и доп. — М.: Норма, 2005. С. 52

9. Калябина Е.М. Финансовый контроль как одна из функций органов местного самоуправления / Международный научный журнал «Синергия наук» С. 2

10. Олейникова А. Я., Лукьянова А. Ю. Проблемные аспекты правового регулирования муниципального финансового контроля // Молодой ученый, 2017. № 50. С. 306–309.

11. Олимзода Д.А. Худидораи маҳаллӣ - ҳамчун шакли ҳокимияти халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқӣ – конститутсионӣ // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.ҳ., Душанбе 2021, С. 3-4

12. Павлов Н.В. К вопросу об административно-правовой природе производства по осуществлению муниципального контроля. Административное право и процесс – М.: Издательская группа "Юрист", 2014. № 11. С. 59-63.

13. Чуева А. С., Моховая Т. А. К вопросу о системе финансово-правового регулирования // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки, 2018. № 3. С. 125–128.

## ФУНКЦИИ ОРГАНОВ САМОУПРАВЛЕНИЯ ПОСЕЛКОВ И СЕЛ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ И ПРАКТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

**РАХИМОВ ИЛЬХОМ МАХМАДОВИЧ,**
ассистент кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 934-08-43-22. E-mail : ilhom@mail.ru

*Органы местного самоуправления или органы самоуправления поселков и сел являются одним из важнейших институтов в системе цивилизованной государственности. Отечественный и зарубежный опыт доказывает, что роль этого института в организации и управлении отдельными областями государства, удаленными от центров городов и районов значительна.*

*В связи с этим, в целях реализации поставленных перед данным институтом целей и задач, в соответствии с законодательством определяются основные направления его деятельности или его функции, имеющие первостепенное значение для эффективности его деятельности. Поэтому изучение и анализ данного вопроса, и прогноз путей его улучшения и обновления является одним из важнейших вопросов. С этой целью была подготовлена данная статья и проанализирована в рамках определенных функций органов самоуправления поселков и сел. Также были представлены предложения по дальнейшему совершенствованию функций органов местного самоуправления.*

***Ключевые слова:*** *функция, полномочие, орган, население, задача, цивилизованная государственность, местное самоуправление, законодательство, государственная власть, народная власть, конституция, национальные традиции.*

## FUNCTIONS OF SELF-GOVERNMENT BODIES OF TOWNS AND VILLAGES: THEORETICAL AND PRACTICAL ANALYSIS

**RAKHIMOV ILHOM MAKHMADOVICH,**
assistant of the Department of
Administrative Law and Civil Service of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone.: (+992) 934-08-43-22. E-маil : ilhom@мail.ru

*Local self-government bodies or self-government bodies of towns and villages are one of the most important institutions in the system of civilized statehood. Domestic and foreign experience proves that the role of this institution in the organization and management of certain areas of the state, far from the centers of cities and regions is significant.*

*In this regard, in order to implement the goals and objectives set for this institution, in accordance with the legislation, the main directions of its activities or its functions that are of paramount importance for the effectiveness of its activities are determined. Therefore, the study and analysis of this issue and the foresight of the ways to improve and update them is one of the most important issues. For this purpose, this article was prepared and analyzed within the framework of individual functions of self-government bodies of towns and villages. As well as proposals presented to further improve the functions of local self-governments.*

***Key words:*** *function, authority, body, population, objective, civilized statehood, local self-government, legislation, state power, people's power, constitution, national traditions.*

УДК: 124.427

# МУСОДИРАИ МОЛУ МУЛК ҲАМЧУН АСОСИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

**ШОҲИН ШАШСИДДИН,**
унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.:(+992) 904-91-28-45. E-mail: shokhinsh@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мусодираи молу мулк ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият аз нуқтаи назари ҳуқуқи гражданӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо мақсади таҳлили пурраи ин асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият дар ҳамбастагӣ бо қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омӯхта шудааст. Дар мақола ҷиҳати такмили қонунгузории гражданӣ ва қонунгузории соҳаҳои ба мусодираи молу мулк алоқаманд, таклифҳо пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории гражданӣ, моликият, ҳуқуқи моликият, қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, мусодира, содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ, қарори суд, бемузд гирифтани молу мулк.*

Дар айни замон дар баробари инкишоф ёфтани муносибатҳои бозаргонӣ ва ҳуқуқи гражданӣ мо онро бе институти ҳуқуқи моликият, ки яке аз институтҳои марказии ҳуқуқи гражданӣ мебошад, тасаввур карда наметавонем. Зеро тамоми муомилоти гражданӣ миёни субъектони ҳуқуқи гражданӣ вобаста ба истифодаи мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ маҳз барои ба даст овардани пул ва мол нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, қариб дар ҳама он чизе ки фарогири соҳаи фаъолияти инсон аст, дар он ҳуқуқи моликият инъикос ёфтааст [2, с. 19].

Ҳуқуқи моликият ҳамчун ҳуқуқи субъективии гражданӣ ин ҳуқуқи қонунан эътирофшуда ва ҳифзшавандаи субъект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк буда, асосҳои ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани худро дорад. Дар маҷмӯъ, ҳамаи муносибатҳо оиди ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба фактҳои ҳуқуқӣ (ҳодиса ва ҳаракат) вобастагӣ дорад, ки дар натиҷаи он субъекти ҳуқуқи гражданӣ ҳуқуқи моликиятро ба даст меорад ё соҳибмулкии худро нисбат ба он аз даст медиҳад.

Қонунгузор ҳарчанд, ки имкониятҳои васеи ба даст овардани ҳуқуқи моликиятро барои субъектони ҳуқуқи гражданӣ пешбинӣ менамояд, вале ҳамчун қоида асосҳои қатъ гардидани онро дар як навбат низ муқаррар менамояд.

Қатъи ҳуқуқи моликият ин ҷудо шудан аз субъекти ваколат оид ба соҳибӣ кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдории амвол, имконияти ҳукмронии иқтисодӣ бар он, инчунин озод кардан аз ҳуқуқи моликият мебошад. Ҳангоми қатъ гардидани ҳуқуқи моликият шахс дигар имконияти қонунӣ надорад, ки бо салоҳдиди худ ва ба манфиати худ ваколати соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки қаблан ба ӯ тааллуқдошта, аз ҷумла ба доираи ҳукмронии иқтисодии худ шахсони дигарро аз ин моликият дур кунад [3, с. 19-20].

Қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо қонунгузории гражданӣ ба таври дақиқ муқаррар гардидааст. Азбаски ҳуқуқи моликият ин институти марказии ҳуқуқи гражданӣ мебошад, масъалаҳои марбут ба он, аз ҷумла асосҳои қатъ гардидани он дар боби 13 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] (минбаъд - КГ ҶТ) мавриди танзим қарор гирифтааст.

Мувофиқи қ. 1, м. 259 КГ ҶТ ҳуқуқи моликият ҳангоми аз ҷониби соҳибмулк ба шахси дигар додани молу мулк, рад кардани ҳуқуқи моликият аз ҷониби молик ва аз даст додани ҳуқуқи моликият ба молу мулк ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи санади қонунӣ қатъ мегардад. Яъне сухан дар бораи асосҳои иродавии (ихтиёрии) қатъи ҳуқуқи моликият меравад [10, с. 344].

Дар асоси қ. 2, м. 259 КГ ҶТ ҳуқуқ ба моликият дар ҳолатҳои зерин маҷбуран қатъ мегардад.

а) аз ҳисоби молу мулк ситонидани пардохт мутобиқи уҳдадориҳои молик;

б) маҷбуран гирифтани молу мулке, ки дар асоси санади қонунгузорӣ ба шахси мазкур тааллуқ надорад;

в) реквизитсия;

г) мусодира;

д) гирифтани молу мулки ғайриманқул вобаста ба кашида гирифтани қитъаи замин;

е) харидории сарватҳои фарҳангӣ ё таърихии бесарусомон нигоҳдошташаванда;

ж) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи КГ ҶТ.

Ҳамин тавр, мепардозем ба таҳлили яке аз ин асосҳои қатъи ҳуқуқи моликият, ки дар банди «г» қ. 2, м. 259 муқаррар гардидааст. Дар миёни асосҳои маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият мусодира мавқеи махсус дорад. Он дар ҳуқуқи граждани падидаи нав набуда, ҳанӯз аз давраҳои пеш ҳамчун чораи ҷазо аз дорошавии ғайриқонунӣ истифода бурда мешуд.

Мусодираи молу мулк ин ситонидани маҷбурии ройгони як қисм ва ё пурраи моликиятест, ки ба шаҳрванд тааллуқ дорад ва он ба сифати ҷазо барои ҳуқуқвайронкунӣ (ҷиноятӣ, маъмурӣ ва ғ.) таъин мешавад. Мусодираи молу мулк, яъне ба ҳисоби моликияти давлат маҷбуран ва ба таври ройгон ситонидани молу мулкест, ки ба маҳкумшуда тааллуқ дорад [20, с. 200].

Истилоҳи «мусодира» (мусодара) арабӣ буда, тарҷумаи таҳтуллафзии он маънои ситонидани ягон чиз ба хазина мебошад. Ҳамчунин, истилоҳи «конфискатсия» дақиқан ба ҳамин маъност ва баромади лотинӣ дорад (confiscatio). Масалан ба андешаи К.Д. Николаев ва А.П. Спиридонов худи ин вожа аз калимаи лотинии «confiscatio» гирифта шуда, маънояш «бо қарори судӣ ё санади маъмурӣ маҷбуран гирифтани молу мулк, пул ва ғайра ба моликияти давлат» мебошад [17, с. 307].

Дар луғатномаи С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова истилоҳи мусодира ба маънои чораи ҷазо, яъне бемузд гирифтани молу мулк ва ба моликияти давлат гузаронидани он маънидод шудааст [16]. Дар луғатномаи В.И. Дал бошад зикр мешавад, ки мусодира кардан ин «гирифта ба хазина бурдан барои уҳдадориҳо ва ҷиноятҳо; кашида гирифтани молу мулке, ки ворид кардани онҳо ба дохили давлат манъ аст» [4, с. 154]. Дар илми ҳуқуқ мусодира ҳамчун «бо қарори суд ройгон мусодира кардани молу мулк аз соҳибмулк дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун дар шакли ҷазо барои содир кардани ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии дигар» фаҳмида мешавад [24, с. 310].

Моҳияти мусодираи молу мулк бояд дар таърифи мафҳуми он инъикос ёбад. Мафҳуми мусодира дар КГ ҶТ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) дода шудааст. Азбаски падидаи мусодира хоси илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, сараввал ба мафҳуми муайяннамудаи қонунгузории ҷиноятӣ такя менамоем. Мутобиқи қ. 1, м. 57 КҶ ҶТ мусодираи молу мулк ин дар асоси ҳукми айбдоркунанда маҷбуран ба таври ройгон гирифтан ва ба моликияти давлат гузаронидани молу мулки маҳкумшуда мебошад.

Аз мафҳуми дар боло додашудаи мусодира чунин хусусиятҳои хоси онро муайян намудан мумкин аст:

- мусодира ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба таври маҷбурӣ дар нисбати соҳибмулк амалӣ карда мешавад;

- амалӣ намудани мусодира ҳамчун қоида аз ибтидо хусусияти ройгон дошта, ба соҳибмулк арзиши молу мулки мусодирашаванда ҷуброн карда намешавад;

- дар асоси мусодира дар як навбат ҳуқуқи моликиятии молик қатъ гардида, ҳамзамон ҳуқуқи моликиятии давлат дар нисбати ин молу мулк ба вуҷуд меояд;

- мусодира дар лаҳзаи муайян ва дар нисбати соҳибмулконе татбиқ мегардад, ки як ё якчанд ҷиноятҳои дар қисми махсуси КҶ ҶТ муқарраршударо содир намудаанд ва бо ҳукми айбдоркунии суд ҳамчун гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят эътироф карда шудаанд;

- объекти мусодира ҳама гуна молу мулк ва дороиҳо аз онҳо шуда метавонад [18, с. 119-120].

Ба ақидаи О.В. Курлаев мусодираи молу мулк бояд дорои аломатҳои ҳатмие ба монанди инҳо бошад: 1) ситониши маҷбурӣ; 2) ройгонӣ; 3) гузаронидани молу мулки ситондашуда ба ҳисоби моликияти давлат [11, с. 55]. Ба фикри Р.Х. Кубова, мусодираи молу мулк аз аломатҳои ҳатмии зерин иборат аст:

1. Мусодираи молу мулк чораи маҷбуркунӣ мебошад. Молу мулк ба фоидаи давлат новобаста аз иродаи соҳиби он бо тартиби маҷбурӣ ситонида мешавад.

2. Ҳангоми мусодираи молу мулк ҳар молу мулк – ашё (чизҳо), пул, коғазҳои қиматнок ва ғ. имкон дорад ба таври пурра ё қисман ситонида шавад; бо ин мусодираи молу мулк аз ҷарима ва ҷазоҳои дигари молу мулкие фарқ менамояд, ки дар шакли пулӣ муайян карда мешаванд.

3. Молу мулк ба ҳисоби давлат, на ба фоидаи кадом як шахси алоҳида ситонида мешавад [9, с. 12].

Ҳамзамон зикр кардан ба маврид аст, ки хусусияти маҷбурии мусодираи молу мулк дар он зоҳир мегардад, ки ҳукми суд барои он ҳатмӣ буда, мувофиқи қонун бар хилофи иродаи соҳибмулк ба амал бароварда мешавад [19, с. 132]. Ройгонии мусодираи молу мулк дар он ифода мегардад, ки қимати молу мулки ситонидашуда пардохт намешавад ва он бо ашёи дигар иваз карда намешавад [1, с. 73].

Тавре ки ба назар мерасад, мусодираи молу мулк аз рӯи хусусиятҳои худ ба реквизитсияи молу мулк шабоҳати наздик дорад, вале онҳо вобаста ба ҳолатҳои татбиқшавандагӣ аз ҳамдигар ба таври куллӣ фарқ менамоянд. Масалан, ҳангоми реквизитсия ба молик сараввал арзиши пурраи молу мулки ӯ ҷуброн карда мешавад ва ё ба молик молу мулки дигари баробарарзиш пешниҳод карда мешавад, ки баръакси мусодира мебошад. Дар ин маврид Е.А. Суханов қайд менамояд, ки танҳо дар ду ҳолат қонун барои бемузд (ройгон) гирифтани молу мулки ба молик тааллуқдошта, бар хилофи хоҳиши ӯ иҷозат медиҳад:

• аввал, ин ситонидан аз молу мулки молик аз рӯи ӯҳдадориҳояш мебошад (Зеро Кодекси граждании ситонидани молу мулки моликони қарздорро аз ҷониби кредиторон иҷозат медиҳад);

• дуюм, мусодираи молу мулки соҳибмулк мувофиқи м. 243 ГК ФР [14, с. 536].

Мафҳуми мусодира бо қонунгузории граждании бошад чунин муайян гардидааст: «дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун амволи моликро мутобиқи қарори суд ҳамчун чораи ҷазо барои содир намудани гуноҳ ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ мусодира кардан мумкин аст. Дар ҳолати пешбининамудаи қонун, мусодираро тибқи тартиби маъмурӣ анҷом додан мумкин аст. Оид ба қарор дар мавриди мусодира, ки тибқи тартиби

маъмурӣ қабул шудааст, ба суд эътироз кардан мумкин аст (м. 267 КГ ҶТ). Моддаи 267 КГ ҶТ асосан хусусияти декларативӣ дорад ва оқибатҳои ҳуқуқиро дар шакли қатъи ҳуқуқи моликият тавассути истифодаи мусодира дар тартиби ҳуқуқии маъмурӣ ва ҷиноятӣ муайян мекунад.

Ҳамин тавр, аз муқаррароти дар боло овардашуда муайян намудан мумкин аст, ки ҳолати дигари бе ҷуброн ва ба таври маҷбурӣ гирифтани молу мулк аз молик мусодираи он мебошад. Ин муҷозотест, ки нисбати соҳибмулк бо тартиби муқаррарнамудаи қонун барои содир намудани гуноҳ ё ҳуқуқвайронкуниҳо татбиқ мегардад (қ. 1, м. 267 КГ ҶТ).

Бояд зикр кард, ки қонунгузории гражданӣ истифодаи мусодираи молу мулкро танҳо дар сурати содир намудани баъзе ҳуқуқвайронкунии гражданӣ дар назар дорад. Масалан, мусодираи амвол бо тартиби гражданӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми бастани аҳдҳои ғайриқонунӣ ва мусодираи маводу таҷҳизоте, ки бо истифодаи онҳо ҳуқуқи истисноӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ вайрон гардидаанд, инчунин мусодираи объектҳои моддие, ки дар натиҷаи ин вайронкунӣ ба даст омадаанд, татбиқ карда мешавад (моддаҳои 194, 204 ва 1137[1] КГ ҶТ).

Дар асоси муқаррароти м. 194 КГ ҶТ аҳде ки ошкоро бар хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ё ахлоқ баста шудааст, эътибор надорад. Дар сурати нияти ғаразнок доштани ҳар ду тарафи чунин аҳд, агар аҳдро ҳар ду тараф иҷро карда бошанд, тамоми даромади аз ин аҳд бадастовардаи онҳо ба ҳисоби даромади давлат рӯёнида мешавад ва агар аҳдро як тараф иҷро карда бошад, аз тарафи дигар тамоми даромад ва молу мулке, ки он мебоист бар ивази даромад ва амволи гирифташуда ба тарафи аввал диҳад, ба фоидаи давлат рӯёнида мешавад.

Аз мафҳуми дар боло додашуда мушаххас намудан мумкин аст, ки ҳеҷ ягон муомилоти анҷомдодаи тарафҳо ба талаботи қонунгузории гражданӣ мутобиқ нест, ҳамзамон он ҳамчунин вайронкунии меъёрҳои манъкунандаи гражданӣ-ҳуқуқӣ ифода ёфтааст. Ба чунин аҳдҳо инҳо дохил шуда метавонанд: аҳдҳое, ки ҳуқуқи инҳисории давлатро ба баъзе намудҳои фаъолият вайрон мекунанд; қобилияти ҳуқуқии шаҳрвандон ё ҳуқуқи моликиятро ба навъҳои алоҳидаи молу мулк маҳдуд мекунанд; ба ташкили мавқеи инҳисории шахси ҳуқуқӣ дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) ва поймол кардани ҳуқуқи шахсони дигар бо истифода аз мавқеи инҳисорӣ оварда мерасонад; молҳое, ки содироти он манъ аст; фурӯхтани молҳое, ки барои ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хавфнок аст ва ғайра [15, с. 214, 225, 287].

Ҳарчанд дар м. 1137[1] КГ ҶТ мусодираи маводу таҷҳизоте, ки бо истифодаи онҳо ҳуқуқи истисноӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ вайрон гардидаанд, инчунин мусодираи объектҳои моддие, ки дар натиҷаи ин вайронкунӣ ба даст омадаанд, ҳамчун яке аз тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи истисноӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ пешбинӣ гардидааст, вале тартиби амалигардонии ин меъёр алоҳида муқаррар нагардидааст. Вале тартиби амалигардонии он ва давоми мантиқии ин меъёр дар КҶ ҶТ (м. 156, 156[1] ва 275) ба таври васеъ дарҷ гардидааст.

Аз ин бармеояд, ки гарчанде ки мусодира ҳамчун ҷазои иловагӣ хоси ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад ҳам, аммо ба андешаи мо он падидаи байнисоҳавӣ мебошад. Дар ин маврид ба андешаи О.В. Курлаева метавон розӣ шуд, зеро вай дар мафҳуми васеъ мусодираи молу мулкро институти байнисоҳавие меномад, ки дар ситониши маҷбурии молу мулк ба моликияти давлатӣ барои даст ёфтан ба мақсадҳои муайян ифода мегардад [12, с. 14].

Бояд зикр кард, ки мусодира дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ҷазои иловагӣ истифода гардида, ҳадаф аз он таъмини адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии

содир гардидани ҷиноятҳои нав мебошад. Аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба мақсадҳои мусодира ҳамчун чораи ҷазо андешаҳои мухолиф низ ҷой доранд.

Масалан, ба андешаи А.Э. Шанса ашё ва молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят дарёфт шудаанд, ё бо онҳо ҷиноят содир карда шудааст, дар ихтиёри қонунии шахси ҷиноятсодиркарда қарор надоранд ва ҳеҷ гоҳ қарор надоштанд, аз ин рӯ, мусодираи онҳо маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшуда ба ҳисоб намеравад, балки намуди ҷазо ҳам намебошад [23, с. 195].

Р.А. Хачак ба он андешааст, ки ҳангоми ба даст овардани олот ва воситаҳои ҷиноят ё ба мақсадҳои ҷиноятӣ истифода бурдани молу мулк шахс таваккал мекунад ва гумон мекунад, ки ин молу мулкро аз ӯ мусодира кардан мумкин аст, ки ин ҳам ба маҳкумшуда таъсири дахлдори ислоҳӣ намебахшад [22, с. 23].

Дар ҷои дигар махсусиятҳои мусодираро ҳамчун ҷазои ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки «... он ҷазо намебошад ва хусусиятҳоеро барои таъини ҷазоҳо надорад» [21, с. 21]. Ақидаи П.С. Яни дар ин маврид ҷолиби диққат аст, ки мусодираи молу мулк ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро вайрон менамояд, садде дар роҳи гуманизатсия ва либерализатсияи қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, дар масъалаи пешгирӣ ва зиддият ба баъзе намудҳои ҷиноятҳо саҳм дорад, ҳамзамон адолати иҷтимоиро барқарор намекунад [25, с. 35].

Агар чунин шуморем, ки мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои вазнин ва тадбири ба мақсад ва вазифаҳои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқ набуда, ҳамчун ҷазо аз КҶ ҶТ хориҷ карда шавад, ба мақсад мувофиқ нест. Зеро таҷрибаи қонунгузории Федератсияи Россия нишон дод, ки ҳангоми хориҷ кардани мусодира аз қонуни ҷиноятӣ дар соли 2003, шумораи ҷинояткорӣ афзоиш ёфт, ки зарурати боз гардонидани онро ҳамчун чораи ҷазои иловагӣ ба Кодекси ҷиноятӣ ба миён овард.

Ҳолатҳои дар боло зикргардидаро З.Х. Зокиров таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки дар шароити муосири давлатдории ҶТ мавҷуд будани институти мусодираи молу мулк дар низоми ҷазои ҷиноятӣ бо далелҳои зерин хеле зарур аст:

а) мавҷуд будани институти мусодираи молу мулк дар мубориза бо маблағгузории терроризм, гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ, воҳиди мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва иттиҳоди ҷиноятӣ саҳми беандоза дорад, чунки тавассути он ҷинояткорон аз базаи моддию молӣ маҳрум мегарданд;

б) мавҷуд будани институти мусодираи молу мулк динамикаи содири ҷиноятҳои ғаразнокро кам менамояд ва ба дигарон ибрат мегардад, ки аз роҳҳои ғайриқонунию ғаразнок бой гардидан бисёр оқибати баде дорад;

в) мавҷуд будани институти мусодираи молу мулк ба мақсадҳои ҷазо, принсипҳо ва вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат менамояд [5, с. 116-117].

Лозим ба ёдоварист, ки мусодира дар нисбати соҳибмулке, ки гуноҳ ё дигар ҳуқуқвайронкуниро содир намудааст бо ҳукми суд ва бемузд (ройгон) анҷом дода мешавад, ки нисбат ба он оқибатҳои номусоиди молу мулкиро ба бор меорад. Тасдиқи гуфтаҳои зерин ин аст, ки мусодираи молу мулк ҷазои хеле вазнин буда, ҷавобгарии фавқулоддаи молу мулкии маҳкумро ифода мекунад [11, с. 138]. Дар ин маврид набояд фаромӯш сохт, ки ҳуқуқ ба моликият ин ҳуқуқи конститутсионии ҳар як шахс буда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «мусодираи пурраи он» манъ аст [8].

Муаллифони тафсири КГ ҶТ дар он нуқтаи назаранд, ки мусодира чун қоида, барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ки бо ғараз содир шудааст, мутобиқи моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ ба сифати ҷазои иловагӣ истифода бурда мешавад. Вале дар такя ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КИҶҶ ҶТ) номгӯи молу мулке, ки аз ҷониби суд мусодира карда намешаванд, ба таври

муфассал нишон додаанд [13, с. 631-632]. Аз ҷумла, молу мулк ва чизу чораи зайл, ки ба маҳкумшуда вобаста ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ марбутанд ё ҳиссаи ӯ дар моликияти умумӣ мебошанд ва барои маҳкумшуда ва ашхосе, ки таҳти сарпарастиаш қарор доранд, зарур мебошанд, мусодира карда намешаванд:

1. Бинои истиқоматӣ бо иншооти хоҷагӣ ё қисмҳои алоҳидаи он, агар маҳкумшуда ва оилаи ӯ доимӣ дар он зиндагӣ кунанд (вале на бештар аз як хона барои оила).

2. Хона ё қисми алоҳидаи он, агар маҳкумшуда ва оилаи ӯ доимӣ дар он зиндагӣ кунанд (вале на бештар аз як хона барои оила).

3. Қитъаҳои замин, ки дар онҳо хона ва иншооти хоҷагии мусодиранашаванда воқеанд, инчунин қитъаҳои замине, ки барои пешбурди корҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ёрирасон зарур мебошанд.

4. Ягона гов ва дар сурати надоштани гов - ягона гӯсола; дар хоҷагиҳое, ки гову гӯсола надоранд - ягона буз, гӯсфанд ё хук; аз ашхосе, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд - иншооти хоҷагӣ ва ҳайвоноти хонагӣ дар шуморае, ки барои қонеъ намудани талаботи ҳадди ақали аъзои оилаи ӯ заруранд, инчунин парандаҳои хонагӣ.

5. Хӯрокаи чорво, ки то ҷамъоварии хӯрокаи нав ё то ба чарогоҳ баровардани мол зарур аст.

6. Тухмие, ки барои кишту кори навбатии зироатҳои кишоварзӣ заруранд.

7. Чизу чораи зарурии хона, асбобу анҷоми рӯзғор, сару либосе, ки барои маҳкумшуда ва аъзои таҳти парастории (таъминоти) ӯ қарордошта, заруранд;

а) яхдон, телевизор, радио, дигар асбобу таҷҳизоти барқии маишӣ;

б) сару либос, пойафзол, либоси таг, мебел, асбобу анҷоми рӯзгор ва ошпазхона, ки истифода мешаванд (ба истиснои ашёе, ки аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо тайёр карда шудаанд, ба ғайр аз нигинҳои ақди никоҳ ва ашёе, ки ёдгории оилавӣ мебошанд, инчунин ашёи дорои арзиши таърихию бадеӣ);

в) ҳама гуна асбобу анҷоми кӯдакон (ба ғайр аз техникаҳои компютерӣ, аудио ва видео).

8. Озуқаворӣ дар ҳаҷме, ки барои маҳкумшуда ва аъзои оилаи ӯ то ҳосили нав зарур мебошанд, агар шуғли асосии маҳкумшуда соҳаи кишоварзӣ бошад, дар ҳолатҳои дигар озуқаворӣ ва пул ба маблағи умумие, ки ба андозаи садкаратаи маоши ҳадди ақал (дар рӯзи мусодира) барои маҳкумшуда ва ашхосе, ки ӯ вазифадор аст таъмин кунад, баробар бошад.

9. Сӯзишворӣ, ки барои пухтани озуқаворӣ ва гарм кардани бинои истиқоматии оила дар давоми мавсими гармидиҳӣ заруранд.

10. Ашё (асбобу анҷом), васоити таълимӣ ва китоб, ки барои машғулияти касбии маҳкумшуда заруранд (ба истиснои оне, ки аз маводи қиматбаҳо сохта шудаанд, инчунин дорои арзиши таърихӣ ва бадеӣ мебошанд, инчунин дар ҳолатҳое, ки агар маҳкумшуда бо ҳукми суд аз машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум карда шуда бошад ё ҳангоме, ки ашё (асбобу анҷом) аз ҷониби маҳкумшуда барои содир намудани ҷиноят истифода гардида бошад.

11. Воситаҳои нақлиёт, ки махсус барои ҳаракати маъюбон пешбинӣ гардидааст.

12. Мукофотҳои байналмилалӣ ва дигар мукофотҳое, ки маҳкумшуда сарфароз гардидааст.

Дар сурати мусодираи молу мулке, ки ҳиссаи маҳкумшуда дар моликияти умумӣ мебошад, ҳаҷми ҳисса пас аз берун намудани чизу чора ва асбобу анҷоми дар ҳамин рӯйхат зикргардида, муайян карда мешавад [7].

Муқаррароти мазкур бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки он барои дар амал татбиқ шудани меъёри конститутсионии манъи мусодираи пурраи молу мулки шахс

мусоидат менамояд. Вале тавре ба назар мерасад дар қ. 7 м. 57 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки барои содир намудани ҷиноятҳои дар банди а) қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда суд метавонад мусодираи пурраи молу мулкро ҳамчун ҷазои иловагӣ таъин намояд. Дар ин маврид ба андешаи З.Х. Зокиров метавон розӣ шуд, ки бояд қ. 7, м. 57 аз КҶ ҶТ хориҷ карда шавад. Чунки ин меъёри ҳуқуқӣ ба Конститутсияи ҶТ мухолифат менамояд. Дар қ. 4, м. 20 Конститутсияи ҶТ омадааст: «Мусодираи пурраи молу мулки маҳкумшуда манъ аст». Дар сурати мухолифати меъёрҳои қонунҳои ҷорӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, ба Конститутсияи ҶТ афзалият ба меъёрҳои Конститутсияи ҶТ дода мешавад.

Ҳамзамон, дар қ. 4, м. 57 КҶ ҶТ ва м. 267 КГ ҶТ муқаррар шудааст, ки мусодира бо қарори суд амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин бояд зикр кард, ки ибораи «қарори суд» дар матни меъёрҳои моддаҳои болозикр ба ибораи «ҳукми судӣ» иваз карда шавад. Чунки маҳкумшуда дар асоси муқаррароти моддаҳои 198-204 КИҶҶ ҶТ бо ҳукми суд аз молу мулкаш маҳрум карда мешавад, на бо қарори суд.

Яке аз нуқтаҳои дигаре, ки бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад, ин масъалаи бемузд (ройгон) гирифтани молу мулки мусодирашаванда мебошад. Тамоми мафҳумҳое, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқон вобаста ба мусодира дода шудааст, инчунин тафсири илмию амалии истилоҳи мазкур бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки мусодира ба таври бемузд (ройгон) анҷом дода мешавад. Гарчанде, ки дар КҶ ҶТ дар мафҳуми мусодира ройгон амалигардонии он дарҷ гардидааст, вале дар мафҳуми граждани-ҳуқуқии он, ки дар м. 267 КГ ҶТ дода шудааст, ҳолати мазкур ифодаи худро наёфтааст.

Тавре ки дар мафҳуми мусодира дар м. 267 КГ ҶТ муқаррар гардидааст, он нисбати шахсе, ки гуноҳ ё дигар ҳуқуқвайронкуниро содир намудааст, татбиқ мегардад. Дар ин маврид андешаи мо оид ба ин масъала ин аст, ки гуноҳ худ яке аз аломатҳои ҷиноят буда, барои татбиқ гардидани мусодира ҳаҷми танҳо худи гуноҳ кифоя буда наметавонад. Аз ин лиҳоз мувофиқи мақсад шуморида мешавад, ки дар м. 267 КГ ҶТ калимаи «гуноҳ» ба калимаи «ҷиноят» иваз карда шавад.

Дар баробари таҳлили мавзӯи мазкур, ҷиҳати такмили қонунгузорӣ оид ба мусодираи молу мулк чунин хулосаҳо пешниҳод менамоем:

1. Мусодира ҳамчун чораи ҷазои татбиқшаванда дар нисбати соҳибмулке, ки гуноҳ ё дигар ҳуқуқвайронкуниро содир кардааст, гарчанде ки падидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, он боиси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият мегардад. Зеро он ба ҷавобгарии фавқулоддаи молу мулкии моликe, ки амали ҷиноятӣ ё дигар ҳуқуқвайронкуниро содир намудааст, равона мегардад.

2. Мусодира дар амалияи татбиқшавии худ бо ҳукми суд ба амал бароварда мешавад, на бо қарори суд. Аз ин лиҳоз пешниҳод мегардад, ки дар матни м. 57 КҶ ҶТ ва м. 267 КГ ҶТ ибораи «қарори суд» ба ибораи «ҳукми суд» иваз карда шавад.

3. Бо мақсади бартараф намудани мухолифати меъёри қ. 7, м. 57 КҶ ҶТ бо меъёри қ. 4, м. 20 Конститутсияи ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки он дар таҳрири нави КҶ ҶТ аз матни модда хориҷ карда шавад.

4. Бо дарназардошти мафҳумҳо ва таҳлилҳои дар боло овардашуда пешниҳод менамоем, ки мафҳуми мусодира дар таҳрири зерин ифода ёбад: «1. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ молу мулки моликро бемузд мутобиқи ҳукми суд ҳамчун намуди ҷазо барои содир намудани ҷиноят ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ мусодира кардан мумкин аст.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ мусодираро тибқи тартиби маъмурӣ анҷом додан мумкин аст. Нисбати қарор дар бораи мусодираи молу мулк, ки тибқи тартиби маъмурӣ қабул шудааст, ба суд шикоят кардан мумкин аст».

**Адабиёт**


1. Агильдин В.В. Институт конфискации имущества как мера предупреждения преступности // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2013. – №1. – С. 71-75.
2. Арустамян Р.З. Прекращение права собственности // SCIENCE TIME. – 2014. – №5. – С. 19-23.
3. Буртовая Е.И. Понятие прекращения права собственности // Вестник томского государственного университета. – 2007. – С. 18-21.
4. Даль В. Толковый словарь живого великорусского языка: в 4 т. – М., 1955. Т. 2. – С. 154.
5. Зокиров З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.08 / Зокиров Зафар Хайруллоевич. – Душанбе, 2020. – 176 с.
6. Кодекси граждании ҶТ (қисми якум) аз 30 июни с. 1999, №802 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.03.2022).
7. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли с. 2001, №217 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.03.2022).
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: “Ганҷ”, 2016. – 137 с.
9. Кубов Р.Х. Виды конфискации имущества в российском законодательстве // Российский следователь. – 2007. – №23. – С. 12-18.
10. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми I (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 488 с.
11. Курлаева О.В. Конфискация имущества как мера государственного принуждения: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2013. – 166 с.
12. Курлаева О.В. Конфискация имущества как мера государственного принуждения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2013. – 23 с.
13. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Furthermore Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 1000 с.
14. Российское гражданское право: учебник: В 2-х томах. Том I. Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектуальные права. Личные неимущественные права / Отв. ред. Е.А. Суханов. – М.: Статут, 2011. – 958 с.
15. Садиков О.Н. Комментарий к Гражданскому кодексу РФ: постатейный. – М.: ИНФРА-М., 2009. – Ч. 1. – 788 с.
16. Ожегов С.И. и Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка: 80000 слов и фразеологичес-ких выражений / Российская академия наук. Институт русского языка им. В.В. Виноградова. – 4-е изд., дополненное. – М.: ООО «ИТИ Технологии», 2008. – 944 с.
17. Современный словарь инностранных слов. – М.: Русский язык, 1993. – С. 307.

18. Сулаймонов Ф.С. Мусодираи молу мулк: мутобиқати асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-гражданӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №1(25). – С. 118-129.

19. Тафсири илмӣ ва оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе: "Шарқи озод», 2009. – С. 132.

20. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ // Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе: "ЭР-граф", 2009. – С. 200.

21. Хачак Р.А. Конфискация имущества: исторические, сравнительно-правовые и уголовно-правовые аспекты: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2011. – 33 с.

22. Хачак Р.А. Цели конфискации имущества как иной меры уголовно-правового характера // Российский следователь. – 2009. № 5. – С. 23.

23. Шасна А.Э. Обеспечение гражданского иска, конфискации и специальной конфискации как цель ареста имущества // Вышеградский журнал по правам человека. – 2014. – № 2. – С. 195.

24. Юридический словарь / Под ред. А. Н. Азрилияна. – М., 2007. – С. 310.

25. Яни П.С. Конфискация имущества и уголовная ответственность // Уголовное право. – 2006. – С. 131-135.

## КОНФИСКАЦИЯ ИМУЩЕСТВА КАК ОСНОВАНИЕ ПРЕКРАЩЕНИЯ ПРАВА СОБСТВЕННОСТИ

**ШОХИН ШАМСИДДИН,**
соискатель кафедры права и сравнительного правоведения
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.:: (+992) 904-91-28-45. E-mail: shokhin_ sh@mail.ru

*В данной статье рассматривается вопрос о конфискации имущества как основании прекращения права собственности с точки зрения гражданского права, и изучены основания прекращения права собственности во взаимосвязи с уголовным и уголовно-исполнительным законодательством с целью полного анализа. В статье представляются предложения по совершенствованию гражданского законодательства и законодательства в сферах, связанных с конфискацией имущества.*

***Ключевые слова:*** *гражданское законодательство; собственность; право собственности; прекращение права собственности; принудительное прекращение права собственности; конфискация; совершение преступления или правонарушения; решение суда; безвозмездное изъятие имущества.*

## CONFISCATION OF PROPERTY AS A BASIS FOR TERMINATION OF OWNERSHIP

**SHOKHIN SHAMSIDDIN,**
applicant of Law and Comparative Law Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992 904912845. E-mail: shokhin_ sh@mail.ru

*This article deals with the issue of confiscation of property as a basis for the termination of property rights from the point of civil law view, and studies the basis for termination of property rights in conjunction with criminal and penal legislation for a complete analysis. The article presents proposals for improving civil legislation and legislation in areas related to the confiscation of property.*

***Key words:*** *civil legislation;; property; property law; termination of property law; forced termination of property law; confiscation; committing a crime or offense; the court's decision; gratuitous seizure of property.*

УДК:342.951

# ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ РЕҶАҲОИ МАЪМУРӢ - ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**САИДОВ ҚУДРАТУЛЛО ХУҶАНАЗАРОВИЧ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 985-32-32-89.

*Дар мақолаи мазкур реҷаҳои маъмурӣ–ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ маҷмуи тадбирҳои давлатию идоракунӣ ва маъмурию ҳуқуқие, ки аз реҷаи маъмурии идоракунӣ вобаста мебошад, иборат аст. Фаъолияти мақомоти маъмуриро вобаста ба ҳолатҳои махсус ҳолатҳои фавқулодда, эълон намудани ҳолати ҳарбӣ, тартиботи сарҳадӣ, гумрукӣ, ва ғ. тақозо мекунад. Реҷаҳои маъмурӣ- ҳуқуқӣ иборат аст аз таъмини сулҳу субот, таъмини амният ва манфиатҳои миллӣ, объектҳои барои давлату ҷомеа муҳим, ҳифзи сарҳади давлатӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ, таъмини қонуният, интизоми давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ва ғ., ки бо шаклу усулҳои махсус ба амал бароварда мешавад. Мазмуни «реҷаи маъмурию ҳуқуқӣ», мавқеи он дар системаи воситаҳои танзими ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, чораҳои амниятӣ тасниф карда мешаванд, сохтори ташкилии низомҳои маъмурию ҳуқуқӣ; кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар шароити низомҳои маъмурию ҳуқуқи дида мешавад. Реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ чун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос аст. Хусусиятҳои реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз табиати он бар меояд. Албатта, меъёрҳои ҳуқуқӣ дар мақолаи мазкур инъикос гардидаанд ва оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ, ба монанди қоидаҳои умуми ҳатмиро ба миён меоварад.*

*Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие мавҷуд аст, ки онҳо мазмунан танзимкунандаи реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқианд. Махсусан, ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъди ба дастовarии истиқлолияти давлатӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд. Санади асосие, ки заминаи устувори ҳуқуқиро дар барои реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ мегузорад, ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *реҷа, реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, субъектони ваколатдор, сарҳади давлатӣ, минтақаи сарҳадӣ, гумрук, низоми гумрукӣ, ҳолати фавқулодда.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие мавҷуд аст, ки онҳо мазмунан танзимкунандаи реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқианд. Махсусан, ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъди ба дастовarии истиқлолияти давлатӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд. Дар илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои аз ҷиҳати мазмун мураккаб ва муҳим ба ҳисоб меравад. Реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ моҳиятан аз мафҳуми реҷаҳои ҳуқуқӣ бар меояд. Аниқтараш, яке аз навъҳои реҷаҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Равшан намудани табиати «реҷаи ҳуқуқӣ» ба дарки дурусти реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Дар илми ҳуқуқӣ реҷаҳои ҳуқуқӣ аз лиҳози ҷанбаҳои гуногун баррасӣ мешавад. Хусусан:

- ҳамчун унсури воситаи ҳуқуқии дар сохти муайяни ягона пайвасткунандаи маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ;
- ҳамчун қисми такибии низоми ҳуқуқ, ки дар қатори предмет ва методи (усули) танзими ҳуқуқӣ ҷудокунии як соҳаи ҳуқуқ ба дигар соҳаи ҳуқуқ ҷавоб медиҳад;

- ҳамчун маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, ки дар соҳаи бехатарӣ (амният) истифода мешавад ва дар худ падидаҳои ҳуқуқӣ-ташкилиро дар бар мегирад;

- ҳамчун натиҷаи таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ;

- ҳамчун тартиби амали ҳуқуқ, ки дараҷаи мушаххаси мусоид ё номусоидро барои қонеъсозии манфиатҳои субъектони ҳуқуқ фароҳам меорад[1,с.477 ].

Реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ яке аз намудҳои реҷаҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Таъиноти он ифодагари таъмини бехатарии конститутсионии пайдоиши таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷии тамомияти арзӣ ва Истиқлолияти давлат, низоъҳои мусаллаҳ, бетартибии оммавӣ, мебошад. Муайян намудани тартиби амалисозии ҳуқуқ ва ухдадориҳо, шароити ҳаётӣ дар ҳудуде, ки дар он фаъолияти табиатмуҳофизатӣ, санитарӣ, заддисӯхторӣ ва дигар чорабиниҳо гузаронида мешавад, ташкили шароит барои фаъолияти самараноки мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ғайра мебошад.

Реҷаҳои маъмурӣ–ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Зеро, он муносибатҳои якхелаи ба ҳам монандро фаро гирифта, тавассути меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба танзим даровара мешавад.

Умуман, реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ гуфта - маҷмӯи тадбирҳои давлатию идоракунӣ ва маъмурию ҳуқуқие, ки аз реҷаи маъмурии идоракунӣ моҳиятан фарқ карда, мувофиқгардонии фаъолияти мақомоти маъмуриро вобаста ба ҳолатҳои махсус ҳолатҳои фавқулодда, эълон намудани ҳолати ҳарбӣ, тартиботи сарҳадӣ, гумрукӣ, ва ғ. тақозо мекунад. Мақсадҳои реҷаҳои маъмурӣ- ҳуқуқӣ иборат аст аз таъмини сулҳу субот, таъмини амният ва манфиатҳои миллӣ, объектҳои барои давлату ҷомеа муҳим, ҳифзи сарҳади давлатӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ, таъмини қонуният, интизоми давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра, ки бо шаклу усулҳои махсус ба амал баровара мешавад[10,с.417 ].

Реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ чун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос аст. Хусусиятҳои реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз табиати он бар меояд. Мазмунан, чунин хусусиятҳои реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро номбар намудан мумкин аст:

- пеш аз ҳама, реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ як намуди хоси реҷаҳои ҳуқуқӣ аст. Ин намуди реҷаи ҳуқуқӣ фарогири муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ аст, ки дорои табиати ба худ хос аст;

- реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба сифати падидаи (институти) мустақили ҳуқуқи маъмурӣ баромад мекунад, ки дарбаргирандаи муносибатҳои якхелаи бо ҳам монанд аст;

- реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ асосан тавассути меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Дар танзими реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дигар намудҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ низ мавҷуд аст, ба монанди меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар меъёрҳо. Аммо, меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ фарогири ҳама паҳлуҳои реҷаҳои номбурда аст, ки бар муқаррарсозӣ ва ба низомдарории амиқи реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ равона мегардад. Дигар ин ки, меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони ваколатдори маъмурӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва қабул мегардад ва дар фазои муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ онҳо амал мекунанд;

- реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми ба амал омадани факти муайяни ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Ба монанди, ҳодисаҳои табиӣ, садамаҳои техникӣ, фалокатҳо, бухронҳо, низоъҳои мусаллаҳи байнидавлатӣ, муноқишаҳо, эпидемияҳо, эпизоотияҳо ва ғайраҳо;

- реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар давраи муайян ва доимӣ амал менамояд. Масалан, бо ба вуҷуд омадани офати табиӣ, ки оқибати вазнинро барои ҷомеа ва давлат ба миён

меорад, дар ин ҳолат речаи вазъияти фавқуллода ба муҳлат то се моҳ ё зиёда аз он эълон мегардад.

Ё ин ки, сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври доимӣ таҳти речаи махсуси сарсади давлатӣ қарор дорад;

- речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ бо мақсадҳои муайян эълон мешавад ё амал мекунад. Чуноне дар боло зикр намудем мақсадҳои речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз таъмини сулҳу субот, таъмини амният ва манфиатҳои миллӣ, объектҳои барои давлату ҷомеа муҳим, ҳифзи сарҳади давлатӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии чумҳурӣ, таъмини қонуният, интизоми давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра, ки бо шаклу усулҳои махсус ба амал бароварда мешавад;

- речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ заминаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дорад. Яъне, бобати танзим ва муқаррар намудани он маҷмуи меъёрҳои конститутсионӣ мавҷуд аст, ки чун сарчашмаи асосии танзими меъёрии ҳуқуқӣ баромад менамояд.

- речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дорои намудҳои муайяни ба худ хос аст, ки дар қонунгузори соҳавӣ онҳо мустаҳкам гардидаанд.

Умунан, агар нисбати речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ таҳлили чуқур равона шавад хусусиятҳои зиёди онҳо муайян мегардад, ки мукаммалӣ ва устувории онро чун падидаи ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад.

Речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро бо дарназардошти омилҳои гуногун метавон ба намудҳои муайян чудо намуд.

1. Вобаста ба ҳудуди амалашон речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба **умумидавлатӣ** ва **маҳаллӣ** ҷудо мегарданд. Ин намуди речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ заминаҳои конститутсионӣ дорад. Зеро, дар моддаи 47 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълони вазъияти фавқуллодаро дар саросаи чумҳурӣ ва маҳалли алоҳида муқаррар шудааст[5,с.9 ].

2. Вобаста ба муҳлати амалашон бошад, речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба **доимӣ** ва **муваққатӣ** тақсим мешавад. Речаҳои доимии маъмурӣ-ҳуқуқии ифодагари ба таври доимӣ амал намудани онҳо мебошад. Масалан, речаи Сарҳади давлатӣ, речаи гумрукиро метавон чун речаи маъмурӣ-ҳуқуқии доимӣ номид.

3. Вобаста ба тартиби баамалбарориашон маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба **марказонидашуда** ва **ғайримарказонидашуда** ҷудо мешаванд[3,с.259 ].

4. Вобаста ба навъҳои алоҳида речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба намудҳои зерин тақсим мегарданд:

- речаи вазъияти фавқуллода;
- речаи Сарҳади давлатӣ;
- речаи гумрукӣ;
- речаи ҳолати ҷангӣ;
- речаи санитарӣ-эпидемиологӣ;
- речаи минтақаҳои муҳофизатшаванда;
- речаи шиносномавӣ ва ғайра.

Баррасӣ ва равшан намудаи намудҳои алоҳидаи речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ аст. Яке аз намудҳои асосии речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ин речаи Сарҳади давлатӣ мебошад. Чуноне маълум аст, ин намуди речаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар фарқият аз дигар намуди речаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ хусусияти доимиро соҳиб аст. Яъне, речаи Сарҳади давлатӣ речаи маъмурӣ-ҳуқуқии доимӣ аст.

Асосҳои ҳуқуқии речаи сарҳади давлатиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[6]. муқаррар менамояд. Қонуни

мазкур ҳама паҳлуҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии Сарҳади давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим медарорад

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта хат ва сатҳи амудии аз ин хат гузарандааст, ки ҳудуди қаламрави (хушкӣ, обҳо, қаъри замин ва фазои ҳавоии) Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне ҳадди фазоии амали соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон -ро муайян менамояд, меноманд, ки он ҷузъи сиёсати давлатии дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Сарҳади давлатиро ҳамчун хати муайянкунандаи ҳудуди фазоии қаламрави (хушкӣ, обҳо, қаъри замин, фазои ҳавоии) аз ҷиҳати ҳуқуқӣ тақвиятгар-дидае, ки дар он Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳибихтиёрии комил ва тамоми ҳуқуқҳо бархурдор мебошад, арзёбӣ менамоянд.

Сарҳади давлатиро одатан дарвозаи давлат, оғози сарзамини давлат, оғози қаламрави паҳншавии соҳибихтиёрии давлат, хатти ҷудо-кунандаи байни давлатҳо давлат ва ғайра ҳам меноманд. Бо ҳамин назардошт, Сарҳади давлатӣ ҳамчун ҷузъи таъмини амнияти Тоҷикистон ва татбиқи сиёсати давлатии сарҳадии Тоҷикистон дар минтақаи сарҳадӣ эътироф карда шудааст. Он бояд таҳти ҳимоя, муҳофизат ва назорати махсус, яъне дорои реҷаи махсуси маъмурӣ бо номи реҷаи сарҳадӣ бошад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд таҳти ҳимоя қарор дошта бошад. Ҳимояи Сарҳади давлатӣ ҳамчун ҷузъи системаи таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи сиёсати давлатии сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фаъолияти мувофиқашудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ки онҳо дар доираи ваколатҳои худ бо роҳи андешидани тадбирҳои сиёсӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ, сарҳадӣ, разведкавӣ, зиддиразведкавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, гумрукӣ, ҳифзи табиат, санитарию эпидемиологӣ, экологӣ ва дигар тадбирҳо ба роҳ мемонанд, иборат мебошад. Дар ин фаъолият мувофиқи тартиби муқарраргардида корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон иштирок менамоянд.

Тадбирҳо оид ба ҳимояи Сарҳади давлатӣ мутобиқи статуси Сарҳади давлатӣ, ки санадҳои ҳуқуқии байналми-лалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мена-моянд, андешида мешаванд. Ҳимояи Сарҳади давлатӣ манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлатро дар Сарҳади давлатӣ дар доираи қаламрави наздисарҳадӣ (минтақаи сарҳадӣ, қисми тоҷикистонии дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳои дигари сарҳадӣ, гузаргоҳҳои Сарҳади давлатӣ, инчунин қаламрави ноҳия ва шаҳрҳои маъмурии назди Сарҳади давлатӣ, минтақаи сарҳадӣ, соҳилҳои дарё, кӯлҳо ва дигар обанборҳо) таъмин менамояд ва аз ҷониби тамоми мақомоти ҳокимияти иҷроия мутобиқи ваколатҳои онҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сурат мегирад.

Муҳофизати Сарҳади давлатӣ қисми таркибии ҳимояи Сарҳади давлатӣ буда, дар доираи қаламрави наздисарҳадӣ дар хушкӣ, дарёҳо, кӯлҳо ва дигар обанборҳо аз ҷониби Қушунҳои сарҳадӣ, дар фазои ҳаво бошад,-аз ҷониби Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Муҳофизати Сарҳади давлатӣ бо мақсади роҳ надодан ба ғайриқонунӣ тағйир додани хати Сарҳади давлатӣ, таъмини риоя гардидани низоми Сарҳади давлатӣ, низоми сарҳадӣ ва низом дар гузаргоҳҳои Сарҳади давлатӣ аз ҷониби ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад. Тадбирҳои сарҳадӣ ба системаи тадбирҳои амният, ки дар доираи сиёсати ягонаи давлатии таъмини амният андешида шуда, ба таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлат мутобиқ мешаванд, дохил мегарданд.

Реҷаи Сарҳади давлатӣ мутобиқи қонун қоидаҳои зеринро дар бар мегирад:

- нигаҳдории Сарҳади давлатӣ;
- аз Сарҳади давлатӣ гузаштани ашхос ва воситаҳои нақлиёт;
- ба воситаи Сарҳади давлатӣ интиқол додани борҳо, молҳо ва ҳайвонот;
- аз Сарҳади давлатӣ гузарондани ашхос, воситаҳои нақлиёт, борҳо, молҳо ва ҳайвонот;
- пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, шикор ва дигар фаъолият дар Сарҳади давлатӣ ё дар наздикии он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- якҷоя бо давлатҳои хориҷӣ ҳаллу фасл кардани ҳодисаҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои мазкур вобастаанд;
- дохил шудан (гузаштан), будубоши муваққатӣ, ҳаракати ашхос ва воситаҳои нақлиёт дар минтақаи сарҳадӣ;
- бурдани фаъолияти хоҷагидорӣ, шикор ва фаъолияти дигар, гузаронидани чорабиниҳои оммавии ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар чорабиниҳо дар минтақаи сарҳадӣ;
- баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи киштиҳои хурдандоза; шикор кардан, машғул шудан бо фаъолияти таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯӣ ва фаъолияти дигар дар қисми тоҷикистонии оби дарёҳо, кӯлҳо ва дигар обанборҳои сарҳадӣ.

Бо назардошти манфиатҳои муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамҳудуд муқаррар кардани баъзе қоидаҳои низоми Сарҳади давлатӣ мумкин аст ва имкон дорад, ки хусусиятҳои қоидаҳои муқар-раршаванда соддатар карда шаванд. Ҳама гуна маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон танҳо дар асос ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои ҶТ мумкин аст. Дар даромадгоҳҳои минтақаи сарҳадӣ ва хати сарҳад аломатҳои сарҳадӣ гузошта мешаванд. Бо назардошти хусусияти муносибатҳои ҶТ бо давлати ҳамҳудуд дар қитъаҳои алоҳидаи Сарҳади давлатӣ муқаррар накардани хати сарҳад мумкин аст. Муайян-кунии ҳудуди минтақаи сарҳадӣ ва хати сарҳад гузоштани аломатҳои огоҳкунанда бо мувофиқаи мақомоти ҳокимия-ти иҷроияи маҳаллӣ аз ҷониби Қушунҳои сарҳадӣ анҷом дода мешавад.

Реҷаи сарҳадӣ дар минтақаи сарҳадӣ ва хатти сарҳад ҷорӣ карда мешавад, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Минтақаи сарҳадӣ, чун қоида, дар ҳудуди қаламрави шаҳр, ноҳия, шаҳрак ва деҳае, ки аз хати Сарҳади давлатӣ дар масофаи то 25 километр қарор дорад, муқаррар карда мешавад. Ба таркиби минтақаи сарҳадӣ, дар ҷое, ки он муқаррар карда мешавад, ҳамчунин обҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми Тоҷикистонии обҳои дарёҳо, кӯлҳо ва дигар обанборҳо ва ҷазираҳои дар он обҳо ҷойгиршуда дохил карда мешаванд. Хатти сарҳадӣ қисми таркибии минтақаи сарҳадӣ мебошад ва бевосита қадқади Сарҳади давлатӣ дар қитъаҳои хушкии он ё қад-қади соҳилҳои дарёҳо, кӯлҳо ва дигар обанборҳои сарҳадӣ дар хати арзаш то ду километр муқаррар карда мешавад.

Дар сати Сарҳади давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хосаеро пеша намудааст. Сиёсати сарҳадӣ ҷузъи сиёсати давлатии дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тохикистон мебошад, ки онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.Сиёсати сарҳадӣ бо назардошти принсипҳои байналмилалии эҳтироми соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳои давлатӣ ташаккул ёфта, ба он асос меёбад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- Сарҳади давлатиро ҳамчун хати муайянкунандаи ҳудуди фазоии қаламрави (хушкӣ, обҳо, қаъри замин, фазои ҳавоии) аз ҷиҳати ҳуқуқӣ тақвиятгардидае, ки дар он Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳибихтиёрии комил ва тамоми ҳуқуқҳо бархурдор мебошад, арзёбӣ менамояд;

- дар асоси ворисияти ҳуқуқии эълонгардида нисбати собиқ ИҶШС, хати Сарҳади давлатии худро, ки дар рӯзи эътибор пайдо карани Қонуни Сарҳади давлатӣ, санадҳои амалкунандаи байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои оид ба тақсимоти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо - собиқ ҷумҳуриҳои Иттифоқи ҶШС муқаррар намудаанд, тасдиқ мекунад;

- ҳангоми муқаррар намудан ва тағйир додани хати Сарҳади давлатӣ, муқаррар ва ба роҳ мондани муносибатҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсоя дар сарҳад, танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва дар роҳҳои алоқаи байналмилалӣ дар қаламрави Тоҷикистон, тадбирҳои мутобиқ ба мақсадҳои таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амнияти байналмилалӣ, манфиатҳои ҳамкории мутақобилан судманди ҳамаҷониба бо давлатҳои ҳамсоя, принсипҳои ҳаллу фасли осоиштаи бидуни зурӣ масъалаҳои сарҳадиро анҷом медиҳад;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муқарраркунии низомии Сарҳади давлатӣ ва фаъолияти оид ба ҳимоя ва муҳофизати онро бо давлатҳо - иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамоҳанг месозад[6].

Ҳимояи Сарҳади давлатӣ ҳамчун ҷузъи системаи таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи сиёсати давлатии сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фаъолияти мувофиқашудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ки онҳо дар доираи ваколатҳои худ бо роҳи андешидани тадбирҳои сиёсӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ, сарҳадӣ, разведкавӣ, зиддиразведкавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, гумрукӣ, ҳифзи табиат, санитарию эпидемиологӣ, экологӣ ва дигар тадбирҳо ба роҳ мемонанд, иборат мебошад. Дар ин фаъолият мувофиқи тартиби муқарраргардида корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон иштирок менамоянд.

Тадбирҳои оид ба ҳимояи Сарҳади давлатӣ мутобиқи статуси Сарҳади давлатӣ, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд, андешида мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи ҳимояи Сарҳади давлатӣ дар асоси принсипҳои эътирофнамудаи умум ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аҳдномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд. Ҳимояи Сарҳади давлатӣ манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлатро дар Сарҳади давлатӣ дар доираи қаламрави наздисарҳадӣ (минтақаи сарҳадӣ, қисми тоҷикистонии дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳои дигари сарҳадӣ, гузаргоҳҳои Сарҳади давлатӣ, инчунин қаламрави ноҳия ва шаҳрҳои маъмурии назди Сарҳади давлатӣ, минтақаи сарҳадӣ, соҳилҳои дарё, кӯлҳо ва дигар обанборҳо) таъмин менамояд ва аз ҷониби тамоми мақомоти ҳокимияти иҷроияи мутобиқи ваколатҳои онҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сурат мегирад.

Дигар намуди реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ реҷаи гумрукӣ мебошад. Реҷаи мазкур чуноне аз номаш бармеояд дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ роҳандозӣ мешавад. Махсусан, аз ҷониби мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нмуди реҷаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ татбиқ мегардад.

Санади асосии меъёрии ҳуқуқие, ки реҷаи гумрукиро ба танзим медарорад ин Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон[4] мебошад. Дар асоси ин Кодекс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин намудҳои реҷаҳои гумрукӣ мавҷуд аст:

1) иҷозат барои муомилоти озод;
2) содирот;
3) транзити гумрукии байналмилалӣ;
4) коркард дар қаламрави гумрукӣ;
5) коркард барои муомилоти озод;
6) коркард берун аз қаламрави гумрукӣ;
7) воридоти муваққатӣ;
8) анбори гумрукӣ;
9) реимпорт;
10) реэкспорт;
11) нобудкунӣ;
12) даст кашидан ба манфиати давлат;
13) содироти муваққатӣ;
14) савдои бебоҷ;
15) минтақаи озоди гумрукӣ;
16) анбори озод;
17) интиқоли захираҳо;
18) низомҳои гумрукии махсус.

Воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он аз ин қаламрав шахсро вазифадор менамояд, ки молро таҳти яке аз низоми гумрукии муқаррарнамудаи ҳамин зерфасл ҷойгир кунад ва ин низоми гумрукиро риоя намояд. Шахс ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи ҳамин Кодекс ҳар навъи низоми гумрукиро дар доираи мӯҳлати барои ҳар низом муқарраргардида интихоб намояд ё низоми онро тағйир диҳад.

Ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ аз ҷониби мақоми гумрук мувофиқи Кодекси гумрук иҷозат дода мешавад. Ҳангоми аз ҷониби шахс риоя кардани низоми гумрукии арзшуда ва шартҳои иҷозати мол мақоми гумрук вазифадор аст барои таҳти низоми гумрукии арзшуда ҷойгир намудани мол иҷозат диҳад. Рӯзи ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ рӯзи иҷозати мол аз ҷониби мақоми гумрук ҳисоб мешавад.

Мамнӯият ва маҳдудиятҳоеро, ки дорои хусусияти иқтисодӣ намебошанд ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, шахсон вазифадоранд сарфи назар аз низоми гумрукии арзшуда, риоя намоянд[4].

Барои таҳти низоми гумрукӣ ҷойгир намудани мол ба мақомоти гумрук танҳо ҳуҷҷату маълумоте пешниҳод карда мешаванд, ки риояи шартҳои таҳти низоми гумрукӣ ҷойгир намудани молро мувофиқи ҳамин зерфасл тасдиқ менамоянд. Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад танҳо ҳуҷҷату маълумотеро талаб намояд, ки барои тасдиқи риояи шартҳои нигаҳдории мол таҳти низоми гумрукии арзшуда ва риояи ин низоми гумрукӣ мувофиқи ҳамин Кодекс заруранд.

Ҳангоми додани иҷозат барои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ, ки мундариҷаи он пурра ё қисман озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё баргардонидани маблағи пардохтшуда ва (ё) истифода набурдани мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд, мақоми гумрук ҳуқуқ дорад пешниҳоди таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ (боби 46), пешниҳоди ӯҳдадорӣ оид ба содироти бозпаси моли муваққатан воридгардида ва дигар кафолатҳои иҷрои ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи ҳамин зерфаслро талаб намояд.

Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ – маҷмӯи тадбирҳои муайяни ҳуқуқӣ ва ташкилие мебошад, ки бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани зуҳуротҳои муайяни ҷамъиятӣ равона шуда, аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия баамал бароварда мешавад.

**Адабиёт**


1. Бахрах Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю. Н. Административное право: Учебник для вузов. – 3-е изд., пересмотр. и доп. – М.: Норма, 2008.
2. Джамшедов Дж.Н., Соибов З.М. Правовое положение уполномоченного органа по вопросам таможенного дело // Правовая жизнь. №1 (13). 2016;
3. Диноршоев А.М. Кодиров Дж.Ш. Маърифхонов Р.Н. Административное право Республики Таджикистан. Учебно - методический комплекс. - Душанбе, 2010.
4. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 №62 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ.2, мод.703; мод.704; с. 2006, №3, мод.159; с. 2007, №7; мод.681; с. 2008, №6, мод.459; №10, мод.818; с. 2011, №3, мод.160; №6, мод. 458; с. 2012, №4, мод.250; №7, мод.695; мод.724; №8, мод.818; №12, қ.1, мод.1000; с. 2013, №12, мод.879;Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1189
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2016.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 августи соли 1997 №482 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997, №15-16, мод. 254; № 23-24, мод. 333; соли 2001, № 4, мод. 197, 203; соли 2002 № 4, г.1, мод. 200; соли 2005, № 7, мод. 403; соли 2006, №11, мод. 470; соли 2008, №10, мод.801; соли 2009, № 3, мод. 94
7. Оймаҳмадов М. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 1996.
8. Раҷабов М.Н. Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013;
9. Соибов З.М. Ҳамкории байналмилалии мақомоти гумрук // Минбари ҳуқуқшинос. №17-18 (32-33). 2015;
10. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ / Зери таҳрири н.и.ҳ Имомов А.И. ва Диноршоев А.М. – Душанбе 2013.


# ОСНОВНЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО РЕЖИМА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**САИДОВ КУДРАТУЛЛО ХУДЖАНАЗАРОВИЧ,**

ассистент кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управлени
я при Президенте Республики Таджикистан.
734003, г. Душанбе. Душанбе, улица Саида Носира 33.
Тел.: (+992) 985-32-32-89.



*В данной статье рассматривается административно-правовой режим как явление административного права Республики Таджикистан. Административно-правовые режимы - это совокупность государственно-управленческих и административно-правовых мер, зависящих от административного режима управления. Деятельность административных органов необходима при особых случаях, чрезвычайных ситуациях, объявлении военного положения, пограничном, таможенном и др. порядке. К административно-правовым режимам относятся обеспечение мира и стабильности, обеспечение национальной безопасности и интересов, объектов, важных для государства и общества, защита государственной границы, независимости и территориальной целостности республики,*

*обеспечение законности, государственной дисциплины и общественного порядка, и т.д., которые осуществляются специальными формами и методами. Определено понятие «административно-правового режима», его места в системе методов правового регулирования, классифицированы меры безопасности, организационная структура административно-правовой системы; рассмотрены гарантии защиты прав и свобод граждан в условиях административно-правовых систем.*

*Административно-правовые режимы как явление административного права имеют ряд особенностей. Особенности административно-правовых режимов вытекают из их природы. Безусловно, в данной статье отражены правовые нормы, которые имеют определенные правовые последствия, такие как общеобязательные правила.*

*В Республике Таджикистан есть ряд нормативных правовых актов, которые по существу регулируют административно-правовые режимы. В частности, данные нормативно-правовые акты были приняты и вступили в силу после обретения государственной независимости. Основным документом, обеспечивающим прочную правовую основу административно-правовых режимов, является Конституция Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *режим, административно-правовые режимы, административное право, нормативные правовые акты, уполномоченные субъекты, государственная граница, пограничная зона, таможня, таможенная система, чрезвычайное положение.*

## THE MAIN FEATURES OF THE ADMINISTRATIVE-LEGAL REGIME OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SAIDOV KUDRATULLO KHUJANAZAROVICH,**
assistant of Administrative Law and Civil Service Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 985-32-32-89.

*The article discusses the administrative-legal regime as a phenomenon of the administrative law of the Republic of Tajikistan. Administrative-legal regimes are a set of state and administrative and administrative-legal measures that depend on the administrative regime of administration. The activities of administrative bodies are necessary in special cases, emergencies, the declaration of martial law, border, customs and other procedures. Administrative and legal regimes include ensuring peace and stability, ensuring national security and interests, objects that important for the state and society, protecting the state border, independence and territorial integrity of the republic, ensuring the rule of law, state discipline and public order, etc., which are carried out by special forms and methods. The concept of the "administrative-legal regime", its position in the system of legal instruments is determined, security measures, the organizational structure of the administrative-legal system are classified; guarantees for the protection of the rights and freedoms of citizens within the framework of administrative and legal systems are considered . Administrative-legal regimes as a phenomenon of administrative law have a number of specific features. Features of administrative-legal regimes arise from its nature. Undoubtedly, legal norms are reflected in this article which have certain legal consequences, such as generally binding rules.*

*There are a number of normative legal acts in the Republic of Tajikistan that essentially regulate the administrative and legal regimes. In particular, these legal acts were adopted and entered into force after gaining state independence. The main document that provides a solid legal basis for administrative and legal regimes is the Constitution of the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *regime, administrative-legal regimes, administrative law, regulatory legal acts, authorized subjects, state border, border zone, customs, customs system, state of emergency.*

УДК: 351

# МАЗМУНИ ФУНКСИЯИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**САИДЗОДА ШОДӢ,**
унвонҷуйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир 33.
Тел.: (+992) 918-47-47-74. E-mail: **saidjon75@mail.ru**

*Дар мақолаи мазкур мазмун ва моҳияти назорати давлатии молиявӣ ва табиати он ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ баррасӣ гардидааст. Назорати давлатии молиявӣ дар шароити муосир дар тамоми давлатҳои муосир ба сифати функсияи муҳимми контролӣ маҳсуб меёбад, ки бо мақсади муайян намудани қонуният ва интизом дар самти ташкил, тақсим ва истифодабарии мақсадноки маблағҳои давлатӣ равона мегардад. Ҳамзамон, дар радифи фаҳмишҳои гуногун нисбати назорати давлатии молиявӣ, он ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ баромад мекунад, ки намуди алоҳидаи функсияи контролӣ ва назоратии идоракунии давлатӣ ҳисобида мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *назорати давлатии молиявӣ, қонунгузорӣ, функсия, идоракунии давлатӣ, қонуният, истифода, маблағ, буҷаи давлатӣ, сиёсати молиявӣ.*

Ташкили идоракунии давлатии давлатӣ раванди мурраккаб ва серҷабҳа буда, барои самаранок гардидани он тадбирҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ташкилӣ аз ҷониби давлат ба роҳ монда мешавад. Хусусан барои амалигардии вазифа ва мақсадҳои идоракунии давлатӣ функсияҳои он муайян гардидаанд, моҳиятан ифодагари самтҳои асосии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ мебошанд. Тавре маълум аст, идоракунии давлатӣ функсияҳои гуногун дошта, ҳар яки онҳо мазмун ва таъиноти ба худ хос дорад. Ба монанди функсияҳои ояндабинӣ, банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, танзим, ҳисобот, контрол (назорат), ташкилӣ ва ғайра. Бо ҳамин мазмун, функсияҳои мазкур идоракунии давлатиро амалан инъикос намуда, тибқи салоҳияти (ваколати) муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои мақомоти идоракунии давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо, дар маҷмуъ иҷрои вазифа ва мақсадҳои идоракунии давлатӣ равона мегарданд.

Дар ин миён мақом ва нақши муҳимро функсияи контрол ва назорат иҷро менамояд. Ҳадафи асосӣ ва муҳимтарини функсияи мазкур ин муайяннамоии сатҳу сифати иҷро ва риояи муқарраroти қонунгузорӣ, ҳолати вайроншавии меъёрҳои қонунгузорӣ, гирифтани иттилоот оид ба вазъи объектҳои дахлдор [1], роҳ надодан ба дахолати беасос ба фаъолияти шахсони алоҳида [2] ва ғ. мебошад. Дар сурати акс бошад, яъне самаранок набудани контрол ва назорат метавонад сабаби вайроншавии талаботи қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва монеъгардии амалисозии ислоҳот гардад [3]. Бинобар ҳамин, дар иртибот бо функсияи контрол ва назоратии идоракунии давлатӣ, фаъолияти контролӣ-назоратӣ аз ҷониби давлат ташкил гардида, дар шакл ва намудҳои мухталиф ба роҳ сонда мешавад.

Яке аз намудҳои маъмул ва асосии фаъолияти контролии давлат – ин назорати давлатии молиявӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар давраи Истиқлоли давлатӣ дар соҳаи молия, андоз ва буҷети кишвар бо назардошти гузариш ба низоми нави рушди ҷомеа, идоракунии давлатӣ ва низоми иқтисодӣ тағйироти куллӣ ба миён омад. Махсусан, ғанӣ гардонидани буҷаи кишвар дар заминаи сиёсати нави пешагирифта сурат гирифт. Аз қабили, рушди бахши хусусӣ, кафолати фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳоказо аз ҷумла соҳаҳои нав барои кишвар унвон гардиданд, ки онҳо ба сифати сарчашмаи пур намудани буҷаи кишвар бо воситаҳои пулӣ мебошанд. Бинобар ҳамин, сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли нав ташаккул ёфта, ҷиҳати таъмини сифат ва самаранокии соҳаи мазкур механизмҳои ва тадрҳои муайян таҳия ва ташкил гардиданд, ки аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо назорати давлатии молиявӣ ба шумор меравад.

Тазаккур додан ба маврид аст, ки дар тамоми давлатҳои мутамаддин назорати давлатии молиявӣ шакли муҳимтарини контроли давлатӣ маҳсуб меёбад, ки асосан нисбати истифодабарии оқилонаи маблағҳои давлатӣ равона мегардад. Албатта, барои давлат доштани буҷа ва бо ҳамин васила маблағгузорӣ намудани соҳаҳои дахлдори ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ масъалаи муҳим ва хос ба шумор меравад. Чунки, бо ин роҳ давлат метавонад ҳастии худро таъмин намуда, вазифа ва ҳадафҳои барои худ муайяннамударо амалӣ намояд. Бинобар ҳамин, давлат тавассути воситаҳои мухталиф буҷаи худро ғанӣ намуда, маблағҳои ҷамъомадаи буҷаро ба таври мақсаднок истифода мебарад. Дар алоқамандӣ бо ин, истифодабарии маблағҳои буҷаи давлатӣ таҳти назорати давлатии молиявӣ қарор гирифта, оқибати он натиҷагирӣ карда мешавад. Ба таври дигар, назорати молиявӣ ба самаранокии идоракунии молиявӣ таъсири муайян мерасонад [6].

Бояд тазаккур дод, ки назорати давлатии молиявӣ дар сарчашмаҳои илмӣ ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ, унсури идоракунии давлатӣ, раванди мустақили идоракунӣ, механизми давлатӣ [7, 140], амал [15, 87], фаъолият [4, 36], падидаи ҳуқуқӣ [13, 31] ва ғ. унвон гардидааст. Дар воқеъ мавқеъҳои зикргардида то андозаи муайян нисбати назорати давлатии молиявӣ дуруст аст. Чунки, пеш аз ҳама он ба сифати функсияи идоракунии давлатӣ (функсияи контролӣ) баромад намуда, моҳиятан ҳамчун фишанг ва воситаи таъминин қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ маҳсуб меёбад. Бо назардошти он, ки назорати давлатии молиявӣ амалан аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ (мақомоти назорати давлатии молиявӣ) сурат мегирад, он мазмунан амал ва фаъолият мебошад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ мегардад. Аммо, вобаста ба он, ки назорати давлатии молиявӣ ҳамчун унсури идоракунии давлатӣ ва механизми давлатӣ муайян гардидааст, то андоза муайян ба мазмуни мафҳумҳои зикргардида мутобиқат намекунад. Чунки, унсурҳои идоракунии давлатиро субъект ва объекти идоракунии давлатӣ, ҳамчунин дигар масъалаҳо ташкил дода, механизми давлат ҳамчун масъалаи назариявӣ-ҳуқуқӣ бошад, моҳиятан дастгоҳи давлатиро инъикос менамояд, ки унсурҳое чун мақомоти давлатӣ [17, 43], шахсони мансабдор ва ташкилотҳои дахлдор [11, 105] иборат аст.

Қайд бояд намуд, ки мафҳуми назорати давлатии молиявӣ дар сарчашмаҳои илмӣ ва қонунгузории кишварҳои муосир дар шаклҳои мухталиф муайян гардидааст. Махсусан, масъалаи мазкур ба сифати объекти таҳлили илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ маҳсуб ёфтааст, ки муҳаққиқони риштаҳои номбурда, бо назардошти ҷанбаҳои онҳо назорати давлатии молиявиро баррасӣ ва таҳқиқ кардаанд. Дар яке аз адабиёти ватанӣ зикр гардидааст, ки «дар илми ҳуқуқии муосир мафҳуми назорати давлатии молиявӣ аз ду мавқеъ – ҳуқуқӣ (ҳамчун яке аз унсури дастгоҳи консептуалӣ-категориявӣ) ва иқтисодӣ (ҳамчун яке аз функсияҳои асосӣ ва мутлақи давлат ва мақомоти салоҳиятдори он) баррасӣ мегардад» [14, 28]. Дар воқеъ, назорати давлатии молиявӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ кайҳо боз мавриди баррасӣ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифта, дар доираи соҳаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи молиявӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ таҳлил гардидааст. Хусусан, дар доираи илми ҳуқуқи маъмурӣ назорати давлатии молиявӣ ҳамчун функсияи муҳимтарини идоракунии давлатӣ ба шумор рафта, қонуниятро дар раванди истифодаи маблағҳои буҷаи давлатӣ таъмин менамояд.

Андешаҳо нисбати мафҳум ва таъиноти назорати давлатии молиявӣ дар сатҳи илми муосир гуногун мебошанд. Чунончи, Ю.М. Воронин зикр кардааст, ки назорати молиявӣ баҳри ошкор намудани истифодабарии қонунӣ ва мақсадноки захираҳои молиявӣ ва моддӣ (дар шакли пулӣ) дар раванди амалисозии сиёсати иқтисодӣ, ташкили алоқаи баръакси зарурӣ, ки имкон медиҳад, ки чи гуна рахираҳои барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда (рушди иқтисодиёт, паст намудани беқурбшавӣ, шиддат бахшидани рушди илмӣ-техникӣ) самаранок истифода гардидаанд, равона мегардад [5, 34]. Муҳаққиқ Я.С. Клеймёнов дар рисолаи илмии худ мафҳуми назорати молиявиро ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва низомноки танзимшуди мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ҳамчунин дигар ташкилотҳо муайян кардааст, ки баҳри ошкор намудани расидан ба ҳадафҳои иқтисодӣ, тафтиши қонуният ва самаранокии истифодаи воситаҳои пулӣ, риояи интизоми молиявӣ, ки ба истифодаи алоқаи бевосита ва баръакс асос ёфта, дар ин замина ба мақомоти ваколатдор

пешниҳод намудани иттилоот оид ба ҳолати иқтисодӣ давлат ва субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ равона мегардад [8, 8].

Муҳаққиқи рус С.Г. Моняк фаҳмиши серҷабҳаи назорати давлатии молиявиро муайян карда, бар он андеша омадааст, ки дар шароити муосир назорати давлатии молиявӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад, ба мазмуни зайл тавсиф меёбад: аввалан, меъёрҳои танзимкунандаи муқаррарнамоӣ ва баамалбарории назорати давлатии молиявӣ падидаи мустақили байнисоҳавиро (меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва молиявӣ-ҳуқуқӣ) ташкил медиҳанд; дуюм, назорати давлатии молиявӣ – фаъолияти бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзимшавандаи мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад, ки нисбати тафтиши қонуният ва мақсаднокии амалҳо дар раванди ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи маблағҳои давлатӣ бо мақсади баамалбарории сиёсати самараноки молиявӣ ва таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи молия равона мегардад; сеюм, назорати давлатии молиявӣ – функсияи идоракунии давлатиро ифода мекунад, ки баҳри амалигардии мақсадҳои дахлдор равона мегардад [10, 9-10].

Подшивалов Ю.И. бошад, чунин андеша дорад, ки назорати давлатии молиявӣ ҳамчун фаъолияти тибқи қонунгузорӣ баамалбарорандаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба тафтиши қонуният, мақсаднокӣ ва самаранокии ташкил, тақсим ва истифодабарии дороиҳои миллӣ бо мақсади огоҳсозӣ ва пешгирии қонуншиканиҳо дар ин соҳа, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон ҳамчун андозсупоранда пешниҳоди иттилооти воқеӣ оид ба хароҷоти маблағҳои давлатӣ маҳсуб меёбад [12, 24].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи меъёрӣ назорати давлатии молиявиро танзим намудааст [16]. Аммо, тазаккур намудан лозим аст, ки мафҳуми назорати давлати молиявӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардидааст. Дар иртибот бо ин, бо мақсад равшан намудани табиати назорати давлатии молиявӣ, дар минбаъда ба миён наомадани гуногунфаҳмӣ ва тасдиқи фаҳмиши расмии ягонаи он мо зарур мешуморем, ки мафҳуми назорати давлатии молиявӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мустаҳкам карда шавад. Мафҳуми назорати давлатии молиявиро метавон бо назардошти муқаррароти санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян намуд. Вобаста ба ин, мафҳуми назорати давлатии молиявии дар Қонуни намунавӣ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ» пешибинигардидаро, ки дар ҷаласаи пленарии 24-уми Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои иштирокдори ИДМ аз 4 декабри соли 2004, №24-11 қабул гардидааст, метавон дар қонунугзории кишвар ба инобат гирифт. Тибқи он назорати давлатии молиявӣ – ин тафтиши риояи қонунгузории миллии молиявӣ, оқилона ва самаранок истифода бурдани молия ва захираҳои моддии давлатиро аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва шахсони воқеӣ ва хуқуқӣ мебошад [9]. Мафҳуми мазкур ба мазмуни умумӣ мафҳуми назорати давлатии молиявиро муқаррар намуда, табиати онро равшан кардааст. Дар робита бо ин, барои муқаррар намудани мафҳуми назорати давлатии молиявӣ метавон мафҳуми болозикрро ба инобат гирифт.

Таҳлили маъмурӣ-ҳуқуқии назорати давлатии молиявӣ моро имкон медиҳад, ки масъалаи мазкурро аз нигоҳи ҳуқуқи маъмурӣ баррасӣ намуда, онро ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ муайян намоем. Дар воқеъ, назорати давлатии молиявӣ тавре дар боло зикр гардид, намуди алоҳидаи функсияи контролии идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар алоқамандӣ бо соҳаи иқтисодиёти кишвар, ташкил, тақсим ва икиистифодабарии маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳои дахлдор, фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳои дахлдор қарор дорад. Муҳиммияти функсияи мазкур дар он аён мегардад, ки дар заминаи он ташкил ва тақсими дурусти маблағҳои буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои дахлдор, истифодабарии оқилона ва самараноки маблағҳои мазкур, ташкили дурусти фаъолияти хоҷагидории субъектҳои дахлдор таъмин мегардад. Бинобар ҳамин, назорати давлатии молиявӣ ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ ба он мусоидат менамояд, ки маблағҳои аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо ба субъектҳои дахлдор ҷудогардида, ки тавассути воситаҳои муайян (андозҳо ва дигар сарчашмаҳо) ба буҷети давлатӣ ворид гардидааст, дуруст ташкил, тақсим ва самаранок истифода гарданд.

Бо ҳамин мазмун, назорати давлатии молиявӣ – функсияи идоракунии давлатӣ мебошад, ки бо мақсади таъмини қонуният ва интизоми молиявӣ дар раванди ташкил, тақсим ва истифодабарии маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо равона гардида, ба амалисозии сиёсати самараноки молиявии кишвар мусоидат мекунад.

Барои равшан намудани мазмун ва моҳияти назорати давлатии молиявӣ ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ зарур аст, ки хусусиятҳои онро, ки дар раванди идоракунии давлатӣ аҳамиятноканд, муайян намуд. Дар робита бо ин, хусусиятҳои назорати давлатии молиявӣ ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ чунинанд:

1) назорати давлатии молиявӣ – яке аз намудҳои функсияҳои идоракунии давлатӣ, аниқтараш функсияи контролии идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад;

2) назорати давлатии молиявӣ – ба ҳайси восита ва ё фишанги таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ баромад менамояд;

3) дар заминаи назорати давлатии молиявӣ – риоя ва иҷрои талаботи қонунгузории кишвар дар самти ташкил, тақсим ва истифодабарии маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо таъмин карда мешавад;

4) назорати давлатии молиявӣ аз ҷониби мақомоти муайяни идоракунии давлатӣ (мақомоти назорати давлатии молиявӣ) ба амал бароварда мешавад;

5) назорати давлатии молиявӣ дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои мақомоти назорати давлатии молиявӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии онҳо мебошанд, амалӣ карда мешавад;

6) дар заминаи назорати давлатии молиявӣ оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ, аз қабили тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, беҳтар намудани фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ, ба ҷавобгарӣ ҳуқуқии дахлдор кашидани шахсон ва ғ. метавонад ба бор ояд.

Маврид ба зикр аст, ки рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташкили дурусту муносиби идоракунии давлатӣ аз фаъолияти молиявии давлат ва маблағгузорӣ ба соҳаҳо вобастагии зич дорад. Дар шароити муосир воситаи асосии рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ ин дастгирии давлатӣ, махсусан аз ҷониби давлат маблағгузорӣ намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Пеш аз он, ки соҳаҳои дахлдор маблағгузорӣ карда шавад, маблағҳо ба буҷаи кишвар ҷамъоварӣ карда мешавад. Яъне, ташаккули маблағҳои буҷаи давлатӣ раванди мураккаб буда, аз ҳисоби андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва сарчашмаҳои дигар сурат мегирад. Бинобар ҳамин, онҳо барои устуворӣ, нигаҳдорӣ ва рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ равона мегарданд. Бояд гуфт, ки рушди тамоми соҳаҳо аз соҳаи молия вобастагии калон дорад. Чунки, дар заминаи соҳаи мазкур эҳтиёҷоти соҳаи дигар қонеъ гардида, вазифа ва ҳадафҳои онҳо давра ба давра амалӣ шуда, дар натиҷаи рушди онҳо таъмин мегардад. Бинобар ҳамин, барои боз ҳам таъмин намудани самаранокии рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ташкили дуруст ва баамалбарории самараноки назорати давлатии молиявӣ шарти муҳим ба ҳисоб меравад.

Назорати давлатии молиявӣ ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ метавонад, ки қонуният ва интизом, махсусан интизоми молиявиро дар раванди идоракунии давлатӣ, самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, аз ҷумла амалисозии пурраи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби онҳо (шахсони мансабдори онҳо), ҳифзи моликияти давлатиро таъмин намуда, ҳуқуқвайронкунииҳоро дар самти истифодаи маблағҳои давлатӣ ошкор намояд. Хусусан, дар заминаи чунин назорати давлатӣ ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта метавонад ошкор, пешгирӣ ва бартараф карда шавад. Бинобар ҳамин, ба амал баровардани функсияи назорати давлатии молиявӣ метавонад, ки масъулияти шахсони мансабдор ва дигар шахсони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдорро, ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ мегарданд, баланд бардошта, ташкил ва тақсими дуруст, ҳамчунин истифодаи самаранок ва оқилонаи онҳоро таъмин намуда, ба рушди соҳаҳои дахлдори ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, назорати давлатии молиявӣ ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ ифодагари фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ бо мақсади муайян намудани қонунӣ ва мақсад будани ташкил, тақсим ва истифодабарии маблағҳои буҷаи давлатӣ ва дигар

сарчашмаҳои дахлдор, дар замина мусоидат намудан ба таъмини самаранокии сиёсати молиявии кишвар равона мегардад.

## Адабиёт


1. Бахрах Д.Н., Российский Д.В., Старилов Ю.Н. Административное право. Учебник для вузов. – 2-е изд., изм. и доп. – М.: Норма, 2005. – С. 744
2. Братановский С.Н., Галицкая Н.В. Понятие и содержания контроля и надзора в области обеспечения безопасности // Вестник Саратовской государственной юридической академии. – 2013. – №6 (95). – С. 29
3. Верещагина И.В. Контроль и надзор в административном праве // Наука и современность. – 2010. – №4 (2). – С. 306
4. Вознесенский Э.А. Финансы как стоимостная категория. – М.: Финансы и статистика, 1985. – С. 36.
5. Воронин Ю.М. Государственный финансовый контроль: вопросы теории и практики. – М.: Финансовый контроль, 2005. – С. 34
6. Зокирова Ф.Д. Организационно-методическое обеспечение развития государственного аудита (на материалах Республики Таджикистан): дис. … канд. эком. наук. – Душанбе – 2020. – С. 3
7. Измоденов А.К. Государственный финансовый контроль // Известия УрГЭУ. – 2006. – №4 (16). С. 140
8. Клеймёнов Я.С. Административно-правовой механизм финансового контроля: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва – 2010. – С. 8
9. Қонуни намунавӣ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ», ки бо қарори Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои иштирокдори ИДМ аз 4 декабри соли 2004, №24-11 қабул гардидааст. Реҷаи дастрас: https://docs.cntd.ru/document/901949401. (санаи муроҷиат: 28.04.2022 с.)
10. Моняк С. Г. Органы внутренных дел (полиция) в системе субъектов государственного финансого контроля: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Ростов-на-Дону – 2012. – С. 9-10
11. Морозова Л.А. Теория государства и права. 4-е изд., перераб. и доп. – Москва: Эксмо, 2010. – С. 105
12. Подшивалов Ю.И. Понятие государственного финансового контроля // Вестник Челябинского государственного университета. – 2009. – №31 (169). – С. 24
13. Расулов Ф.М. Развитие законодательстви о финансово-контрольной деятельности в Таджикистане (1917-1914) : дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 16; Рустамов Д.Ю. Организационно-правовые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2019. – С. 31
14. Рустамов Д.Ю. Организационно-правовые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2019. – С. 28
15. Финансы. Под ред. В.М. Родионовой. – М.: Финансы и статистика, 1994. С. 87
16. Ҷиҳати танзими ташкил ва амалисозии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шудааст, ки асосҳои ҳуқуқии назорати давлатии молиявиро ташкил медиҳанд.

17. Шашина Н.С., Хадырев В.В. Система государственного и муниципального управления: учебно-методическое пособие. – СПб.: Издательство Санкт-Петербургского университета управления и экономики, 2012. – С. 43

## СОДЕРЖАНИЕ ФУНКЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ФИНАНСОВОГО КОНТРОЛЯ В ГОСУДАРСТВЕННОМ УПРАВЛЕНИИ

**САИДЗОДА ШОДИ,**
соискатель Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
г. Душанбе, ул. Саид Носир 33
Тел.: (+992) 918-47-47-74. E-mail: saidjon75@mail.ru

*В данной статье рассматриваются содержание и сущность государственного финансового контроля, а также его сущность как функции государственного управления. В современных условиях государственный финансовый контроль является важной контрольной функцией во всех современных государствах, направленной на установление законности и дисциплины в организации, распределении и целевом использовании государственных средств. В то же время, наряду с различными концепциями государственного финансового контроля, он выступает как функция государственного управления, которая является отдельным видом контрольно-надзорной функции государственного управления.*

***Ключевые слова:*** *государственный финансовый контроль, законодательство, функции, государственное управление, законность, использование, средства, государственный бюджет, финансовая политика.*

## THE CONTENT OF THE FUNCTION OF STATE FINANCIAL CONTROL IN PUBLIC ADMINISTRATION

**SAIDZODA SHODI,**
applicant of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, street S Nosir 33.
Phone: (+992) 918-47-47-74. E-mail: saidjon75@mail.ru

*This article discusses the content and essence of state financial control and its essence as a function of public administration. In modern conditions, state financial control is an important control function in all modern states aimed at establishing legality and discipline in the organization, distribution and targeted use of public funds. At the same time, along with various concepts of state financial control, it acts as a function of public administration, which is a separate type of control and supervisory function of public administration.*

***Keywords:*** *state financial control, legislation, functions, public administration, legality, use, funds, government budget, financial policy.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 323

# АРЗИШҲО ВА МЕЪЁРҲО ҲАМЧУН ҶУЗЪИ КОГНИТИВИИ ИДЕОЛОГИЯ

**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви Комиссия марказии интихобот ва райъпурсии
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 42.
Тел.: (+992) 918-63-97-54. E-mail: makfirat@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба таҳлили нақши арзишҳо ва меъёрҳо дар ташаккули идеологияҳо бахшида шудааст. Ҳамзамон табиати когнитивии ҷузъҳои мазкур дар раванди корбурди идеологӣ низ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз ҷумла, хулоса карда мешавад, ки арзишҳо ва меъёрҳо дар шаклгирии сохторӣ ва мазмунии идеологияҳо нақши бориз дошта, тавассути онҳо гурӯҳҳо ва қишрҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ мақсаду манфиатҳои худро муайян ва муаррифӣ мекунанд. Арзишҳо ва меъёрҳо дар танзими рафтори шахс низ аҳамияти хоса дошта, тавассути онҳо идеологияҳо рафтори одамонро метавонанд идора кунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *арзиш, меъёр, низоми арзишӣ, табиати арзишҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, арзишҳои сиёсию иҷтимоӣ, идеология, ҷузъи сохторӣ ва мазмунӣ, шаклгирии идеология.*

Моҳияти иҷтимоии инсон ба ӯ имконият медиҳад, ки ба олами атроф ва рӯйдоду ҳодисоти дар он ҷараёндошта аз рӯйи аҳамиятнокии онҳо барои ҷомеа ва, умуман, худи ӯ баҳо диҳад. Дар ин замина шакли махсуси муносибат ташаккул ёфта, баҳодиҳии фоиданокӣ ва арзишнокии онҳо ба миён меояд. Вобаста ба ин ҷузъи когнитивие, ки дар танзими равандҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти инсон зарур мебошад, арзишҳо маҳсуб меёбанд.

Ба ақидаи Н.Лосский:"Арзиш ин зуҳуроти фарогир, муайянкунандаи маъно ва мазмуни тамоми ҷаҳон, ҳар як зуҳуроту ҳодисот дар алоҳидагӣ мебошад. Хурдтарин тағйироти ба ҷаҳон воридшаванда, ки аз ҷониби дилхоҳ ходим ворид карда мешавад, ҷанбаи арзишии худро дошта, маҳз ба хотири ин ё он лаҳзаҳои арзишӣ қабул карда мешаванд.[1.С.7.] Аз ин ҷо бармеояд, ки дар ҳаёти ҷомеа ва инсонҳо лаҳзаҳои гуногун хеле зиёданд ва ҳар кадоми онҳо метавонанд вобаста ба вазъ ва замону макон арзиши муайянеро соҳиб бошанд. Мутаносибан замон ва вақт, чун барои ғояҳо, барои ташаккул ва мавҷудияти арзишҳо низ аҳамияти хос доранд.

Як гурӯҳи олимони рус [2.С.19], ки ба масъалаи омӯзиши моҳияти арзишҳо дар идоракунии давлатӣ сарукор доранд, онҳоро ба ғояҳо зид мегузоранд. Ба ақидаи онҳо: "Ба сифати муқарризи намоён ба ғояҳо аз нуктаи назари мавқеъгирӣ дар идоракунии давлатӣ конструксияи дигари маҷмӯии фаъолияти фикрии инсон - арзишҳо баромад мекунанд. Онҳо ченакҳои зеҳнӣ ва иҷтимоию фарҳангии фаъолияти фикрии инсонро инъикос намуда, шаклҳои функсионалӣ ва нақшофарии фаъолнокии идоракунандагонро тавассути ақида ва муқаррароти ақидавӣ ва ахлоқию этикӣ миёнаравӣ мекунанд"[2.С.19].Тибқи ақидаи мазкур арзишҳо "ченакҳои зеҳнӣ ва иҷтимоию фарҳангии фаъолияти фикрии инсон" буда, дар иҷрои вазифаҳои идоракунӣ рафтори субъектро ба танзим медароранд.

Ба ақидаи мо, ҳар як ҷомеа дорои низоми муайяни арзишӣ мебошад, ки он дар рафтор, муносибат, анъана ва урфу одати ин ё он халқу миллат таҷассуми худро ёфта, тавассути он арзишҳои муҳимми ифодакунандаи манфиатҳои ҷомеа ва одамон тарғиб карда мешаванд. Дар ин раванд метавон ба шаклҳои муносибати иҷтимоӣ байни

қишрҳои гуногун низ баҳогузорӣ намуд, ки онҳо ба эҳтиром, адолат, баробарӣ, якдилӣ, ҳамгирой асос ёфта, қодиранд дар таъмини раванди рушди босуботи ҷомеа таъсири бевоситаи худро расонанд. Яъне, аз нуктаи назари шинохт ва эътирофи муқаддасоте, ки барои инсонҳо, новобаста ба мавқеи иҷтимоӣ, ҷинс, нажод, эътиқоди динӣ ва ғайраҳо заруранд, ин арзишҳо ҳамчун меъёрҳои маънавии танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ баромад намуда, равандҳои иҷтимоию сиёсиро мазмуни инсондӯстона бахшида метавонанд. Ин аст, ки дар ҳама давру замон ба масъалаи ташаккули низоми арзишии ҷомеа диққати зарурӣ дода шуда, одамон кӯшиш мекунанд, то рафтору муносибат ва муоширати онҳо дар ин доира танзим карда шаванд.[3.С.33]. Арзишҳо ба сифати қолабҳои зеҳние баромад мекунанд, ки инсонро баҳри зиндагӣ ва фаъолият дар доираи худ нигоҳ дошта метавонанд. Онҳо моҳияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқию маънавӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятию иқтисодӣ доранд. Дарки онҳо ҷиҳати таъмини иҷтимоишавии сиёсии фард ва ҳамгироии иҷтимоии ҷомеаҳо зарур мебошад.

Ба омӯзиши арзишҳо машғул шуда, Г.Пушкарева қайд мекунад, ки:“Бо ифодаи дигар арзишҳо ба сифати нишондиҳандаҳои низоми фардии тамоюлҳои ҳаётӣ системаи рамзикунонидашудаи таҷрибаи гузашта ва муҳимми шахси идоракунандаро ташаккул дода, асоси зиндагӣ ва фаъолияти ӯро замина мегузоранд. Вобаста ба ин арзишҳо нақши принсипҳои ахлоқию этикиро дар дарки қоида ва меъёрҳои муайяншуда қувват бахшида, дар ҳолати ба даст наомадани ин мувофиқат боиси пайдоиши низоъ мегарданд”. [2.С.152]. Мувофиқати назариявии ду нуктаи назари овардашуда аз он дарак медиҳад, ки агар ғояҳо инъикоси воқеии предметии худро дошта бошанд, арзишҳо дар аксар ҳолат хусусияти трансцедентӣ дошта, мавҷудияти онҳо дар натиҷаҳои бадастомада аён мегарданд. Пайдоиши низоъ, ки дар натиҷаи номувофиқатии арзишҳо ба меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқӣ, ки дар бораи он муаллиф сухан меронад, аз паст будани сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа ва ташаккул наёфтани низоми ягонаи идеологӣ дар чунин ҷомеаҳо дарак медиҳад.

Ҳамзамон вобаста ба хусусияти зикркардаи худ арзишҳо метавонанд зарурат ва аҳамияти ғояҳоро муайян намоянд. Ин албатта, ба дарк ва қабули ҷомеа таъсири бевоситаи худро расонида метавонад. Масалан, ғояи “ватандӯстӣ” арзиши баландӣ маънавию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад. Ватан макони муқаддас аст. Арзиши баланди маънавию сиёсии онро ҳар як фарди соҳибақл бояд дарк кунад, вале, мутаасифона, на ҳама ба шинохт ва дарки он муваффақ мешавад. Ҳар нафаре дар шинохти он муваффақ мешавад, ки агар дарки баланди иҷтимоии арзишҳо ва муқаддас будани онро дошта бошад, вагарна вожаи мазкур метавонад ба сифати мафҳуми маъмулӣ истифода шаваду халос.

Дар ҳамин радиф метавон аз арзишҳои эътиқодӣ низ ёдовар шуд. Аз диди моҳияти гуманистии худ – бадӣ накардан ба дигарон, ёрӣ расонидан ба муҳтоҷон, гирифтани дасти бародари худ, дар роҳи ростӣ будан, дӯст доштани инсонҳои дигар амалҳоеанд, ки қариб кулли динҳои ҷаҳонӣ тарғиб менамоянд. Аз рӯйи моҳияти худ ин арзишҳо дар ҳама давру замон аҳамияти баланди иҷтимоӣ доранд. Ҳар як идеологияе, ки ба чунин арзишҳо такя мекунад, қодир аст бо созандагӣ ва башардӯстии худ зеҳни ҷомеаро осон ба даст оварад. Вале воқеияти замони муосир нишон дода истодааст, ки арзишҳои зикргардида хусусияти эъломиявӣ аз бар намуда, дар заминаи ҳиссиёти бардуруғи эътиқодӣ ва ифрот барандагони ин арзишҳо баръакс амал намуда истодаанд. Хусусан олами ислом дар ин самт ба мушкилиҳои зиёде мувоҷеҳ аст, ки маҳз бо ифротикунонии арзишҳои эътиқодӣ алоқаманд мебошанд.

Идеологияи ҷиҳодӣ, ки аслан бо маънои таҳрифшудаи худ аз ҷониби қувваҳои гуногуни иртиҷоӣ истифода мешавад, боиси авҷи хушунату зӯроварӣ ва даҳшатафканӣ дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштааст. Ба ақидаи сиёсатшиноси тоҷик Муҳаммад Абдураҳмон: “имрӯз зери парчамҳои динӣ дар ҷаҳон майдони васеи густариши ин анъанаву идеяҳо ба таълимоту ҷараёнҳои гуногуни динӣ пайвастааст. Ин гурӯҳҳои террористӣ дар чанд соли охир ба дини мо ва тамаддуни исломӣ чунон зарари маънавию ҷонӣ расонидаанд, ки таърихи башарият намунаашро ёд надорад”[4.С.110-111]. Дар ин замина метавон хулоса намуд, ки арзишҳои бардуруғи диние, ки тавассути идеологияҳои ифротию динӣ тарғиб карда мешаванд, худ гувоҳи гуфтаҳои боло дар масъалаи хусусияти дуруғин доштани идеологияҳо мебошад, ки тавассути ваъдаи саодати охират инсонҳоро ба мудҳиштарин амалҳо сафарбар менамоянд.

Дар робита ба ин Н.Маҳмадизода қайд мекунад, ки “Тавассути эътиқоди таассубӣ далелҳои бебаҳс инкор гардида, афзалият ба фиреби эҳсосот дода мешавад. Кандашавии эътиқоди таассубӣ аз воқеият, ба ибораи дигар “нобоварӣ ба воқеият” дар муносибати арзиши олӣ ба мафкураи худ нисбат ба ҷаҳон ифода меёбад. Ин қолабҳои дуруштӣ мафкуравии пешакӣ дастрас намудани иттилоотро аз дигарон ва муҳити атроф маҳдуд мекунанд” [6.С.56]. Асоси ин гуфтаҳоро маҳз арзишҳои таассубӣ ташкил медиҳанд, ки рафтор дар доираи онҳо инсонро ба роҳи комилан хатои хубтатбиқсозӣ роҳнамоӣ мекунад.

Ҷузъи дигари муҳимме, ки дар шаклгирии идеологияҳо нақши бориз доранд, меъёрҳо мебошанд. Меъёрҳо дар идеология метавонанд дар шаклҳои гуногун зоҳир шаванд. Масалан, олими рус Т.В.Мелникова вобаста ба нақши меъёрҳо дар идеология таҳқиқот гузаронида қайд мекунад, ки: “зарур аст, ки мафҳуми “меъёрҳои идеология”-ро аз ду нуктаи назар тавсиф намоем: меъёрҳои бевосита ва воситашавандаи ҳуқуқ аз як ҷониб ва “идеологияи ҳуқуқӣ” аз ҷониби дигар” [7.С.15]..

В. А. Туманов бошад дар робита ба ин масъала қайд мекунад, ки: «усули ифодаи муқаррароти идеологӣ дар ҳуқуқ метавонад дугона бошад. Якум, ифодаи бевоситаи формула, ғоя ва шиорҳои идеологӣ дар ҳуқуқ, дуюм, чунин қарори меъёрие, ки ҳатто дар шакли абстрактии юридикӣ ва аз диди беруна беғаразӣ идеологӣ моҳиятан усули татбиқи муқаррароти муайяни идеологиро ифода мекунад”.[8.С.23]. Аслан тавассути меъёрҳо раванди шаклгирии идеологии ҷомеа оғоз мегардад. Масъала сари он аст, ки дар фарқият аз нақши арзишҳо, ки вобаста ба моҳияти трансседентии худ асосан тавассути василаҳои маънавӣ ба рафтор ба муносибати ҷомеа таъсир мерасонанд, меъёрҳо дар шакли қоидаҳои умумиҳатмӣ метавонанд таъсири зиёдтар ба ин раванд дошта бошанд.

Асосгузори назарияи идеология Дестю де Траси ҳуқуқро дар баробари ахлоқ ва сиёсат ҳамчун ҷузъи таркибии идеология пиндошта буд.

Асосгузорони марксизм идеологияро ҳамчун василаи ҳифзи манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ”[9.С.25]эътироф намуда, дар ин раванд “давлатро ҳамчун қувваи идеологӣ аз болои инсон [10.] мешумориданд. Эътирофи давлат ба сифати қувваи идеологӣ ифодаи ақида дар бораи мавҷудияти меъёрҳо мебошад. Зеро давлат дар асоси меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ идеологияро ба василаи қувва аз болои инсонҳо истифода мебарад.

Олими дигар Д.Минар ҳам мавҷудияти таркиби меъёриро дар идеологияҳо эътироф намуда, худи идеологияро ҳамчун: “маҷмӯи ғояҳои дорои мазмуни муайян ва чун қоида меъёрҳо” маънидод намудааст. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки муаллиф меъёрҳоро ба сифати мазмуни асосии идеологияҳо эътироф менамояд.

Маънидодкунӣ ва тавсифи мафҳуми “меъёр” ва “идеология” аз он шаҳодат медиҳад, ки аввалӣ дар ташаккулёбии баъдӣ дар ду мазмун метавонад истифода шавад: якум, меъёрҳо ба сифати ифодаи талаботи иҷтимоӣ ва арзишӣ ба рафтори субъектони сиёсат дар шакли меъёрҳои ахлоқ ва маънавиёт баромад мекунанд; дар маънии баъдӣ дар шакли мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба давлат имкон медиҳанд ба сифати неруи идеологӣ баромад намояд. Вобаста ба ин хулоса намудан мумкин аст, ки меъёрҳо ҳамчун ҷузъи таркибии маърифатӣ дар ташаккули идеология нақши таъминкунандаи ҳамбастагии ҷомеа ва одамонро иҷро мекунад. Аз як тараф меъёрҳои ахлоқӣ ва маънавӣ аз ҷониби дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳанд, ки идеология ҳамчун василаи ифодакунандаи мақсад ва манфиатҳои гурӯҳҳои муайян ва ҳатто давлат, василаҳои таъсиррасоне дошта бошад, ки тавассути онҳо рафтор ва фаъолияти одамонро танзим намояд.

Агар аз диди дигар ба масъала назар афканем, пас муайян намудан мумкин аст, ки муносибати байни арзишҳо ва меъёрҳо мутақобилан ба ҳам вобастаанд. Зеро аз нуктаи назари аксиологӣ меъёрҳои ахлоқӣ ҳамон арзишҳое мебошанд, ки риояи онҳо хусусияти умумиҳатмӣ пайдо кардааст. Он дар натиҷаи таъсиррасонии омилҳои ҳуввиятсози миллию эътиқодӣ ба вуҷуд омадааст. Масалан, мафҳуми “Ватан” ҳамчун арзиши муқаддас дар фарҳанги сиёсии мо қабул шудааст. Он ҳамчун арзиши ивазнашаванда буда, дӯст доштан ва ҳимояи Ватан ҳамчун қарзи инсонӣ ва нишонаи имондорӣ пазируфта мешавад. Яъне, дарк ва эътирофи арзишии падида ва зуҳурот шаклҳои дигари водоркуниро дар натиҷаи таъсири омилҳои миллию динӣ ба вуҷуд овардааст: агар дӯст доштан ва ҳимояи Ватан дар анъанаи давлатдории миллати тоҷик ҷойгоҳи хос дошта бошад, пас фалсафаи имондорӣ ҷанбаи эътиқодӣ дошта, инсонро ба пазируфтани муқаддасии Ватан водор мекунад. Ин омил дар ташаккул ва таъсиррасонии идеологӣ нақши муҳим дорад. Ҳамин аст, ки технологҳои сиёсӣ ҳангоми таҳияи идеологияҳои гуногун ба ин ҷанба диққати ҷиддӣ медиҳанд.

Дар заминаи таҳлили гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки идеология ҳамчун василаи таъсиррасон дар раванди амалӣ намудани ҳокимият ва муносибатҳои вобаста ба он баромад менамояд. Он ба сифати нерӯе пазируфта мешавад, ки иқтидори калони маърифатӣ дошта, ҳамгироии иҷтимоию сиёсиро дар ҷомеа таъмин карда метавонанд. Ғояҳо, арзишҳо ва меъёрҳо, ки дар шаклгирии идеологии ҷомеа ҳамчун ҷузъҳои маърифатӣ баромад мекунанд, дар ташаккули идеология ҳамчун низоми муназзами ақида, тасаввурот, ғоя, арзишҳо ва қоидаю меъёрҳо нақши муҳим доранд.

Моҳияти маърифатии онҳо дар болоравии сатҳи шуур ва маърифати сиёсии ҷомеа аҳамияти хос дорад. Сухан дар бораи идеологияҳое меравад, ки аз ҷониби давлатҳо ба сифати неруи идоракунанда ва таъминкунандаи ҳамдилӣ ва якмаромӣ дар ҷомеа истифода мешаванд.

Воқеияти баръакси дигаре, низ мавҷуд аст, ки ғояҳо, арзишҳо ва қоидаҳо метавонанд куллан хусусияти вайронкорона дошта, бар зидди аксарият нигаронида шудаанд. Ба сифати чунинҳо ақида ва ғояҳои дорои хусусияти бунёдгароӣ, экстремистӣ ва террористӣ мебошанд, ки онҳо ҳам мутаассифона, дар солҳо охир дар муборизаи шадид бо ғояҳои дунявияту субот қарор гирифта, тавассути мағзшӯйӣ ҳазорҳо нафарро ба зери таъсири худ даровarda, суботи ҷомеаҳоро халалдор намуда истодаанд. Ин идеологияҳо тавассути тарғиби ғоя ва ақидаҳои бардуруғ мағзи ҷомеаҳоро соҳиб шуда истодаанд. Амали мазкур исботи гуфтаҳои болозикри олимон дар бораи “бардуруғӣ”-и идеология мебошад, ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлил мо ду ҳақиқатеро дар даст дорем: якум, ин ки идеология василаи муттаҳидии ҷомеа ва дигаре ҳамчун василаи шикасти ҷомеа ва инсоният.Таъмини бартарияти онҳо аз интихоби ҷомеа ва сатҳи ҷаҳонбинию донишҳои сиёсии шахс вобаста мебошад.

Собит карда шуд, ки идеология ҳамчун зуҳуроти мураккаби иҷтимоию сиёсӣ аз ғояҳо, арзишҳо ва меъёрҳо иборат мебошад, ки онро аз ҷиҳати сохторӣ мукаммал мегардонанд. Моҳияти табиати иҷтимоию сиёсии онҳо нишон медиҳад, ки онҳо метавонанд ҷанбаҳои гуногун дошта бошанд.

**Адабиёт**


1. Лосский Н.О. Ценность как бытие: Бог и царство Божье как основа ценностей./ Н.О.Лосский/ [Текст]- Харьков, 2000.- С.7.
2. Пушкарева Г., Соловев А., Михайлова О. Идеи и ценности в государственном управлении.: Монография/ Г.Пушкарева., А., Соловев О.Михайлова. [Текст]. – М., 2018. –С.19.
3. Хидирзода М.У. Ҷанбаи аксиологӣ дар омӯзиши масъалаҳои амнияти миллӣ./ М.У. Хидирзода [Матн] – Душанбе, «Империал-Групп», 2020.- С.33.
4. Муҳаммад А. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ (таҷрибаи Тоҷикистон: Монография/ Муҳаммад А./[Матн]. – Душанбе, 2021. – С.110-111.
5. Маҳмадизода Н. Таассубгароӣ: истилоҳ, табиат ва заминаҳои паҳншавии ин зуҳурот дар ҷомеа/ Н.Маҳмадизода/[Матн]/ Маводи конф.ҷумҳур.илмӣ-амалӣ «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи ҳадафҳои рушд».- Душанбе, 2021. – С.56.;Маҳмадизода Н. Таассубгароӣ: истилоҳ, табиат ва заминаҳои паҳншавии ин зуҳурот дар ҷомеа/ Н.Маҳмадизода/[Матн]/ Маводи конф.ҷумхур.илмӣ-амалӣ «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи ҳадафҳои рушд».- Душанбе, 2021. –С.56.
6. Мельникова Т.В. Юридическое лицо как субъект права (философско-методологический анализ) / Т.В. Мельникова/ Дисс.докт.филос. наук. [Текст]. – М., 2009. –С.15.
7. Мельникова Т.В. Юридическое лицо как субъект права (философско-методологический анализ) / Т.В. Мельникова/ Дисс.докт.филос. наук. [Текст]. – М., 2009. –С.15.
8. Туманов В. А. Буржуазная правовая идеология: К критике учений о праве./ В.А.Туманов/ [Текст] — М.: Наука, 1971. - С. 23.ЮЮЮ
9. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т. 3. / К.Маркс, Ф.Энгельс/ [Текст]— М., 1955.- С.25
10. Энгельс Ф. «Людвиг Фейербах и конец классической немецкой философии//[Электронный ресурс] //https://www.esperanto.mv.ru/Marksismo/Feuerbach/lfeuerbach.html. (дата обращения: 17.11.21)


## ЦЕННОСТИ И НОРМЫ КАК КОГНИТИВНАЯ ЧАСТЬ ИДЕОЛОГИИ


**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,**

Доктор философских наук, профессор,

Член Центральной комиссии по выборам и референдуму

Республики Таджикистан.

г. Душанбе, проспект Рудаки, 42.

Тел.: (+992) 918-63-97-54. E-mail: makfirat@mail.ru



*Статья посвящена анализу роли ценностей и норм в формировании идеологий. Также рассматривается когнитивная природа этих частей в процессе формирования идеологии. В*

*том числе, делается вывод о том, что ценности и нормы играют важную роль в структурном и содержательном формировании идеологии, посредством которых различные социальные и политические группы и слои определяют и представляют свои цели и интересы. Ценности и нормы также важны для регулирования поведения человека, с помощью которых идеологии могут контролировать поведение людей.*

***Ключевые слова:*** *ценность, норма, система ценностей, природа ценностей, правовые, моральные, культурные и социальные нормы, политические и социальные ценности, идеология, структурно-содержательный компонент, формирование идеологии.*

## VALUES AND NORMS AS A COGNITIVE PART OF IDEOLOGY

**HIDIRZODA MAHFIRAT UMAR,**
Doctor of Philosophy, Professor,
Member of the Central Commission for Elections and Referendum
of the Republic of Tajikistan.
Dushanbe, 42, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 918-63-97-54. E-mail: makfirat@mail.ru

*The article analyzes the role of values and norms in the formation of ideologies. It is also examines the cognitive nature of these components in the process of ideology formation. In particular, it is concluded that values and norms play an important role in the structural and content formation of ideology, through which various social and political groups and strata define and represent their goals and interests. Values and norms are also important in regulating human behavior, through which ideologies can control human behavior.*

***Key words:*** *value, norm, value system, nature of values, legal, moral, cultural and social norms, political and social values, ideology, structural and content component, ideology formation.*

УДК:342.5

# ГОСУДАРСТВЕННАЯ СЛУЖБА ТАДЖИКИСТАНА: ПРОБЛЕМЫ И НОВАЦИИ

**ЭРГАШЕВА ФАРИЗА МАМАДИЕВНА,**
кандидат политических наук, доцент кафедры
управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир 33
Тел: (+992) 918-62-78-77. E-mail: farizaerg@gmail.com

*Вопросы кадровой политики в государственной службе Таджикистана всегда были в центре внимания правительства Таджикистана. Опыт первых лет независимом позволяет сделать вывод, что для успешного решения этих вопросов необходимо сфокусироваться на двух моментах - стратегии работы с кадрами и способах реализации кадровых вопросов. Автор отмечает, что основное внимание в кадровой политике должно быть уделено правильному управлению человеческими ресурсами страны и проводит анализ первых лет становления государственной службы Таджикистана в контексте разработки и становления законодательной базы по вопросам кадровой политики, привлечению на государственную службу молодежи и решения гендерных проблем. Автор указывает на существующие проблемы и предлагает пути решения этих проблем.*

***Ключевые слова***: *государственная служба, управление человеческими ресурсами, кадровая политика, гендер, государственный служащий, законодательная база.*

Государственная служба Таджикистана начала формироваться сразу же с объявлением независимости страны, и самым актуальным вопросом в этом процессе был вопрос о кадрах. Эта важная для таджикского государства проблема не утратила своей важности до сегодняшнего дня. Свидетельством тому - постоянное совершенствование законодательной базы, касающейся сферы деятельности государственных органов и их государственных служащих, повышение потенциала кадров, создание соответствующих доступных всем информационных систем, автоматизация бизнес-процессов управления человеческими ресурсами, разработка механизмов мотивации государственных служащих, способствующих их более эффективной работе и, соответственно, карьерному росту.

Между тем решение всех этих задач, как и раньше, так и сегодня, в первую очередь зависит от правильно построенной кадровой политики, в реализации которой основное внимание должно уделяться человеческим ресурсам страны.

Опыт первых лет функционирования государственной службы в независимом Таджикистане и реализации кадровой политики страны в этой сфере позволяют сделать вывод, что в этих процессах для успешного решения возникающих проблем необходимо сфокусироваться на двух моментах - стратегии работы с кадрами и способах реализации кадровых вопросов.

Сегодня в республике действует Единая система управления человеческими ресурсами государственной службы Таджикистана. Согласно этой системе, стратегия работы с кадрами в целом связывается с целями и задачами государственного органа [1]. Указанная стратегия включает процедуры управления человеческими ресурсами, а именно отбор, оценку результативности работы, аттестацию, повышение квалификации, формирование резерва кадров, ротацию и пр. Неформальное отношение к этим стратегическим задачам должно и будет способствовать достижению государственным органом тех целей, которые он поставил в своей деятельности.

Что же касается способов решения кадровых вопросов, то здесь на первый план выходят проблемы подготовки кадров к выполнению своих функциональных обязанностей, их профессионализма и компетенций.

Таким образом, можно утверждать, что тот государственный орган, который руководствуется в своей деятельности разработанной кадровой стратегией, во всех своих решениях опирается на соответствующую законодательную базу и уделяет внимание квалификации и компетенции своих служащих, и сможет добиться значительных результатов в реализации кадровой политики. Именно об этом говорится (как об одном из итогов) в «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года» [2]. Здесь мы читаем: «4) Органы государственной власти укомплектованы квалифицированным и компетентным персоналом, который может играть ключевую роль в эффективном исполнении государственных функций и осуществлении государственных социальных гарантий».

Само понятие государственной службы достаточно полно изложено в Законе Республики Таджикистан «О государственной службе» (ст.1, гл.1): под государственной службой понимается «профессиональная деятельность государственных служащих, направленная на обеспечение исполнения полномочий лиц, занимающих государственные должности государственной власти и реализацию компетенции государственного органа». Понятию же «государственный служащий» дается такое определение: это «гражданин Республики Таджикистан, занимающий на профессиональной основе оплачиваемую государственную должность государственной службы с целью обеспечения исполнения полномочий лиц, занимающих государственные должности государственной власти, и реализации компетенции государственных органов» [3].

Согласно ст. 5 «Система государственной службы» упомянутого выше закона, вся система государственной службы Таджикистана делится на службу гражданскую; правоохранительных органов и военную службу. В рамках нашего анализа наибольший интерес представляет государственная гражданская служба, под которой предполагается «профессиональная деятельность граждан Республики Таджикистан на государственных должностях государственной службы, осуществляющаяся в соответствии с настоящим Законом» [4].

Таким образом, если говорить о проблеме предоставления качественных государственных услуг населению страны, то мы, в первую очередь, должны обратиться к изучению деятельности гражданских государственных служащих, которые в том же законе определяются, как «административные государственные служащие» (ст.1, гл.1). Должностные обязанности административного служащего выражаются в исполнении ими полномочий, соответственно занимаемым ими государственным должностям государственной власти и политическим должностям государственной службы, а также в реализации компетенций государственных органов [5].

Следует отметить, что с развитием любого государства и трансформациями, происходящими в мировом сообществе, изменяются и требования граждан страны к государственным служащим. Эти требования диктуются постоянно растущими потребностями (социальными, экономическими, политическими, религиозными и др.) и общества, в целом, и каждого его члена, в частности. То же самое происходит и в Таджикистане, где для общения с гражданами и предоставления государственных услуг стали использоваться современные коммуникационные технологии, в том числе, электронные. Самое же главное – на государственную службу начали привлекаться

высококвалифицированные профессионалы, причем этот процесс происходит в рамках соответствующего правового поля.

Большое значение имеет тот факт, что государственная служба при решении вопросов управления человеческими ресурсами руководствуется собственной нормативно-правовой базой, которая постоянно совершенствуется с учетом требований дня, и необходимостью исполнения единообразного подхода к кадрам при приеме их на работу. Можно сказать, что вся кадровая политика в органах государственной власти базируется на хорошо разработанной правовой базе, которая позволяет реализовывать такие процессы, как:

- применение определенных норм и стандартов при отборе и найме кадров;
- оценка результативности деятельности;
- формирование кадрового резерва;
- возможности перемещения, обучения и повышения потенциала государственных служащих.

О профессионализме и компетентности государственных служащих можно судить на основе системы квалификационных требований, используемой в госорганах республики. Соответствие этим требованиям является важнейшим условием для замещения какой-либо государственной должности. Они учитываются при отборе на госслужбу, оценке деятельности и аттестации сотрудников, а также при организации процесса профессионального их развития. Немалое значение придается в этом контексте и нормам их поведения, т.е. кодексу этики госслужащего.

Конечно, все эти нормы и стандарты взаимосвязаны друг с другом и направлены на развитие личностных характеристик государственного служащего. Из всего изложенного следует, что руководители государственных структур при решении вопросов кадровой политики должны уделять очень много внимания ее правовым основам.

Разумеется, правовой статус любого государственного служащего должен обязательно подкрепляться его профессионализмом, высокой квалификацией, образованием и необходимыми навыками. И здесь важную роль играют сотрудники кадровых служб государственных органов. От того, как они исполняют свои обязанности, насколько серьезно относятся к отбору кадров, соблюдая при этом законы страны и нормативно-правовые акты своего госоргана, и в сфере государственной службы, вообще, и зависит во многом кадровая политика в Республике Таджикистан. Бесспорно, можно утверждать, что только те государственные структуры, которые придают вопросам кадровой политики приоритетное значение, имеют профессиональных кадровиков и организовали работу с персоналом на системной, фундаментальной основе, смогут создать сильный коллектив из заинтересованных, мотивированных, целеустремленных специалистов.

Государственная служба Таджикистана в области работы с кадрами всегда ориентирована на современные мировые тенденции в этой сфере. В работе с персоналом используются новые технологии, изучается и активно адаптируется к условиям таджикской государственной службы лучшая мировая практика по управлению человеческими ресурсами, разрабатываются новые процедуры, в том числе, при приеме на работу и оценке профессионального уровня госслужащих.

В рамках кадровой политики особое место занимает вопрос привлечения на государственную службу талантливых, одаренных, креативно мыслящих молодых людей. Как известно, в республике «почти 70% населения… составляют граждане до

30 лет» [6]. Это огромный потенциал, который Правительство страны стремится эффективно использовать на благо развития Таджикистана.

Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем поздравительном послании по случаю Дня молодежи 22 мая 2020 г. отметил: «Государственная молодежная политика находится в центре внимания таджикского государства с момента обретения независимости» [7].

В целом, обеспечение молодежи постоянной работой и привлечение ее на государственную службу страны является одним из важных вопросов кадровой политики государства. Так, в п. 2, ст. 13 последней редакции Закона Республики Таджикистан «О государственной службе» констатируется, что «на административные должности государственной службы принимаются граждане Республики Таджикистан, достигшие 18-летнего возраста и соответствующие квалификационным требованиям, установленным настоящим Законом и другими нормативными правовыми актами Республики Таджикистан» [8]. В свою очередь в п. 37 «Положения о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы» [9] говорится о предоставлении отдельных льгот в виде дополнительных 3 (трех) баллов к общему баллу, полученному кандидатом в ходе собеседования для женщин и молодых людей, прошедших воинскую службу.

В своем ежегодном обращении к Маджлиси Оли Республики Таджикистан 21 декабря 2021 года Президент страны отметил: «Правительство страны обязано до 2026 года привлечь граждан старше 18 лет, не имеющих профессий, к освоению профессий и ремесел, и принять дополнительные меры для повсеместного обеспечения профессиональной занятости населения» [10].

В реализации кадровой политики на государственной службе Таджикистана большое значение придается также участию женщин в управлении государством. «Гендерное равенство в восточных странах имеет свое, региональное, значение и понимается здесь, на востоке, по-своему. Говоря о государственной службе Таджикистана и гендерном равенстве, необходимо отметить, что прежде всего в этом контексте имеется в виду принцип предоставления равных возможностей мужчинам и женщинам при участии в процессах государственного управления страной» [11]. Вопросам совершенствования политики по обеспечению фактического гендерного равноправия уделяется существенное внимание в Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, а также в целом ряде правительственных указов и стратегических документов.

В целом, анализ показывает, что обеспечение государственных структур соответствующими кадрами во многом зависит: (1) от эффективности механизмов построения работы с кадрами; (2) сильной системы материальной и нематериальной мотивации сотрудников; (3) от правильного формирования квалификационных требований на каждую государственную должность; (4) от постоянной модернизации работы кадровых служб в направлении изучения и адаптации в республике лучшей мировой практики по вопросам управления человеческими ресурсами; (5) от реально действующего института резерва кадров государственной службы и т.д.

Говоря о реализации кадровой политики и совершенствовании процедур управления человеческими ресурсами в Таджикистане, нельзя не упомянуть о значении деятельности в этой сфере Агентства государственной службы при Президенте Республики Таджикистан, - уполномоченного органа в сфере государственной службы, и Академии государственного управления - единственного образовательного учреждения в сфере подготовки государственных управленцев для страны. Эти учреждения ввели в практику совместной их деятельности разработку

специальных разъяснительных документов (методических рекомендаций, пояснительных записок) по всем процедурам управления человеческими ресурсами. Такого рода документы могут содействовать правильной и успешной реализации кадровой политики в стране.

Как следует из нашего краткого анализа, в основу реализации государственной кадровой политики страны положен принцип привлечения на государственную службу наиболее компетентных, профессионально грамотных, готовых к изменениям людей, обладающих высоконравственными качествами, чувствами гражданского долга и ответственности за свою деятельность.

Разумеется, в этой сфере сохраняется ряд проблем, которые препятствуют успешной реализации кадровой политики государственной службы Таджикистана. Назовем некоторые из них: это - проблемы, связанные с пандемией COVID-19; отставание законодательной и нормативно-правовой базы государственной службы от мировых правовых достижений в этой сфере; несвоевременное реагирование на новые вывозы формирующегося демократического общества в отношении необходимости разработки теоретической и методологической базы кадровой деятельности в сфере государственной службы в условиях становления рыночной экономики страны и т.д.

Помимо всего прочего, на современном этапе развития государственной службы Таджикистана весьма актуален и вопрос о скорейшем принятии новой редакции концепции как самой государственной службы, так и концепции государственной кадровой политики и, разумеется, программ их реализации.

В целом же решению кадровых вопросов, на наш взгляд, будут способствовать:

- внедрение в государственную службу страны инновационных форм и методов работы с человеческими ресурсами;
- формирование реально действующего института резерва кадров;
-совершенствование процессов повышения потенциала государственных служащих;
- разработка мер по мотивации и стимулированию государственных служащих;
- постоянное улучшение условий социально-правовой защиты государственных служащих и пр.

Самое же важное - государственной службе Таджикистана рекомендуется обратить внимание на системность и планомерность в реализации всех намеченных мероприятий и программ. По нашему мнению, именно системность и последовательность государственной кадровой политики позволят сформировать высокоэффективный кадровый потенциал, который обеспечит рациональное функционирование государственной службы.

Таким образом, разработка и реализация государственной кадровой политики в современных условиях – это очень сложный и многогранный процесс, и все проблемы, связанные с ним, всегда находятся на контроле Правительства Таджикистана и лично Президента страны.

**Литературы**

1. Эргашева Ф.М. Единая система управления человеческими ресурсами как эффективный инструмент достижения целей государственной кадровой политики Республики Таджикистан. Душанбе: «Ирфон», типография ООО «Сабрина-К», 2012. С.36.

2. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Электронный ресурс: http://ef-ca.tj/publications/02.2_rus(FILEminimizer).pdf, дата обращения: 31.03.2021.
3. Закон Республики Таджикистан «О государственной службе». Душанбе: ООО «Орбита». С.28.
4. Закон Республики Таджикистан «О государственной службе». Душанбе: ООО «Орбита». С. 31.
5. Закон Республики Таджикистан «О государственной службе». Душанбе: ООО «Орбита». С.28.
6. Шаропов О.М., Лидер нации Эмомали Рахмон – основатель государственной молодежной политики Республики Таджикистан, https://sugdnews.com/2019/11/11/lider-nacii-jemomali-rahmon-osnovatel-gosudarstvennoj-molodezhnoj-politiki-respubliki-tadzhikistan/
7. Эмомали Рахмон, Поздравительное послание по случаю Дня молодежи, 22 мая 2020, г https://tj.sputniknews.ru/20200522/Rakhmon-den-molodezhi-pozdravleniya-1031281560.html
8. Закон Республики Таджикистан «О государственной службе». Душанбе: ООО «Орбита». С.28.
9. Положение о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы. «Орбита», Душанбе: ООО «Орбита», 2020. С.30.
10. Эмомали Рахмон, «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», Электронный ресурс: http://www.president.tj/ru/node/27418, дата обращения: 20022022
11. Эргашева Ф.М., Мухамедова Д.Х., Роль женщины в управлении государством, Государственное управление, научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе, Таджикистан, 2021- №1 (50), С.238-246.


## ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУАММО ВА НАВГОНИҲО


**ЭРГАШЕВА ФАРИЗА МАМАДИЕВНА,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-62-78 77. E-mail: farizaerg@gmail.com



*Масъалаҳои сиёсати кадрӣ дар хизмати давлатии Тоҷикистон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор доштааст. Дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи солҳои аввали истиқлолият ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои бомуваффақият ҳал намудани ин масъалаҳо ба ду нуқта назар кардан лозим аст — стратегияи кор бо кадрҳо ва роҳҳои амалӣ гардондани масъалаҳои кадрҳо. Муаллиф қайд мекунад, ки таваҷҷуҳи асосӣ дар сиёсати кадрӣ бояд ба идоракунии дурусти захираҳои инсонии кишвар дода шавад. Муаллиф инчунин таҳлили солҳои аввали ташаккули хизмати давлатии Тоҷикистонро дар шароити рушд ва ташаккули заминаи қонунгузории, сиёсати кадрҳо, ҷалби ҷавонон ба хизмати давлатӣ ва ҳалли мушкилоти гендерӣ мебардорад. Муаллиф мушкилотҳои мавҷударо нишон дода, роҳҳои халли ин мушкилотҳоро нишон медихад.*

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатӣ, идоракунии захираҳои инсонӣ, сиёсати кадрӣ, гендер, хизматчии давлатӣ, заминаи ҳуқуқӣ.*

# CIVIL SERVICE OF TAJIKISTAN: PROBLEMS AND NOVATIONS

**ERGASHEVA FARIZA MAMADIEVNA,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor
of the Department of Human Resources Management, Academy
of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 918-62-78-77. E-mail: farizaerg@gmail.com

*The issues of personnel policy in the civil service of Tajikistan have always been in the center of attention of the Government of Tajikistan. The experience of the first years of independent allows us to conclude that in order to successfully address these issues, it is necessary to focus on two points - the strategy of working with personnel and ways to implement personnel issues. The author notes that the main attention in personnel policy should be paid to the proper management of the country's human resources and analyzes the first years of the formation of the civil service in Tajikistan in the context of the development and formation of legislative framework on personnel policy issues, attracting young people to the civil service and solving gender problems. The author points out the existing problems and suggests the ways to solve these problems.*

***Key words****: civil service, human resource management, personnel policy, gender, civil servant, legal framework.*

УДК: 66.01+26.22

# САБАБУ ОМИЛҲОИ ИХТИЛОФҲОИ ВОБАСТА БА ОБ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК

**ҚУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи
сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-80-00-71. Email: sqz_0085@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ дар Шарқи Наздик таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллиф сабабу омилҳои пайдоиши ихтилофҳои вобаста ба обро дар ин минтақа баррасӣ намуда, асоси онро набудани ҳамгироӣ, бархурди манфиатҳои об, паст будани иродаи сиёсӣ, мавҷуд набудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар ин самт, истифодаи захираҳои об ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ болои ҳам, истифодаи об ҳамчун силоҳи сиёсӣ, сатҳи пасти муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ арзёбӣ намудааст.*

*Тавре маълум мегардад, дар ин минтақа манфиатҳои обии кишварҳои болооб, махсусан Туркия бо манфиатҳои обии кишварҳои поёноб – Сурия ва ироқ созгор нест ва иншоотҳои гидроэнергетикии дар Туркия бунёдшаванда амнияти обии кишварҳои поёнобро халалдор сохта онҳоро дар ҳолати вазнин ва ногувори иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ қарор медиҳад.*

*Дар пайи чунин ҳолат, солҳои тӯлони миёни ин кишварҳои минтақа хтилофҳои шадид ҷиҳати истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ ҷой дорад, ки ҳамоҳангии сиёсати обии кишварҳоро тақозо менамояд. Ҳамзамон ҳолати мазкур зарурати таҳияи санатҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавиро дар самти истифодаи муштараки ҳавзаҳои ягонаи оби дар ин минтақа ба вуҷуд овардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *об, Шарқи Наздик, Туркия, Сурия, Ироқ, Даҷла, Фурот, дарё, дарёи фаромарзӣ, ҳавзаи ягонаи обӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ, муносибатҳои минтақавӣ, бархурди манфиатҳо, Кумитаи муштараки техникӣ, Лоиҳаи Анатолияи Ҷанубу Шарқӣ, Лигаи кишварҳои араб, ихтилоф, низоъ, ҳамкорӣ, минтақа, шартнома, созишнома.*

Шарқи Наздик яке аз минтақаҳои ҳасоси геосиёсӣ маҳсуб ёфта, дар он бархӯрди манфиатҳои акторҳои ҷаҳонӣ ҳамеша фаъол мебошад. Ин минтақа аз ҳар лиҳоз зери таваҷҷуҳи пайвастаи абарқудратҳо қарор дошта, дорои хусусиятҳои хоси сиёсӣ мебошад. Вазъи сиёсию амниятии минтақаи мазкур натанҳо ба омилҳои беруна ва бархӯрди манфиатҳои геосиёсии акторҳои ҷаҳонӣ, инчунин ва бештар ба муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои худи минтақа вобаста аст. Даҳсолаҳост вазъи сиёсию амниятии минтақаи мазкур нигаронкунанда ва боиси ташвиши ҷаҳонӣ мебошад. Дар баробари мушкилотҳои сиёсию амниятии мавҷуда дар ин минтақа, масъалаҳои истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ низ миёни давлатҳои ҳудуди ҳавзаҳои ягонаи обӣ ташвишовар мебошад.

Дар ин минтақа захираҳои об ниҳоят нобаробар ҷойгир буда, қисми зиёди онҳо дар қисми шимолии он (дар шарқ ва ҷанубу шарқи Туркия, дар қисмхои шимолии Эрон ва Ироқ — асосан дар Курдистон) ташаккул меёбанд.

Аз ҷумла, системаи дарёи Байнаннаҳрайн (ҳавзаи дарёҳои Даҷла ва Фурот ва шохобҳои онҳо) обро аз минтақаҳои серобҳои Анатолияи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ (Курдистони Туркистон) ва Байнаннаҳрайни Шимоли Шарқӣ (ҳудуди Курдистони Ироқ ва қисми ғарбии он) интиқол медиҳад ва ба минтақаи хушки ҷануб ва ба биёбонҳои араби қисми зиёди Шарки Наздик ҳаёт мебахшад. Масъалаи идоракунӣ ва

истифодаи оби дарёҳои фаромарзии Даҷла ва Фурот мавзӯи баҳсҳои шадиди байни Туркия, Сурия ва Ироқ мебошад.




Харитаи Шарқи Наздик бо ҳавзаҳои дарёҳои Даҷла ва Фурот.
Сарчашма: www.nationalsecurity.ru/maps/middleeast2.htm

Таърихи танзими ҳуқуқии вазъи истифодаи муштараки байнидавлатии об дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзии Даҷла ва Фурот аз Шартнома/Протоколи соли 1946 байни Туркия ва Ироқ оғоз мешавад, ки тибқи он тарафҳо ӯҳдадор шудаанд, ки якдигарро дар бораи лоиҳаҳои вобаста ба истифодаи оби дарёҳои мазкур огоҳ созанд. Мувофиқи протоколи мазкур соли 1980 Комитети муштараки техникии дарёҳои фаромарзии Даҷла ва Фурот ташкил карда шуда, ҳамзамон протоколи нав ба имзо расонида мешавад. Комитети муштараки техникӣ ӯҳдадор гардида буд, ки пешниҳоди таклифҳоро барои муайян кардани талаботи одилонаи се мамлакати ҳавза ба оби дарёи фаромарзии Фурот пешбинӣ намояд. Комитети муштараки техникӣ то ворид шудани Сурия ба он дар соли 1983 фаъолияти назаррас надошт. Баъди ворид гардидани Сурия фаъолияти Комитети муштараки техникӣ асосан ба баррасии баҳсҳо дар самти истифодаи муштараки обҳои фаромарзии дарёҳои мазкур равона гардида, натиҷаҳои назаррас дар самти рушди ҳамкориҳо ва истифодаи одилонаю оқилонаи обҳои фаромарзии дарёҳои Даҷла ва Фурот ба даст оварда намешаванд [1].

Дар доираи фаъолияти Кумитаи муштараки техникӣ 16 вохӯрию мулоқотҳои ҷониби давлатҳои Сурия, Ироқ ва Туркия доир мегардад, аммо ҳеҷ яке аз онҳо масъалаҳои дахлдоррро ҳал карда наметавонад. Ҳамаи вохӯриҳо бе натиҷа анҷом ёфта, дар доираи онҳо ҷонибҳо ҳамдигарро дар истифодаи ғайриодилонаи оби дарёҳои мазкур айбдор мекунанд. Дар ин вохӯриҳо Ироқу Сурия Туркияро ба нокомии музокира муттаҳам карда, Туркия низ дар навбати худ ҷониби Бағдод ва Димишқро оид ба пешниҳоди талабҳои барои Туркия ғайри қобили қабул гунаҳкор медонад.

Соли 1987 миёни Сурия, Ироқ ва Туркия аввалин созишномаи сеҷониба баста мешавад, ки тибқи он Туркия ӯҳдадор мегардад то ҷараёни об дар Фурот дар марзи Сурия ва Туркия на камтар аз 500 $м^3/с$ бошад. Соли 1990 Сурия ва Ироқ бори аввал дар бораи ҷудо намудани квотаҳо доир ба истифодаи оби аз қисми ҳудуди Туркия воридшавандаи ҳавзаҳои дарёҳои мазкур ба мувофиқа мерасанд [2].

Туркия нақшаҳои стратегии худро дар чаҳорчӯби лоиҳаи азими Анатолияи Ҷанубу Шарқӣ, ки 32 миллиард доллари ИМА ташкил медод, амалӣ менамояд.

Лоиҳа мазкур сохтмони 22 сарбанд, 19 неругоҳи бузурги барқиро пешбинӣ мекунад, ки 13 лоиҳаи алоқамандро (7 - дар дарёи Фурот, 6 - дар дарёи Даҷла) ташкил медиҳанд ва 1,7 млн. гк. Заминҳои нав обёрӣ мешаванд (1,1 миллион гектар аз ҳисоби оби дарёи ҳавзаи Фурот ва 0,6 миллион гектар аз ҳисоби оби ҳавзаи дарёи Даҷла). Истеҳсоли қувваи барқ бояд ба 27 миллиард киловатт-соат расонда шавад, ки ин бештар аз нисфи тамоми қувваи барқи Туркияро ташкил медиҳад. Нерӯи барқи арзоне, ки дар Курдистон дар доираи лоиҳаи Анатолияи Ҷанубу Шарқӣ дар солҳои 1990 истеҳсол карда шуд рушди бомароми иқтисодию саноатии Туркияро таъмин намуд.

Дар доираи лоиҳаи мазкур Туркия яке аз бузургтарин сарбанд дар ҷаҳон – сарбанди Отатуркро бо арзиши  4 миллиард доллар ИМА бунёд намуд, ки он ҳамасола 8-9 миллиард кВт/соат нерӯи барқ истеҳсол менамояд. Тибқи лоиҳаи мазкур Туркия ҳадаф дорад, ки бо роҳи 2—3 баробар зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мушкилоти озукаворӣи кишварашро комилан ҳал кунад [3].

Ба андешаи таҳлилгарон, назорат ва идоракунии захираҳои оби дарёҳои фаромарзиро Туркия як ҷузъи калидии қудрати ояндаи давлат медонад. Туркия ҳадаф дорад бо таҳти назорат қарор додани захираҳои оби дарёҷҳои фаромарзӣ болои давлатҳои арабӣ масъалагузорӣ кунад ва таъсири сиёсӣ дошта бошад.

Ба гуфтаи коршиносон, татбиқи Лоиҳаи Анатолияи Ҷанубу Шарқӣ маҷрои дарёҳои фаромарзиро ба Сурия 50% коҳиш медиҳад. Ҳамин тариқ, аз оғози лоиҳа, ҷараёни солонаи дарёи фаромарзии Фурот дар сарҳади Туркия ва Сурия аллакай аз 30 км$^3$ то камтар аз 16 км$^3$ дар як сол коҳиш ёфтааст. Ҳаҷми умумии коҳишёфтаи об дар маҷрои дарёи фаромарзии Фурот аз миёнаи солҳои 1970 то кунун бо сабаби пур шудани ҳавзаҳои об дар Туркия 150 км$^3$ ё ҳаҷм 5 солаи ҷараёни оби дарёи Фуротро ташкил менамояд. Азбаски манбаи ягонаи оби биёбони Сурия дарёҳои фаромарзии аз кӯҳҳои Курдистон ҷоришаванда мебошад, Сурия аз лоиҳаҳои Туркия дар Курдистон вобастагии зиёд дорад. Аз ҷумла, дарёи Фурот 80 фоизи тамоми  захираи оби дарёҳои Сурияро таъмин мекунад. Дар баробари ин, Сурия ни ҳадаф дорад, ки бо сабаби кам гардидани маҷрои оби дарёҳои фаромарзӣ сарбандҳои нав бунёд созад. Тибқи лоиҳаи яке аз онҳо маҷрои дарёи Даҷла тағйир дода мешавад, ки он ба НБО Ироқ хатари ҷиддӣ дорад [4].

Моҳи январи соли 1990 бо мақсади пур кардани обанбори Отатурк Туркия муддати як моҳ маҷрои дарёи Фуротро ба Сурия пурра қатъ мекунад. Дар пайи он маҷрои оби дарёи мазкур аз сарҳадҳои ҷанубии Туркия то кӯли сунъии Асад дар минтақаи Ҳалаб хушк мегардад. Ҳолати мазкур боиси сард гардиадни муносибатҳои ҳасанаи Туркия бо Сурия мешавад. Ин амали Туркияро кишварҳои арабӣ ҳамчун қасадан маҳрум кардани онҳо аз оби дарёи Фурот маънидод мекунанд.

Сурия талош мекунад, ки мушкилоти бамаломадаи обиро бо Туркия ба сатҳи байналмилалӣ расонад ва пешниҳод мекунад, ки онро бо кумаки Додгоҳи байналмилалии адлия ва Комиссияи байналмилалии ҳуқуқӣ ва Лигаи кишварҳои арабӣ ҳал кунад.

Бояд гуфт, ки Сурия заифтарин тарафи секунҷаи ташкилкардаи Туркия ва Ироқро дар маҷрои дарёҳои Даҷла ва Фурот мебошад. Мушкилоти дигар дар он аст, ки Сурия бо Исроил дар мавриди истифодаи манобеъи оби теппаҳои Ҷӯлон ва бо Урдун дар мавриди истифодаи оби дарёи фаромарзии Ярмук ихтилофҳо дорад.

Дар мавриди тақсимоти захираҳои обҳои фаромарзӣ Ироқ мисли Сурия бо Туркия ихтилоф дошта, талаб менамояд, ки Туркия аз дарёҳои фаромарзӣ ба ҷои 500 $м^3$/с ҳаҷми на камтар аз 700 $м^3$/с об ҷудо кунад.

Бо назардошти он, ки маҷрои миёнаи солонаи дарёи фаромарзии Фурот тақрибан 1000 $м^3$/с ташкил менамояд, Ироқ тақозо менамояд, ки Туркия, набояд бештар аз 1/3 ҳаҷми оби дарёҳои фаромарзиро истифода кунад. Ҷониби Ироқ исрор меварзад, ки сохтмони сарбанди Кебон дар Туркия ва Табқа дар Сурия ҷараёни дарёи Фурот ба Ироқро ба таври қобили мулоҳиза коҳиш дод, ки боиси норасоии об барои обёрӣ гардид [5].

Дарёҳои асосие, ки аз Сурия ва Туркия ҷорӣ мешаванд, Фурот, Оси, Африн, Чагчаг мебошанд. Мушкилоти марбут ба тақсими оби ин дарёҳои фаромарзӣ миёни Сурия ва Туркия дар равобити ду кишвар таъсири калон дорад.

Дар ҳудуди Сурия дарёи фаромарзии Фурот аз шимол ба шарқ, дарёи Аси аз ҷануб ба шимол ва дарёи Даҷла дар сарҳади шимолу шарқӣ ба масофаи 35 км ҷорӣ мешаванд. Маҷрои солонаи дарёи Фурот ба ҳисоби миёна тақрибан 30 $км^3$-ро ташкил медиҳад. Тибқи маълумотҳо сарбандҳои дар Туркия бунёдгардида 48,5 километри мукааб ҳаҷми оби дарёҳои фаромарзиро ба Сурияро коҳиш додаанд. Ҷониби Сурия бар ин назар аст, ки азбаски обҳои Фурот аз ҷониби 3 кишвар (Туркия, Сурия ва Ироқ) байни худ тақсим шудаанд, ҳолати истифодаи обҳои фаромарзиро бояд се тараф муайян кунанд. Дар ҳоли ҳозир баланси оби Сурия 21,46 километри мукаабро ташкил медиҳад. Тибқи Созишномаи соли 1987 миёни Сурия ва Туркия, Анқара 15,8 $км^3$ (500 $м^3$/с) об ба Димишқ интиқол медиҳад [6].

Хусусиятҳои хоси муносибатҳои обӣ дар дарёҳои фаромарзӣ дар ин минтақа дар он асос ёфтааст, ки об ҳамчун қудрати сиёсӣ ва воситаи таъсиррасонӣ миёни давлатҳо истифода мегардад. Дар ҳамин ҳол, Туркия бо идора кардани захираҳои оби минтақа, махсусан дар Курдистон талош баҳри таъсиррасонӣ болои тамоми Байнаннаҳрайн дорад.

Комитети муштараки техникӣ

Тобистони соли 2007 дар Димишқ нишасти Комитети муштараки техникӣ оид ба дарёҳои Даҷла ва Фурот баргузор мегардад, ки дар ҷараёни он ҷонибҳои Сурия ва Ироқ аз идомаи сохтмони сарбанди Илису изҳори нигаронӣ менамоянд. Ҷониби Ироқ аз ҷумла изҳор медорад, ки бунёди сарбанди Илису маҷрои дарёҳои Даҷла ба Ироқро коҳиш медиҳад ва пас аз бунёди сарбанд, ҳаҷми маҷрои дарёи Даҷла дар марзи Ироқ набояд камтар аз 200 $м^3$/с бошад, аммо ҷониби Туркия ин далелҳоро ғайри қобили қабул рад менамояд.

Тарҳи сохтмони сарбанди Илису (65 километр дуртар аз марзи Туркия бо Сурия ва Ироқ) яке аз масъалаҳои баҳсбарангезтарин дар равобити байнидавлатӣ дар ҳавзаи дарёи Даҷла мебошад. Лоиҳаи Илису яке аз калонтаринҳо дар доираи лоиҳаи азими Анатолияи Ҷанубу Шарқӣ мебошад. Сарбанди Илису, ки арзишаш 2 миллиард доллар аст, калонтарин дар дарёи Даҷла (дарозиаш 1820 м, баландиаш 135 м, масоҳати обанбор 313 $км^2$, ҳаҷми пурраи ғунҷоиш 10,4 $км^3$) мебошад. Дар заминаи ин лоиҳа паҳнои мухолифатҳои байни Туркия, Сурия ва Ироқ аз доираи захираҳои оби Фурот то ба ҳавзаи дарёи Даҷла фаррох гардид [7].

Мавриди қайд аст, ки тендер барои татбиқи лоиҳаи мазкур аз ҷониби Туркия ҳанӯз дар соли 1996 эълон мегардад, аммо ба далели шубҳанокии тиҷоратӣ ва хатарҳои сиёсӣ барои иштирок дар он ягон дархост ворид намегардад.

Дар соли 1997 Идораи давлатии оби Туркия ширкати швейтсарии Sulzer Hydro-ро ба ҳайси пудратчӣ интихоб менамояд, ки баъдан ба он ABB-и Шветсия-Швейтсария ва

Balfour Beatty Британиё ҳамроҳ мегарданд. Илова бар ин ба лоиҳаи мазкур бояд ширкатҳои итолиёвии Импреҷило, шветсиягии Сканска ва туркии Нурол, Киска ва Текфен ҷалб мегардиданд. Бо вуҷуди ин, дар моҳи марти соли 2000 ABB аз иштирок дар татбиқи лоиҳаи мазкур даст мекашад ва ӯҳдадориҳои онро ширкати фаронсавии Alstom мегирад, аммо Alstom низ баъдан аз лоиҳа даст мекашад. Моҳи сентябри соли 2000 ширкатҳои Сканска ва Impregilo низ аз иштирок дар татбиқи лоиҳа даст мекашандСоли 2001 бошад ширкати Балфур Битти низ аз иштирок дар сохтмони лоиҳаи мазкур даст мекашад ва сарвари он иқрор мешавад, ки агар мо медонистем, ки ин лоиҳа то чӣ андоза баҳсбарангез хоҳад буд, бо ҷалб нашудан дар он худро аз мушкилоти зиёд наҷот медодем.

Ҳарчанд дар моҳи марти соли 2000 порлумони Британиё аз иштирок дар татбиқи лоиҳаи мазкур пуштибонӣ карда буд ва намояндагони Кумитаи тиҷоратӣ ва саноатии Британиё эълом карданд, ки дар сурати машварати Туркия бо Сурия ва Ироқ ва тасдиқи эътимоднокии экологӣ ва бехатарии лоиҳа омодаанд дар ин тарҳ ба маблағи 200 миллион доллар сармоягузорӣ кунанд, аммо онҳо низ аз маблағгузории тарҳи сарбанди Илсу худдорӣ мекунанд.

Моҳи феврали соли 2002 зери фишори экологҳо ва ҳомиёни ҳуқуқи башар бузургтарин бонки Швейтсария UBS (Union Bank of Switzerland) низ аз иштирок дар татбиқи лоиҳаи мазкур худдорӣ менамояд. Аммо ширкати австриягии VA Tech, ки дар моҳи майи соли 2004 ҳамроҳ бо ширкати швейтсарии Alstom ба ин лоиҳа таваҷҷуҳ пайдо кард буданд ба консорсиуми байналмилалии лоиҳаи Илису такон мебахшанд [8].

Дар гузориши Бонки Ҷаҳонӣ, ки қаблан аз сармоягузории ин тарҳ худдорӣ карда буд, аз он изҳори нигаронӣ шудааст, ки бар асари бунёди садд беш аз 50 ҳазор нафар осеб мебинанд ва таниш дар равобити сеҷониба афзоиш хоҳад ёфт. Чунин мавқеъро Комиссияи умумиҷаҳонии оид ба сарбандҳо низ баён менамояд.

Тавре маълум аст, ҳама гуна лоиҳаи Туркия барои истифода аз обҳои Даҷла ва Фурот боиси хароб шудани шаҳракҳои курд шуда, вазъи экологии минтақаро бадтар мекунад ва таниш дар равобити Туркия ва Сурияву Ироқро афзоиш медиҳад.

Лигаи кишварҳои араб низ муқобили тарҳи мазкур баромад намуда, онро сарчашмаи ҷангу низоъ дар Шарқи Наздик арзёбӣ менамояд. Роҳбарияти ин созмон иброзмедорад, ки бунёди сарбанди мазкур метавонад бевосита ба ҷанг дар Шарқи Наздик оварда расонад. Дар ин замина, Лигаи кишварҳои араб аз ҳукуматҳои Англия, Швейтсария ва як қатор ширкатҳои дигар тақозо менамояд, ки аз иштирок дар сохтмони ин сарбанд даст кашанд. Ҳамин тариқ, дар моҳи майи соли 1999 Лигаи кишварҳои араб ба Вазорати корҳои хориҷии Британияи Кабир нома фиристода, қайд менамояд, ки Туркия бидуни машварат бо Ироқ дар масъалаи сохтмони сарбанд, моддаи 5 Протоколи 1 «Танзими обҳои Даҷла ва Фурот ва шохобҳои онҳо», ки замима ба Шартномаи дӯстӣ ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ аз 10 майи соли 1946 дар байни Ироқ ва Туркия мебошад вайрон менамояд. Лигаи кишварҳои араб қатъномаеро ба тасвиб мерасонад, ки сармоягузорони хориҷӣ дар маблағгузории сохтмони сарбанди Илису иштирок накунанд.

Лигаи кишварҳои араб қаблан низ дар баҳсе бо Туркия бар сари тақсими обҳои Даҷла ва Фурот аз Сурия ва Ироқ ҳимоят карда буд. Ҳамин тариқ, 21 марти соли 1996 Шӯрои Лигаи кишварҳои араб қатъномаеро қабул менамояд, ки дар он аз мавқеъи Сурия ва Ироқ дар мавриди эътирофи Фурот ва Даҷла ба унвони “дарёҳои байналмилалӣ” ва даъвати онҳо барои “тақсими одилонаи манобеъи об” пуштибонӣ мегардад. Дар қатънома ба Туркия таҳдид шудааст, ки дар сурати нодида гирифтани манфиатҳои Димишқ ва Бағдод аз ҷониби Анқара, сохторҳои молиявии

байналмилалиро даъват кунанд, ки аз сармоягузорӣ ба Лоиҳаи Анатолияи Ҷанубу Шарқӣ худдорӣ кунанд. 15 сентябри соли 1996 дар баёнияи ниҳоии нишасти Шӯрои Лигаи кишварҳои араб дар Қоҳира шадидан аз Анкара даъват карда мешавад, ки фавран бо Димишқ ва Бағдод дар бораи тақсими обҳои дарёҳои фаромарзии Даҷла ва Фурот музокиротро оғоз кунад. Ин дафъа Лигаи кишварҳои араб ба созмонҳои байналмилалии молиявӣ муроҷиат менамояд, ки ба Туркия барои маблағгузории Лоиҳаи Анатолияи Ҷанубу Шарқӣ қарз ва кумак надиҳад. Чунин изҳороти Лигаи кишварҳои араб Анкараро ба хашм меорад, аммо ба мавқеъи Туркия таъсири воқеӣ намерасонад [9].

Дар миёнаи солҳои 1990 кишварҳои арабӣ Мисрро ҳамчун давлати миёнарав барои ҳалли баҳсҳои обӣ миёни Туркия ва Сурияву Ироқ пешниҳод менамоянд. Аммо ин ташаббусро низ Туркия рад кард.

Коршиносон бар ин назаранд, ки шарти зарурии ноил шудан ба идоракунии устувори захираҳои оби Даҷла ва Фурот ташкили муколамаи ошкоро байни Ироқ, Эрон, Туркия ва Сурия оид ба истифодаи захираҳои оби ин дарёҳо дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Мушкилоти вобаста ба об дар Шарқи Наздик яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҳалли баҳси миёни кишварҳои арабӣ ва Исроил мебошад. Иёлоти Муттаҳида ва Исроил дар раванди танзими Шарқи Наздик, пеш аз ҳама, омили захираҳои обии Фуротро ба назар мегиранд.

Ҷониби Туркия ба он назар аст, ки захираҳои оби ин кишвар наметавонад дар раванди сулҳи Шарқи Наздик воситаи додугирифт бошад. Аз тарафи дигар, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз ибтидои гуфтушунид хамчун иштирокчии асосии ин раванд масъалаи истифода бурдани оби Фуротро доимо ба он дохил мекунанд. Ҳамзамон, Исроил ба Туркия ваъда медиҳад, ки дар музокирот бо Сурия манофеи обии онро ба инобат мегирад. Аммо коршиносон рад намекунанд, ки бо вуҷуди густариши ҳамкориҳои Исроилу Туркия дар заминаи манобеъи об ва ирригатсионӣ, манофеи обии Туркия метавонад дар раванди сулҳи Шарқи Наздик нодида гирифта шавад.

Дар минтақа мушкилоти захираҳои оби фаромарзӣ кайҳо ба унсури «сиёсати байналхалқӣ» табдил ёфтааст. Ҳамин тавр, кишварҳое, ки дар ҳавзаҳои дарёҳои бузурги фаромарзии Нил, Даҷла, Фурот воқеъ гардидаанд, ҳамбастагии захираҳои об, сиёсати экологӣ ва сиёсати хориҷиро ба хубӣ дарк мекунанд.

Соли 1978 Президенти вакти Миср Анвар Садат иброз медорад, ки ягона чизе, ки Мисрро боз ба ҷанг маҷбур карда метавонад, об аст.

Дар иртибот ба ин, теъдоде аз коршиносони саршинос омили асосии ҷанги миёни кишварҳои арабӣ ва Исроилро дар соли 1967 нотавонии давлатҳо оид ба тақсими одилонаи оби тоза дар минтақа медонанд. Аз ин лиҳоз, ҳавзаи дарёҳои Даҷла ва Фурот яке аз минтақаҳои шадидтарин ба шумор мераванд. Дар болооби ҳавза Туркия ҷойгир аст, ки дар байни давлатҳои минтақа хеле қавӣ аст, дар ҷараёни миёна - Сурия, дар поёноб - Ироқ. Туркия 2/3 маҷрои Даҷла ва Фуротро дар ихтиёр дорад, бе оби Даҷла ва Фурот сарзаминҳои беканори Ироқу Сурия ба биёбон табдил меёбанд [10].

Новобаста аз ихтилофҳои тӯлонӣ кишварҳои минтақа тавонистанд тайи солҳои охир дар истифодаи муштаркаи захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ ба ҳам биёянд. Дар ин замина, бо ташаббуси ҷониби Туркия Институти муштараки об барои ҳалли мушкилоти обҳои фаромарзӣ таъсис дода мешавад. Институти мазкур 18 нафар коршиносонро аз кишварҳои Туркия, Сурия ва Ироқ дар бар мегирад, ки онҳо доир ба истифодаи одилона ва оқилонаи обҳои дарёҳои фаромарзӣ миёни ҳарсе кишвар фаъолият мебаранд. Вазифаҳои аъзоёни Институти муштараки обро идоракунии

обанборҳо ва сарбандҳои минтақавӣ, инчунин ҳамгироии лоиҳаҳои якҷояи сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ ташкил менамояд[10].

Аз ҷумла, Сурия ва Туркия ҷиҳати бунёди сарбанди муштарак дар дарёи Оси ташаббус намуданд. Ироқ низ аз эътирози тӯлонии худ ҷиҳати сохтмони сарбанди Илису дар дарёи Даҷла даст мекашад.

Дар ин радиф, ҷониби Туркия низ ба ҳамоҳангсозии тарҳҳои гидротехникии худ гузашат, ҷонибдории худро ҷиҳати дар асоси ҳамкориҳои муштарак бо кишварҳои ҳамсоя ҳал намудани мушкилоти тақисмоти оби дарёҳои фаромарзӣ иброз намудааст. Ҳамзамон ҷониби Туркия, дар ҳалли мушкилоти истифодаи муштараки захираҳои об иштироки ҷониби сеюмро пурра рад менамояд ва бо боварӣ иброз медорад, ки масъалаҳои истифодаи якҷояи захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ миёни кишварҳои минтақа бе миёнаравии кишварҳои дигар ҳал карда мешаванд.

Коршиносон бар ин назаранд, ки тағйири мавзеъ дар яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати хориҷии онҳо ба беҳбуди равобити кишварҳои минтақа ва вазифаҳои сиёсии муштараки онҳо марбут аст. Ҳамин мавқеъ ҷиҳати муқовимат ба таъсиси давлати мустақили курдҳо дар шимоли Ироқ аст. Тавре маълум аст, мавқеи сиёсии ҳарсе давлат муқобили соҳибдавлат ва соҳибихтиёр гардидани курдҳо равона шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки мушкилоти истифодаи захираҳои оби даврёҳои фаромарзӣ дар Шарқи Наздик низ мисли дигар минтақаҳо ба тақсимоти он миёни кишварҳои болооб ва поёноб ва заминаҳои сиёсию ҳуқуқии он марбут аст.

Яъне дар ин минтқа низ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ ва ҳавзаҳои ягонаи обӣ вуҷуд надорад. Ҳар як кишвар соҳибихтиёрии худро болои захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ иброз дошта, ба он мекушад, ки захираҳои бештари обро дар ихтиёр дошта бошад. Аз ҷониби дигар манфиатҳои соҳавии кишварҳо низ дар самти истифодаи муштараки захираҳои об ба ҳам мувофиқат намекунанд. Туркия бештар ба он талош менамояд, ки бо бунёди неругоҳҳои барқи обӣ пеш аз ҳама таъминоти пурраи кишварашро бо қувваи барқ таъмин карда бошад ва дар заминаи идоракунии захираҳои оби дарёҳои Даҷла ва Фурот заминҳои зиёдеро обёрӣ намуда мавқеи баланди содиркунандаи маҳсулоти кишоварзиро дар минтақа ҳифз кунад.

Дар ин баробар кишварҳои поёноб – Ироқ ва Сурия низ хоҳиши ҳарчи бештар дар ихтиёр доштани захираҳои обро аз ин ду дарёи фаромарзӣ доранд ва мехоҳанд ниёзи соҳаи кишоварзии худро ба таври комил аз ин ҳисоб бо об таъмин карда бошанд.

Вазъи нисбатан муътадиле, ки имрӯз доир ба истифодаи муштараки захираҳои об дар дарёҳои фаромарзӣ миёни Туркия ва Ироқу Сурия ҷой дорад маънои онро надорад, ки мушкилоти истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ миёни ин кишварҳо ҳал гардидааст. Мушкилот чун пештара боқӣ мондааст ва сабаби муътадилии вазъ дар самти истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ дар ҳамбастагии манфиатҳои геосиёсии ин кишварҳо дар самти муқобилият ба соҳибихтиёршавии курдҳо мебошад, ки ҳарсе давлат дар ин масъала мавқеи яксон доранд ва намехоҳанд аз низоъи обии миёни онҳо курдҳо ва дигар акторҳои ҷаҳонӣ истифода намуда, дар минтақа давлати Курдистон ба вуҷуд оянд. Аз ҷониби дигар, рушди хатарҳои ҷаҳонии экстремиз ва терроризм дар ин минтақа ва пайдоши гурӯҳҳои зиёди ҷиноӣ дар ин самт ҳамаи кишварҳои минтақаро водор намуд, ки дар мубориза ва муқовимат бо ин хатарҳои ҷаҳонӣ ба ҳам биёянд ва ҷиҳати решакан кардани ин таҳдиду хатарҳо заминаҳои мусоидро барои рушди иқтисодии ҷомеа фароҳам оранд. Барои ин, албатта пеш аз ҳама ҳамкориҳои кишварҳои ҳамсоя дар минтақа зарур аст.

Дар муқоиса ба Осиёи Марказӣ масъалаи истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ дар Шарқи Наздик, махсусан дар масъалаи кишварҳои болооб ва поёноб ба он рабт дорад, ки дар Осиёи Марказӣ кишварҳои болооб бо сабаби надоштани заминҳои ҳамвори кишоварзӣ манфиати аграрӣ надоранд ва захираҳои обро танҳо бо мақсади истеҳсоли қувваи барқ истифода мекунанд, ки на миқдор ва на сифати об тағйир намеёбад. Дигар тафовут дар он аст, ки ҳамаи иншоотҳои гидроэнергетикии кишварҳои болооб дар мадди аввал барои обёрии заминҳои кишварҳои поёноб нигаронида шудаанд ва онҳо захираҳои обро дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ҷамъ намуда, дар фаслҳои баҳору тобистон ба кишварҳои поёноб интиқол медиҳанд.

Аммо, дар Шарқи Наздик кишварҳои болооб масоҳати зиёди заминҳои кишт доранд ва дар баробари истеҳсоли қувваи барқ оби дарёҳои фаромарзиро ба соҳаи аграрӣ равона менамоянд, ки ба кишварҳои поёноби ин минтақа зарбаи шадиди иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ мерасонад.

Яъне, ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки ихтилофҳо вобаста ба истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ миёни кишварҳои Шарқи Наздик доманадор ва ояндадор аст ва дар пайи тағйирёбии иқлим ва коҳиш ёфтани захираҳои об, ҳамзамон рушди босуръати иқтисодию саноатӣ ва демографӣ он беш аз пеш мураккабтар мегардад.

Аз ин рӯ, кишварҳои минтақаро зарур аст, ки пайи эҷоди меъёрҳои ҳуқуқи истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзи кӯшиш намоянд ва заминаҳои воқеии ҳуқуқии минтақавиро дар ин соҳа рушд бахшанд. Асос ва роҳи ҳалли ихтилофҳои вобаста ба истифодаи муштараки захираҳои об дар дарёҳои фаромарзии минтақа рушди дипломатияи об ва ҳамгироии минтақавӣ мебошад.

Нуқтаи махсусе, ки аз таҷрибаи муносибатҳои байнидавлатию минтақавӣ доир ба истифодаи муштараки захираҳои оби ҳавзаҳои ягона дар Шарқи Наздик боиси омӯзиши васеъ аст натиҷа надоштани миёнаравии давлатҳои дгар, алалхусус давлатҳои “бегона” мебошад. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки солҳои тӯлони абарқудраттарин кишвари дунё ба ҳайси миёнарав дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба истифодаи муштаркаи захираҳои об дар ин минтақа фаъолият намудааст, аммо ихтилоф ба ҷойи хомӯш шудан танҳо шидат ёфтааст. Ҳолати нисбатан муътадил дар истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ танҳо баъди аз ҷониби кишварҳои минтақа рад намудани миёнаравҳо ба вуҷуд омад.

**Адабиёт**


1. Наджиб Исса. Аспект развития проблема воды на Ближнем Востоке: лекция, представленная на тему воды на Ближнем Востоке (Панель). – Бейрут: Центр стратегических исследований и документация, 2020 г.
2. Джалал Абдулла Моавад. Воды Евфрата и арабо-турецкие отношения // Араб. дела. – 2003. – № 65 (апрель).
3. Мосаки Н.З. Проблема проекта Ылысу в турецко-иракско-сирийских отношениях. 10.07.2021 // www.iimes.ru/rus/stat/2021/10-07-07b.htm.
4. Тарик аль-Маджду6. Проблема воды и ее след в турецко-арабских отношениях // Будущее Диалог: Исследование – исследовательское и интеллектуальное дебаты на симпозиуме, организованном Центром арабского единства. – Бейрут, Центр, 2021.
5. Турция, 1988 г. / Теоман Фен, изд. – Анкара: Главное управление печати и информации Турецкой Республики, 1988 год.

6. Агаджанян М. Сотрудничество в водной сфере как ресурс регионального добрососедства. 28.06.2021 // www.noravank.am/ru/?page=theme&thid=5&nid=762.

7. Эр-Рияд Аль-Аббаси. Скрипты водной войны в Средняя средняя (модель Евфрата и Тигра) Центр региональных исследований. – Университет Мосул, 2007 г.

8. Сахиб аль-Рубаи. Международное право и аспекты спора и соглашения Вода на Ближнем Востоке. – Дар аль-Хикма, Дамаск, 2001 год.

9. Сафи аль-Ясир. Негативные эффекты от проект «ГАП». - Центр исследований и исследований Университета Аль-Нахрин, 2008 г.

10. Ахмедов В.М., Кулагина Л.М. Сирия, Турция и Иран: новые подходы к межрегиональному сотрудничеству. 05.01.2021 // www.iimes.ru/rus/stat/2021/17-01-05.htm;

## ПРИЧИНЫ И ФАКТОРЫ ВОДНЫХ КОНФЛИКТОВ НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ

**КУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
кандидат политических наук,
доцент кафедры политологии и связи с общественностью
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
г. Душанбе, ул. Саида Носира 33.
Тел.: (+992) 907-80-00-71. Email: sqz_0085@mail.ru

*В данной статье анализируются и обсуждаются вопросы, связанные с совместным использованием трансграничных водных ресурсов на Ближнем Востоке. Автор рассматривает причины и факторы возникновения водных конфликтов в регионе, исходя из разобщенности, конфликта водных интересов, низкой политической воли, отсутствия нормативно-правовой базы, регулирующей межгосударственные и региональные отношения в этом напрвлении, использования водных ресурсов как средства взаимного влияния, использование воды как политического оружия, низкий уровень добрососедских отношений.*

*Как выясняется, водные интересы стран верхнего течения, особенно Турции, несовместимы с водными интересами стран нижнего течения - Сирии и Ирака, а строящиеся в Турции гидроэнергетические объекты подрывают водную безопасность стран нижнего течения и ставят их в тупик сложной социально-экономической и экологической ситуации.*

*В результате на протяжении многих лет между этими странами региона существуют резкие разногласия по поводу совместного использования водных ресурсов трансграничных рек, что требует координации водной политики. В то же время такая ситуация обусловливает необходимость разработки региональных нормативных правовых актов в области совместного использования единых водоемов региона..*

***Ключевые слова:*** *вода, Ближний Восток, Турция, Сирия, Ирак, Тигр, Евфрат, река, трансграничная река, единый водный бассейн, межгосударственные отношения, региональные отношения, конфликт интересов, Совместный технический комитет, Проект Юго-Восточной Анатолии, Лига арабских государств, Конфликт, конфликт, сотрудничество, регион, договор, соглашение.*

## CAUSES AND FACTORS OF THE WATER CONFLICTS IN THE MIDDLE EAST

**QUVVATZODA SAYDULLO ZUVAID,**
candidate of Political Sciences, Associate Professor of
Political Science and Public Relations Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.

Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 907-80-00-71. Email: sqz_0085@mail.ru

*The article analyzes and discusses issues related to the using of transboundary water resources in the Middle East. The author examines the causes and factors of water disputes in the region, based on disunity, conflict of water interests, low political will, lack of a legal framework regulating interstate and regional relations in this area, the use of water resources as a means of mutual influence, the use of water as a political weapons, low level of good neighborly relations.*

*As it turns out, the water interests of the upstream countries, especially Turkey, are incompatible with the water interests of the downstream countries - Syria and Iraq, and the hydropower facilities being built in Turkey undermine the water security of the downstream countries and confuse them with a difficult socio-economic and environmental situation.*

*As a result, for many years there have been sharp divisions between these countries of the region regarding the joint use of water resources of transboundary rivers, which requires coordination of water policy. At the same time, this situation necessitates the development of regional regulations in the field of joint use of common reservoirs in the region.*

***Key words:*** *water, Middle East, Turkey, Syria, Iraq, Tigris, Euphrates, river, transboundary river, single water basin, interstate relations, regional relations, conflict of interest, Joint Technical Committee, Southeast Anatolia Project, League of Arab States, Conflict, conflict, cooperation, region, treaty, agreement.*

**УДК:821**

# ВАЗЪИ АДАБИИ САРЗАМИНИ РОҒ ДАР АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

**САФАРОВ ХОЛМАД ХОРКАШОВИЧ,**
муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров,16.
Тел. (+992) 988-62-26-58

*Муаллифи мақола дар назди худ мақсад гузоштааст, ки доираи адабии шоирони кӯҳистони Роғи Бадахшон ва Роғи сарзамини Терай (н.Ш.Шоҳин)-ро барраси намояд. Аз ин рӯй шоирони Роғ ба доираи адабии Бадахшон дохил мешуданд ва барои ҳамин эҷодиёти онҳо дар доираи адабиёти Бадахшон омӯхта шудааст. Тавре ки муҳаққиқон қайд намудаанд, сабаби дигараш ин буд, ки шоирони ин вилоят барои аз марказҳои бузурги маъмурӣ ва адабӣ дур буданашон ба тазкираҳои дар он марказҳо таълифшуда дохил нашудаанд. Барои рафъи ин камбудӣ мо дар ин бахш кӯшиш кардем,ки ахбори парокандаро ҷамъоварӣ карда, дар бораи шоирон ва орифони Роғ вобаста ба имкон маълумоти пурратар диҳем.*

*Адабиёти Роғ ҳам мисли адабиёти тамоми халқҳои дигар инъикоскунондаи ҳаёт, таърих, урфу одат ва дигар ҳолатҳои рӯҳии халқи он мебошад. Ба воситаи омӯхтани таъриху адабиёт мо ба бисёр паҳлӯҳои таърихи халқи Бадахшону Роғ шинос мешавем. Қисми зиёди шоирони ин вилоят манзараҳои зебои ин кишвар, ғаму андӯҳ орзую омоли халқи худро дар ашъорашон баён кардаанд. Қисми дигари адибон мавзӯи панду насиҳатиро ба тариқи анъана бошад ҳам, мазмуни ашъори худ қарор додаанд. Илова бар ин, шоирони Бадахшон намояндагони шеваҳои зиёди забони тоҷикӣ буда, баробари омӯхтани адабиёти хаттии он, баъзе хусусиятҳои шевагии онҳо низ ошкор мегардад.*

*Азбаски бештари шоирони Роғ аз марказҳои адабӣ дур буданд ва бо сабабҳои камбағалию нодорӣ барои гирифтани маълумоти пурраи динӣ ба шаҳрҳои Бухорою Самарқанд, Қуқанд ва дигар шаҳрҳо рафта натавониста, дар мадрасаҳои диёри худ мехонданд ва аксарашон худомӯз буданд, ки аз мадди назари муаллифони тазкиранависи он давр берун мондаанд. Аз ҷумлаи чунин шоирони гумном, ки шӯҳрати онҳо на танҳо дар Бухорои Шарқӣ ва аморати Бухорои асри Х1Х-ХХ, балки дар Афғонистон, Ҳиндустону Покистон ва Эрон паҳн гашта буд. Аз қабили: Мухлиси Роғӣ, Муҷрими Роғӣ, Мирзо Раҷаб, Домулло Бурҳониддини Роғӣ, Мулло Абдураҳими Хатлонӣ (Аҷзӣ), Мирзо Лиқо, Бобо Пираки Роғӣ, Мисраъ (Абдуллоҳ ибни Муродмуҳаммад), Мирзо Қадамҷон будаанд. Мақолаи мазкур оиди шарҳи ҳол ва мероси адабии шоирони кӯҳистони Роғ маълумоти фаровон медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *Бадахшон, вилоят, кӯҳистон, мадраса, орифон, Роғ, рубоиёт, сарчашма, табиат, тазкира, қаландарӣ, фалак, эҷодиёт, шоирон.*

“Доир ба ҳаёти адабии Кӯлоб зикр намудан бамаврид аст,ки эҷодиёти намояндагони ин сарзамин ҷузъи барҷастаи адабиёти тоҷику форс мебошад. Зеро донишмандон ва шоирону адибони тамоми давраҳои таърихии он бо эҷодиёти баланғояи худ дар инкишофи илм ва адабиёт саҳми сазовор доранд. Хусусан маҳсули эҷоди Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Одил, Бисмил-Мавлоно Бурҳон, Мирзо Раҷаб, Маҳмудхоҷаи Балҷувонӣ, Шамсиддин Шоҳин, Ҳоҷи Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ ва бисёр дигарон дар адабиёти тоҷику форс мақому манзилати баландро касб кардаанд”. Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,дар маросими бошукӯҳи таҷлили ҷашни 2700-солагии ш.Кӯлоб,10.09.2006.

Адабиёти тоҷик дар сарзамини Роғ аз асрҳои X- XI рӯ ба тараққӣ оварда, то давраи мо омада расидааст. Аммо то солҳои 60- уми асри XX касе ба омӯхтани вазъи адабиёти хаттӣ ва эҷодиёти шоирони ин ҳавзаи адаби ба таври ҷиддӣ машғул нашуда буд. Шоирони Роғ ба доираи адабии Бадахшон дохил мешуданд ва барои ҳамин

эҷодиёти онҳо дар доираи адабиёти Бадахшон омӯхта шудааст. Тавре ки муҳаққиқон қайд намудаанд, сабаби дигараш ин буд, ки шоирони ин вилоят барои аз марказҳои бузурги маъмурӣ ва адабӣ дур буданашон ба тазкираҳои дар он марказҳо таълифшуда дохил нашудаанд. Барои рафъи ин камбудӣ мо дар ин бахш кӯшиш кардем,ки ахбори парокандаро ҷамъоварӣ карда, дар бораи шоирон ва орифони Роғ вобаста ба имконот маълумоти пурратар диҳем.

Адабиёти Роғ ҳам мисли адабиёти тамоми халқҳои дигар инъикоскунондаи ҳаёт, таърих, урфу одат ва дигар ҳолатҳои рӯҳии халқи он мебошад. Ба воситаи омӯхтани адабиёт мо ба бисёр паҳлӯҳои таърихи халқи Бадахшону Роғ шинос мешавем. Қисми зиёди шоирони ин вилоят манзараҳои зебои ин кишвар, ғаму андӯҳ орзую омоли халқи худро дар ашъорашон баён кардаанд. Қисми дигари адибон мавзӯи панду насиҳатиро ба тариқи анъана бошад ҳам, мазмуни ашъори худ қарор додаанд. Илова бар ин, шоирони бадахшонӣ намояндагони шеваҳои зиёди забони тоҷикӣ буда, баробари омӯхтани адабиёти хаттии он, баъзе хусусиятҳои шевагии онҳо низ ошкор мегардад [1,с.4 ].

Нависандаи муосири тоҷик Абдусалом Деҳотӣ ҳанӯз дар солҳои 1940 ҳангоми тартиб додани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» зарурияти омӯхтани аҳвол ва эҷодиёти шоирони кӯҳистонро ба миён гузошта буд: «…Албатта, эҷодиёти онҳоро, аз як ё ду – се ғазал иборат аст, гуфта гумон кардан дуруст нест. Аммо сабаби асосии номашҳур мондан ва ба тазкираҳо надаромада, гум шуда рафтани асарҳои ин шоирон аз муҳити адабӣ ва аз марказҳои илмӣ дур будани онҳо бояд бошад. Илова бар ин, даҳҳо шоирон ва адибони боистеъдод дар камбағалӣ, хорӣ, дар асоратӣ надимии мирҳои Ҳисор, Кӯлоб, ҳокимони Балҷувон, Дарвоз ва ғайра ҷон додаанд, ё ба «гуноҳӣ» саркашӣ кардан аз мадҳкунии онҳо (мирон, ҳокимон ) маҳв ва беному нишон карда шудаанд» [2,с.30].

Яке аз олимоне, ки дар омӯзиши адабиёти Бадахшон саҳм гузоштааст А.Н. Болдырев мебошад. Ӯ соли 1948 мақолае бо номи «Бадахшанский фольклор» чоп карда аз шоирони Роғ ёдовар мешавад.

Баъд аз мақолаи А. Н. Болдырев дар соҳаи омӯхтани фолклори Бадахшон як қатор мақолаҳо ва маҷмӯаҳо, дастраси хонандагон гардидаанд, ки аз онҳо мақолаи Тилло Пӯлодӣ, «Назаре ба рубоёти пеш аз инқилобии Бадахшон», «Шоирони халқии Бадахшон», А Ҳабибов «Рубоиёт ва сурудҳои халқии Бадахшон»-ро қайд намудан лозим аст. Инчунин А. Н. Болдырев ба тазкираи Малеҳои Самарқандӣ, «Таърихи Бадахшон»-и Сангмуҳаммад ва Фазлалибеки Сурхафсар такя карда, вуҷуд доштани адабиёти хаттиро дар Бадахшон таъкид кардааст [3,с.275-276].

Маҷмӯи солонаи «Афғонистон », ки соли 1955-ум нашр шудааст, ба таври хеле мухтасар оид ба аҳволи 25 нафар шоирони Бадахшону Роғ маълумот овардааст. Дар асри XVIII чунон ки аз «Таърихи Бадахшон» дида мешавад, дар Бадахшон чанд мадраса ташкил мeёбад, ки бисёр шоирон ва олимони маҳаллиро тарбия намуда, ба камол расонидааст.

Аз ҷумла, мадрасаи «Боло»-и Файзобод, «Поён», «Ёвон», «Роғ», «Рустоқ», «Қундуз » ва боз чанд мадрасаҳои дигар дар ин вилоят мавҷуд буданд [4,с.14-30].

Сарфи назар аз шароитҳои номусоиди асри XIX ва шиддатнок шудани ҷангҳои феодалӣ, беқадру қиммат шудани илму адаб, анъанаи садсолаҳои шеъру шоирӣ аз миён нарафта,балки сарзамини Роғ як қатор шоирони хубро ба майдон овард. Аз қабили: Мухлиси Роғӣ, Муҷрими Роғӣ, Мирзо Раҷаб, Мавлоно Салими Роғӣ, Домулло Бурҳониддини Роғӣ, Мулло Абдураҳими Хатлонӣ (Аҷзӣ), Мирзо Лиқо, Бобо Пираки Роғӣ, Мисраъ (Абдуллоҳ ибни Муродмуҳаммад), Мирзо Қадамҷон мебошанд.

Оид ба аҳволи шоирони асри XIX ва аввали асри XX Бадахшон, бахусус, ноҳияи Роғ тазкира ва сарчашмаҳои мукаммал вуҷуд надоранд.
Мувофиқи маълумоти маҷмӯаи «Афғонистон» дар асрҳои XVII- XVIII ва XIX дар Бадахшон баъзе тазкираҳо таълиф шуда буданд.

Чунончӣ: Муҳаммад Исмоилхон Нозими Бадахшӣ дар ҳудуди солҳои 1220- 1225 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба 1805- 1810 милодӣ) тазкирае таълиф намудааст, ки он бо унвони «Тазкираи Нозим» машҳур аст [5,с.266-272].

Адабиёти тоҷикии Роғ, ки суханварони зиёдеро дар бар мегирифт, мисли дигар доираҳои адабии кӯҳистони тоҷик, алалхусус, доираи адабии Дарвоз, дар заминаи хушку холӣ ташаккул наёфтааст. Ин адабиёт низ анъанаи бой ва қадимӣ дошта, дар заминаҳои муйаяни таърихӣ ва фарҳангӣ арзи вуҷуд кардааст.

Оид ба аҳволи шоирони асри XIX ва авали асри XX Бадахшон, бахусус, ноҳияи Роғ тазкира ва сарчашмаҳои мукаммал дасраси умум нест.

Дигар омилҳо низ буданд, ки барои ташаккули адабиёти тоҷики Роғ дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX таъсир расонданд.

Мактабу мадраса ва китобхонаҳо. Дар ҳар як деҳа масҷиду мадраса ва мактабҳои диннии ибтидоӣ фаъолият мекарданд.

Мавҷудияти адабиёти ғании шифоҳӣ. Дар ҳар деҳаи Роғ қиссахонҳо ва афсонагӯйҳои номӣ зиндагӣ ва фаъолият мекарданд. Онҳо шабҳои тӯлонии зимистонро дар масҷидҳои васеъ бо афсонагӯӣ, қиссахонӣ ва чистонгӯӣ, ки дар он ҷавонону мӯйсафедони зиёд ширкат доштаанд, паси сар мекарданд [6,с.14-30].

Фалаки Роғӣ. Фалаки Роғӣ ё қаландария, ки ҳоло бо унвони фалаки Роғӣ машҳур аст, хоси мардуми Роғ мебошад. Дар рӯзҳои шодию ғам хонда шуда, мазмунҳои шикоятӣ ва этирозиро ифода мекард.

Ба шеъру шоири рӯ овардани як гурӯҳ ҷавонони боистеъдоди Роғ, шоирпарастӣ ва аҳли илму адаб ва умуман, аҳли ҳунарро дастгирӣ кардани шоҳони Роғ буд ва дигар табиати зебо ва манзараҳои рангоранги кӯҳистони Роғ мебошад.

**Мероси адабии шоирони Роғ.** Дар асри X1X ва ибтидои асри XX шоирони зиёде дар сарзамини Роғ ба навиштани қиссаҳо, достонҳо ва ғазалу рубоӣ фаолият доштанд. Аз ҷумлаи инҳо: Мухлиси Роғӣ, Муҷрими Роғӣ, Мирзо Раҷаб, Домулло Бурҳониддини Роғӣ, Мулло Абдураҳими Хатлонӣ (Аҷзӣ), Мирзо Лиқо, Бобо Пираки Роғӣ, Мисраъ (Абдуллоҳ ибни Муродмуҳаммад), Мирзо Қадамҷон ва дигарҳо ба шумор мерафтанд.

1.**Мухлис: Мухлис** тахаллуси адабии Мулло Мӯсо буда,дар яке аз деҳаҳои сарзамини Роғи Бадахшон дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта ва барои давом додани таҳсил ба шаҳри Бухоро меравад.Баъди хатми мадраса,бо нияти беҳбудии рӯзгори хеш дар дарбори амирони манғит амир Музаффар (1860-1885) ва амир Абдулаҳад (1885-1910) даромада ба васфи онҳо қасида,мухаммас ва ғазалҳо менависад. Вале кирдори ношоиста ва ахлоқи пасти табақаи ҳокимро бо чашмони худ дида, аз шоири дарбор буданаш пушаймон мешавад [7,с.28-29]. Аз ғарибию фироқи Ватан ва бекасию камбағалӣ шикоятҳо кардааст. Ва ниҳоят ӯ соли 1891 дар Бухоро дур аз ватан зиндагиро падруд гуфтааст. Аз Мухлис як девони ашъор ба мерос мондааст, ки он зери рақами 66 дар захираи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиноси ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст. Девони мазкур аз 353 ғазал, 26 мухаммас, 18 мусаддас, 4 мусамман, 2 баҳри тавил,3 тарҷеъбанд,13 қасида, 1 маснавӣ, ва 25 рубои буда,8235 байтро дар бар гирифтааст.

**2.Муҷрими Роғӣ:**Исми шоир Ошурмуҳаммад буда,Муҷрим тахаллуси адабиаш мебошад. Шоир дар деҳаи Бузкуши Роғи Бадахшони Афғонистон ба дунё омада,таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифтааст.

Ҳайёти минбаъдаи шоир дар деҳаи Сафедоби болои н.Шӯрообод гузаштааст. Зеро ҳокимони афғон ба қавми тоҷик зулмро зиёд карда, қисман бошандагони сарзамини Роғ ба ин тарафи соҳили дарёи Панҷ ҳиҷрат мекунанд ва дар деҳаҳои Сафедоб, Бадринг, Чолиштак, Хуҷағалтон, Себдара, Хушкасангов, Урсихо ва Тудани маскан мегиранд.

Аз Муҷрим девони на он қадар бузург боқи мондааст, ки аз 96 ғазал,6 мухаммасу мусаддас ва 8 фард иборат аст [8,с.28-29].

3.**Мирзо Раҷаб.**Ҷойи таваллуди шоир деҳаи Зуви Роғи Бадахшон буда, соли таваллуд ва вафоташ маълум нест. Таҳсили ибтидоиро дар назди падараш гирифта, баъд аз вафоти волидайнаш дар яке аз мадрасаҳои Роғ муддати 12 сол таҳсили илм намудааст. Дар айёми ҷавонии шоир зулму истибдоди ҳокимони афғон нисбати аҳолии тоҷикон зиёд мешавад, аз ин руй шоир ба соҳили рости дарёи Панҷ гузашта, дар ноҳияи Шӯрообод ( Дашти Терай) умри боқимондаи худро мегузаронад. Мувофиқи таҳқиқоти адабиётшинос И.Икромов мероси адабии шоир пурра дастрас нашудааст [9,с.66]. Танҳо аз он ду мухаммасу як чанд ғазалро пайдо кардаанд.

**4.Домулло Бурҳониддини Роғӣ:** Ҳамдарси С.Айнӣ таҳсилкардаи мадрасаи Мири Араби Бухоро мебошад. Устод С.Айнӣ дар ҷилди 6-уми куллиёт оид ба хушгапӣ, ҳикоятбофӣ, дуруштмуомилагии кӯҳистониро бо ширинсухании бухоригӣ дар худ ғун карданаш, оиди мулло Бурҳон нигоштааст [10,с.355-378]. Шоир дар деҳаи Сангбури Терайзамин ба олами ҳасти омадааст, ки аслан падару модараш аз деҳаи Шеваи Роғ ба ин тарафи соҳили дарёи Панҷ омадаанд. Ӯ баъди хатми таҳсил, дар мадраса Саримазори Халифа Худойдод ба таълими толибилмон машғул мешавад. Соли 1933 аз сабаби таъқиботи домуллоҳо ва шахсони соҳибилм ба сарзамини Роғи Афғонистон рафта, дар деҳаҳои Морҷ ва Майдон мадраса бунъёд карда, ба таълиму тарбияи толибилмон машғул мешавад. Мулло Бурҳон соли 1976 дар деҳаи Морҷи Роғи Афғонистон вафот мекунад. Тахаллуси шоирии ӯ Бисмил буда, ба сабки Бедил тақлид мекард.Аз Бисмил мухаммас ва чанд шеъре боқи мондаасту халос,зеро девон ё ашорашро шояд соли муҳоҷираташ ба Афғонистон бурда бошад.

**5.Мирзо Лиқо:** Дар адабиёти асри X1X ва ибтидои асри XX-и тоҷик ду шоир бо номи Мирзо Лиқо ёд мешавад. Яке бо номи Муҳаммадлиқои Дарвозӣ, ки соли 1887 дар деҳаи Ёгеди шоҳигарии Дарвоз ба дунё омада, [11,с.595-598] дувуми Мирзо Лиқо зодаи деҳаи Бадринги шоҳигарии Роғ,бекигарии Кӯлоб буда, тахминан соли таваллудаш 1900-1905 мебошад [12,с.14-30]. Падараш бо номи Сӯфи ятим ба деҳқони машғул буд.

Мирзо Лиқо умри кӯтоҳ дида,дар синни 25 солаги вафот карда,қабраш дар деҳаи Бадринги ноҳияи Шӯрообод (Ш.Шоҳин) мебошад. Аз шоир 3 ғазал ва як мухаммас боқӣ мондааст.

**6.Бобо Пираки Роғӣ:** Бобо Пираки Роғӣ дар таърихи адабиёти тоҷик бо номи Валии Роғӣ низ маълум аст.Ҷои таваллудаш деҳаи Баднили Роғи Бадахшон мебошад. Фолклоршинос М. Холов аз ҳофизони халқии Терайзамин Ғафуров Шакур(Махсуми Шакур), Бобохалил ва Мирзолатиф Раҳимзода бадеҳаи “Бобо-Пирак ”-ро навишта гирифтанд. Соли 1963 дар журнали Шарқи Сурх-№10, дар бораи бадеҳаи “ Бобо-Пирак”, маълумоти пурра додаанд, ки аз 160 мисраъ шеъри чор банди иборат аст. Шоираи Бадахшонӣ Гулхотун дар деҳаи Ҷурм зиндаги мекард ва чунин шарт гузоштааст,ки касе дар шеъру шоири бо ман агар ғолиб бароя ба ӯ ба шавҳар

мебароям. Чанде аз донандагони шеърро бо сабаби мағлуб шуданашон зиндонӣ мекунад, аз ҷумла набераи Бобо Пирак Муродалиро, ки дар шеъргӯӣ мағлуб мешавад, ришу муйлабашро метарошад. Аз ин кори Гулхотун Валии Роғи огоҳ шуда, барои мағлуб кардани ӯ ба қарияи Ҷурми Бадахшон маркабсавор меояд [13,с.84-88]. Онҳо дар ғулбоғи шоира ба шеъргӯӣ мепардозанд.

Намунае аз бадеҳаи Бобо Пираки Роғӣ бо шоира Гулхотуни Бадахшӣ.

**Гулхотун:** *Аз доираҳои базм ҷарас меояд,*
*Аз лаъли лабам туро ҳавас меояд.*
*Гар бӯса занӣ,ба рӯи ман,эй бобо,*
*Тарсам,ки дар ин мақом кас меояд.*

**Бобо Пирак:** *Манро ба ту эй нозанин худо овардааст,*
*Неку бинигар, ки аз куҷо овардааст.*
*Мулки ту Бадахшону Валӣ аз Роғ аст.*
*Ду булбули маста дар фиғон овардааст.*

Дар охир шоира Гулхотун аз шеърдони ва шеърфаҳмии Валии Роғи мағлуб шуда, ба ӯ сар фӯруд меорад. Бобо Пирак шоираро фарзанд хонда, ӯро ба никоҳи наберааш Муродалӣ медарорад. Муҳақиқон ва адабиётшиносҳо дар асарҳои таҳқиқотии худ чандин вариантҳои байтбараки Бобо Пиракро бо Гулхотун овардаанд. [14,с.55-97;15,с.99-104].

**7.Мисраъ:** Номи пурааш Абдуллоҳ ибни Муродмуҳаммади Роғӣ буда,соли таваллудаш номаълум буда, дар деҳаи Шеваи вулусволии Роғи Бадахшон ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, барои гирифтани маълумоти олӣ ба Бухоро рафта дар мадрасаи Балангӣ таҳсил намудааст.Таҳсили худро ба итмом нарасонида, аз сари нав ба Бадахшон бармегардад. Шоири тоҷик Мавлоно Холмуҳаммади Хаста зодаи деҳаи Кангурт дар асари хеш "Ёде аз рафтагон" соли вафоти Мисраъро 1270 ҳ қ овардааст,ки мутобиқ ба соли 1863 мебошад. Мазори шоир дар қарияи Фариштаи Роғ мебошад.

Аз шоир девони калоне бо 5390 байт боқӣ мондааст, ки дар он ғазалиёт,мухаммасот,рубоёт, қитъаот, маснавиёт, қасоид,муаммо ва таърихот ҷамъовари шудаанд.

**8.Мирзо Қадамҷон:** Мирзо Қадамҷон соли 1870 дар деҳаи Зардеҳи Роғи Бадахшони Афғонистон ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, дар 20-солагиаш ба соҳили рости дарёи Панҷ ҳиҷрат мекунанд. Деҳаи Аҳмади поёни ноҳияи Шӯроободро ҷойи зист интихоб карда, дар назди охуни Саид сабақи дини мегирад. Ӯ барои идомаи таҳсил ба мадрасаи Сари Намак рафта, муддати се моҳ ба илмомузӣ машғул мешавад. Пешаи асосии Мирзо Қадамҷон деҳқонӣ ва боғдорӣ буда, баъзан ба мардикорӣ аз қабили тиллокобӣ машғул буд.

Шоир то охири умри хеш ба деҳқони ва боғдорӣ машғул буд. Дар синни 65 солагӣ соли 1935 вафот карда, қабраш дар деҳаи Аҳмади Поён мадфун аст. Девони ашори шоир аз шаклҳои шеърии ғазалу қитъа ва рубои буда, дар якҷоягӣ 1747 байтро ташкил медиҳад.Мирзо Қадамҷон тавонистааст, ки китоби динии " Қассас-ул-анбиё"-ро аз наср ба назм баргардонад [16,с.32-35].

Бояд хотирнишон кард, ки насли дуюму сеюми шоирони минтақаи Роғ ба воя расида, қисме аз онҳо соҳибдевон мебошанд. Аз ҷумлаи насли сеюми шоирони Роғ Раҷабалии Роғӣ, Аҳмад Билолӣ, Шамси Хатлонӣ, Шермадӣ, Ҷиёнхон Латифӣ, Мадхони Шариф, Сангмади Шарифӣ, Рашиди Қодириён, Ёрии Роғӣ ва дигарон мебошанд.

**Адабиёт**


1. Абибов А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон /А.Абибов.- Душанбе, 1971.-С.4.
2. Деҳотӣ А. Куллиёт. ч. 5 / А.Деҳотӣ.- Душанбе, 1966. -С.30.
3. Болдырев А.Н. Бадахшанский фольклор /А.Н.Болдырев.- Советские востоковедение. Т.У.1948.-С.275-276.
4. Икромов И. Шоирони Роғи охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ тоҷик / И.Икромов. -Душанбе, 2008. -С.14-30.
5. Абибов А. Ганҷи парешон. / А.Абибов.Душанбе.-Ирфон,1974.- С. 266-272.
6. Икромов И. Шоирони Роғи охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ тоҷик / И.Икромов. -Душанбе, 2008. -С.14-30.
7. Икромов И. Ганҷҳои нуҳуфта / И.Икромов.-Душанбе, 2006.- С.28-29.
8. Икромов И.Китоби зикршуда.
9. Икромов И.Китоби зикршуда.
10. Айнӣ С. Куллиёт. ҷ 6 / С.Айнӣ.-Душанбе, 1962.- С. 355-378.

11.Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз /Ҳ.Пирумшоев.-Душанбе. Ирфон,2008.- С. 595-598.

11. Икромов И. Шоирони Роғи охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ тоҷик /И.Икромов.- Душанбе, 2008. - С. 14-30.
12. Бадеҳаи «Бобо Пирак». Шарқи Сурх. 1963.-№10.-С.84-88.
13. Нурҷонов Н. Драммаи халқи тоҷик / Н.Нурҷонов.- Душанбе. Дониш, 1985. -С.55-97.
14. Шакармамадов Н.Назми халқии Бадахшон /Н.Шакармамадов. - Душанбе. Дониш,1975.-С.99-104.
15. Икромов И. Ганҷҳои нуҳуфта / И.Икромов.-Душанбе,2006.- С.32-35.


## ЛИТЕРАТУРНАЯ СИТУАЦИЯ В РОГЕ В Х1Х - НАЧАЛЕ ХХ ВВ


**САФАРОВ ХОЛМАД ХОРКАШОВИЧ,**

старший преподаватель кафедры истории таджикского народа
Кулябского государственного университета им.Абуабдулаха Рудаки,
735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица С.Сафарова,16.
Тел.: (+992) 988-62-26-58



*Автором статьи поставлена цель рассмотреть литературную среду поэтов Рога горного Бадахшана и Рога Террайского земли (района Ш.Шохин). Поэты Рога были включены в литературную среду Бадахшана, а потому их произведения изучались в рамках литературы Бадахшана. Как отмечают исследователи, другая причина заключалась в том, что поэты этого региона проживали далеко от крупных административных и литературных центров и поэтому не были включены в тазкирах(антологиях), написанные в этих центрах. Для того чтобы устранить этот недостаток, автор предпринял попытку собрать разрозненную информацию и предоставить по возможности более полную информацию о поэтах и мудрецах Рога.*

*Литература Рога, подобно литературе других народов, являетсия отражением жизни, истории, обрядов и обычаев и другого духовного состояния его народа. Посредством изучения истории и литературы, мы знакомимся со многими сторонами истории народа Бадахшана и Рога. Большая часть поэтов этой области воспевали в своем творчестве красивый пейзаж этого края, грусть и печаль, надежды и упования своего народа. Другая часть поетов хоть и традиционно сделали содержанием своих творений тему назидания и нравоучения. К тому же, поэты Бадахшана, будучи представителями многих диалектов таджикского языка, наряду с изучением его письменной литературы, выявили некоторые особенности их диалектов.*

*Поскольку большинство поэтов Рога были далеки от литературных центров и по причине бедности не могли поехать в Бухару, Самарканд, Коканд и другие города для получения полного религиозного образования, они учились в своих родных медресе, и большинство из них были самоучками. Поэтому они остались за пределами внимания авторов антологий (тазкиры) того времени. Среди таких неизвестных поэтов, слава которых распространилась не только в Восточной Бухаре и Бухарском эмирате Х1Х-ХХ веков, но и в Афганистане, Индии, Пакистане и Иране, были такие поэты как: Мухлиси Роги, Муджрим Роги, Мирзо Раджаб, Домулло Бурхониддин Роги, Мулло Абдурахим Хатлони (Аджзи), Мирзо Лико, Бобо Пираки Роги, Мисраъ (Абдулла ибн Муродмухаммад), Мирзо Кадамджон. В данной статье содержится обширная информация о жизни и литературном наследии поэтов горного Рога.*

***Ключевые слова:*** *Бадахшан, область, горная местность, медресе, мыслители, Рог, четверостишие, источник, природа, тазкира, дервишество, судьба, творчество, поеты.*

## LITERARY SITUATION IN THE HORN IN THE Kh1Kh - EARLY TWENTIETH CENTURY

**SAFAROV KHOLMAD KHORKASHOVICH,**
senior lecturer of the Department of History of the
Tajik People, Kulyab State University named after Abuabdulah Rudaki,
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, 16, S. Safarov Str.
Phone: (+ 992) 988-62-26-58

*The author of the article aims to consider the literary environment of the poets of Rogh of Badakhshan and Rogh of Terrai Land (Sh.Shohin region). The poets of Rogh were included in the literary sphere of Badakhshan, and therefore their works were studied within the framework of the Badakhshan literature. As researchers note, another reason was that the poets of this region lived far from large administrative and literary centers and therefore were not included in the tazkirs (anthologies) written in these centers. To eliminate this drawback, the author attempted to collect scattered information and provide as much as possible the information about the poets and sages of Rogh.*

*The literature of Rogh, like the literature of other nations, is a reflection of the life, history, customs and the spiritual order of its people. Due to the study of history and literature, we get acquainted with many aspects of the history of the people of Badakhshan and Rogh. Most of the poets of this region in their work sang the beautiful landscape of this region, sorrow and sadness, hopes and expectations of their people. Another part of the poets even so traditionally but made the content of their poems the theme of edification and morality. In addition, the poets of Badakhshan, being representatives of many dialects of the Tajik language, along with the study of its written literature, revealed some features of their dialects.*

*Since most of the poets of Rogh were far from literary centers and, due to poverty, could not go to Bukhara, Samarkand, Kokand and other cities to receive a full religious education, they studied in their native madrassas, most of them were self-taught. Therefore, they remained behind the aisles of attention by the author of anthologies (tazkirs) of that time. Among such unknown poets, the word of which spread not only in East Bukhara and the Bukhara emirate of X1X-XX centuries, but also in Afghanistan, India, Pakistan and Iran, were such poets as: Muhlisi Roghi, Mujrim Roghi, Mirzo Rajab, Domullo Burkhoniddin Roghi, Mullo Abdurahim Khatloni (Ajzi), Mirzo Liqo, Bobo Piraki Roghi, Misraa (Abdulla ibn Murodmuhammad), Mirzo Kadamjon. This article contains extensive information about the life and literary heritage of the poets of the mountainy Rogh.*

***Key words:*** *Badakhshan, region, mountainous area, madrasah, thinkers, Rogh, quatrains, source, nature, tazkira, dervish, fate, work, poets.*

УДК:001(575.3:44)

# ТАВСЕАИ РОБИТАҲОИ ИЛМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ФАРОНСА

**ИСОҚОВ МАҲМАДЛАТИФ,**
муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 989-17-39-99

*Дар ин мақола ҳамкориҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса ҳамчун ҳамкориҳои боэътимоди ду кишвари дӯст ҷиҳати барқарор намудани робитаҳои илмӣ, амалисозии лоиҳаҳо, созишномаҳо дар соҳаҳои гуногуни илмӣ баррасӣ шудааст.*

*Ҳамчунин, дар ин матлаб аз пажуҳишгарон ва раҳбарони илмии пажуҳишгоҳҳои ду кишвар ва равобити дуҷонибаи илмии Тоҷикистон ва Фаронса зикр шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *тавсеа, иртибот, лоиҳа, созишнома, ташаккул, ду кишвар, кишварҳои ғарбӣ, Осиёи Марказӣ*

Ҳамкории байни ҷамъияти иттиҳоди илмии Тоҷикистон ва Фаронса дар чаҳорчӯби Созишнома оид ба ҳамкории фарҳангӣ ва илмию техникӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса, ки моҳи декабри соли 2002 ба имзо расида буд, амалӣ карда мешавад. Созишнома хоҳиши ду кишварро барои ҳавасмандгардонии ҳамкории байни муассисаҳои илмӣ, аз ҷумла байни онҳое, ки тавассути муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаъолият мекунанд, дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ба илмҳои дақиқ ва инчунин технология ва гуманитарӣ ва илмҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Бо ин мақсад ҷонибҳои созишнома омодагии худро барои дастгирии махсус изҳор намуданд:

-ҳамкории муассисаҳои таҳқиқотӣ ва пажуҳишгоҳҳо;

-табодули иттилоот ва нашрияҳои илмӣ;

-дар ҳудуди давлати дигар муддати тулонӣ фаъолият кардани кормандони илмӣ бо дараҷаи илмии номзад ё доктори илм, ки шаҳрвандони як давлат мебошанд;

-таъини ду нафар олимони шаҳрванди ҳар як давлат ба ҳайси роҳбари илмии аспирант, ки дар рисолаи номзадӣ ё докторӣ кор мекунанд;

-табодули омӯзгорон ва кормандони илмӣ бо мақсади таҳқиқ ва таҳқиқоти муштараки ба давлати Тарафи( самти) дигар фиристодашуда;

-таъсиси робитаҳои мустақим байни лабораторияҳои илмӣ ва институтҳои таҳқиқотӣ;

-ташкили муштараки семинарҳо ва дигар ҷаласаҳои илмӣ бо иштироки олимони ҳар ду давлат дар мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи умум;

-ҳифзи моликияти зеҳнӣ.[1, 4]

Бо ҳамин созишнома Тоҷикистон ва Фаронса бо мақсади ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои илмию техникӣ ва технологӣ ҷиҳати сайъю кӯшиш барои амалисозии муштараки чунин лоиҳаҳое, ки мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳастанд ва низ ба мувофиқа расиданд, аз ҷониби мутахассисони ҳарду кишвар баҳо дода мешаванд. Воситаи дигари муассирии тақвияти ҳамкориҳои илмӣ байни Тоҷикистону Фаронса Меморандуми (номаи дипломатӣ) тафоҳум, ки 5 декабри соли 2002 байни Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Фаронса ба имзо расида буд, ба ҳисоб меравад. Тибқи ин санад, ҷонибҳо бо назардошти таҷрибаи андӯхташуда дар соҳаи илм ва техника, ба рушди ҳамкориҳои илмию техникӣ дар соҳаи илмҳои фундаменталӣ (математика, физика, химия, биология, астрономия ва ғ.),

технологияҳои иттилоотӣ ва телекомуникатсия, муҳандисии генетикӣ ва биотехнология, ҳифзи муҳити зист ва энергетика, илмҳои тиб аҳднома бастанд. Гуфтан мумкин аст, ки ду санади ҳамкории дар боло зикршуда оғози марҳилаи фаъолонаи минбаъдаи ҳамкории муассисаҳои илмии Тоҷикистону Фаронса гардиданд. Институти омӯзиши Осиёи Марказӣ (IFEAC)-и Фаронса, ки намояндагии он аз соли 2002 дар Душанбе фаъолият мекунад, дар ҳамгироии наздиктари фаъолияти олимони тоҷик ва фаронсавӣ накши муҳим бозид.[2, 7]. Институти омӯзиши Осиёи Марказии Фаронса (IFEAC) яке аз 28 маркази таҳқиқотии Фаронса дар соҳаи бостоншиносӣ ва илмҳои ҷамъиятӣ дониста мешавад, ки бо шуъбаҳои он дар 36 шаҳри ҷаҳон ҷойгир аст. IFEAC, ки соли 1992 таъсис ёфтааст, ба Сарраёсати ҳамкории таҳқиқотии донишгоҳҳо (Шуъбаи илмҳои иҷтимоӣ ва археология)-и Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Фаронса тобеъ мебошад. Ҷолиби диққат аст, ки то соли 2010 Донишкада дар Тошканд фаъолият мекард ва аз соли 2013 маркази минтақавии он дар шаҳри Бишкек ҷойгир аст. Вазифаи Институт рушд ва паҳн кардани фаъолияти илмии IFEAC дар ҳамкорӣ бо пажӯҳишгоҳҳои маҳаллӣ, амиқсозии ҳамкории Фаронса ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, паҳн кардани фаъолияти муассисаҳои шарикии фаронсавӣ мебошад (лабораторияҳои илмии институтҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳо). Вазифаҳои Институтро аз рӯйи 3 самти асосӣ муайян кардан мумкин аст: омӯзиши минтақа аз ҷониби муҳаққиқони фаронсавӣ ва аврупоӣ, кӯмак ба муҳаққиқони маҳаллӣ дар дастрасӣ ба тамоюлҳои нав дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ва дар охир, мақсади рушди Фаронса на танҳо дар ин минтақа, балки дар куҷое, ки ин таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, маҳсуб меёбад. Таҳқиқоте, ки дар доираи барномаи илмии IFEAC гузаронида мешавад, ба соҳаҳои гуногуни илмҳои иҷтимоӣ: таърих, этнология, адабиёт, забоншиносӣ, археология ва ғ. дахл дорад. IFEAC маҷаллаи илмии даврии «Cahiers d'Asie Centrale»-ро нашр мекунад. То соли 2016 23 шумора нашр шуд. Аз соли 2002 инҷониб дар доираи фаъолиятҳои IFEAC 47 нафар муҳаққиқи фаронсавӣ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд: дар соли 2002 - 2 нафар муҳаққиқ, 2003 – 2 нафар, 2004 – 1нафар, 2005 – 7 нафар, 2006 – 3 нафар, 2007 – 8 нафар, 2008 – 6 нафар, 2009 – 1 нафар, 2010 – 3 нафар, 2011 – 2 нафар, 2012 – 1 нафар, 2013 – 2 нафар, 2014 – 6 нафар, 2015 – 4 нафар. Ин рақамҳо аз густариши пайдарпайи робитаҳои илмии Тоҷикистону Фаронса, ғани гардонидани фонди муштарак бо донишҳои нави илмӣ ва таҳқиқот оид ба мавзуъҳои мухталифи мавриди таваҷҷуҳи тарафайн гувоҳӣ медиҳад. Дар байни таҳқиқоте, ки олимони IFEAC дар давраи гузашта анҷом додаанд, метавон мавзуъҳои зеринро дар бораи Тоҷикистон ва ҷанбаҳои дигари ҳаёти он дар минтақаи Осиёи Марказӣ номид:

-семантикаи замони таърихӣ дар сарчашмаҳои охири асри 19 – ибтидои асри 20 (Ф. Веннберг);

-интиқоли дастии Қуръон дар Осиёи Марказӣ. Амалияи дубора навиштан ва техникаи сохтани китоби дарсӣ (С. Эфтимиу);

-динамикаи фазоии Осиёи Марказӣ. Географияи дигаргуниҳои пасошӯравӣ (Ҷ. Торез);

-асри биринҷӣ дар Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои ҳамсоя (Э.Луно);

-кинематография ва ҷомеа дар Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Эрон (Х. Дриеу);

-мусиқии анъанавии тоҷикони кӯҳистон (А. Зевако); [3, 152]

-маориф ва ақаллиятҳои қавмӣ дар Тоҷикистон (О. Феррандо);

-сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пасошӯравӣ (Ф. Геран);

-керамикаи Хулбук (П. Симеон);

-таърихи кӯчонидан дар Тоҷикистон дар миёнаи асри XX (С. Дудуанйон);

-муносибатҳои Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон (Э. Клемент);

-фаъолияти иҷтимоии занони деҳоти Тоҷикистон (Л. Диренбергер);

-системаи тандурустии Тоҷикистон (С. Пелле);

-навиштаҳо дар санги қабрҳо ва мазорҳо дар ҷануби Тоҷикистон ва шимоли Афғонистон, асрҳои XV-XVIII(М. Массулло);

-табрикот ва шеърҳо.

-маросимҳои библиографӣ дар Тоҷикистон (Л. Фронвал).

Тавре ки аз таҳқиқоти дар боло зикршудаи олимони IFEAC дида мешавад, ки онҳо соҳаҳои хеле гуногунро фаро мегиранд, ки аз таърих, бостоншиносӣ, ҷуғрофия, фарҳанг, кино то сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, тандурустӣ ва масъалаҳои демографӣ иборатанд. Саҳми муҳаққиқони IFEAC, ҳамчун ҷомеаи илмии Фаронса дар омӯзиши масъалаҳои мубрам ва мушкилоти дар асарҳои онҳо таъкидшуда барои васеъ кардани дониш ва таҷриба дар соҳаҳои дар боло зикршудаи илм аҳамияти калон дорад. IFEAC дар тӯли солҳои фаъолияташ дар Тоҷикистон лоиҳаҳои муштарак низ анҷом дод. Ҳамин тавр, соли 2003 омӯзиши геоморфологияи Помир гузаронида шуд. Соли 2005 ба гурӯҳи ноҳияҳои Рашт, инчунин ба ноҳияҳои Панҷакент ва Айнии Тоҷикистон экспедитсияи илмии генетикӣ-этнолингвистӣ ва аз ҷониби Фаронса, профессор Э. Хайерес ва Д. Ф. Менессиер аз Осорхонаи антропология (Париж), аз ҷониби Тоҷикистон профессор Ф. Носирова (Институти биология) ва С. Мирзоев (Институти забон ва адабиёти АМИТ) ташкил карда шуд.

Солҳои 2004-2006 дар вилояти Суғд таҳқиқот оид ба этномузикология гузаронида шуд. IFEAC аз ҷониби профессор Ҷ. Дюринг, муҳаққиқи ҷавон А. Зевако намояндагӣ мекард. Тоҷикистонро С.Худойбердиев (Консерваторияи миллии Тоҷикистон) намояндагӣ кард. Илова бар ин, муҳаққиқони IFEAC дар экспедитсияи муштараки Тоҷикистону Фаронса ба Саразм иштирок карданд. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки IFEAC бо иштироки олимони тоҷику фаронсавӣ дар Тоҷикистон як қатор конфронсҳо, семинарҳо ва мизи мудаввар баргузор намуд. Дар байни онҳо мизи мудаввар бо номи «Яғнобиён дар Тоҷикистони муосир» (апрели соли 2005), семинари «Тоҷикистон пас аз бист сол: вазъи илмҳои ҷамъиятӣ» (августи соли 2011) ва конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Саҳми академик А. А. Семёнов дар рушди таърих ва фарҳанги халқи тоҷик» (декабри соли 2013)-ро номбар кардан мумкин. IFEAC инчунин дар шаҳри Душанбе ду мактаби «Шарқшиносони ҷавон»-ро ташкил намуд (декабри соли 2013, 2014), ки дар онҳо профессорҳо Ф. Ричард ва М. Бернардини дар давоми як ҳафта лексияҳо хондаанд.[3, 9] Дар лексияҳо кормандони Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва дастхатҳо, Институти таърих, бостоншиносӣ ва этнография, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, архивҳои Тоҷикистонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, инчунин олимони Қазоқистон иштирок кардаанд. Дар давраи гузашта олимони фаронсавии IFEAC низ дар Тоҷикистон лексияҳои инфиродӣ хонда буданд. Масалан, доктор Ҷ. Торез дар мавзӯи «Сарҳадҳо ва шабакаҳои нақлиётӣ дар Осиёи Марказӣ» (апрели соли 2007), профессор Ф. Ричард дар мавзӯи «Маҷмуаи дастхатҳои шарқӣ дар Китобхонаи миллии Париж» (апрели соли 2011), «Маҷмуаи минётурҳои шарқӣ дар Китобхонаи миллии Париж» (июли соли 2012), «Маҷмӯаи дастнависҳои форсии Осиёи Марказӣ дар Китобхонаи миллии Фаронса» (майи соли 2014), профессор Ф. Гренет – дар мавзуи «Кишоварзӣ ва чорводорӣ дар Суғд».[1,1] Дар тули фаъолияти худ IFEAC ба пажуҳишгарони тоҷик имкони кор дар бойгонӣ ва китобхонаҳои кишварҳои дигарро фароҳам овардааст. Ҳамин тавр, муҳаққиқон А. Ғафуров ва А. Комилӣ аз Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба

номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як моҳ дар бойгонии маркази давлатӣ ва Китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Алишери Навоии шаҳри Тошканд кор кардааст, Н. Хоҷаева аз ҳамин Донишкада дар шаҳри Париж бо дастгирии IFEAC имконият пайдо кард, ки рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Ҷуғрофияи таърихии Осиёи Марказӣ аз рӯйи «Авесто» ва манбаъҳои паҳлавӣ» дар шаҳри Тошканд ба анҷом расонад. Олимони фаронсавӣ Ф. Ричард ва П. Франкфорт аъзои ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Муаррих», органи Институт мебошанд.

Умуман, фаъолияти IFEAC дар Тоҷикистон, ки бисёр чорабиниҳо ва асарҳои гуногунро бо иштироки олимони фаронсавӣ инъикос мекунад, ки барои таҳкими робитаҳои илмии Тоҷикистону Фаронса хеле муфид ва умедбахш аст. Дар мавриди роҳандозии ҳамкориҳои дуҷониба байни IFEAC ва ҷомеаи илмии Тоҷикистон, 20 майи соли 2014 Созишномаи ҳамкорӣ байни Институти таърих, бостоншиносӣ ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти омӯзиши Осиёи Марказии Фаронса (IFEAC) ба имзо расид. Ҳамкорӣ бо мақсади мусоидат ба муносибатҳои дуҷониба дар доираи таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти журналистӣ дар соҳаҳои таърих, бостоншиносӣ, этнография, нумизматика, фарҳанг ва санъат ба роҳ монда шудааст. Бо ин созишнома ҷонибҳо омодагии худро барои ташкили ҳафриёти археологӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, баргузории конфронсҳо, семинарҳо ва лексияҳо, нашри асарҳои илмӣ ва ройгон дар доираи фаъолиятҳои журналистии марбута изҳор намуданд.

Дар доираи ҳамкории Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш ва Донишкадаи IFEAC (Таърих) дар соли 2014 аз ҷониби олимони фаронсавӣ ва роҳбарияти IFEAC Оливйе Феррандо, Франсис Ричард, Тием Клема, Сандра Реллет, Хлое Дриеу, Мартин Массуло дидан карданд. Муаррифии гузориши илмии Ф.Ричард дар мавзӯи «Ҷамъоварии дастнависҳои форсӣ аз Осиёи Марказӣ дар Китобхонаи миллии Фаронса» ташкил карда шуд.[2, 34]

Соли 2014 Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 100 монография ҷамъоварӣ кард ва нашрияҳои давриро ба Китобхонаи забонҳо ва тамаддунҳои шарқӣ (BULAC) -и шаҳри Париж фиристод.

Дар доираи ҳамкорӣ бо IFEAC, бисёр корҳои муҳаққиқон дар хориҷа бо забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ нашр шудаанд. Аммо Тоҷикистон бо шарикони фаронсавӣ дар соҳаи саратоншиносӣ ҳамкорӣ мекунад. Моҳи сентябри соли 2006 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Пер ва Мари Кюри Созишномаи дахлдор оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тавсифи инфиродии фаъолиятҳои зиддиангиогенӣ ва зидди кантсерогении Тоҷикистон ба имзо расид. Соли 1991 дар асоси грантҳои Хадамоти мубодилаи академии Олмон ҳамкорӣ бо Институти физикаи Донишгоҳи Йена (Олмон) оид ба омӯзиши ҳарорати баланд оғоз ёфт. Дар чаҳорчӯбаи ин ҳамкорӣ, институт дар лоиҳаи «Хусусиятҳои наклиётии Superconductors» иштирок мекунад, ки аз ҷониби марказҳои таҳқиқотии Олмон, Фаронса, Италия, Нидерланд ва дигар кишварҳои қитъаи Аврупо амалӣ карда мешавад. Дар моҳи марти 2007 Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти астрономии «Ураноскоп»-и Фаронса Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи астрономия ва илмҳои оламро имзо карданд, ки дар доираи он Институт 23 май ва 3 июни соли 2007 аз ҷониби Астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Директори расадхонаи астрономии Донишгоҳи Париж Гиём Дубос ва корманди Ураноскопи Фаронса Силвейн Були ташриф оварданд. Ҳангоми сафар астрономҳои фаронсавӣ бо кори расадхонаи Ҳисор шинос шуданд. Пас аз як сол, 23 июл - 4 августи соли 2008 ҳайати олимони фаронсавӣ иборат аз 7 нафар ба Тоҷикистон ташриф

оварданд. Ҳайат дар давоми будубоши худ дар Тоҷикистон мушоҳидаҳои муштараки астрофизикӣ, аз ҷумла гирифтани Офтобро 1-уми августи соли 2008 дар расадхонаҳои астрономии Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҳисор ва Санглох анҷом дод. Ҳамзамон дар Донишгоҳи Хоруғ семинар баргузор шуд. Сафари олимони фаронсавӣ ба Пажӯҳишгоҳи астрофизика муфид ва амалӣ буд, зеро он робитаҳои Тоҷикистонро бо Фаронса дар соҳаи астрономия ва омодасозии мутахассисон мустаҳкам кард. Дар давраи гузашта шуъбаи астрономияи метеорикии Институти астрофизика Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо корманди Пажӯҳишгоҳи механикаи осмонии Расадхонаи Париж доктор Ҷ.Вайбаллон ҳамкории илмӣ таъсис дод ва дастгирӣ намуд, ки дар асоси натиҷаҳои он мақолаҳои муштарак ва тезису гузоришҳои илмӣ  нашр гардидаанд.

Ҳамкории лабораторияи физикаи атмосфераи Институти физика-техникии ба номи С.Умарови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо NASA ([Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Маъмурияти миллии аэронавтика ва кайҳон) ва Лабораторияи оптикаи атмосфераи Донишгоҳи илм ва технологияи Лилли Фаронса ва корҳо оид ба омӯзиши вижагиҳои оптикӣ ва микрофизикии аэрозолҳо дар фазои чанголуд ҳангоми туфони ғуборолуд (дуди ғуборолуд) идома доранд. Х. Юсуфбекова бо боғи ботаникии Фаронса тухмӣ иваз мекунад. Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи илмӣ ва фарҳангии «Рӯдакӣ»-и шаҳри Париж ҳамкорӣ мекунад. Бояд қайд кард, ки далели ҳамкории босамари бостоншиносони точик ва фаронсавӣ дар давраи истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар даврони Шӯравӣ оғоз шуда буд, олимон, таърихшиносон, бостоншиносон А. Исаков, А. Раззоқов, Г. Майтдинова, С. Бобомуллоев, Ш. Қурбонов ва ҳамкорони фаронсавии онҳо Б. Мутин, Р. Бесенвал, Ф. Брунет ва А.П. Осиё дар Маркази миллии тадқиқоти илмии Фаронса дар Тоҷикистон ҳафриёти муштараки археологиро анҷом доданд, ки натиҷаҳои он дар асарҳои сершумори илмии онҳо инъикос ёфтаанд.

Яке аз аввалин лоиҳаҳои муҳими ҳамкории бостоншиносони ду кишвар маҳалли қадимаи Саразм (минтақаи Панҷакент, водии Зарафшон) мебошад, ки ҳанӯз соли 1976 кашф шуда, дар он ҷо бостоншиносони шӯравӣ, тоҷик, амрикоӣ ва фаронсавӣ аз соли 1977 кофтуков анҷом додаанд.

Ҳамин тавр, соли 1994 дар Панҷакент бо кумаки Тоҷикистону Фаронса симпозиуми байналмилалии илмӣ таҳти унвони ***«Саҳми водии Зарафшон ба тамаддуни давраи қадимаи кишоварзӣ дар Осиёи Марказӣ»*** баргузор шуд. Дар натиҷаи симпозиум – бо иштироки олимони Тоҷикистон, Фаронса, Русия, Ӯзбекистон ва Қазоқистон - дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва сарчашмаҳо, ки маҳалли қадимии Саразм бо таърихи 5500 -сола яке аз марказҳои асосии пайдоиш ва рушди тамаддуни кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва рушди шаҳр исбот карда шуд.[11, 16]. Ҷолиби диққат аст, ки дертар дар соли 2010 Саразм, ки яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ эътироф шудааст, ба Феҳристи мероси фарҳангии фарҳангии ЮНЕСКО шомил карда шуд. Дар яке аз мақолаҳои охирини худ Б.Мутен, А.Раззоков, Ф.Брунет ва А.-П.Франкфор натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносиро, ки онҳо дар мавзеи қадимаи Саразм дар солҳои 2011-2014 анҷом додаанд, ҷамъбаст карданд. Вазифаи тадқиқоти саҳроӣ аз он иборат буд, ки хронологияи дақиқи ҷойгиршавии объект, рӯзгор, шароити зиндагӣ ва хусусияти муносибатҳои ҷомеаҳои муқими Саразм таҳқиқ намоянд. Олимон муайян кардаанд, ки асри радиокарбонҳои ин минтақа ба охири ҳазораи чорум ва аввали ҳазораи сеюми пеш аз милод рост меояд. Онҳо инчунин давраҳои ибтидоӣ ва баъдии Саразмро,

4000 ва 1500 пеш аз милод, тахмин намудаанд, ки дар ин минтақа тақрибан 2500 сол пайваста ё давра ба давра маскан гирифтаанд. Мувофиқи Созишномаи ҳамкории илмӣ байни Институти таърих, бостоншиносӣ ва этнографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фаронса Миссияи археологӣ дар Осиёи Марказӣ, аз 28 июн то 5 июли соли 2014 директори донишкада Р.Масов ва муовини директор оид ба илм ва таълим фарҳанг фаъолона рушд мекунанд, ки инро далелҳои зиёд тасдиқ мекунанд. Муносибатҳои пурраи дуҷонибаро бе чунин ҳамкорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

«Хазинаҳои Тоҷикистон» аз коллексияи Осорхонаи миллии осори қадима буд. Бо директори Департаменти Шарқи Қадим Беатрис Андре Салвини мулоқоти расмӣ баргузор шуд, ки аҳамияти бозёфтҳои бостоншиносии аз Тоҷикистон ёфтшуда ва дар Осорхонаи миллии бостоншиносии ҳифзшударо қайд кард.[2] Моҳи декабри соли 2016 маълум шуд, ки намоишгоҳ Экспонатҳои Тоҷикистон дар Осорхонаи Гимет дар Париж дар аввали соли 2019 баргузор мешаванд, ки он дар таърихи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Фаронса аз нуқтаи назари гуманитарӣ ва илмӣ як ҳодисаи бесобиқа хоҳад буд.[11,117]. Директори Осорхонаи Гимет Софи Макарио ва профессор Фрэнсис Ричард моҳи ноябри соли 2015 ҳангоми сафари корӣ ба Душанбе бо президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Раҳимӣ, роҳбарияти Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ва Осорхонаи миллии осори бостонӣ мулоқот анҷом дод. Бо дидан аз маҳаллаи Саразм, Санҷартеппа, шаҳри бостонии Панҷакент ва Тахти Сангин, меҳмонони фаронсавӣ бо ҳамкасбони тоҷики худ масъалаҳои баргузории намоишгоҳи экспонатҳои таърихии Тоҷикистонро дар Осорхонаи Гиме ва 4 экспонат аз коллексияи

Осорхонаи миллии Тоҷикистон баррасӣ карда шуд. Ҳангоми ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни осорхонаҳои ду кишвар, бояд таъкид кард, ки вақтҳои охир ба роҳандозии ҳамкориҳои созанда ва робитаҳои судманд дар ин самт таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад. Ҳамин тавр, 21 декабри соли 2016 дар Осорхонаи Лувр дар Париж Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Фаронса Ҳомидҷон Назаров бо директори кабинети Осорхонаи Лувр Бенуа де Сен-Шамас ва мушовири дипломатии Директори генералии ш. Осорхонаи Алберто Вал вохӯрӣ намуд. Дар рафти гуфтушунид масъалаҳои роҳандозии ҳамкорӣ байни Осорхонаи Лувр ва муассисаҳои шабеҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуданд. Сафорат инчунин барои роҳбарияти Лувр муаррифии арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии Тоҷикистонро баргузор намуд.[11, 16] Кори олимони фаронсавӣ, проф. К.Пужол ва В.Фурне, ки аз тарафи ЮНЕСКО дар нашри сершумори «Таърихи тамаддунҳои Осиёи Марказӣ» нашр шуддааст низ бояд қайд кард. Дар мақолаи илмии худ таҳти унвони «Савдо ва иқтисод дар Осиёи Марказӣ (нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX)» муаллифон дар бораи масъалаи аграрӣ, обёрӣ, сиёсати кишоварзии тобеъ ва лоиҳаҳои нави Русия дар Осиёи Марказӣ (аз ҷумла Тоҷикистон), заминсозӣ ва ислоҳоти андоз, зерсохтор, аҳолии маҳаллӣ ва яҳудиён, шаҳрҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Душанбе, нақлиёти дарёӣ ва сохтмони роҳи оҳан, саноат ва савдо (аз ҷумла пахта), сармоягузории хориҷӣ, робитаҳои фарҳангӣ ва ғайра сухан меравад.[1, 6]. Дар омӯзиши олимони фаронсавӣ инчунин ҷолиб он аст, ки намоиши аввалини филмҳо дар кинотеатрҳои Тоҷикистон ҳанӯз соли 1905 дар Хуҷанд сурат гирифта буд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки муносибатҳои Тоҷикистону Фаронса дар соҳаҳои илму

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки муносибатҳои Тоҷикистону Фаронса дар соҳаҳои илму фарҳанг фаъолона рушд мекунанд, ки инро далелҳои зиёд тасдиқ мекунанд. Муносибатҳои пурраи дуҷонибаро бе чунин ҳамкорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Интенсификацияи ( сермаҳсулгардонӣ) алокахои илмӣ имконият медихад, ки

созишномахое, ки дар созишномахои байни хар ду мамлакат ва муассисаҳои илмии онхо инъикос ёфтаанд, пурра ичро карда шаванд. Ҳамкории илмии Тоҷикистону Фаронса як василаи боэътимоди ба ҳам наздик кардани халқҳои ду кишвари дӯст дар баробари ҷузъҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ мебошад. Вақте ки давраи ташаккули робитаҳои илмӣ бомуваффақият гузашт, олимони ду кишварро зарур аст, ки сатҳи бадастомадаи ҳамкорӣ ва натиҷаҳои онро бо лоиҳаҳо, созишномаҳо ва ташаббусҳои нав дар соҳаҳои мухталифи ҳамкории илмӣ тақвият диҳанд.

Моҳи майи 2021мудири Донишгоҳи Фаронса дар умури омӯзиши Осиёй Марказӣ Адриан Фов, Сафири Ҷумҳурии Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Мишел Тарран ва атташе оид ба масоили фарҳангии Сафорати Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Лола Рожэ ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ташриф оварданд.

Меҳмононро аз дари даромадгоҳ директори Китобхонаи миллӣ Файзализода Ҷумахон Хол ва муовини директор Гадобег Маҳмудов пешвоз гирифтанд. Саравввал, меҳмонон аз мусаввараи таърихӣ, ки дар ошёнаи сеюми Китобхона ҷойгир аст, дидан намуданд. Баъдан, роҳбалад меҳмононро бо Осорхонаи китоб, ки дастхатҳо ва китобҳои чопи сангӣ нигаҳдорӣ мешавад, шинос намуд. Дар осорхонаи китоб зиёда аз 100 нусха дастхатҳои нодир, ки қадимтарини онҳо ба асрҳои XIII-XIV маҳсуб меёбад, нигаҳдорӣ мешаванд. Ин дастхатҳои нодир "Таърихи табарӣ"-и Абуҷафъар Муҳаммад ат –Табарӣ, "Дувалронӣ ва Хизрхон"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ, "Девон"-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, "Гулистон"-у "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ ва ғайра мебошанд.

Баъдан, меҳмонон аз толори китобҳои тозанашри даврони истиқлол ва аз толори адабиёти хориҷӣ, ки дар он ҷо гӯшаи китобии Ҷумҳурии Фаронса низ мавҷуд ҳаст, дидан намуданд.

**Дар толори пазирои директори Китобхонаи миллӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** Файзализода Ҷумахон Хол аз муносибатҳои дуҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса ёдовар шуд. Ҳамчунин, Директор дар суханронии хеш имзорасии Ёддошти тафоҳум миёни Китобхонаи Донишгоҳи забонҳо ва тамаддунҳои ба номи Булак дар шаҳри Пориси Фаронса миёни Китобхонаи миллии Тоҷикистонро ёдовар шуд. Дар рафти мулоқот директор аз ташрифи собиқ Сафири Ҷумҳурии Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Ясмин Гуедар, ки 2-юми апрели соли 2020 ба Китобхонаи миллӣ сурат гирифта буд, зикр намуд. Сафири Ҷумҳурии Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Мишел Тарран аз доир намудани чунин вохӯрӣ изҳори миннатдорӣ намуда, ба вусъат ҳамкориҳои мутақобила миёни китобхонаҳои ду кишвар таъкид намуд.

Пас аз он, мудири Донишгоҳи Фаронса оид ба омӯзиши Осиёи Марказӣ ҷаноби Адриан Фов қайд намуд: ***"Банда, саравввал саломи гарми кормандони Институти омӯзиши Осиёи Марказӣ Франсис Ришарро ба аҳли раёсати Китобхонаи миллӣ мерасонам. Бояд зикр намоям, ин нахустин ташрифи ман ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон мебошад. Умедворам, ҳамкориҳо миёни китобхонаҳои ду кишвар боз ҳам зичтар ва густурдатар хоҳад гашт. Мо метавонем, ҳамкориҳоро миёни Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо Маркази таҳқиқоти форсизабонон, ки дар шаҳри Порис ҷойгир аст, ба роҳ монем, ки ин ба манфиати кор хоҳад буд".***

Дар фарҷоми мулоқот мудири Донишгоҳи Фаронса оид ба омӯзиши Осиёи Марказӣ ҷаноби Адриан Фов ба фонди Китобхонаи миллии Тоҷикистон 4 нусха китоб бо забони фаронсавӣ тақдим намуд. Ҳамчунин, Директори Китобхонаи миллӣ, барои

густариши ҳамкориҳои судманд миёни китобхонаҳои ду кишвар Адриан Фоврo бо тӯҳфаи хотиравӣ сарфароз гардонид.

Охири моҳи майи соли 2021 Директори Донишгоҳи Фаронса дар умури омӯзиши Осиёи Марказӣ ( IFEAC) ҷаноби Андриан Фов ва атташе оид ба масоили фарҳангии сафорати Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонума Лола Рожэ ба Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ташриф оварданд. Онҳоро Директори Институти озмоиши масъалҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо Ниёзӣ Б, мудири Шуъбаи Аврупо ва Амрико хонума Воҳидова С ва ходимони илмии ин Шуъба Исоқов М, Баҳриддинзода П. пазирои намуданд.

Воҳидова С меҳмононро бо фаъолияти илмии институт дар ҳамкорӣ бо муҳаққиқони мамлакатҳои Аврупо хусусан Англия, Фаронса ва Олмон ёдоварӣ намуд. Дар навбати худ ҷаноби Андриан Фов доир ба таҳқиқотҳое , ки дар барномаи илмии ДФООМ( Донишгоҳи Фаронса оида ба омӯзиши Осиёи Марказӣ) гузаронида мешавад, соҳаҳои гуногуни илмҳои иҷтимоӣ: таърих, фарҳанг, адабиёт, забоншиносӣ, этнология ва археолгя сухан кард.

ДФООМ маҷаллаи илмии даврии « Cahier d`Asie Centrale»- ро нашр мекунад. То соли 2020 қариб 30 шумора нашр шудааст. Дар охир ба мақсади ҳавасмангардонии ҳамкориҳои илмию техникӣ ва технологияи тарафаин сайъю кӯшиш барои амалисозии муштарак ба мувофиқа расиданд ва минбаъд ба ташкил намудани семинару ҷаласаҳои илмӣ бо иштироки олимониҳар ду кишвар дар мавзуъҳои гуногун мусоидат намуданд.

**Адабиёт**

1. Бойгонии кунунии Институти таърих, археология ва этнография. А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот дар бораи фаъолияти IFEAC дар соли 2015. – с.4.

2. Созишнома оид ба ҳамкории фарҳангӣ, илмӣ ва техникӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса аз 4 декабри соли 2002 L.7.

3.Бойгонии кунунии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Донишаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Институти омӯзиши Осиёи Марказии Фаронса дар соли 2015, С.34.

4. А.Дониш Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот дар бораи фаъолияти IFEAC дар соли 2015 L.9.

5.Сухбати инфроди бо намояндаи ИФЕАК дар ш. Душанбе Наргис Хоҷаева

6.Халимова, М.М. Робитаҳои илмӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар солҳои истиқлолият (1991-2014): дис. ... Канд. ист. Илмҳо: 07.00.15 / М.М. Ҳалимов. Душанбе, 2016. С.72.

7.Ҳисобот дар бораи фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014. Душанбе: Дониш, 2015, с.89. 159

8. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015. Душанбе: Дониш, 2016, саҳ.102.

9. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009. Душанбе: Дониш, 2010, саҳ 116

10. Исаков, А.И. Тадқиқоти гурӯҳи Саразм дар соли 1984. Корҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон 24. Душанбе, 1993. С.117-130;

11.Б.Мутен, А.Раззоков, Ф.Брунет, А.-П.Франкфорт. 2011-2014 Корҳои саҳроии Лоиҳаи Тоҷикистону Фаронса дар Саразм. Гузориши пешрафти экспедитсияи муштараки бостоншиносии Тоҷикистону Фаронса дар Саразм барои солҳои 2011-2014. 16с.

12.Аз сӯҳбати шахсии муаллиф ва муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Ҳусейнзода.

13. Вохӯрӣ бо директори Девони Осорхонаи Лувр [Манбаи электронӣ] // Вебсайти расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://mfa.tj/ru/novosti-i-sobytiya/vstrecha-s-direktorom-kabinetamuzeya-luvr.html

## РАСШИРЕНИЕ НАУЧНЫХ СВЯЗЕЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ФРАНЦУЗСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ

**ИСОКОВ МАХМАДЛАТИФ,**
старший преподаватель кафедры иностранных языков
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 989-17-39-99

*В данной статье рассматривается научное сотрудничество между Республикой Таджикистан и Французской Республикой как надежное сотрудничество сближения двух дружественных стран по установлению научных связей, действие проектов, соглашений в различных отраслях науки.*

*Также данная статья упоминает об исследователях и руководителях научно-исследовательских институтов двух стран, при этом двусторонним научным связям между Таджикистаном и Францией.*

***Ключевые слова:*** *расширение, общение, проект, соглашение, формирование, обе стороны, Западные страны, Центральная Азия*

## EXPANSION OF SCIENTIFIC RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE FRENCH REPUBLIC

**ISOKOV MAHMADLATIF,**
Senior lecturer of Foreign Languages Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 989-17-39-99

*This article discusses the scientific cooperation between the Republic of Tajikistan and the French Republic as a reliable cooperation of bringing together the two friendly countries on the establishment of scientific relations, implementing projects and agreements in various branches of science.*

*The article also focuses on researchers and heads of research institutes of two countries, as well as bilateral scientific relations between Tajikistan and France.*

***Key words:*** *expansion, communication, project, agreement, formation, reciprocity, Western countries, Central Asia.*

УДК:330.1

# ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ ҶАҲОНИШАВӢ БА МАХСУСИЯТИ ИНКИШОФИ ДАВЛАТҲОИ МИЛЛӢ

**ФАЙЗАЛИЕВ ШАМСИДДИН МИРЗОВАЛИЕВИЧ,**
ассистенти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 988-74-77-17. E-mail: shamsidin.faizaliev@mail.ru

*Раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди муҳиму объективии умумиҷаҳонӣ, яке аз муҳимтарин хусусиятҳои таърихи муосири башариро ташкил менамояд. Зери ин мафҳуми мураккаб ва баҳснок протсеси бо ҳам пайваст гаштан ва умумият ёфтани равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир фаҳмида шуда, ба таври кулли дар оянда моҳияти глобалӣ ва умумисайёравӣ гирифтани ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии башарӣ дар назар гирифта мешавад.*

*Дар ин раванди таърихӣ кишварҳо ва миллатҳои дорои собиқаи тӯлонии таърихӣ ва ҳуввияту фарҳанги хосаи худ бо масъалаи бо фарҳангҳои дигар омезиш ёфтани фазои фарҳангӣ ва арзишии худ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин вазъияти навин дар назди онҳо як силсила саволҳо ба миён мегузорад. Аз ҷумлаи муҳимтарин саволҳое, ки давлатҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ба он дучор мешаванд, худи арзёбии моҳият ва ҷанбаҳои мусбату манфии ин раванд ва ин падида мебошад. Ҳамчунин, давлатҳои миллӣ ва миллатҳои ташакулёфта бо масъалаи таносуби ҳуввият, манфиатҳо ва арзишҳои фарҳангиву таърихии худ бо раванди ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ шуда, дар назди он масъалаи ҳифз кардан ва ё аз даст додани ин арзишҳо пеш меояд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавӣ, давлатҳои миллӣ, кудрат, ҷомеаи кушод, истиқлолият, зидиятҳо, сиёсат, манфиат, раванд, фарҳанг, консепсия, геополитика*

Таҳаввулоти куллие, ки системаи сайёраро фаро гирифтааст ва ҳаёти одамонро вобастаи ҳамдигар сохтааст ва чашмрастарин давраи таърихӣ буда, вале пеш аз он, ки ҳамчун падидаи фароҷаҳонӣ намоён шавад, он зербинои ҳаракатҳои маъдание чун Эҳё (Renaissance), Ислоҳотгарӣ (reformation) ва Маъорифпарварӣ (enlighenment)-ро гузаштааст, ҷаҳонишавӣ ном дорад.

Дастабандии куллӣ дар фазои сиёсии геопалитикии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва фарҳангӣ бар он далел, ки ба гуфти Ҳегел гӯё дар байни мабдаи Илоҳӣ ва Олам аввалин бор созиш ба амал омада бошад ё худ ин тулӯи боҳашамати Офтоб буд, ки тадриҷан мавҷудоти фикркунанда ба давраи моҳиятан нави тараққиёт ворид мегарданд. Зимнан таърихи ҳозиразамон ҷадвали дақиқу рӯшани худро дорад. Гузашта агар дар тӯли садсолаҳо, даҳсолаҳо коре анҷом дода мешуда бошад, имрӯз дар як лаҳза суръат мегирад.Фикри оид ба ҷаҳонишавӣ ва моҳияти ин мафҳум аз он вақте, ки инсон ба мафҳуми адолат, озодӣ таъриф доданро оғоз карда то ба кунун формулаи онро зери як маъно эътирофи умум нагардонидааст ва ин падида ҳам дар ҷаҳони имрӯз соҳибияти таърифи якрангу якмақом нагаштааст.Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташаккул ва инкишофи истиқлолияти сиёсии хешро дар заминаи ҷустуҷуйи дарёфти роҳҳои таҳким ва такмили давлатдории милли оғоз намуд, ки он асосан хосияти объективи дошта, дар заминаи ба эътибор гирифтани манфиатҳои милли ва таъмини амнияти миллию этнополитики рушд меёбад. Инкишофи сиёсии кишварро масъалаҳои мураккаб ва мухталиф ҳамроҳи менамоянд, ки дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо аҳамияти муҳиму воқеъи пайдо мекунанд. Ба сифати омилҳои бунёди ва нерӯи муттаҳаррик доираи муайяни масъалаҳо, аз ҷумла ҳимояи манфиатҳои миллии ва таъмини амнияти миллии кишвар дохил мешаванд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ масъалаи асосиро мақом ва нақши давлатҳои миллӣ ташкил медиҳад. Давлати миллӣ то кадом андоза нуфузашро нигоҳ медорад ё он мавқее, ки то ин дам дошт аз даст медиҳад. Масъалаи мазкӯр диқати бештари муҳаққиқонро ҷалб намудааст ва табиист, ки андешаи якранг низ вуҷуд надорад ва дошта низ наметавонад. Зеро тамоми таҳлилҳо дар доираи манфиатҳои субъектони таткиқот сурат мегирад. Аммо як чизро бояд гуфт, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ мавқеъ ва нуфузи ширкатҳои фаромиллӣ барзиёд мегардад. Он бештари вазифаҳои давлати миллиро ба зиммаи хеш мегирад ва аз бисёр ҷиҳат мақоми давлати миллиро танг менамояд.

Ҷаҳонишавӣ равандест, ки дар натиҷаи он сарҳадҳо аз байни давлатҳо бардошта мешаванд, иқтисодиёти ягонаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд, ҳукумати ягонаи ҷаҳонӣ таъсис дода мешавад; ҳамаи миллату халқиятҳо муттаҳид мешаванд ва проблемаи муҳоҷирати ғайри легалӣ  аз байн меравад. Суханҳои дар боло зикр шуда «афсонаҳо»-и ғарбиён мебошанд, ки тавассути ҷаззобияти онҳо эшон мехоҳанд мардуми Шарқро ба онҳо бовар кунонанд. Аммо ҳамаи ваъдаҳои эшон бар дурӯғ мебошанд. Бале, ҷаҳонишавӣ фоида дорад, аммо танҳо барои мардуми Ғарб. Дар кори худ, банда кӯшиш кардаам, ки тоҳадди имкон хатарҳо ва оқибатҳои манфӣ  ин равандро барои давлатҳои рӯ ба инкишоф нишон диҳам.

Ҷаҳонишавӣ  равандест, ки ҳанӯз ҳамаҷониба омӯхта нашудааст. Бисёре аз муҳаққиқон дар он хатарҳои ҷиддиро мебинанд, ки оқибатҳои манфӣ зиёде барои давлати миллиро дорад.  Хатарҳои асосии ҷаҳонишавиро ба таври мухтасар ба чор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

Хатари якум он аст, ки одамон фоидаи ҷаҳонишавиро мебинанд, аммо ин фоида дар байни одамон ноадолатона тақсим карда мешавад. Дар оянда начандон дур дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ иқтисодиёт соҳаҳои саноат, хизматрасонӣ ва умуман соҳаҳое, ки ба содирот машғуланд, фоидаи зиёди молӣ ба даст меоранд. Аммо соҳаҳои ғайри истеҳсолӣ бошанд, аз ин равандҳои ҷаҳонишавӣ ва «бозорҳои кушода» зарар мебинанд. Онҳо маҷбур мешаванд, ки ба шароитҳои нав бо харҷи зиёди маблағ мутобиқ шаванд. Бояд қайд кард, ки ин тағйиротҳо барои ҷамъияту давлат хатарнок мебошанд. Давлат маҷбур мешавад, ки хароҷоти наву зиёди иҷтимоиро ба дӯши худ гирад, ки аз пардохти ҷубронпулиҳо, аз нав тайёркуни кадрҳо, додани ёрдами пулӣ ба бекорон, дастгирии оилаҳои камбизоат вағайраҳо иборат мебошанд.

Хатари дуюмро бештари муҳаққиқон деиндустриализатсияи иқтисодиёт медонанд. Чунки «кушодашавии глобалӣ» ҳаммаънои паст шудани мақоми инсон дар соҳаҳои истеҳсолот мебошад. Як чизро бояд қайд кард, ки натанҳо ҷаҳонишавӣ сабаби деиндустриализатсия шуда метавонад.  Инчунин рушди технологияҳои муосир низ сабаби деиндустриализатсия  шуда метавонанд.

Хатари сеюмро бо масъалаи ворид шудани сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ алоқаманд медонанд. Ба ҳама аён аст, ки дар давоми 15 соли охир сатҳи ворид шудани сармояҳо бадавлатҳои алоҳида хеле зиёд шудааст. Сармояи хориҷӣ барои иқтисодиёти миллӣ хатари ҷиддӣ дорад. Чун ки он метавонад ногаҳон ва тез аз иқтисодиёт баровარда шавад. Дар ин бора роҳбарони давлатҳои гуногун (бештар Амрикои Лотинӣ) ҳушдор дода, зарари сармояи хориҷиро нишон медиҳанд. Умуман дар раванди ҷаҳонишавӣ сармоя як навъ силоҳаст. Агар ҳиссаи сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ зиёд бошад, пас давлати соҳиби сармоя метавонад ба индавлат шартҳои худро пеш гузорад.

Хатари чоруме, ки ҷаҳонишавӣ дар худ дорад, ин зиёдшавии фарқияти музди меҳнат дар байни коргарони баландихтисос ва коргарони сатҳи ихтисосашон паст

мебошад. Дар байни коргарони ихтисосашон паст, сатҳи бекорӣзиёд мешавад. Ин бо он алоқаманд аст, ки дар натиҷаи истеҳсоли молҳои рақобатпазир дар давлатҳое, ки сатҳи пасти маош ва коргарони сатҳи ихтисосашон паст доранд, ба он оварда мерасонад, ки дар корхонаи истеҳсоли ҳамингуна молҳо истеҳсолот баста мешавад масалан дар Аврупо. Дар натиҷа сатҳи бекорӣ дар байни коргарони сатҳи ихтисосашон паст зиёд мешавад. Содироти ҷойҳои корӣ барои иқтисодиёт зарари хеле калон дорад.

Асри XX яке аз асрҳое буд, ки дар таърихи ҳаёти инсоният проблемаи гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро ба вуҷуд овард. Аммо но вобаста аз ба миён омадани чунин проблемаҳои мушкили руҳӣ дар хаёти инсон рушд ба назар мерасад. Дар замони муосир дар системаи муносибатҳои байналмилалӣ якчанд навъи рушд: сиёсӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва ғ. ба назар мерасад, ки се навъи он хосияти актуалӣ дорад: ҷаҳонишавӣ, интергратсия ва демократизатсия. Инчунин се навъи мухолифнок: изолятсионизм (маҳдуд намудани сиёсат), дезинтергратсия ва авторитаризм ба назар мерасад.

Дар оғози аввали асри XXI, бештар раванди ҷаҳонишавӣ бо роҳҳои махсус ва бо таври ҷидди дар илмҳои ҷомеашиносӣ омӯхта мешавад. Сабаб дар чӣ бошад, ки ин масъалаи зикршуда яке аз омӯзиши муҳими илмҳои ҷомеашиносӣ башумор меравад? Ҷустуҷӯи чунин саволҳо паҳлӯҳои гуногун дорад. Инсон дар оғози асри XXI зиндаги намуда нисбатан ба ояндаи худ ва ҷомеааш андеша менамояд, ки дар ояндаи наздик барои башарият чи гуна воқеаҳои мусбӣ ва манфӣ рух медода бошад.

Афзун шудани проблемаҳои байналмиллалӣ, таҳдидҳои навъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои башарият як нуқтаи андешаҳое мешавад, ки давлатҳои миллиро мебояд оиди проблемаҳои дуняви андеша намоянд, то кулли инсоният дар ояндаи начандон дуру наздик тавонад оромона кору фаъолият ва зиндаги намоянд. Аммо ҳамаи ин як навъи «андешаҳои муввақатӣ» мебошанд. Раванди таърихи исбот месозад, ки дар бештари ҳолатҳо субъектони ҳалли чунин проблемаҳо бештар ба манфияти хеш ру оварда фаъолияти бевосита менамоянд ва даст ба сиёсати «калтакони калон» мезананд. Гар чанде, ки мувофиқи Оиномаи СММ ҳеҷ давлат ҳақ надорад ба сиёсатӣ дохилии як давлат дахолат кунад (дар ҳолатҳое, ки як давлати аъзои ташкилот аз тарафи як давлати ғайр фишор набинад) [9, С.5]. Фаъолияти баъзеи субъектони давлатҳо нишон медиҳад, ки ин қонун азали буда наметавонад ва ба фоидаи баъзеи субеъектон мешаваду ба зарари омма. Яъне, раванди таърихи инсоният боз ҳам водор месозад, ки дар баъзеи ҳолатҳо дахолат намудан ба сиёсатӣ дохилии кишвар аз як тараф хосияти мусбӣ дорад. Лекин хосияти манфияш зиёдтар ба назар мерасад.

Ба минталитети Ғарбӣ мутобиқ шудан хеле кори мушкилест. Зеро, ки инсон дар мӯҳитҳои гуногун зиндагӣ ва фаъолият мекунад. Инсон наметавонад минталитети ноомӯхтаро ба худ муттаҳид намояд, зеро ҳар як инсон дар эволютсияи психологии худ оламро бо андешаҳои дигар мебинад. Дар ҳолате, ки ба зуди қабул намояд он метавонад ба даҳшати дохилӣ, психики ва ғ. дучор шавад. Маҳз яке аз мақсадҳои глобалистон ба он равона шуда аст, ки ҷаҳони қафомондаро ба ҷаҳони пешрафта баробар намоянд. Ин як вазифаи хеле мушкил аст. Ҳақ бар ҷониби А. де Токвил, ки мефармояд: «... талаботи моддии инсонро на он қадар иваз намуд, балки талаботҳои маънаваии инсонро иваз кардан лози аст». Дар сурате, ки инсон дастовардҳои маънавиро ба даст меорад, дар ҳама ҳолат метавонад ҳам дастовардҳои маънавӣ ва модиро абадӣ нигоҳ дорад.

Сабаби ба миён омадани масъалаҳои глобалӣ гуногунанд, аммо масъалаҳои сар задани онро метавон чунин шаҳр диҳем:

- афзудани яроқи зараррасон, ки бо роҳҳои гуногун фурухта ва кор карда мешавад;

- хатарҳои экологӣ;
- мубориза бар зиди бенавоӣ;
- мубориза бар зиди сепаратизм, тероризм, экстремизм;
- мубориза бар зиди бемориҳои қатли ом;
- афзун шудани сатҳи аҳолӣ ва ғ.

Ҳамаи ин масъалаҳои зикр шуда инсониятро водор месозад, ки дар раванди ҳалли масъалаҳои ҷаҳонишавӣ нақши субъективиро бозад, то ҳамчун лоҳияи объективӣ нагардад. Сари вақт ҳал на намудани ин масъалаҳои актуалӣ метавонад ба даҳшатҳои гуногун оварда расонад. Гар чанде, ки инро хоҳем ё на, қабул намоём ё инкор, ин раванд алакай даҳсолаҳо шуд, ки идома дорад ва оиди ин раванд бояд андеша намуд.

Транформатсияи суверенитети давлатӣ. Мафҳуми «суверенитет» дар илмҳои ҷомеашиносӣ хело зиёдтар истифода бурда мешавад. Зеро суверенитет доштани давалат нишонаи озод ва мустақил будан аз ҳар гуна марказ аст. Мафҳуми «суверенитет» дар асарҳои Н. Макиавели, Ж. Боден, Т. Гоббс бо исботҳои гуногун во хурдан мумкин аст. Аммо онро бо таври махсус Ж. Боден дар асари машҳураш «Шаш китоб дар боари ҷумҳурӣ» шаҳр додааст. Ж. Боден «суверенитет»-ро дар маънои ҳокимияти олӣ мефаҳмид [5, С.7]. Яъне, дар ҳолате давлат суверенитети сиёсӣ аст он давлат аз ҳар гуна марказ, фишор орӣ, маҷбур намои озод буда дорои идоранамои ҳам сиёсати дохилӣ ва берунӣ аст.

Бо мурури замон фаҳми «Суверенитет» маънои худашро дар амалия дигаргун намудааст. Он давра ба давра транфоматсия ( шакл ивазнамои, дигаргуни) шуда истодааст. Сабабҳои трансформатсия шавии суверенитети давлатӣ бештар дар оғози асрҳои XX ба назар мерасад. [6, С.10]. Зеро дар оғози асри XX муносибатҳои байналмиллалӣ тамоман роҳҳи дигарро пеша гирифтнд. низоми Вестфалӣ (соли 1648) ва Венагӣ (соли 1814-15) аз байн рафтанд ва ба ивази он низоми ташкилотҳои байналмиллалӣ ташкил карда шуданд, ки ба воситаи он проблемаҳои ҷаҳонӣ нисбатан ҳалли худро меёфт.

Агар шакли идоанамоии давлатҳои замони миёна ва замони навро таҳлил карда бароем дар асрҳои миёна бештар идоранамоии монархявии мутлақ ба назар мерасид ва дар замони нав аз 3/2 ҳисаи онро шакли идоранамоии республикави ишғол намуд. Дар охирҳои асрҳои XX шакли идоранамоии монархияи мутлақро метавон бо ангуштон ҳисобид. Ин таҳлил нишо медиҳд, ки транформатсишави суверенитети давлатӣ бештар марҳалаҳои навро тай карда истодааст.

Аз замони нав оғоз шуда трансформатсия шави суверенитети давлатӣ бештар хосияти универсалиро гирифта аст. Яъне, ҳар як давлати ба миён омада кушиш менамояд, ки аз таҷрибаи таърихи як давлат сабақ гирифта ситемаи сиёсиашро дигар гун намоянд.

Аз асри XX ин ҷониб сабабҳои трансформатсия шави суверенитети давлатӣ гуногун рух дода истодааст. Ба миён омадани ташкилотҳои байналмиллалӣ суверенитети давлатиро маҳдудтар менамояд, яъне ҳангоми аъзо шудан ба ташкилотҳо ва итиҳодияҳои байналмилалӣ давлат як чанд салоҳияташро аз даст медиҳад. Дар ин холат «суверенитет» ба як мафҳуми баҳсталаб ва гуногун паҳлу табдил меёбад, ки онро метавон аз як чанд паҳлӯ нигоҳ намуда, андеша намоем [7, С.34].

Сабаби дигар дар он аст, ки компаняҳоу корпорптсияҳои транснатсионалӣ минтақавӣ ва байналмилалӣ зиёд шуда истодаанд. Кулигин В.М. қайд менамояд: «компанияи шим дузии Zinger филали худро ҳанӯз соли 1878 дар Шветсария кушода буд. Ҳоло бошад компаняи дигари нушокии Coca-Cola дар тамоми минтақаҳои руи

олам филалу корхонахояшро кушода аст, ин магар кори одди аст, ин интернатсионали кунонии истеҳсолот аст» [8, С.89].

Яке аз масалаҳои глобали ин агар аз байн бурдани бенавои бошад, пас дар ин самт нақши компанияҳои трнснатсионалӣ хело барҷаста аст. Мувофиқи таҳлил ва баҳодии Бонки байналмиллалӣ дар солҳои 1985 то ба солҳои 1995 компанияҳои трнснатсионалӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷаҳон 8 мил. шаҳрвандони гуногуни давлатҳоро ба ҷои кор таъмин намуда, аз ин ҳисоб 5 милионашон шахрвандони давлатҳои ру ба инкишоф мебошанд. Саволе ба миён меояд, ки нақши сиёсати давлат дар ин ҳолат чи ролро мебозад? Яке аз вазифаҳои асосии сиёсат ин таъмини ягонаги ва устувории ҷомеа ва сафарбарнамоию таъминӣ самараноки фаъолияти умумӣ мебошад [4, С.17]. Пас аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки вазифаи асосии давлат ин таъмину устувор ва амнияти шахрвандон аст. Дар ҳолате, ки politic (сиёсатмадор) ҳмчун нигаҳбон ва ҳимоягари polis (шаҳр) хизмат на намояд дар ин ҳолат давлат метавонад суверенитети давлатиро пурра аз даст диҳад.Ҳақ бар ҷониби Афлотун, ки фармудааст: «Давлат барои он нест, ки танҳо зиндаги намои, давлат имтиёзест, ки хушбахтона зиндаги намоем» [1, С.460]. Дар ҳолате, ки шаҳрвандони давлат аз ҷониби давлат ягон дастгирие набинанд ҳатман шаҳрванд манфияти хешро аз ҷониби ғайри давлатӣ меҷуяд, зеро инсон ҳамеша дар ҷустуҷӯи манфиат аст. Танҳо як таъмини кори аз ҷониби компанияҳои транснатсионалӣ басанда аст, ки шаҳрванд худро хоини сиёсати пеш гирифтаи давлатӣ хеш эълон намояд.

Маҳз ба хотири чунин проблемаҳо рух надодан politic-ро мебояд ҳамчун субъекти муҳими давлат ва суверенитетро ҳамчун арзишҳои асосии давлат нигоҳ дошта давра ба давра ҳамчун субъекти асосии муносибатҳои байналмилалӣ роли калидиро бозад, то ҳамчун накшаи объекти муносибатҳои байналмиллалӣ (ба монанди Садом Ҳусейн, Муҳаммар Қазофи ва д.) нагардад.

Интихоби гегомон дар раванди ҷаҳонишавӣ. Пас аз анҷоми «ҷанги сард» маълум шуд, ки блоки сотсиализм аз байн рафт. Ин нишонаи он буд, ки ҷаҳонӣ як қутбагӣ ба миён омад. Ғолиб омадан дар «ҷанги сард» барои ИМА як имтиёзе буд, ки ИМА аз сари нав блокашро аз нав дигаргун намояд. Пеша гирифтани чунин сиёсат барои ИМА он қадар мушкилие набуд, зеро мамлакатҳое, ки дар раванди «ҷанги сард» дар блоки Сотсиалисти бо роҳбарии СССР бо як стратегия фаъолият мекарданд яъне, стратегияи шикасти либерализм алакай роҳбари блоки мазкур СССР аз харита нобуд карда шуд. Давлатҳои мағлуб шуда дигар пуштибони бузурге ба монанди СССР надоштанд ва барои онҳо баромадан аз буҳрони иҷтимоӣ кумакҳои молиявӣ лозим буд. Ба ӯҳда гирифтани ин қувватро танҳо ИМА дошт.

Дар ин марҳалаи кӯтоҳи таърихӣ, ИМА тавонист мақоми худро дар муносибатҳои байналхалқӣ болотар намояд. Кумакҳои популистонаи ИМА ба давлатҳои заифшуда нишонаи рейкарнатсия кунонии «лоҳияи маршалӣ» ба ҳисоб меравад. Ин намуд пешагирии стратегияи сиёсӣ нишонаи мустаҳакам намоии ҷаҳонӣ яккутба ба шумор меравад. ИМА-ро мебоист ин стратегияи таҳлил шударо, ки тули асрҳо нуқтаи худро дар ана ҳамин марҳалаи таърихи ёфтааст, аз даст надиҳад. Маҳз ба хотири нигаҳ доштани ин мақом солҳои 90-уми асри XX ҷаҳонишавӣ ба миён омад, ки давлатҳоро мебоист ба ин раванд пайваст шаванд.

Дар бештари ҳолат яккақутбагии олам хосияти мусбӣ дорад. Зеро дар чунин ҳолат метавон иттиҳоде ё давлате, ки яккақутбиро ба ӯҳда дорад барои пеша гирифтани сиёсаташ дар ҳолатҳои фавкулода гунаҳгор ҳисобаид. Дар ҳолате, ки олам дуқутба аст моҷароҳои пай дар пайи идеологӣ ба миён меоянд, ки аниқ намудани гунаҳкор хело мушкил аст. Масалан, мувофиқи таҳлилҳо аз солҳои 1480 то солҳои 1941 дар Олам 278

моҷароҳои гуногун рух додаанд, ки 78 ё 28%-и онҳо моҷароҳои шаҳрвандӣ будаанд. Аз солҳои 1945 то 1985 дар рӯи Олам 160 моҷароҳои ҳарбӣ рух додаанд, ки дар мамлакатҳои ҷаҳони сеюм ба миён омадаанд, ки ба ҳисоби умумӣ аз 25 то 35 мил. одамон дар ин ҳодисаҳои дератсионали фавтидаанд [3, С.431].

Аммо саволе ба миён меояд, ки дар ҳолати ҷаҳони яккутба будан роли гегомониро ки мебозад? Ҷустани чунин саволҳо ба монанди кофтани актиёр дар филмҳо аст яъне, касе ҳунари хуб дорад, ҳамон дар роли асоси бози менамояд. Мувофиқи назаряҳои геополитикон аз ҷумла З. Бзежинский мамлакате, ки дорои сатҳи иқтисодиёт ва иҷтимоии мустаҳкам, сатҳи мустаҳками технологӣ, сатҳи мустаҳками қушунҳои ҳарбӣ ва сатҳи мустаҳками фарҳангӣ бошад, он давлатро метавон давлати Бузург номид.[2, С.7-8].

Ҳамин тариқ таҳлили мундариҷа ва шаклҳои раванди ҷаҳонишавӣ нишон дод, ки раванди ҷаҳонишавӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон - фарҳанг, сиёсат, иқтисод, экология, муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайра таъсир мерасонад бо як тарз пешгӯиҳои нави рушди ҷаҳонро таъкид карда, вектори марказии рушдро иваз карданд. Қарни «ҷанги сард», ки асоси принсипи "ҳамзистии осоишта" буд, ба итмом расид ва давраи "ҷаҳони сард" оғоз ёфт, ки асоси пойгоҳи макроэтикии ҷаҳони муосир буда, дар шакли ҷаҳонишавӣ рушд кард. Фосила байни кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба тараққӣ васеъ гардид. Ҷаҳонишавӣ зиддиятро байни системаҳои ҳукмронтарини ҷаҳонӣ шиддат бахшид.

Таҳлили фаъолияти муносибатҳои байнидавлатӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ нишон дод, ки ҷаҳонишавӣ равандҳои ҳамгироиро дар тамоми ҷаҳон тақвият медиҳад. Чунин як минтақаи муҳими стратегии ҷаҳон, ба монанди Осиёи Марказӣ, ҳоло таъсири чолишҳои глобалии замони моро хеле хуб ҳис мекунад. Пеш аз ҳама, ин ба нигоҳ доштани субот дар Осиёи Марказӣ дахл дорад. Дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ маҷбуранд, ки ҳамгиро шаванд. Ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи шаҳрвандони оддии минтақа, фаҳмиши торафт зиёдтаре ба вуҷуд омадааст, ки танҳо ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷанбаҳои манфии раванди ҷаҳонишавиро кам карда, ҳамзамон манфиатҳои ин зуҳуротро барои рушди бомуваффақияти минтақа ба ҳадди аксар мерасонанд.

**Адабиёт**


1. Аристотель. Сочинения.М., 1983. С. 460.
2. Бжезинский З. Выбор. Мировое господствр или глобальное лидерство. М., 2010. С. 7-8.
3. Дергачев В. А. Геополитика.  М., 2004.  С. 431.
4. Зокиров Г. Н. Сиёсатшиносӣ.Душанбе, 2010. С.17.
5. ЗокировГ.Н. Истиқлолияти сиёсӣ. Душанбе, 2007.С.7.
6. Илин М. В. Собирание и раздиление суверенитета. М., 1993. С. 34.
7. International Commision on Intervation and State Soveregnty. December.2001- Ottawa.
8. Лебедева М. М. Мировая политика.М., 2011.С.89.
9. Устав ООН. Статьия 2. С.5.


## ВЛИЯНИЕ ПРОЦЕССОВ ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА СПЕЦИФИКУ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ ГОСУДАРСТВ


**ФАЙЗАЛИЕВ ШАМСИДДИН МИРЗОВАЛИЕВИЧ**,
ассистент кафедры политологии
Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни,
734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел: (+992) 988-74-77-17. E-mail: **shamsidin.faizaliev@mail.ru**



*Процесс глобализации как важный и объективный глобальный процесс является одним из важнейших черт современной истории человечества. Под этим сложным и противоречивым понятием понимается процесс взаимосвязи и обобщения политических, экономических и*

*культурных процессов современного мира с учетом будущего глобального характера всех сторон жизни человека.*

*В этом историческом процессе страны и народы с давней историей, уникальной самобытностью и культурой сталкиваются с проблемой слияния своего культурного и ценностного пространства с другими культурами, и эта новая ситуация вызывает ряд вопросов. Одним из важнейших вопросов, с которыми сталкиваются национальные государства в процессе глобализации, является оценка сущности, а также оценка положительных и отрицательных сторон этого процесса и этого явления. Кроме того, национальные государства и развивающиеся нации в процессе глобализации сталкиваются с вопросом баланса их идентичности, интересов и культурных и исторических ценностей, а также с проблемой сохранения или утраты этих ценностей.*

***Ключевые слова:*** *глобализация, национальные государства, власть, открытое общество, независимость, противоречия, политика, интересы, процесс, культура, концепция, геополитика.*

## THE IMPACT OF GLOBALIZATION PROCESSES ON THE SPECIFICS OF THE DEVELOPMENT OF NATIONAL STATES

**FAIZALIEV SHAMSIDDIN MIRZOVALIEVICH,**
Assistant of the Department of Political Science,
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini,
734003, Dushanbe, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 988-74-77-17. E-mail: shamsidin.faizaliev@mail.ru

*The process of globalization as an important and objective global process is one of the most important features of modern human history. Under this complex and contradictory concept is understood the process of interconnection and generalization of the political, economic and cultural processes of the modern world, taking into account the future global nature of all aspects of human life.*

*In this historical process, countries and nations with a long history, unique identity and culture are faced with the problem of merging their cultural and value space with other cultures, and this new situation raises a number of questions. One of the most important issues faced by national states in the process of globalization is the assessment of the essence, as well as the positive and negative aspects of this process and this phenomenon. In addition, nation states and developing nations are faced with the question of balancing their identity, interests and cultural and historical values in the process of globalization, as well as the problem of preserving or losing these values.*

***Key words:*** *globalization, nation states, power, open society, independence, contradictions, politics, interests, process, culture, concept, geopolitics.*

УДК: 32+323.1 (575.3)

# ТАЪСИРИ ТАҲДИДҲОИ ИТТИЛООТӢ БА АМНИЯТ ВА СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТҲОИ МИЛЛӢ

**ҲАМРОЗОДА МИРМУҲАММАД ФАРРУХ,**
ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур таҳдидҳои нави замони муосир ба монанди таҳдидҳои иттилоотӣ ба амният ва соҳибихтиёрии давлатҳои миллӣ нишон дода шудааст. Ба андешаи муаллиф дар шароити муосир иттилоот ба яке аз омилҳои муҳимтарини таъсиррасонӣ мубаддал гашта, дар ҳаёти миллату давлатҳои гуногун ҳолати ҳимояшавандагии мухталифро ба худ касб намудааст. Вобаста ба ин муаллиф қайд мекунад, ки дар мураккабгардии муносибатҳои геополитикӣ давлатҳои миллиро зарур аст, ки роҳҳои нави таъмини бехатарии хешро пайдо созанд. Махсусан пайдошавии навъи нави таҳдидҳои иттилоотӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ ба давлатҳои миллӣ таъсир гузошта, дар роҳи рушди онҳо ҳамчун таҳдиди воқеӣ бароմад мекунад. Иттилоот ба тамоми соҳаҳои фаъолият таъсири амиқ расонида, муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, пешбурди фаъолият ва сиёсати дохилию берунии давлатҳо бахусус давлатҳои миллиро ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ месозад.*

***Калидвожаҳо:*** *иттилоот, таҳдидҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, ҷиноятҳои киберӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, фазои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, муборизаҳои иттилоотӣ.*

Дар ҷаҳони муосир барои рушди бемайлони соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ технологияҳои мухталифи иттилоотию коммуникатсионӣ беш аз ҳарвақта мавриди истифода қарор дода мешаванд. Дар ҷараёни ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ манбаъҳои иттилоотӣ яке аз омилҳои муҳимтарини рушди инсон, ҷомеа ва давлат ба шумор мераванд.

Имрӯз пешравиҳои назаррасро дар раванди инкишофи босуръати технологияҳои муосир мушоҳида намудан мумкин аст, ки боиси пешравии як қатор соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гаштаанд. Дар баробари ҳамаи ин музаффариятҳо инкишофи технологияҳои коммуникатсионии муосир мушкилотҳои наверо тавлид кардаанд, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда, ба амнияту соҳибихтиёрии бисёре аз кишварҳо, бахусус давлатҳои миллӣ таъсири манфии хешро гузошта истодаанд. Дастовардҳои муосири илмию техникие, ки аз дасти инсоният то ин марҳила сохта шудаанд, имрӯз ба амнияти сокинони сайёра хатар эҷод карда истодаанд, ки дар ин раванд давлатҳои миллӣ аз хатарҳову таҳдидҳои иттилоотӣ эмин монда наметавонанд.

Бояд тазаккур дод, ки бо пешрафти бесобиқаи техника ва навовариҳои иттилоотиву телекоммуникатсионӣ, падидаи нав - «ҷиноятҳои киберӣ» пайдо гашта, таҳдидҳои он ба амнияти миллии ҳар як давлат, хусусан дар давлатҳои миллӣ ба назар мерасад. Ин ҷиноятҳо тавассути технологияи иттилоотӣ ва намудҳои муосиру мухталифи он анҷом дода мешаванд. Дахолати муайян ба системаҳои компютерӣ, тасарруфи маълумотҳои шахсӣ, паҳн кардани маълумотҳои ғайриқонунӣ ва бардурӯғ ва ғайра ба сифати ҷиноятҳои киберӣ баромад мекунанд ва мушкилоти гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиро дар пай доранд. Насли нави ҷиноятҳои киберӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегарданд, ки амалияи ҷамъиятӣ аксарияти онҳоро ба муқобили системаи сиёсии мавҷуда нишон медиҳад. Тафриқаандозӣ, тарғиби фарҳанги

бегона, роҳандозӣ кардан андешаҳои маҳалгароӣ дар фазои иттилоотии давлатӣ ҳам ба қатори ҷиноятҳои киберие фаҳмида мешаванд, ки ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфии хешро мерасонанд. Мушоҳида мегардад, ки дар ҷаҳони кунунӣ давлат, созмон ва ҷомеаҳои гуногун аз таҳдид ва хатарҳои иттилоотӣ дур буда наметавонанд. Зеро ин навъи хатарҳо торафт саросари оламро фаро гирифта, ба таҳдидҳои ташвишовари рӯз мубаддал гаштаанд. Коршиносон бар он ақидаанд, ки сол то сол хатарҳои нав дар фазои глобалии иттилоотӣ паҳн гашта, ин таҳдидҳо давлатҳоро водор сохтааст, ки ба амнияти иттилоотии худ диққати махсус зоҳир намоянд. Дар асри XXI, ки асри илму техника унвон шудааст, амнияти миллии ҳар як давлату миллат аз амнияти иттилоотиаш сахт вобаста аст, чунки дар замони муосир танҳо тавассути амнияти иттилоотӣ метавон амнияти миллию давлатиро таъмин намуд.

Тағйиротҳои босуръат дар сохтори сиёсию иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дигаргунии системаи иҷтимоӣ - сиёсӣ ба он ишора мекунанд, ки ҷаҳони муосир зина ба зина ба давраи сифатан нави тараққиёт ворид мегардад.

Дар як маврид зери мафҳуми глобализатсия дигаргуншавии муносибатҳои иҷтимоӣ дар фазо ва вақт фаҳмида мешавад. Имрӯз раванди ҷаҳонишавӣ беш аз ҳарвақта тақозо менамояд, ки аксари муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ маданӣ ва сиёсӣ хосияти умумисайёравӣ касб намоянд.

Дар замони муосир раванди ҷаҳонишавӣ тараққиёту пешрафт ва таҳдиду хатарҳоро бо ҳам омезиш дода, барои давлату миллатҳои гуногун роҳи нави рушдро пеш овардааст. Дар баробари навгониҳо дар самти техникаву технологияи муосир ва алоқаҳои телекоммуникатсионӣ раванди ҷаҳонишавӣ ба иттилоот ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ муносибат ва вобастагии зиёдеро пайдо намудааст, ки дар ин замина амнияти иттилоотӣ ба ҷузъи муҳими амнияти миллию давлатӣ табдил ёфтааст. Бешубҳа имрӯз метавон гуфт, ки дар таъмини амният ва суботи сиёсӣ амнияти иттилоотӣ мавқеи марказиро ишғол намуда, ҳамчун зинаи асосӣ баромад менамояд.

Дар натиҷаи рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз таҳдидҳои нави замони муосир ҷангҳои иттилоотӣ пайдо гаштааст, ки барои давлатҳои миллӣ таҳдидҳои наву мураккабро пеш меорад. Агар солҳои қаблӣ чунин навъи мубориза҆о дар миёни давлатҳо сурат мегирифт, ҳоло бошад, ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва гурӯҳҳои тундраву иртиҷоӣ субъектҳои фаъоли ин раванд гардидаанд. Дар ин росто таъмини амнияти иттилоотии давлатҳои миллӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта, рӯз то рӯз таваҷҷуҳи сиёсатмадорон ва коршиносонро ба худ ҷалб менамояд. Технологияи иттилоотӣ ба сифати падидаи сиёсӣ баромад намуда, ҳарчи бештар бо мақсадҳои ҷиноӣ, террористӣ ва ҳарбӣ истифода мешавад, ки амният ва соҳибихтиёрии давлатҳоро зери хатар мебарад.

Агар ба фазои иттилоотии ҷаҳони муосир назар кунем, мушоҳида мегардад, ки иттилоот ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ва заминаи роҳандозӣ гардидани ҷангҳои иттилоотӣ-психологӣ баромад мекунад. Таъсири таҳдидҳои мазкур ба он хотир хатарнок арзёбӣ мегардад, ки маҳз онҳо боиси ба амал омадани шиддати иҷтимоию психологӣ, бедор гаштани ҳиссиёти ғаразноку манфии одамон, вайрон гардидани меъёрҳои ахлоқ, тағйир ёфтани рафтори сиёсию ахлоқии шаҳрвандон ва дар ниҳояти кор, боиси ба амал омадани рафторҳои номувофиқ ва ношоистаи онҳо мегардад. Дар зери таъсири таҳдидҳои мазкур шуури фардӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, ба муҳити иҷтимоию психологӣ ва сиёсию ахлоқии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар айни замон прогресси илмию техникӣ дигаргуниҳои бузургу номуайянро дар худ ҷой додааст, ки таҳдидҳои иттилоотӣ яке аз ҷузъҳои асосии он ба ҳисоб

мераванд. Иттилоот ба яке аз омилҳои муҳимтарини таъсиррасонӣ мубаддал гашта, дар ҳаёти миллату давлатҳои гуногун ҳолати ҳимояшавандагии мухталифро ба худ касб намудааст.

Иттилоот ва амнияти иттилоотӣ тавзеҳоти зиёд доранд, агар аз рӯи раванди рушди интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ назар афканем, дар замони ҷорӣ метавон иттилоотро бо амният тавъам гуфт. Зеро, ин ду мафҳум дар ҳамбастагӣ ба амнияти комили миллӣ рабт доранд. Ҳуҷумҳои иттилоотӣ метавонад ба амнияти милливу давлатӣ таъсири манфӣ расонанд. Ҷангҳои таҳмилии ҷаҳони муосир шаҳодат медиҳанд, ки аксари онҳо бо даъватҳои оммавӣ тавассути расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо ба майдонҳо хондани анбӯҳи одамон сурат гирифтаанд. Коршиносон муътақид бар онанд, ки имрӯз бидуни таъмини амнияти иттилоотӣ наметавон амнияти миллиро комилан таъмин намуд.

Яке аз хосиятҳои маркази иттилоот дар замони ҳозира он ба шумор меравад, ки баробари пахш шудан ва паҳн гаштан метавонад иттиҳодро барпо намояд ё онро пароканда созад. Ин ба сифати яке аз омилҳое баромад мекунад, ки қудратҳои ҷаҳонӣ дар замони муосир маҳз ба иттилоот таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда, танҳо аз он сару кор мегиранд. Хосиятҳои махсуси иттилоот ба давлатҳои муқтадири минтақавӣ ва кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ имкон медиҳад, то онҳо дар роҳи расидан ба ҳадафу мақсадҳои хеш муваффақ гарданд. Бешубҳа метавон гуфт, ки дар замони муосир яке аз воситаҳои роҳандозӣ намудани экспансионияи фарҳангии давлатҳои алоҳида ё худ мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон тавассути пахши иттилооти ҳадафмандона сурат мегирад. Ҳамчунин низоъҳои сиёсии муосирро метавон ҳамчун низоъҳои иттилоотӣ ном бурд, зеро сабабҳои иттилоотӣ меҳвару паёмад ё заминаи аксари ин намуди муборизаҳои мусаллаҳонаро ташкил мекунанд. Афзалиятҳои иттилоотӣ ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати идоракунии равандҳои сиёсӣ баромад карда, барои миллату давлатҳо тамоюлҳои сиёсии навро тавлид месозанд.

Амалияи ҷамъиятӣ собитгари он аст, ки дар ҷаҳони муосир қувваҳои мухталифи иҷтимоию сиёсӣ дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бартарияти бештар пайдо намуда, иттилоотро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ истифода менамоянд. Муҳаққиқи амрикоӣ Элвин Тоффлер ҳанӯз дар солҳои 90-уми қарни гузашта дар ояндабинии худ иброз намуда буд, ки «дониш ва иттилоот дар марҳилаи нави ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ба манбаи муҳимтарини ҳокимият табдил меёбад». [11, саҳ. 46]. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки таъсири иттилоот на ҳама вақт мусбат буда метавонад. Нерӯҳои иҷтимоию сиёсие, ки иттилоотро ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсадҳои худ истифода мебаранд, таъсиррасонии иттилоотиро тавре амалӣ менамоянд, ки ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ таҳдиду хатар эҷод мекунанд. [3, саҳ.74] Аз ҷумла тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароию террористӣ, ба роҳ мондани экспансияи фарҳангӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, ташкил намудани инқилобҳои ранга ва ё табаддулоти давлатӣ, ноором сохтани ҷомеа ва аз байн бурдани суботи сиёсӣ мақсадҳое мебошанд, ки онҳоро нерӯҳои сиёсию иҷтимоии тахрибкор ва дорои хусусияти террористию экстремистӣ дар амал татбиқ кардан мехоҳанд.

Рушди босуръати муҳити иттилоотӣ дар ҷаҳони муосир заминаи пайдоишу инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ гаштааст, ки бо хусусиятҳои муайяни худ аз дигар навъҳои ҷомеа ба куллӣ фарқ дорад. Ҳамзамон амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили муҳими рушди инсон, давлат ва ҷомеа маҳсуб ёфта, дар давлатҳои миллӣ ниёз ба беҳбудӣ ва таъмини технологияи иттилоотию коммуникатсионии муҳофизӣ дорад. Имрӯз зарурат ба таҳкиму ташвиқи арзишҳои миллӣ дар фазои иттилоотӣ ба миён

омадааст, ки ин арзишот дар оянда барои мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории миллӣ мусоидат хоҳанд кард.

Таърихи олам фурсату лаҳзаҳои гуногуни ғалабаву шикастҳоро дар ҳолатҳои мухталифи ҷангӣ нишон медиҳад. Давраи нави инкишофи ҷаҳон мубориза҇оеро дар пешорӯи инсоният намоиш медиҳад, ки бештар заминаҳои иттилоотӣ доранд. Расонидани иттилоот ба фарди алоҳида ё гурӯҳи одамон ва ба даст овардани манфиат дар рафти муҳорибаро амалиёти иттилоотӣ номидан мумкин аст. Ин навъи муҳорибаҳо ба таври ноаён ва ё «сиёсати нарм» асосан аз ҷониби давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ба хотири ба даст овардани манфиатҳои муайян роҳандозӣ карда мешаванд, ки дар роҳи рушди давлатҳои миллӣ таҳдидҳои бузург маъниод мешаванд.

Заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои иттилоотиро дар инкишофу такомули ҷомеи иттилоотӣ дидан мумкин аст. Мусаллам аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар лаҳза дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дорад ва бузургтарин тағйироте, ки ба худ қабул кардааст, ин гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ аст. Алакай оғози асри XXI ба мо нишон медиҳад, ки рақобатҳои шадиду мураккаби глобалӣ дар заминаи ҷомеаи иттилоотӣ ба вуҷуд омада истодаанд. Дар шароити рушди ҷаҳонишавӣ ва мураккаб гаштани муносибатҳои геополитикӣ давлатҳои миллиро зарур аст, ки аз лиҳози таъминоти иттилоотӣ мусаллаҳ бошанд. Зеро дар низоми амнияти давлатҳои рӯ ба инкишоф таъмини амнияти иттилоотӣ аввалиндараҷа буда, дар пойдории миллату давлат таъсири бештар мерасонад. Бо ёрии иттилоот сатҳи пешрафт, муваффақиятҳо, камбудиву норасоиҳо, дастовардҳо ва амсоли инҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дастрас мегарданд, ки як қатор омилҳои мусбат ва манфиро дар пай доранд. Ба қатори омилҳои мусбат пеш аз ҳама тадриҷан мақом ва нуфуз пайдо кардани давлатҳои миллӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ дохил мешавад. Дастоварду комёбиҳои давлат ва нақши он дар сиёсати ҷаҳонӣ танҳо тавассути иттилооти муайян ба саҳми башарият мерасад, ки ин ба пойдории симои давлат дар низоми сиёсии ҷаҳон мусоидат хоҳад кард. Дар навбати худ омилҳои манфии дастрасии иттилоот ба ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад ҳастии давлат ва миллатро дар фазои глобалии иттилоотӣ зери хатар гузоранд. Аксар вақт давлатҳои абарқудрати ҷаҳон бар он мекӯшанд, ки мақоми худро тавассути иттилооти дохилии мамлакатҳои рӯ ба инкишоф пойдор созанд, ки ин ҳадафҳо тавассути нооромсозии дохилӣ, бо истифода аз барпосозии бетартибиҳои оммавӣ амалӣ мегарданд.

Маврид ба зикр аст, ки таҳкими сулҳ, амният, суботи сиёсӣ, истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ барои давлатҳои миллӣ арзишоти басо муҳим ба ҳисоб мераванд. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар мураккабгардии муносибатҳои геополитикӣ давлатҳои миллиро водор месозад, ки роҳҳои нави таъмини бехатарии хешро пайдо созанд. Махсусан пайдошавии навъи нави таҳдидҳои иттилоотӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ ба давлатҳои миллӣ таъсир гузошта, дар роҳи рушд ҳамчун таҳдиди асосӣ баромад мекунад. Иттилоот ба тамоми соҳаҳои фаъолият таъсири амиқ расонида, муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, пешбурди фаъолият ва сиёсати дохилию берунии давлатҳо бахусус давлатҳои миллиро ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ месозад.

Раванди ҷаҳонишавӣ бо тамоми навгониҳояш ба ҷомеаи муосир марҳила ба марҳила таъсири бештар мерасонад. Рушди технологияҳои иттилоотӣ, пайдоиши субъектҳои гуногуни сиёсат ва ба вуҷуд омадани шаклҳои нави иртиботи сиёсӣ ба омилҳои бесуботкунандаи ҳаёти сиёсӣ табдил ёфта истодаанд. [7, 109-113]. Мушоҳида мегардад, ки мақоми расонаҳои ватаниву хориҷӣ дар фазои иттилоотии давлатҳо ҳарчи бештар афзун гардида, ба амнияти иттилоотии мамлакатҳои тозабунёд таъсиргузор аст. Имрӯз таъсири расонаҳои давлатҳои абарқудратро ба афкори ҷомеаи кишварҳои дигар мушоҳида намудан мумкин аст, ки боиси пайдо шудани раванду ҳодисаҳои мухталиф

гардидаанд. Дар ин миён ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва арзишоти миллӣ зери таҳдиди муборизҳаҳои иттилоотӣ қарор гирифта, раванди мураккаби таҳкими давлатдории миллиро ба миён меорад.

Муборизаи иттилоотиро метавон муборизаи ҳадафмандонаи давлатҳо, ҷомеаҳо, ва гурӯҳҳои иҷтимоию сиёсӣ тавассути пахши иттилооти махсус унвон кард. Воқеаҳои даҳсолаи охир бозгӯи онанд, ки то чӣ андоза зеҳниятсозӣ ва мағзшӯии ҳадафмандонаи коргардонҳои саҳнаи геополитикӣ метавонад ба амният ва соҳибихтиёрии давлатҳо таъсиргузор бошад. Тазоҳуроту бархурдҳое, ки дар фазои ҷаҳони кунунӣ сурат мегиранд, бешубҳа паёмади ҳуҷумҳои иттилоотие ҳастанд, ки қувваҳои манфиатхоҳ онҳоро ба хотири қонеъ кардани талаботҳои иқтисодиву сиёсии худ роҳандозӣ мекунанд.

Амалияи ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки муборизаҳои иттилоотӣ дар баъзе аз манотиқи олам ба ҷангҳои иттилоотӣ табдил ёфтаанд. Таназзул ва пастравии баъзе аз соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, вайрон гаштани системаи сиёсӣ, тазоҳуротҳои харобиовари оммавӣ дар минтақаҳои гуногуни олам нишон аз бавуҷудоии муборизаҳои комили иттилоотие мебошанд, ки ба ҷангҳои воқеии иттилоотӣ мубаддал гаштаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ дар арсаи байналмилалӣ рушд ва инкишоф меёбад. Маврид ба зикр аст, ки дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири муборизаҳои иттилоотӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар ин росто зарурат пеш меояд, ки дар таъмини фазои ягонаи иттилоотии минтақа чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Чи хеле, ки дар боло зикр шуд, тарғиб ва муаррифии дастовардҳо, пешрафту комёбиҳои мамлакат дар фазои иттилоотӣ ба баланд шудани мақоми он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ сиёсати иттилоотии мамлакат бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки дар баробари тарғиби дастоварду музаффариятҳо ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлатиро низ дар бар гирад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сиёсати хориҷиашро бо принсипҳои эътирофи баробарӣ, эҳтироми истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳо ва эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии инсон амалӣ месозад. Дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад дар навбати худ мусоидат ба таъмини амнияти иттилоотии кишварро ҳадафи асосии худ қарор додааст, ки ин барои татбиқи сиёсати иттилоотии мамлакат муҳим ва саривақтӣ мебошад.[4]

Чандин расонаҳои хабарии хориҷиеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки фаъолияти доманадори худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондаанд. Агар дақиқ назар намоем муассиси ин расонаҳо танҳо кишварҳои абарқудрати ҷаҳонанд, ки ба воситаи шабакаҳои иттилоотии дар зери назоратбуда мехоҳанд фазои иттилоотии мамлакатҳои оламро пур намоянд, ки ин раванд бевосита ба амният ва соҳибихтиёрии давлатҳои миллӣ, махсусан ба Тоҷикистон таъсири манфии хешро мерасонад. Албатта дар замони муосир таҳдидҳои воқеии иттилоотӣ дар шакли аслии хеш зоҳир намешаванд. Онҳо аксаран дар симои ғайр дар шакли «арзишҳои фоидаовар» дар фазои иттилоотӣ паҳн мегарданд ва ноаён ба сарчашмаи муаммоҳои хатарафзо табдил меёбанд. Аз ин рӯ шинохти таҳдидҳои иттилоотӣ ба мо имкон медиҳад, ки онҳоро ҳарчи бештар бартараф созем ва устувории иттилоотиро дар кишвар таъмин намоем.

Ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии минтақа ва ҷаҳон яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати иттилоотии кишвар маҳсуб меёбад. Беҳтарсозии сатҳи таълим дар самти амнияти иттилоотӣ ва ба роҳ мондани тахассусҳои нав дар муассисаҳои олии касбии мамлакат яке аз роҳҳое мебошад, ки тавассути он амнияти иттилоотии Тоҷикистон то ҳадди имкон таъмин мегардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳое, ки барои

таъмини амнияти иттилоотӣ заруранд, ҳамасола чораҳои зиёдеро роҳандозӣ карда истодааст, ки ин тадбирҳо барои ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ дар фазои иттилоотии минтақа ва ҷаҳон ҳамчун заминаи мусоид дониста мешаванд.

Метавон гуфт, ҳифзи бехатарии фазои иттилоотӣ ва идеологии давлатҳои миллӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрамест, ки масъулияти анҷом додани он ба уҳдаи на як-ду нафар, балки тамоми ҷомеа аст. Мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории миллӣ ва истодагарӣ намудан алайҳи таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ дар ҷаҳони тағйирёбанда вазифаи ҳар як фарди ҷомеа маҳсуб меёбад.

**Адабиёт**

1. В.Криленко. Информационная борьба в системе национальной безопасности. // Обозреватель, 2008, №12. С. 67-72.

2. Грачев Г.В. Манипулирование личностью: организация, способы и технологии информационно-психологического воздействия [Текст]/Г.В.Грачев, И.К. Мельник. – М.: Эксмо, 2003. – 240 с.

3. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008, №451 тасдиқ шудааст.

4. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.01.2015, №332 тасдиқ шудааст.

5. Крутских, А.О. Международной информационной безопасности / А. Крутских, А. Федоров. – М.: Слово, 2008. – 234 с.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, моддаи 233.

7. Махмадов П.А. Информационная безопастность как объект политологического исследования//Известия Института философии, политологии и право имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. -№2.-С. 109-113.

8. Маҳмадов А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ. Душанбе: “ЭР-граф”, 2013. – 180 с.

9. Муҳаммад А.Н., Раҷабов С.А., Сафарализода Х.Қ. Кибертерроризм ҳамчун таҳдид ба суботи ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон). – Душанбе: «Дониш», 2019. - 72 с.

10. Саидова Ф.С., Қодирова З.Б. Таъмини амнияти иттилоотӣ дар раванди глобализатсионӣ. // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2021, №3. С. 103-109.

11. Тоффлер, Э. Метаморфозы власти [Текст]/Пер.с. англ. –М.: АСТ, 2003. – 699 с. саҳ 46.

12. Ятимов С.С., Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии таъмини он. // Идоракунии давлатӣ. 2021/ №3 (52). С.204-216.

# ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ УГРОЗ НА БЕЗОПАСНОСТЬ И СУВЕРЕНИТЕТ НАЦИОНАЛЬНЫХ ГОСУДАРСТВ

**ХАМРОЗОДА МИРМУХАММАД ФАРРУХ,**
ассистент кафедры политологии и связи с общественностью
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734003, Республики Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru

*В данной статье освещаются новые современные угрозы, такие как информационные угрозы на безопасность и суверенитет национальных государств. По мнению автора, в современных условиях информация стала одним из важнейших факторов*

*воздействия, и приобрела другое защитное состояние в жизни разных народов и государств,. В связи с этим автор подчеркивает, что в усложнении геополитических отношений национальные государства должны искать новые способы обеспечения своей безопасности. В частности, появление новых видов информационных угроз и обострение информационных войн затрагивают национальные государства и представляют реальную угрозу на пути их развития. Информация оказывает глубокое влияние на все сферы деятельности, и сталкивает лицом к лицу общественно-политические отношения, ведение деятельности, внутренней и внешней политики государств, в частности национальных государств с серьёзными изменениями.*

***Ключевые слова:*** *информация, информационные угрозы, информационная безопасность, киберпреступность, информационные войны, информационное пространство, информационно-коммуникационные технологии, информационные противоборства.*

## IMPACT OF INFORMATION THREATS ON THE SECURITY AND SOVEREIGNTY OF NATIONAL STATES

**HAMROZODA MIRMUHAMMAD FARRUKH,**
Assistant of the Department of Political Science and Public Relations,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru

*The article highlights new modern threats, such as information threats on security and sovereignty of nation states. According to the author, in modern conditions, information has become one of the most important factors of influence, and acquired a different protective state in the life of different peoples and states. In this regard, the author emphasizes that in the complication of geopolitical relations, nation states need to find new ways to ensure their own security. In particular, the emergence of new types of information threats and the aggravation of information wars affect nation states and pose a real threat to their development. Information has a profound impact on all spheres of activity, and confronts socio-political relations, the conduct of activities, domestic and foreign policy of states, in particular nation-states, with serious changes.*

***Keywords***: *information, information threats, information security, cybercrime, information wars, information space, information and communication technologies, information warfare.*

УДК: 339.543

# НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ТАМОЖЕННОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**ХАБИБОВ ПАРВИЗ АБДУЛЛОЕВИЧ,**
Центральное таможенное управление РФ,
Комсомольская площадь 1, 107140,
г. Москва, Россия. Российская таможенная академия,
Комсомольский пр-т, д.4, 140015, Московская область, г. Люберцы, Россия.
E-mail: parvizhabibov@mail.ru

*В статье обосновано, что процесс евразийской интеграции влияет на внешнеэкономическую деятельность Республика Таджикистан и обусловливает необходимость совершенствования, прежде всего, таможенной политики, обеспечивающей регулирование этой сферы. Сформулированы основные направления совершенствования таможенной политики, которые позволят обеспечить устойчивость основных базисов влияния таможенной политики на национальную экономику: экономического роста, формирование платежеспособного бюджета, повышение благосостояния граждан.*

***Ключевые слова***: *внешнеэкономическая деятельность, бизнес, таможенное законодательство, интеграция*

На сегодня Республика Таджикистан (далее – РТ) расширяет свои возможности международной торговли со странами членами Евразийского экономического союза (далее – ЕАЭС), при этом происходят изменения в таможенной политике страны вследствие углубленной интеграции с международными требованиями, которым должна следовать таможенная система РТ. Поиск методов и мер к более тесному сотрудничеству со странами-членами ЕАЭС и расширению внешнеэкономических связей создает условия роста экономических показателей национальной экономики, но РТ должна преодолеть многочисленные проблемы таможенной сферы [1]. С другой стороны, современные составляющие таможенной политики, прежде всего, должны давать возможность определять баланс между интересами национального товаропроизводителя и интересами самого государства во внешнеэкономической деятельности [2]. Поиск оптимальных путей относительно определения законной торговли и контроля за ней должны осуществляться за счет их рационального и взвешенного лимитирования. На сегодня, характерными особенностями таможенной политики выступают изменения в приоритетах - усиливается фискальная функция таможни в противовес правоохранительной функции. В процессе чего возникает конфликт несоответствие миссии, задач и функций таможенной системы, происходит замена приоритетов государственной таможенной политики. Стоит отметить, что на сегодня таможенная система выполняет функцию наполнения государственного бюджета быстрыми деньгами косвенного налогообложения. В дальнейшем таможенная политика страны должна изменить свой вектор со сбора таможенных платежей на упрощение процедур торговли и контроля над цепочками поставок.

В течение периода работы таможенных органов РТ, проблемы в их работе имеют устойчивую тенденцию существовать практически в неизменном виде с относительным ранжированием в зависимости от года анализа, что является абсолютным подтверждением назревших проблем страны: снятие напряжения в работе бизнеса и субъектов внешнеэкономической деятельности, упрощения внешней торговли за счет внедрения в деятельность реальных и действенных реформ, разработки и внедрения адекватных запросам времени стратегических изменений [3, 4]:

• несовершенное таможенное законодательство;

• устарелость технического оснащения, компьютерного оборудования, программного обеспечения;

• сознательное завышение таможенной стоимости товаров;

• недостаточная прозрачность и открытость;

• коррупция и взяточничество;

• постоянные изменения структуры и руководства;

• фискальная функция таможни;

• непрофессионализм инспекторов.

По результатам исследования определены следующие риски в сфере таможенного дела Республики Таджикистан: значительная доля контрабанды или декларирования по сокрытию информации, большое количество правонарушений в сфере интеллектуальной собственности, несоответствие существующей системы таможенного контроля современным стандартам пропускной способности, практика искажения импортерами таможенной стоимости импортируемых товаров, необоснованные корректировки таможенной стоимости таможенными органами, неполнота учета участников внешнеэкономических операций, наращивание объемов расчетов через оффшорные зоны, несоответствие регулирования в Республике Таджикистан с международными торговыми правилами ЕАЭС [5, 6]

Основные проблемные вопросы остаются неизменными в течение последних нескольких лет и касаются совершенствования применения таможенной процедуры единого окна; упрощение таможенных процедур за счет внедрения новейших технологий и технических средств контроля, использования обновленного программного обеспечения и ИТ-технологий как средств коммуникации и контроля; имплементации института уполномоченного экономического оператора на условиях, которые определены евразийским таможенным законодательством; введение четких правил определения и оценки таможенной стоимости товаров, пересекающих таможенную границу Республики Таджикистан. Этот вопрос является едва ли не самым острым среди нуждающихся определения для дальнейшей плодотворной коммуникации между таможней и бизнесом, и, как следствие, внедрение эффективного таможенного постаудита и контроля.

Проведенное исследование тенденций и особенностей реализации таможенной политики РТ позволило сформулировать основные направления ее совершенствования [7, 8, 9]:

1) Укрепление кадрового потенциала таможенной службы, может осуществляться путем: совершенствования кадровой структуры в таможенной системе на основании профессионального отбора должностных лиц и создание условий для повышения уровня квалификации и воспитательной работы; обеспечения рабочих мест современным оборудованием; усиления контроля за антикоррупционной деятельностью; усиления эффективности правоохранительной работы таможенных органов.

2) Развитие социальной сферы. Может быть достигнуто усилением социальных гарантий должностных лиц таможенной службы: повышение уровня заработной платы, предоставление достойной пенсии; создание достойных условий труда (обустройство рабочего места необходимым оборудованием), создание условий для отдыха и восстановления состояния здоровья.

3) Усовершенствование таможенной инфраструктуры. Ее совершенствование возможно путем: внедрения в таможенной системе единой унифицированной СКУД -

системы контроля и управления доступом к объектам таможенной инфраструктуры, включая контроль и управление доступом к информационным и информационно-телекоммуникационных системам и сетям, сетям связи, программно-техническим ресурсам таможенных органов.

4) Содействие развитию ИТ-технологий. Это возможно путем расширения функциональных возможностей сервиса Единое окно; расширения использования информационно-телекоммуникационных технологий, автоматизированных средств считывания номеров, взвешивания, сканирования, проставления контрольных отметок, представления в электронном виде информационных сообщений, заявлений и тому подобное; развития единой автоматизированной информационной системы, развертывания новой компьютеризированной транзитной системы и интеграции информационно-телекоммуникационных компонентов таможни; совершенствования автоматизированной системы таможенного оформления товаров; развитие автоматизированной системы управления рисками и расширения источников информации, которые в ней используются.

5) Усовершенствование таможенного контроля после выпуска товаров. Правовую основу такого вида таможенного контроля может составить перечень полномочий таможенных органов в части осуществления такого контроля, в частности: таможенные органы могут проверять достоверность и полноту информации, приведенных в таможенной декларации, декларации о временном хранении, входящей итоговой декларации, итоговой декларации о выходе; декларации или сообщения о реэкспорте и наличие, подлинность, точность и действительность любого подтверждающего документа, согласно которому можно проверить счета декларанта. Таможенные органы, также могут проверять товары и / или брать образцы. Такой контроль может осуществляться в помещении владельца товара или представителя собственника любой другого лица, кто непосредственно или косвенно участвует в этих операциях

6) Усовершенствование реализации фискальной функции. Учитывая то, что сущность фискальной функции заключается в наполнении благодаря таможенным платежам государственного бюджета, то и совершенствование должно основываться на изменении подходов по взысканию этих платежей, в частности целесообразно: - совершенствование самой методологии начисления таможенных платежей в соответствии с товарной номенклатурой и таможенного тарифа, в частности по валюте контракта; - внедрение терминального сбора в зоне государственных терминалов; - совершенствование технологии определения кода товара должностными лицами таможни и согласования с декларантом; - совершенствование нормативной базы, методов и процедур в направлении корректировки таможенной стоимости товаров; - внедрение подходов к возможности получения плательщиком рассрочки и отсрочки таможенных платежей; - усиление сотрудничества государственной налоговой службы и государственной таможенной службы в направлении возможности взыскания налогового долга по таможенным платежам; - усовершенствование информационно-технического обеспечения, что предусматривает обеспечение бесперебойной работы и совместного доступа к информационно-телекоммуникационным системам, базам данных и другим информационным ресурсам, используемым для администрирования налогов и сборов; развитие перспективной архитектуры информационно-телекоммуникационной системы, определение стандартов и документации информационно-телекоммуникационной системы, обеспечение интеграции и совместимости всех ее компонентов и подсистем; обеспечение функционирования

автоматизированной системы таможенного оформления и обмен электронными документами по международным моделями данных (EU Customs Data Model); обеспечение технической и криптографической защиты информации в информационно-телекоммуникационных системах; проведение контрольных процедур по соблюдению законодательства по защите информации и мониторинга по противодействию киберугрозам через центры реагирования на киберинциденты.

7) Совершенствование организационно-управленческой деятельности. Может быть осуществлено путем: внедрения эффективной организационной структуры, построенной по функциональному принципу, восстановление управленческой вертикали таможенной службы, направленное на качественное и своевременное выполнение такими органами возложенных на них обязанностей; пересмотр подходов к системе отбора кадров, развитию умений и навыков сотрудников, их стимулированию и поощрению к корректному и инициативному выполнению обязанностей; минимизация влияния человеческого фактора и автоматизация процессов при выполнении стандартизированных оперативных задач, концентрация ресурсов на интеллектуальных методах контроля и предотвращения нарушений в сфере таможенного законодательства; разделение сервисной и правоохранительной функций; устранение дублирования функций, связанных с борьбой с преступлениями в сфере финансов и тому подобное.

Подытоживая вышеизложенное, для обеспечения эффективности таможенной политики, неразрывно связанной с экономическими процессами национальной экономики, прежде всего должна быть ориентация на повышение прозрачности внешнеэкономической деятельности, благодаря уменьшению прямого таможенного контроля, автоматизации таможенных услуг, уменьшению технологических и материальных затрат субъектов внешнеэкономической деятельности при пересечении грузами границы РТ.

Вектором развития является использование евразийских стандартов осуществления таможенно-тарифного регулирования, как одного из важных мероприятий совершенствования таможенно-тарифного регулирования. Влияние таможенной политики на национальную экономику прежде всего обусловлено возможностью повышения внешних источников поступления как в бюджет страны, так и в бюджеты домохозяйств, благодаря выходу на внешние рынки национальных товаропроизводителей, в результате чего оплата труда может возрасти. Также система регулирования должна обеспечить условия роста конкурентоспособности национальной экономики по отношению к другим странам, принимая участие в глобальных и евразийских экономических процессах [10].

Для улучшения прозрачности и подотчетности операционной деятельности государственных органов власти должен быть введен комплексный механизм использования информационных технологий, в частности в таких направлениях как: государственный учет, независимый аудит, управление административным процессами. Можно разработать информационную платформу Электронная таможня, которая позволяет осуществить: интеграцию электронных процедур для проведения таможенного контроля; создание и техническую поддержку информационных систем; технологическое обеспечение обработки данных во всех процессах таможенного контроля. Благодаря использованию информационного обеспечения возможно ускорить проведение таможенных процедур, осуществить электронное декларирование товара; усилить уровень взаимодействия между различными точками таможни.

На сегодня существуют преграды для общей интеграции информационных технологий в таможенную систему, заключающиеся в отсутствии организационных мероприятий по внедрению системы Единого окна для отдельных видов контроля, в частности: радиологического и фитосанитарного. Ведь на пунктах пропуска отсутствует специальное оборудование, позволяющее осуществлять эти виды контроля. Кроме того, в РТ отсутствует Единый реестр международных сертификатов, что делает невозможным использование электронных эквивалентов фитосанитарных сертификатов, возможность использования которых предусмотрена Международной конвенцией о защите растений.

К тому же, имеет место и человеческий фактор, который существенно усложняет внедрение в работу таможенных органов информационных технологий, в частности: нежелание должностных лиц других государственных органов власти, выполняющих совместную с таможенными органами переходить на электронное взаимодействие, чрезмерная бюрократизация с их стороны и желание осуществлять искусственное управление таможенным контролем.

Обобщая вышеизложенное, можно сделать вывод о том, что основными базисами влияния таможенной политики на национальную экономику являются экономический рост, формирование платежеспособного бюджета, повышение благосостояния граждан. Однако, существуют угрозы, которые ущемляют развитие таможенной политики и негативно влияют на экономическое развитие. Сформулированы таможенные меры необходимые для успешной интеграции Республики Таджикистан в ЕАЭС, что позволит активизировать внешнеэкономическую деятельность и повысить эффективность работы таможенных органов РТ.

**Литература**

1. Рзаев Т.Г., Александрова Е.В. Вхождение республики Таджикистан в ЕАЭС // Государственная служба и кадры. 2018. №2. С.150-152.
2. Афанасьева И.И., Гадойбоев Ф.А., Мирсаидов А.Б. Институциональные основы реализации внешнеторговой политики Республики Таджикистан в условиях современных интеграционных процессов // Вестник Академии знаний. 2018. №3 (26). С.366-373.
3. Маъруфов Ф.К. Некоторые аспекты формирования таможенной политики Республики Таджикистан в регулировании внешнеторговых отношений // Вестник ТГУПБП. 2019. №3 (80). С.88-96.
4. Мильшина И.В. Понятие и содержание таможенного администрирования в Евразийском экономическом союзе // Изв. Сарат. ун-та Нов. сер. Сер. Экономика. Управление. Право. 2019. №1. С.97-100.
5. Раупов К.С. Пути совершенствования таможенной политики Республики Таджикистана как фактор роста экспортного потенциала // Вестник ЮУрГУ. Серия: Экономика и менеджмент. 2017. №1. С.160-165.
6. Дадабаева З.А. Присоединение Таджикистана к ЕАЭС: преимущества и риски // РСМ. 2016. №4 (93). С.161-168.
7. Насрутдинзода К.Ш. Особенности правового регулирования валютных отношений в сфере предпринимательской внешнеэкономической деятельности // Вестник ТГУПБП. 2018. №4. С.102-111.
8. Сидорова Е.Ю. Круглый стол актуальные вопросы таможенно-тарифного регулирования в условиях глобальных изменений // Экономика. Налоги. Право. 2018. №3. С.161-164.

9. Мантусов В.Б., Шкляев С.В. Обеспечение соблюдения временных мер нетарифного регулирования внешнеэкономической деятельности, введенных государством - членом Евразийского экономического союза в одностороннем порядке // Вестник Российской таможенной академии. 2019. № 2. С. 15-21.
10. Белоусова Т.И., Антонова Е.И., Шаланина Н.А. Современные технологии таможенного администрирования // Таможенная политика России на Дальнем Востоке. 2017. №1 (78). С.16-27.

## САМТҲОИ ТАКМИЛИ СИЁСАТИ ГУМРУКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**ҲАБИБОВ ПАРВИЗ АБДУЛЛОЕВИЧ,**
Хадамоти маркази гумруки ФР,
Майдони Комсомолская 1, 107140,
ш. Москва, Россия. Академияи гумруки Россия,
хиёбони Комсомолск-т, хонаи.4, 140015, Вилояти Москва, ш. Любертс, Россия.
E-mail:parvizhabibov@mail.ru

*Дар мақола асоснок карда мешавад, ки раванди ҳамгироии авруосиёӣ ба фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонида, такмили пеш аз ҳама сиёсати гумрукиро, ки танзими ин соҳаро таъмин менамояд, тақозо дорад. Самтҳои асосии такмили сиёсати гумрукӣ, ки ба устувории асосҳои муҳимтарини таъсири сиёсати гумрукӣ ба иқтисодиёти миллӣ таъмин мекунанд, мураттабу муайян шудаанд: болоравии иқтисодиёт, ташаккули буҷети пардохтпазир, баланд бардоштани некуаҳволии мардум.*

***Калидвожаҳо:*** *фаъолияти иқтисодии бернуа, бизнес, қонунгузории гумркуӣ, ҳамгироӣ*

## DIRECTIONS OF IMPROVING THE CUSTOMS POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS

**KHABIBOV PARVIZ ABDULLOEVICH,**
Central Customs Administration of RF,
107140, Russia, Moscow, 1, Komsomolskaya Square,
Russian Customs Academy,
140015, Russia Moscow region, Lyubertsy, 4, Komsomolsky ave.
E-mail: parvizhabibov@mail.ru

*The article substantiates that the process of Eurasian integration affects the foreign economic activity of the Republic of Tajikistan and necessitates the improvement, first of all, of the customs policy, which ensures the regulation of this sphere. The main directions of improving customs policy have been formulated, which will ensure the sustainability of the main bases of the influence of customs policy onto the national economy: economic growth, formation of a solvent budget, and improving the welfare of citizens.*

***Keywords:*** *foreign economic activity, business, customs legislation, integration*

УДК 321.014

# САРВАРӢ ДАР СИСТЕМАИ МУДИРИЯТИ ДАВЛАТ

**САФАРОВ БОБОҶОН САФАРОВИЧ**,
унвонҷӯйи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рудакӣ, 17.
Тел.: (+992) 918-53-13-99. E-mail: Safarov.b__94@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур нақши сарварӣ дар идоракунии давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар аввал муаллиф кӯшиш кардааст, ки масъалаи сарвариро аз лиҳози назариявӣ ва мавқеи мутафаккирони гуногун мавриди баррасӣ қарор диҳад. Сарварӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунад. Зиёд масъалаҳои рушду инкишоф аз сарвари сиёсӣ вобастагӣ дорад. Дар раванди идоракунии давлатӣ як қатор мушкилиҳо ҷой доранд, ки боиси пайдоиши сарварони нав дар низоми сиёсӣ мегарданд. Сарварӣ дар идоракунии давлатӣ воситаи созанда барои ташкили самараноки раванди идоракунӣ мебошад. Сарварии самаранок дар идоракунии давлатӣ имконпазир аст, ба шарте ки сарвар ба принсипҳои асосии сарварӣ: эътимод, гузоштани ҳадафҳои оқилона ва истифодаи оқилонаи захираҳо ва дурусти пешбурди идоракуниро риоя кунад. Дар системаи идоракунии давлатӣ шартҳои муайяне мавҷуданд, ки имконияти рушди сарвариро муайян мекунанд. Барои сарвар зарур аст, ки системаи идоракунӣ устувор ташкил кунад, то дар ҳолатҳои зарури ба ӯ кӯмак кунад. Сарвар бояд вазъиятшинос бошад вобаста ба вазъ амал карда, мушкилоти ба вуҷудомадаро бояд сари вақт ҳал намояд Дар баробари ин сарвар бояд низоми идоракунии давлатиро тавре ба амал барорад, ки механизмҳои таъсиррасонӣ ба тамоми доираҳоро дошта бошад. Ба ин роҳ метавонад, ҳам бовари тобеон ва бовари оммаи мардумро ба даст оварад. Дар шароити навини идоракунии давлатӣ он сарварон пуштибони мардумро ба даст оварда меоваранд, ки онҳо агар легитимият дошта бошанд. Танҳо ба ҳамин роҳ метавон як системаи устувори идоракунӣ ташкил кард.*

***Калидвожаҳо:*** *сарварӣ, сарвари сиёсӣ, сарвари харизматик, сарварони касбӣ, ниҳоди сарварӣ, сарвари самаранок, идоракунии давлатӣ, самаранокии идоракуни давлатӣ, услуби идоракунӣ, ҳокимияти давлатӣ*

## Мафҳум, моҳият ва вазифаҳои сарварӣ дар идоракунии давлатӣ

Дар амалияи ҷамъиятӣ собит шудааст, ки сарварӣ яке аз омилҳои муҳими рушди идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Сарварон барои муайян кардани ҳадафҳою вазифаҳо, ҳамоҳангсозӣ ва таъмин намудани робита бо тобеон ва интихоби роҳҳои оптималии самаранокӣ ҳалли мушкилот заруранд. Сарварӣ як падидаи бисёрҷанба ва мураккаб ба ҳисоб меравад. Ташаккули ин системаи мураккаб боиси пайдоиши сарвар мегардад. Дар луғати Ожегов таърифи сарвар чунин омадааст: «Сарвар, роҳбари ҳизби сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ё дар маҷмӯъ гурӯҳи одамон ва шахсе, ки дар коллектив аз нуфуз бархурдор аст». Сарварӣ ниёзи таърихии одамон барои ташкили фаъолият мебошад. Сарвар (аз забони англисии Leader - пешбар) - шахсе, ки қодир аст ба дигарон таъсир расонад[9,с.158 ]. Дар ҳаёти ҷамъиятӣ, сарвар, ҳамчун як шахсияти марказӣ, мӯътабартарин дар як гурӯҳи муайяни одамон, қариб дар ҳама намудҳои фаъолият ва дар ҳар як давраи таърихӣ муайян карда мешавад. Мафҳуми "сарвар" дар илмҳои ичтимоӣ ба ду маъно омадааст:

- фарде, ки дорои сифатҳои барҷаста мебошад, ки ба шарофати он идоракунии самаранок ба вучуд меояд. Чунин сарвар аз нуқтаи назари арзишӣ ҳамчун намунаи ибрат, як навъ "идеал" барои ҷомеа мебошад. Таъсири чунин сарвар ба падидаи психологии субъективӣ инъикос ёфтааст.

- шахсе, ки дар ҷомеа қабули қарорҳоро ба манфиати ҷомеа аз ҳама муҳим арзёбӣ мекунанд, ҳамчун сарвар эътироф карда мешавад. Вазифаи ин сарвар ба қобилияти муттаҳид сохтани дигарон барои расидан ба ҳадаф асос ёфтааст.Чунин шахс, новобаста аз услуби сарварӣ (авторитарӣ ё демократӣ), муносибатҳоро дар ҷомеа ба танзим медарорад.

Масъалаи сарварӣ дар як қатор илмҳо, ба монандӣ сотсиология, сиёсатшиносӣ, психология ба тарики васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тадқиқотҳои васеи назариявӣ ва таҷрибавӣ ба ин падида бахшида шудаанд. Мусаллам аст, ки сарварӣ ҳамчун падида ба таври мураккаб ташаккул ёфтааст. Ин, пеш аз ҳама, зарурати ташкили худидоракунӣ, истифодаи унсурҳои алоҳидаи система бо мақсади таъмини функсионалии он истифода карда мешавад. Чунин мураттабӣ тавассути тақсимоти функсионалӣ ва нақшҳои амудӣ (идоракунӣ-тобеъӣ) ва уфуқӣ (алоқаи як сатҳӣ) ва пеш аз ҳама, тавассути тақсимоти вазифаи идоракунӣ ва сохторҳои татбиққунандаи он, ки барои самараноки он аз пирамида истифода карда мешавад. [4,с.86]. Дар чунин шакли пирамида сарвар дар ҷой аввал қарор мегирад. Идоракунӣ аз боло ба поён ба роҳ монда мешавад. Дар ин навъи идоракунӣ сарвар мақоми марказиро ишғол мекунад. Вобаста ба моҳият ва вазифаҳои сарвар як қатор мутафаккирон ибрози андеша намудаанд. Аз ҷумла Н.Макиавелли яке аз аввалинҳо шуда, тасвири муфассали сарвар-соҳибихтиёрро тавсиф кардааст. Инчунин технологияи фаъолияти сиёсӣ ва фаъолияти сарвариро таҳия намудааст. Ба андешаи ӯ сарвари  сиёсӣ як мақоми соҳибихтиёрест, ки тамоми ҷомеаро муттаҳид ва намояндагӣ мекунад. Барои ҳифзи бартарияти худ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аз ҳама гуна васила истифода мекунад, аз ҷумла аз маккорӣ, зӯр истифода мекунад. Ӯ ба сиёсатмадорон чунин тавсия медиҳад, ки сиёсатмадор бояд хусусиятҳои шер ва рӯбоҳро дар худ дошта бошад. Рӯбоҳ барои пешгирӣ аз домҳои гузоштаншуда ва шер, ки душманро дар ҷанги кушод саркӯб кунад. Н.Макиавелли шахсияти қавии ҳокимро ситоиш намуда, ҳадафҳо ва манфиатҳои олии давлатиро собитқадамона тасдиқ мекунад.

Ба рушди минбаъдаи ғояҳо дар бораи сарварӣ консепсияи Ф.Нитше низ таъсири калон расонидааст. Ӯ асоснок намуд, ки танҳо шахсиятҳои бузург, суперменҳо, ҳамчун намояндагони олии инсоният таърих месозанд. Супермен (абармард) бо меъёрҳои ахлоқи мавҷуда маҳдуд намешавад, вай дар тарафи дигари некиву бадӣ меистад. Ба ақидаи ӯ, заифон ба ахлоқи кӯҳна пайравӣ ва истифода мекунанд. Ахлоқ аз рӯи гуфтаи Нитше "силоҳи нотавонон" аст. Супермен метавонад нисбат ба одамони оддӣ бераҳмӣ кунад. Ин як шахсияти дорои иродаи қавӣ аст, ки болои дигарон ба амал мебарорад. Вай бо қобилияти баланд ва иродаи қудрат фарқ мекунад.

Ба ақидаи асосгузори психологияи иҷтимоӣ Г.Тарде, қонуни асосии ҳаёти иҷтимоӣ тақлид ба сарварон мебошад. Аксарияти аҳолӣ қобилияти таҳияи барномаи иҷтимоиро надоранд. Аз ҳамин рӯ бе сарвар пешравӣ ғайри имкон аст.

Инчунин дар бораи тафсири марксистии сарварӣ чанд нуктаро қайд намудан зарур аст. Марксизм имкониятҳои фаъолияти сарварони сиёсиро бо зарурати таърихӣ ва манфиатҳои синфӣ маҳдуд мекунад. Сарвари  сиёсӣ дар ин ҷо ҳамчун як нишондиҳандаи қобилиятнок, бошуууртарин ва моҳиртарин иродаи синф амал мекунад, яъне нақши сарвар дар робита бо фаъолияти синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ баррасӣ карда мешавад [5,с.88 ].Сарвар ниёзи таърихии одамон барои ташкили фаъолияти худ мебошад. Тавре ки дар боло қайд кардем, моҳияти падидаи сарварӣ, потенсиали ҳамгироии он аз зарурати объективӣ, вобастагии тарафҳо ба якдигар ба миён меояд. Асоси падидаи сарварии сиёсӣ қобилияти сарвар мебошад ва дар ин шахсони алоҳида ва ҳам ташкилотҳо метавонанд амал карда, манфиатҳои пайравони худро инъикос ва

қонеъ намоянд. Вазифаи муҳимтарини сарварӣ татбиқи идоракунии мақсаднок ва муваффақ мебошад. Он қобилияти дурусти арзёбӣ, таносуби ҳадафҳо, имконият ва захираҳои мавҷудаи амали сиёсиро пешбинӣ мекунад.Дар илмҳои муосири иҷтимоӣ якчанд таърифи сарвари сиёсӣ вуҷуд доранд:

1.*Муайян кардани сарварӣ ҳамчун таъсир ба одамони дигар*. Сарварӣ ин таъсир ва назорат аз болои дигарон аст. Аммо, на ҳама таъсир сарвариро таъмин мекунад. Он ҳадди аққал се хусусиятро бояд дошта бошад:

- аввал, таъсир бояд доимӣ бошад. Одамоне, ки ба равандҳои сиёсӣ таъсири яквақта расонидаанд, наметавонанд дар байни сарварони сиёсӣ ҷойгир карда шаванд;
- дуввум, таъсири пешбарандаи сарвар бояд ба тамоми ҷомеа амалӣ карда шавад;
- сеюм, таъсири сарвари сиёсӣ болои ҷонибдорон набояд легитимияти сарварро халалдор насозад.

2. *Сарварӣ мақоми идоракунӣ ва мавқеи иҷтимоӣ мебошад, ки бо қабули қарорҳои ҳокимият алоқаманд аст.* Ин тафсири сарварӣ аз равиши сохторӣ-функсионалӣ бармеояд, ки ҷомеаро ҳамчун системаи мураккаби иерархии ташаккулёфтаи мавқеъҳо ва нақшҳои иҷтимоӣ пешбинӣ мекунад. Машғулият дар ин низом мансабҳои марбут ба иҷрои вазифаҳои идоракунӣ ба инсон, мақоми сарвариро медиҳад. Ба ибораи дигар, сарварӣ мавқеест дар ҷомеа, ки бо қобилияти шахси идоракунанда барои сарварӣ ва ташкили рафтори дастаҷамъии баъзе ё ҳамаи ҷомеа тавсиф мешавад.

3. *Сарварии сиёсӣ як намуди махсуси идоракунӣ мебошад, ки дар муборизаҳои сиёсӣ амалӣ карда мешавад.* Дар он субъектҳои сиёсӣ дар муборизаи рақобатпазир барномаҳои худро барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва роҳҳои пешбинишудаи татбиқи онҳо, барои сарварӣ мубодила мекунанд [1,с.112 ].

4. *Сарварии сиёсӣ системаи рамзи ҷомеа ва намунаи рафтори сиёсӣ мебошад, ки манфиатҳои худро ба воситаи ҳокимият амалӣ карда метавонад.* Ин таъриф аҳамияти фавқулоддаи сифатҳои субъективии сарвари сиёсиро таъкид намуда ва тасдиқ мекунад, ки сарвариро бо роҳи стихиявӣ, худи одамон ба вуҷуд меоранд.

Мафҳуми сарварии сиёсӣ ду ҷанба дорад: мақоми расмӣ, ки бо ҳокимият алоқаманд аст ва фаъолияти субъективӣ барои иҷрои нақши таъиншудаи иҷтимоӣ. Гузашта аз ин, ҷанбаи аввал барои арзёбии шахсият ҳамчун сарвари сиёсӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ҷанбаи дуюм, ки сифатҳои шахсӣ ва рафтори воқеӣ дар идоракунӣ мебошад, асосан ба даст овардан ва нигоҳ доштани ҳокимиятро муайян мекунад.

Агар сарвариро бо худи идоракунӣ муқоиса кунем, моҳияти онро беҳтар фаҳмида метавонем. Сарварӣ ба воситаи таъсиррасонӣ ба тобеон ва барқарор кардани муносибат бо онҳо, пеш аз ҳама, дар заминаи расмии ҳокимият ва манбаъҳое, ки аз онҳо сарчашма мегирад истифода карда мешавад. Сарварӣ, ҳамчун як намуди муносибатҳои идоракунӣ, бештар ба таъсири раванди иҷтимоӣ асос ёфтааст. Ин раванд хеле мураккаб буда, сатҳи баланди муносибатҳои байни иштирокчиёнро тақозо мекунад. Муносибати «сарвар-тобеъ» -и хоси идоракунии анъанавӣ буда, дар шароити навин дар ҷой он муносибати «сарвар-пайравон»- ро истифода мебаранд. Сарварӣ дар идоракунии давлатӣ асоси самаранокӣ ба шумор меравад [11,с.27 ].. Сарварии самаранок дарки ҳамаҷонибаро дар бар мегирад. Вобаста ба моҳият ва вазифаҳои сарвар якзумра мутафаккирон ибрози андеша намудаанд. Аз ҷумла Н.Макиавелли яке аз аввалинҳо шуда, тасвири муфассали сарвар-соҳибихтиёрро тавсиф кард. Инчунин технологияи фаъолияти сиёсӣ ва фаъолияти сарвариро таҳия намудааст. Дар тафсири худ сарвари сиёсӣ як соҳибихтиёрест, ки тамоми ҷомеаро муттаҳид ва намояндагӣ мекунад. Барои ҳифзи бартарияти худ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аз ҳама гуна

васила, аз ҷумла маккорона ва зӯр истифода мекунад. Вай боварӣ дошт, ки сиёсатмадор бояд хусусиятҳои шер ва рӯбоҳро якҷоя кунад [7,с.294 ]. Рӯбоҳ барои пешгирӣ аз домҳои гузоштаашуда ва шер, ки душманро дар ҷанги кушод саркӯб кунад. Ӯ шахсияти қавии ҳокимро ситоиш намуда, ҳадафҳо ва манфиатҳои олии давлатиро собитқадамона тасдиқ мекунад.

Ба рушди минбаъдаи ғояҳо дар бораи сарварӣ консепсияи Ф.Нитше низ таъсири калон расонидааст. Вай исбот намуд, ки танҳо шахсиятҳои бузург, суперменҳо, ҳамчун намояндагони олии инсоният таърих месозанд. Супермен (абармард) бо меъёрҳои ахлоқи мавҷуда маҳдуд намешавад, вай дар тарафи дигари некиву бадӣ меистад. Ба ақидаи ӯ, заифон ба ахлоқи кӯҳна пайравӣ ва истифода мекунанд. Ахлоқ аз рӯи гуфтаи Ф.Нитше "силоҳи нотавонон" аст. Супермен метавонад нисбат ба одамони оддӣ бераҳмӣ кунад [12,с.67 ]. Ин як шахсияти дорои иродаи қавӣ аст, ки болои дигарон ба амал мебарорад. Вай бо қобилияти баланд ва иродаи қудрат фарқ мекунад.

Барои ҷомеашиноси фаронсаӣ асосгузори психологияи иҷтимоӣ Г.Тарде, қонуни асосии ҳаёти иҷтимоӣ тақлид ба пайравони сарвар мебошад. Аксарияти аҳолӣ ба эҷодиёти мустақили иҷтимоӣ қобил нестанд. Бе сарвар ҳеҷ пешравӣ буда наметавонад ва бе пайравон сарварӣ ҳамчун падида вуҷуд надорад.

Инчунин дар бораи тафсири марксистии сарварӣ чанд нуктаро қайд намудан зарур аст. Марксизм имкониятҳои фаъолияти сарварони сиёсиро бо зарурати таърихӣ ва манфиатҳои синфӣ маҳдуд мекунад. Сарвари сиёсӣ дар ин ҷо ҳамчун як нишондиҳандаи қобилиятнок, бошууртарин ва моҳиртарин иродаи синф амал мекунад, яъне нақши сарвар дар робита бо фаъолияти синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ баррасӣ карда мешавад. Сарвар ниёзи таърихии одамон барои ташкили фаъолияти худ мебошад. Тавре ки дар боло қайд кардем, моҳияти падидаи сарварӣ, потенсиали ҳамгироии он аз зарурати объективӣ, вобастагии тарафҳо ба якдигар ба миён меояд. Асоси падидаи сарварии сиёсӣ қобилияти сарвар мебошад ва дар ин шахсони алоҳида ва ҳам ташкилотҳо метавонанд амал карда, манфиатҳои пайравони худро инъикос ва қонеъ намоянд. Вазифаи муҳимтарини сарварӣ татбиқи идоракунии мақсаднок ва муваффақ мебошад. Он қобилияти дурусти арзёбӣ, таносуби ҳадафҳо, имконият ва захираҳои мавҷудаи амали сиёсиро пешбинӣ мекунад

Вақте ки сарвар манбаҳои ҳокимиятро истифода мебарад, ин дар бисёр ҳолатҳо сабаби эътирофи минбаъдаи сарвар мегардад. Сарварии самаранок иштироки фаъолонаи пайравонро дар ҳама марҳилаҳои дигари қабули қарорҳо ва сатҳи баланди сарвариро пешбинӣ мекунад. Ҳавасмандгардонӣ ва маҷбуркунӣ ҳамчун сарчашмаи ҳокимият дар доираи сарварии самаранок бештар бо қобилият доштан истифода карда мешавад. Сарвар бояд барои омезиши самараноки ҳама асосҳо ва сарчашмаҳои имконпазир ва мавҷудаи ҳокимият саъй намояд, зеро ин яке аз шартҳои асосии сарварии самаранок мебошад.

Инчунин қайд кардан муҳим аст, ки идоракунии навъи «сарвар-пайравон» табиати иерархии онро дарбар мегирад, чунон ки дар муносибатҳои «сарвар-тобеъ» низ дида мешавад. Асоси сарварӣ як навъи муносибатҳои идоракунӣ мебошад. Марҳилаи аввали муносибатҳои идоракунии сарварӣ бо он хос аст, ки сарвар дар ҷомеа мавқеи марказиро ишғол мекунад. Идоракунӣ тавассути як мақомоти мутамарказӣ амалӣ карда мешавад, ки бар тамоми ҷомеа бартарӣ доранд. Ҳокимияти сарвар дар ин ҳолат номаҳдуд аст ва метавонад ба тасмимгириҳо ба ҷомеа таъсир расонад. Одатан дигар кардани қоидаҳои интихобкардаи сарвар акнун дар ихтиёри пайравон нест. Самаранокии идоракунӣ ба ин намуди муносибатҳои сарварӣ асос ёфтааст. Дар муддати кӯтоҳ ва дар шароити на он қадар мусоид иҷро кардани вазифаҳо ба вуҷуд

меояд. Ин тавассути гирд овардани ҳама дар атрофи як сарвар ба даст оварда мешавад. Якум, ин аз он сабаб ба амал меояд, ки татбиқи ҳама гуна тағироти ташкилӣ аз мавҷудияти хоҳишҳои мувофиқи сарвар вобаста аст. Дуввум, барои расидан ба ҳадаф, сарвар аксар вақт кӯшиш мекунад, ки ҳокимияти худро ба таври сунъӣ мураккаб сохта вазъро нигоҳ дорад, ки ин на ҳамеша ба манфиати идоракунӣ аст.

Саввум, аз миён рафтани сарвар вазъи ташкилиро номуайян мекунад, ки дар навбати худ ба паст шудани самаранокии идоракунии давлатӣ оварда мерасонад [5,с.74 ]. Дар маҷмӯъ, муносибатҳои сарварӣ бо он фарқ мекунанд, ки пайравон сарварро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунӣ танҳо дар сурате эътироф мекунанд, ки агар салоҳият ва арзиши баланд дар назди онҳо дошта бошад. Ҳокимияти сарвар аз пайравонаш сарчашма мегирад, зеро онҳо ӯро ҳамчун суботу устувории ҷомеа ътироф мекунанд. Барои нигоҳ доштани мавқеи худ, сарвар бояд ба тобеъон имконият диҳад ва ниёзҳои онҳоро қонеъ кунанд ва ба ҳамин роҳ боварии онҳоро ба даст меорад. Дар ҷомеаи муосир сарварии сиёсӣ роҳи бунёди ҳокимият дар асоси ҳамгироии қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ, тавассути механизмҳои мушаххас дар атрофи барномаи сарвар барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мебошад. Сарварии сиёсӣ ҳамчун як ниҳодест, ки қисми зиёди аҳолиро ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҷалб мекунад. Ҳамчун механизми ҳамгироии ҷомеа, сарварии сиёсӣ на танҳо тавассути танзими ҳуқуқии фаъолияти сиёсатмадор, балки инчунин бо қоидаҳои ахлоқӣ низ ба вуҷуд меояд.

Аҳамияти иҷтимоии сарвари сиёсӣ бевосита аз сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва фаъолияти омма вобаста аст. Афзалияти фарҳанги сиёсии фаъол, мавҷудияти анъанаҳои устувори демократӣ, мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва оппозисиюни сиёсӣ, ки аз ҷониби давлат назорат карда намешавад, имкониятҳои сарвари номуваффақ, намудҳои гуногуни волюнтаризм, сӯиистифода аз қудратро танг мекунад ва дар айни замон заминаи мусоидро барои зуҳури қобилият ва истеъдоди инфиродӣ дар сиёсат фароҳам меорад

**Нақши сарварӣ дар идоракунии давлатӣ**

Тавре, ки ки дар боло қайд карда шуд, равиши аввалини арзёбии услуби идоракунӣ аз шахсият ва стратегияҳои он вобаста аст. Тибқи назарияи сарварӣ, ки онро аксарияти олимон эътироф мекунанд [2,с.64 ]. беҳтарин сарварон маҷмӯи муайяни сифатҳои шахсиро , ки аз қабили ақл, дониш, намуди зоҳирии таъсирбахш, ростқавлӣ, ақли солим, ташаббускор, таҳсилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва дараҷаи баланди эътимод ба мардуми худ ва ғайраро бояд дошта бошад.

Масъалаи ташаккул ва инкишофи сарварӣ дар илмҳои сиёсӣ актуалӣ мебошад. Қайд кардан бо маврид аст, ки Курт Левин дар ташаккули услуби идоракунӣ ва сарварӣ саҳми арзанда гузоштааст. Дар ҷомеашиносии муосир масъалаи самаранокии сарварӣ ва қобилияти фаъолноки сарвар барои мақсадҳои сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар илмҳои сиёсии ғарбӣ аз нимаи солҳои 90-ум тағйироти сифатии сарварии сиёсӣ ба вуқӯъ пайваст, ки дар он образ, услуб ва фаъолияти сарвари сиёсӣ инъикосӣ худро ёфта буд. Сарвар бо истифодаи фишангҳои ғайрирасмии ҳокимият таъсир мерасонад. Сарваро дар соҳаи ҷамъиятӣ мансабдоре меҳисобанд, ки хоҳиши пурраи шахсро иҷро мекунад. Сарварӣ, тавре ки Р.Л.Кричевский қайд карда аст, падидаи психологист, ки онро системаи муносибатҳои ғайрирасмӣ ба вуҷуд меорад [6,с.398 ]. Тартиби унсурҳои алоҳидаи чунин система тавассути назорати амудии тобеъӣ ва робитаҳои уфуқии тақсимоти салоҳиятҳо ба даст оварда мешавад.

Сарварӣ қобилияти таъсиррасонӣ ба мардумро дорад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки бо ҳокимият ва салоҳияти пайравонаш кор карда, идоракунии давлатиро ба амал барорад. Тавре, ки муҳаққиқон қайд мекунанд, маҳз сарварӣ яке аз арзишҳои

бартаридоштаи ҳама гуна системаи муосир ба ҳисоб рафта, дар идоракунии давлатӣ нақши муҳим дорад. Барои давлате, ки дар заминаи сарварии самарнок фаъолият мекунад, ин маънои ноил шудан ба ҳадафҳои идоракуниро дорад. Чизи асосӣ дар чунин система таъмини самти инноватсионии кормандон ва сарвар мебошад. Бо назардошти типологияи сарварӣ, бояд таснифи Б.Д.Паригинро қайд кард, ки ба се меъёр асос ёфтааст: мундариҷа, услуб ва хусусияти фаъолият. Ин типология дар асоси фаҳмиши он, ки ҳар як сарвар услуби идоракунӣ ва қабули қарорҳои худро дорад. Мувофиқи меъёри моддӣ, сарварон-илҳомбахшон, сарварон- иҷрокунандагон ва сарварон-ташкилотчӣ мебошад. Аз рӯи услуби идоракунb: сарварони авторитарӣ, демократӣ ва ғайрифаъол ва аз рӯи табиати фаъолияташон - навъи универсалии сарвар, ки доимо сифатҳои сарварӣ ва вазъиятро нишон медиҳанд [8,с.41 ].

Сарварии самаранок дар идоракунии давлатӣ имконпазир аст, ба шарте ки сарвар на танҳо ба талаботи дар боло номбаршуда ҷавобгӯ бошад ва принсипҳои асосии сарварӣ: эътимод, гузоштани ҳадафҳои оқилона ва истифодаи оқилонаи захираҳо, эҷоди ҳавасмандӣ ва намунаи дурусти пешбурди идоракуниро риоя кунад. Дар системаи идоракунии давлатӣ шартҳои муайяне мавҷуданд, ки имконияти рушди сардариро муайян мекунанд. Аввалан ин вазъиятест, ки барои ҳалли он пешрафт лозим аст. Дуввум ин шахсест, ки имкон дорад сарварӣ ва тамоми масъулиятро ба дӯш гирад. Саввум омили ҳатмӣ як гурӯҳи пайравони дорои мустақилият ва алоқаи барқароршуда мебошад [3,с.62 ]. Дар идоракунии давлатӣ сарварӣ омили махсусан муҳим мебошад, зеро бидуни шахсони мансабдор дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ҳама масъалаҳо ғайриимкон мебошанд. Дар айни замон, гурӯҳи сарварони самаранок дар идоракунии давлатӣ хеле кам аст, ки онро боз ҳам муҳимтар мекунад.

Масъалаи сардариро дар идоракунии давлатӣ И.П.Волков, Ю.Н.Емельянов, Р.Л.Кричевский, Е.С.Кузмин ва дигарон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Пас ба андешаи муҳаққиқон М.Белбин, Е.С.Жариков ва дигарон, самаранокии сарвар аз қатъият ва устувории ӯ, эҳтироми зердастон, қобилияти роҳнамоӣ кардани одамон бидуни истифодаи фармонҳои мустақим вобаста аст [10,с.243-248 ]. Сарвар инчунин бояд стратег бошад. Дар системаи идоракунии давлатӣ барои сарвар талабот зиёданд ва иҷрои онҳо хеле мушкил аст.

Дар раванди идоракунии давлатӣ як қатор проблемаҳо мавҷуданд, ки боиси пайдоиши сарварони нав дар низоми сиёсӣ гардидаанд. Сарварӣ дар идоракунии давлатӣ воситаи созанда барои ташкили самараноки раванди идоракунӣ мебошад. Сарвар бояд вобаста ба вазъ амал карда, мушкилоти ба вуҷудомадаро бояд сари вақт ҳал намояд. Аксар вақт натиҷаи аз ҳама калонро як сарвари харизматикӣ ба даст меорад, ки пайравонаш ӯро пайравӣ намуда, дар навбати худ ё вобаста ба вазъ амал намуда, дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ муваффақ мегардад. Дар ҳолатҳои номуайянӣ ё зиёд шудани хавф, чунин сарвар эҳтимолан дар идоракунии давлатӣ муваффақ намегардад. Ҳузури сарварон дар ҳар як низоми идоракунии давлатӣ дар баланд бардоштани самаранокӣ нақши муҳим дорад. Ҳалли масъалаҳои идоракунӣ дар сатҳи давлатӣ арзиши бузург дорад. Ҳам зарурати рушди минбаъдаи системаи ратацсияи кадрҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ҳам афзоиши шумораи сарварони касбӣ ва салоҳиятдор дар системаи идоракунии давлатӣ зарур аст. Сарвар ва ниҳоди сарварӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҳар кишвар ва минтақаи он нақши муҳим доранд. Сарварии сиёсӣ дар ташкили низоми сиёсӣ дар ҷомеа, ҳалли зиддиятҳо ва низоъҳои пайдошуда, дар самти рушди ҷомеа ба сӯи ҳадафҳои матлуб ва идоракунии давлатӣ аҳамияти махсус дорад. Вақте ки сухан дар бораи идоракунии давлатӣ меравад, нақши сарварӣ ва механизми идоракунии давлатӣ муайян мегардад.

Ин аз муайян кардани самти сиёсӣ, дастгирии шаҳрвандон дар интихоботи демократӣ, интихоб ва ҷой додани кадрҳое, ки қодиранд дигаргуниҳои мушаххаси сиёсӣ дошта бошанд. Сиёсате, ки ба маънои васеъ фаҳмида мешавад, дар воқеъ идоракунии давлатиро фаро гирифта, ҷараёни онро муайян мекунад. Муҳаққиқон ба мафҳумҳои сиёсат, сиёсати давлатӣ кайҳо ба ин диққат дода, маъмурияти давлатӣ ва фаъолияти хизматчиёни давлатиро аз ҳам фарқ мекунанд.Чунин тафовут дар маҷмӯъ муносибати ин мафҳумҳо ва муносибати объективии падидаҳоро дуруст инъикос мекунад. Омӯзиши падидаҳои ба ҳам алоқаманд ба миён меояд, ки кашфи механизмҳои муносибати онҳо дар доираи як объекти ҷудонашаванда ва рушдёбанда масъалаи илмиро пешкаш мекунад. Ҳангоми таҳлили муносибати сиёсат ва идоракунии давлатӣ, ҳадафи стратегии рушди ҷомеа ва роҳҳои самарабахши ноил шудан ба он муайян мегарад. Масъалаи татбиқи сиёсати нерӯҳои ҳоким тавассути мақомоти давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ боиси мушкилии зиёд гардидааст.

Дар ин ҳолат сарварӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ба таври табиӣ дар мадди аввал қарор мегирад. Сарварӣ ҳамчун як институти марказии сиёсӣ дар доираи идоракунии давлатӣ баррасӣ карда мешавад. Тавре, ки маълум аст, ки одамон дорои шуур ва ирода, мебошанд, ки қобилияти амал кардан ва худидоракунӣ доранд. Аз ин рӯ татбиқи қарорҳои миллии идоракунӣ дар амал ба тобеияти одамон ба сардари сиёсӣ ва бо ёрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ пайванди ногусастанӣ доранд. Сабаби дигари баррасии давлат ҳамчун маркази баландтарини идоракунии корҳои ҷамъиятӣ низ вуҷуд дорад. Ҷомеа ҳамчун системаи идоракунӣ, ки аз зерсистемаҳои идоракунӣ ва назоратшаванда иборат мебошад. Дар асоси ин мантиқ, давлат зерсистемаи идоракунии системаи иҷтимоӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки сарвароне бо сиёсат, корҳои давлатӣ ва идоракунии ҷомеа машғуланд, қарор қабул мекунанд ва фаъолияташонро хеле бошуурона амалӣ мекунанд. Онҳо ҳадафҳои оқилона гузошта, тавассути таъсироти бошуурона раванди расидан ба онҳоро равона мекунанд. Аммо чунин ба назар мерасад, ки маҳз дар ҳамин лаҳза бисёр мушкилоти амалӣ ва назариявии марбут ба идоракунии давлатӣ ба вуҷуд меояд.

Бинобар ин, саволи дигар ба миён меояд, ки чӣ гуна бояд системаи идоракунии давлатиро дар шароити сохт идоракунӣ самаранок амалӣ карда шавад. Бояд ба назар гирифт, ки давлат дорои зерсистемаи ва мақомоти зиёди ҳокимиятӣ мебошад, ки ба воситаи фармони сардари сиёсӣ илоракунӣ танзим карда мешаванд. Сарвар дар идоракунӣ накши муайян дошта, бо воқеияти объективӣ ҳамкорӣ намуда, стратегияҳои худро ба амал мебарорад. Чуноне, ки маълум аст асоси идоракунии давлатӣ аз шуурнокӣ ва самаранокии сарвар дар низоми идоракунӣ вобатагии калон дорад. Аз ҳама ғояҳои гуногуне, ки муносибати системавӣ-кибернетикӣ ба идоракунӣ пешниҳод карда шудаанд, афзалият ба идеяи ҷудо кардани зерсистемаҳои назоратшаванда аз ҷониби сарвар дар системаи идоракунӣ мебошад.

Идоракунии давлатӣ ин муносибати ташкилии давлат бо ҷомеа мебошад, ки тавассути сарвар фаъолиятро ба амал мебарорад. Ҳамзамон муносибати ташкилии сарвар дар идоракунии давлатӣ ба таври васеъ фаҳмида мешавад, ки дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

• тобеъ (фармоиш аз боло ба поён, аз идоракунанда то назоратшаванда);

• азнавташкилдиҳӣ (аз поён ба боло, аз идорашаванда то мудир);

• ҳамоҳангсозӣ (фармоиш дар як сатҳ, аниқтараш, байни субъектҳои "баробар", ки метавонанд дар сатҳҳои гуногуни иерархия бошанд);

• муносибати тарафҳо бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ.

Ҳамин тариқ, татбиқи пурраи идоракунии давлатӣ бо сатҳи баланди ахлоқ ва фарҳанги сарвари сиёсӣ вобастагии калон дорад. Сарвар аз ҳисоби он тарафдорони зиёд пайдо мекунад, ки ӯ вазъиятро таҳлил карда, мушкилоти асосиро муайян карда, ҳалли худро ба манфиати одамон пешниҳод карда тавонад. Инчунин дастгирӣ ва роҳбарии онҳоро ба даст меорад. Ин метавонад натиҷаи дасткорӣ ва истифодаи технологияҳои сиёсӣ дар идоракунии давлатӣ бошад. Он метавонад алоқаи воқеии мустақим байни одамон ва сарвари сиёиро дар идоракунии давлатӣ ба вуҷуд оварад. Чунин ба назар мерасад, ки маҳз сарвари ҳақиқӣ метавонад заминаи идоракунии давлатиро ба як системаи ягона муттаҳид кунад.

**Адабиёт**


1. Веснин В. Р. Основы менеджмента. М, 2003
2. Вудкок М. Френсис Д. Раскрепощенный менеджер для руководителя - практика Академия Народного Хозяйства при Правительстве РФ, Дело Лтд. М. 1994.
3. Еропкин А., Сидорова Н. Имидж руководителя. М, 1993
4. Иванцевич Дж. М., Лобанов А. А. Человеческие ресурсы управления: основы управления персоналом. М, 2001.
5. Кнорринг В. И. Теория, практика и искусство управления. Учебник для вузов. М. Юнити, 2007
6. Кричевский Р. Л. Если вы руководитель: элементы психологии менеджмента в повседневной работе. М, 1998.
7. Курашвили Б.П. Очерк теории государственного управления. М., 1987
8. Парыгин П. Д. Руководство и лидерство // Руководство и лидерство: сб. / Ленингр. гос. пед. ин-т. Л., 1973.
9. Политология. Под ред. М. Н. Марченко. М, 1999
10. Соколова Е. А. Лидерские качества в профессиональной деятельности менеджера государственного и муниципального управления // Сибирский педагогический журнал. 2011. № 8.
11. Старобинский Э. Е. Авторитет менеджера // Управление персоналом. 2003. № 6
12. Фридрих Ницше, Воля к власти. Москва,1994.


## ЛИДЕРСТВО В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ


**САФАРОВ БОБОДЖОН САФАРОВИЧ**,
соискатель кафедры политических процессов в Таджикистане
Таджикский национальный университет.
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки,17.
Тел.: (+992) 918-53-13 99. E-mail: Safarov.b__94@mail.ru



*В данной статье рассматривается роль лидерства в государственном управлении. Сначала автор попытался подойти к проблеме лидерства с теоретической точки зрения и с позиций разных мыслителей. Руководство занимает видное место в системе государственного управления. Многое в развитии зависит от политического лидера. В процессе управления существует ряд проблем, которые приводят к появлению новых лидеров в политической системе. Лидерство в государственном управлении является конструктивным инструментом эффективной организации управленческого процесса. Эффективное лидерство в государственном управлении возможно только в том случае, если руководитель придерживается основных принципов лидерства: доверие, рациональное целеполагание и рациональное использование ресурсов, надлежащее управление. В системе государственного управления существуют определенные условия, определяющие*

*возможность развития лидерства. Для лидера необходимо создать устойчивую систему управления, которая поможет ему в случае необходимости. Лидер должен быть ситуативным знатоком ситуации и своевременно решать проблемы, в то же время руководитель должен реализовать систему государственного управления таким образом, чтобы в ней были механизмы воздействия на все сферы. Таким образом, он может завоевать доверие своих подчиненных и доверие народа. В новых условиях государственного управления эти лидеры получают поддержку народа, если они легитимны. Только так можно создать стабильную систему управления.*

***Ключевые слова:*** *лидерство, политическое лидерство, харизматическое лидерство, профессиональное лидерство, институт лидерства, эффективное лидерство, государственное управление, эффективность государственного управления, стиль управления, государственная власть.*

## LEADERSHIP IN THE PUBLIC ADMINISTRATION SYSTEM

**SAFAROV BOBOJON SAFAROVICH,**
Applicant for the Department of Political Processes in Tajikistan
of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan,
Dushanbe, Rudaki Avenue, 17,
Phone: +992 91 -853 -13-99; E-mail: Safarov.b__94@mail.ru

*This article discusses the role of leadership in public administration. First, the author tried to approach the problem of leadership from a theoretical point of view and from the positions of different thinkers. Leadership occupies a prominent place in the system of public administration. Much in development depends on the political leader. There are a number of problems in the management process that lead to the emergence of new leaders in the political system. Leadership in public administration is a constructive tool for the effective organization of the management process. Effective leadership in public administration is possible only if the leader adheres to the basic principles of leadership: trust, rational goal-setting and rational use of resources, proper management. There are certain conditions in the public administration system that determine the possibility of leadership development. For the leader, it is necessary to create a stable management system that will help him if necessary. The leader must be a situational expert on the situation and solve problems in a timely manner, at the same time, the leader must implement the public administration system in such a way that it has mechanisms for influencing all areas. In this way, he can win the trust of his subordinates and the trust of the people. In the new conditions of state administration, these leaders receive the support of the people if they are legitimate. This is the only way to create a stable management system.*

***Key words:*** *leadership, political leadership, charismatic leadership, professional leadership, leadership institution, effective leadership, public administration, public administration efficiency, management style, state power.*

**УДК: 001.8**

# САМТҲО ВА АФЗАЛИЯТҲОИ ҲАМКОРИҲОИ БИСЁРҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ИСЛОМӢ ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI

**САФАРАЛИЗОДА АВАЗ ТАҒОЙАЛӢ,**
унвонҷуйи кафедраи минтақашиноси хориҷии
Донишгохи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Тел.:(+992) 937-26-61-61. E- mail: abdulaziz-avaz@mail.ru.

*Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои таърихӣ, вазъ ва дурнамои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Ҳамкориҳои исломӣ мебошад. Тағйиротҳои ибтидои асри XXI низоми муносибатҳои байналмилалиро дигаргун сохта ин раванд ба эҷоди фазои нави ҳамкориҳо, бахуссус ҳамкори дар доираи ислом оварда расонид. Ин раванд аз боло рафтани обурӯи рӯзафзуни мақоми ислом ва кишварҳои исломӣ дар муносибатҳои байналхалқии муосир шаҳодат медиҳад. Фаъолияти муштарак дар ин раванд ба кишварҳо имкон медиҳад, ки ба ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ҳамкорӣ миёни онҳо даст ёбанд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дунявӣ, ки шумораи зиёди аҳолии мамлакатро мусалмонҳо ташкил медиҳанд ва дар равандҳои гуногуни таърихи бо ислом умумиятҳои таърихию фарҳангӣ доранд, ҳамкорӣ бо ин ниҳоди бонуфузи ҳамгироиро яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ қарор додааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти муштаракоти таърихию фарҳангӣ ва тамаддунию динии хеш бо кишварҳои ҷаҳони ислом ҷонибдори ҳамкориҳои фаъолу судманд бо Созмони ҳамкории исломӣ ва ниҳодҳои тахассусии он мебошад. Тоҷикистон, бино бар зарурати ҳаётӣ ва таъхирнопазири ба сатҳи навини пешрафт ва рушд баровардани ҷаҳони ислом ва рафъи мушкилоти мавҷуда ва афзоишёбандаи он, таҳия ва татбиқи Стратегияи рушди ҷаҳони исломро мувофиқи мақсад медонад, ки ҳадафи меҳварии он бояд рушди сареъ, босубот ва мутавозини иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии кишварҳои аъзои созмон бошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Созмони Конфронси Исломӣ, афзоишёбанда, нахустин иқдоми ҷиддӣ, бонуфӯз, роҳбарӣ давлат, манфиатҳои миллӣ, ҷанбаҳои инсонӣ, дар арсаи байналмилалӣ, таърихию фарҳангӣ, ҳадаф, мақсад, моҳияти калон, манфиатҳои миллӣ.*

Ҳамкорӣ бо Созмони ҳамкориҳои исломӣ ва дар чаҳорчубаи он бо дигар кишварҳои аъзо барои Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад, зеро он пас аз Созмони Милали Муттаҳид дуввумин созмони байнидавлатии бузург ба шумор рафта, дар сафи худ 57 кишвари чор минтақаи ҷаҳонро муттаҳид намудааст. Созмон дар таҳкими ҳамоҳангии фаъолият ва ҳамкории мутақобилаи кишварҳои мусулмоннишин нақши калидӣ дошта, ҳамчун абзори судманди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои аъзо баҳри таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти онҳо, ҳифзи манфиатҳои ҷаҳони ислом дар роҳи таъмини сулҳ ва тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳои гуногуни ҷаҳон, аҳамияти рӯзафзун пайдо кард.

Тоҷикистон дар чаҳорчубаи ин Созмон ва сохторҳои махсуси он имкон пайдо кардааст, ки дар асоси умумиятҳои таърихию фарҳангӣ ва тамаддунӣ ҳамкориҳоро ба таври васеъ ба роҳ монда, масъалаҳои таъмини манфиатҳои миллии худро пайваста пайгирӣ намояд. Ин имконот барои татбиқи ҳадафҳои зерин кумак мекунад.

**Аввалан,** муаррифӣ намудани Тоҷикистон чун давлати наву соҳибистиқлоле, ки аксари кулли аҳолии он мусулмон буда, нисбати арзишҳои исломӣ арҷ мегузорад ва хоҳони ривоҷ додани муносибату ҳамкориҳо бо соири давлатҳои мусулмонӣ аст. Сониян, ботил сохтани фикру андешае, ки мухолифон ва дигар рақибони онвақтаи ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолият ва баъд ҳам дар хориҷа паҳн

карда, зимнан онро чун «режими коммунистӣ» сиёҳ кардан мехостанд. Дар ҳақиқат дар пасманзари пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки тайи ҳафтод соли мавҷудияташ [3] идеологияи ҳукмронаш коммунистӣ ва атеистӣ буд, рақибони давлату ҳукумати Тоҷикистон аз ин омил васеъ истифода кардан мехостанд ва дар хориҷа ҳам то ҷое ба чунин тавзеаҳо бовар мекарданд.

**Дуюм,** ибрози мавқеи Тоҷикистон нисбат ба дини ислом, масъалаҳои мубрами ҷаҳони ислом ва ҳамин тариқ, дарёфти ҷойгоҳи он дар ҷомеаи кишварҳои мусулмоннишин қадами боз ҳам ҷиддитар ба шумор мерафт.

**Сеюм,** қавию муассир сохтани ҳамкориҳо миёни давлатҳои исломӣ ва ба ин раванд ворид гардидани Тоҷикистон ҳамчунин ба ҳайси яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муайян шуда буд.

Ҳануз дар аввалин баромадҳои худ дар чаҳорчубаи созмон , аз ҷумла дар саммити кишварҳои аъзои Созмон дар 13-14 декабри соли 1994 дар шаҳри Касабланкаи Шоҳигарии Марокаш сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷӯҳи ҳозиринро ба вазъияти Тоҷикистон ҷалб карда, сипас роҷеъ ба баъзе мушкилоти ҷаҳони ислом ва андешидани тадбирҳои самарабахш ибрози андеша намуд. Ӯ зикр кард, ки «дар баъзе нуқоти ҷаҳони исломӣ вазъияти устувори сиёсӣ ҳукмфармо нест» ва ин ҳолат «ба иқтисодиёт ва дараҷаи рифоҳияти мардуми ин минтақаҳо бетаъсир намемонад».

«Ба ақидаи мо, – таъкид карда буд  Эмомалӣ Раҳмон, – кишварҳои исломӣ муносибатҳои байни якдигарро ба як пояи нави иқтисодию фарҳангӣ баланд бардошта, ба ҳамаи нифоқҳои мавҷудаи байнашон хотима бахшанд, ба якдигар ба қадри имкон дасти ёрӣ дароз кунанд, то ки мардуми мусулмон соҳиби зиндагии орому хушҳол гарданд». Ба фикри ӯ ҳамаи ин ва дигар масъалаҳои умдаи рӯз аз СКИ тақозо мекунанд, ки дар ҳалли чунин масъалаҳо «иқдоми ҷиддӣ андешад ва нақши созандагӣ дошта бошад».(4)

Идомаи суханронии Роҳбари Тоҷикистон ба фароҳам овардани фазои мусоид дар кишварҳои узви созмон барои пешрафт бахшида шуда буд. Эмомалӣ Раҳмон зикр намуд, ки «мо танҳо дар шароити осоишта, сулҳу субот, якдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, сабру таҳаммул ва оштипазирӣ ба ҳамаи системаҳои сиёсӣ ва динӣ мақсадҳои волои созмонро амалӣ гардонда ва ҳамбастагии ҳақиқии мусулмононро дарёфта, манзалати дини мубини исломро баланд бардошта метавонем». Сарвари Тоҷикистон таъкид дошт, ки «густариш додани ҳамкориҳои кишварҳои узви созмон метавонад набзи пурзӯр ва омили нерӯманд барои рушди минбаъдаи иқтисодии ин кишварҳо бошад» ва ин «имконият медиҳад, ки сатҳи сазовори зиндагиро ба мардумони кишварҳоямон таъмин намоем ва бадин васила ҳалли бештари масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми мусулмонро дарёбем».

Роҳбари давлат ба ҷойгоҳи дини ислом ишора намуда, суол гузошт, ки «чаро тоифае номи дини мубини исломро бад мекунад, дар назари ҷомеаи ҷаҳонӣ сари мусулмононро хам мекунад?» Ӯ пешниҳод намуд,  ки «мо бояд барои обрӯйи исломро баланд бардоштан тадбирҳои ҳамоҳанги самаранок андешем». [5]

Масъалаи дигаре, ки Эмомалӣ Раҳмон диққати иштирокчиёни саммитро ба он ҷалб намуда буд, вазъи Афғонистон буд. Ӯ бо ишора ба «таҷрибаи талхи ҷанги ҳамватании» Тоҷикистон зикр намуд, ки «ба ҳеҷ ваҷҳ ҳалли мушкилии бавуҷудомадаи мардуми Афғонистонро ба роҳи зӯрӣ ва яроқ намехоҳем». Э. Раҳмон изҳори боварӣ намуд, ки «мардуми Афғонистон дар ниҳояти кор роҳи созгории дохилиро пеш мегирад ва бахри обод кардани кишвари худ мекӯшад».

Эмомалӣ Раҳмон мавқеъгирии Тоҷикистонро нисбати ҳодисаҳои ҷаҳони исломӣ махсус таъкид намуд. Ӯ иброз дошт, ки «Ҷумҳурии тозабунёди Тоҷикистон бо таваҷҷӯҳи хос ба рафти ҳодисаҳои сиёсии ҷаҳони мусулмон менигарад ва ҳамчун узви ин созмони муътабар, то дар ҳалли ин мушкилиҳо саҳм бигирад». Ӯ ҳозиринро мӯътақид сохт, ки Тоҷикисон «зимни густариши минбаъдаи равобити фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ бо кишварҳои узви ин созмон дар ғанӣ гардондани фарҳанги мардуми мусулмон саҳми босазое хоҳад гирифт». Роҳбари давлат илова намуд, ки «тоҷикон дар инкишоф ва рушди тамаддуни исломӣ нақши муҳиме бозида буданд, аммо шароити кунунӣ тақозои онро мекунад, ки мо набояд бо фахри гузаштагони худ иктифо варзем, баръакс, бикӯшем, то ифтихори наслҳои оянда шавем».

Он вақт дар Касабланка бо истифода аз фурсати муносиб Роҳбари Тоҷикистон ба он ноил шуд, ки бо роҳбарони як қатор давлатҳое, ки дар СКИ нақши муҳим доранд, аз ҷумла, шоҳи Марокаш Ҳасани II,Президенти Миср Ҳусни Муборак, Президенти Туркия Сулаймон Демирел, Сарвазири Покистон Беназир Бхутто, амири Кувайт шайх Ҷобир ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ, Президенти Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ мулоқотҳо баргузор намуда, оид ба доираи васеи масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои дуҷониба ва олами ислом табодули назар анҷом диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон соли 2000 роҷеъ ба дурнамои фаъолияти СКИ чунин зикр карда буд: «Ба асри XXI дохил шуда истода, мо ба замони оянда бо назари нек менигарем ва боварӣ дорем, ки Созмони Конфронси исломӣ минбаъд ба сохтори муҳими минтақавӣ барои ҳал кардани масъалаҳои насли нав ба мақсади таъмин намудани тараққиёти устувор ва шукуфоии кишварҳоямон табдил меёбад».

**Дуюм.** Ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ ва исломӣ дар пасманзари равандҳои ҷаҳонишавӣ ва кӯшишҳои муқобилгузории тамаддуни деринаи Шарқу Ғарб. Роҳбари давлат борҳо ба ин мавзӯъ аҳамият дода, аз ҷумла, зимни суханрониаш дар Маҷлиси тантанавии Анҷумани шашуми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, ки 8 сентябри соли 2006 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, зикр намуд, ки «баъзе иқдомоту кӯшишҳои ғаразноки тамаддунҳои деринаи Шарқу Ғарбро ба ҳам муқобил гузоштан ва дар ҳамин замина ба бархӯрди тамаддунҳо мусоидат намудан аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор авҷи тоза мегирад», «таҳқири арзишҳои олии инсонӣ, бозӣ кардан бо эҳсосоти пайравони динҳои мухталиф, афрӯхтани оташи нафрату хусумат дар миёни мӯътақидон ва бо ҳамин васила дину тамаддунҳоро муқобили ҳам гузоштан, бешак, ба нақшаҳои тарҳрезикардаи иғвогарон мусоидат менамояд». Ба хотири ҷилавгирӣ кардан аз чунин зуҳуроти манфӣ Эмомалӣ Раҳмон бори дигар зарурат андешидани тадбирҳои зеринро таъкид намуд:

а) Барои рушди тамаддуни умумибашарӣ бояд аз ҷавҳари фарҳанг, илму маърифат, ҳикмату фалсафаи олӣ, ахлоқу одоби ҳамида, арзишҳои волои динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла дини ислом истифода бурда шавад;

б) Беҳтарин дастовардҳои тамаддуни ҷаҳониро ҳамқадами замони муосир карда, онҳоро барои ғанитар намудани ҷаҳони маънавӣ, солимгардонии ахлоқ, одоб, суннат, фарҳанг ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ равона сохтан лозим;

в) Ақидаҳои ғаразноку бардурӯғеро, ки динҳои асили ҷаҳониро бо зуҳуроти террористӣ, экстремистӣ ва радикалӣ тавъам месозанд, инкор намуда, ниҳоду созмонҳоеро, ки дар зери ниқоби ислом мақсаду ҳадафҳои худро думболагирӣ мекунанд, фош сохта, бо онҳо мубориза7 бурдан даркор ва роҳ додан лозим нест, ки симои поку муқаддаси исломро доғдор намоянд.

г) Собит сохтан лозим, ки ислом одобу ахлоқи ҳамида, покизагии маънавӣ, сулҳу осоиш, сабру таҳаммул, инсондӯстӣ ва инсонгароӣ барин арзишҳои олиро талқин

менамояд ва амалҳои нангину хунрезиро аз қабили куштор, зӯроварӣ ва бадбиниву хушунат
қатъиян маҳкум месозад.

Роҳбари давлат иброз дошт, ки «ин гуфтаҳо тарғибу таҳмил ва таҷассуми бартарияти арзишҳои дини ислом бар динҳои дигари ҷаҳонӣ нест», балки «ин даъватест барои эҳтирому аҷргузорӣ ба тамаддуне, ки беш аз як миллиарду сесад миллион нафар сокинони
сайёра пайравиаш мекунанд».

Ҳамин тариқ, дар сатҳи ҷаҳонӣ баланд бардоштани обрӯи ислом, ҷудо кардани терроризм аз ислом, ки вақтҳои охир бар асари тафриқа чунин вонамуд карда мешавад, ба яке аз мавзӯъҳои муҳими масъалагузориҳои Роҳбари Тоҷикистон табдил ёфт.

**Сеюм.** Ҷилавгирӣ намудан аз хатару чолишҳои ҷаҳони муосир. Ин масъала ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи Роҳбари давлат қарор дошт.(7)

Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, зимни суханронии худ дар иҷлосияи IX мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои узви СКИ, ки 13 ноябри соли 2000 дар Давҳа (Қатар) баргузор шуда буд, таъкид намуд, ки «барои кишварҳои мо ва умуман барои ҷомеаи ҷаҳонӣ терроризми байналмилалӣ, низоъҳои минтақавӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, тақвият гирифтани тамоюлҳои ифротгароӣ, ки ба андозаи қобили мулоҳиза минтақаи фаъолияти Созмони Конфронси исломиро фаро мегиранд, доираи васеи хавфу хатарро ташкил медиҳанд». Ӯ таъкид дошт, ки ин омилҳои хатарнок, аз қабили тамоюли ифротгароӣ ва терроризми байналмилалӣ барои давлатҳои Осиёи Марказӣ низ хавфи фавқулода калон доранд, ба амният ва суботи минтақа таҳдид карда, ба манфиатҳои миллии кишварҳо зарари ҷиддӣ мерасонанд, ҳамчунин асосҳои мавҷудияти худи давлатҳоро хароб мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуд, ки чунин зуҳурот «мутаассифона, бештар таҳти шиорҳои исломӣ зуҳур мекунанд ва дар асл бо ҳадафҳои волои таълимоти исломи ҳақиқӣ, ки ба сулҳдӯстӣ, созандагӣ ва таҳаммул ҳидоят мекунанд, ҳеҷ умумияте надоранд».

**Чорум.** Истифода аз имкониятҳои созмон ба хотири таъмини рушди устувори Тоҷикистон. Роҳбари давлат бо назардошти вазъи душвори ҷумҳурӣ дар чанд саммити Созмон ва гуфтушунидҳои алоҳида ин мавзуъро мавриди таваҷҷуҳи ҳозирин гардонда буд. Дар натиҷа ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои СКИ дар Куала-Лумпур дар бораи расонидани кумаки иқтисодӣ ба Тоҷикистон ба мақсади рафъи мушкилоти иқтисодӣ ва татбиқи барномаҳои барқароркунии баъдиҷангии иқтисодӣ қарор қабул кард. [8]

Дар ин замина Тоҷикистон бо ҳидоят ва ташаббуси Сарвари худ ҳамчунин бо зерсохтор ва институтҳои СКИ ҳамкории фаъолро ба роҳ монд.

Дар ҷараёни ҷаласаи 21-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СКИ, ки 25 апрели соли 1993 дар Исломобод баргузор гардид, Тоҷикистон низомномаи Созмони исломии илм, фарҳанг ва маориф (ИСЕСКО)-ро имзо карда, ба он шомил шуд. Натиҷаи ҳамкориҳои зичи Тоҷикистон бо ИСЕСКО пойтахти фарҳанги исломӣ дар қитъаи Осиё эълон гардидани шаҳри Душанбе дар соли 2010 мебошад. Дар ин робита бо ибтикори Эмомалӣ Раҳмон як қатор чорабиниҳо баргузор гардиданд, аз ҷумла:

- дар сатҳи умумимиллӣ баргузоршавии ҷашнвораҳои абармардони фарҳангу рисолати исломӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Имом Бухорӣ;

- эҳёи ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлобу Истаравшан, Панҷакенту Ҳисор, Рӯшону Мӯминобод;
- тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, нашри осори бузургони ҷаҳони ислом;
- Соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон намудани соли 2009;
- ба таъминоти давлатӣ гузаронидани Донишкадаи исломии Тоҷикистон ва таъсиси Маркази исломшиносии назди Президенти Тоҷикистон;
- оғози корҳо оид ба бунёди калонтарин масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Душанбе ва тадбирҳои дигар барои ҳимоя ва густариши арзишҳои волои исломӣ ва ҳифзи сарватҳои маънавии ниёгон дар кишвар.

Тоҷикистон дар сохтори дигари СКИ – Кумитаи доимӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ (КОМСЕК), ки таҳти раёсати Туркия фаъолият мекунад, муваффақона кор мебарад. Дар ҷаласаҳои 14- 24-уми Конфронси ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ лоиҳаҳои қатъномаҳои КОМСЕК доир ба кумаки иқтисодӣ ба Тоҷикистон қабул гардиданд.__ Дар ҷаласаи 21-уми Шӯрои мудирони Бонки рушди исломӣ (БРИ), ки 25-26 ноябри соли 1996 дар Конакри ( Гвинея) гузашт, бо қарори Шӯрои мудирон Тоҷикистон аъзои доимии он интихоб шуд. Бонки рушди исломӣ дар расонидани кумаку ёрии иқтисодӣ ба Тоҷикистон нақши арзанда бозидааст. Ин бонк ягона муассисаи махсусгардонидашудаи СКИ мебошад, ки саҳмгузории арзандаи худро дар кори азнавсозии иқтисодии Тоҷикистон идома медиҳад.

**Панчум.** Мусоидат ба ҳаллу фасли мушкилоти Афғонистон ва таъмини сулҳу субот дар ин кишвар. Доир ба ин мавзӯъ Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳо ва масъалагузориҳо нақши давлатҳои исломиро дар раванди ба эътидол овардани Афғонистон дар ду самт таъкид карда буд. Яке, дастгирии бевоситаи сиёсӣ ва иқтисодии Афғонистон ба хотири таъмини ҳаёти мӯътадили мардуми он буда, самти дигар кор бо ҳаракати «Толибон» ва дигар қувваҳоест, ки сабабгори ноороmиҳои ин кишвар гардидаанд. [9]

Бояд зикр намуд, ки Эмомалӣ Раҳмон дар баробари масъалагузориҳо кӯшиш ба харҷ медод, ки Тоҷикистон низ дар фаъолияти СКИ нақши муассир дошта бошад. Ҳамин буд, ки дар натиҷаи ин фаъолияти муваффақона бори аввал дар таърихи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин чорабиниҳои байналмилалии Созмони Конфронси исломӣ – ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви он таҳти шиори «Бо назари ҳамоҳанг барои амният ва шукуфоии ҷаҳони ислом» рӯзҳои 18-20 майи соли 2010 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, раёсати даврии яксолаи ин Шӯро ба ӯҳдаи Тоҷикистон вогузор карда шуд. Дар кори ин ҷаласа беш аз 100 ҳайати гуногунпоя, аз ҷумла, 57 ҳайати кишварҳои узви Созмон, 5 ҳайати кишварҳои нозир, ҳайатҳои созмонҳои мухталифи минтақавию байналмилалӣ ва меҳмонон иштирок карда, доираи васеи масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, илмию технологӣ ва фарҳангию иттилоотӣ,ҳуқуқӣ, маъмурию молиявӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳоро баррасӣ ва роҷеъ ба онҳо қарору қатъномаҳои дахлдор қабул карданд. Аз ҷумла, қатъномаҳои ШВКХ дар хусуси чунин масъалаҳои умдаи дар назди СКИ истода, ба монанди вазъият дар Ховари Миёна, бахусус вазъи Фаластин, Ироқ ва Афғонистон, вазъияти ақаллиятҳои мусулмон дар кишварҳои ғайри аъзои СКИ, татбиқи Барномаи даҳсолаи амал қабул гардиданд.

Илова бар ин,бо иштироки фаъоли кишварҳои узв дар мавзӯи «Осиёи Марказӣ ва олами ислом: Нигоҳи стратегӣ ба ҳамраъйӣ» ҷаласаи махсус баргузор гардид. Дар фаровари ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ иштирокчиёни он ба ҳайси

санади расмии СКИЭъломияи хотимавиро қабул карданд, ки хулосаҳои калидии ин ҷаласаро инъикос менамояд.

Яке аз қисмҳои таркибӣ ва муҳими фаъолият дар давраи раисии ҷониби Тоҷикистон дар Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ ҳамоҳангсозӣ вва пешбурди фаъолияти Созмон дар якҷоягӣ бо Котиботи СКИ маҳсуб меёфт. Ин амр тақозо мекард, ки ҷониби Тоҷикистон ба сифати раиси Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ нисбат ба тамоми иқдомҳои байналмилалии мавриди эҳтимоми Созмони Конфронси исломӣ ва кишварҳои аъзои он вокуниш зоҳир карда, дар танзим ва татбиқи амалии чорабиниҳои муҳими он фаъолона иштирок намояд.

Ба мақсади дар сатҳи шоиста ба анҷом расондани вазифаҳои ниҳоят масъулиятноки раёсати даврии ҷониби Тоҷикистон дар Шӯрои вазирони корҳои хориҷии СКИ ҷиҳати ҳамоҳангсозии раванди амалӣ гардондани чорабиниҳои дар чорчӯбаи он ба нақша гирифташуда тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

16 декабри соли 2010 Маҷмааи Умумии СММ қатъномаро таҳти унвони «Ҳамкорӣ байни Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Конфронси исломӣ», ки Тоҷикистон ба сифати раиси Гурӯҳи Созмони Конфронси исломӣ дар СММ аз номи 57 кишвари узви СКИ пешниҳод карда буд, бо иттифоқи оро қабул намуд. Беларус,Босния ва10 Ҳерсеговина, Филиппин, Таиланд ва Черногория ба рӯйхати бониёни лоиҳаи қатънома ҳамроҳ шуданд. Қабл аз қабул шудани қарор ҷониби Тоҷикистон лоиҳаи қатъномаи мазкурро дар иҷлоси Маҷмааи Умумии СММ муаррифӣ намуд. Лоиҳаи қатънома таъкид менамояд, ки СММ ва СКИ ба идома додани ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ, фарҳангӣ ва илмӣ саъй менамоянд. СКИ шарики муҳими СММ дар амри нигоҳ доштани сулҳу амният ва ташвиқ намудани фарҳанги сулҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ арзёбӣ шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳар ду созмон ба мувофиқа расидаанд, то ҳамкориро дар пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо, ҳифз ва истиқрори сулҳ, мубориза бо терроризми байналмилалӣ,оштинопазирии динӣ, аз ҷумла, исломситезӣ, ҳимоя ва ташвиқи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, расонидани ёрии башардӯстона, зарфиятсозӣ дар баргузор намудани интихобот ва такмили абзори фаъолияти баъдӣ идома диҳанд.

Иқдомҳои зикргардидаи Президенти кишвар намунаи қадамҳои муҳиме мебошанд, ки аз лиҳози шиносоии бештари олами ислом бо шароиту фазои фарҳангӣ ва иқтисодии Тоҷикистон муфид буда, барои тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангии миёни Тоҷикистону кишварҳои мусулмонӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Ҳамин тариқ, Роҳбари давлат иштироки фаъоли Тоҷикистонро дар ин Созмон яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муқаррар намуд. Дар ин замина Тоҷикистон дар таҳкими нақши СКИ дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ манфиатдор монда, саъю талошҳои созандаро, ки ба ҳамкориҳои беш аз пеш густарда миёни кишварҳои аъзо нигаронда шудаанд, дастгирӣ менамояд. Дар робита ба ин, ҷавҳари мавқеи принсипиалии Президенти Тоҷикистонро он воқеият ташкил медиҳад, ки тадбирҳои дар чорчӯбаи ин Созмон андешидашаванда пеш аз ҳама бояд ба ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи мардум дар кишварҳои мусулмоннишин, инчунин ноил гаштан ба рушди босубот ва инкишофи онҳо аз тариқи ба роҳ мондани сатҳи нави робитаҳои мутақобила миёни кишварҳои аъзои он нигаронида шуда бошанд.

Тавре зикр гардид, самти дуюми роҳандозии муносибатҳо бо кишварҳои мусулмоннишин рушду тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба мебошад, ки онро Роҳбари давлат бо дарназардошти равобити деринаи таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ ба шумори самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон ворид намуд.

Аз рӯи таҷрибае, ки дар ин самт Тоҷикистон аз лаҳзаи соҳибистиқлол шуданаш то имрӯз ҳосил кардааст, ҳамкориҳои ҷумҳуриро бо кишварҳои мусулмоннишин, хусусан давлатҳои арабӣ аз лиҳози замонӣ ба ду давра тақсим кардан мумкин аст.

Дар давраи якум (то соли 2007) шинохтани ҳамдигар ба расмият, барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ, табодули сафарҳои [10] алоҳида, ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва дигар иқдомҳо боиси он гардиданд, ки Тоҷикистон худро миёни соири кишварҳои мусулмоннишин муаррифӣ намуда, бо онҳо муносибатҳои некро роҳандозӣ намояд.

Дар ин давра бо ташаббуси Роҳбари Тоҷикистон чанд мулоқоту сафарҳои сатҳи олӣ баргузор шуданд, ки барои рушду тавсеаи ҳамкориҳои минбаъда заминаи устувор гузоштанд. Аз ҷумла, мулоқотҳои Сарвари давлати Тоҷикистон дар Касабланкаи Марокаш дар ҳошияи саммити СКИ (моҳи декабри соли 1994) ва дигар ҳамоишҳои байналмилалӣ бо роҳбарони давлатҳои исломӣ, сафарҳои расмӣ ба Давлати Кувайт (17-19 апрели соли 1995), Амороти Муттаҳидаи Араб (16-18 декабри соли 1995) дар ин ҷода сатҳи муносибатҳои Тоҷикистонро бо теъдоде аз онҳо ба дараҷаи сифатан нав бароварданд. Вале бо сабабҳои вобаста ба вазъияти Тоҷикистон рушди бештару фарогири ин муносибатҳо расидани вақти муносибро интизор буд. Дар давраи дуюм (шурӯъ аз соли 2007) Тоҷикистон дар муносибат бо кишварҳои мусулмоннишин иқдомҳои ҷиддӣ гирифта, ҳамкориҳоро такони назаррас бахшид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи феврали соли 2007 ба Ҷумҳурии Мисри Араб ва Ҷумҳурии Сурияи Араб, моҳҳои апрел ва майи ҳамон сол ба Амороти Муттаҳидаи Араб ва Давлати Қатар, моҳи марти соли 2008 ба Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир, моҳи ноябри ҳамон сол ба Ҷумҳурии Яман сафарҳои расмӣ анҷом дод. Моҳи августи соли 2007 сафари расмии Амири Давлати Қатар шайх Ҳамад ибни Халифа оли Сонӣ ба Тоҷикистон сурат гирифт, ки нахустин боздиди роҳбари давлати арабӣ аз ҷумҳурӣ буд. Дар рафти сафарҳои зикршуда доир ба рушду тавсеаи ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун – сиёсат, иқтисод, тиҷорат, энергетика, фарҳанг, илм, техника, маориф, сайёҳӣ санадҳои ҳамкории дуҷониба ба имзо расиданд.

Қадами дигари мустаҳкам кардани робитаҳо ва барқарор кардани тамосҳои доимӣ таъсис додани намояндагиҳои дипломатӣ буд. Моҳи октябри соли 2007 Сафорати Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мисри Араб ба фаъолият шурӯъ кард, ки нахустин намояндагии дипломатии ҷумҳурӣ дар кишварҳои арабӣ буд. Ҳамон сол дар шаҳри Дубайи Амороти Муттаҳидаи Араб консулгарии генералии Тоҷикистон, баъдтар – моҳи сентябри соли 2008 Сафорати Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Ба дунболи ин дар Сурия, Либия, Яман, Кувайт ва Қатар сафирони ғайримуқими Тоҷикистон таъйин гардиданд. Соли 2010 дар Душанбе нахустин намояндагии дипломатӣ аз кишварҳои арабӣ – Сафорати Арабистони Саудӣ фаъолияти худро оғоз кард.

Ба хотири ҳамоҳанг сохтани ҳамкориҳо абзорҳои иловагии пайгирӣ намудани мувофиқаҳои ҳосилшуда эҷод мешаванд. Масалан, бо тақвият ёфтани ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Миср Комиссияи 12 муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ таъсис ёфт, ки ҷаласаи аввалини он моҳи январи соли 2009 дар Душанбе баргузор шуда буд. Моҳи июни соли 2011 анҷумани соҳибкорони Тоҷикистону Арабистони Саудӣ доир гардид.

Кишварҳои арабӣ ба рушди Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, бо назардошти муносибатҳои дӯстона дар риштаҳои гуногун ба кишвари мо ёрӣ ҳам мерасонанд. Масалан, соли 2009 бо маблағгузории Салтанати Умон барои дастгирии осебдидагони

офатҳои табиӣ дар шаҳри Кӯлоб як шаҳрак сохта ва ба истифода дода шуд, ки дорои манзилҳои истиқоматӣ, беморхона ва масҷиди замонавӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар бобати ривоҷ додани табодули мол ва ҷалби сармояи хориҷӣ аллакай қадамҳои нахустин гузошта шуданд. Ҳоло бархе аз кишварҳои арабӣ, аз қабили Амороти Муттаҳидаи Араб аз шарикони муҳими Тоҷикистон дар бобати табодули мол ба ҳисоб меравfamiliar, Қатар дар Душанбе ба амалӣ кардани лоиҳаҳои сохтмонӣ шурӯъ намуд, ки яке аз онҳо бунёди масҷиди бузург бо тарҳи замонавӣ дар пойтахти Тоҷикистон мебошад.

Бо кишварҳои арабӣ ташаккул додани пойгоҳи шартномавӣ-ҳуқуқӣ идома дорад. Бо ин давлатҳо вобаста ба сатҳу доираи муносибатҳо санадҳои зиёди дуҷониба ба имзо расидаанд. Масалан, миёни Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб зиёда аз 40 санади муҳими ҳамкорӣ дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла, дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, техника, фарҳанг, варзиш ва кор бо ҷавонон ба имзо расидааст, ки онҳо дурнамои муносибатҳои кишварҳои дӯстро муайян месозанд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои мушаххаснамудаи Роҳбари давлат дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар муносибат бо ҷаҳони ислом пайгирона амалӣ гардида, шаклгирӣ ва рушду тавсеаи ҳамкориҳои манфиатовар сол то сол суръат мегиранд ва шаклу мазмуни навро соҳиб мешаванд.

Ҳамзамон бо ин дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ, алалхусус Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Муколамаи ҳамкории Осиё Тоҷикистон бо кишварҳои мусулмоннишин, хусусан давлатҳои арабӣ робитаҳои густардаро пеш мебарад, ки ҷавҳари онро рӯҳияи ҳусни тафоҳум, ягонасозии мавқеъгириҳо ва дастгирии манфиатҳои якдигар ташкил медиҳад.

Ба шарофати чунин сиёсати мудаббирона Президенти Тоҷикистон дар олами арабиву исломӣ чун посдори фарҳангу тамаддуни асили исломӣ ва тарғибгари дӯстиву рафоқат ва ҳамкориҳои судманд эътироф гардидааст.

Ҳамкорӣ бо Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ) ва дар чаҳорчӯбаи он бо дигар кишварҳои аъзо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии 13 Тоҷикистон ҷойгоҳи худро дорад, ки ин бесабаб нест. СКИ дуввумин созмони байнидавлатии бузург пас аз Созмони Милали Муттаҳид (СММ) буда, дар сафи худ 57 кишвари чор минтақаи ҷаҳонро муттаҳид кардааст.

Созмон ба ҳайси овози ҷамъулҷамъи мусулмонони ҷаҳон дар таҳкими ҳамоҳангии фаъолият ва ҳамкории мутақобилаи кишварҳои аъзои он нақши калидӣ дорад. Он имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ҳифзу нигоҳдории манфиатҳои олами исломро дар рӯҳияи пешбурди сулҳу салоҳ ва тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳои гуногуни ҷаҳон кафолат медиҳад. Созмони Конфронси Исломӣ ҳамчун афзори судманди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои мусул-мон бахри таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти кишварҳои аъзои он, инчунин дар раванди таъмини сулҳу субот дар пахнои олами исломӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти нақши афзоишёбандаи СКИ дар арсаи байналмилалӣ, чанде пас аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ, 1 декабри соли 1992 ба узвияти он пайваст. Аз рӯзҳои аввалини узвияти худ дар ин Созмон Тоҷикистон пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар асоси умумияти таърихию фарҳангӣ ва тамаддунию динӣ, ки замири онҳоро ҷанбаҳои инсонӣ ташкил медиҳанд, муносибатҳои байнидавлатии ҳасанаи худро бо кишварҳои мусулмон ба роҳ монда, ҳаматарафа тақвият бахшад. Ин аст, ки ҷумҳурӣ ҳамкориҳои васею гуногунҷабҳаро бо давлатҳои узви СКИ ва сохторҳои махсуси он ба таври васеъ ба роҳ монда, масъалаҳои таъмини манфиатҳои миллии худро дар доираи ин Созмон пайваста пайгирӣ менамояд.

Ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарпарастии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст дар саммити сарони кишварҳо, ки 13-15 декабри соли 1994 дар шаҳри Касаблан-каи Шоҳигарии Марокаш баргузор гашта буд, ширкат варзид. Бояд тазаккур дод, ки иштиро-ки ҳайати Тоҷикистон дар ин нишаст ва мулоқотҳои дуҷониба бо соири кишварҳои узв барои эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони ислом нақши калидӣ бозид.

Минбаъд низ Тоҷикистон дар ҳамоишҳои ин созмони бонуфуз иштироки фаъолона дошт. Ҳайати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар ҳамчунин дар кори ду саммити созмон (соли 2005 дар Макка ва соли 2007 дар Сенегал) иштирок кард. Сарвари давлат зим- ни суханрониҳои пурмӯҳтавои худ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорию ҳамбастагии пурсамари кишварҳои мусулмонии ҷаҳон, ки ба фармудаи қуръонии «мӯъмин бародари мӯъмин» асос ёфта бошад, як қатор пешниҳоду андешаҳои муфиди зеринро ба миён гузошт, ки мавриди истиқболи хуш ва пуштибонии иштирокчиёни сершумори саммит қарор гирифт:

- Таҳия ва қабули Барнома ва Стратегияи дарозмуддати рушди кишварҳои исломӣ, [9]
- Таъсиси Бунёди рушди илм ва фанновариҳои навин бо шабакаи васеъ ва фаъол дар саросари ҷаҳони ислом;
- Таҳияи Консепсияи ягонаи мукаммал ба манзури ҳамоҳангӣ ва фаъолияти дастаҷамъии давлатҳои аъзо ба муқобили хатару таҳдидҳои муосир.

Дар натиҷаи фаъолияти пайгирона ва муваффақона амалӣ намудани сиёсати хориҷии Президенти ҷумҳурӣ бори аввал дар таърихи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин чорабиниҳои байналмилалии Созмони Конфронси Исломӣ – ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазиро-ни корҳои хориҷии кишварҳои узви он таҳти шиори “Бо назари ҳамоҳанг барои амният ва шукуфоии ҷаҳони ислом” рӯзҳои 18-20 майи соли 2010 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, раёсати даврии яксолаи ин Шӯро ба ӯҳдаи Тоҷикистон вогузор карда шуд.

Дар рафти ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ беш аз 100 ҳайати гуногунпоя - 57 ҳайати кишварҳои узви Созмон, 5 ҳайати кишварҳои нозир, ҳайатҳои созмонҳои мухталифи минтақавию байналмилалӣ ва меҳмонон – ҷамъ зиёда аз 700 нафар иштирок карда, доираи васеи масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, илмию технологӣ ва фарҳангию иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, маъмурию молиявӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳоро баррасӣ намуда, роҷеъ ба онҳо қарору қатъномаҳои дахлдор қабул карданд. Аз ҷумла, қатъномаҳои ШВКХ дар хусуси чунин масъалаҳои умдаи дар назди СКИ истода, ба монанди вазъият дар Ховари Миёна, бахусус вазъи Фаластин, Ироқ ва Афғонистон, вазъияти ақаллиятҳои мусулмон дар кишварҳои ғайриаъзои СКИ, татбиқи Барномаи даҳсолаи амал ва ғайра. ШВКХ ҳамчунин лоиҳаи қатъномаро дар хусуси таъсиси Комиссияи доимии мустақил оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ намуда, аҳамияти таъсиси Раёсати оид ба корҳои оилаи Котибо-ти СКИ-ро баҳри татбиқи қатъномаҳои дахлдори Саммити СКИ ва ШВКХ таъкид намуд. ШВКХ аз Ҳукумати Тоҷикистон барои ташкили ҷаласаи махсус дар мавзӯи “Осиёи Марказӣ ва оламиислом: Нигоҳи стратегӣ ба ҳамраъйӣ” бо иштироки фаъоли кишварҳои узв изҳорисипос намуда, дар ин хусус қатъномаи махсусро қабул кард. Шӯро ҳамчунин ба КотиботиСКИ барои ташаббусҳои арзанда ва пешниҳодҳои мушаххасаш нисбати санади консептуалии ин ҷаласа, ки дар асоси он баррасии мавзӯи зикргардида сурат гирифт, изҳори миннатдорӣ кард. Ҷаласаи махсуси зикргардида ба саҳми арзандаи Осиёи Марказӣ, ки ҷузъи таркибии олами ислом мебошад, дар ғанӣ гардондани фарҳангу тамаддуни умумиинсонӣ равшанӣ андохт. Дар рафти баррасии имкониятҳои захираҳои табиӣ ва иқтидорҳои минтақа, инчу- нин мушкилоти пешорӯи

кишварҳои он дар соҳаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъкид гар- дид, ки тавсеаи ҳамкорӣ ва ҳавасмандгардонии мубодилаи тиҷоратӣ метавонад дар рушди муносибатҳои минтақа бо дигар кишварҳои мусулмон саҳми назаррас гузорад.

Дар ҷаласаи 37-уми ШВКХ бо ташаббуси Тоҷикистон ду қатънома пешниҳод гардид, ки онҳо мавриди мувофиқаи иштирокчиёни ҷаласа қарор гирифтанд.

Дар фароварди ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ иштирокчиёни он ба ҳайси санади расмии СКИ Эъломияи хотимавиро қабул карданд, ки хулосаҳои калидии ин ҷаласаро инъикос менамояд.

Яке аз қисмҳои таркибӣ ва муҳими фаъолият дар давраи раисии ҷониби Тоҷикистон дар Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ ин дар якҷоягӣ бо Котиботи СКИ ҳамоҳанг кардан ва пешбурди фаъолияти Созмон маҳсуб меёфт. Ин амр тақозо мекард, ки ҷониби Тоҷикистон ба сифати раиси Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ нисбати тамоми иқдомҳои байналмилалии мавриди эҳтимоми Созмони конфронси исломӣ ва кишварҳои аъзои он вокуниш зоҳир карда, дар танзим ва татбиқи амалии чорабиниҳои муҳими он фаъолона иштирок намояд.(3)

Бо мақсади дар сатҳи шоиста ба анҷом расондани вазифаҳои ниҳоят масъулиятноки раёсати даврии ҷониби Тоҷикистон дар Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Созмони Конфронси Исломӣ ва омодагии саривақт ба ҳамоҳангсозии раванди амалӣ гардондани чорабиниҳои дар
чорчӯбаи он ба нақша гирифташуда, тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

16 декабри 2010 Маҷмаи Умумӣ лоиҳаи қатъномаи таҳти унвони «Ҳамкорӣ байни Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Конфронси Исломӣ», ки онро Тоҷикистон, ба сифати раиси Гурӯҳи Созмони Конфронси Исломӣ дар СММ, аз номи 57 кишвари узви СКИ пешниҳод карда буд, бо иттифоқи оро қабул намуд. Беларус, Босния ва Ҳерсеговина, Филиппин, Таиланд ва Черногория ба рӯйхати бониёни лоиҳаи қатънома ҳамроҳ шуданд. Қабл аз қабул шудани қарор ҷониби мо лоиҳаи қатъномаи мазкурро дар иҷлоси Маҷмаи Умумӣ муаррифӣ намуд.

Лоиҳаи қатънома таъкид менамояд, ки СММ ва СКИ ба идома додани ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ, фарҳангӣ ва илмӣ саъй менамоянд. СКИ шарики муҳими СММ дар амри нигаҳ доштани сулҳу амният ва ташвиқ намудани фарҳанги сулҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ арзёбӣ шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳар ду созмон ба мувофиқат расидаанд, ки ҳамкориро дар пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо, ҳифз ва истиқрори сулҳ, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, нораводории динӣ, аз ҷумла исломситезӣ, ҳимоя ва ташвиқи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, расонидани ёрии башардӯстона, зарфиятсозӣ дар баргузор намудани инти-хобот ва такмили афзори фаъолияти баъдӣ идома диҳанд. [7]

Иқдомҳои зикргардида намунаи қадамҳои муҳиме мебошанд, ки аз лиҳози шиносоии бештари олами ислом бо шароиту фазои фарҳангӣ ва иқтисодии Тоҷикистон муфид буда, барои тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангии миёни Тоҷикистону мамлакатҳои мусулмон заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки фаъол дар ин Созмонро яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати хориҷии худ муқаррар кардааст. Дар ин замина Тоҷикистон дар таҳкими нақши он дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ манфиатдор монда, саъю талошҳои созандаро, ки ба ҳамкориҳои беш аз пеш густарда миёни кишварҳои аъзо нигаронда шудаанд, дастгирӣ менамояд. Дар робита ба ин, ҷавҳари мавқеи принсипиалии Тоҷикистонро он воқеият ташкил медиҳад, ки тадбирҳои дар чорчӯбаи ин Созмон андешидашаванда пеш аз ҳама бояд ба ҳаллу фасли

масъалаҳои умдаи мардум дар кишварҳои мусулмон, инчунин ноил гаштан ба рушди босубот ва инкишофи онҳо аз тариқи ба роҳ мондани сатҳи нави робитаҳои мутақобила миёни кишварҳои аъзои он нигаронида шуда бошанд.(5)

Яке аз натиҷаҳои ҳамкориҳои зичи Тоҷикистон бо ИСЕСКО пойтахти фарҳанги исломӣ дар қитъаи Осиё эълон гардидани шаҳри Душанбе дар соли 2010 мебошад, ки қарор дар ин маврид соли 2004 дар Конфронси 4-уми вазирони фарҳанги СКИ (Алҷазоир, 15-16 декабри соли 2004) қабул шуд. Дар ин робита бо ибтикори Ҳукумати Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо барпо карда шуданд, аз ҷумла:

- дар сатҳи умумимиллӣ баргузоршавии ҷашнвораҳои абармардони фарҳангу рисолати исломӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Имом Бухорӣ;
- эҳёи ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлобу Истаравшан, Панҷакенту Ҳисор, Рӯшону Мӯминобод; [8]
- тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, нашри осори бузургони ҷаҳони ислом;
- соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон намудани соли 2009;
- ба таъминоти давлатӣ гузаронидани Донишкадаи исломии Тоҷикистон ва таъсиси Маркази исломшиносии назди Президенти Тоҷикистон;
- оғози корҳо оид ба бунёди калонтарин масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Душанбе ва тадбирҳои дигар барои ҳимоя ва густариши арзишҳои волои исломӣ ва ҳифзи сарватҳои маънавии ниёгон дар кишвар.

Ҳамин тавр, устуворшавӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони ҳамкориҳои исломӣ баҳри муаррифии кишвар дар ҷаҳони ислом ва таҳкими ҳамкориҳои густурдаи сиёсиву иқтисодӣ ва гуманитарӣ кумак намояд, аз ҷониби дигар баҳри иштироки фаъоли кишвари мо дар раванди ҳамгароии ҷаҳони ислом ва ҳалли мушклоти вуҷуддошта дар кишварҳои мусулмонннишин заминаи воқеӣ фароҳам овардааст.

**Адабиёт**


1. Ҳамрохон Зарифӣ .Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. ҷилди 1. Душанбе: «Ирфон», 2009,саҳ 14(Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009, 296 с. мусаввар.
2. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик – Душанбе: «ЭР-граф, 2011», 2011, - 644 с.
3. Раҳматуллоев А.З., Сатторов Х.С., Тоҷов Н.Т. Р-46 Таърихи халқи тоҷик. - Душанбе, «ЭР-граф», 2011.-524саҳ.
4. Каримов О. Холджураев Х, Мирбабаев А. История Таджиской Дипломатии. Худжанд 2008. С 348.
5. Талбак Назаров,. Абдунабӣ Сатторзода « Дипломатияи Муосири Тоҷик» Душанбе,Ирфон, 2006.
6. Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров.Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). – Душанбе. «Ирфон», 2012, 272 саҳ. Ҳайати таълиф: Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров.
7. Фаслномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон “СИЁСАТИ ХОРИҶӢ” маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ
8. Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров.Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). – Душанбе. «Ирфон», 2012, 23

9. Д.Назриев, И.Саттаров. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992-й (хроника событий). Т.П. -Д., 2005, с.661-662.
10. Евразийская интеграция Таджикистана: дорожная карта для экспертного сообщества. Проектно-аналитический доклад. (Ру-ководитель проекта – Г.Майтдинова. Участники: Каюмов Н.К.,Саидов Х.С., Умаров Х.У.,Царик Ю.Ю., Шарипов Б. – Душанбе, 2014.

# НАПРАВЛЕНИЯ И ПРИОРИРЕТЫ МНОГОСТОРОННЕГО СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА С ОРГАНИЗАЦИЕЙ ИСЛАМСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА

**САФАРАЛИЗОДА АВАЗ ТАГОЙАЛИ,**
соискатель кафедры зарубежного регионологии
Таджикского национального университета,
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рӯдаки, 17.
Тел.:(+992) 937-26-61-61. E- mail: abdulaziz-avaz@mail.ru.

*В данной статье рассматриваются исторические вопросы, состояние и перспективы сотрудничества Республики Таджикистан с ОИС. Изменения начала XXI века изменили систему международных отношений и привели к созданию нового пространства сотрудничества, в частности исламского сотрудничества. Этот процесс демонстрирует постоянно растущий статус ислама и исламских стран в современных международных отношениях. Совместное сотрудничество в этом процессе позволяет странам решать наиболее важные вопросы сотрудничества между ними. Поэтому Республика Таджикистан как светская страна с большим мусульманским населением, имеющая исторические и культурные связи в различных исторических процессах с исламом, сделала сотрудничество с этим влиятельным институтом одним из приоритетов своей внешней политики. Республика Таджикистан с учетом исторических, культурных, цивилизационных и конфессиональных общностей со странами исламского мира поддерживает активное и плодотворное сотрудничество с Организацией исламского сотрудничества и ее специализированными институтами. Таджикистан ввиду жизненной и безотлагательной необходимости вывода на новый уровень процветания и развития исламского мира и устранения существующих и животрепещущих проблем, считает целесообразным разработку и реализацию Стратегии развития исламского мира, ключевая цель которой должна заключаться в качественном, неуклонном и сбалансированном экономическом и духовно-культурном росте государств-членов Организации.*

***Ключевые слова:*** *Организация исламского сотрудничества, развивающийся, первая серьёзная инициатива, могущественный, глава государства, национальные интересы, человеческие свойства, на международном уровне, историко-культурный, цель, огромная суть.*

# THE MAIN PRIORITY AREAS OF TAJIKISTAN'S MULTILATERAL COOPERATION WITH THE OIC AT THE BEGINNING OF THE XXI CENTURY

**SAFARALIZODA AVAZ TAGOIALI,**
Applicant of Foreing Regionology Departmnet,
– Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.,
Phone:(+992) 937-26-61-61. E- Mail: abdulaziz-avaz@mail.ru

*This article considers the historical issues, status and prospects of cooperation of the Republic of Tajikistan with the OIC. Changes in the early XXIst century changed the system of international relations and led to the creation of a new atmosphere of cooperation, in particular Islamic cooperation. This process demonstrates the ever-increasing of the status of Islam and Islamic*

*countries in the contemporary international relations. Joint collaboration in this process allows countries to achieve the most important issues of cooperation between them.*

*Therefore, the Republic of Tajikistan, as a secular country with a large Muslim population and having historical and cultural ties in various historical processes with Islam, has made cooperation with this powerful institution one of the priorities of its foreign policy. The Republic of Tajikistan viewing historical, cultural, civilization and religious commonality with Islamic countries unwaveringly supports fruitful cooperation with the Organization of Islamic Cooperation and its specialized institutions. Tajikistan due to the vital and urgent need to uplift prosperity and development of the Islamic world into a new level and eliminate existing and urgent hardships, considers it appropriate to develop and implement Development Strategy of the Islamic Countries, whose key objective should be quality, steady and balanced economic, spiritual and cultural growth of the OIC Member States.*

***Key words:*** *Organization of Islamic Cooperation, developing, first significant initiative, powerful, head of the state, national interests, human characteristics, on intelnational level, historical-cultural, goal, huge essence*

УДК: 323

# ВАЗЪИ СИЁСИЮ ИҚТИСОДИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН АЗ ИБТИДО ТО ПОШХӮРИИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ

**ОДИНАЕВ ШАФҚАТ МУРОДОВИЧ,**
унвонҷуйи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 909-66-69-30.

*Фаро гирифтани бурду бохт ва дастовардҳои давлати абарқудрати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар самту соҳаҳои мухталиф дар як мақола албатта басандагӣ намекунад. Зеро тӯли солҳои пойдории худ давлати пурқударти Шӯравӣ дар ҳама соҳаҳо, бахусус соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ тавонист ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки таҳқиқи хурде оид ба вазъи иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1929-1991, чун як аъзои давлати Иттиҳоди Шӯравӣ анҷом диҳад.*

*Муаллиф дар мақолаи хеш таъкид месозад, ки Тоҷикистон аз моҳи октябри соли 1929 то моҳи августи соли 1991 бо дарки ҳамон замона яке аз ҷумҳурии соҳибистиқлоли Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт. Дар ин муҳлат халқи тоҷик, дар қиёс ба таърихи қаблан сипарӣ кардааш ба дастовардҳои беназири иқтисодӣ соҳиб гашт. Иқтисоди он ба истеҳсолоти кишоварзӣ такя мекард ва асоси онро пахтапарварӣ ташкил медод. Соҳаҳои дигар ба монанди зироаткорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, полезӣ, сабзавот ва амсоли инҳо ба ин соҳаи асоси чун хоҷагиҳои ёрирасон хизмат мекарданд. Ҳадафи асосии Ҳукумати Шӯравӣ дар пешбурди бовусъати пахта аз он иборат буд, ки маҳсулоти он барои пешрафти саноати иттифоқӣ аҳамияти бисёрҷониба дошт.*

***Калидвожаҳо**: Иттиҳоди Шӯравӣ, ҶШС Тоҷикистон, иқтисодиёт, сиёсат, кишоварзӣ, деҳқонӣ, тоҷикон.*

Соҳаҳои гуногуни саноати марказӣ ба монанди бофандагӣ, ресандагӣ, хӯрокворӣ, тиб, ҳарбӣ ва амсоли инҳо ба пешрафти пахтакорӣ эҳтиёҷи калон доштанд. Тамоили пешрафти соҳаҳои дигари кишоварзӣ аз таъмин гардонидани талаботи ҳамарӯзаи пахтакорон ва қиисми дигари аҳолиро бо маводҳои озуқавӣ таъмин кардан равона шуда буд. Ғайр аз ин боз мебоист, ки тибқи нишондодҳои нақшавӣ бо миқдори муайян ба марказ чарм, пашм, пила, меваи тару хушк ва маҳсулоти боғдориву полезӣ фиристонад.

Ин тартибот ҳанӯз дар соли 1920 аз ҷониби асосгузори давлати Шӯравӣ В.И.Ленин, ки аллакай шӯроҳо дар Туркистон барқарор гашта буданд дар мавриди тарҳрезии барномаи корҳои хоҷагидории Ҷумҳурии шӯравӣ федеративии сотсиалистии Россия (ҶШФСР) ГОЭЛ-ро, вазифаҳои иқтисодии онро дар саноатикунонии кишвари худ чунин арзёби кард: “Гузаштаю ҳозира ва оянда наздики Туркистон ба хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои саноатие, ки дар зинаҳои гуногуни коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, бевосита барои истеъмоли одам заруранд қарор доранд, барқарор карда мешавнд... Дар пешбурди зироаткорӣ ва саноти ин кишвар пахта ҷойи намоёнро ишғол менамояд... Пахта меҳвари ҳаёти Туркистон аст ва ин ҳолат эҳтимол дар оянда низ тағйир наёбад. Дар маҷмуъ пахта, абрешим ва пашм нишондиҳандаҳои пуркимате мебошанд, ки аҳамияти Туркистонро дар ҳаёти иқтисодии Россия муқаррар месозанд”. “Туркистон бо дороиҳои бузурги табиии худ, барои хоҷагии Россия, манбаи ашёи бофандагӣ ҳисоб мешавад”[1, с. 14-15].

Дар асоси ин нақша, ба хотири тараққиёти бемайлони соҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон иншоотҳои обии барқӣ (НБО), корхонаҳои тозакунандаи маҳсулотҳои истеҳсолшуда, фабрикаву заводҳои кимёвӣ, равғанкашӣ, бофандагӣ,

бунгоҳҳои таъмири мошинҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои тухмипарвариву тухмитайёркунӣ, муассисаҳои махсуси илмӣ-техникӣ, институтҳою озмоишгоҳҳо (лабараторияҳо)-и илмӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, техникуму омӯзишгоҳҳо макотибӣ миёнаи касбӣ техникӣ, табобатхонаҳо ва ғайраҳо бунёд карда шуданд.

Барои иҷрои накшаи ГОЭЛ-ро, Ҳукумати ҶШФСР алакай соли 1921 дар Туркистон Кумитаи пахта таъсис дод. Кумитаи марказии иҷроияи Ҷумҳури халқи Шӯравии Бухоро бошад, оҷилан ба иҷрои он машғул гашт ва қарор баровард: “касоне, ки ба васеъгардонии майдонҳои кишти пахта машғул мешаванд аз додани андози “ушр” аз маҳсули он озод хоҳанд монд”. [2, с. 3]

Дар солҳои минбада дар раванди пешбурди оқилонаи зироаткорӣ дар Тоҷикистон дар сиёсати иқтисодии Ҳокимяти шӯроҳо беадолатиҳои бисёре рӯй доданд. Аксари кӯли мардум, ки дар ибтидо аз идеология коммунистӣ розӣ набуданд, дар таркиби ҷомеа майлонҳои ба он душман, аз нав ба ҷунбиш омаданд. Ба хотири нигоҳдории фазои муътадили сиёсиву идеологӣ раиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШСТ) Нусратулло Махсум соли 1931 дар суханрониву муроҷиатҳои худ ба мардуми Тоҷикистон ҳадафҳои Ҳукумати Шӯравиро чунин маънидод кард: “Муносибатҳои ҳамгироёнаи иқтисодии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ дар иштирок кардани Тоҷикистон дар индустрикунонии саноати умумииттифоқӣ асос мегиранд, ин иштирок тариқи истеҳсоли босуръати ашёи хоми техникӣ, алалхусус пахта ҷори мегардад. Ба ин хотир, мубориза барои озод намудани Иттиҳоди Шӯравӣ аз ниёзманди ба пахта, вазифаи аввалиндараҷаи мо ҳисоб меёбад.”[3, с. 2]

Олимони барҷастаи соҳаҳои гуногуни илм: академикҳо Н. Вавилов, А.Е. Ферсман, профессорон М.Г. Попов, Д.И. Шербаков, Н.А. Караулов ва бисёри дигарон ҳам, ки дар солҳои 1926-1932 ба таҳқиқу омӯзишии сарватҳои табиий Тоҷикистон сафарбар шуда буданд мардуми шарифи тоҷикистонро ба меҳнати собитқадамонаву ободии кишвари худ далолат мекарданд. Онҳо дар баромадҳои худ Тоҷикистонро ганҷхонаи табиат, манбаи анвоҳои нодири ғалладона, боғу токпарварӣ ва захираҳои фаровони обҳои зулоли ошомиданӣ, зару зевар, растаниҳои нодир ва гиёҳ муаррифӣ мекарданд. Онҳо бо ҳиссиёти баланд, дурбинона, доир ба ҳифзу нигоҳдории тамаддуни қадима ва тарзи хоҷагидорииояндаи он фикру андешаҳои холисонаи худро иброз доштаанд.

Аз ҷумла, олими табиатшинос, ботаник Н. Вавилов навиштааст: “Дар водиҳои танги кухсорон мардуми ориёии муқимӣ дар замонҳои қадим кишоварзии ибтидоиро бунёд гузоштаанд”.[16, с.8] Бо андешаҳои ин олим деҳқонони ориёнажоди тоҷикистонӣ бо заковат ва меҳнатдӯсии худ, дар истифодаи сарватҳои бойӣ табиий кишварашон дар зинаи нави таърихӣ, ба дастовардҳои бузурги иқтисодӣ ноил хоҳанд шуд.

Дар мавриди ифтитоҳи Конфронси аввалини тоҷикон оид ба “Омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон” (10-16 феврали соли 1933) дар шаҳри Ленинград, академик А.Е. Ферсман Тоҷикистонро ба “ганҷина”-и Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб донист ва таъкид намуд, ки мо бояд ингуна ганҷхонаҳоро ҳифз намоему доир ба пешрафти онҳо ғамхорӣ кунем. Бояд ба назар гирем, ки Тоҷикистон бо имкониятҳои қувваҳои истеҳсолкунандаи худ дар ояндаи наздик метавонад ба хоҷагии хусусияти маҷмааӣ дошта (комбинат )-и сотсиалистӣ табдил ёбад.[17, с. 9,28]

Вале сарварони Ҳокимияти Шуравӣ, ки доири истифодаи қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон ҳадафҳои хоси худро доштанд, ингуна фархундагӯиҳоро тоқати шунидан надоштанд. Махсусан И.В. Сталин сиёсати

геополитикии Ленинро дар Тоҷикистон тақвият дода, дар Конфронси XVII Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист (КМ ҲК) изҳор доштааст, ки: “Тоҷикистон дар фаъолияти иқтисодии Иттифоқ вусъатдиҳанда, парваранда ва истеҳсолкунандаи пахтаи навъи аълосифати Мисрӣ хизмат мекунад. Дар ин радиф, пешбурд ва коркарди маҷмааи захираҳи табиӣ, Тоҷикистонро ба сифати яке аз манбаҳои асосии металлургияи ранга, ғолибан тилло, ҷавоҳироти камёфт ва ашёҳои нимфилизии Иттифоқ табдил медиҳад”. [18, с. 232].

Қарордоди Конфронси XVII КМ ҲКИШ доир ба истифодаи самараноки кувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон ба манфиати иқтисоди ИҶШС дастури охирине гардид, ки дигар ҳеҷ кас ҷуръати қадаме аз он берун баромадан надошт. Ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Шуравӣ дар ин ҷода, бо сарвариву фармоишҳои ҲК бо тактикаи печони илҳомбахше ба роҳ бароварда шуд, ки гӯё таъмин намудани ниёзҳои саноати сабук ва саноати металургии ноҳияҳои марказии Иттиҳоди Шуравӣ бо ашёҳои хоми қиматнок, вазифаи ҷониву ватангароии тоҷикистониён бошад. Корномаҳои ниҳоят сангину арзони меҳнатии мардуми Тоҷикистон дар хотири таърих ниҳоят равшан боқи мондаанд, аммо заҳмати кашидаву дастовардҳои коргарони корхонаҳои ба коркарди ашёҳои пурқимати металургияи ранга, симобу уран машғул буда, то ҳанӯз асрори нокушодаанд.

Аз сарчашмаҳои қадима маълумотҳои бисёри ба мо расидаанд, ки воҳаҳои дарёи Сир, Зарафшон – “ганҷхонаи тилло” номида мешуд, мардуми водии Шугнов (дар Дарвоз) ҳам аслан ризқу рӯзии худро аз истеҳсоли тилло ба даст меовcovered. Ганҷинаҳои Помир: лаълу лоҷуворд ва ғайра ба тамоми олам машҳур буданд. Ҳукумати Шӯравӣ онҳоро ба моликияти шахсии давлатӣ табдиил дод, вале манфиатҳои аз онҳо ба даст овардаашро ифшо намекард. Олимони замони Шуравӣ аз “Кароамазор” тамоми ҷирмҳои физикиву кимиёвии дар олам мавҷуд бударо дарёфт карда буданд. Вале Ҳукумати иттифоқӣ барои сохтмони корхонаҳои коркарду истеҳсоли онҳо ба таври расми иҷозат надод, зеро даромаду баромади онҳо ҳатман мавриди ба қайд гирифтану ҳисобу китоб мешуданд.

Соли 1989 олимони тоҷик дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 350 маконҳои ашёҳои минералиро ба қайд гирифтанд. Аз ин нишондодҳо, дар замони Шӯравӣ қариб 100 намудаш мавриди истифода қарор доштааст. [15, с. 41]. Аммо дар ҳисоботҳои оморӣ тавозуни даромади иқтисодии Тоҷикистон аз ин ганҷхонаҳо дар алоҳидагӣ маълумот дода нашудааст. Маҳсулотҳои аз ин ҷабҳаҳо дар Тоҷикистон истифода шуда, бо русуми ошкорову ниҳонӣ бо қатораҳо рост ба корхонаҳои ҳамгирои ноҳияҳои марказӣ интиқол меёфтанд. Ашёҳои қимат: тилло, сангҳои булур, лоҷуворд, лаъл, уран, симоб ва амсоли онҳо бошанд, ба таври махфӣ бо ҳавопайоҳои махсус ба нуқтаҳои пешаки таъингашта расонида мешуданд. Далели қотеъи тасдиққунандаи ин гуфтаҳо он аст, ки дар Тоҷикистони шӯравӣ то замони соҳибистиқлолӣ, ягон завод ё фабрикае, ки бевосита ба коркарди ин ашёҳо машғул буда ва ба буҷаи ҷумҳурӣ даромад меоварда ба қайд гирифта нашудааст. Танҳо як заводи бо ном “Арзии Тоҷик” дар ноҳияи Регар ҳоло (Турсунзода), ки ёдовари мешавад, тибқи расонаҳои муосир фақат 2% даромадаш ба буҷаи ҷумҳурӣ ворид мешуду халос.

Тоҷикистони Шӯравӣ баъд аз пошхӯрии Иттиҳод чун дигар давлатҳо аз маҳсулотҳои қиматноки номбурда, ба хусус тилло ягон заррае захира надошт. Тоҷикистон дар мавриде соҳибистиқлол гардид, ки ягон корхонаи ба истеҳсоли молҳои саноатӣ машғул бударо соҳиби намекард. Корхонаҳои ба коркарди пахта машғулбуда, равғанкашиву консерва, комбинатҳои орд, тайёр кардани масолеҳи бинокорӣ ва ғайраву ҳоказо, кӯҳнаву фарсуда, вайрону корношоям гашта буданд.

Буҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тариқи афзун намудани ашёҳои хом: пахта, (аслан, навъи маҳинах ва дарознахи мисрӣ), чарм, пашм, пилла, меваи хушк, тамоку афзун мегардид. Ба хотири таъмини афзоиши устувори ин намуди маҳсулотҳо тамоми воситаҳо: тариқи экстенсивӣ - васеъ гардонидани заминҳои обёришаванда, ривоҷи обёрӣ, афзоиши (селексия) навъҳои наву серҳосили пахта; интенсивӣ: сафарбар намудани тамоми қувваҳои истеҳсолкунанда, истифодаи нӯриҳои минералӣ ва органикӣ, химикатҳо, илм ва таҷрибаҳои пешқадам истифода мешуданд.

Дар шароите, ки ҶШСТ ташкил ёфт (16. 10. .1929) ва ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ (5.12.1929) ворид гашт, ҳамаги 143,1 ҳазор километри квадратӣ масоҳат дошт ва 97 % -и он аз кӯҳҳо иборат буд. [15, с. 41] Майдони замини фонд ё захираи фоиданоки ба истеҳсолот ҷалб шаванда ҳамаги се фисади онро ташкил медод ва аз он боз қариб як фисадашро ҷангалзор, талу теппаҳо, кӯлу дарёҳо, заминҳои сангдор, майдонҳои нишебу ноҳамвори лалмӣ, ишғол мекарданд. Майдони боқимондаи барои истеҳсоли босамари маҳсулот коршоям, дар солҳои мавҷудияти Ҳукуматм Шӯравӣ дар ҳудуди 8 миллиону 800 ҳазор то 9 миллиону 500 ҳазор гектарро ташкил медод.[11,с. 130]

Аз ин нишондод, дар ду соли аввали хоҷагидории сотсиалистӣ (солҳои 1925/26-1926/27) ба хотири ҳарчи тезтар аз ниёзманди ба ашёи хом баровардани Иттиҳоди Шӯравӣ майдони кишти зироатҳои обӣ аз 84960 то117200, яъне дар ҳаҷми 103 ҳазор гектар васеъ гардонида шуданд. [14, с. 102] Албатта ин нишондодҳо бо сабуки ба даст оварда нашуда буданд, балки дар он солҳои мудҳиши қаҳтӣ, замони бархӯрди силоҳноки нерӯҳои аксулшӯравӣ ва шӯравӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бо шиори “Фронти меҳнатӣ”! бо низоми ҳатмии ҳарбӣ, бо қувваи бозуи деҳотиён ба вуҷуд меомаданд. Олотҳои онҳо белу кетман, зоғнул, омочу молаҳои кӯҳнаву фарсудагашта буданд, ба зами ин бе ғизои кофии ба дасту бозуи меҳнатӣ нерӯбахш, тариқи ҳашар, аз субҳ то шом арақи ҷабин мерехтанд. Чунин тариқа истифода бурдани қувваҳҳои арзони корӣ ва аз ҳад зиёди захираҳои табиӣ барои таъмини афзоиши босуръати саноатикунони, махсус, ҷумҳуриҳои славиянӣ ба Ҳукумати Шӯравӣ расм шуду монд.

Дар солҳои минбаъда, майдони заминҳои киштшаванда то ба 809 ҳазор васеъ гаштанд. Пахтакорӣ бошад, заминҳои кишти зироатҳои озуқадиҳандаро тадриҷан танг карда, аз 7 ҳазори соли 1924 то 306 ҳазор гектарро ишғол кард. Истеҳсоли пахта аз 8,4 ҳазор то ба 880 ҳазор тонна афзуд. Дар солҳои 1983-1987 ҳосилнокии он аз майдони кишт ба ҳисоби миёна 9 миллиону 085 ҳазор сентнерро ташкил дод, ки 35-40 фисаташ пахтаи аълосифати маҳиннах буд. [6, с. 136]

Дар натиҷа мувозинати истеҳсолоти кишоварзӣ куллан ба манфиати пахта тағйир ёфт. Дар солҳои 1980-1983 майдони кишти тамоми зироатҳо мутаносибан 863,6, 810,9, 766,4 ва 809 ҳазор гектарро ташкил медоданд. Дар ин тавозун, майдони зироатҳои техникӣ мутаносибан дар 317,5, 314,4, 316,9, 314,6 ҳазор гектар қарор гирифтанд. Аз онҳо 308,5, 305,4, 307,6, 305,8 ҳазор гектарашон барои кишти пунбадонаҳои пахта муайян шуданд, ҳаҷми майдони кишти зироатҳои ғалладона - 195, 243,3, 171,4, 234,6 ҳазор гектарро ташкил медоданд.[6,с.157] Ин нишондодҳо довари онанд, ки Тоҷикистон аз манбаҳои озӯқавии худ аслан маҳрум гашта буд.

Ин ҳолатро котиби аввали ҳизби коммунисти вилояти Қурғонтеппа (ҳоло Хатлон), намоянда аз ҳавзаи интихоботии водии Вахши Ҷумҳурии Точикистон Ғ.П. Палаев, дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Олии ИҶШС 30-юми ноябри соли 1988, бо ду далели муҳим ва бо эътироз чунин эзоҳ дод. Ҳанӯз дар солҳои 1924-1959 аҳолии 6,5 ҳазор деҳоти куҳистони Тоҷикистон ба хотири афзоиши суръати пахтакорӣ ба водиҳо

кӯчонида шуда буданд. Деҳоти мазбура, ки имконияти аҳолии кишварро бо ғалла ва дигар маҳсулотҳои озӯқавӣ таъмин кардан доштанд, аз қувваҳои корӣ маҳрум гашта, ҳоло ҳам ба иқтисоди мамлакат ҳеҷ манфиат намеоранд. Ғайр аз ин, зиёда аз 90%-и пахтаи ҳамасола истеҳсол кардаи Тоҷикистон ба ҷумҳуриҳои дигар интиқол меёбад ва ба ивази он ҳеҷ чиз намегирад. Дар ҳамин соли сипаришуда низ аз 960 ҳазор тонна пахтаи истеҳсолшуда фақат 9% дар Тоҷикистон монду халос. [7, с. 2]

Сиёсати энергетикии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон, бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодии он ба роҳ гузошта нашуда буданд. Масалан, то соли 1990 дар дарёҳои Варзоб, Вахш, Сир ва Помир як силсила нерӯгоҳҳои барқи обӣ (НБО) хурду миёна ва калон сохта шуданд. Миқдорашон дар дарёи Варзоб сето - "Варзоб" 1,2,3, дарёи Вахш 5-то - Сарбанд, Марказӣ, Шаршар, Норак ва Бойғозӣ, дар дарёи Сир – Фарҳод ва "Дустии халқҳо", дар маҷмӯъ – 10-то буд. Қудрати истеҳсолии онҳо дар солҳои 1990-1991 ба ҳисоби миёна 16 082,9 ва 17 597 млн. кВт с.-ро ташкил медод. [8, с. 7,10, 18-19, 21.] Неругоҳҳои зикршуда, бо ноқилҳои ҳавоии 500 В-та ба маҷмааи энергетикии Осиёи Миёна васл гардонида шуда буданд ва дар мавсими корҳои саҳроӣ ғолибан нерӯи барқи истеҳсолкардаи онҳо ба ҷумҳуриҳои Узбакистон, Туркманистон ва Қазоқистон интиқол меёфтанд.

Асоси маҷмааи гидроэнергетикии Осиёи Миёна аз захираҳои обӣ ва нерӯҳои барқии Тоҷикистон ташкил ёфта буд. Дар солҳои 1980-1985 дар мувозиинати захираҳои энергетики обии минтақа ҳиссаи Тоҷикистон 296,6 млрд. кВтч, Қирғизистон - 142,5, Узбакистон – 88,5 ва Туркманистон 23,9 млрд. кВтч-ро ташкил медоданд. [9, с. 21] Захираҳои обии дарёҳои Омӯ ва Сирро низ ба таври ройгон, дар ҳаҷми 85% ҷумҳуриҳои Узбакистон ва Туркманистон истифода мебурданд.[10,с.26,37] Тоҷикистон бошад, аз норасоиҳои обу нерӯи барқ доимо танқиси доштанд. Бисёр хоҷагиҳои он маҷбур буданд, ки дар кушодани заминҳои нав обёрӣ кардани зироатҳо аз дастгоҳҳои қаблии сермасраф ва фарсудагаштаи худ истифода кунанд. Аз ин лиҳоз, аз васеъ гардонидани заминҳои кишт даст кашида, аз воситаҳои сунъии баланд бардории ҳосилнокии хок, тариқи аз меъёр зиёд ба кор бурдани нӯриҳои кимёвӣ ва обкунанда истифода намуданд. Вале дар натиҷаи хунукназарии мутахасисон ва талвосаи роҳбарон бо мақсади афзун гардонидани ҳосилноки хок истифодаи ин тадбирҳо тадриҷан боиси вайронгардии ғизонокии табиии хок: ба ботлоқ, шӯразор ва оҳакдор табдил ёфтани қитъаҳои калони заминҳо мегашт. Истифодаи трактор, булдезорҳо ва дигар мошинолотҳои истеҳсоли шӯравӣ, ки то 20 тонна вазн доштанд, ҳангоми шудгори замину коркарди байни қаторҳо хокро фишурда ба кулухи сангвор табдил медоданд. Барои аз нав хоки кунонидани замин, зарур буд, ки боз моддаҳои махсуси кимёвии пурарзишро харидориву бештар истиифода баранд.

Соли 1980 барои Тоҷикистон зинаи баланди ҳосилбардорӣ аз киштзорҳои пахта ба ҳисоб рафтааст. Дар ин сол ҳаво муътадил омаду барои бардоштани ҳосили аз майдони 308,5 ҳазор гектар кишт 1млн 107 тонна мусоидат кард. [6,с.136] Вале барои солҳои минбаъда ин нуқтаи охирини пешрафти хоҷагидории Тоҷикистон гардид. Дар солҳои 1981-1983 истеҳсоли пахта ба 880,5 тонна ва ҳосилнокии он аз ҳар гектар ба 27, 8 сентнер коҳиш ёфта, саршумори чорвои калони шохдор аз 1,3 иллион сар, аз ҷумла гов аз 5, 6 ҳазор, бузу гӯсфанд аз 3,1 миллион сар зиёд нашуд, ғаллакорӣ ба нуқтаи ниҳоӣ расид. Суръати пешрафти соҳаҳои асосии саноати ба пешрафти хоҷагии қишлоқ мусоидаткунанда низ ба пастшавӣ рӯ овард. Аз ҷумла, нерӯи барқ аз 13 591 млн. кВт с. дар соли 1980 истеҳсол гашта, дар соли 1982 то 12 043 ва соли 1983 то 12 036 млн. кВт с. кам шуд. Суръати электриконии истеҳсолот дар саноат дар солҳои 1980-1990 аз 233-и соли 1975 то 130 % кам гардид.

Раванди индустрикунонии истеҳсолот, меҳнати сангини деҳқононро сабук карда натавонист. Танҳо як фисади коркарди зироат, шудгори замин, кишт намудан, ҷамъоварии ҳосил, нарм гардонидани байни қаторҳо механиконида шуданду тамом. Боқимонда корҳои парваришу ҷамъоварии ҳосил бо истифодаи бозуи деҳқон ва олотҳои қадимаи ӯ, кетману бел ва дос иҷро мешуданд.

Маълум аст, ки истеҳсоли кишоварзӣ маъракаи мавсими аст ва даромади зироатчиён, вобаста ба меъёрҳои хоҷагиҳо, ки рӯзи меҳнатро ба назар мегирифтанд, аз оғози кишт- моҳи март то анҷоми ҷамъоварии ҳосил моҳҳои октябр-ноябр давом мекард.

Дар ин мундариҷа сокинони маҳалии Тоҷикистон дар тавозуни захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоби миёна аз 70% ва хоҷагиҳои пахтакор аз 80% зиёдтар буданд, зиёда аз 90% даромади зиндагиашонро аз истеҳсоли пахта мегирифтанд. [5, с.5] Ҳукумати Шӯравӣ бо истифода аз чунин қувваҳои арзони корӣ фоидаи зиёд ба даст меовард. Ба хоҷагиҳои пахтакор барои як тонна пахтаи миёнанахи навъи якуми 108 Ф, 800 рубл (сум) ва барои навъи сеюмаш 580 рубл медод.[4,с.14,15] Ҳамасола аз миёнаҳои моҳи октябр мавсими боришот оғоз меёфт ва дар омӯзишгоҳҳои давлатӣ сифати нахи пахта аз ин ҳам арзонтар нишон дода мешуд. Маҳсулотҳои дигари кишоварзӣ: помидор, картошка, меваҷот, полезӣ ва ғайра дар бозори дохилӣ, барои аҳолии шаҳр, ба хусус коргарону зиёиён аз 10, 15 ва аз ҳама қиматаш 18 копеек (тин)-ро ташкил медоданд. Вале молҳои саноатӣ: матоъҳо, либос, пойафзол, асбобҳои рӯзгор ва бисёри дигар ашёҳои ниёзи мардум дар мағозаҳои давлатӣ бо нархи аз 3 то 100 рубл ва аз ин ҳам болотар фурӯхта мешуданд. Мошину мошинолотҳои равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, нӯриҳои минералӣ ва дигар маводу дастгоҳои барои кишоварзон зарур аз ҷониби хоҷагиҳо тибқи таъиноти пешакии давлатӣ ба таври ҳатмӣ бо нархҳои гарон харидори мешуданд. Зеро технологияи барои зироаткории баровардаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар хориҷа харидорон надошт. Агар маҷбуран онҳоро хоҷагиҳои деҳотӣ бор намекарданд, корхонаҳо аз кор мемонданд.

Ҳамаи ин гуфтаҳои боло яке аз сабабҳои ба майдон баромадани мардум дар аввали солҳои навадум гардид. Манфиатҷуён аз ин истифода карда, мардуми ҷамъомадаро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд, ки натиҷаи он ба иқтисодиёти кишвар зарари калони модди расонда ҳазорҳо нафар ҷони худро аз даст доданд ва чандин оилаҳо бе хонаю бе сарпаноҳ монданд. Бо амри тақдир, Худо барои миллати тоҷик абармардеро ҳадя намуд, ки ӯро ном Эмомалӣ Раҳмон буд. Баробари дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Шӯрои олӣ интихоб шуданаш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи сиёсӣ мутаносибан беҳтар шуда, гурезагон аз хоки кишварҳои ҳамсоя ба ватан баргардонида шуданд. Бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Президенти кишвар дар байни тарафҳои мухолиф ва ниҳодҳои ҳукумат 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия сулҳ ва ризоияти миллӣ ба даст омад.

Имрӯз ҳар фарди тоҷик самараи заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба хубӣ эҳсос менамоянд. Мо медонем, ки дар заминаи хушку холӣ ташкили ҳокимият, қабули Конститутсияи миллӣ, таъсиси артиши миллӣ, ба муомилот баровардани пули миллӣ, барқарор намудани шохаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба ватан баргардонидани гурезагон, аз байн бурдани қаҳтиву гуруснагӣ, барқарор намудани сулҳу субот, бо ҳам пайвастани минтақаҳои солҳо аз ҳам ҷудо, бунёди шоҳроҳҳо, сохтмони неругоҳҳои хурду бузурги барқӣ, барқарор намудани муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои ҳамсоя ва дуру наздик, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, бунёди донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва дигар

пешравиҳои назаррас дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, роҳу нақлиёт ва иҷтимоиёт аз хидмати бузург ва нотакрори Эмомалӣ Раҳмон буда, барои ба як давлати ободу зебо табдил додани Ватани азизаш шабонарӯзӣ заҳмат кашидааст. Самараи ҳамаи ин заҳматҳост, ки мардуми тоҷик зери фазои тинҷиву амният ва сулҳу субот ҳаёту фаъолият намуда истодаанд.

Тоҷикистон имрӯз зери сарварии сиёсатмадори шинохтаи аср, шахсияте чун Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналхалқӣ, аз ҷумла, дар назди созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ эътибори хоса пайдо намуда, бо аксарияти давлатҳои хурду бузурги сайёра робитаҳои хуби ҳамкорӣ ва дӯстӣ барқарор намудааст, ки ин барои пешрафт ва рушду нумуъи иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим мебозад.

**Адабиёт**


1. План электрификации РСФСР. Доклад V111 съезду советов Государственной комиссии по электрификации Росии. Второе издание.-М., 1955, 659 с.
2. Журнал - «Хлопковое дело». -1923, №1.
3. Доклад Председателя ЦИК Таджикистана Нусратулло Махсума // Рӯзномаи «Коммунист Таджикистана”.- 1931, 25 феврал.
4. Ҳафтавори «Адабиёт ва Санъат»,1989.
5. Ҳақназаров А. Руководство компартии Таджикистана развитием хлопководства в 1965-1975 гг. (На материалах Вахшскоё долины) Дис. на соис.уч. степ. к.и.н.-Душанбе, 1984, 201 с.
6. Советский Таджикистан за 60 лет. Юбилейный статистический ежегодник. Душанбе; Ирфон, 1984. 326 с.
7. Рузномаи «Правда», 1988, №336 (25388).
8. Назаров А. Неругоҳҳои обии Тоҷикистон.- Душанбе; Ирфон, 2013.
9. Сироҷев Б.С., Плотников Э.А. Эффективность энергетической базы Таджикской ССР. Обзорная информаиия .- Душанбе, 198 с.
10. Арифов Х.О., Аминджанов М.А. и др. К вопросу о завершении строительство Рогунского гидроузла // Журнал «Неру» - «Энергия».-Душанбе, 2009, №1 (16-17).
11. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1972 году: Стат. Ежегодник.-Душанбе; Ирфон, 1983, 286 с.
12. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1982 году: Стат. Ежегодник.-Душанбе; Ирфон, 1974, 303 с.
13. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1982 году: Стат. Ежегодник.-Душанбе; Ирфон, 1983, 286 с.
14. Очерки истории народного хозяйства Таджикской ССР (1917-1965).- Душанбе; Дониш, 493 с.
15. Ниг: Баротов Р. Горы и недра Таджикистана.-Душанбе; Маориф, 1989.
16. Носиров Ю. Биҳишти Осиё.-Душанбе, 2003.
17. Проблемы Таджикистана. Труды первой конференции по изучению производительных сил Таджикской ССР . Т.1. -Л.: Изд. Академии наук СССР, 1933.
18. Краткое содержание резолюции Первой Конференции по изучению производительных сил Таджикской ССР.// Проблемы Таджикистана. Труды первой конференции по изучению производительных сил Таджикской ССР . Т.1. -Л.: Изд. Академии наук СССР, 1933.
19. План электрификации РСФСР. Доклад V111 съезду советов Государственной комиссии по электрификации Росии. Второе издание.-М., 1955, 659 с.

20. Журнал - «Хлопковое дело». -1923, №1.
21. Доклад Председателя ЦИК Таджикистана Нусратулло Махсума // Рӯзномаи «Коммунист Таджикистана”.- 1931, 25 феврал.

# ПОЛИТИЧЕСКОЕ И ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ТАДЖИКСКОЙ ССР С НАЧАЛА ДО РАСПАДА СОВЕТСКОГО СОЮЗА

**ОДИНАЕВ ШАФКАТ МУРОДОВИЧ,**
соискатель Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни,
734003, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 909-66-69-30.

*Конечно, недостаточно осветить в одной статье победы и поражения и достижения бывшего могущественного государства - Советского Союза в различных направлениях. Так как за годы своего правления могучее Советское государство смогло добиться значительных результатов во всех областях, особенно в политической и экономической сферах. В данной статье автор попытался провести небольшое исследование экономической и политической ситуации в Таджикской ССР в 1929-1991 гг., как одного из членов Советского Союза.*

*В своей статье автор подчеркивает, что с октября 1929 года по август 1991 года Таджикистан был одной из независимых республик Советского Союза с пониманием того времени. За этот период таджикский народ, по сравнению с предыдущей историей, добился уникальных экономических достижений. Его экономика опиралась на сельскохозяйственное производство, основанное на хлопке. Другие отрасли, такие как земледелие, животноводство, садоводство, бахчеводство, овощеводство и т. д., служили подсобным хозяйством для этого основного сектора. Основная цель Советского правительства в быстром развитии хлопководства заключалась в том, чтобы его продукция имела многогранное значение для развития союзной промышленности.*

***Ключевые слова:*** *Советский Союз, Таджикская ССР, экономика, политика, сельское хозяйство, хозяйство, таджики.*

# POLITICAL AND ECONOMIC SITUATION OF THE TAJIK SSR FROM THE BEGINNING TO THE COLLAPSE OF THE SOVIET UNION

**ODINAEV SHAFKAT MURODOVICH,**
Applicant of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini,
734003, Dushanbe, 121, Rudaki Ave.,
Phone: (+992) 909-66-69-30.

*It is certainly not enough to cover the victories, defeats and achievements of the former powerful state - Soviet Union in various areas in one article. As during the years of its stability, the powerful Soviet state has been able to achieve significant results in all areas, especially in the political and economic spheres. In this article, the author has tried to conduct a small research on the economic and political situation in the Tajik Soviet Socialist Republic in 1929-1991, as a member of the Soviet Union.*

*The author emphasizes in his article that from October 1929 to August 1991, Tajikistan was one of the independent republics of the Soviet Union by the comprehension of that time. During that period, the Tajik people, in comparison with its previous history, have achieved unique economic achievements. Its economy was based on agricultural production, what based on cotton growing. Other sectors, such as farming, animal husbandry, horticulture, melon-growing, olericulture, etc., served as the subsidiary farms for this main sector. The main goal of the Soviet Government in the rapid development of cotton growing was that its products would have multifaceted importance for the development of the Union industry.*

***Key words****: Soviet Union, Tajik SSR, economy, politics, agriculture, farming, Tajiks.*

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей: Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**Научно-политический журнал**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**

---

Над номером работали:
Ответственный редактор: Р. Каримов
Редактор текста на таджикском языке: Х. Мавлонов
Редактор текста на русском и английском языках: С. Зухурова

**Издательский отдел**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86, 881-88-80-41
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сайт издания: https://journal.apa.tj

---

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 10.12.2020 г. Заказ №2020/07-08
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, г.Душанбе, ул. Саид Носир, 33.